Tajik State University of Finance and Economics
**Khairzoda Sh.K.**
Dangara State University

**Annotation.** The purpose of the study is to determine the purchasing power of the population's cash income for services and to find ways to increase the solvency of citizens. The article uses the

methods of statistical grouping, comparative analysis, abstract logical method and SWOT analysis, which helped to determine the purchasing power of the population's cash income and find ways to stabilize the financial situation of citizens. It was determined that in the analyzed period, the consumer price index had a negative impact on the level of cash income of the population, and this situation reduced the purchasing power of the population's cash income.
**Key words:** monetary income of the population, purchasing power, standard of living, cost of living, services, consumer market, inflation, paid services, consumer price index, self-employment.

**Гузориши масъала.** Баландбардории қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ дар муносибат ба хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти бартаридоштаи сиёсати иҷтимоӣ мебошад. Моҳияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ба назар гирифтани онҳо барои рушди таҳқиқоти заминавии даромадҳои аҳолӣ ва ҳалли мушкилоти амалии баландбардории қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ мувофиқ мебошанд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Масоили қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ дар таҳқиқоти илмии иқтисодчиёни ватанӣ: Қодирзода Д.Б., Фақеров Ҳ.Н., Амонова Д.С. ва дигарон омӯхта шудааст.

**Мақсади мақола** аз муайян намудани қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати хизматрасониҳо ва ошкор кардани роҳҳои устуворгардонии имкониятҳои молиявии шаҳрвандон иборат мебошад. Расидан ба ҳадафи мазкур иҷрои вазифаҳои зеринро талаб менамояд:

– муайян намудани қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ нисбати хизматрасониҳо;

– ошкор кардани роҳҳои устуворгардонии имкониятҳои молиявии шаҳрвандон ва таъмини таносуби бозории талаботу таклифоти хизматрасониҳо.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ошкор карда шуд, ки арзиши баланди хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолиро паст намуда, боиси коҳишёбии ҳаҷми даромади муҳоҷирон гардидааст. Аз мавқеи баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ пешниҳод карда мешавад, ки вобаста ба шароити молиявии гуруҳҳои мухталифи аҳолӣ бояд таърифҳои гуногуни хизматрасонии манзилию коммуналӣ ҷорӣ карда шавад. Натиҷаи SWOT-таҳлили худмашғулӣ ва кироякорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки бо назардошти бунёди нерӯи устувори афзоишёбии даромадҳои шаҳрвандон, худмашғулӣ дар иқтисодиёти кишвар ҳамчун шуғли бартаридошта маҳсуб меёбад.

Даромадҳои пулии аҳолӣ дар низоми нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ нақши калидӣ доранд, чунки динамикаи дигар нишондиҳандаҳо аз тамоюли сифатию миқдории даромадҳои пулӣ сарчашма мегиранд. Дар баробари он, ки давлат масъалаҳои марбут ба даромадҳои пулии аҳолиро дар сиёсати иҷтимоию иқтисодии худ матраҳ менамояд, боз дар навбати худ, даромадҳои пулии аҳолӣ объекти таҳқиқоти муҳаққиқони илмҳои гуногун, аз ҷумла илми иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Рушди устувори иқтисоди миллии ҳар як давлат аз шароити зиндагии аҳолии он вобастагии қавӣ дошта, имконияти молиявии шаҳрвандони он омили ягонаи пешрафти муносибатҳои иқтисодии бозори истеъмолӣ ва дар ниҳоят, афзоишдиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Оид ба масъалаи нерӯи молиявии аҳолӣ иқтисодчии ватанӣ Амонова Д.С. чунин мешуморад, ки яке аз сабабҳои асосии пайдоиши таваррум дар Тоҷикистон сатҳи пасти даромадҳо мебошад, ки бо иллати ин мушкилот ҳиссаи асосии аҳолӣ қобилияти пасти харидорӣ доранд ва нерӯи пулии онҳо танҳо барои харидории маҳсулоти хӯрока ва молҳои ниёзи аввала масраф мегардад [1, с.117]. Дар баробари молҳои ниёзи аввала инсоният ба хизматрасониҳо низ эҳтиёҷ дорад. Сатҳи қаноатмандии аҳолӣ нисбати хизматрасониҳо аз бисёр ҷиҳат ба

пардохтпазирии онҳо вобаста мебошад. Бинобар ин, сатҳи баланди қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ нисбати хизматрасониҳо шароити мусоиди афзоиши сатҳу сифати зиндагиро таъмин менамояд.

Тибқи маълумоти омори расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ соли 2023 нисбат ба соли 2015 ба андозаи 1,4 маротиба афзоиш ёфта, мутаносибат 23840,1 ва 16658,0 млн. сомониро ташкил медиҳад. Аммо бинобар сабаби ҷой доштани таносуби нисбатан манфии афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ ва тамоюли арзиши хизматрасониҳои мазкур, бо ҳаҷми калон истифода намудани хизматрасониҳо аз ҷониби шаҳрвандон барои таъмини некуаҳволии онҳо бе таъсир боқӣ мондааст.

Бо назардошти нуқтаҳои зикршуда метавон қайд намуд, ки таъмини таносуби мувофиқи талаботи пардохтпазири аҳолӣ ва арзиши хизматрасониҳо, инчунин пешниҳоди эквивалентҳои намудҳои гуногуни хизматрасониҳо аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ нархи бозориро ба вуҷуд оварда, боиси афзоиш ёфтани қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ мегардад.

Дар таҳқиқот маълумоти оморӣ оид ба даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ, хизматрасониҳо ба аҳолӣ, аз ҷумла: хизматрасонии пулакӣ, нақлиёти мусофирбар, алоқа, манзилию коммуналӣ, инчунин хизматрасонии муассисаҳои фарҳангӣ, санаторию бехдоштӣ ва истироҳатӣ дар солҳои 2015-2024 мавриди истифода қарор дода шуд. Маводи таҳқиқот аз тариқи диаграмма таҳлил карда шуда, дар бисёре аз солҳо ноустувории қобилияти харидории даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ нисбати аксарияти хизматҳо муайян ва ошкор карда шуд. Баъдан, шароиту сабабҳои пардохтнопазирии аҳолӣ дақиқ гардида, роҳҳои имконпазири рафъи онҳо пешниҳод гардид.

Истифодаи усулҳои гуруҳбандии оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули абстрактӣ-мантиқӣ ва SWOT-таҳлил имконият дод, то иҷрои вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда барои расидан ба мақсади муайяншуда мусоидат намояд.

Даромадҳои пулии ҳақиқии сарикасии аҳолӣ бо нархҳои муқоисавӣ нисбат ба нархҳои ҷорӣ тамоюли мусбӣ доранд. Ҳолати мазкур ба он вобаста аст, ки сатҳи нархҳо ҳамасола афзоиш ёфтааст. Агар ба ду соли охир нигарем, маълум мегардад, ки қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ то андозае баланд гардидааст (расми 1).





**Расми 1. – Даромадҳои пулии ҳақиқии сарикасии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархҳои ҷорӣ ва муқоисавӣ дар солҳои 2015-2024, сомонӣ.**

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2025. – С.126, 148.; нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С.17 – 21.; бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №1 – 2025.– Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С.24.

Даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ нисбати намудҳои алоҳидаи хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар муқоиса ба молҳои ниёзи аввала ва молҳои ғайриозуқа қобилияти харидории нисбатан ноустувор доранд. Ҳадди баландтарини нишондиҳанда ба дӯхтани шимҳои мардона марбут мебошад, ки афзоиши миёнасолонаи қобилияти харидории даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ нисбати он танҳо 13,4%-ро ташкил медиҳад. Ҳадди пасттарини нишондиҳанда нисбати сартарошии занона рост меояд, ки афзоиши миёнасолонаи қобилияти харидории даромадҳои пулӣ ба 5,5% баробар мебошад. Рақамҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки то кунун арзиши хизматрасонии пулакӣ баланд буда, аз имкониятҳои молиявии аҳолӣ берун мебошад. Ҷой доштани чунин шароит пардохтнопазирии аҳолиро ба вуҷуд оварда, ба сатҳу сифати зиндагии онҳо таъсири манфӣ мерасонад ва боиси баланд гардидани арзиши зиндагӣ мегардад (расми 2).





**Расми 2. – Қобилияти харидории даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ нисбати намудҳои алоҳидаи хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, дар моҳ барои як намуди хизматрасонӣ.**

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. – 2025. – С.126.; нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. – 2025.– С.81.

Бинобар сабаби арзиши баланди тарофаҳои хизматрасонии нақлиёти мусофирбар даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ қобилияти баланди харидорӣ надоранд. Давоми солҳои таҳлилшуда бинобар сабаби мунтазам афзоиш ёфтани арзиши хизматрасонии нақлиёти ҳавоии парвози Душанбе-Москав ва нақлиёти роҳи оҳан-Душанбе-Москав қобилияти харидории даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ дар ҳолати тағйирнаёбанда боқӣ мондааст. Арзиши хизматрасониҳои мазкур дар ҳудуди Душанбе-Хуҷанд то андозае тамоюли коҳишёбӣ дошта, қобилияти харидории даромадҳои пулӣ барои нақлиёти ҳавоӣ ба андозаи 37,1% ва барои нақлиёти роҳи оҳан дар ҳаҷми 24,5% ба ҳисоби миёна ҳамасола афзоиш ёфтааст. Қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ нисбати истифодаи хизматрасонии автобус шуруъ аз соли 2018 ноустувор гардида, соли 2021 нисбати соли 2015 ба андозаи 33,2% коҳиш ёфтааст. Лекин, солҳои 2023- 2024 оид ба ин намуди хизматрасонӣ қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ баланд гардидааст (мутаносибан 1,5 ва 1,8 маротиба


нисбат ба соли 2015). Аз мавқеи баландбардории сатҳу сифати зиндагии мардум зарур мешуморем, то арзиши хизматрасониҳои ҳама намуди нақлиёти мусофирбар бо назардошти имкониятҳои молиявии аҳолӣ муайян карда шавад. Сарчашмаи асосии ташаккулёбии даромадҳои аҳолии кишвар муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия мебошад, аз ин рӯ, бо мақсади афзоиши даромадҳои аҳолӣ зарур мешуморем, то арзиши хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия нархҳои дастрас дошта бошанд (расми 3).




**Расми 3. – Қобилияти харидории даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ нисбати хизматрасонии нақлиёти мусофирбар, дар моҳ барои як намуди хизматрасонӣ.**

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2025. – С.126.; нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. – 2025.– С.81-82.


Устувории қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ дар муносибат ба хизмати алоқа ба чашм намерасад. Бо назардошти пешрафти ҳамаҷонибаи соҳаи алоқа, арзиши хизматрасониҳои он аз мавқеи дастрасии шаҳрвандон ба онҳо ва баландбардории қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ то ба ҳол муносиб нест. Динамикаи рақамҳои таҳлилӣ нишон медиҳад, ки қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ дар муносибат ба хизматҳои гуногуни алоқа давоми солҳои 2015-2024 баланд гардидааст, аммо на дар сатҳе, ки нерӯи баланди пардохтпазирии аҳолиро нисбати хизматҳои мазкур нишон диҳад (расми 4).




**Расми 4. – Қобилияти харидории даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ нисбати хизмати алоқа дар моҳ барои як намуди хизматрасонӣ.**

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2025. – С.126.; нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. – 2025. – С.82-83.


Бо иллати арзиши гарони аксарияти хизматрасонии манзилию коммуналӣ даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ қобилияти харидории баланд надоранд. Аз хизматҳои манзилию коммуналии дар давраи таҳлилӣ овардашуда даромадҳои пулии аҳолӣ танҳо дар муносибат ба хизматрасонии марбут ба оби гарм, таъминот оид ба хизматрасонии фонди манзил, инчунин марказгармӣ нисбатан қобилияти устувори харидорӣ дошта, ин қобилият мутаносибан 47,9%, 31,7%, 29,6% ба ҳисоби миёна ҳамасола зиёд гаштааст. Дар ҳоле, ки сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дигар эҳтиёҷоти моддию маънавиро ҳам дар назар дорад, бинобар ин, даромадҳои пулии аҳолӣ то ба ҳол мавқеи устувори пардохтпазирии онҳоро надоранд. Бо назардошти вазъи ҷойдошта, ҷорӣ намудани таърифҳои мухталифи хизматрасонии манзилию коммуналӣ барои гуруҳҳои гуногуни аҳолӣ вобаста ба шароити молиявиашон амри зарурӣ мебошад (расми 5).




**Расми 5. – Қобилияти харидории даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ нисбати хизматрасонии манзилию коммуналӣ дар моҳ барои як намуди хизматрасонӣ.**

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2025. – С.126.; нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. – 2025. – С.83-84.

Даромадҳои пулии аҳолӣ барои истифода аз хадамоти муассисаҳои санаторию бехдоштӣ ва истироҳатӣ қобилияти харидории паст доранд, чунки арзиши хизматрасониҳои мазкур баланд ва бузургии даромадҳои аҳолӣ нокифоя мебошанд. Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки имкониятҳои молиявии аксарияти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти сифати зиндагӣ ноустувор мебошанд. Даромадҳои сарикасии аҳолӣ барои хизматрасонии муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла хадамоти театр, синамо ва нисбатан хадамоти толорҳои консертӣ то андозае қобилияти харидорӣ доранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби имкониятҳои нисбатан маҳдуди молиявии аксарияти шаҳрвандон, зарурати қонеъкунии талаботи маънавӣ, яъне истироҳату фароғат барои қисмати асосии аҳолӣ мавҷуд нест. Бинобар ин, қобилияти баланди харидории даромадҳои пулии аҳолӣ нисбати хизматрасонии муассисаҳои фарҳангӣ сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолиро нишон намедиҳад (расми 6).




**Расми 6. – Қобилияти харидории даромадҳои пулии сарикасии аҳолӣ нисбати хизматрасонии муассисаҳои фарҳангӣ, санаторию бехдоштӣ ва истироҳатӣ дар моҳ барои як намуди хизматрасонӣ.**

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2025. – С.126.; нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. – 2025. – С.84.

Таҳқиқи қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати хизматрасониҳо нишон дод, ки бо иллати ғайриқаноатбахш будани ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ ва нокифоягии бузургии зиёдшавии онҳо, гаронии нархи хизматрасониҳо ва мунтазам афзоишёбии сатҳи он, инчунин рушди нисбатан заифи рақобат дар соҳаҳои алоҳидаи хизматрасонӣ ноустувории пардохтпазирии аҳолӣ ҷой дорад. Рочеъ ба ин масъала, Қодирзода Д.Б. қайд менамояд, ки омили муҳими ба некуаҳволии ҷамъиятӣ таъсиррасон нархи молу хизматҳо мебошад. Аз ин рӯ, ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти харидории аҳолӣ бояд назорати давлатӣ аз болои ташаккулёбии хароҷот ва асоснокии нархи лавозимоти ниёзи аввала устувор гардонида шавад [3, с.147].

Дар рафти таҳқиқ муайян карда шуд, ки давоми солҳои таҳлилшуда сатҳи нархҳои истеъмолӣ тамоюли мусбӣ пайдо намуда, то андозае боиси коҳиш ёфтани даромадҳои ҳақиқии аҳолӣ гаштааст. Бо

сабаби нархи баланди намудҳои алоҳидаи хизматрасонии пулакӣ арзиши зиндагии аҳолӣ ҳамасола тамоюли афзоишёбӣ пайдо кардааст. Барои афзоишдиҳии даромадҳои аҳолӣ, ки аз муҳоҷират даромад мегиранд, коҳишдиҳии нархи рохкирои нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоиро ба Федератсияи Россия муҳим мешуморем. Вобаста ба шароити молиявӣ дар ҷомеа гуруҳҳои мухталиф ҳаёт ба сар мебаранд, аз ин рӯ, бо мақсади нигоҳ доштани қобилияти харидории даромадҳои пулии шаҳрвандон дар байни табақаҳои аҳолии ҷумҳурӣ ҷорӣ намудани таърифҳои мухталифи хизматрасонии манзилию коммуналиро муҳим мешуморем. Амалия нишон медиҳад, ки қисми асосии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи нишондиҳандаҳои сифати зиндагӣ нарасида, ҳадаф аз истифодаи хадамоти муассисаҳои санаторию бехдоштӣ ва истироҳатӣ барқарор намудани саломатӣ вобаста ба зарурат мебошад. Ҳамчунин қисми асосии аҳолӣ аз хадамоти театр, синамо ва хадамоти толорҳои консертӣ истифода намебаранд, чунки хароҷоти онҳо асосан маводи озуқа, ғайриозуқа ва хизматрасониҳоро вобаста ба зарурат дар бар мегирад.

Яке аз омилҳои манфии ба сатҳи пардохтпазирии аҳолӣ таъсиррасон ҳаҷми нокифояи даромадҳо ва суръати ноустувори афзоишёбии онҳо маҳсуб меёбад. Даромад ва ташаккулёбии он, ки ба шуғл вобастагӣ дорад, аз ин рӯ, рушди шуғли сердаромад шароити муносиби афзоишёбии даромадҳои аҳолиро бунёд менамояд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар саҳми назаррас доштани худмашғулӣ дар ҳалли мушкилоти бекорӣ, он нисбат ба кироякорӣ то андозае афзалият дорад. Иқтисодчиёни ватанӣ Фақеров Ҳ.Н., Исматуллоев И.У. афзалияти шуғлро дар хоҷагиҳои хонаводагӣ ба инобат гирифта, қайд менамоянд, ки тиҷорати хонаводагӣ ё оилавӣ ба таври анъанавӣ як шакли бисёр мувофиқ ва поягии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, дар муҳити иқтисодӣ як самти фаъолияти хеле самаранок, муташаккил ва ояндадор ба ҳисоб меравад [8, с.8]. Бо назардошти ин гуфтаҳо, ба ақидаи мо, ҷиҳати рушди худмашғулӣ дар навбати аввал андешидани чораҳои зерин муҳим мебошад:

а) рушди ҳамаҷонибаи хоҷагиҳои хонаводагӣ;

б) васеъ намудани доираи қарзҳои имтиёзнок ба хоҷагиҳои хонаводагӣ;

в) пешниҳоди имтиёзҳои маъмурӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ ба шаҳрвандоне, ки аз тариқи худмашғулӣ зиндагии худро пеш мебаранд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – SWOT-таҳлили худмашғулӣ ва кироякорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Тарафҳои пурқувват (S)** | **Тарафҳои заиф (W)** |
|---|---|
| ***Худмашғулӣ:***<br>– мавҷудияти инфрасохтори бозори меҳнати соҳаи кишоварзӣ;<br>– қувваи кории кифоянок;<br>– мустақилияти қабули қарорҳои молиявию иқтисодӣ;<br>– шароити мусоиди пешбурди фаъолият дар самти ҳунарҳои мардумӣ;<br>– мавҷудияти фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ (соли 2024 бо ҳиссаи 42,6% дар сохтори даромади аҳолии ҷумҳурӣ сарчашмаи сердаромадтарин арзёбӣ мегардад).<br>***Кироякорӣ:***<br>– эҳтимолияти зиёди шуғли доимӣ;<br>– ҳифзи иҷтимоии қувваи корӣ дар шароити ғайриқобили меҳнат будани онҳо ва ё барои хизмати дарозмуддат. | ***Худмашғулӣ:***<br>– маҳдудияти имкониятҳои молиявии аксарияти аҳолӣ;<br>– меъёри баланди фоизи қарзҳо дар ташкилотҳои қарзии кишвар.<br>***Кироякорӣ:***<br>– қобилияти харидории нисбатан ноустувори даромади меҳнатӣ (2310,21 сомонӣ дар соли 2024);<br>– мавҷудияти мушкилот дар инфрасохтори бозори меҳнат оид ба таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ вобаста ба тахассусмандӣ ва касбияти онҳо;<br>– ҳавасмандии ночандир нисбат ба натиҷаҳои фаъолият. |
| **Имкониятҳо (O)** | **Таҳдидҳо (T)** |

| | |
|---|---|
| ***Худмашғулӣ:***<br>– шароити мусоиди иқлим, ки ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд;<br>– мавҷудияти шароити васеънамоии боғҳои интенсивӣ;<br>– набудани зарурат ба донишҳои зиёди илмӣ-амалӣ;<br>– суръати нисбатан баланди ташаккулёбии сармоя;<br>– ҳавасмандии чандирӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолият.<br>***Кироякорӣ:***<br>– нисбатан кам будани хатарҳои талафи даромади меҳнатӣ, чунки хавҳои вобаста ба пардохтпазирӣ ба корфармо мансуб аст ва он тибқи муқаррароти моддаи 140-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз ҳолати молиявӣ, музди меҳнати кормандро бояд сари вақт пардохт намояд. | ***Худмашғулӣ:***<br>– кӯчиши қувваи корӣ ба муҳоҷират;<br>– хавфи нисбатан баланд дар фаъолият барои расидан ба натиҷаҳои мусбӣ.<br>***Кироякорӣ:***<br>– дар шароити буҳрони иқтисодию молиявӣ ва дигар ҳолатҳои ҳиссшавандаи ноустувории иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ коҳиш ёфтани қобилияти пардохтпазирӣ бо сабаби надоштани сармоя;<br>– кӯчиши қувваи корӣ ба муҳоҷират. |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллифон дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда.

**Ҳамин тавр,** дар рафти таҳқиқот ноустувории қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ нисбати хизматрасониҳо муайян ва ошкор карда шуд. Бинобар сабаби сатҳи баланди арзиши хизматрасониҳо ва мутаносибан неруи ноустувор доштани даромадҳои пулии аҳолӣ фаъолнокии иқтисодии шаҳрвандон дар сатҳи лозимӣ таъмин карда нашудааст. Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус барои аҳолии камдаромад зарурати танзими давлатии шуғли аҳолӣ, баландбардории сатҳи музди меҳнат ва зиёд намудани чораҳои дастгирии иҷтимоии унвонӣ ҷой дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки даромади аҳолии камтаъмини ҷумҳурӣ қобилияти қонеъ намудани талаботро надорад [7, с.119].

Ҳолатҳои дар боло зикршуда сатҳи ғайриқаноатбахши истеъмолот, пасандозкунӣ ва сармоягузориро дар иқтисодиёти миллӣ ба вуҷуд оварда аст. Дар чунин вазият бунёди шароити рушди худмашғулӣ, афзоиши сифатии даромадҳои аҳолӣ, вобаста ба қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ ҷорӣ намудани таърифҳои хизматрасонӣ, рушди рақобат ва таъмини амали нархи бозорӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ноил гардидан ба ҳолатҳои зикршуда зиёдшавии ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ, рушди бозори истеъмолӣ, афзоиши ММД, баланд гардидани сатҳу сифати зиндагӣ ва дар ниҳоят рушди иқтисодиётро таъмин менамояд.

**Адабиёт**


1. Амонова Д.С. Социальная политика и социальная справедливость в Республике Таджикистан (экономические аспекты исследования): Монография. – Душанбе: «ИРФОН», 2006 – 154 с.

2. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №1 – 2025.– Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.– 51 с.

3. Кодирзода Д.Б. Стратегия устойчивого экономического роста и благосостояние населения Таджикистана / Д.Б. Кодирзода // В сборнике: Устойчивое развитие: анализ тенденций российской и мировой экономики. Сборник материалов Международной научно-практической конференции. Махачкала, 2023. С. 145-146.

4. Нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе.– 2025.– 159 с.

5. Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.– 84 с.

6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.– 441 с.

7. Саидов Р.Н. **А**рзёбии даромадҳо ва хароҷотҳои пулии аҳолии камтаъмин ва бештартаъмин / Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод.–Душанбе.- 2023.– № 3 (37).- С.109-120.

8. Фақеров Ҳ.Н. Моҳият ва хусусиятҳои тиҷорати хонаводагӣ / Ҳ.Н.Фақеров, И.У.Исматуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2018. № 3 (24). С. – 8.

**Маълумот дар бораи муаллифон**

**Саидов Рачабали Назифович**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ**-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Хатлон, н. Данғара, кучаи Марказӣ 25.

**Сведения об авторах**

**Саидов Раджабали Назифович**-кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Хайрзода Шукрулло Курбонали**-доктор экономических наук, профессор, ректор Государственного университета Дангара. Адрес: 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Дангаринский район, улица Маркази 25.

**About the authors**

**Saidov Rajabali Nazifovich**-candidate of economic sciences, associate professor of the department of audit and revision, Tajik state finances-economy university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Nakhimov 64/14. Tel: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Khairzoda Shukrullo Kurbonali**-doctor of economics, professor, rector of Dangara state University. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Dangara district, Markazi street 25.

**УДК: 669.054:669.071**

# ПОВЫШЕНИЕ ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТЬ ТРУДА НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

**Норов А.К.**
Научно-исследовательский институт Национального Банка Таджикистан

**Аннотация.** В статье рассматриваются актуальные вопросы повышения производительности труда на промышленных предприятиях в условиях активного внедрения цифровых технологий. Проанализированы основные направления цифровизации, оказывающие влияние на организацию производственных процессов, в том числе автоматизация, использование систем управления предприятием, технологий промышленного интернета вещей и искусственного интеллекта. Особое внимание уделено факторам, способствующим росту эффективности труда: цифровой трансформации бизнес-процессов, повышению квалификации персонала и внедрению интеллектуальных систем мониторинга. Делается вывод о необходимости комплексного подхода к цифровизации как ключевого инструмента повышения производительности труда в промышленности.
**Ключевые слова:** производительность труда, цифровизация, промышленное предприятие, автоматизация, цифровая трансформация, интернет вещей, эффективность производства, инновации, искусственный интеллект.
**Для цитирования:** Норов, А. К. Повышение производительность труда на промышленных предприятиях в условиях циф-ровизации / А. К. Норов // Финансово-экономический вестник. – 2025. № 4(47). – С. 45-50.

# INCREASING LABOR PRODUCTIVITY AT INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION

**Norov A.K.**
Research Institute of the National Bank of Tajikistan

**Annotation.** The article addresses current issues related to increasing labor productivity at industrial enterprises amid the active implementation of digital technologies. It analyzes the main areas of digitalization that impact the organization of production processes, including automation, the use of enterprise management systems, industrial Internet of Things technologies, and artificial intelligence. Special attention is given to factors that contribute to improved labor efficiency: digital transformation of business processes, upskilling of personnel, and the introduction of intelligent monitoring systems. The article concludes that a comprehensive approach to digitalization is essential as a key tool for enhancing labor productivity in the industrial sector.
**Keywords:** labor productivity, digitalization, industrial enterprise, automation, digital transformation, Internet of Things, production efficiency, innovation, artificial intelligence.

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲОСИЛНОКИИ МЕҲНАТ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

**Норов А.К.**
Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Мақола ба масъалаҳои мубрами баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ дар шароити ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ бахшида шудааст. Самтҳои асосии рақамисозӣ, ки ба ташкили равандҳои истеҳсолӣ таъсир мерасонанд, аз ҷумла автоматикунонӣ, истифодаи системаҳои идоракунии корхона, технологияҳои Интернети саноатии ашё ва зеҳни сунъӣ таҳлил шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба омилҳое дода шудааст, ки ба афзоиши самаранокии меҳнат мусоидат мекунанд: табдили рақамии равандҳои тиҷоратӣ, баланд бардоштани сатҳи ихтисоси кормандон ва ҷорӣ намудани системаҳои зеҳнии мониторинг. Хулоса бароварда шудааст, ки истифодаи равиши маҷмуӣ

ба рақамисозӣ ҳамчун абзори калидии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноат зарур мебошад.

**Калидвожаҳо:** ҳосибнокии меҳнат, рақамикунонӣ, корхонаи саноатӣ, автоматикунонӣ, табдили рақамӣ, Интернети ашё, самаранокии истеҳсолот, навоварӣ, зеҳни сунъӣ.

**Поставнока проблемы.** Производительность труда относится к числу малоисследованных проблем современной экономики Республики Таджикистан. Несмотря на то, что данный показатель играет ключевую роль в развитии экономики и ее отдельных отраслей, и сфер, пока в теоретическом и практическом аспектах остается почти не исследованным. В связи с этим, необходимо как с позиции теории и методологии, так и с позиции практики и перспектив ее повышения провести глубокие и обосновать инструменты и резервы. Эти вопросы особенно актуальны в условиях ускоренной индустриализации экономики Республики Таджикистан и необходимости повышения ее конкурентоспособности.

Цифровая трансформация производственных отношений привели к росту использования информационно-коммуникационных технологий на промышленных предприятиях. В данном контексте повышение производительности труда на промышленных предприятиях происходить в результаты автоматизации и использования цифровых технологий в управлении и оптимизации производственных и управленческих бизнес-процессов. На практике производительность труда выступает важнейшим фактором устойчивого экономического развития.

**Целью данной статьи** является исследование основ повышения производительности труда на промышленных предприятиях в условиях цифровой трансформации экономики Республики Таджикистан.

**Основное содержание.** По мнению некоторых авторов, цифровая трансформация приведет не только к росту производительности труда, но и к появлению новых специальностей, развитию автоматизации и роботизации производства, которые оказывают огромное влияние на повышение эффективности производства, бизнес-процессов, снижение издержек, повышение качества человеческого капитала, а также прозрачности и релевантности информации [6].

Как отмечает Рахимов А.М. производительность труда выступает ключевым фактором, который определяет эффективность экономики [11]. В условиях ускоренной индустриализации повышение производительности труда позволит производить больше продукции, что оказывает положительное влияние на конкурентоспособность промышленности и национальной экономики в целом [5]. В связи с этим, современным предприятиям необходимо принят усилий по повышению производительности труда, в частности на основе оптимизации бизнес-процессов в контексте внедрения цифровых технологий.

В условиях перехода к цифровой экономике использование компьютерных и информационных технологий не только повышается производительность труда, но и происходить оптимизации процессов за счет увеличения скорости выполнения задач. Это также необходимо с той позиции, что в условиях инновационного развития и роста конкурентной борьбы с помощью производительности труда измеряется насколько эффективно производятся товары и услуги. Следовательно, рост производительности труда на промышленных предприятиях признается важнейшим фактором долгосрочного экономического роста и реального повышения ее конкурентоспособности.

В условиях Республики Таджикистан, где повышение конкурентоспособности экономики входить в число приоритетных задач, повышение производительности труда может стать фундаментальным фактором. Это обусловлено тем, что повышение производительности труда на промышленных предприятиях способствует достижению устойчивого конкурентного

преимущества, что особенно актуально в условиях жесткой рыночной конкуренции. На практике повышение производительности труда создает условие для повышения эффективности производственных процессов, что в свою очередь приведет к сокращению расходов, снижению дефектов, задержки в обслуживании производственного оборудования, а также увеличении объемов производства качественной продукции.

Как показывает практика для повышения производительности труда необходимо не только внедрят цифровые технологии, но и повысить адаптивность к цифровой среде. Мировая практика показывает, что медленная адаптация к цифровой эпохе и формирования культуры использования цифровых технологий приведет к стагнации в росте производительности труда. Проведенное нами исследование показало, что в условиях перехода к цифровой экономике доступны многочисленные инструменты и платформы, которые создают условия для повышения производительности труда. Наряду с этим, в условиях цифровизации новые инструменты позволяют обрабатывать огромные объемы информации и определить перспективы повышения производительности труда, что требует от промышленных предприятий активного внедрения цифровых технологий.

На наш взгляд, для повышения производительности труда необходимо провести реинжиниринг бизнес-стратегий и организационной культуры. Эти моменты важны в повышении производительности труда за счет использования цифровых технологий. Преимущества использования цифровых технологий, прежде всего, связана с автоматизацией процессов и производственных операций. Использование цифровых технологий позволяет оцифровать традиционные задач и оптимизировать бизнес-процессы. Автоматизации бизнес-процессов в свою очередь приведёт к экономии времени, а также позволяет сотрудникам сосредоточиться на более сложных задачах, что, в свою очередь создает условия для повышения производительность труда на промышленных предприятиях.

В условиях перехода к цифровой экономике повышение производительности труда зависит также от скорости принятия решений и обработки больших данных. В данном случае цифровые технологии позволяет собирать и генерировать данные, использовать цифровые инструменты бизнес-анализа, а также на основе применения цифровых технологий визуализировать необходимую информацию. Наряду с этим, использование машинного обучения, используя новых технологических инструментов, та также принятие эффективных бизнес-решений приведет к повышению производительности труда.

Использование цифровых технологий также приведет к улучшению коммуникации, что особенно важно в направлении повышения конкурентоспособности [4]. На практике используя инструменты цифровой коммуникации позволяют предвидеть ситуацию и упрощает последующий контроль и мониторинг. Новые технологические решения и цифровые платформы создают основу для повышения производительности и организационной эффективности. Развитие коммуникации посредством цифровых технологий также приведет к повышению мотивации персонала, который является основой для повышения производительности труда и результативности деятельности.

Реализовала инициативы цифровой трансформации промышленных предприятий предусматривает использование новейших технологий, повышение эффективности бизнес-операций и степен удовлетворенности персонала. В новых условиях развития цифровая трансформация как общекорпоративная стратегия призвана вывести промышленное производство на качественно новый уровень и создать условия для ускоренной индустриализации экономики.

На сегодняшний день цифровые технологии играют ключевую роль в трансформации рынка труда и форм

занятости. Как показывает практика в условиях пандемии с помощью цифровых технологий активно развивались новые формы удаленной работы и гибкого рабочего графика. Это обусловлено тем, что цифровая трансформация промышленного производства позволяет общаться в режиме реального времени из разных мест. Наряду с этим, используя облачные сервисы, данные и приложения можно в любое удобное время и не зависимо от географии расположения выполнит управленческие или производственные задачи.

Использование цифровых технологий позволяют работать удаленно, что приведет к снижению стресса, повысит мотивацию, и соответственно производительность труда. Практика промышленно развитых стран мира показывает, что предприятия предлагающие удаленную работу и гибкие формы занятости, смогут привлекать относительно широкий спектр человеческих ресурсов, невзирая на географические ограничения.

В условиях цифровизации и перехода к инновационной экономике повышение производительности труда требует принятия мер на макро и микроуровнях. На уровне промышленных предприятий, на наш взгляд, необходимо активизировать инвестиционную и инновационную деятельность, а также провести информационные и обучающие мероприятия для повышения эффективности инновационной деятельности. Повышение производительности труда также зависит от эффективности национальной системы подготовки кадров, особенно инженерно-технических. Кроме того, важным также является привлечение иностранных инвестиций и реформа рынка труда.

В условиях Республики Таджикистан, на наш взгляд, необходимо повысить эффективность процессов и оптимизировать их. Для этого необходимо оптимизация бизнес-процессов на основе внедрения цифровых технологий, автоматизации процессов, а также применение новых стандартов в организации и управления промышленным производством. Повышение производительности труда также зависит от инновационной активности. Следовательно, содействие инновациям и внедрение новых идей и технологий могут стать основой для повышения производительности труда на промышленных предприятиях.

Повышение производительности труда в условиях цифровой трансформации требует пересмотра тактики и стратегии подготовки и переподготовки кадров. Для этого необходимо создать эффективную систему повышение квалификации персонала. На наш взгляд, в данном направлении реализовать программу обучения и повышения квалификации для улучшения возможностей и цифровых навыков персонала. Эти меры на уровне промышленного предприятия способствуют повышению производительности труда, а также росту конкурентоспособности.

По мнению автора, повышение производительности труда в условиях цифровой экономики способствует повышение уровня личной ответственности, материальное стимулирования, заинтересованности в достижении ключевых показателей эффективности. [Заступов]

На национальном уровне для повышения производительности труда важно реформировать систему образования и содействовать коммерциализации результатов научных работ. Повышение эффективности системы науки и образования приведет к повышению квалификации и знаний персонала. В связи с этим, важно обеспечить соответствующую образовательную среду и разработать программы профессиональной подготовки, отвечающие спросу и тенденциям развития национальной промышленности.

Важным направлением также выступает развитие инфраструктуры, особенно на основе развития транспортной и коммуникационной инфраструктуры, инфраструктуры энергоснабжения, логистики и цифровой инфраструктуры. Для этого, необходимо улучшить инфраструктуру, поддерживающую бесперебойный поток информации, логистических коммуникаций, связи электроэнергии. Все это требует поощрения инвестиции в исследования и разработки, а также поддержку мер по внедрению инноваций для повышения производительности труда и конкурентоспособности национальной промышленности Республики Таджикистан.

В этой связи Каширцева А.Ю. отмечает, что в условиях цифровой экономики новые инструменты способны в разы увеличить производительность труда, а в данном контексте необходимо обратить внимание на развитие инфраструктуры и информационных технологий [3].

В условиях перехода к экономике знаний важное условие в повышении производительности труда и формирования

цифровой среды выступает развитие связи науки и производства. Следовательно, необходимо разрабатывать новую политику развития науки и технологий, которая предусматривает поддержку научно-исследовательских работ, расширение сотрудничество между наукой и промышленностью.

Для повышения производительности труда в условиях перехода к цифровой экономике также необходимо развитие предпринимательства, повышение конкурентоспособности, улучшение инвестиционного климата, реформа трудового законодательства, улучшение условий труда, совершенствование политики занятости. Кроме того, необходимо инвестировать в развитие науки и образования, продвижение технологических инноваций, расширение цифровизации, пересмотреть продолжительность рабочего дня, разработать гибкие стили работы. Повышение производительности труда в перспективе будет зависеть от технологических достижений и инновационной активности промышленных предприятий.

На данном этапе развития революционным подходом к повышению производительности труда выступает применение искусственного интеллекта. Как показывает практика использование искусственного интеллекта может оказать существенное влияние на повышение производительности труда персонала. На деле это означает, что автоматизация задач с помощью промышленных роботов и сокращение рабочей силы за счет их использования оказывает большое влияние на повышение производительности труда.

Практика промышленно развитых стран мира показывает, что цифровые технологии могут быть использованы для автоматизации производственных процессов, автоматизации проверок, и обработку различных данных. Широкое использование искусственного интеллекта выступает эффективным фактором роста производительности труда. Как показывает статистика Business Trends and Outlook Survey (BTOS), количество компаний, использующих искусственный интеллект, увеличилось с 3,7% в сентябре 2023 года до 5,4% в феврале 2024 г.

**Заключение.** В условиях цифровизации важными инструментами повышения производительности выступает использования Интернет вещей и различных цифровых платформ и решений. На сегодняшний день устройства и системы, реализующие Интернет вещей широко используются на промышленных предприятиях. Использование Интернет вещей приведет к снижению нагрузки на сотрудников, тем самим способствует экономии рабочей силы, которая является основой повышение производительности за счет сокращения затрат фактора труда в производстве. Кроме того, визуализация состояния производственного оборудования в режиме реального времени позволяет стабилизировать производство, что также играет ключевую роль в повышении производительности труда на промышленных предприятиях. Из этого следует, что использование Интернета вещей оказывает положительное влияние на повышение производительности труда и создает условия для росту эффективности производства.

Таким образом, в условиях перехода к цифровой экономике повышение производительности труда на промышленных предприятий зависит от применения цифровых технологий, автоматизации производственных процессов, использования различных инструментов и платформ, особенно искусственного интеллекта.

**Литература**

1. Добросоцкий, В. И. Трансформация теории производительности труда в условиях постпандемической цифровой экономики / В. И. Добросоцкий // Проблемы теории и практики управления. – 2022. – № 2. – С. 61-73.

2. Заступов, А. В. Повышение производительности труда в условиях цифровой экономики / А. В. Заступов // Проблемы и перспективы развития системы учета, аудита и государственного управления в условиях цифровой экономики : материалы IV Международной научно-практической конференции, Симферополь, 24 мая 2024 года. – Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2024. – С. 328-331.

3. Каширцева, А. Ю. Производительность труда в условиях цифровой экономики / А. Ю. Каширцева // Актуальные проблемы социально-гуманитарного и научно-технического знания. – 2020. – № 3(23). – С. 10-11.

4. Кодиров, Ф. А. Конкурентоспособность промышленных предприятий в контексте перехода к цифровой экономике / Ф. А. Кодиров // Финансово-экономический вестник. – 2022. – № 4-2(34). – С. 218-228.

5. Кодиров, Ф. А. Повышение конкурентоспособности промышленных предприятий в условиях смены технологического уклада: экосистемный подход / Ф. А. Кодиров // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2024. – Т. 2, № 4(44). – С. 93-101.

6. Купцов, М. И. Влияние цифровой экономики на производительность труда в современных экономических условиях / М. И. Купцов, Н. В. Агазарян, А. Г. Рубин // Индустриальное, инновационное и финансовое развитие России: факторы и тенденции: Сборник статей Всероссийской научно-практической конференции студентов и молодых ученых, Сочи, 08–09 апреля 2022 года / Под редакцией Н.В. Агазаряна, В.В. Сорокожердьева, Т.В. Мирошниченко. – Москва: АНО "Научно-исследовательский институт истории, экономики и права", 2022. – С. 134-137.

7. Масыч, М. А. Технологии использования интеллектуальных ресурсов в контексте необходимости повышения производительности труда в условиях цифровой экономики / М. А. Масыч // Вопросы инновационной экономики. – 2019. – Т. 9, № 4. – С. 1443-1458.

8. Миннигареев, И. Б. Инновационные методы оценки и управления производительностью труда в условиях цифровой экономики / И. Б. Миннигареев // Молодые исследователи и наука: актуальные вопросы, достижения и инновации: Сборник статей по материалам III Всероссийской (с международным участием) студенческой научно-практической конференции, Йошкар-Ола, 23–24 ноября 2023 года. – Йошкар-Ола: АНО ВО «Межрегиональный открытый социальный институт», 2023. – С. 217-222.

9. Миннигареев, И. Б. Инновационные методы оценки и управления производительностью труда в условиях цифровой экономики / И. Б. Миннигареев // Академическая публицистика. – 2023. – № 11-1. – С. 169-175.

10. Мукимова, Н. Р. Анализ производительности труда, фондоотдачи и фондовооруженности как показателей инновационного потенциала промышленности Республики Таджикистан / Н. Р. Мукимова // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 4. – С. 58-66.

11. Рахимов, А. М. Особенности изменения производительности труда в промышленности Республики Таджикистан / А. М. Рахимов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2018. – № 4(9). – С. 80-87.

12. Рудакова, О. Ю. Повышение производительности труда в условиях цифровой экономики / О. Ю. Рудакова, А. В. Кривошеев, Н. М. Абрамов // Управление современной организацией: опыт, проблемы и перспективы. – 2023. – № 18. – С. 59-71.

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Норов Аббос Курбонович** - начальник отдела методологии и разработки нормативно-правовых актов научно-исследовательского института Национального Банка Таджикистан.

**Сведения об авторе**

**Норов Аббос Қурбонович** - сардори шуъбаи методология ва таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон.

**About the author**

**Norov Abbos Qurbonovich** Head of the Department of Methodology and Development of Normative-Legal Documents at the Research Institute of the National Bank of Tajikistan.

**УДК:346.26(1)**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

**Убайдуллозода Ф.У.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба омӯзиши баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии рушди фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шуда, моҳият, хусусиятҳо ва қонуниятҳои ташаккул ва такомули соҳибкориро дар шароити иқтисоди бозорӣ таҳлил менамояд. Дар доираи таҳқиқот мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун падидаи иқтисодию иҷтимоӣ шарҳ дода шуда, нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, ташаккули муҳити рақобатпазир ва таъмини устувории иқтисодӣ нишон дода мешавад. Дар қисми назариявӣ равияҳои асосии илмию иқтисодӣ оид ба соҳибкорӣ, аз ҷумла назарияҳои классикӣ, неоклассикӣ, институционалӣ ва инноватсионӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Дар қисми методологӣ усулҳо ва равишҳои асосии таҳқиқи рушди фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод мегарданд. Аз ҷумла, усулҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, оморӣ, индуктивӣ ва дедуктивӣ, инчунин моделсозии иқтисодӣ барои арзёбии самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд. Нақши сиёсати давлатӣ, муҳити институтсионалӣ, дастгирии молиявӣ, низоми андозбандӣ ва заминаи ҳуқуқӣ ҳамчун омилҳои калидии рушди соҳибкорӣ махсус таъкид мегардад. Дар мақола инчунин мушкилот ва монеаҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди муосир, аз ҷумла маҳдудияти захираҳои молиявӣ, сатҳи пасти инфрасохтор, хавфҳои бозорӣ ва норасоии донишҳои идоракунӣ баррасӣ мешаванд. Дар асоси таҳлил хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии он пешниҳод мегарданд.

**Калидвожаҳо:** фаъолияти соҳибкорӣ, рушди соҳибкорӣ, назарияҳои иқтисодӣ, методология, муҳити институтсионалӣ, сиёсати давлатӣ, инноватсия.

**Барои иқтибос:** Убайдуллозода, Ф.У. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии рушди фаолияти соҳибкорӣ / Ф. У. Убайдуллозода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 51-63.

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Убайдуллозода Ф.У.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация.** Данная статья посвящена изучению отдельных теоретических и методологических аспектов развития предпринимательской деятельности. В работе анализируются сущность, особенности и закономерности формирования и развития предпринимательства в условиях рыночной экономики. В рамках исследования раскрывается понятие предпринимательской деятельности как экономико-социального явления, а также обосновывается ее роль в развитии национальной экономики, повышении уровня занятости населения, формировании конкурентной среды и обеспечении экономической устойчивости.

В теоретической части рассматриваются основные научно-экономические направления в области предпринимательства, включая классические, неоклассические, институциональные и инновационные теории. В методологической части представлены основные методы и подходы к исследованию развития предпринимательской деятельности. В частности, используются методы системного, сравнительного и статистического анализа, индуктивный и дедуктивный методы, а также экономическое моделирование для оценки эффективности предпринимательской деятельности.

Особое внимание уделяется роли государственной политики, институциональной среды,

финансовой поддержки, налоговой системы и правовой базы как ключевых факторов развития предпринимательства. В статье также анализируются основные проблемы и барьеры развития предпринимательской деятельности в условиях современной экономики, включая ограниченность финансовых ресурсов, низкий уровень инфраструктуры, рыночные риски и недостаток управленческих знаний. На основе проведенного анализа сформулированы научно-практические выводы и предложения, направленные на совершенствование механизмов развития предпринимательской деятельности и повышение ее эффективности.
**Ключевые слова:** предпринимательская деятельность, развитие предпринимательства, экономические теории, методология, институциональная среда, государственная политика, инновации.

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY DEVELOPMENT

**Ubaydullozoda F.U.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract.** This article is devoted to the study of certain theoretical and methodological aspects of entrepreneurial activity development. The paper analyzes the essence, characteristics, and patterns of the formation and development of entrepreneurship in a market economy. Within the framework of the research, entrepreneurial activity is defined as a socio-economic phenomenon, and its role in national economic development, employment growth, formation of a competitive environment, and ensuring economic sustainability is substantiated. The theoretical section examines the main scientific and economic approaches to entrepreneurship, including classical, neoclassical, institutional, and innovation theories. The methodological section presents key methods and approaches used to study the development of entrepreneurial activity. In particular, methods of systemic, comparative, and statistical analysis, inductive and deductive methods, as well as economic modeling are applied to assess the efficiency of entrepreneurial activity. Special emphasis is placed on the role of state policy, the institutional environment, financial support, the tax system, and the legal framework as key factors in entrepreneurial development. The article also addresses the main problems and barriers to entrepreneurial activity development in the modern economy, including limited financial resources, underdeveloped infrastructure, market risks, and insufficient managerial knowledge. Based on the analysis, scientific and practical conclusions and recommendations aimed at improving the mechanisms of entrepreneurial activity development and increasing its efficiency are proposed.
**Keywords:** entrepreneurial activity, entrepreneurship development, economic theories, methodology, institutional environment, state policy, innovation.

**Гузориши масъала.** Дар доираи таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ метавон қайд намуд, ки соҳибкорӣ яке аз шаклҳои муҳими фаъолияти иқтисодӣ ба шумор рафта, ҳамчун фаъолияти мустақилона, ташаббускорона ва бо таваккали шахсӣ амалӣ мегардад. Ин намуди фаъолият пеш аз ҳама ба бадастовардани фоидаи мунтазам аз ҳисоби истифодаи самараноки молу мулк, истеҳсол ва фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ва ё пешниҳоди хизматрасониҳо равона карда шудааст.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо ҳамчун воситаи ба даст овардани даромад, балки ҳамчун равиши махсуси пешбурди тиҷорат, раванди эҷод, ташаккул ва идоракунии фаъолияти иқтисодӣ дар бозор баррасӣ мегардад. Ҳамзамон, соҳибкорӣ шакли хоси ҳамкории байни субъектҳои бозор буда, ба рушди рақобат, ҷорӣ намудани навовариҳо, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва мутобиқшавии иқтисод ба тағйироти муҳити беруна мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии рушди

фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ касб мекунад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Қобили зикр аст, ки масъалаҳои марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ дар асарҳо ва таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар ташаккули назарияи соҳибкорӣ саҳми олимони машҳур, ба монанди Р. Кантильон, Ж.Б. Сэй, А. Смит, А. Маршалл, Ф.Ф. Хайек, П. Самуэльсон назаррас мебошад. Дар корҳои илмии онҳо соҳибкорӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ, ташаббускорӣ, таваккалпазирӣ ва самаранокии истифодаи захираҳо баррасӣ шудааст.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти олимони муосир, аз ҷумла А.В. Бусигин, Ҳ. Умаров, С.Ҷ. Комилов, Ш.Ш. Бозоров, М.Н. Нусратзода ва дигарон, масъалаҳои ташаккул, рушд ва такмили фаъолияти соҳибкорӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ, муҳити институтсионалӣ ва сиёсати давлатӣ таҳлил гардидаанд.

Дар адабиёти илмӣ ва таҳқиқотҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои фаъолияти соҳибкорӣ андешаҳо ва равишҳои гуногун вуҷуд доранд, ки аз гуногунҷабҳагӣ ва мураккабии ин мафҳум шаҳодат медиҳанд. Бо мақсади таҳлили муқоисавӣ ва ҷамъбасти назариявӣ, дар ҷадвали 1. ақидаҳои олимони соҳа оид ба моҳият, мазмун ва муҳтавои фаъолияти соҳибкорӣ ба таври муфассал баррасӣ карда мешаванд**.**

**Ҷадвали 1. - Мафҳум ва муҳтавои фаъолияти соҳибкорӣ**

| **Муаллиф** | **Муҳтаво** |
|---|---|
| Р. Кантильон | “...соҳибкорӣ фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагӣ буда, унсурҳои хавфро дар бар мегирад” |
| Ж.Б. Сэй | “...фаъолияти соҳибкорӣ – ин муттаҳид намудани се омили истеҳсол – меҳнат, замин, сармоя аст” |
| А. Смит | “...соҳибкорӣ дар иқтисоди бозорӣ фаъолияти худбошорат ва худтанзимкунанда буда, дар мавҷудияти омилҳои асосии истеҳсолот ба вуҷуд меояд” |
| А. Маршалл | “...фаъолияти соҳибкорӣ – ин муттаҳидсозии чор омили истеҳсолот – меҳнат, меҳнат, сармоя ва ташкилот аст” |
| Ф.Ф. Хайек | “...соҳибкорӣ бо озодии шахсии инфиродӣ алоқаманд аст, ки ба шахс имкон медиҳад, ки қобилиятҳо, дониш, иттилоот ва даромадҳои худро ба таври оқилона идора кунад. Моҳияти соҳибкорӣ ин ҷустуҷӯ ва омӯзиши имкониятҳои нав аст” |
| П. Самуэльсон | “...соҳибкорӣ ба навоварӣ алоқаманд аст ва соҳибкор шахси дорои тафаккури ғайриоддӣ мебошад, ки ба татбиқи ғояҳои нав муваффақ мешавад” |
| П. Друкер | “...соҳибкорӣ фаъолияти мушаххасест, ки моҳияти он навсозӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла дар идоракунӣ мебошад” |
| А.В. Бусыгин | “...соҳибкорӣ шакли фаъолияти тиҷоратӣ буда, дар асоси хавф ва муносибати инноватсионӣ ба системаи муносибатҳои мавҷудаи иқтисодӣ асос ёфтааст, ки дар он истеҳсол ва расонидани мол ба бозор бо мақсади гирифтани даромади соҳибкорӣ равона шудааст” |
| Комилов С.Ҷ. | “...дар шароити муосири тағйирёбии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз самтҳои асосии саноатикунонии босуръат ва таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ин фаъолгардонии рушди инноватсионии корхонаҳо ба ҳисоб меравад”[5] |
| Умаров Ҳ.У. | “...фароҳам овардани шароити муфиди фаъолияти инноватсионӣ эҳтимолияти натиҷаҳои ниҳоии корхонаҳои ватанӣ буда, иқтисодиёти кишварро ба давраи гузариши |

| | |
|---|---|
| | ҷараёни инноватсионӣ табдил медиҳад, яъне метавонад модели иқтисодии худро ба модели нави иқтисодӣ иваз намояд”[11] |
| Бозоров Ш.Ш. | “...соҳибкориро метавон ҳамчун фаъолияти эҷодӣ арзёбӣ намуд, ки ба ҷустуҷӯи соҳаҳои нави маблағгузорӣ, ташкили маҳсулоти нав ва мукаммал намудани онҳо, истеҳсол, пешравии афзалиятҳои худӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои гуногун барои гирифтани даромад равона гардидааст”[1] |
| Нусратзода М.Н. | “...соҳибкориро метавон ҳамчун як раванди махсуси инноватсионии таҳияи чизи сифатан нав, инчунин раванди иқтисодӣ, ки ба ҷустуҷӯи доимии навоварӣ, тамоюл ба ҷузъи инноватсионӣ асос ёфтааст, шарҳ дод”[7] |
| Қурбонов А.Р. | “...соҳибкор метавонад ҳар кадом намуди фаъолияти хоҷагидориро, ки аз тарафи қонун манъ карда нашудааст, аз он ҷумла миёнаравии тиҷоратӣ, хариду фуруш, маслиҳатдиҳӣ ва дигар намуди фаъолият, инчунин амалиётҳо бо коғазхои қиматнокро ба амал барорад”[6] |
| Файзулло М.К. | “...соҳибкории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз сиёсати давлатӣ, ба системаи имтиёзҳои андоз вобаста аст, ки на танҳо ба ҳавасмандгардонии барномаҳои тадқиқотӣ, балки ҳавасмандгардонии оғози соҳибкории инноватсионӣ нигаронида шудааст”[11] |
| Субҳонзода И.С. | “...дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои бозорӣ соҳибкориро ҳамчун фаъолияти махсус дар рушди иқтисодиёти миллӣ шуморидан мумкин аст” |


Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ аз нигоҳи олимони соҳа метавон ба хулосае омад, ки фаъолияти соҳибкорӣ истифодаи мақсаднок, оқилона ва бошууронаи қобилиятҳои шахсӣ ҷиҳати ташкили раванди истеҳсолот буда, он ба ғояҳои навоварона, ташаббускорӣ ва омодагӣ ба қабул намудани хавф асос меёбад.

**Мақсади мақола**. Соҳибкорӣ пеш аз ҳама ба таъмини пайвастагии мунтазами раванди истеҳсол ва истеъмол равона гардида, қонеъсозии ниёзҳои доимо афзоянда ва тағйирёбандаи инсонро, новобаста аз он ки сухан дар бораи шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё умуман ҷамъият меравад, ҳадаф қарор медиҳад. Ба маънои васеъ, соҳибкорӣ ҳамчун раванди пайвастаи муайян кардан, пешбинӣ намудан ва қонеъ сохтани талаботи тағйирёбандаи истеъмолкунандагони ниҳоӣ баррасӣ мешавад.

Ин раванд тавассути ташкили як давраи мукаммали фаъолияти соҳибкорӣ аз истеҳсол, коркард ва тақсимот то фурӯш ва маркетинг амалӣ мегардад. Дар ин ҷараён истифодаи навовариҳои муосир, технологияҳои пешрафта ва усулҳои самараноки идоракунӣ нақши калидӣ дошта, онҳо ба баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳосилнокии ҳар як марҳилаи такрористеҳсол мусоидат менамоянд.

Дар таърифи мазкур диққати асосӣ ба истеъмолкунанда ва эҳтиёҷоти ӯ равона шудааст, зеро маҳз қонеъ гардонидани талаботи бозор дар шароити ташкили сатҳи баланди фаъолияти соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки натиҷаи иқтисодии мусбат ва фоидаи ҳадди аксар ба даст оварда шавад.

Ҳамин тариқ, ҳадафи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо гирифтани фоида, балки ба даст овардани он дар асоси қонеъгардонии ҳарчи бештари ниёзҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ба ин ҳадафҳо тавассути ҳалли як қатор вазифаҳои мушаххас ноил шудан мумкин аст, ки онҳо дар нақшаи минбаъда инъикос ёфтаанд.




Вазифаҳои соҳибкорӣ

• интихоби шакли ташкилию ҳуқуқии корхона;

• азхудкунии амалии самти истеҳсолии интихобшуда;

• омӯзиши вазъияти бозор, аз ҷумла таҳқиқи талабот ва арзёбии имкониятҳои рақибони амалкунанда ва эҳтимолӣ;

• нигоҳ доштани пардохтпазирии корхона, яъне мавҷудияти доимии маблағҳои пулӣ ва дигар дороиҳои пардохтпазир, ки имкон медиҳанд пардохтҳо аз рӯи ӯҳдадориҳо (ба кормандон, таъминкунандагон, қарздиҳандагон) амалӣ карда шаванд;

• риояи талаботи экологӣ ва ахлоқию иҷтимоӣ, ки масъулияти соҳибкорро дар назди ҷомеа пешбинӣ мекунанд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Соҳибкориро метавон ҳамчун фаъолияти эҷодӣ арзёбӣ намуд, ки ба ҷустуҷӯи соҳаҳои нави маблағгузорӣ, ташкили маҳсулоти нав ва мукаммал намудани онҳо, истеҳсол, пешравии афзалиятҳои худӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои гуногун барои гирифтани даромад равона гардидааст. Дар ин замина соҳибкорӣ ҷалби ҳатмии лаҳзаи инноватсионӣ – ё истеҳсоли молу маҳсулоти нав барои бозор бошад, ё ивази самти тахассусии фаъолият ё ташкили корхона ё соҳаи навро дар бар мегирад.

Ҳама гуна фаъолияти инноватсионӣ соҳибкорӣ мебошад ва бо чунин маҳакҳо асос меёбад:

• ҷустуҷӯи идеяҳои нав (аз маҳсулоти нав то структураи нав) ва баҳодиҳии онҳо;

• ҷустуҷӯи захираҳои зарурӣ;

• ташкил ва идоракунии корхона;

• гирифтани даромади пулӣ ва қаноатмандӣ аз натиҷаҳои бадастомада.

На ҳар гуна фаъолияти соҳибкорӣ дорои хусусияти инноватсионӣ мебошад. Танҳо он шакли соҳибкорӣ инноватсионӣ ҳисобида мешавад, ки дар натиҷаи ба роҳ мондани истеҳсол, истифода ва омезиши маҳсулот, технология ё хизматрасониҳои инноватсионӣ имконияти ба даст овардани даромади соҳибкориро фароҳам меорад.

Соҳибкории инноватсионӣ ҳамзамон дар худ ҳам зуҳуроти иқтисодӣ ва ҳам раванди иқтисодиро инъикос менамояд. Ба сифати зуҳуроти иқтисодӣ соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун шакли муайяни муносибатҳои истеҳсолӣ вобаста ба истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулоти мушаххас, иҷрои корҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳо баромад мекунад. Дар ҳамин замина, он тамоми низоми муносибатҳои иқтисодиро, ки дар раванди фаъолияти соҳибкорӣ байни соҳибкор ва дигар иштирокчиёни бозор ба миён меоянд, фаро мегирад.

Аз ҷумла, ин муносибатҳо ҳамкориҳои соҳибкорро бо таъминкунандагон, дигар субъектҳои хоҷагидор, кормандони кироя, инчунин бо мақомоти давлатӣ ва сохторҳои идоракунӣ дар бар мегиранд. Ҳамин тавр, соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ маҷмӯи робитаҳои мураккаби бозориро инъикос намуда, дар ташаккули муҳити рақобатпазир ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим мебозад.

Чунонки маълум аст, навовариҳо яке аз вазифаҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор мераванд ва мутаносибан, унсури инноватсионӣ бояд дар фаъолияти

соҳибкорӣ пайваста ва доимӣ ҳузур дошта бошад, зеро маҳз он омили калидии таъмини самаранокӣ ва рушди устувори соҳибкорӣ мебошад.

Аз рӯи ақидаи Й. Шумпетер «вазифаи соҳибкор аз такмилу таҷдид ва бартарияти усулҳои истеҳсолот бо роҳи ҷорӣ намудани ихтироъҳо, истифодаи технологияҳои нав барои истеҳсоли молу маҳсулоти нав ё молу маҳсулоти пештара мебошад. Вале ҳамаи ин бояд тавассути усулҳои нав, тавассути сарчашмаҳои нави ашёи хом ё бозори нави маҳсулот, ҳатто то таҷдиди соҳаи пешина ва ташкил намудани соҳаи нави саноат амалӣ карда шавад…» Ҳамин тариқ, Й. Шумпетер хулоса менамояд, ки навоварӣ ва навгонӣ ҷузъҳои таркибии соҳибкорӣ мебошанд[1].

Соҳибкориро метавон ҳамчун фаъолияти эҷодӣ арзёбӣ намуд, ки ба ҷустуҷӯи соҳаҳои нави маблағгузорӣ, ташкили маҳсулоти нав ва мукаммал намудани онҳо, истеҳсол, пешравии афзалиятҳои худӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои гуногун барои гирифтани даромад равона гардидааст. Дар ин замина соҳибкорӣ ҷалби ҳатмии лаҳзаи инноватсионӣ – ё истеҳсоли молу маҳсулоти нав барои бозор бошад, ё ивази самти тахассусии фаъолият ё ташкили корхона ё соҳаи навро дар бар мегирад.

Ҳама гуна фаъолияти инноватсионӣ соҳибкорӣ мебошад ва бо чунин маҳакҳо асос меёбад:

- ҷустуҷӯи идеяҳои нав (аз маҳсулоти нав то структураи нав) ва баҳодиҳии онҳо;
- ҷустуҷӯи захираҳои зарурӣ;
- ташкил ва идоракунии корхона;
- гирифтани даромади пулӣ ва қаноатмандӣ аз натиҷаҳои бадастомада.

На ҳамаи соҳибкорӣ инноватсионӣ мебошад, танҳо он соҳибкорие инноватсионӣ ҳисобида мешавад, ки дар натиҷаи ба роҳ мондани истеҳсолот, истифода ва омезиши маҳсулоти инноватсионӣ барои гирифтани даромади соҳибкорӣ имконият медиҳад.

Соҳибкории инноватсионӣ дар як вақт дар худ ҳам зуҳуроти иқтисодӣ ва ҳам раванди иқтисодиро инъикос менамояд. Ба сифати зуҳуроти иқтисодӣ соҳибкорӣ, ҳамчун шакли муносибати истеҳсолӣ вобаста ба истеҳсолот ва фурӯши молу маҳсулоти мушаххас (кор, хизматрасониҳо) баромад мекунад. Ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ, вай тамоми системаи муносибатҳоро, ки вобаста ба муносибатҳои ҳамдигарӣ дар вақти фурӯши мол, бо таҳвилгарон, бо дигар субъектҳои хоҷагидор, кормандони кироя ва ниҳоят бо мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунӣ аз ҷониби соҳибкор ба амал меоянд, инъикос мекунад.

Мутобиқи ақидаи асосгузори назарияи тағйироти инноватсионӣ Й. Шумпетер, заминаи захираҳо, маводҳои аввалия, ҷузъҳо ва имкониятҳои технологии таҳвили онҳо ба молу маҳсулот (хизматрасонӣ) мавҷуд аст. Маҳсулоти инноватсионӣ арзиши истеъмолиро инъикос менамояд, раванди инноватсия бошад, тарзи шакливазкунӣ ва истифодаи захираҳоро муайян мекунад. Аз нуқтаи назари истеъмолкунанда, рақобатнокии маҳсулоти инноватсионӣ асосан бо арзиш ва сатҳи самаранокии пешниҳодгардида, дар муқоиса бо талаботе, ки дар бозор аллакай вуҷуд дорад, муайян карда мешавад (усули қонеъ гардонидани талабот). Аммо аз нуқтаи назари истеҳсолкунанда, вазифаи дар пеш гузошташуда бо мавҷуд будани фарқияти вақт байни қабули қарор оид ба истеҳсоли мол ва таҳвили он ба бозор мушкил мегардад. Ҳар қадар вақти ҷудошуда барои сикли ҳаётии маҳсулот зиёд бошад, ҳамон қадар хавфҳои соҳибкорие, ки бо ба вуҷуд омадани маводҳои нав, технология ва маҳсулотҳои рақобапазир алоқаманданд, баланд мешаванд. Пешгӯии нодурусти болоравии талаботҳо ва арзиши онҳо низ хатари зиёдро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тариқ, на танҳо таҳлили сатҳи технологии молу маҳсулоти оянда, балки инчунин арзиши сикли ҳаётии он низ зарур аст.

Се шакли асосии соҳибкории инноватсиониро ҷудо менамоянд:

- Шакли якуми соҳибкории инноватсионӣ – маҳсулоти инноватсионӣ – раванди азнавнамоии иқтидори фурӯши корхона, зиёд шудани ҳаҷми даромад, васеъ гардидани саҳм дар бозор, нигоҳдории мизоҷон, мустаҳкам намудани мустақилият,

муҳайё сохтани ҷойҳои нави кориро дар худ инъикос менамояд.

– Шакли дуюм – инноватсияҳои технологӣ – ин раванди таҷдиди иқтидори истеҳсолие мебошад, ки ба баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва сарфи энергия, ашёи хом ва дигар захираҳо равона шудааст. Ин имконият медиҳад, ки ҳаҷми даромади ширкат зиёд шуда, техникаи бехатарӣ мукаммал ва чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити зист амалӣ гарданд, системаи иттилоотии дохили ширкат самаранок истифода бурда шавад.

– Шакли сеюми соҳибкории инноватсионӣ – инноватсияҳои иҷтимоӣ – раванди умумии ба таври мунназам беҳтаршвии самти хизматрасониҳои гуманитарии корхонаро инъикос менамояд. Истифодаи чунин инноватсия имкониятҳоро дар бозори қувваи меҳнат васеъ мегардонад, кормандони корхонаро барои ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташуда сафарбар мекунад, бовариро оид ба иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии корхона дар байни кормандон ва дар маҷмӯъ дар ҷомеа баланд мебардорад.

Соҳибкории инноватсионӣ – шакли бисёрҷанбаи фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Ба сифати соҳибкор шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ баромад мекунанд, ки чунин намуди фаъолияти инноватсиониро, ки ба сикли такористеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ алоқаманд аст, амалӣ менамоянд:


– ташкили маҳсулоти инноватсионӣ (аслан соҳибкории инноватсионӣ);

– иҷрои вазифаҳои миёнаравӣ (хизматрасониҳои вобаста ба пешбарии маҳсулоти инноватсионӣ ва интиқоли он бевосита аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда);

– амалӣ намудани функсияҳои молиявӣ барои таъмини фаъолияти инноватсионӣ.

Ҳамин тариқ, соҳибкории инноватсионӣ ин раванди махсуси навоварии хоҷагидорӣ мебошад. Ҷустуҷуӣ имкониятҳои нав, тамоюл ба инноватсия, малакаи аз дигар сарчашмаҳо гирифтани захираҳо ва истифодаи мақсаднок ва самараноки онҳо бо мақсади иҷрои вазифаҳои дар пеш гузошташуда асоси соҳибкории инноватсиониро ташкил медиҳад. Чунин шакли соҳибкорӣ бо омода будани соҳибкор бобати ихтиёрӣ ба души худ гирифтани хавфҳои амалинамоии лоиҳаи нав ё беҳтар намудани лоиҳаи амалкунанда, масъулияти молиявӣ, моддӣ ва иҷтимоӣ ба раванде, ки метавонад фоида биёрад ё қаноатмандии шахсӣ нисбати натиҷаҳои бадастомада алоқамандӣ дорад. Соҳибкории инноватсионӣ заминаи асосии тамоми соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Соҳибкории инноватсионӣ пурра дар инноватсияҳо асос меёбад, аз ин лиҳоз натиҷаи чунин фаъолият ё молу маҳсулоти нав, ё молу маҳсулот бо хусусиятҳои нав ё технологияҳои нав мебошад (расми 1.).




**Расми 1. – Функсияи соҳибкории «классикӣ» ва соҳибкории инноватсионӣ**

Чун қоида, таҷрибаи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳама гуна шакли он дар худ фарзияи инноватсионӣ, масалан истифодаи усули нави ташкилии идоракунии истеҳсолот, идоракунии сифати маҳсулот ё ҷорӣ намудани усулҳои нави ташкили истеҳсолот ё технологияҳои навро дар бар мегирад. Истеҳсол ва ба бозор таҳвил додани молу маҳсулоти маъмулӣ метавонад бо истифодаи усул ё ҷузъҳои наве, ки бо ташкили истеҳсолот, ҷузъҳои техникии истеҳсолот ё тағйир ёфтани хусусиятҳои сифатии молу маҳсулоти истеҳсолшаванда вобастаанд, амалӣ карда шавад. Айни замон истеҳсоли молу маҳсулоти маъмулӣ тавассути қисман истифода намудани инноватсия ба роҳ монда шудааст.

Рушди соҳибкории инноватсионӣ аз дархости истеъмолгарон ба инноватсия, мавҷудияти иқтидори пешрафтаи илмӣ – техникии иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти ширкатҳои венчурӣ ва сармоягузорон вобастагӣ дорад. Дар ҷадвали 2 омилҳое нишон дода шудаанд, ки ба рушди соҳибкории инноватсионӣ мусоидат менамоянд.

**Ҷадвали 2. – Омилҳое, ки ба рушди соҳибкории инноватсионӣ мусоидат менамоянд**

| Гурӯҳи омилҳо | Омилҳо |
|---|---|
| Иқтисодӣ, технологӣ | Мавҷудияти захираҳои воситаҳои молиявӣ – моддӣ – техникӣ, технологияҳои тараққикунанда, барномаҳои давлатии маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ; ҳавасмандиҳои моддӣ нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ |
| Сиёсӣ, ҳуқуқӣ | Чораҳои қонунгузорӣ, ки фаъолияти инноватсиониро ҳавасманд мегардонанд, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ |
| Ташкилӣ – идоракунӣ | Устувории сохтори ташкилӣ, тарзи демократии идоракунӣ, афзалиятнокии воридшавиҳои амудии иттилоот; худбанақшагирӣ; тасҳеҳот; ғайримуттамарказӣ, автономия, ташаккули гурӯҳҳои мушкилидошта ва мақсаднок, реинжиниринг |
| Иҷтимоӣ – равонӣ, маданӣ | Ҳавасмандии моддӣ, эътирофи ҷомеа; таъмини имконияти худамаликунӣ, меҳнати эҷодӣ. Фазои мусоиди равонӣ дар коллективи меҳнатӣ |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Чун қоида навовариҳо дар самти маҳсулот ва хизматрасониҳо асоси фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳанд, ки барои ташкил намудани бозори нав ва қонеъ гардонидани талаботҳои нав имконият фароҳам меоранд. Инноватсия воситаи махсуси соҳибкорӣ мебошад, гузашта аз ин, на инноватсия худ ба худ, балки ҷустуҷӯӣ мақсадноки навовариҳо чунин воситаҳоро ташкил менамоянд. Чӣ тавре ки П.Ф. Друкер қайд менамояд «…шакли инноватсионии ақидаронӣ ба соҳибкорон хос аст, фаъолияти инноватсионӣ бошад, воситаи махсуси соҳибкорӣ мебошад».

Соҳибкории инноватсионӣ ин раванди махсуси навоварии ташкили чизи нав, раванди хоҷагидорӣ ба шумор меравад, ки асоси онро ҷустуҷӯи доимии имкониятҳои нав, тамоюл ба инноватсия ташкил медиҳад. Вай ба омодагии соҳибкор оиди ба души худ гирифтани хавфи амалинамоии лоиҳаи нав ё беҳтар намудани лоиҳаи амалкунанда, инчунин масъулиятҳои молиявӣ, моддӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд мебошад. Умуман, соҳибкории инноватсиониро метавон ҳамчун раванди иқтисодӣ муайян намуд, ки ба ташкил намудани молҳо (маҳсулот, хизматрасониҳо) ва технология бо роҳи истифодаи амалии инноватсия (навовариҳо) оварда мерасонад.

Функсияи муҳими корхонаҳои инноватсионӣ аз миёнаравӣ байни соҳаҳои илмӣ – техникӣ ва истеҳсолӣ иборат мебошад. Корхонаи инноватсионӣ ба ғайр аз он ки натиҷаи фаъолияти илмӣ – техникиро

то ҳолати имконпазири истифода дар истеҳсолот мерасонад, бояд шарикони тиҷоратиро ҷустуҷӯ намоянд. Ин шарикони тиҷоратӣ бояд маҳсулоти инноватсиониро дар истеҳсолот васеъ ҷорӣ кунанд.

Дар заминаи усули ташкили раванди инноватсионӣ дар корхона се модели соҳибкории инноватсионӣ ҷудо карда мешавад: (расми 2).




**Расми 2. – Моделҳои соҳибкории инноватсионӣ**

– Соҳибкории инноватсионии дохилӣ - инноватсия дар дохили ширкат аз ҷониби зерсохторҳои махсусгардонидашуда, дар заминаи банақшагирӣ ва мониторинги алоқамандиҳо вобаста ба лоиҳаи инноватсионӣ ташкил ва (ё) аз худ карда мешавад.

– Соҳибкории инноватсионии вобаста ба омилҳои беруна тавассути шартномаҳо – фармоиш барои ташкил ва (ё) азхудкунии инноватсия байни корхонаҳои беруна роҳандозӣ карда мешавад.

– Соҳибкории инноватсионии беруна тавассути венчурҳо – ширкат барои амалӣ намудани лоиҳаи инноватсионӣ ширкатҳои фаръии венчуриро таъсис медиҳад, ки онҳо воситаҳои иловагии берунаро ҷалб менамоянд.

Бештар модели дуюми соҳибкории инноватсионӣ истифода мешавад. Корхона барои коркарди навовариҳо фармоишро интишор намуда, онро бо қувваи худӣ иҷро менамояд.

Истилоҳи «инноватсия»-ро олими австриягӣ (баъдтар амрикоӣ) Йозеф Алоиз Шумпетер дар ибтидои даҳсолаи дуюми асри XX ба гардиши илмӣ дохил намуда, асосҳои заминавии фаҳмиши мафҳуми инноватсияро ҳамчун категорияи нави иқтисодӣ гузошт. Мазмуни хоси инноватсияро аз рӯи ақидаи Й. Шумпетер «тағйиротҳо ташкил менамоянд, функсияи асосии фаъолияти инноватсионӣ бошад, ин функсияи идоракунии тағйиротҳо» мебошад. Тибқи ақидаи Й. Шумпетер, инноватсия сарчашмаи асосии даромаднокӣ ба ҳисоб меравад: «…даромад, амалан натиҷаи иҷрои комбинатсияҳои нав мебошад, «…бе рушд даромад ва бе даромад рушд нест».

Айни замон дар адабиёти илмӣ оид ба инноватсия муайянкунандаи умумиқабулшуда вуҷуд надорад. Профессори британӣ В.Р. Спенсер мафҳуми инноватсияро нисбатан воқеъбинона пешниҳод намудааст. «Инноватсия аслан чизи навест, ки дар ҳолати мушаххас истифода мешавад ва вақте онро дарк мекунем, истифода мебарем». Новобаста ба воқеияти он, чунин мафҳум се марҳилаи муҳимро дар бар мегирад:

- Инноватсия ин зуҳуроти нав барои одамон мебошад, ки ба ин зуҳуроти нав ягон муносибат доранд;

- Инноватсия – зуҳуроти нави аз ҷониби мо эътирофгардида;

- Инноватсия – зуҳуроти навест, ки метавон онро истифода намуд.

Фаҳмиши истилоҳӣ ва мазмунии инноватсия, ки аз ҷониби тадқиқотчиёни гуногун муайян гардидааст, дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3. – Таҳаввулоти мафҳуми «инноватсия»**

| № | Муаллифи мафҳум | Мазмуни мафҳум |
|---|---|---|
| **1.** | Й. Шумпетер | Инноватсия – ин тағйирот бо мақсади бароориш ва истифодаи молҳои нави истеъмолӣ, воситаҳои нави истеҳсолӣ ва нақлиётӣ, бозор ва шакли ташкилӣ дар саноат. |
| **2.** | Б. Твисс (ИМА) | Инноватсия – ин раванде мебошад, ки дар он кашфиёт ё идея мазмуни иқтисодӣ мегирад. |
| **3.** | Ф. Никсон | Инноватсия – ин маҷмӯи чорабиниҳои техникӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки барои дар бозор пайдо шудани ҷараён ва таҷҳизоти нав ва нисбатан беҳтар равона мегардад. |
| **4.** | К. Найт | Инноватсия – барооришиҷизи нав нисбат ба ташкилот ё муҳити бевоситаи он. |
| **5.** | Р.Федерманн (ФРГ) | Инноватсия – кушодани имкониятҳои нави баррасии проблемаҳо. Инноватсия, аз як ҷониб, дар мухолифат бо муқаррароти консервативӣ қарор дорад, аз ҷониби дигар, вай барои «монандкунӣ», барои моделсозии ҳолати мавҷуда бо назардошти стратегияи тағйиротҳо равона гардидааст. |
| **6.** | В.Р.Спенсер (Британия) | «Инноватсия – ин чизи тамоман навест, ки нисбат ба ҳолати мушаххас истифода мешавад, вақте ки мо онро дарк мекунем, истифода мебарем» . |
| **7.** | Б. Санто (Венгрия) | Инноватсия – ин чунин ҷараёни ҷамъиятӣ – техникӣ ва иқтисодиест, ки тавассути истифодаи амалии идея ва кашфиётҳо ба ташаккули мол ва технологияҳо оварда мерасонад. Агар инноватсия ба даромад ва манфиати иқтисодӣ равона шуда бошад, пайдоиши он дар бозор метавонад даромади иловагиро таъмин намояд. |
| **8.** | А.Г. Кругликов | Инноватсия – ин муваффақияти илмию техникие мебошад, ки ба фаъолияти одамон вобастагӣ дорад. |
| **9.** | Уткин Э.А., Морозова Н.И., Морозова Г.И. | Зери мафҳуми инноватсия (навовариҳо) одатан объекте дар назар дошта шудааст, ки дар истеҳсолот, дар натиҷаи тадқиқот ё кашфиёти баамаломада нисбатан бо сифати беҳтар ҷорӣ карда шудааст. |
| **10.** | Бездудный Ф.Ф., Смирнова Г.А., Нечаева О.Д. | Инноватсия – ин ҷараёни идеяҳои нав дар ҳар гуна фаъолияти одамон мебошад, ки талаботи мавҷударо дар бозор қонеъ гардонида, самараи иқтисодиро таъмин менамоянд. |
| **11.** | Суворова А.Л. | Инноватсия – истифодаи натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ мебошад, ки ба мукаммалшавии раванди фаъолияти истеҳсолӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дар соҳаҳои илм, фарҳанг, маориф ва дигар соҳаҳои фаъолият равона гардидааст. |
| **12.** | Кокурин Д.И. | Инноватсия – ин натиҷаи фаъолият барои таҷдид, дигаркунии фаъолияти пешина, ки ба иваз гардидани як ҷузъ ба ҷузъи дигар, ё илова ба фаъолияти нав оварда мерасонад. |
| **13.** | Авсянников Н.М. | Инноватсия (навовариҳо) – ин натиҷаи азхуднамоии амалӣ ё илмию техникии навовариҳо мебошад. |

Айни замон методологияи тафсилоти системавӣ дар стандартҳои байналмилалӣ заминагузорӣ мешавад. Барои ҳамоҳангсозии корҳо оид ба ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоот оид ба илм ва навовариҳо дар доираи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (ОСЭР) Гурӯҳи таҳлилгарони миллӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои илм ва техника ташкил гардид, ки Дастурамали Фраскати («Тачрибаи пешниҳодшудаи стандартӣ барои тадқиқот ва коркардҳои экспериментали)-ро таҳия намуд. Ҳуҷҷати мазкур ин номро ба он хотир гирифтааст, ки

варианти якуми тавсияҳо дар ш. Фраскати (Италия) дар соли 1963 қабул гардидаанд.

Мутобиқи стандарти байналмилалӣ (ки нисбат ба инноватсияҳои технологӣ истифода мешавад) инноватсия ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ муайян карда мешавад, ки дар шакли маҳсулоти нав ё мукаммалгардида ва дар бозор истифодашаванда, ҷараёни нав ё мукаммалшудаи ҷараёни технологӣ, ки дар фаъолияти амалӣ ё дар шакли муносибати нав нисбат ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад.

Махсусияти инноватсия, ҳамчун маҳсулот ва моли нави дар бозор фурӯхташаванда чунин муайян карда мешавад: сатҳи баланди номуайянӣ ҳангоми ба даст овардани натиҷаи ниҳоии илмию техникӣ ё хизматрасониҳо; хусусияти хоси маблағгузорӣ, ки ба таваккали ҷудошавӣ байни хароҷотҳо барои ташаккул додани инноватсия ва даромадҳо дар натиҷаи амалӣ намудани онҳо ба даст оварда мешаванд; хусусияти номуайяни талабот бо назардошти он ки пешниҳодҳои инноватсионӣ бояд нақши назаррас ва муайянкунанда дошта бошанд.

Соҳибкорӣ дар асл мухолифи шуғл аст, маънои он дар фароҳам овардани фоидаи иқтисодӣ барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон аст, истифодаи захираҳои иқтисодиро (аз ҷумла захираҳои ҳаётан муҳим) дар бар мегирад. Мақсади пешбарандаи соҳибкорӣ, ҳадафи он гирифтани фоида мебошад. Дар баробари ин, худи соҳибкор масъулият ва таваккал, аз ҷумла. ки аз сабабхое, ки аз у вобаста нестанд. Соҳибкорӣ озодиро дар интихоби фаъолият ва усулҳои рафтори худ, шарикон ва захираҳо талаб мекунад.

Ҷанбаи муҳими ифшои моҳияти соҳибкорӣ ташаккули ақидаҳо дар бораи шахсияти соҳибкор мебошад, ки барои онҳо хусусиятҳо ва сифатҳои зеринро ҷудо кардан лозим аст:

– неруи махсуси психологӣ, фаъолият, ташаббус, рохбарӣ, шуҳратмандӣ, майл ба комёбиҳои нав, вусъати фаъолияти худ, қобилияти худташкилкунӣ;

– қобилияти таҳия ва татбиқи идеяҳои тиҷоратӣ, пешниҳодҳо ва лоиҳаҳо, қабули қарорҳо;

– майл ба ҷустуҷӯи ғояҳо ва имкониятҳои нав, эҷодкорӣ, навоварӣ, тафаккури таҳлилӣ, қобилиятҳои эҷодӣ;

– дарк ва қабули номуайянӣ ва таваккал, қобилияти амал кардан дар ҳолатҳои номаълум, рафъи монеаҳо, зиддиятҳо ва «зарбаҳо», пайдо кардани роҳҳои алтернативии рушд, самти фаъолияти худ, аз нав муттаҳид кардани захираҳо;

– масъулият, қобилияти гузоштани ҳадафҳо ва қабули қарорҳо, арзёбии вазъият, пешгӯии тағирот, муайян кардани афзалиятҳо ва роҳи амал, оқилона амал кардан, баҳодиҳии натиҷаҳо ва самаранокӣ;

– малакаи ташкилотчигӣ, тамоюли муносибатҳои иқтисодӣ, ҳамкорӣ ва пешбурди идеяҳои худ, ба вуҷуд овардани сармояи ҷамъиятӣ;

– таҷрибаи инфиродӣ, дониш, малака, қобилияти омӯхтани рушди худ, рушди сармояи инсонии кормандон.

Ин сифатҳо нишон медиҳанд, ки соҳибкорон табақаи махсуси иҷтимоӣ буда, қувваи пешбарандаи иқтисодиётро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, нишонаҳо ва сифатҳои соҳибкориро метавон бо чунин мафҳумҳо ҷамъбаст кард: «қобилияти соҳибкорӣ», «иқтидори соҳибкор» (бо қобилият маҳдуд намешавад ва ба иқтидори соҳибкории иқтисодиёт баробар нест), «фаъолияти соҳибкорӣ» (хусусияти динамикӣ, ки амалисозии қобилияти соҳибкорӣ аз ҷониби одамонро ифода мекунад, раванди соҳибкориро тавсиф мекунад, фаъолияти соҳибкорони мавҷуда ва эҳтимолиро фаро мегирад) [3]. Соҳибкорӣ бо самти муайяни амалҳо, арзишҳо тавсиф мешавад, ки мутаносибан ба имкониятҳо ва шароити мавҷуда амалӣ карда мешавад, рушди қобилият ва потенсиали шахсии шахсро дар бар мегирад.

Соҳибкориро метавон дар заминаҳои гуногун баррасӣ кард: ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ (ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ), технологӣ (истифодаи технологияҳои муайян барои мақсадҳои гуногун), фарҳангӣ (системаи арзишҳо, эътиқодҳо, ғояҳо), институтсионалӣ (таъсиси сохторҳои расмӣ ва меъёрҳо, анъанаҳои ғайрирасмӣ), психологӣ (тамоюлҳо, орзуҳо, интизориҳо, майлҳо), рафторӣ (амалӣ кардани самтҳои рафторӣ дар доираи системаи ахлоқӣ), ташкилӣ (қобилияти муттаҳидшавӣ барои амалӣ ва ҳифзи манфиатҳо), иттилоот ва коммуникатсия (шабака, мубодилаи иттилоот) . Соҳибкорӣ қувваи пешбарандаи иқтисоди

бозорӣ, раванди динамикии рушди низоми иқтисодӣ мебошад.

Соҳибкорӣ дар сохтори иҷтимоӣ ва системаи институтҳои иҷтимоӣ сохта шудааст. Дарки соҳибкорӣ аз ҷониби ҷомеа ба динамика ва доираи самтҳои рушди он таъсири назаррас мерасонад. Дар баробари ин, асоси онтологии соҳибкорӣ корхона ҳамчун воҳиди хоҷагидорӣ (субъекти хоҷагидор), ки дар доираи қонунгузорӣ таъсис ёфта, дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, моликият мебошад; ба муносибатхои иктисодй дохил шудан ва гайра.

Рушди соҳаи соҳибкорӣ дар марҳилаҳои иқтисодӣ бо таъсири муҳими худ ба устувории иқтисодӣ, таъмини ҷойҳои корӣ ва навоварӣ алоқаманд аст. Дар марҳилаҳои аввали рушди иқтисодӣ, соҳибкорӣ имкониятҳои навро барои сохтани инфрасохтор ва ҷалби сармоя фароҳам меорад. Вақте ки иқтисод рушд мекунад, соҳибкорон бо пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои нав ба бозор, ба рушди рақобат ва беҳтар шудани сифати зиндагии мардум мусоидат мекунанд [8].

Аз нуқтаи назари таҳқиқоти мазкур на он қадар муҳим аст, ки мафҳуми «бизнес» ҳамчун мафҳуми дастаҷамъӣ барои шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад, балки он як низоми муайян, маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро ифода мекунад, ки ин мафҳумро барои шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ифода мекунад. дар раванди бозеозӣ бо тамоми хосиятҳо ва унсурҳои хоси худ (рақобатпазирӣ, ташкилӣ, таъсири мутақобила ва ғайра) инкишоф меёбанд. Дар ин бобат, «бизнес»-ро истифода бурдан мумкин аст, аз он чумла. маҷмуи корхонаҳо, шаклҳо ва чорабиниҳо муайян карда шавад. Ба вай мустақилият дар қабули қарор ва амал, истифодаи захираҳо хос аст.

Киселев таъкид мекунад, ки «соҳибкорӣ унсури асосии тиҷорат аст» [4], ки ин имконият медихад, ки ин мафҳумҳо муайян карда шаванд. Дар баробари ин, соҳибкории хурд номи қабулшудаи маҷмӯи корхонаҳои (фирмаҳои) хурди хусусии мустақил мебошад, ки расман ба ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ шомил нестанд. Инчунин, соҳибкории хурд ҳамчун фаъолияти иқтисодии субъектҳое фаҳмида мешавад, ки тибқи қонун чунин арзиш доранд.

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июли соли 2014. «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» омадааст, ки - соҳибкорӣ – фаъолияти мустақили ба таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст; (ҚҶТ аз 02.01.20 с., №1684), субъектҳои соҳибкорӣ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштаанд, ҳимояи субъекти соҳибкорӣ – ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъекти соҳибкорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [14].

Ба субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд:

- шахсони воқеӣ (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд), ки ба соҳибкорӣ машғуланд;
- шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратии резидент ва ғайрирезидент, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ), ки ба соҳибкорӣ машғуланд.

Субъектҳои соҳибкорӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

- хурд;
- миёна;
- калон.

Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол то 1000000 (як миллион) сомонӣ аст. (ҚҶТ аз 18.03.15с., №1194; аз 02.01.20 с., №1684)

Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Бартарии самтҳои инноватсионӣ дар бахш дигар вазифаҳои соҳибкории хурдро ба таври назаррас афзоиш медиҳад, зеро:

1) сохахои нави истифодабарии захираҳо, ҳаҷми бештари онҳо ва зиёд шудани истифодабарӣ;

2) эҷоди маҳсулоти нав, соҳаҳо (ё марҳилаҳои алоҳидаи занҷири арзиш), ҷараёни мубодилаи иқтисодӣ, сармоягузорӣ (бо самтҳо ва ҳаҷми нав тавсиф мешаванд), соҳаҳо, хизматрасонӣ, инчунин таъсир ба муассисаҳо, рақобат;

3) бо роҳи васеъ кардан ва тараққӣ додани соҳа.

**Хулоса.** Соҳибкорӣ дар моҳияти худ бо маҷмӯи мавҷудаи захираҳо, ба даст овардани даромади ҳадди аксар аз онҳо амал карда, дар соҳаҳои маълум амал мекунад. Соҳибкории

инноватсионӣ ба истифодаи тамоми имкониятҳои потенсиалӣ, ҷустуҷӯи идеяи нав, истифодаи технологияи нав, ба вуҷуд овардани навъи нави маҳсулот, усули хизматрасонӣ нигаронида шуда, ба самтҳои нави фаъолият ворид мешавад. Омили асосии муваффақият истифодаи захираҳо нест, балки татбиқи идеяи инноватсионӣ, ки омезиши нави захираҳоро дар бар мегирад (ки соҳибкор онро надорад), ҷустуҷӯи имкониятҳои иловагии тавсеаи бозор мебошад. Корхонаи инноватсионӣ метавонад фоидаи нави иқтисодӣ ба вуҷуд оварад ва ё донишу таҳияи андӯхтаашро барои истеҳсоли чунин манфиатҳо аз тарафи дигар субъектҳои хоҷагидор фурӯшад.

**Адабиёт**


1. Бозоров Ш.Ш., Сафаров Б.Г., Юнусов Б. Соҳибкории инноватсионӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: 2020. - 376 с.
2. Базаров, Ш. Ш. Инновационный менеджмент / Ш. Ш. Базаров, М. Н. Ашуров, Д. М. Назарамонова. – Душанбе : Душанбе 2020, 2020. – 301 с. – ISBN 978-99975-52-23-5.
3. European Commission [Электронный ресурс]. –URL: https://ec.europa.eu
4. Кисилев, А.П. Теория и практика современного бизнеса (или как создать фирму и работать на себя) /А.П. Кисилев. – К.: ЛИБРА, 1995. – 248 с стр9
5. Комилов, С. Д. Совершенствование управления инновационным развитием промышленных предприятий: / С. Д. Комилов, Ш. Сафар, Б. К. Шарипов. – Душанбе: Российско-Таджикский (Славянский) университет, 2024. – 212 с.
6. Курбонов, А. Р. Фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти рушди он / А. Р. Курбонов, Ҷ. А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No. 1(30). – P. 220-224.
7. Нусратзода, М. Н. Таъсири технологияҳои иттилоотӣ дар рушди соҳибкории инноватсионӣ / М. Н. Нусратзода, Н. Н. Нусратуллозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 1(56). – EDN OFVVMD.
8. Убайдуллозода, Ф. У. Ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф. У. Убайдуллозода // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2025. – No. 3(62). – P. 236-247.
9. Убайдуллозода, Ф. Ташаккулёбии механизмҳои институтсионалии рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ / Ф. Убайдуллозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 2(57).
10. Убайдуллозода, Ф. Соҳибкори инноватсионӣ дар таҳаввуллоти назарияи олимони ватанӣ: назария, методология, Амалия / Ф. Убайдуллозода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4(43). – P. 160-170.
11. Умаров, Ҳ. Идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ / Ҳ. Умаров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 4-1. – P. 14-21.
12. Файзулло, М. К. Оид ба масъалаи мазмун ва принсипҳои рушди соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. К. Файзулло, Б. М. Дӯстматов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – No. 3(37). – P. 251-253. – EDN TTSVKN.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 2, мод. 404; с. 2015, №3, мод. 216; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1436; аз 02.01.2020 с., №1684)



**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Убайдуллозода Файзулло Убайдулло** – н.и.и. дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14

**Сведения об авторе**

**Убайдуллозода Файзулло Убайдулло** - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансы, Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.

**About the author**

**Ubaydullozoda Fayzullo Ubaydullo –** Candidate of economic sciences, associate professor. Associate department finance of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

**УДК 658.5**

# АНАЛИЗ ЦИФРОВЫХ ИНСТРУМЕНТОВ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

**Шоасалов Н.К.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**Амонбекова З.А.**
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев
**Носирзода У.С.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотация.** В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты применения цифровых инструментов в сфере производственного предпринимательства. Проведён анализ ключевых технологий, включая ERP-системы, интернет вещей (IoT), искусственный интеллект (AI), машинное обучение и облачные вычисления. Особое внимание уделено их влиянию на повышение эффективности производственных процессов, оптимизацию использования ресурсов и совершенствование управленческих решений. Определены основные проблемы внедрения цифровых решений в условиях экономики Республики Таджикистан, среди которых выделяются высокая стоимость технологий, дефицит квалифицированных кадров и необходимость модернизации инфраструктуры. Результаты исследования подтверждают, что комплексная цифровизация производственного сектора является стратегическим направлением повышения конкурентоспособности и устойчивого развития национальной экономики.

**Ключевые слова:** цифровые технологии, производственное предпринимательство, ERP-системы, интернет вещей, искусственный интеллект, облачные вычисления, цифровизация, цифровые инструменты.

**Для цитирования:** Шоасалов, Н. К. Анализ цифровых инструментов повышения эффективности производственного предпринимательства / Н.К. Шоасалов, З.А. Амонбекова, У.С. Носирзода // Финансово-экономический вестник. – 2025. № 4(47). – С. 64-73.

# ANALYSIS OF DIGITAL TOOLS FOR INCREASING THE EFFICIENCY OF PRODUCTION ENTREPRENEURSHIP

**Shoasalov N.Q.**
Tajik State University of Finance and Economics
**Amonbekova Z.A.**
Khorog State University named by M. Nazarshoev
**Nosirzoda U.S.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract.** The article examines the theoretical and practical aspects of applying digital tools in the field of industrial entrepreneurship. The analysis covers key technologies, including ERP systems, the Internet of Things (IoT), artificial intelligence (AI), machine learning, and cloud computing. Special attention is given to their impact on improving production efficiency, optimizing resource utilization, and enhancing management decision-making. The main challenges of implementing digital solutions in the economy of the Republic of Tajikistan are identified, including the high cost of technologies, the shortage of qualified personnel, and the need for infrastructure modernization. The findings confirm that comprehensive digitalization of the industrial sector is a strategic direction for increasing competitiveness and ensuring sustainable development of the national economy.

**Keywords:** digital technologies, industrial entrepreneurship, ERP systems, Internet of Things, artificial intelligence, cloud computing, digitalization, digital tools.

# ТАҲЛИЛИ ВОСИТАҲОИ РАҚАМӢ БАРОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ

**Шоасалов Н.К.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет
**Амонбекова З.А.**
Хорогский государственный университет имени М. Назаршоева
**Носирзода У.С.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотатсия.** Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи абзорҳои рақамӣ дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ баррасӣ шудаанд. Таҳлили технологияҳои асосӣ, аз ҷумла системаҳои ERP, Интернети ашё (IoT), зеҳни сунъӣ (AI), омӯзиши мошинӣ ва ҳисоббарориҳои абрӣ анҷом дода шудааст. Ба таъсири онҳо дар баланд бардоштани самаранокии равандҳои истеҳсолӣ, беҳсозии истифодаи захираҳо ва такмили қарорҳои идоракунӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Масъалаҳои асосии татбиқи ҳалли рақамӣ дар шароити иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рақамикунонии мукаммали бахши истеҳсолӣ самти стратегӣ барои боло бурдани рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ ба шумор меравад.
**Калидвожаҳо:** технологияҳои рақамӣ, соҳибкории истеҳсолӣ, системаҳои ERP, Интернети ашё, зеҳни сунъӣ, ҳисоббарориҳои абрӣ, рақамикунонӣ, абзорҳои рақамӣ.

**Постановка проблемы.** В условиях активной цифровой трансформации экономики производственные предприятия сталкиваются с необходимостью повышения эффективности функционирования, оптимизации затрат и укрепления конкурентоспособности. Несмотря на значительные достижения в области цифровизации финансового сектора Республики Таджикистан, уровень интеграции цифровых технологий в производственные процессы остаётся недостаточным. Основными ограничивающими факторами являются высокая стоимость внедрения современных технологических решений, недостаточная цифровая готовность предприятий, а также дефицит квалифицированных кадров, обладающих необходимыми компетенциями в сфере информационных технологий и управления цифровыми системами.

**Анализ последних исследований и публикаций.** Вопросы цифровой трансформации производственного предпринимательства получили широкое освещение в научной литературе. В трудах А.О. Бианкиной [1] и Л.А. Бургановой [3] рассматриваются теоретические основы применения цифровых технологий и их влияние на эффективность управления экономическими процессами. Петров А.Р. [4] подробно анализирует специфику внедрения ERP-систем и их роль в интеграции производственных и управленческих функций предприятия. В «Стратегии развития искусственного интеллекта в Республике Таджикистан на период до 2040 года» [6] определены приоритетные направления цифровизации экономики, включая развитие технологий искусственного интеллекта и машинного обучения. Однако практические аспекты внедрения данных решений в производственную деятельность предприятий Таджикистана остаются недостаточно изученными и требуют дальнейших научных разработок.

**Цель исследования.** Целью данного исследования является системный анализ цифровых инструментов, способствующих повышению эффективности производственного предпринимательства, а также выявление условий и ограничений их внедрения в экономику Республики Таджикистан.

Для достижения поставленной цели в работе решаются следующие задачи:

- определить сущность и структуру ключевых цифровых инструментов (ERP-системы, интернет вещей, искусственный интеллект, облачные вычисления);

- исследовать их функциональные возможности и влияние на производственные процессы;

- выявить барьеры, препятствующие цифровизации производственных предприятий;

- определить перспективные направления развития и адаптации цифровых технологий в национальной промышленности.

**Изложение основного материала.** Современное производственное предпринимательство сталкивается с необходимостью повышения эффективности и конкурентоспособности в условиях цифровой трансформации. Внедрение цифровых технологий позволяет оптимизировать производственные процессы, снизить затраты и повысить качество продукции. При этом в современных условиях глобализации и цифровизации экономики, производственные предприятия Таджикистана сталкиваются с необходимостью адаптации к новым реалиям. Внедрение цифровых инструментов становится ключевым фактором повышения эффективности и конкурентоспособности.

В данной статье проводится анализ ключевых цифровых инструментов, применяемых в производственном секторе.

Каждое современное предприятие уже обязано иметь модель практического применения таких технологий, как CRM-системы, ERP-системы и Big Data, с помощью которых осуществляется взаимодействие с клиентами, организация деятельности предприятия и анализ больших данных. Благодаря digital-маркетингу формируется стратегия продвижения продукции и бренда компании на рынке, а офлайн-рынки становятся менее привлекательными для многих организаций, переходящих в онлайн-пространство и компьютеризацию [1].

В настоящее время в Республике Таджикистан концепция компьютеризации более значима в сфере электронных платежей и мобильных услуг. Как показано на диаграмме 1, по состоянию на 30 июня 2025 года общее количество электронных кошельков 27 кредитных финансовых организаций составило 15,7 млн единиц, что, по сравнению с аналогичной датой 2024 года, больше на 5,3 млн единиц (50,8 процента).





**Рисунок 1. Рост количество электронных кошелков (ед.)**

В период с января по июнь 2025 года через электронные кошельки было осуществлено 11 016,4 тыс. безналичных операций на общую сумму 1 713,2 млн сомони, что превышает показатели аналогичного периода предыдущего года на 27,7 % по количеству операций и на 41,3 % по объёму средств [2]. Указанная динамика свидетельствует о поступательном развитии цифровых финансовых инструментов и росте их популярности среди пользователей. Тем не менее, несмотря на

положительные тенденции цифровизации финансового сектора, данные процессы пока не оказывают значимого влияния на повышение эффективности предпринимательской деятельности в реальном (производственном) секторе экономики Таджикистана. Это обусловлено ограниченным использованием цифровых платёжных решений в производственных процессах, а также недостаточным уровнем интеграции финансовых технологий в системы управления и учёта предприятий.

Рассмотрим основные цифровые инструменты в производственном предпринимательстве.

**Системы управления ресурсами предприятия.** Существуют методы, с использованием которых могут быть построены эффективные системы управления предприятием. Название этих методов – Material Requirement Planning (-далее по тексту MRP), Manufacturing Resource Planning (-далее по тексту MRPII) и наиболее общий – Enterprise Resource Planning (-далее по тексту ERP) [3, с. 134]. ERP-системы обеспечивают интеграцию всех ключевых бизнес-процессов предприятия, способствуя повышению прозрачности управления ресурсами, оптимизации логистических операций и совершенствованию процессов планирования производства. Сущность и структурная схема функционирования ERP-системы представлена на рисунке 2.




**Рисунок 2. Сущность и структура ERP систем (планирование ресурсов предприятия)**

В своем исследовании Петров А.Р. подчёркивает, что комплексное внедрение ERP-систем в территориально распределённых организациях требует наличия функциональных возможностей, обеспечивающих поддержку многообразия и многоязычности в рамках единой информационной среды. Кроме того, система должна учитывать особенности различных организационных подразделений - как отдельных юридических лиц, так и предприятий - а также обеспечивать работу с несколькими планами счетов, учётными политиками и налоговыми режимами в рамках единой архитектуры. Такая универсальность рассматривается как ключевой фактор эффективного применения ERP-систем в холдинговых структурах и транснациональных корпорациях [4, 354-360с.].

В 1990-е годы на рынке ERP-систем в России и странах СНГ доминировала платформа SAP (рисунок 3), однако количество специалистов, обладающих глубокими знаниями и опытом работы с данной системой, остаётся ограниченным. Кроме того, внедрение решений SAP, как

правило, сопровождается значительными финансовыми затратами, что делает их использование доступным преимущественно для крупных корпораций.





**Рисунок 3. Платформа SAP**

В 2013 году компания «1С» представила программный продукт «1С:ERP Управление предприятием 2.0», который стал одним из наиболее значимых отечественных решений в сфере корпоративных информационных систем. Данный продукт успешно конкурирует с зарубежными аналогами, обеспечивая адаптацию к российской нормативно-правовой базе и специфике управления, и постепенно вытесняет их с внутреннего рынка [5].

В настоящее время функционирует обновлённая версия программного комплекса «1С:ERP Управление предприятием 2» релиз 2.5.24.62 от 14.10.2025, которая получила широкое распространение в деловой среде Республики Таджикистан. Данный программный продукт выступает в качестве одного из ключевых инструментов цифровой трансформации управления ресурсами предприятия, обеспечивая комплексную автоматизацию бизнес-процессов, адаптацию к национальной системе бухгалтерского и налогового учёта, а также повышение эффективности управленческих решений на уровне организаций различного масштаба.




**Рисунок 3. Платформа «1С:ERP Управление предприятием 2 (релиз 2.5.24.62 от 14.10.2025)»**

Несмотря на ограниченный опыт внедрения ERP-систем в специфических условиях Таджикистана, данный процесс может быть структурирован в соответствии с типовыми этапами, включающими обследование, планирование, адаптацию решения, обучение пользователей, перенос данных и ввод системы в промышленную эксплуатацию.

Вышеперечисленные пункты реализуются на основе архитектуры, показанной на рисунке 1.





**Рисунок 4. Архитектура IoT**

**Интернет вещей (IoT).** IoT-устройства собирают и анализируют данные в реальном времени, повышая прозрачность процессов и снижая вероятность сбоев в производстве. Рассмотрим некоторые возможности IoT для повышения эффективности производственных предприятий:

*Мониторинг и управление оборудованием:* датчики IoT позволяют контролировать состояние оборудования и прогнозировать его отказ, что снижает простои и затраты на ремонт.

*Оптимизация производственных процессов:* автоматический сбор данных с производственных линий позволяет корректировать параметры работы оборудования в режиме реального времени, повышая эффективность использования ресурсов.

*Снижение затрат на энергию:* IoT помогает анализировать энергопотребление и оптимизировать его за счёт интеллектуального управления энергоресурсами.

*Улучшение логистики и управления запасами:* умные сенсоры и RFID-технологии позволяют эффективно управлять цепочками поставок, минимизируя избыточные запасы и предотвращая задержки в поставках.

**Искусственный интеллект и машинное обучение.** В производственном предпринимательстве используются различные технологии искусственного интеллекта (ИИ) и машинного обучения (МО), которые помогают автоматизировать процессы, анализировать данные и принимать эффективные решения. Основными технологиями искусственного интеллекта, применяемыми в данной сфере, являются:

- Машинное обучение (ML, Machine Learning)
- Компьютерное зрение (Computer Vision)
- Обработка естественного языка (NLP, Natural Language Processing)
- Предиктивная аналитика (Predictive Analytics)
- Искусственные нейронные сети (ANN, Artificial Neural Networks)
- Генеративные модели (Generative AI, GANs и трансформеры)
- Роботизированные системы и автономные агенты
- Цифровые двойники (Digital Twins)
- Оптимизационные алгоритмы (Optimization Algorithms)

Все эти технологии помогают значительно повысить эффективность производства, сократить затраты, улучшить контроль качества и снизить влияние человеческого фактора.

Стратегия развития искусственного интеллекта в Республике Таджикистан на период до 2040 года направлена на реализацию четвертой стратегической цели-ускоренную индустриализацию страны. Искусственный интеллект рассматривается как новое и значимое явление, оказывающее существенное влияние на все сферы социально-экономического развития, особенно в условиях глобализации, научно-технического прогресса и активного внедрения передовых цифровых технологий.

За тридцать лет независимости Республики Таджикистан, благодаря привлечению как внутренних, так и иностранных инвестиций, удалось возродить сотни малых и крупных производственных предприятий, что способствовало созданию новых рабочих мест. Количество промышленных предприятий увеличилось с 1628 единиц в 1992 году до 2386 единиц в 2021 году. Более тысячи из них оснащены современным оборудованием, что создает предпосылки для внедрения технологий искусственного интеллекта в производственные процессы.

В то же время в Таджикистане часть предприятий продолжает функционировать на базе устаревшего оборудования и требует модернизации, внедрения новых технологических решений и цифровизации. Необходимо отметить, что по состоянию на 31 декабря 2021 года в промышленной сфере прекратили деятельность 90 промышленных предприятий и цехов, на которых было занято свыше 200 работников, что исключает возможность применения на них элементов искусственного интеллекта [6].

Следует отметить, что в ходе двусторонней встречи Президента Республики Таджикистан и Председателя Китайской Народной Республики, состоявшейся 17 июня в рамках Второго саммита «Центральная Азия — Китай», был подписан ряд новых документов, направленных на расширение и углубление двустороннего сотрудничества. Среди них особое значение имеет Меморандум о взаимопонимании в области искусственного интеллекта, заключённый между Агентством инноваций и технологий при Президенте Республики Таджикистан и Государственной комиссией по развитию и реформам КНР [7].

В соответствии с данным документом стороны выразили готовность к активизации взаимодействия в научно-исследовательской и образовательной сферах, что предусматривает:

- развитие университетских и прикладных программ в области ИИ;
- совместные научные исследования и проекты;

- обмен технологиями и подготовка специалистов;
- изучение методов обработки естественного языка и машинного обучения.

**Облачные вычисления.** Использование облачных технологий обеспечивает гибкость и масштабируемость IT-инфраструктуры, снижает затраты на техническое обслуживание и повышает безопасность данных.

Внедрение цифровых инструментов приводит к следующим преимуществам:

- повышение производительности и сокращение временных затрат;
- снижение издержек и увеличение прибыли;
- улучшение контроля и прогнозирования бизнес-процессов.

Технологии облачных вычислений позволяют пользователям получать доступ к вычислительным ресурсам - таким как серверы, хранилища данных, базы данных и приложения - из любой точки мира при наличии интернет-соединения. Это особенно важно для дистанционной работы, распределённых по всему миру команд. Производственные организации могут с лёгкостью увеличивать или сокращать объём используемых ресурсов в зависимости от текущих потребностей, что обеспечивает эффективное управление затратами и предотвращает избыточные расходы на неиспользуемые мощности [8, 419-427].

Однако существуют и проблемы, связанные с внедрением цифровых технологий, включая высокие первоначальные затраты, необходимость переобучения персонала и вопросы кибербезопасности. Использование ИИ и Big Data может также привести к возникновению этических вопросов, таких как дискриминация и обеспечение справедливости. Алгоритмы могут непреднамеренно усиливать предвзятость или дискриминацию в отношении определённых групп людей (например, в контексте трудоустройства или доступа к кредитованию). Поэтому важно разрабатывать системы, минимизирующие вероятность предвзятых решений на основе данных [9, 28-38с.].

В будущем ожидается дальнейшее развитие технологий ИИ и IoT, углубленная интеграция данных и расширенное применение предиктивной аналитики. Автоматизация и цифровизация продолжат трансформировать производственный сектор, повышая его адаптивность и устойчивость.

В 2023 году производство промышленной продукции в Таджикистане увеличилось на 10,3%. Основным фактором роста общего объема промышленного производства стал прирост производства в добывающей промышленности – на 7,3%, обрабатывающей промышленности – на 14,2%.В 2023 году всего действовало 3243 промышленных предприятия, из них 307 в добывающей промышленности, 2769 – в обрабатывающей промышленности [10]. Темпы роста этих показателей позволяют проведению в них процесса цифровизации.

**Заключение.** Результаты проведённого анализа свидетельствуют о том, что внедрение цифровых инструментов в производственное предпринимательство является необходимым условием повышения его эффективности, устойчивости и конкурентоспособности. Использование ERP-систем обеспечивает интеграцию бизнес-процессов и повышение прозрачности управления, применение технологий интернета вещей способствует оптимизации производственных и логистических операций, а искусственный интеллект и облачные вычисления открывают новые возможности для анализа данных и автоматизации управленческих решений.

Вместе с тем процесс цифровизации промышленного сектора Таджикистана характеризуется рядом проблем, связанных с ограниченными финансовыми ресурсами, недостаточной подготовкой кадров и слабой технологической инфраструктурой. Для преодоления данных барьеров необходимы системные меры государственной поддержки, развитие образовательных программ в области цифровых технологий, а также расширение международного научно-технического сотрудничества. Комплексная реализация этих направлений позволит обеспечить эффективное

внедрение цифровых инструментов и ускорить процессы модернизации национальной экономики.

**Список литературы**


1. Biankina A.O. Digital technologies and their role in the modern economy//Economy and society: the modern models of development. – 2017. – No. 16.
2. НБТ. Электронные денежные средства. [Электронный ресурс].–URL: https://nbt.tj/ru/payment_system/mablaghoi-elektroni.php (дата обращения: 20.10.2025).
3. Бурганова Л.А. Теория управления: Учебное пособие. / Л.А. Бурганова. 2-е издание, переработанное и дополненное. М.: ИНФРА-М, 2009 — 153 с. — (Высшее образование).
4. Петров А.Р. Системы управления ресурсами предприятия / Теория и практика современной науки, №12(54) 2019
5. Что такое ERP-системы, как выбрать подходящую и осуществить внедрение. [Электронный ресурс].–URL: https://ibtconsult.ru/about/articles/1138/ (дата обращения: 18.10.2025).
6. Стратегия развития искусственного интеллекта в Республике Таджикистан на период до 2040 года. Приложение 1 к постановлению Правительства Республики Таджикистан от "30" сентября 2022 года, №483.
7. Искусственный интеллект как новый вектор стратегического партнёрства: Таджикистан и Китай создают совместную рабочую группу. [Электронный ресурс].–URL: https://caravan-info.pro/iskusstvennyj-intellekt-kak-novyj-vektor-strategicheskogo-partnjorstva-tadzhikistan-i-kitaj-sozdajut-sovmestnuju-rabochuju-gruppu/ (дата обращения: 20.10.2025).
8. Osim Faraidunov. Contemporary Threats and Approaches to Ensuring Security in Cloud Computing, CYBERSECURITY, DIGITAL FORENSICS, AND AI APPLICATIONS. Proceedings of the 1st International Scientific and Practical Conference April 29–30, Almaty, 2025
9. Фарайдунов О.К., Хаитов С.П. Искусственный интеллект и большие данные: новые горизонты для устойчивого развития цифровой экономики. Сборник международной научно-практической конференции на тему «Цифровизация экономики как фактор экономического развития», Душанбе, 2024, 614 с.
10. Интернет-портал СНГ. В Таджикистане производство промышленной продукции увеличилось на 10,3%. [Электронный ресурс].–URL: e-cis.info/news/567/110753/ (дата обращения: 27.03.2025).



**Сведения об авторах**

**Шоасалов Наимджон Кудратович**-кандидат экономических наук, доцент кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: sh_naim86@mail.ru. Тел.: 902 528 686.

**Амонбекова Зухро Абдулвахидовна**-старший преподаватель кафедры

**About the authors**

**Shoasalov Naimjon**-Candidate of Economic Sciences (PhD equivalent), Associate Professor of the Department of Banking Activity, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe 734067, Republic of Tajikistan. E-mail: sh_naim86@mail.ru. Tel.: +992 902 528 686.

**Amonbekova Zuhro**-Senior Lecturer at the Department of Information Technology and

**Маълумот дар бораи муаллифон**

**Шоасалов Наимҷон Қудратович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: sh_naim86@mail.ru Тел.: 902528686.

**Амонбекова Зухро Абдулвахидовна** - муаллими калони кафедраи

информационных технологий и компьютерной безопасности Хорогского государственного университета. Адрес: 736000, Республика Таджикистан, г.Хорог, ул. Ш. Шотемур, 109. Тел.: (+992)935556581, E-mail: zuhroamonbekova148@gmail.com

**Носирзода Умеджон Саидджон**-соискатель 2-го года обучения по специальности 08.00.07 «Финансы, денежное обращение и кредит» кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 935 010 077.

Computer Security at the Khorog State University. Address: 109 Sh. Shotemur Street, Khorog, Republic of Tajikistan, 736000. Phone: (+992)935556581, E-mail: zuhroamonbekova148@gmail.com

**Nosirzoda Umedjon Saidjon** - second-year applicant in the specialty 08.00.07 “Finance, Monetary Circulation and Credit,” Department of International Financial and Credit Relations, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe 734067, Republic of Tajikistan. Tel.: +992 935 010 077.

технологияи иттилоотӣ ва амнияти компютерии Донишгоҳи давлатии Хоруғ. Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, кӯч. Ш. Шотемур 109. Тел.: (+992)935556581, E-mail: zuhroamonbekova148@gmail.com

**Носирзода Умедҷон Саидҷон –** унвонҷуи соли 2-юми ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарзи кафедраи муносибатҳои молиявӣ–қарзии байналхалқӣ Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 935010077.

**УДК: 338**

# САҲМИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

**Файзуллоева С.Ҷ.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур мубрамияти бунёд, инкишоф ва нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷараёни рушди иқтисодиёт ва сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.
Инчунин, муаяйн карда шудааст, ки дар фаъолияти корхонаҳои саноатии мамлакат аз фаъолияти самараноки минтақаи озоди иқтисодӣ амакунанда вобастагии зиёд дорад.
Ҳангоми баррасӣ намудани мақолаи мазкур аниқ карда шудааст, ки бешак барои инкишофи иқтисодиёти ҳар як кишвар аз он ҷумла кишвари мо ҳам мавқеи бевосита минтақаҳои озоди иқтисодӣ хело балан буда, фаъолияти пурсамари онҳо махсусан, ба рушди иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ мусоидат мекунад.
Қайд намудан ба маврид аст, ки нақши минтақахои озоди иқтисодии “Суғд“ ва минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” дар амалишавии ҳадафи саноатикунонии кишвар нишон дода шудааст. Ҳаҷми истеҳсолоти саноатии минтақаи озоди иқтисодии Суғд ва минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” мавқеи он нисбат ба дигар минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат ба риштаи таҳлил кашида шудааст.
**Калидвожахо:** минтақаҳои озоди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, саноат, иқтисодиёт, саноатикунонии босуръат, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, стратегияи мамлакат.
**Барои иқтибос:** Файзуллоева, С.Ҷ. Саҳми минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва технологияҳои муосир / С. Ҷ. Файзуллоева // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 74-82.

# ВКЛАД СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В ПРИВЛЕЧЕНИЕ ПРЯМЫХ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ И СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

**Файзуллоева С.Ж.**
Таджикского государственного финансово экономикий университет

**Аннотация.** В данной статье обсуждается актуальность создания, развития и роли свободных экономических зон в процессе развития экономики и прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан.
Кроме того, установлено, что деятельность промышленных предприятий страны в значительной степени зависит от эффективной деятельности свободной экономической зон.
При рассмотрении данной статьи уточняется, что для развития экономики каждой страны, в том числе и нашей, прямое положение свободных экономических зон очень велико, и их эффективная деятельность особенно способствует развитию национальной и региональной экономики.
Стоит отметить, что роль свободных экономических зон "Сугд “и свободной экономической зоны” Дангара" в реализации цели индустриализации страны показана. Объем промышленного производства Согдийской свободной экономической зоны и свободной экономической зоны "Дангара" был проанализирован на основе его позиции по отношению к другим свободным экономическим зонам страны.
**Ключевые слова:** свободные экономические зоны, промышленность, экономика, инвестиции, ускоренная индустриализация, свободные экономические зоны, государсвенное стратегия

# THE CONTRIBUTION OF FREE ECONOMIC ZONES IN ATTRACTING FOREIGN DIRECT INVESTMENT AND MODERN TECHNOLOGIES

**Fayzulloeva S.J.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Annotation**. This article discusses the relevance of the creation, development and role of free economic zones in the process of economic development and foreign direct investment in the economy of the Republic of Tajikistan.
In addition, it has been established that the activities of the country's industrial enterprises largely depend on the effective operation of free economic zones.
It is worth noting that the role of the free economic zones "Sugd " and the free economic zone ”Dangara“ in the realization of the goal of industrialization of the country has been shown. The volume of industrial production of the Sughd Free Economic Zone and the Dangara Free Economic Zone was analyzed based on its position in relation to other free economic zones of the country.
**Keywords:** free economic zones, industry, economy, investments, accelerated industrialization, free economic zones, state strategy.

**Гузориши масъала.** Дар шароити кунунӣ инкишофи бемисли муномибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ҳамчун шакли фаъолияти самаранок ҷараён гирифта, фаъолияти давлатҳоро дар ин самт бениҳоят фаъол мегардонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёташ ба низоми иқтисоди бозорӣ ва сиёсати давлатии «дарҳои боз» мансуб аст, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба маврид буда, ба вазифаву ҳадафи стратегияи миллии рушди давлатамон мувофиқ мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва рушди хоҷагии ҷаҳон нақши калидиро соҳиб шудааст. Кишварҳои ҷаҳон бо мақсади иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат самтҳои ғайрианъанавии иштироки худро пешкаш намуда, модели инноватсионии тараққиёти иқтисоди миллиро, ки ба маркетинги байналхалқӣ нигаронида шудааст, интихоб менамоянд.

Қобили қайд аст, ки дар рушди иқтисодиёти кишварҳо махсусгардонии содиротӣ яке аз тадбирҳои стратегияи иқтисодӣ мансуб дониста мешаванд, дар ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифода меёбад. Айни замон ин гуна минтақаҳо дар бисёр кишварҳои ҷаҳон фаъоланд ва дар рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоии онҳо ҷойгоҳи хосро ишғол намудаанд.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ба омӯзиши таҳқиқотҳои Ҳакимов А.Ҳ., Рачабов Қ., Ғаффаров Ф.М. ва дигарон назар намудааст. Ҳамзамон зимни омодакунии маводи мазкур аз қонунҳо, барномаҳои соҳавӣ истифода шудааст.

**Мақсади мақола** омӯзиши саҳми минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва технологияҳои муосир маҳсуб меёбад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Мақсад асоси аз таъсиси онҳо ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ, нерӯ бахшидан ба содирот, зиёдгардонии воридшавии даромади арзӣ, бархурдор будан аз таҷриба ва технологияи инноватсионӣ, навсозии тавозуни пардохти мамлакат ва бо ҳамин самт рушди иқтисоди миллӣ ва воридшавӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон мебошад.

Ҳамзамон қайд намудан ба маврид аст, ки қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташабусе буд, ки барои рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии давлат ва иштироки он дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мусоидат менамояд. Қонуни мазкур ба асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилию иқтисодии таъсис, фаъолият ва барҳамдиҳии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон поягузорӣ намуда, масъалаҳои маблағгузорӣ ва фаъолияти соҳибкориро дар минтақаи озоди иқтисодӣ ба танзим медарорад.

Ба ақидаи мо ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳарчи зарурати воқеӣ дорашта бошад ҳам, аммо дар амал тадбиқ намудани ин ҳадаф бе таъсиси асосҳои ҳуқуқии он, кафолатҳои давлати қабулкунанда муяссар намешавад. Аз ин лиҳоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ин гуна кафолатҳои давлатӣ қатъиян чунин иброз дошт: «Имрӯз потенсиали захираҳои Тоҷикистон ва зербинои қонунгузории мавҷуд, ки ба шароит ва талаботи иқтисоди ҷаҳонии нав созгорӣ доранд, кишвари моро ба минтақаи мусоид барои сармоягузорӣ табдил додаанд. Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти ҳамаи ононеро, ки мехоханд ба фаъолияти иқтисодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бипардозанд, замонат медиҳанд» [7, с.4].

Бояд қайд намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ минтақаҳои озоди иқтисодӣ сохтори ташкилию иқтисодие мебошанд, ки ҳоло дар хоҷагии ҷаҳон рушд ёфта, дар сро сари давлатҳои дунё, новобаста аз рушди иқтисодӣ ва сатҳу сифати рушди иҷтимоии онҳо, бунёд гардидаанд ва бо ин восита барои интегратсияи иқтисодии кишварҳои ҷаҳон ва субъектҳои иқтисодӣ мусоидат намуда, ба рушди низоми робитаҳои ҷаҳонӣ сабаб мегарданд.

Бояд зикр намоем, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳама гуна шароит иникоскунандаи рушди муносибатҳои истеҳсолию технологӣ, тиҷоратию молиявӣ ва инноватсионии кишварҳо буда, ба мавзеи инкишофи муносибатҳои бозорӣ, таҳвили технологияҳои истеҳсолӣ ва санъати идоракунӣ, инуишофи соҳибкорӣ мубаддал гаштаанд. Мусалам аст, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун ҷузъи алоҳидаи муайянкардашудаи қаламрави мамлакат нисбат ба ҳудуди боқимондаи он аз баъзе имтиёзҳо бархӯрдор мешавад, молҳои ба он воридшаванда аз боҷи гумрукӣ, андози воридотӣ, инчунин, аз баъзе намудҳои назорати гумрукӣ қисман ё пурра озод карда мешаванд. Аслан дар қисми боқимондаи қаламрави давлат нисбат ба молҳои воридотӣ аз рӯйи қонунгузории амалкунанда низоми дигари гумрукию андозгузорӣ ҷорӣ мешавад. Дар ин ҷо бояд қайд намуд, ки қонунгузорӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ инвесторон ва корхонаҳоро аз ҳама гуна уҳдадориҳо ва тартиботи иқтисодии вуҷуддошта озод намекунад. Бинобар ин, «озодӣ» дар минтақа на ба маънои мутлақ, балки ба маънои нисбӣ фаҳмида мешавад, яъне ба тариқи пешниҳоди имтиёзҳое, ки соҳибкориро ҳавасманд мегардонанд, ба мизоҷон сабукиҳо дода мешаванд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин таърифи ин минтақаҳо дар моддаи 1 зикр шудааст: «Минтақаи озоди иқтисодӣ – қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҳудуди он на фақат низоми махсуси гумрукию андозӣ, балки тартиби содакардашудаи рафтуомади ғайрирезидентҳо ва меъёрҳои имтиёзноки истифодаи захираҳои табиӣ амал мекунад» [1, с.4].

Аз ин лиҳоз, таърифи мафҳуми мавсуф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ақидаи мо, бояд чунин ифода гардад: минтақаи озоди иқтисодӣ - қисми алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави кишвар мебошад, ки дар ҳудуди он давлат ба ҷараёни иқтисодӣ интихобан камтар дахолат менамояд, низоми махсуси гумрукию андозӣ, тартиби содакардашудаи рафтуои ғайрирезидентҳо ва меъёрҳои имтиёзнок дар фаъолиятбарии хоҷагидорӣ ва истифодаи захираҳои табиию истехсолӣ амал мекунанд.

Бояд зикр намоем, ки, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин роҳи самараноки ҷалби сармоягузории хориҷӣ инчунин вориди технологияи инноватсионӣ буда, ба паҳлуҳои асосии инкишофи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ созгор мебошанд.

Боиси қайд аст, ки иқтисоди бозаргонӣ зарурати ошкор сохтани стратегияи дохилшавии ҷумҳуриро ба иқтисоди ҷаҳонӣ талаб менамояд. Чунки ки, фаъолияти самаранокии истеҳсолоти корхонаҳо дар мавриди иштироки онҳо дар тақсимоти байналхалқии меҳнат баланд бардошта шавад. Илова бар ин, дар асоси рақобат ва интегратсия дар маркетинги байналхалқӣ нишондиҳандаҳои баландбардотт сифатии маҳсулот, азхудкунии комёбиҳои илму техникӣ, инноватсионӣ, такмили истеҳсолот,

баланбардории ҳосилнокии меҳнат, бархурдории аз усулҳои нави идоракунӣ, такмили ихтисоси ҳайати кормандон ва ғайраро амалӣ намуда, иқтисодиёти миллӣ характери воқеан кушодро соҳиб шавад.

Ҳамзамон қайд намудан ба маврид аст ки рушду равнақ додани муносибатҳои иқтисодиии байналхалқӣ тамоми кишварҳо аз ан ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъсиси ҳамкориҳои вобаста бо ҳаракати байналхалқии сармоя вобаста мебошанд ва аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар, ки аз гнавсозии истеҳсолот ва дар аксар соҳаҳо пурра аз таҷдиди технологияро тақозо менамояд, ба сармоягузориҳоиҳои бениҳоят зиёд ниёз доранд.сармоягузорӣ кардани ин маблағ дар мӯҳлати кӯтоҳ аз дохили давлат имконнопари мебошад.

Аз ин лиҳоз, дар дар замони муосир раванди ҳаракати байналхалқии сармоя ба таври васеъ бо истифодаи комёбиҳо дар соҳаи фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва технология, корҳои таҷрибавию конструкторӣ, идоракунӣ ва амсоли онҳо алоқаманд аст. Нақши асосиро ба сифати омили рушди иқтисодиёти бозорӣ, пайвастаии иқтисодиёти мамлакат бо иқтисоди ҷаҳон, истифодаи тактикаи инноватсионии идора, ташакули рақобат байни субъектҳои хоҷагидорӣ сармояи хориҷӣ мебозад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳудуди муайяни мамлакат барои рушду равнақи сармояи хориҷӣ поягузорӣ намуда, дар шароити ҳозира ба яке аз намудҳои муборизаи рақобатноки мамлакатҳо барои ҷалб кардани сармояи хориҷӣ мубаддал мегарданд.

Ҳамзамон дар натиҷаи глобализатсия ва рушди бемайлони муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз қабили Минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим», «Данғара», «Суғд», «Панҷи поён», ва «Кӯлоб» ҷорӣ карда шудааст, аммо таваҷҷуҳи сармоягузорони дохилу хориҷӣ вобаста ба мавқеи ҷуғрофии онҳо сурат мегирад.

Бояд қайд намоем, ки мавҷудияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои рушди кишвар муҳиму муфид арзёбӣ мешаванд. Зеро дар минтақаҳо бунёди корхонаҳои саноатӣ–истеҳсолӣ зиёд гардида, ҷойҳои нави корӣ бештар мешавад. Қайд намудан ба маврид аст, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар соли 2024 114 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 11% фоиз зиёд мебошад. Аз оғози фаъолияташ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ 1625 ҷойи корӣ таъсис дода шуда, ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба 2499 миллион сомонӣ расидааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бошад дар соли 2024 523 миллион сомониро (76 миллион сомонӣ бештар нисбат ба соли 2023) ташкил медод. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ 2988 миллион сомониро ташкил дод [9].

Маълумотҳои оморӣ нишон доданд, ки то 1 январи соли 2025 дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ 107 ширкати ватаниву хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 41 субъект дар минтақаи озоди иқтисодии Суғд, 36 субъект дар минтақаи озоди иқтисодии Данғара, 9 субъект дар минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб”, 17 субъект дар минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ” ва 4 субъект дар минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим”. Танҳо дар соли 2024 дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 24 субъект ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 7 субъект дар МОИ «Суғд», 9 субъект дар МОИ «Данғара», 6 субъект дар МОИ «Панҷ» ва 2 субъект дар МОИ «Кӯлоб» [9].

**Ҷадвали 1. - Тавсифи умумии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номи МОИ | Ҷойгиршавӣ | Санаи таъсисёбӣ (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ) | Масоҳати умумӣ, га. | Муҳлати фаъолия, сол | Шакли МОИ | Шумораи субъектҳо (дар соли 2022) | Мизони андозҳои амалкунанда дар МОИ, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Суғд | ш.Хуҷанд, минтақаи ҷанубу ғарбии | №1146аз 29.10.2008 | 320 | 25 | Минтақаи саноатӣиннова тсионӣ | 41 | Андози иҷтимоӣ (20 %) Андоз аз даромад (13%) |
| Панҷ | в.Хатлон н.Ҷайхун, минтақаи Қарадум | №1147аз 29.10.2008 | 401,6 | 25 | Минтақаи комплексӣ | 17 | Андози иҷтимоӣ (20 %) Андоз аз даромад (13%) |
| Данғара | в.Хатлон н.Данғара | №1545аз 20.01.2010 | 521,3 | 25 | Минтақаи истеҳсолӣинно ватсионӣ | 36 | Андози иҷтимоӣ (20 %) Андоз аз даромад (13%) |
| Ишкошим | ВМКБ, н. Ишкошим | №1545аз 20.01.2010 | 200 | 25 | Минтақаи истеҳсолӣтиҷоратӣ | 4 | Андози иҷтимоӣ (20 %) Андоз аз даромад (13%) |
| Кӯлоб | в.Хатлонш. Кӯлоб | №97 аз 1.03.2019 | 309 | 25 | Минтақаи саноатӣиннова тсионӣ | 9 | Андози иҷтимоӣ (20 %) Андоз аз даромад (13%) |

**Манбаъ:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳқиқишуда тартиб дода шудааст.

Чунончи таҳлилҳои оморӣ нишон доданд, дар соли 2024, 6 корхона ба истифода дода шуд, ки дар онҳо 157 адад ҷойҳои кории нав бунёд карда шуд. Агар фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро таҳлил намоем шуруъ аз оғози фаъолият дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ 1625 ҷойи холии корӣ таъсис дода шудаанд, ҳаҷми умумии сармоягузорӣ башад ба 2 миллиону 499 миллион сомонӣ расид. Аслан корхонаҳое, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият доранд бештар ба истеҳсоли мотороллерҳои баркӣ, рангҳои сохтмонӣ, маснуоти металлу пластикӣ, конструксияҳои металлӣ, профилҳои алюминию пластикӣ барои дару тиреза, қубуру зарфҳои пластикӣ, симҳои баркӣ, дару тирезаҳои чӯбӣ, маснуоти бинокории ороишӣ, мебелу ҷиҳози хона ва маводи шустушӯй машғуланд.

Субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз оғози кор то имрӯз ба буҷети давлатӣ 386 миллион сомонӣ боҷи гумрукӣ ва андоз супурдаанд, ки ин нисбат ба маблағҳои аз буҷети давлатӣ барои рушди инфрасохтор ва нигоҳдории минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷудошуда қариб 3,5 баробар зиёд мебошад.

Ҳамчунин қайд намудан муҳим аст, ки зимни сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд 30 марти соли 2025 дар минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» корхонаҳои ҶДММ «Точпанел» ва ҶДММ «КМ ТТ Афранг пластик» расман ифтитоҳ ёфтанд. Тибқи лоиҳаи сармоягузорӣ,

фаъолияти ҶДММ «Тоҷпанел» ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (панелҳо) нигаронида шуда, ҳаҷми умумии сармоягузорӣ зиёда аз 5,5 миллион сомониро ташкил дода, иқтидори истеҳсолӣ 30 000 м2 панел дар як сол мебошад. ҶДММ КМ ТТ «Афранг Пластик» дар доираи лоиҳаи сармоягузорӣ ба истеҳсоли профилҳои пластикӣ машғул буда, ҳаҷми умумии сармоягузорӣ 13 миллион сомониро ташкил медиҳад. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 4000 тонна профилҳои пластикӣ буда, баъди пурра ба кор даромадани корхона беш аз 100 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин хоҳанд шуд. Дар маҷмуъ, аз оғози фаъолият шуруъ аз соли 2008 ба минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузории мустақим ба маблағи 1,72 миллиард сомонӣ равона шудааст, ки нишондиҳандаи баланд дар шароити муосири кишвар арзёбӣ мегардад.

Инро боян қайд намуд, ки шарту шароите, ки дар минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” фароҳам оварда шудааст, нисбати дигар минтақаҳо тафовуткунанда мебошад, ин метавонад боиси бозҳам бештар ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ заминаи устувор гузорад. Аммо бо вуҷуди ин дастовардҳо, дар ин самт мушкилотҳое мавҷуданд, ки яке аз он таваҷҷӯҳи ками соҳибкорони истеҳсолӣ ба ин минтақа мебошад. Зеро, таъиноти фаъолияти МОИ “Суғд” асосан ба саноати инноватсионӣ равона карда шудааст ва соҳибкорони моро зарур аст,ки бештар ба истеҳсоли маҳсулоти наву рақобатпазир такя кунанд, ки мутаасифона ҳолати воқеӣ ин тавр нест. [9]

Ба ақидаи мо, сабаби асосии таваҷҷӯҳи ками соҳибкорон ба ин минтақа, набудани мутахассисони баландихтисосе, ки дар самти татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ ва ворид намудани технологияи инноватсионӣ дар соҳаи саноат фаъолият мекунанд.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти иқтисодии МОИ “Суғд” дар солҳои 2018-2023**

| Солҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи субъектҳо: (адад) | 29 | 30 | 30 | 30 | 35 |
| Ҷойи корӣ:(нафар) | 599 | 668 | 774 | 799 | 910 |
| Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонӣ (млн. сомонӣ) | 167,5 | 169,9 | 301,2 | 412,5 | 376,4 |
| Ҳаҷми фурӯши маҳсулоти содиротии субъектҳо (млн. сомонӣ) | 42,5 | 43,5 | 105,2 | 135,3 | 134,7 |
| Ҳаҷми сармоягузории мустақим (млн. сомонӣ) | 9,5 | 17 | 18,1 | 23,7 | 32,0 |
| Андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ: (ҳазор сомонӣ) | 3199,6 | 4428,8 | 5291,8 | 4954,3 | 6130,0 |
| Боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои АА: (ҳазор сомонӣ) | 20417,7 | 21011,3 | 31844,4 | 33592,1 | 35791,9 |

**Манбаъ:** Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024. – С. 357-361.

Таҳлилҳо гувоҳи онанд,ки сол ба сол дар минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” ва “Суғд” фаъолият пурсамартар мегардад. Дар ин ҷо корхонаҳои муосири ресандагию бофандагӣ, нассоҷӣ, коргоҳҳои рангсозию рангомезӣ ва дигар намуди фаъолият ба чашм мерасанд.

Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти муносибатҳои иқтисодӣ, равобити беруна, ҳамкориҳои байналмилалӣ ба истифодаи усули ҷалбкунии сармоя тавассути минтақаҳои озод шуруъ намуд ва ин иқдом дар оянда бояд густариш ёбад.

Ислоҳот дар муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ тақозо мекунад, ки ҳамаи

воситаҳои бозорӣ, аз ҷумла имкониятҳое, ки аз таъсисдиҳӣ ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ бармеоянд, самаранок истифода шаванд.

Бояд инро қайд намуд, ки барои расидан ба ҳадафи чаҳоруми миллӣ саноатикунонии босуръати кишвар нақши минтақахои озоди иқтисодӣ (МОИ) хело ҳам муҳим мебошад. Дар минтақаи озоди иқтисодӣ бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, технологияи нави муосир, ашёи хоми ватанӣ ва қувваи корӣ баҳри рушди иқтисоди миллӣ ва афзун гардидани номгӯи маҳсулоти ватанӣ ва ҳаҷми он шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешавад.

Чунин шуморидан мумкин, агар тамоюли рушди соҳаи саноати кишвар дар заминаи фаъолияти босамари минтақаҳои озоди иқтисодӣ босуръат амалӣ шуда, давоми ҳар сол ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ афзун гардад, ҳатман ба ҳадафи миллӣ ноил мегардем.

Бинобар ин, дар марҳилаи рушди иқтисодиёти миллӣ ва мунтазам амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат аз ҷониби Пешвои миллат эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ саноатикунонии босуръати кишвар амали саривақтист [4, с.4].

Мақсад аз эълон гардидани ҳадафи мазкур, пеш аз ҳама, дар кишвар, хусусан дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ, ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, алалхусус хӯрокворӣ ва ба содирот нигаронидани он, ташкил кардани корхонахои нави саноатӣ ва дар ин замина, бо ҷойи кори ҳарчи бештар таъмин намудани аҳолӣ, рақобатпазир кардани маҳсулоти дохилӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва афзун гардонидани истеҳсоли махсулоти ватании воридотивазкунанда, дастрасӣ ба технива ва технологияи инноватсионӣ, дар раванди саноатикунонии кишвар самтҳои афзалиятнок ба шумор мераванд.

Дар ин асос маҳз дар ҷараёни саноатикунонӣ тайғироти назаррас ба миён омада, дар натиҷа бозори ҷаҳонии маҳсулот ва ҳамаи намуди хизматрасониҳо ташаккул ёфта, дар навбати худ, ҳавасмандии сармоягузорӣ ва рушди минбаьдаи иқтисодёт авҷ мегирад. Ин амал ба он оварда мерасонад, ки бахшҳои алоҳидаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ афзун гардад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки механизми минтақаҳои озоди иқтисодӣ имтиёзҳоро дар се самти асосии тиҷорат пешбинӣ мекунанд: имтиёзҳои андоз ва гумрук, маблағгузории давлатии инфрасохтор ва коҳиши монеаҳои маъмурӣ.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қисми қаламрави мамлакат барои гузоштани сармояи хориҷӣ поягузорӣ намуда, дар айни ҳол ба яке аз шаклҳои муборизаи рақобатноки мамлакатҳо барои ҷалб кардани сармояи хориҷӣ мубаддал мегарданд.

Соли 2019 минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" таъсис дода шуд, ки шакли фаъолияташ истеҳсолӣ буда, ҳадафи асосии таъсиси Минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои нави кори, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, беҳтарсозии қобилияти харидорӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоии минтақа маҳсуб меёбад. МОИ «Кӯлоб» яке аз ҷавонтарин минтақаҳои иқтисодии кишвар мебошад. Он дар вилояти Хатлон ҷойгир буда, ба рушди саноати нассоҷӣ ва кишоварзӣ нигаронида шудааст. Ба ҷалби сармоя барои коркарди пахта ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри нассоҷӣ диққати махсус дода мешавад.. Мавзеи ҷойгиршавии минтақаи озоди иқтисодии мазкур барои бунёди корхонаҳои саноатӣ ва рушди инфрасохтори минтақа нақши муҳим бозида, дар масофаи 70 км аз Ҷумҳурии исломии Афғонистон, 250 км аз Ҷумҳурии Узбекистон, 500 км Қирғизистон ва 800 км аз Чин қарор доштани он барои ҷалби сармояи дохилию хорҷӣ ва содироти маҳсулоти истеҳсолгардида ба кишварҳои ҳамсоя заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар баробари ин, дар масофаи наздик ба минтақаи иқтисодии мазкур қарор доштани Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб (1,5 км) истгоҳи роҳи оҳан (18 км) роҳи автомобилгарди байналмилалӣ “Душанбе-Кӯлоб-Қалъаи Хум” (14 км) ва роҳи минтақавии “Восеъ-Ховалинг” 7км

метавонад барои пешбурди фаъолияти минбаъдаи он ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоя заминаи устувор гузорад. Дорои 8 субъект мебошад . [9]

Феълан субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба истеҳсоли конструксияҳои металлӣ, профилҳои алюминию пластикӣ барои дару тиреза, қубуру зарфҳои пластикӣ, кабелҳои барқӣ, рангҳои сохтмонӣ, маснуоти металлӣ-пластикӣ, дару тирезаҳои чӯбӣ, маснуоти ороишии сохтмон, мебел ва маводи шустушӯй машғуланд, ин намуди маҳсулоҳо солҳои қабли бо шумораи зиёд аз хориҷи кишвар бо нархҳои баланд ворид мешуд. Бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави мамлакат ба содирот неру бахшида ҳаҷми воридод бошад коҳиш дод, ки ин ба болоравии вазъи иқтисоди кишвар мусоидат менамояд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки фаъолияти пурра ва устувори минтақаҳои озоди иқтисодӣ имконият медиҳад, ки мушкилоти дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, хусусан дар тамоюли босуръати рушди иктисодӣ-иҷтимоӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, паст намудани сатҳи бекорӣ, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, ташкил додани ҷойҳои нави кории инноватсионӣ, муҷаҳҳаз шудан бо техника ва технологияи муосир ва ғайра ҷойдошта ҳал карда мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло равшан аст, ки барои ноил шудан ба фаъолияти оптималию самараноки минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро бояд анҷом дод.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки барои беҳтар намудани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ ва рушду нумуи онҳо, як қатор мушкилот низ ҷой доранд.

Мушкилот вобаста ба дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаҳо, аз ҷумла, кашондани хати об, барқ, маҳкам намудани гирду атроф ва сохтмони бинои миаъмуриятҳо мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ба рушди иқтисодиёти минтақаҳо таъсири назаррас мерасонад ва инчунин ба ҳалли масъалаҳои бунёдии иқтисодӣ, татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои стратегӣ мусоидат мекунад. Мавқеи МОИ дар иқтисоди ҷаҳонӣ пайваста афзуда, онҳо дар 60%- и давлати дунё фаъолияти босамар доранд, ки дар афзоишу содироти 155 - маҳсулот ва шуғли аҳолӣ саҳми назаррас дорад. МОИ метавонанд ҳамчун як платформаи таҷрибавӣ барои барномаҳои минтақавии рушди тиҷорати хурд баромад кунанд.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки ташкил ва рушду равнақи минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолияти самараноки равандҳои иқтисодиро муайян намуда, дар навбати худ афзоиши содирот, афзоиши шуғли аҳолӣ, рушди соҳаи саноат ва азхудкунии босуръати технологияҳои навро таъмин менамояд. Таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон ба ҷалби сармоя, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти саноатӣ ва рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт нигаронида шудааст, ки ба рушди умумии иқтисодии кишвар мусоидат мекунад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» (Тағйири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 02.01.2019 № 1581).
2. Маҷмуаи оморӣ Тоҷикистон: 29 соли истиқлолияти давлатӣ,- Душанбе, 2020.
3. Ҳакимов А.Ҳ., Рачабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ-Душанбе: «Ирфон», 2009; -35с.
4. Ғаффаров Ф.М. Нақши сармоягузорӣ ва минтақаи озоди иқтисодӣ дар раванди саноатикунонии кишвар/мақолаи илмӣ /Ахбори Донишгоҳи миллӣ Душанбе: 2019. 130-139с.
5. Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар соли 2024. 385с.

6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – 465 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 28.12.2024. ш. Душанбе. www.prezident.tj. (санаи мурочиат: 16.04.2025).
8. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон //www.investcom.tj. (санаи мурочиат: 15.004.2025).
9. Сомонаи расмии Минтақаи озоди иқтисодии-Ҷумуурии Тоҷикистон // info@fez.tj. (санаи мурочиат: 11.04.2025).

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Файзуллоева Сарвиноз Ҷумаевна** – н.и.и., Донишгоҳи Давлатии молияи Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, ноҳияи Сино, хиёбони Нахимова 64/14. E-mail. Fayzulloeva.s80@mail.ru, Телефон: (+992) 981-01-06-20).

**Сведения об авторе**

**Файзуллоева Сарвиноз Джумаевна** – Таджикский Государственный Финансового Экономический Университет, к.э.н.. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Сино, улица Нахимова 64/14. E-mail. Fayzulloeva.s80@mail.ru, Телефон: (+992) 981-01-06-20).

**About the author**

**Faizulloeva Sarvinoz Jumaevna** - Tajik State Financial and Economic University, PhD in Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino Avenue, Nakhimov Street 64/14. E-mail. Fayzulloeva.s80@mail.ru, Phone: (+992) 981-01-06-20).

**УДК: 339.3**

# ТАМОЮЛҲОИ МУОСИРИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ САБЗ

**Мариншоев М.М.**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар мақола гардиши чаканаи мол вобаста ба минтақаҳо, шумораи корхонаҳои савдои чакана, сохтори гардиши моли чакана аз рӯи гуруҳҳои молҳо, хароҷотҳои миёнаи истеъмолӣ ба як аъзои хонавода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Муаллиф тамоюлҳои муосири рушди савдои чаканаро дар шароити иқтисоди сабз муайян намуда, баён намудааст, ки ба суръати рушди савдои чакана тамоюлҳои экологӣ, рушди технологияи рақамӣ, тиҷорати электронӣ, самаранок истифода намудани энергия дар корхонаҳои савдои чакана, истеъмоли устувор, омӯзиши кормандон, эко-логистика, инноватсия дар савдои чакана таъсир мерасонанд.
**Калидвожаҳо:** рушди савдои чакана, гардиши чаканаи мол, иқтисоди сабз, тамоюлҳои экологӣ, рушди устувор, тиҷорати электронӣ, истеъмоли устувор.
**Барои иқтибос:** Мариншоев, М. М. Тамоюлҳои муосири рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди сабз / М. М. Мариншоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 83-91.

# СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В УСЛОВИЯХ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Мариншоев М.М.**
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

**Аннотация.** В статье анализируется розничный товорооборот ро областям, количества предприятий розничной торговли, структура розничного товорооборота по группам товаров, средние потребительские расходы на одного члена домохозяйства в месяц в Республике Таджикистан. Автор определил современные тенденции развития розничной торговли в условиях зеленой экономики и констатировал, что скорость развития розничной торговли включает в себя экологические тенденции, развитие цифровых технологий, электронной коммерции, эффективное использование энергии в розничной торговие предприятия, устойчивое потребление, обучение сотрудников, экологическая логистика, инновации в розничной торговле.
**Ключевые слова:** развитие розничной торговли, розничное товарообращение, зеленая экономика, экологические тенденции, устойчивое развитие, электронная коммерция, устойчивое потребление.

# MODERN TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF RETAIL TRADE IN THE GREEN ECONOMY CONDITIONS

**Marinshoev M.M.**
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

**Annotation.** The article analyzes retail turnover in the regions, the number of retail enterprises, the structure of retail turnover by product groups, average consumer spending per household member per month in the Republic of Tajikistan. The author identified current trends in the development of retail trade in a green economy and stated that the speed of development of retail trade includes environmental trends, the development of digital technologies, e-commerce, efficient use of energy in retail businesses, sustainable consumption, employee training, environmental logistics, innovation in retail trade.
**Keywords:** development of retail trade, retail circulation, green economy, environmental trends, sustainable development, e-commerce, sustainable consumption.

**Гузориши масъала.** Дар шароити иқтисоди бозорӣ нақш ва аҳаммияти савдои чакана ҳамчун соҳаи асосии хизматрасонӣ боз ҳам бештар мегардад. Савдои чакана ба суръати рушди иқтисодиёт, фаъолгадонии равандҳои бозор, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молу хизматрасонӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, некуаҳволии аҳолӣ ва беҳтар намудани вазъи бозор таъсири назаррас мерасонад [3,с.12].

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Вобаста ба савдои чакана ва рушди он дар шароити иқтисоди сабз таҳқиқотҳо аз ҷониби олимони ватанӣ аз қабили Р. Раҳматзода, У. С. Асрорзода, Ф. Р. Шаропов, Ф. И. Аминов ва дигарон гузаронида шудааст.

**Мақсади мақола** ин омӯзиши тамоюлҳои муосири рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди сабз мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Савдои чакана яке аз соҳаи пешбаранда ва босуръат рушдёбандаи савдои дохилӣ буда, ба шаклҳои гуногуни моликият бо роҳи фурӯши мол ва хизматрасонӣ асос ёфтааст ва дар ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ фаъолона иштирок мекунад. Савдои чакана воситаи асосии танзимкунандаи равандҳои истеҳсолот дар асоси баланд бардоштани ҳаҷм ва васеъ намудани номгӯи молу маҳсулот аз як тараф ва аз тарафи дигар, ба тағйирёбии сохтори истеъмолӣ ва динамикаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад [2,с.174].

Савдои чакана дар шароити муосир ба тағйироти куллӣ дучор мешавад, ки бо мушкилоти глобалии экологӣ ва талаботи афзоянда ба рушди устувор асос ёфтааст [4,с.91].

Дар шароити муосир савдои чакана ба суръати рушди иқтисодиёт, фаъол гардонии равандҳои бозор, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ таъсири назаррас мерасонад ва ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молу хизматрасонӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, беҳтар намудани вазъи бозор ва некуаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити имрӯза гардиши савдои чакана тамоюли устувори рушдро дорад, ки дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 1. - Гардиши чаканаи мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба минтақаҳо барои солҳои 2015-2023 (бо нархҳои 2023. млн.сомонӣ)**


| | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 23646,8 | 31377,3 | 35456,4 | 39498,4 | 48518,5 |
| Вилояти Суғд | 7906,6 | 10491,5 | 11855,3 | 13206,9 | 15617,2 |
| Вилояти Хатлон | 6306,4 | 8368,1 | 9456,0 | 10534,0 | 14946,8 |
| ВМБК | 115,1 | 152,7 | 172,6 | 192,2 | 219,3 |
| НТҶ | 3465,9 | 4598,9 | 5196,9 | 5789,3 | 6946,1 |
| ш.Душанбе | 5852,7 | 7766,1 | 8775,7 | 9776,1 | 10789,1 |

Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024”

Дар солҳо таҳлилшаванда гардиши чаканаи мол дар ҷумҳурӣ 2 баробар зиёд шудааст. Дар ҳаҷми умумии гардиши чаканаи моли кишвар ҳиссаи бештар ба вилояти Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе (мутаносибан вилояти Суғд 32,18%, вилояти Хатлон 30,80% ва шаҳри Душанбе 22,3%) рост меояд.

Солҳои охир дар шумора ва таркиби корхонаҳои савдои чакана тағироти ҷиддӣ ба амал омадааст. Шумораи корхонаҳои савдои чакана зиёд шудаанд, шаклҳои муосири хизматрасонӣ ба харидорон

ташкил карда шудаанд ва намудҳои нави корхонаҳои савдо ба вуҷуд омаданд. (Расми 1).




**Расми 1. Шумораи корхонаҳои савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2005-2023)**

Сохтори гардиши савдои чакана аз рӯи гурӯҳҳои молҳо ба ҳаҷми умумии тамоми молҳо, молҳои озуқа ва молҳои ғайриозуқа ҷудо мешавад, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. - Сохтори гардиши моли чакана аз рӯи гуруҳҳои молҳо (бо нархҳои солҳои дахлдор; млн. сомонӣ)**

| | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2015, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми молҳо | 14377,7 | 27024,8 | 33259,5 | 39587,4 | 48518,5 | 3,3 мар. |
| Аз он ҷумла: Молҳои озуқа | 7045,1 | 13053,0 | 16529,9 | 19709,7 | 24210,7 | 3,4 мар. |
| - вазъӣ қиёсӣ, % | 49,00 | 48,30 | 49,70 | 49,79 | 49,90 | +0,9 |
| Молҳои ғайриозуқа: | 7332,6 | 13971,8 | 16729,6 | 19877,7 | 24307,8 | 3,3 мар. |
| - вазъӣ қиёсӣ, % | 51,00 | 51,70 | 50,30 | 50,21 | 50,10 | -0,9 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024”

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 2 овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҳаҷми умумии гардиши мол нишондиҳандаҳо барои соли 2023 бартарӣ доранд аз он ҷумла молҳои озуқаворӣ, ки суръати афзоиши он дар давраи таҳлилшуда 3,4 маротиба зиёд шуда, ҳиссаи онҳо 0,9 фоиз афзудааст. Ҳиссаи молҳои ғайриозуқаворӣ дар соли 2023 нисбат ба ҳаҷми умумии молҳо 0,9 фоиз коҳиш ёфта, ҳаҷми фурӯш 3,3 маротиба зиёд шудааст.

Аз ҳаҷми умумии маблағи хароҷоти истеъмолӣ ба як нафар аҳолӣ дар соли 2023 ба маблағи 1105,46 сомонӣ рост меояд, ки аз ин дар як моҳ 522,24 сомонӣ барои хариди маҳсулоти хӯрокворӣ (47,24%), 422,94 сомонӣ (38,2%) барои хариди маҳсулоти

ғайриозуқа сарф шудааст, ки ин хеле кам мебошад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Хароҷотҳои миёнаи истеъмолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2010 | | 2015 | | 2020 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | бо сомонӣ | бо % | бо сомонӣ | бо % | бо сомонӣ | бо % | бо сомонӣ | бо % |
| Ҳамагӣ<br>аз он ҷумла | 177,71 | 100,0 | 265,68 | 100,0 | 649,09 | 100,0 | 1105,46 | 100,0 |
| а) Хароҷоти истеъмолӣ | 163,55 | 92,0 | 240,68 | 90,6 | 631,04 | 97,2 | 1104,63 | 99,9 |
| -барои хариди хӯрокворӣ | 104,75 | 64,1 | 139,03 | 52,3 | 386,91 | 59,6 | 522,24 | 47,2 |
| -барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа | 40,09 | 24,5 | 66,31 | 25 | 170,06 | 26,2 | 422,94 | 38,3 |
| -барои хариди машрубот | 0,20 | 0,1 | 0,30 | 0,1 | 1,19 | 0,2 | 0,75 | 0,07 |
| -барои пардохти хизмати шахсӣ ва истеҳсолӣ | 18,51 | 11,3 | 35,04 | 13,2 | 68,34 | 10,5 | 146,62 | 13,3 |
| б) Андозҳо, пардохтҳо | 14,16 | 8,0 | 25 | 9,4 | 18,05 | 2,80 | 0,83 | 0,07 |

**Манбаъ:** “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024”

Хароҷотҳои истеъмолии аҳолӣ тавсифи тамоюли афзоиши хароҷоти аҳолиро барои харидани маҳсулоти озуқаворӣ нишон медиҳад. Дар давраи таҳлил шаванда яъне солҳои 2010 то соли 2023 хароҷоти истеъмолии аҳолӣ 6,2 маротиба афзудааст, 47,2 фоизи хароҷоти хонаводагиро ташкил медиҳад. Дар хароҷоти хариди маҳсулоти истеъмолии аҳолӣ ҷойи намоёнро нон ва маҳсулоти нонӣ (30,5), гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ (21,1), равғани растанӣ (9,3), шир ва маҳсулоти ширӣ (4,2) ишғол менамояд. Дар баробари ин, сарфи назар аз афзоиши хароҷоти истеъмолӣ ба маҳсулоти ғайриозуқа (+10,5 баробар), вазъи қиёсии он низ 13,8 фоиз ва барои пардохти хизмати шахсӣ ва истеҳсолӣ 2 барорбар зиёд шудааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қисми зиёди аҳолӣ даромади пулиро барои маҳсулоти озуқа сарф мекунанд.

Дар айни замон, дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон роҳҳои рушди иқтисоди сабзро пеш гирифта истодаанд, ки кафили рушди устувори кишварҳоро таъмин мекунад. Дар асри XXI масъалаҳои «иқтисоди сабз» аз ҷониби бисёре аз олимон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки гузариш ба он дар шароити муосир зарурати ногузир дорад [1,с.109].

Сабабҳои асосии ин гузаришро мушкилоти экологӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, мушкилоти иҷтимоӣ - афзоиши аҳолӣ, афзоиши бекорӣ, мушкилоти иқтисодие, ки дар соҳаҳои гуногун мунтазам буҳронҳои иқтисодию молиявиро

ба вуҷуд меоранд. Бояд қайд кард, ки зимни баррасии заминаҳои назариявии рушди “иқтисоди сабз” метавон шартҳои ташаккули онро дар таълимоти намояндагони мактаби иқтисодии физиократҳо мавриди омӯзиш қарор дод, ки ба сифати боигарии ягона табиатро меҳисобиданд. Намояндаи асосӣ ва маъруфи ин таълимот Франсуа Кене буд. Ба ақидаи физиократҳо иқтисодиёт қонунҳои табиии худро дорад (мафҳуми тартиботи табиӣ), ки ба онҳо таъсир расонидан мумкин нест ва мувофиқи ақидаҳои онҳо иқтисодиёт дар ҳолате рушд меёбад, ки давлат ба муносибатҳои иқтисодӣ дахолат накунад. Олимон дар солҳои 60-уми асри XX ба омӯзиши масъалаи ғайрисамаранок истифода намудани сарватҳои табииро шуруъ намуданд [1, с.108].

«Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №482 аз 30 сентябри соли 2022 қабул гардидааст, ки ҷиҳати рушди минбаъдаи ин модели муосири иқтисодӣ, яъне иқтисоди сабз мавриди татбиқ қарор медиҳад.

Самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар ҳамгироӣ ба коҳиш додани таъсири манфии истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиии барқарорнашаванда ба иқлим, роҳандозии самараноки рушди захираҳои иқтисодӣ ва кам ё коркарди партовҳо дар асоси истифодаи фишангҳои фискалӣ ва мусоидат ба сармоягузориҳои «сабз» ба технологияҳо, экотуризм, маориф ва илм барои таъмини даромади баланд, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи энергия ва захираҳои табиӣ мебошад [5, 7].

Савдои чакана ва иқтисоди сабз ду мафҳумест, ки дар ҷаҳони муосир рӯз то рӯз зарур ва муҳимтар мегардад. Савдои чакана қисми таркибии низоми иқтисоди миллӣ буда, бо мол ва хизматрасонӣ аҳолиро таъмин менамояд. Бо вуҷуди ин, бо тағйирёбии вазъи иқлим ва дарки аҳаммияти ҳифзи сарватҳои табиӣ, иқтисоди сабз ба қисми ҷудонашавандаи соҳаи истеъмолӣ, яъне савдои чакана табдил ёфтааст [2, с.172].

Иқтисоди сабз истифодаи технологияҳои самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ тозаро дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла савдои чакана дар бар мегирад. Ин маънои истифодаи фаъолонаи тадбирҳои сарфаи энергия, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ҷорӣ кардани низомҳои коркарди партовҳо ва коркарди маводро дорад. Савдои чаканаи сабз ба коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва таъмини рушди устувор мусоидат мекунад [2, с.175].

Иқтисоди сабз дар ҷаҳони муосир аҳаммияти рӯзафзун пайдо кардааст ва савдои чакана ҳамчун яке аз бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ, бояд ба ин тамоюлҳо мувофиқат кунад. Самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди сабз ба андешаи мо аз тамоюлҳое, ки дар шароити бозор ба вуҷуд меоянд вобаста аст (Ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди сабз**

| Тамоюлҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди сабз | Маънидоди тамоюлҳо |
|---|---|
| - иқтисоди сабз: чаро он барои савдои чакана муҳим аст. | Иқтисоди сабз ба принсипҳои рушди устувор, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаҳ, сарфаи энергия ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо асос ёфтааст. Дар ин раванд савдои чакана ҳамчун яке аз паҳнкунандагони асосии молҳо барои истеъмолкунандагон нақши муҳим дорад. Яке аз ҷанбаи муҳимми савдои чаканаи сабз, интихоби маҳсулоти аз ҷиҳати экологҳ тоза ва устувор мебошад. |

| | |
|---|---|
| - тамоюлҳои экологӣ дар савдои чакана чӣ аҳаммият дорад. | Истеъмолкунандагон дар шароити муосир на танҳо ба сифати мол ва нархи онҳо, балки ба ҷузъи экологӣ низ диққати бештар медиҳанд. Аз ин рӯ, бисёр корхонаҳо таҷрибаҳои рушди устуворро дар фаъолияташон истифода мекунанд. Тамоюлҳои муҳимми экологӣ дар савдои чакана аз истифодаи бандубасти дубора, фурӯши маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, кам кардани истифодаи энергия дар мағозаҳо ва татбиқи барномаҳои коркарди такрориро дар бар мегиранд. |
| - рушди технологияи рақамӣ ва тиҷорати электронӣ | Бо рушди технологияи рақамӣ, тиҷорати электронӣ торафт маъмултар мегардад ва рушд меёбад. Тиҷорати электронӣ бартариҳои зиёд доранд, аз ҷумла коҳиши хароҷотҳои интиқолӣ ва истифодаи ҳуҷҷатгузории электронӣ. Савдои чаканаи электронӣ ба кам кардани истифодаи захираҳо, партовҳои газҳои гулхонӣ ва баланд бардоштани самаранокии энергияро дар бар мегирад. |
| - самаранок истифода намудани энергия дар корхонаҳои савдои чакана | Барои кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист, корхонаҳои савдои чакана бояд кӯшиш кунанд, ки энергияро самаранок истифода баранд. Ин бо роҳи насб кардани панелҳои офтобӣ дар боми бино, истифодаи равшании LED, истифодаи оқилонаи фондҳои асосӣ ва кам кардани масрафи об амалӣ амалӣ карда мешавад. Татбиқи ин тадбирҳо ба корхонаҳои савдои чакана имкон медиҳад, ки сарбории манфии экологии худро кам намоянд ва энергияро сарфа кунанд, ки ин ба сарфаи захираҳои табиӣ ва беҳтар шудани вазъи экологӣ мусоидат мекунад. |
| - истеъмоли устувор ё чӣ гуна харидоронро ба ташаббусҳои экологӣ ҷалб кардан мумкин аст | Корхонаҳои савдои чакана метавонанд бо роҳҳои зерин истеъмолкунандагонро ба ташаббусҳои экологӣ ё истеъмоли устувор ҷалб кунанд: тарбия ва маълумотдиҳӣ; таҳияи маҳсулоту молҳое, ки ба муҳити зист таъсири камтар мерасонанд; барномаҳои садоқату вафодорӣ; ҳамкорӣ бо шариконе, ки молҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол мекунанд ва гурӯҳҳои экологӣ; мониторинг ва шаффофият оид ба нишодиҳандаҳои экологӣ; иштироки фаъолона дар шабакаҳо иҷтимоӣ, ки рушди устуворро таблиғ мекунанд; ба раванди қабули қарорҳои таҷрибаи экологӣ дошта огоҳ намудани харидорон; ҷалби мизоҷон ба истеъмоли устувор ва ғайраҳо. |
| - омӯзиши кормандон | Кормандони корхонаҳои савдо дар татбиқи барномаҳои экологӣ нақши муҳим доранд. Кормандони ботаҷриба на танҳо худашон метавонанд, ки таҷрибаҳои иқтисоди сабзро амалӣ кунанд, балки маълумотҳои экологии илҳомбахшро барои харидорон пешниҳод намоянд. Омӯзиши кормандони корхонаҳои савдо як унсури муҳим дар амалҳ намудани иқтисоди сабз бо сабабҳои беҳтар намудани самаранокии фаъолияти корхонаҳо, |

| | |
|---|---|
| | баланд бардоштани сатҳи шуурноки оид ба масъалаҳои рушди устувор, нуфузи корхона ва навоварӣ мусоидат мекунад |
| - эко-логистика | Эко-логистика қисми муҳимми савдои чакана мебошад ва такмил додани он барои коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист қадами устувор ва муҳим баҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои муосир дар раванди интиқоли молҳо аз он ҷумла истифодаи мошинҳои баркӣ, ҷорӣ намудани борҷомаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза барои бандубасти молҳо ва истифодаи принсипҳои логистикаи сабз оварда мерасонад. Роҳҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза барои расонидани молҳо чунинад: оптимизатсияи масир; истифодаи мошинҳои баркӣ; муттаҳидсозии борҳо; қабули қарорҳои самараноки логистикӣ; сармоягузорӣ ба логистикаи экологӣ; хариди молҳо аз таъминкунандагони маҳаллӣ; таҳқиқоту омӯзиш; бандубасти молҳо; ҳамкорӣ бо ташкилотҳои экологӣ; мониторинг ва баҳисобгирии партовҳо |
| - инноватсия дар савдои чакана | Истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир ба ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунанд. Татбиқ намудани инноватсия ба корхонаҳои савдо имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолият, сифати молҳо, раванди ба истеъмолкунанда расонидани мол, кам кардани хароҷотҳо, талафот ҳангоми истифодаи майдонҳои савдо, анборҳо, таҷҳизотҳои тиҷоратӣ ва кам кардани камбудиҳо дар натиҷаи таъсири омилҳои инсонӣ, муҳайё намудани шароити зарурии меҳнат барои кормандон бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати онҳо, ташкили низоми бехатарӣ ва сарфаи энергияро таъмин намояд |
| - ҳамкорӣ барои рушди иқтисоди сабз | Барои бомуваффақият татбиқ кардани стратегияи иқтисоди сабзи дар фаъолияти корхонаҳо, ҳамкорӣ бо шариконе муҳим аст, ки арзишҳои рушди устуворро дар амалия самаранок истифода мекунанд. Таъминкунандагон, истеҳсолкунандагон, шарикони логистикӣ - ҳама метавонанд дар истифодаи занҷири таъминоти иқтисоди сабз саҳм гузоранд. Ҳамкорӣ барои рушди иқтисоди сабз барои аз байн бурдани мушкилоти глобалии экологӣ ва тағйирёбии иқлим нақши муҳим мебозад. Дар маҷмуъ, шарикӣ дар ноил шудан ба рушди иқтисоди сабз нақши муҳим мебозад, зеро онҳо кӯшишҳои ҷонибҳои гуногунро барои ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ ва рушди устувор муттаҳид мекунанд. Танҳо тавассути ҳамкорӣ мо метавонем ояндаи устувор ва шукуфонро барои ҳама қишрҳои ҷомеа фароҳам оварем. |

| | |
|---|---|
| - масъулият барои оянда, чаро иқтисоди сабз вазифаи ҳама аст | Иқтисоди сабз на танҳо як тамоюли нав ё амалиётҳои маркетингӣ, балки масъулияти бошуурона барои ояндаи сайёраи мо мебошад. Ҳар як субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ, истеъмолкунандагон, шарикони бозор метавонад ба ҳифзи муҳити зист тавассути қабули қарорҳои оқилона оид ба иқтисоди сабз саҳм гузор бошанд. Танҳо бо муттаҳид кардани неруҳои зеҳнию кадрӣ мо метавонем ояндаи устувор ва шукуфонро барои ҳама ишитирок кунандагони бозор фароҳам оварем. Иқтисоди сабз консепсияест, ки гузаришро аз истифодаи захираҳои табиии тамомшаванда ба истифодаи устувор ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия оварда мерасонад. Он ба принсипҳои масъулияти экологӣ, адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ асос ёфтааст. Масъулият барои ояндаи иқтисоди сабз ба дӯши ҳар яки мо бо сабабҳо зерин ба монанди таъсири муҳити зист, самаранокии иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ вогузор шудааст |

**Хулоса.** Иқтисоди сабз вазифаи ҳамагон аст, зеро танҳо дар якҷоягӣ мо метавонем мушкилоти глобалии марбут ба тағйирёбии иқлимро паси сар кунем ва ба ояндаи устувори сайёра ноил шавем. Ҳарчанд хурд бошад ҳам, ҳар як амали мо муҳим аст ва метавонад барои ба вуҷуд овардани ояндаи беҳтар, сабзтар ва самараноктар мусоидат кунад.

Дар маҷмуъ, рушди савдои чакана дар иқтисоди сабз ба истифодаи самараноки захираҳо, истифодаи технологияҳо ва маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва тағйир додани намудҳои талаботи истеъмолкунандагон ба барои интихоби устувор ва аз ҷиҳати экологӣ тоза асос ёфтааст. Чунин дигаргунӣ ба таъмини иқтисоди муосир ва устувору ояндадор, ки муҳити зистро барои наслҳои оянда нигоҳ медорад, шароитҳои муосир фароҳам меоварад.

**Адабиёт**


1. Мариншоев, М. М. Асосҳои назариявӣ, принсипҳо, самтҳои асосӣ ва масъалаҳои муҳимми иқтисоди сабз / М. М. Мариншоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 6-2. – P. 108-115. – EDN OCPIHP.

2. Мариншоев, М. М. Самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди сабз / М. М. Мариншоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 11. – P. 172-177. – EDN NHWGTD.

3. Мариншоев, М. М. Развитие розничной торговли в условиях зеленой экономики / М. М. Мариншоев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2024. – № 1(51). – EDN JZKRIA.

4. Мариншоев, М. М. Розничная торговля: тенденции и основные направления ее развития в условиях зеленой экономики / М. М. Мариншоев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2024. – № 2(52). – EDN PFPVJU.

5. Мариншоев, М. М. Таъсири иқтисодиёти «сабз» ба рушди савдои чакана дар шароити муосир / М. М. Мариншоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 3(48). – P. 115-120. – EDN KTIUDN.

6. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АОНПҶТ), https://stat.tj

7. Раҳматзода, Р. Назарияҳо, принсипҳо ва хусусиятҳои иқтисоди сабз дар шароити муосир / Р. Раҳматзода, У. С. Асрорзода, М. М. Мариншоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-1(38). – P. 384-394. – EDN LSOVOT.

8. Шаропов, Ф. Р. Розничная торговля и ее роль в развитии потребительского рынка Республики Таджикистан / Ф. Р. Шаропов, Ф. И. Аминов, М. М. Мариншоев // Потребительский рынок XXI века: стратегии, технологии, инновации: Материалы международной научно-практической конференции, Хабаровск, 30 октября 2015 года / Хабаровский государственный университет экономики и права. – Хабаровск: Хабаровский государственный университет экономики и права, 2015. – С. 174-179. – EDN VNJEUH.

9. Шаропов, Ф. Р. Основные направления стратегии развития розничной торговли города Душанбе / Ф. Р. Шаропов, М. М. Мариншоев // Российский экономический интернет-журнал. – 2016. – № 4. – С. 70. – EDN XNSKTB.

10. Шаропов, Ф. Р. Внедрение системы менеджмента качества на предприятиях розничной торговли / Ф. Р. Шаропов, М. М. Мариншоев // Вестник Таджикского технического университета. – 2015. – № 3(31). – С. 204-207. – EDN VTFKVX.

| Маълумот дар бораи муаллиф | Сведения об авторе | About the author |
|---|---|---|
| **Мариншоев Муқбил Мунавваршоевич** - н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail mukbil-0105@mail.ru Тел.: (+992) 93 444 41 33. | **Мариншоев Мукбил Мунавваршоевич** - к.э.н., доцент кафедры экономической теории Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail mukbil-0105@mail.ru Тел.: (+992) 93 444 41 33. | **Marinshoev Mukbil Munavvarshoyevich** - associate professor of the Department of Economic Theory at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail mukbil-0105@mail.ru Tel.: (+992) 93 444 41 33. |

**УДК: 336.012**

# ТАБДИЛДИҲИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЯВИЮ АНДОЗӢ

**Воҳидов У.М.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар шароити муосир ва бо суръати баланд рушд намудани илму техника, табдилдиҳии технологияҳои рақамӣ дар муносибатҳои молиявию андозӣ ҳамчун омили муҳими тақвияти иқтидори иқтисодӣ гардидааст. Татбиқи бизнес-моделҳои рақамӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ, аз як тараф самаранокии фаъолиятро баланд бардорад, аз тарафи дигар замина барои гузариш ба иқтисоди рақамиро дар миқёси давлат фароҳам меорад. Бинобар ин, дар заминаи бизнес-моделҳои рақамӣ, фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мутамарказ гардида, равандҳои идоракунӣ, муносибатҳои андозӣ ва қабули қарорҳои идорӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад, ки дар маҷмуъ ба шаффофияти муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, самаранокии фаъолият ва рушди иқтисоди милиӣ мусоидат менамояд. Дар мақолаи мазкур, саҳми технологияҳои рақамӣ барои нигоҳдорӣ, коркард, идоракунӣ, бехатарӣ ва табодул дар заминаи порталу платформаҳои рақамӣ, инчунин нақши бизнес-моделҳои рақамӣ дар муносибатҳои молиявию андозӣ дида баромада шуда, алоқамандии онҳо дар рақамикунонии соҳаҳои иқтисодӣ баррасӣ гардидаанд. Инчунин, тақвияти бизнес-моделҳои рақамӣ дар муносибатҳои молиявию андозӣ ва таъсири мусбии он ба афзоиши иқтидори иқтисодию андозт баромада шуда, дар натиҷа хулоса ва тавсияҳои муфид пешниҳод гардонида шудааст.

**Калимаҳои калидӣ**. бизнес-моделҳои рақамӣ, муносибатҳои андозӣ, технологияҳои рақамӣ, иқтидори андоз, блокчейн, табодули иттилоот, платформа, талафоти андоз, субъектҳои хоҷагидор, зеҳни сунъӣ, шаффофияти муносибатҳои молиявию андозӣ.

**Барои иқтибос:** Воҳидов, У.М. Табдилдиҳии иқтисодиёти рақамӣ дар муносибатҳои молиявию андозӣ / У. М. Воҳидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 92-98.

# ТРАНСФОРМАЦИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В ФИНАНСОВЫХ И НАЛОГОВЫХ ОТНОШЕНИЯХ

**Вохидов У.М.**
Таджикского государственного финансово экономикий университет

**Аннотация.** В современных условиях и при стремительном развитии науки и техники трансформация цифровых технологий в финансово-налоговых отношениях стала важным фактором укрепления экономического потенциала. Внедрение цифровых бизнес-моделей в отдельных секторах экономики, с одной стороны, повышает эффективность деятельности, а с другой — создает основу для перехода к цифровой экономике в государственном масштабе. Таким образом, на основе цифровых бизнес-моделей централизуется деятельность хозяйствующих субъектов, а процессы управления, налоговые отношения и административное принятие решений осуществляются посредством цифровых технологий, что в целом способствует прозрачности экономико-финансовых отношений, эффективности деятельности и развитию национальной экономики. В статье рассматривается вклад цифровых технологий в хранение, обработку, управление, безопасность и обмен информацией на основе цифровых порталов и платформ, а также роль цифровых бизнес-моделей в финансово-налоговых отношениях и их значимость в цифровизации секторов экономики. Также обсуждаются факторы укрепления цифровых бизнес-моделей в финансово-налоговых отношениях и их положительное влияние на повышение экономико-налогового потенциала, и в результате представлены полезные выводы и рекомендации.

**Ключевые слова:** цифровые бизнес-модели, налоговые отношения, цифровые технологии, налоговый потенциал, блокчейн, обмен информацией, платформа, налоговые убытки, хозяйствующие субъекты, искусственный интеллект, прозрачность финансовых и налоговых отношений.

## TRANSFORMATION OF THE DIGITAL ECONOMY IN FINANCIAL AND TAX RELATIONS

**Vohidov U.M.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Annotation**. In today's rapidly advancing scientific and technological environment, the transformation of digital technologies in financial and tax relations has become a key factor in strengthening economic potential. The introduction of digital business models in individual economic sectors, on the one hand, improves operational efficiency, and on the other, creates the foundation for a national transition to a digital economy. Thus, digital business models centralize the activities of economic entities, while management processes, tax relations, and administrative decision-making are implemented through digital technologies, which overall contributes to the transparency of economic and financial relations, operational efficiency, and the development of the national economy. This article examines the contribution of digital technologies to the storage, processing, management, security, and exchange of information based on digital portals and platforms, as well as the role of digital business models in financial and tax relations and their significance in the digitalization of economic sectors. It also discusses factors that strengthen digital business models in financial and tax relations and their positive impact on increasing economic and tax potential, and provides useful conclusions and recommendations.
**Keywords**: digital business models, tax relations, digital technologies, tax potential, blockchain, information exchange, platform, tax losses, business entities, artificial intelligence, transparency of financial and tax relations.

**Гузориши масъала.** Дар шароити иқтисоди рақамӣ фаъолияти соҳаҳои алоҳида тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда шуда, дар ин самт масъалаи андозбандӣ яке аз муаммоҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Иқтисоди рақамӣ ин модели нави идоракунии иқтисодӣ буда, дар доираи талаботҳои он фаъолияти субъектҳои иқтисодию хоҷагидор тавассути технологияҳои рақамӣ амалӣ карда мешаванд Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки бо роҳандозии технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои мухталиф ба самаранокии фаъолият ва афзоиши даромади онҳо мушоҳида гардида, дар маҷмуъ ба рушди иқтисодӣ оварда расонида истодааст. Яъне, гузариш аз иқтисоди анъанавӣ ба иқтисоди рақамӣ андозбандии фаъолияти субъектҳои хоҷагидоре, ки дар муҳити технологияҳои рақамӣ (иттилоотию иртиботӣ) дар дохили давлат ва байни давлатҳо ба роҳ мондаанд, яке аз масъалаҳои мубрам дар саросари ҷаҳон гардидааст. Чунин масъала, айни замон барои ширкатҳои бузурги ҷаҳон, ки фаъаолияти онҳо дар тамоми давлатҳои ҷаҳонро фарогир мебошанд, масъалаи андозбандӣ ҳамчун муаммои бо пуррагӣ ҳал ношуда боқӣ мондааст.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Дар доираи мавзуи мазкур таҳқиқотҳо аз ҷониби Голова Е.Е., Баранова И.В., Кирова Е.А., Морозова Н.Г., Безверхий А.С., Кортьева Т.Ю., Махалина О.М., Махалин В.Н., Прокопенко Р.А., Шалюхина М.Н. ва дигарон гузаронида шудааст.

**Мақсади мақола** ин табдилдиҳии иқтисодиёти рақамӣ дар муносибатҳои молиявию андозӣ мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Технологияҳои рақамӣ ин маҷмуи воситаҳо ва системаҳои техникӣ ва барномавие мебошад, ки барои коркарди рақамии иттилоот равона мегардад. Яъне, раванди фаъолияти технологияҳои молиявӣ дар заминаи шабакаҳои компютерӣ, барномаҳои амалии компютерӣ, аз ҷумла зеҳни сунӣ

(Artificial Intelligence), идоракуни маълумоти калон (Big Date), табодули иттилоот дар муҳити абрӣ, бехатарии иттилоот (Blockchain) ва порталу платформаҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон, зеҳни сунъӣ дар пешбурди фаъолияти соҳаҳои алоҳида, иқтисоду молия мунтазам татбиқи худро ёфта истодааст.

Вобаста ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ ба масъалаҳои вусъат бахшидани раванди рақамикунонӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва татбиқи зеҳни сунъӣ таввақуҳи хосса зоҳир намуда, иброз доштанд, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» қабул гардид [1]. Бинобар ин, бо роҳандозии технологияҳои рақамӣ дар соҳаву бахшҳои алоҳидаи хоҷагии халқ, дар натиҷа модели нави идоракунии иқтисодӣ - иқтисодиёти рақамӣ амалӣ карда мешавад.

Иқтисоди рақамӣ ин модели нави идоракунии иқтисодиёт дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, интернет, платформаҳои рақамӣ, пардохтҳои электронӣ ва додаҳои бузург дар фаъолияти иқтисодӣ мебошад [3].

Ба ақидаи Махалина О.М. ва Махалин В.Н. соли 2020 ҳиссаи иқтисоди рақамӣ дар ММД-и ҷаҳон 15 фоизро ташкил дода, тахминҳо нишон медиҳанд, ки он метавонад дар 5-10 соли минбаъда ба 25 фоиз расад [6]. Тибқи гузориши Digital Economy Trends “арзиши бозори рақамӣ дар соли 2025 тақрибан 24 триллион доллярро ташкил дода, тақрибан 21%-и ММД-и ҷаҳониро ташкил медиҳад [9]. Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки сарчашмаи чунин арзиши даромад аз минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон буда, андозбандӣ ва ба буҷаи кадом давлат ворид гардидани он масъалаи ҳалношуда боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, иқисоди рақамӣ, ки дар заминаи таҳияи барномаҳои амалии компютерӣ, идоракунии маълумоти бузург дар асоси платформаҳои рақамӣ ва истифодаи технологияҳои блокчейн бо мақсади бехатарии маълумот дар муҳити шабакаҳои компютерӣ буда, бо мурури замон тамоми соҳаҳои хоҷагии халкро форо мегирад. Дар ин самт, ба сифати маҳсулот ва мол – иттилоот мебошад, ки ҳаҷми он сол аз сол дар ҷаҳон бо суръати баланд афзоиш ёфта истодааст. Айни замон ва дар ояндаи дур барои барномасозон яке аз корҳои пурмаҳсул ин таҳлили маълумот буда, вобаста ба самти фаъолият барои тамоми субъектҳои иқтисодию хоҷагидорӣ зарур башумор меравад.

Тибқи маълумоти Корпоратсияи байналмилалии маълумот (IDC), хароҷоти ҷаҳонӣ барои рушди технологияҳои иттилоотӣ ва хизматрасонӣ дар соли 2025 14% афзоиш ёфта, арзиши он ба 4,25 триллион доллар баробар гардида, ҳаҷми иттилоот бошад зиёда аз 160 зетабайт мебошад [10]. Яъне, дар таркиби маблағи овардашуда агар як кисмаш барои таъминоти техникӣ бошад, қисми дигар бошад барои барномасозон буда, барои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои алоҳида дар заминаи таҳияи барномаҳои амалии компютерӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар муносибатҳои иқтисодву молиявӣ шаффофиятро бамиён оварда, таъсири омили инсониро дар тамоми муносибатҳои иқтисодию маъмурӣ коҳиш медиҳад. Дар чунин ҳолат, фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ самаранок гардида, ба васеъшавии иқтидори иқтисодӣ оварда мерасонад. Масалан, ҷорӣ намудани низоми биллингии рақамӣ дар соҳаи энергетика нишон дод, ки талафоти неруи барқ ба 30-40 фоиз, ҷамъоварии маблағҳо беҳтар ва даромади соҳа афзоиш ёфт [1]. Чунин ҳолат, дар низоми бонкии кишвар низ ба назар мерасад, яъне бо роҳандозӣ ва бештар гардидани амалиётҳои ғайринақдӣ, даромаднокии соҳаи мазкур ба маротиб афзоиш ёфта истодааст. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ барои пешбурди фаъолияти субъектҳои иқтисодию хоҷагидорӣ, бизнес-моделҳои рақамӣ нақши муҳимро мебозанд. Айни замон, масъалаи мазкур дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли татбиқшавӣ қарор дошта, баъзе соҳаву бахшҳо аз қабили

нақлиёт, бонк, маориф, саноат, андоз, гумрук ва бахшҳои дигар дар ин самт пешсаф мебошанд. Рушди бизнес-моделҳои рақамӣ субъектҳои иқтисодӣ ва хоҷагидориро водор месозад, ки фаъолиятро дар заминаи технологияҳои рақамӣ ба роҳ монанд. Яъне, чунин раванд, мушкилоти анъанавии субъектҳои мазкурро бартараф намуда, ба устувории комил дар шароити иқтисоди рақамӣ ноил мегарданд.

Рушди бизнес-моделҳои рақамӣ дар шароити имрӯза барои бахшу соҳаҳои алоҳида, аз ҷумла низоми андоз мушкилотро ба миён меорад. Чунки на ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ фаъолияти хешро тибқи технологияҳои рақамӣ ба роҳ мондаанд. Бояд ҳам низоми андозбандии кишвар ва ҳам субъектҳои андозсупоранда фаъолиятро дар доираи бизнес-моделҳои рақамӣ ба роҳ монаднд. Татбиқи бизнес-моделҳои рақамӣ дар низоми андоз барои ҳалли мушкилотҳои низоми анъанавии андозбандӣ, яъне андозбанди дар шароити иқтисоди рақамӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, дар оянда барои рушди иқтисодӣ ва таъмини суботи молиявӣ дар заминаи тақвияти иқтиодри андозӣ мусоидат менамояд.

Иқтидори андоз мазмуни васеъ дошта, дар ҷараёни ташаккули муносибатҳои андозбандӣ аз тарафи олимони соҳа мухталиф шарҳ дода шудааст. Ба ақидаи Р. Прокопенко “иқтидори андоз ба маънои васеъ ҳамчун ҳаҷми умумии захираҳои андозбандӣ ва ба маънои маҳдуд ҳамчун ҳадди аксари имконпазири даромадҳои андозӣ мебошад” [7, с. 112]. Вобаста ба ин, М.Н. Шалюхин қайд менамояд, ки “иқтидори андоз ин ҳамчун ҳачми умумии манбаҳои андозбандишавандаи ҳудуди муайян ба ҳисоб меравад” [8, с. 32]. Ҳамзамон, тибқи назари Т.Ю. Кортева “иқтидори андоз ҳамчун арзиши эҳтимолии даромадҳои андоз ба буҷет аз ҳисоби фаъолияти субъекти хоҷагидор дар давраи муайян фаҳмида мешавад” [5, с. 141]. Аз рӯйи таърифҳои овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки иқтидори андоз даромади умумии субъектҳои хоҷагидор вобаста буда, бо афзоиши иқтидори иқтисодии субъектҳои мазкур, иқтидори андоз низ афзоиш меёбад.

Ҳамин тариқ аз шарҳи мазмун ва мундариҷаи иқтидори андоз чунин бар меояд, ки тақвияти иқтидори андозии субъетҳои иқтисодӣ мутаносибан ба афзоиши иқтидори андоз мусоидат менамояд. Бинобар ин, дар шароити имруза, омили тақвиятдиҳандаи иқтидори иқтисоди субъектҳои иқтисодӣ, ин роҳандозии рақамикунонӣ дар фаъолияти онҳо мебошад.

Тамоюли воридсозии технологияҳои молиявӣ ба шумораи зиёди истифодабарандогон, имкони истифоданамоии хизмтарасониҳои мухталифи молиявиро ба миён оварда, бо ин роҳ миқдори истифодабарнадгони технологияҳои муосири молиявиро дар заминаи бизнес-моделҳои рақамӣ бамаротиб густариш медиҳад. Дар чунин шароит бо боварии комил метавон гуфт, ки бидуни шаку шубҳа, авҷгирии қобили назарраси илмӣ-техникӣ хоҳ нохоҳ бахши андозбандиро низ бетараф назхоҳад монд. Дар ояндаи наздик, бо назардошти тағйироти бавуқуъ оянда, вориднамоии технологияҳои муосир дар муносибатҳои андозӣ, пурзӯршавии вазифаҳои андоз ва дар заминаи он афзоишёбии нуфузи мақомоти андоз таъмин хоҳад гашт.

Лозим ба зикр аст, ки дар натиҷаи вориднамоии навгониҳои мансуб ба технологияҳо рушди мудавоими фаъолияти мақомоти андоз ва ширкатҳо куллан ранги дигарро дар худ мегирад. Тавсеаи мунтазам дар самти технологияҳои муосир вазифаи асоситарин ва аввалиндараҷаи мақомти андоз башумор меравад. Технологияҳои муосири рақамӣ ба таври сареъ ба раванди фаъолиятнамоии бахши молиявии ҷаҳонӣ таъсиргузор мебошанд. Дар ҳоли ҳозир, блокчейн ба унвони яке аз трендҳои нисбатан мубрам дар бахши технологияҳои молиявӣ арзёбӣ мегардад, он имкон медиҳад то тавассути шабакаҳои ғайритамаркузӣ интиқоли криптоасъор таъмин карда шавад, ин шабакаҳо бавоситаи технологияҳои рамзгузории маълумотҳо бо ҳам пайваст буда, дар як лаҳза амалиётҳо ва трансефртҳоро дар ин самт ба анҷом мерасонад. Бинобар ин, дар мақола

ҳамгиронамоии блокчейн-технологияҳо то ҳадди имкон дар фаъолиятнамоии мақомоти андози кишвар мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода мешавад. Иловатан, мо талош бар он намудем, то яке аз намунаҳои нисбатан муосири блокчейнро, ки барои таҳвили маълумоти махфӣ бо мақсади пешгири рабудани он аз ҷониби киберхаккерон мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Тавре қаблан изҳор намуда будем, технологияҳои рақамии молиявӣ, ки ҳамчун фин-тех маъруфият пайдо намудаанд, гувоҳидаҳандаи тавсеаъи босуръати технологияҳо мебошанд. Дар давоми 100 солаи охир ин технологияи рақамӣ ба таври қобили таваҷҷӯҳ мавриди рушду равнақ қарор дорад. Аз ин ҷиҳат, коршиносони касбӣ се марҳилаи такомули технологияҳои молиявиро мушаххас намудаанд, қайд намудан ба маврид аст, ки ҳар яке аз ин марҳила инъикосгари қаблуи қарорҳои нодире мебошанд, ки боис ба тағйири равишҳои ҷаҳонӣ дар самти расонидан ва истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ гардиданд.

**Ҷадвали 1. - Марҳилаҳои асосии тавсеаи технологияҳои молиявии рақамӣ**

| Марҳилаҳои тавсеаёбӣ | Давраи авҷгирӣ | Тренди асосӣ | Дастовардҳо |
|---|---|---|---|
| Марҳилаи авввал | То соли 1966 | Тавсеаи ҳамаҷонибаи технологияҳои иртиботӣ | Низоми FedWire, корти қарзии Diner’s Club |
| Марҳилаи дуюм | Аз соли 1967-то2008 | Тавсеаи дастгоҳҳо электронӣ | Банкоматҳо, биржаи NASDAQ ва таъсиси низоми SWIFT |
| Марҳилаи сеюм | Аз соли 2009 то имрӯз | Молияи-ғайритамаркузӣ | Блокчейн, криптоасъор, ҳамёнҳои электронӣ |

**Таҳияи муаллиф** дар асоси сарчашмаҳои илмӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар саросари ҷаҳон, бахши хусусӣ аввалин шуда ин технологияҳои молиявро ба таври густурда дар фаъолияти худ мавриди истифода қарор дода аст. Чунин тамоюлро дар кишвар низ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз қабули санадҳои дахлдор дар мавриди татбиқи технологияҳои рақамӣ дар низоми пебурди фаъолияти сохторҳои давлатӣ, талош бар он дорад то аз технологияҳо ба таври густурда истифода намояд. Мувофиқ ба таҷрибаҳои дар ин самт роҳандозӣ шуда, гузариш ва технологияҳои молиявӣ барои мақомоти андози кишвар амрест зарурӣ, зеро истифода аз чунин технологияҳо метавонад дар коркарду таҳлили маълумоти зиёд дар бораи андозсупорандагон мусоидат намояд. Бар ин асно, мо ба ин назарем, ки барои тақвиятбахшии бизнес-моделҳои рақамӣ бояд амалҳои зеринро дар амалия татбиқ намуд:

1. Таъсиси платформаи худкор. Вазифаи асосии ин платформа баландбардории шаффоият ҳангоми татбиқи доду гирифт ва равобит байни контрагентҳо, зимни истифодаи чунин як платформаи худкор, имкониятҳо дар самти бадастоварии иттилоот доир ба мавқеъи пардотхҳои андозӣ бамаротиб афзоиш хоҳад ёфт. Амалнамоии чунин платформаро метавон бо утоқи андозсупоранда, ки дар ҳоли ҳозир дар мақомоти андози кишвар бо мақсади тақвиятбахшии платформаҳои рақамӣ таъсис дода шудааст, пайваст намуд, дар натиҷаи татбиқи чунин амал сатҳи дастёбӣ ба иттилооти андозӣ шаффофияти бештар пайдо намуда, таҳвили он ба ашхоси ваколатдор ва ҳавасманд низ имконпазир мегардад.

2. Таъсиси платформаи “Иттилооти андоз” . Ин платформа дар доираи принсипи корӣ бо иттилоот бузург “Big Data” асос ёфта, ҳадафи аслии он баландбардории сатҳи самаранокии мубодилаи иттилоот байни зерсохторҳои

зертобеи Кумитаи андоз маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, таъсиси низоми худкори иттилоотии идоракунандаи молияи ҷомеъа (бо мақсади муносибсозии идоракунии иттилоот), ки дар он ҳаҷми бузурги иттилоот нигоҳ дошта мешавад, муҳим арзёбӣ мегардад.

3. Дастгирии субъектҳои хоҷагидор оид ба хароҷотҳои иловагӣ дар заминаи маъмурнокии андоз. Субъектҳои хоҷагидор дар давраи гузариш ба иқтисоди рақамӣ бояд фаъолияти худро тибқи талаботи бизнес-моделҳои рақамӣ мутобиқ намуда, аз натиҷҷаш ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, барои дастгирии субъектҳои хурду миёна хурду миёна то ба пуррагӣ мутобиқ гардидан ба рақамикунонии фаъолият ба таври самаранок коҳишдиҳии гаронии андоз роҳандозӣ карда шавад.

**Ҳамин тариқ,** дар асри иттилоотӣ рақамикунонии бахшу соҳаҳои алоҳида сол аз сол бо шарту шароитҳои нав тақвият меёбанд. Дар заминаи бизнес-моделҳои рақамӣ, фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мутамарказ гардида, равандҳои идоракунӣ, ҷамъоварии андоз, муносибатҳои андозӣ ва қабули қарорҳои идорӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад, ки дар маҷмуъ ба шаффофияти муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, самаранокии фаъолият ва рушди иқтисоди милӣ мусоидат менамояд. Инчунин, татбиқи платформаҳои дар боло оварда шуда, метавонанд дар амалинамоии ҳадафҳои миллӣ, ҷиҳати татбиқи раванди рақамикунонӣ дар низоми андозбандӣ ва тақвияти иқтидори андоз мусоидат намоянд. Илова бар он, барои тақвиятбахшии раванди назорат ва мониторинги иттилооти мансуб ба гардиши воситаҳои пулӣ, коркад ва танзими он, истифодаи технологияҳои молиявӣ муҳим башумор мераванд. Ҳамзамон, табодули рақамӣ дар муносибатҳои андозӣ ба субъектҳои хоҷагидор имкон медиҳад, ки уҳдадориҳои андозиро ба таври автоматӣ бе дахолати омили инсонӣ анҷом диҳанд. Раванди мазкур, талафоти андозиро коҳиш дода, ба тақвияти иқтидори андоз, афзоиши қисми даромади буҷет ва суботи молиявӣ мусоидат менамояд.

Бинобар ин оид ба масъалаи мазкур заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ роҳандозӣ гардида, таваҷҷуҳи бахшу соҳаҳои мухталиф ба мутахассиони соҳи иутисоди рақамӣ вобаста самти фаъолият бештар равона гардонида шавад.

**Адабиёт**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 16 декабри соли 2025. [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/54181 (санаи мурочиат: 20.12.2025).

2. Воҳидов У.М. Андозбандӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ / У.М. Воҳидов // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюли он” ( ДДМИТ, 30.03.2022).-Душанбе, 2022.-С.32-35.

3. Воҳидов У.М. Рақамикунони омили муҳими рушди устувори Тоҷикистон / У.М. Воҳидов [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.facebook.com/share/p/1Bvdd4Q4Ye/ (санаи мурочиат: 26.12.2025).

4. Голова Е. Е., Баранова И. В. Цифровизация налоговых процессов как способ повышения эффективности налоговой системы России // URL://https://fundamentalresearch.ru/ru/article/view?id=42996

5. Кирова Е. А., Морозова Н. Г., Безверхий А. С. Трансформация налоговой системы России в условиях становления цифровой экономики // Вестник университета. 2019. № 7. С. 118–124.

6. Кортьева Т.Ю. Налоговый потенциал хозяйствующего субъекта как объект научного исследования / Т.Ю. Кортьева // Экономика. Налоги. Право. Научный журнал . - 2014. - №4. – С. 140-145.

7. Махалина О.М., Махалин В.Н. Трансформация цифровой экономики в национальные налоговые системы зарубежных стран // Вестник РГГУ. Серия «Экономика. Управление. Право». 2020. № 3. С. 38–51.

8. Прокопенко Р.А. Понятие и роль налогового потенциала в экономическом развитии региона / Р.А. Прокопенко // Современные наукоемкие технологии. – 2007. – №12. – С. 113– 115.

9. Шалюхина М.Н. Налоговый потенциал региона: проблемы оценки, формирования и эффективного использования / М.Н. Шалюхина // Налоговый вестник. – 2014. – №1. – С. 31–34.

10. International Data Corporation: https://dd.news/detailed/idc-prognoziruet-rost-mirovyh-rashodov-na-it

11. https://ict.moscow/analytics/digital-economy-trends-2025/

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Воҳидов Умар Маҳмадиевич-**номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. E-mail: umarv@mail.ru. Тел.: (+992) 93 - 463 – 40 - 40.

**Сведения об авторе**

**Вохидов Умар Махмадиевич-** кандидат экономических наук, заведующий кафедрой цифровой экономики и логистики Таджикский государственный финансово - экономикий университет. E-mail: umarv@mail.ru. Тел.: (+992) 93 - 463 – 40 - 40.

**About the author**

**Vohidov Umar Makhmadievich-**Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Digital Economy and Logistics, Tajik State University of Finance and Economics. E-mail: umarv@mail.ru. Tel.: (+992) 93-463-40-40.

**UDC: 333**

# IMPROVING ASSESSMENT METHODOLOGIES AND FOREIGN ECONOMIC FORECASTING ACTIVITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Ismatullozoda A.I.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract.** The purpose of the study is to improve the tools of the index method for assessing and forecasting foreign economic activity in the Republic of Tajikistan, based on testing various methods for calculating the estimated characteristics of foreign trade and conducting their comparative analysis based on econometric modeling of the dynamics of foreign trade. For this purpose, an attempt was made to present an algorithm and calculate average price indices based on the Paasche index and the index of physical volume of exports and imports using the Leisperes formula. Considering the main directions for the development of forecasting methods and algorithms in the system of foreign economic relations, this study substantiated that the most suitable and realistic forecasting method in the given conditions of the Republic of Tajikistan is the non-aggregated supply-side method. It was on the basis of this method that the work made a forecast of the total volume of exports and imports for all major goods for the period until 2026.

**Key words:** Non-aggregated method, Foreign economic activity, Export volume, Dummy variable, Import of goods, Forecast of foreign trade turnover, Model equations, Medium term.

**For citation:** Ismatullozoda, A.I. Improving assessment methodologies and foreign economic forecasting activities of the Republic of Tajikistan / A. I. Ismatullozoda // The Financial and Economic Bulletin. – 2025. – No. 4. – P. 99-111.

# ТАКМИЛИ УСУЛҲОИ АРЗЁБӢ ВА БАҲОДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Исматуллозода А.И.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Ҳадафи таҳқиқот такмил додани абзорҳои усули индексӣ барои арзёбӣ ва пешгӯии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба санҷиши усулҳои гуногун барои ҳисоб кардани хусусиятҳои тахминии тиҷорати хориҷӣ ва гузаронидани таҳлили муқоисавии онҳо дар асоси моделсозии эконометрикии динамикаи тиҷорати хориҷӣ асос ёфтааст. Барои ин мақсад, кӯшиш карда шуд, ки алгоритм пешниҳод карда шавад ва индексҳои миёнаи нархҳо дар асоси индекси Пааше ва индекси ҳаҷми физикии содирот ва воридот бо истифода аз формулаи Лейсперес ҳисоб карда шаванд. Бо назардошти самтҳои асосии таҳияи усулҳо ва алгоритмҳои пешгӯӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, ин таҳқиқот исбот кард, ки усули пешгӯӣ мувофиқтарин ва воқеитарин дар шароити муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон усули ғайриагрегатии тарафи таъминот мебошад. Дар асоси ин усул, дар кор пешгӯии ҳаҷми умумии содирот ва воридоти ҳамаи молҳои асосӣ барои давраи то соли 2026 тартиб дода шуд.

**Калидвожаҳо:** Усули ғайриагрегатӣ, Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, Ҳаҷми содирот, Тағйирёбандаи қалбакӣ, Воридоти молҳо, Пешгӯии гардиши тиҷорати хориҷӣ, Муодилаҳои моделӣ, Мӯҳлати миёна

# УЛУЧШЕНИЕ МЕТОДОЛОГИЙ ОЦЕНКИ И ПРОГНОЗИРОВАНИЯ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Исматуллозода А.И.**
Таджикский государственный университет финансов и экономики

**Аннотация.** Цель исследования – усовершенствование инструментов индексного метода оценки и прогнозирования внешнеэкономической активности в Республике Таджикистан на основе тестирования различных методов расчета оценочных характеристик внешней торговли и проведения их сравнительного анализа с использованием эконометрического моделирования

динамики внешней торговли. Для этого была предпринята попытка представить алгоритм и рассчитать индексы средних цен на основе индекса Пааше и индекса физического объема экспорта и импорта по формуле Лейспера. Учитывая основные направления развития методов и алгоритмов прогнозирования в системе внешнеэкономических отношений, в данном исследовании обосновано, что наиболее подходящим и реалистичным методом прогнозирования в данных условиях Республики Таджикистан является неагрегированный метод предложения. Именно на основе этого метода в работе был сделан прогноз общего объема экспорта и импорта всех основных товаров на период до 2026 года.
**Ключевые слова:** Неагрегированный метод, Внешнеэкономическая активность, Объем экспорта, Бинарная переменная, Импорт товаров, Прогноз внешнеторгового оборота, Модельные уравнения, Среднесрочный

## INTRODUCTION

The foreign economic complex of each country is a complex integrated system and, therefore, its analysis is important and necessary for assessing and forecasting the country's participation in world trade.

Since the acquisition of state independence, the Republic of Tajikistan has embarked on a policy of open doors, improving market relations and liberalizing foreign trade**.** However, at present, the formation of estimated and forecast conditions for the development of foreign trade relations of the Republic of Tajikistan is not effective enough due to the imperfection of the methodology for assessing the system of foreign economic relations (Saidmurodov, 2015).

An important condition for increasing the efficiency of the country's foreign economic relations system is reliance on information and instrumental support that allows one to evaluate the macroeconomic benefits and costs of decisions made in this area. The existing statistical information base of the Republic of Tajikistan is potentially sufficient for analyzing the current situation in the field of foreign economic activity. It provides the necessary basis for carrying out scenario and forecast calculations using econometric models. However, the implementation of this potential of analytical information requires, taking into account the requirements of international practice, the use of a more advanced methodology for assessing and forecasting the system of foreign economic activity, since the existing methodology that is used in the national economic system does not explain the discrepancy between customs statistics and balance of payments assessments. This situation seriously impedes the study of structural shifts in the country's foreign economic activity system, its factor analysis and forecasting.

At the same time, at the moment in the Republic of Tajikistan there is a practical need for the use of econometric modeling in assessing indicators of the dynamics of development of the system of foreign economic relations, which determines the relevance of the research topic.

## LITERATURE REVIEW

Currently, in the Republic of Tajikistan and abroad, the main tool for studying trends in the development of foreign trade and the factors determining them are foreign trade indices: indices of value, price and physical volume of exports and imports of goods. Their calculation and publication receive special attention both from the national statistical services of many countries and from international organizations. These indices characterize changes in the quantitative characteristics of exports and imports of goods and play a significant role in solving a wide range of practically important tasks related to the formation of foreign trade policy, macroeconomic analysis, study of market conditions, compilation of the balance of payments, etc.

In forecasting economic development for a strategic period, the practice of constructing scenarios is widespread. As a result of assessing external and internal factors of direct and indirect influence, a forecast state of the environment is formed, which determines

the key parameters of the scenarios and the level of target indicators. Typically, three types of scenarios are forecast: optimistic, baseline and pessimistic. Each of the scenarios is characterized by a different level of achievement of Mirboboev's target indicators, Imomnazarov, 2017).

As researcher E. S. Kilnitskaya (2013) notes, "the analytical direction of index theory is actually aimed at solving the main problem of economic factor analysis. Expanding the task of factor analysis in this case requires taking into account the fact that the study of the process of change in the resulting indicator can be carried out in two aspects: one can consider the magnitude of the absolute change in values, but one can also study the index (relative change) of factors and the general indicator. At the same time, since, due to the cause-and-effect relationship, the level (index) of the resulting indicator is determined by the index that forms its causes (factors), we can set the task of developing some unified approach to determining the magnitude of the influence of changes in factors for cases of relative and absolute changes in the indicator".

Indicators are expressed in absolute or relative units of measurement, and it is often necessary to determine the size of the gaps between indicators as the degree to which the base scenario does not achieve the indicators of the optimistic scenario. In the case when single target indicators are compared, such a gap will be defined as the difference between the values of the indicator according to the scenarios. However, often in development programs, target indicators are combined into groups based on general characteristics, for example, according to strategic areas of development. Such areas may be the real sector of the economy, the human potential of a region or industry, the technical level of industry development, etc. In this case, indicators of incomparable units of measurement may be combined within one group, and the issue of determining the gap between development scenarios becomes somewhat more complicated.

In our opinion, we can agree with the point of view of Butsenko I.N., (2015) that "using the index method, the dynamics of the structure of exports and imports of foreign trade in goods is studied. The index method allows you to compare the value of one characteristic considered in a system of characteristics, but the disadvantage is the limited influence of evaluation factors on the level of performance indicators." In turn, Russian researcher G.I. Deev (2002) notes that "the main, in a methodological sense, index in the current system of foreign trade indexes is the price index, which is calculated using the Paasche formula. The physical volume index is a derivative of the value index and the price index (found by dividing the first by the second). The choice by most countries of the foreign trade price index in the Paasche form is explained by the fact that dividing the value of exports (imports) by the Paasche price index gives the value of exports (imports) of the analyzed period in prices of the base period".

The last century has become a new stage in the history of index theory, marked by the unprecedented development of the index method of statistical science and the expansion of the practical use of index theory, including in foreign trade. In modern conditions, index theory has become the main tool for studying the dynamics of foreign trade. For example, Turlanova I. M. (2011) notes in her research that "foreign trade indices, being a characteristic of changes in the quantitative and cost volumes of foreign trade, play a significant role in solving problems related to macroeconomic analysis, the study of market conditions, the formation policy in the field of foreign trade, the increasing involvement of a country in international trade." Solving the set tasks directly depends on how well foreign trade indices adequately reflect the real dynamics of exports and imports of goods.

Foreign economic forecasts for forecasting objects include global, country and sectoral indicators of production, consumption, exports, imports, world prices, supply and demand, and other similar indicators in relation

to specific commodity markets ( Kayumov , 2015)

## DATA AND METHODOLOGY

Significant political and economic transformations that took place in Tajikistan in the 90s of the 20th century necessitated a radical restructuring of the socio-economic statistics of the Republic of Tajikistan with the transition to international standards and a revision of statistical methodology.

8. Колесниченко Е.А. Методические аспекты оценки ресурсного потенциала региона//Гуманитарные науки. Экономика. Вестник ТГУ, выпуск 6 (122), 2013 с.20-25 (Электронный научный журнал). Режим доступа: https://cyberleninka.ru/search?q (дата обращения: 13.01.2025).
9. Шевелева О.Б., Начева М.К. Сравнительный анализ методик оценки инвестиционного потенциала региона. //Инновационная экономика. Инновации. - 2012. - №2 (160) [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/sravnitelnyy-analiz-metodik-otsenki-investitsionnogo-potentsiala-regiona/viewer (дата обращения: 03.01.2025).
10. Якушкина, Т.А. Роль оценки ресурсного потенциала в развитии региона [Текст] // Вестник Брянского государственного университета [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-otsenki-resursnogo-potentsiala-v-razvitii-regiona/viewer. - 2012. - № 3. - С. 308-312.

**Маълумот дар бораи муаллифон**

**Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович**–номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14, Тел.: (+992) 931 52 55 22, e-mail: Jonibek-010188@mail.ru

**Ашурзода Шоҳмурод Мирзомурод**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 918-16- 13-55. E-mail: shohmurod_1987@mail.ru

**Сведения об авторах**

**Зубайдов Джонибек Иброхимович**–кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры финансы Государственного финансово-экономического университета Таджикистана, г. Душанбе, ул. Нахимов, 64/14,Тел.: (+992) 931 52 55 22, e-mail: Jonibek-010188@mail.ru

**Ашурзода Шохмурод Мирзомурод**-кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности Национального университета Таджикистана. Адрес: 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 918-16-13-55. E-mail: shohmurod_1987@mail.ru

**About the authors**

**Zubaidov Jonibek Ibrohimovich**–Candidate of Economic Sciences, Senior teacher of the Department of Finance, The Tajik StateFinance and EconomicsUniversity. Address: 64/14, Nakhimova street, Dushanbe, 734067,Tel.: (+992)931 5255 22. E-mail: jonibek-010188@mail.ru.

**Ashurzoda Shohmurod Mirzomurod**- candidate of economic sciences, associate professor of the department of customs activities, Tajik National University. Address: 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 918-16-13-55. E-mail: shohmurod_1987@mail.ru

**УДК: 343**

# МЕТОДЫ ПРИМЕНЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫЕ И ЦИФРОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В ТРАНСПОРТНОЙ СФЕРЕ

**Давлатзода Б.Ш.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет
**Бобоев К.О.**
Институт экономики и демографии, НАНТ

**Аннотация**. В статье рассматривается методы применение информационные и цифровые технологии в транспортной сфере. Рост конкуренции на мировых товарных рынках является серьезным вызовом трансформации глобальных и национальных транспортных систем. Эта трансформация отражает требования нового технологического уклада, формируемого под воздействием активного производства и потребления цифровых и информационных технологий. Транспортная система теряет свои конкурентные преимущества в силу замедленного реагирования на цифровые вызовы. Целью данного статья является применение методы цифрового и информационного технологий на транспорте.

**Ключевые слова:** информация, цифровая технология, конкуренция, товарных рынок, производства, потребление, транспортный сектор, экономика.
**Для цитирования:** Давлатзода, Б. Ш. Методы применение информационные и цифровые технологии в транспортной сфере / Б. Ш. Давлатзода, К. О.Бобоев // Финансово-экономический вестник. – 2025. – No. 4 (47). – С. 120-125.

# УСУЛҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА РАҚАМӢ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ

**Давлатзода Б.Ш.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**Бобоев Қ.О.**
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

**Аннотация.** Дар мақола усулҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар соҳаи нақлиёт баррасӣ гардидааст. Рақобати афзоянда дар бозорҳои молии ҷаҳонӣ як мушкилоти ҷиддие барои табдили системаҳои нақлиётии ҷаҳонӣ ва миллӣ мебошад. Ин таѓйирот талаботи низоми нави технологиро, ки дар зери таъсири истеъсол ва истеъмоли фаъоли технологияњои раќамї ва иттилоотї ташаккул ёфтааст, инъикос менамояд. Системаи нақлиёт аз сабаби ба мушкилоти рақамӣ бартариҳои рақобатии худро аз даст медиҳад. Мақсади ин мақола истифодаи усулҳои технологияҳои рақамӣ ва иттилоотӣ дар нақлиёт мебошад.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, технологияҳои рақамӣ, рақобат, бозори мол, истеҳсолот, истеъмол, соҳаи нақлиёт, иқтисодиёт.

# METHODS OF APPLYING INFORMATION AND DIGITAL TECHNOLOGIES IN THE TRANSPORT SECTOR

**Davlatzoda B.Sh.**
Tajik State University of Finance and Economics
**Boboev Q.O.**
Institute of Economics and Demography, NAST

**Abstract.** This article examines the methods of applying information and digital technologies in the transport sector. The increasing competition in global commodity markets presents a serious challenge to the transformation of global and national transport systems. This transformation reflects the requirements of a new technological paradigm shaped by the active production and

consumption of digital and information technologies. The transport system is losing its competitive advantages due to its delayed response to digital challenges. The main objective of this article is to explore and apply the methods of digital and information technologies in the transport sector.
**Keywords:** information, digital technology, competition, commodity market, production, consumption, transportation sector, economy.

**Постановка задач.** Современные цифровые и информационные технологии кардинально преобразуют транспортную сферу, становясь ключевым драйвером ее развития. Их внедрение позволяет принципиально модернизировать транспортную инфраструктуру, значительно повышая показатели безопасности, эффективности и качества услуг. Интеллектуальные системы управления транспортными потоками, автоматизированные решения для логистики и инновационные сервисы для пассажиров формируют новую парадигму организации перевозок. Особую значимость приобретают технологии реального мониторинга и предиктивной аналитики, существенно снижающие аварийность и оптимизирующие транспортные процессы.

**Анализ проведенных исследований и публикации.** В процессе исследования использованы труды Семчугова Е.Ю., Скрынник А.М., Osterwalde A, Pigneur Y., Jonson M. W., Christensen C. M., Kadermann H., Журавлева Н. А., Zimin A.S.

**Цель статьи** является применение методы цифрового и информационного технологий на транспорте.

**Основное содержание статьи.** Информационная система представляет собой программно-аппаратный комплекс для автоматизированного сбора (обработки, выдачи, хранения) данных, важнейший инструмент для организаций, занятых в коммерции, в особенности для связанных с использованием разнообразных видов транспортных средств [8, с. 112].

Перспективные направления включают развитие автономного транспорта, внедрение блокчейн-решений в логистику, применение искусственного интеллекта для управления трафиком и технологий интернета вещей для контроля транспортных средств. Эти инновации не только повышают операционную эффективность, но и создают принципиально новые стандарты мобильности, трансформируя повседневные практики перемещения людей и грузов.

Цифровые и информационные технологии играют ключевую роль в формировании интегрированных транспортных систем современных умных городов, обеспечивая их слаженное взаимодействие. Реализация данного подхода предполагает внедрение автоматизированных систем управления транспортными потоками, создание интеллектуальных транспортных сетей, совершенствование маршрутного планирования и расписаний движения, а также цифровизацию билетных систем и разработку специализированных приложений для мультимодального планирования поездок. Как отмечают эксперты, подобные технологические решения способствуют созданию единого информационного пространства городской транспортной инфраструктуры, значительно повышая ее эффективность и удобство для конечных пользователей.

Решение проблем экономического роста в нашей стране становится критической задачей появления положительных изменений в политической, социальной и экономической жизни страны. Основным фактором мирового экономического роста становятся информационные и цифровые преобразования, формирующие новый технологический уклад. И это единственный эффективный способ роста конкурентоспособности отраслевых, региональных и национальных рынков. Эра информационной и цифровой глобализации предлагает отрасли беспрецедентные возможности для достижения эффективности, при этом необходима переоценка существующих стратегий, бизнес-моделей и операционной деятельности. Только от инвестиций в

технологию «Интернет вещей» (Industrial Internet of things, IIoT), обеспечивающую сбор, обработку и анализ данных с мониторингом производства и потребления товаров и услуг, промышленность ожидает увеличение выручки и сокращение расходов ближайших годы [1].

Неоднородность развития цифровой экономики и вариативность форм ее внедрения в общественную практику позволяют, тем не менее, выявить универсальные характеристики успешной технологической трансформации. К ним относятся, во-первых, наличие специфической проблемы, решение которой возможно исключительно средствами цифровых технологий, и, во-вторых, масштабные инвестиционные вложения в инновационные разработки и создание цифровой инфраструктуры. Данные факторы, как свидетельствуют современные исследования (Schwab, 2020; Digital Economy Report, 2021), составляют основу эффективного перехода к новому технологическому укладу.

В условиях цифровизации развивающиеся рынки получают стратегическое преимущество за счет возможности создания принципиально новых цифровых решений без необходимости адаптации устаревших инфраструктурных систем. Данный подход обеспечивает потенциал для технологического лидерства в ключевых секторах экономики, поскольку позволяет реализовывать инновационные проекты на "чистом листе", минимизируя исторические ограничения и институциональные барьеры. Как показывают исследования, такая модель развития способствует формированию более эффективных и адаптивных цифровых экосистем по сравнению со странами, вынужденными осуществлять постепенную модернизацию существующих инфраструктурных комплексов.

**Правительство республики реализует комплексную программу реформирования транспортной системы в соответствии с принципами рыночной экономики.** Основными приоритетами данной политики являются создание конкурентной среды, расширение участия частного капитала и обеспечение свободы потребительского выбора. Государственные транспортные предприятия реорганизуются по модели независимых коммерческих структур с сохранением ограниченного государственного контроля.

**Особое внимание уделяется социальной составляющей транспортной политики.** Для обеспечения мобильности малообеспеченных групп населения предусмотрены целевые субсидии на транспортные услуги. Поддержка городского общественного транспорта осуществляется через механизмы государственно-частного партнерства, с активным привлечением коммерческих операторов к предоставлению субсидируемых услуг.

Создание Единой Информационно-Аналитической Системы (ЕИАС) даст возможность решить задачи, связанные с проведением мониторинга показателей безопасности транспортного комплекса, и принимать меры при превышении допустимых значений [2]. Внедряемая система обеспечит расширение доступа граждан и организаций к открытым данным о работе Государственной службы по надзору и регулированию в сфере транспорта. В режиме реального времени станет доступна информация о перевозчиках с нарушениями в реестре, а также о транспортных предприятиях, допускающих несвоевременное устранение выявленных несоответствий.

Данная мера направлена на достижение двух ключевых целей: во-первых, сокращение экономических потерь добросовестных участников транспортного рынка, и во-вторых, системное повышение качества предоставляемых перевозочных услуг. Прозрачность информации создаст дополнительные стимулы для соблюдения отраслевых нормативов и требований безопасности всеми субъектами транспортной деятельности.

Огромное влияние на ЦИТ в транспортной отрасли оказала Государственная целевая программа развития транспортного комплекса Республики Таджикистан до 2025 года,

утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 апреля 2011 года №165 (в редакции Пост. Правительства РТ от 25.10.2022, №518), которая предполагает активное внедрение цифровых технологий в транспортную отрасль и основана на решении комплекса острых вопросов, стоящих перед отраслью в начале 2011-х годов:

- Высокая аварийность вследствие человеческого фактора.
- Низкая эффективность процесса перевозок традиционными видами транспорта.
- Низкая мобильность населения.
- Большой процент незаконных перевозок и оплаты проезда наличными.
- Отсутствие возможности оперативного управления транспортным комплексом из единого центра в зависимости от ситуации.
- Низкая информированность и скоординированность действий республиканских, областных и местных органов власти, субъектов транспортной деятельности по вопросам обеспечения безопасности на транспорте (включая транспортную безопасность, кибербезопасность).
- Отсутствие возможности мониторинга состояния объектов транспортной инфраструктуры на всех этапах жизненного цикла.

Процессы информатизации и цифровизации, подобно другим стратегиям повышения конкурентоспособности, не поддаются универсальной стандартизации. Каждая развитая страна демонстрирует индивидуальную траекторию разработки и внедрения цифровых технологий, определяемую спецификой национальных задач и особенностями отраслевых рынков. Государство играет ключевую роль в этом процессе через комплекс мер, включая стимулирование научных исследований, финансирование фундаментальных цифровых проектов, развитие системы цифрового образования, совершенствование стандартизации и нормативно-правовое регулирование инновационного технологического сектора. Такой многоуровневый подход позволяет создавать благоприятные условия для цифровой трансформации экономики с учетом национальных особенностей.

Разработка цифровых проектов для транспортной системы страны требует четкого стратегического видения, учитывающего не только текущие рыночные тенденции в сфере производства и потребления, но и перспективные потребности, обеспечивающие долгосрочную эффективность масштабных инфраструктурных инициатив. Центральное место в этом процессе занимает концепция бизнес-модели цифровой трансформации, представляющая собой комплексный подход к созданию, внедрению и монетизации цифровых решений. Данная модель предполагает системное описание механизмов генерации добавленной стоимости через применение цифровых технологий, их эффективной коммерциализации на рынке транспортных услуг и получения устойчивых экономических и социальных эффектов. Реализация такой модели требует глубокой интеграции инновационных технологий в транспортную инфраструктуру, формирования устойчивых финансовых механизмов и создания сбалансированной экосистемы взаимодействия между всеми участниками транспортного рынка. Бизнес-модель должна отвечать на следующие вопросы: зачем компании (стране, региону) новые технологии; какой продукт или услуга на их базе будет создан; кто будет потребителем услуг; в чем ценностные предложения; как обеспечить производство нужной клиенту услуги и каналы поставок; как сформирована финансовая инфраструктура модели (деньги и безопасность); каковы ключевые ресурсы, действия, кадры [5, 6].

ЦИТ получили широкое распространение в сфере пассажирских перевозок, трансформируя традиционные модели транспортного обслуживания. Современные мобильные решения, включая приложения для вызова такси, приобретения билетов и построения маршрутов, существенно повышают доступность и качество транспортных услуг для конечных пользователей. Параллельно

данные инструменты позволяют операторам и управляющим компаниям оптимизировать использование подвижного состава, улучшать планирование маршрутов и повышать общую эффективность транспортных систем. Внедрение таких технологических решений способствует созданию интегрированной экосистемы городской мобильности, что подтверждается исследованиями в области транспортного планирования

Применение цифровых и информационных технологий в транспортной сфере значительно повышает прозрачность и подотчетность операторов. Современные системы электронного мониторинга обеспечивают точное отслеживание местоположения транспортных средств в реальном времени и контроль соблюдения нормативов безопасности. Эти технологические решения особенно важны для таких чувствительных сегментов, как перевозка опасных грузов и организация городского пассажирского транспорта, где они позволяют минимизировать риски и обеспечить максимальный уровень безопасности. Как показывают отраслевые исследования, внедрение таких систем способствует созданию более надежной и прозрачной транспортной экосистемы.

Формирование сети ценности транспортных услуг обусловлено трансформацией транспортно-логистических систем в направлении их глубокой интеграции с процессами производства и потребления. Данный процесс требует разработки инновационных бизнес-моделей, основанных на принципах мультимодальности перевозок и долгосрочных сервисных отношений. Особое значение приобретает создание распределенной сквозной системы доверия (end-to-end) с применением технологии распределенного реестра, где блокчейн-инструментарий обеспечивает надежную фиксацию каждой операции в режиме реального времени, формируя тем самым принципиально новый уровень прозрачности и доверия во взаимодействии всех участников транспортно-логистической цепочки. Как было показано ранее, в оценке эффективности информатизация и цифровизации транспортных систем можно применять показатель «единица ценности». В нашем случае он может быть рассчитан как «средневзвешенная сумма трех субиндексов: развития транспортной инфраструктуры и сервисов, расходов на внедрение и обслуживание цифровых активов, грузо-, пассажиропотока [7].

Безопасность составляет фундаментальную основу всех видов деятельности, включая транспортную сферу. Конституция Республики Таджикистан возлагает на государство ответственность за обеспечение комплексной безопасности, где транспортная безопасность занимает особое место. Государственная политика в этой области строится на системе взаимосвязанных принципов: конечной ответственности государства за установленный уровень безопасности транспорта, приоритете защиты жизни и здоровья граждан, гармонизации национальных норм с международными стандартами.

Применяемые профилактические меры должны соответствовать уровню потенциальных угроз, а ресурсное обеспечение - учитывать баланс интересов общества, государства и хозяйствующих субъектов. Особое значение приобретает развитие государственно-частного партнерства, позволяющего эффективно использовать рыночные механизмы для повышения безопасности.

Ключевыми элементами системы выступают превентивный характер мер, координация всех участников транспортной деятельности и непрерывный мониторинг угроз. Такой комплексный подход обеспечивает устойчивое функционирование транспортного комплекса страны в условиях современных вызовов.

**В заключение** необходимо подчеркнуть, что устойчивое технологическое развитие транспортной отрасли требует фундаментального пересмотра принципов взаимодействия между бизнесом и государством. Ключевым

условием является создание таких моделей цифровизации, которые обеспечивают преемственность технологических решений независимо от смены разработчиков, ориентированы на решение конкретных отраслевых задач с учетом требований рынка труда и создают эффективные механизмы монетизации инноваций.

Современная трансформация транспортных систем принципиально невозможна без широкого внедрения цифровых технологий, равно как и в рамках устаревших парадигм ведения бизнеса. Разработка и внедрение принципиально новых бизнес-моделей деятельности организаций транспортного комплекса выступает важнейшим фактором успешного перехода отрасли к новому технологическому укладу, обеспечивающему качественное изменение эффективности и конкурентоспособности транспортных услуг.

**Литература**


1. PwC, 2016 Global Industry 4.0 Survey, 2016.
2. Семчугова Е.Ю., Скрынник А.М. Современные требования к обеспечению транспортной безопасности (на примере юга России) // Известия Ростовского государственного строительного университета. – Ростов н/Д: Рост. гос. строит. ун-т , 2011. – № 15 – С. 77-83.
5. Osterwalde A, Pigneur Y. Business Model Generation: A Handbook for Visionaries, Game Changers, and Challengers. Hoboken; N. J.: Willey, 2010 / Остервальд А., Пинье И., Построение бизнесмоделей: настольная книга стратега и новатора. — М.: Альбина Паблишер, 2012.
6. Jonson M. W., Christensen C. M., Kadermann H. Reinventing Your Business Model// Harvard Business Rev. December, 2008. — URL: https://hbr.org/2008/12/reinventingyour-business-model.
7. Журавлева Н. А. Методология исследования цифровой трансформации в условиях дестабилизации бизнесмоделей транспортных организаций // Методология развития экономики, промышленности и сферы услуг в условиях цифровизации. — СПб., 2018. С. 10–47.
8. Zimin A. S. Transport logistics: a textbook. Khabarovsk: RIC KHGUEP, 2018. P. 112.



**Сведения об авторах**

**Давлатзода Бахтовар Шамсулло**-кандидат экономических наук, доцент кафедры прикладной информатики в экономике, Таджикский государственный университет финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

**Бобоев Кобилджон Олимджонович**-докторант по философии, Институт экономики и демографии, НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе.

**Маълумот дар бораи муаллифон**

**Давлатзода Бахтовар Шамсулло**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

**Бобоев Қобилҷон Олимҷонович**-докторанти фалсафаи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

**About the authors**

**Davlatzoda Bakhtovar Shamsullo**-Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Applied Informatics in Economics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

**Boboev Qobiljon Olimjonovich**-PhD student in philosophy, Institute of Economics and Demography, NAST. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe.

**УДК: 336.143**

# РУШДИ МАНБАЪҲОИ ИҚТИДОРИ АНДОЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Баротов А.Х.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар мақола масъалаҳои мубрами афзоиши манбаъҳои андозӣ ва сарчашмаҳои ташаккули он мавриди таҳқиқ қарор гирифта, иловатан механизми ҳавасманд гардонии соҳаи воқеии иқтисодиёт бо роҳи имтиёзҳои андозӣ, афзоиши шумораи соҳибкорони қонунан фаъолияткунанда, таҳлили нишондиҳандаҳои ММД давассути додани мконият ба бахши воқеии иқтисодиёт, афзоиши воридоти андоз аз ҳисоби додани имтиёз ба андозсупорандагон, соддагардони гаронии андоз, принсипҳои пардохт ва меъёрҳои андозҳои алоҳида нишон дода шуда, дар ин замина имкониятҳои афзун гардонидани рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна, роҳҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорон ва муфидгардонии андозҳо дастгирии соҳибкорони соҳавӣ ва ғанӣ гардидани буҷет нигаронида шуда, таҳия гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** Рушдӣ манбаъҳо, ташаккули иқтидори андозӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, низоми андоз, воридоти андоз, даромади буҷет, гаронии андоз, иқтидори андозӣ, сарчашмаҳои андоз, имкониятҳои андозӣ.

**Барои иқтибос:** Баротов, А. Х. Рушди манбаъҳои иқтидори андозии вилояти Хатлон дар шароити муосир / А. Х. Баротов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 126-133.

# РАЗВИТИЕ ИСТОЧНИКОВ НАЛОГОВЫХ ПОСТУПЛЕНИЙ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Баротов А.Х.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация**. В статье рассматриваются актуальные вопросы увеличения налоговых поступлений и источники их формирования, а также предлагается механизм стимулирования реального сектора экономики посредством налоговых льгот, увеличения числа легально действующих предпринимателей, анализируются показатели ВВП за счет предоставления возможностей реальному сектору экономики, увеличения налоговых поступлений за счет предоставления льгот налогоплательщикам, упрощения налоговой нагрузки, указываются принципы уплаты и ставки отдельных налогов. На этой основе разрабатываются возможности для повышения развития малого и среднего бизнеса, разрабатываются способы стимулирования предпринимателей и повышения полезности налогов, направленных на поддержку отраслевых предпринимателей и пополнение бюджета.

**Ключевые слова:** Разработка источников, формирование налогового потенциала, предпринимательская деятельность, налоговая система, налоговые поступления, доходы бюджета, налоговая нагрузка, налоговый потенциал, налоговые источники, налоговые возможности.

# DEVELOPMENT OF TAX REVENUE SOURCES IN KHATLON REGION IN MODERN CONDITIONS

**Barotov A.Kh.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract.** The article examines the current issues of increasing tax revenues and the sources of its formation, and in addition, a mechanism for stimulating the real sector of the economy through tax incentives, increasing the number of legally operating entrepreneurs, analyzing GDP indicators

by providing opportunities for the real sector of the economy, increasing tax revenues by providing incentives to taxpayers, simplifying the tax burden, payment principles and rates of certain taxes are indicated. On this basis, opportunities for increasing the development of small and medium-sized businesses, ways to encourage entrepreneurs and make taxes more useful, aimed at supporting sectoral entrepreneurs and enriching the budget, are developed.
**Keywords:** Development of sources, tax capacity formation, entrepreneurial activity, tax system, tax revenue, budget revenue, tax burden, tax capacity, tax sources, tax opportunities.

**Гузориши масъала.** Вазъи иҷтимоӣ ва беҳтаргардонии сифати зиндагии аҳолӣ, ки он пайваста масъулият ва вазифаи асосии давлат мебошад, тавассути манбаҳои андозӣ ва пардохти ҳатмӣ ба буҷует ва аз буҷет барои руйпуш кардани эҳтиёҷоти молиявии давлат истифода бурда мешавад. Аз ин хотир гуфтан мумкин аст, ки ташаккул ва рушди низоми андозбандӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он шарти зарурӣ буда роҳҳои рушди минтақавӣ ва фаромінтақавии он шарти зарурӣ мебошад. Бинобар ин мо гуфта метавонем, ки таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ, баландбардории музди маош ва як қатор имкониятҳои дигари иҷтимоӣ аз низоми андозбандӣ вобастагии зиёд дорад. Дар низоми андозбандӣ як қатор нишондиҳандаҳое ҷой доранд, ки онҳо иқтидори молиявии двалатро барои ба миён овардани имкониятҳои нави рушд дар сатҳи давлат муаррифӣ менамоянд.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** “Ҷараёни андозбандӣ бо пайдоиши низоми давлатдорӣ дар таърихи инсоният алоқаманд аст, ки то даврои ҳозира 4 марҳилаи ислоҳотро аз сар гузаронидааст” [6, с.10]. Дар назарияи намояндаи фаъоли ин давра профессор Артур Лаффер, андоз ҳамчун механизми ҳавасманд гардонии соҳаи воқеии иқтисодиёт инъикос гардидааст. Нуқтаи асосӣ дар ин назария кам кардани миқдори андозҳо ва афзоиши воридоти онҳо ба буҷет мебошад, ки дар доираи ақидаи худ, А. Лаффер вобастагии даромадҳои буҷетро аз дараҷаи миқдори андозҳо васамараи онро ба тариқи математикӣ нишон додааст. Ба ақидаи мо мавриди истифода қарор додани каҷхатаи Лаффер барои андозбандии шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ дар низоми андоз мувофиқи мақсад буда, бо кам кардани меъёрҳо, манбаи андоз дар ниҳоят зиёд мешавад ва дар муҳити андозбандӣ шумораи соҳибкорони қонунан фаъолияткунанда афзоиш ёфта, субъектони хоҷагидори зиёд мешавад.

**Мақсади мақола** ин омӯзиши масъалаҳои афзоиши манбаъҳои андозӣ ва сарчашмаҳои ташаккули он маҳсуб меёбад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Барои баланд бардоштани самари низоми андозбанӣ ва мувофиқ намудани меъёрҳои рушди он барои фароҳам сохтани шароит ба истеҳсолкунандагон гузаронидани ислоҳотҳои мувофиққардашуда муҳим ва зарурӣ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз дар Тоҷикистон давоми чанд соли охир вобаста ба низоми андозбанди ислоҳотҳои фарогир ва гуногунсамт, ки дар асосии санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ, махсусан Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала ҳамоҳанг кардашуда дар он чанд маротиба ислоҳот ворид карда шуд. Ислоҳотҳои амиқ дар ин Кодекс асосан аз соли 2020 оғоз гардида расмиёти истифодаи он ба 1-уми январи соли 2022 рост меояд.

Маълумотҳои таҳлилгардида дар давоми солҳои 2021-2023 ба он далолат менамоянд, ки сатҳи даромади буҷети давлатӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои воридшавӣ ё манбаҳои воридот дар алоқамандӣ бо таносуби ҳисобкунӣ бо ММД, сатҳ ва ҳиссаи воридоти андозҳ, даромаду хароҷотҳои буҷети давлатӣ ва таъсири раванди гаронии андозҳо чунин шаклро инъикос менамояд. (нигар ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Динамикаи нишондиҳандаҳои ММД, воридоти андоз, дефитсит (профитсит) ва гаронии андоз барои солҳои 2015-2023**

| Нишон- \ Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

| диҳандаҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн сомонӣ | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,8 | 83958,3 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 | 130791,5 |
| Воридоти андоз, млн сомонӣ | 10613,4 | 11188,4 | 13099,7 | 14564,9 | 15775,4 | 15366,5 | 19669,6 | 21824,2 | 25769,1 |
| Дефитсит (профитсит)-и буҷет, млн сомонӣ | 309,1 | 110,9 | -2308,7 | -261,9 | -337,2 | 252,5 | 711,1 | 717,9 | 868,6 |
| Гаронии андоз, % | 20,8 | 20,4 | 20,3 | 20,5 | 18,8 | 18,3 | 19,5 | 18,9 | 19,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2020. - С. 445-461; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2023. - С. 214, 363-39; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2024- С. 214, 367-398.

Пеш аз ҳама, қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи таҳлилӣ номувозинатии даромад ва хароҷоти буҷет ба амал омада, зарурати омӯзиш ва таҳқиқро ба миён меорад. Тибқи маълумоти ҷадвали 1 нишондиҳандаҳои ММД, воридоти андоз, дефитсит (профитсит) ва гаронии андоз ба тариқи тафриқавӣ майл пайдо кардаанд. Аз ҷумла солҳои 2017-2019 норасоии қисми даромади буҷет ва солҳои 2015, 2020-2023 таносуби мазкур майли мусбатро гирифтааст. Яъне дар солҳои таҳлилӣ бо дарназардошти омилҳои дохила ва беруна ташаккулёбии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ба амал омада, бо вуҷуди буҳронҳои молиявӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз ҳисоби дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои барномавӣ ва стратегии кишвар, инчунин тақвият ёфтани низоми андози миллӣ дар фазои муносибатҳои иқтисоди беруна дар маҷмуъ майли мусбат гирифтааст. Тибқи талаботи ҷойдошта дар шароити муосир, алалхусус бо дарназардошти рақамикунонии равандҳои печидаи иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи кишвар як қатор талаботҳоеро, ки он мутобиқгардонии низоми андозбариро бо талабот ва стандарҳои байналмилалӣ тақозо менамояд, бояд ба назар гирифта шаванд Вобаста ба ин метавон гуфт, ки ҷараёнҳои босамар ва имкониятҳои васеъи таъмин шуғли пурмаҳсул бо он оварда мерасонад, ки ниҳоятан буҷети давлатӣ ғанӣ гардонида шавад. Ва барои иловатан пурзур намудани сарчашмаҳои воридоти он ба дастгирии бахши соҳибкории истеҳсолӣ афзалият дода шавад. Боназардошти оне, ки дар соҳаи андоз барои додани имконият ба бахши воқеии иқтисодиёт ислоҳот ворид карда шудааст, тибқи маълумотҳои таҳлилнамудаи мо гаронии анозҳо воқеиятан тамоили коҳишёбиро касб намудааст. Вобаста ба ин нишондиҳандаҳо назари мо бар он аст, ки натиҷаи ислоҳот таъсири мусбат ба коҳиши чунин гароиҳо дорад.

Кайд кардан зарур аст, ки агар ислоҳот аз як тараф ба кам кардани гаронии адозҳо боис гардад аз дигар тараф ҳамчун заминаи бунёдии дастгирӣ ва рушди соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот махсуанд дастгирии бахшивоқии иқтисодиёт ва ниҳоятан ғани гардонидани буҷети давлату беҳтаргардии сифати зиндагии аҳолӣ мебошад.

Дар асоси ҳамаи ин гуфта ҳо мо бар он назарем, ки барои баланд бардоштани иқтидори андозии минтақа зарурияти ташкили механизмҳои диверсиффикатсиякунонии раванди истеҳсолот ва додани имконият ба истеҳсолкунандагони нав ба хотири бунёди низоми мукаммали андозбандӣ мебошад. Зеро дар ҳар як давлат соҳибкории истеҳсоли муҳаррики асоси пешбарандаи иқтисодиёт маҳсуб ёфта рушд диҳандаи шаклҳои нави истеҳсолӣ мебошад. Изофатан дастгирии ин ниҳоди муҳими иқтисоди албатта аз дастгирии давлат дар навбати аввал аз додани имтиёзҳои андозӣ

вобастагии зиёд дорад. Беҳуд нест, ки давлат аксар имкониятҳо ва имтиёзҳои худро тавассути низоми андозбанӣ татбиқ менамояд. Дар таҷрибаи имрӯзаи Тоҷикистон мо мебинем, ки дар бисёри ҳолатҳо ААИ ва андози иҷтимоӣ дар ташаккул ва заминаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ монеа эҷод менамояд. Агар чандеки низоми андозбанди ба як қатор ислоҳотҳои иловатан низёз дорад зарурияти танзими шаклҳои нави андозбандӣ муҳим ва зарурмебошанд, зеро аксар маврид баробари андозупорӣ ва дигар сарчашмаҳои воридоти андоз шояд аз мади назар дур мемонанд, ки ин масъала ислоҳоти ҷиддиро тақозо менамояд.

Дар Тоҷикистон раванди танзими низоми андозбандӣ аз оғози ислоҳот асосан солҳои 2000-умро дар бар мегирад, ки он ба ҷанбаҳои васеъи институтсионалӣ ва ташаккули принсипҳои хосияти рушддоштаро дар бар мегирад. Аз ҷумла дар солҳои 2012-2021 замина барои дар оянда беҳтар кардани низоми андозбандӣ гузошта шуда, шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқӣ ба миён омад. Чунончи, “....барои таҳлили муқоисавии самтҳои асосии сиёсати андозӣ муқаррароти Кодекси андози нав ва пештара мавриди баррасӣ қарор гирифт. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 23.12.2021, №1844 қабул гардида, аз 2 қисм, 15 фасл, 57 боб, 399 модда ва 7 номгӯи андоз иборат мебошад. Чунин тағйироти меъёрию ҳуқуқӣ муҳити андозбандиро аз ҳисоби муфид гардонидани меъёрҳо ва асоснок гардидани заминаи андозбандӣ барои тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ майли мусбат медиҳад, ки инро дар мисоли андоз аз даромад, ААИ, андози аксизӣ, андоз барои сарватҳои табиӣ ва андози иҷтимоӣ дидан мумкин аст”[3].

Дар асоси талаботҳои Кодекси нави андоз “...даромади шахсони воқеӣ, аз қабили тарҳи шахсӣ аз 60 сомонӣ то ба 128 сомонӣ ба соли 2023 ва ҳоло вобаста ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо ин тарҳи шахсӣ 150 сомонӣ ба соли 2025, меъёри андоз - 12% ва даромади воқеии ғайрирезидентӣ аз 25% то 20% сабукӣ ба амал оварда”. Аз муқоисаи нишондиҳандаҳои мазкур чунин бармеояд, ки майли шахсони воқеии андозсупоранда ҳавасмандии фаъолияти онҳоро ифода мекунад. Дар мавриди ААИ, тибқи муқаррароти Кодекси нави андоз чунин тамоиле ба назар мерасад, ки сол ба сол кам гардидани меъёри ААИ, яъне аз 18%-и соли 2021 то ба 13% барои соли 2027 муайян шудааст” [2, с.380]. Дар асоси таҳлилҳои анҷомгардида гуфтан мумкин аст, ки андозҳои дигар тибқи нишондиҳандаҳои мавҷуда ва талаботҳои ҷойдошта метавонанд тағйир ёфта сатҳи ҳавасмандии субъектҳои соҳибкориро низ баланд бардоршта, имконияти истеҳсолоти ватаниро баланд бардошта, ҳавасмандии онҳоро афзоиш медиҳад ва сатҳи зиндагии аҳолӣ вобаста ба дастрасӣ ба неъматҳои зарурӣ афзоиш медиҳад.

Гуфтан мумкин аст, ки гаронии андозҳо ба ҳисоби таносуби фоизӣ дар ММД 19,5%-ро ташкил намуда он метавонад дар чанд сооли охир тибқи чораҳои умумӣ коҳиш дода шавад. Коҳиш додани чунин тамоил бештар ба сатҳи самаранокии низоми андозбандӣ рабт дошта он дар тақвияти доимии мақомотҳои ваколатдор қарор мегирад.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки “...чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва меъёрии қабулгардида барои ташаккул додани буҷети давлатӣ мақоми устувор дошта метавонад. Бинобар маълумоти расмӣ, дар соли 2022 ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 36056,8 млн сомониро ташкил дод, ки дар таносуб бо ММД 31,2 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба буҷети соли 2021 ба андозаи 19,9 фоиз зиёд шудааст” [4 , С.386-390.]. Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ вобаста ба ғанигардонии манбаи даромади буҷети давлатӣ ҳиссаи ААИ назаррас буда таносубан ҳиссаи назаррасро дар даромади буҷет инъикос менамояд. Тамоили афзоиши ААИ дар муқоиса ба дигар солҳо соли 2022 дар таркиби буҷети давлатӣ назаррас буд. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки тибқи манбаъҳои ташаккули буҷет бармеояд, ки қисми бештари он аз ҳисоби иқтидори ААИ таркиб ёфтааст ва дар оянда меъёри он кам гардида, боиси ҳавасмандии андозсупорӣ

мегардад. “...Яъне бо дигаршавии равобити иқтисодӣ фурсатҳои густурдаи соҳибкорӣ дар равнақи иқтисоди миллӣ бо дар назар гирифтани фурсатҳои андозии иқтидори андозӣ ба вуқуъ пайваста, буҷаи давлатӣ пойдор мегардад. Дар мавриди ба эътибор гирифтани ин нишондиҳанда дар сатҳи буҷети маҳаллӣ маълум мегардад, ки дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи бештарро андоз аз даромади шахсони воқеӣ ишғол намуда, 27,9%-ро ташкил медиҳад. Бинобар ин, аз нуқтаи назари муаллиф, муайянкунандаи 1/3 ҳиссаи иқтидори андозӣ ба шахсони воқеӣ рост омада, зарурати арзёбии имконоти ҷойдошта дар ин самт аз ҳисоби соҳибкории инфиродӣ ба миён меояд” [1, С. 23 – 25.].

Вобаста ба тамоюлҳои тағйирёбии воридоти андоз ба буҷети давлатӣ моро зарур аст, ки татбиқи равандҳои ислоҳоти андозиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда ҳамзамон бо ин як қатор имкониятҳои нави андозиро, ки ба иқтидори он таъсир мерасонанд дарёфт намуда роҳҳои амалисозии онро дарёфт намоем. Дар давоми чанд соли охир бинобар дигаргунгардии раванди ғаенигардонии буҷети давлатӣ ба он гувоҳи медиҳад, ки дар баробари иқтидорҳои андозӣ омилҳои дигари воридоти маблағ ба буҷет пайдо гардидааст, ки тақвияти онро дар сатҳи арзёбиҳои гуногун мо ба роҳ монем. Илова бар ин ворид намудани баъзе ислоҳотҳои ҷузъӣ бояд кори ҳамешагии мо буда ба ин масъала бояд таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир карда шавад.

Новобаста аз оне, ки ба иқтидори андозӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ҳамоно ба пурзуршавии он низ дигар омилҳое, низ ҷой доранд, ки онҳо ба иқтидори андозии мамлакат таъсири мусбат менасонанд. Бинобар ин вобаста ба ҳиссаи воридоти андоз ба буҷети вилоят мо бар он назарем, ки вобаста ба ташаккули иқтидори андозӣ бояд як қатор чораҳои доимӣ андешида шаванд. Чунки дар чанд соли охир вобаста ба ислоҳотҳои ҳадафманд сатҳи даромади субъектҳо низ дар вилоят рӯ ба афзоиш аст. (нигар ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. – Сохтори даромадҳои андозӣ аз рӯйи таркиби соҳавӣ дар соли 2022, ҳаз. сомонӣ**

| Соҳа | Дар тамоми ҷумҳурӣ | Вилояти Хатлон | Ҳиссаи вилояти Хатлон нисбат ба ҷумҳурӣ, % |
|---|---|---|---|
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | 274 227,9 | 118 155,1 | 43,1 |
| Корхонаҳои сохтмонӣ | 829 547,7 | 85 898,3 | 10,4 |
| Корхонаҳои саноатӣ (истеҳсоли маҳсулот) | 1 961 172,5 | 198 720,9 | 10,1 |
| Хизматрасонии нақлиётӣ | 37 349,2 | 839,3 | 2,2 |
| Савдо | 1 344 406,3 | 116 069,7 | 8,6 |
| Дигар соҳаҳо | 8 836 635,3 | 642 021,0 | 8,5 |
| Ҳамагӣ | 13 836 121,9 | 1 321 555,2 | 9,6 |

**Сарчашма:** Ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Самту соҳаҳои гуногун ҷой доранд, ки онҳо иқтидори андозии вилояти Хатлони Тоҷикистонро вобаста ба нишондиҳандаҳои мавҷуд инъикос намуда дараҷаи ва ҳаҷми пуршавии онро аз рӯи факту рақамҳо нишон медиҳанд. “Сатҳи маҳҳалиии таҳлили иқтидори андозии минтақаҳо имкон медиҳад, ки роҳҳои болобардории иқтидори андозӣ дар вилоят тақвият дода шуда имкониятҳои нави рушд фароҳам оварда шаванд” [4].

Тибқи нишондиҳандаҳои даромадҳои андозӣ аз маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 961 172,5 ҳазор сомониро ташкили медиҳанд, ки ин ҳисса ва ё саҳм дар вилояти Хатлон ба андозаи 10,1%

баробар аст. Вобаста ба ҳамаи ин ин мо масъалаи воридоти андозро аз рӯи намудҳои гуногуни андоз мавриди таҳлил ва баррасӣ қарортдода имконият ва иқтидорҳои андозиро дар таркиби шаклҳои алоҳидаи андоз мавриди таҳлилу баррасӣ карор додем, ки он майли зеринро доро мебошад (нигар ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Таркиби воридот аз рӯйи намудҳои асосии андоз ба буҷет дар солҳои 2016-2023, млн. сомонӣ (тафовути муқоисавӣ, %)**

| Намудҳои андоз | 2016 | | | 2019 | | | *2023* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вилояти Хатлон | Ҳисса, % | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вилояти Хатлон | Ҳисса, % | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вилояти Хатлон | Ҳисса, % |
| ААИ | 5346,3 | 226,7 | 4,2 | 6429 | 259,8 | 4,0 | 10642 | 448,0 | 4,2 |
| Андоз аз даромади шахсои ҳуқуқӣ ва воқеӣ | 2384,5 | 306,4 | 12,8 | 3813,6 | 521,9 | 13,6 | 6861,2 | 989,5 | 14,4 |
| Аксизҳо | 339,1 | 0,7 | 0,2 | 1398 | 0,81 | 0,1 | 403,9 | 0,89 | 0,2 |
| Дигар андозҳо | 3118,5 | 238,8 | 7,7 | 4134,8 | 391 | 9,5 | 5647,7 | 577,3 | 10,2 |
| **Ҳамагӣ** | **11188,4** | **772,6** | **6,9** | **15775,4** | **1173,5** | **7,4** | **23554,8** | **2103,8** | **8,9** |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2020. – С.449, 461; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2024. – С.398; Омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 1991-2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. - С.212.

Вобаста ба маълумотҳои таҳлилгардидаи ҷадвали 2 ҳамиинро қайд кардан зарур аст, ки сохтори низоми воридоти андозҳо дар вилояти Хатлонттамоили зиёдшавиро касб намуда ҳиссаи он метавонад дар чанд соли оянда низ аз ҳисоби ташаккули иқтидорҳои нави андозӣ ин тамоил сатҳи болоравиро касб менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки соли 2016 даромадҳои андозии вилоят нисбат ба даромадҳои андозии ҷумҳурӣ 6,9%-ро ташкил дода бошан ин дар соли 2019 ба 7,4% ва соли 2023 ба 8,9% -ро ташкил намудааст. Дар сатҳи воридоти андозҳо таҳлилҳо вобаста ба пардохти андозҳо нишон медиҳад, ки соли 2023 он 21,2% ААИ ва 45,1% андоз аз даромад шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ, яъне 66,3%-и даромадҳои андозии вилояти Хатлон ба андози ААИ ва АДШВваҲ ташаккул ёфтааст.

Дар маҷмуъ, мо метавонем қайд намоем, ки вилояти Хатлон аз ҷиҳати сохтори даромадҳои андоз, тамоили ташаккули иқтидори андозии минтақа ба сатҳи миёнаи ҷумҳуриявӣ мувофиқат мекунад. Ба ин васила, омилҳое, ки ба иқтидори андозии минтақа таъсир мерасонанд, дар назарияи андоз ва андозбандӣ шартан ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ тақсим карда мешаванд. “Дар низоми пайдоиши омилҳо мавқеи асосиро омилҳои ташаккули манбаи андози минтақа ишғол менамояд” [5]. Дар ин замина, ба ақидаи муаллиф, манбаи андози минтақаро метавон дар ду ҷиҳат мавриди таҳқиқ қарор дод. Ҷиҳати якум манбаи воқеии андоз мебошад. Нишондиҳандаи мазкур ба маҷмуи сарчашмаҳои андоз барои супорандагони андоз ва пардохтҳои дар ҳудуди минтақа бақайдгирифташуда мансуб аст. “Сипас, манбаи дигари ташаккулёбии иқтидори андозии минтақа истифодаи муфиди кулли омилҳо, аз қабили захираҳои табиӣ, демографӣ, истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ба шумор меравад” [6].

Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мухтасираи такмилдиҳии манбаъҳои андозӣ аз ҷониби мутахассисони соҳа раванди табдилёбии манбаъҳои андозӣ аз ҳолати воқеӣ ба ҳолати муфидтарини он

аз тариқи методологияи илмӣ ба ҳисоби дақиқ гирифта мешавад. Мувофиқи назарияи мо, ҳолати муфидии комилан мукаммали манбаъҳои андозӣ танҳо аз ҷиҳати назариявии махз имкони вуҷудёбиаш ҳастанд. Аз ин манзари назариявӣ, масъалаи тамоилҳои дигаргуншавии иқтидори андозӣ аз ҳисоби муаррифии комплексии таъсири омилҳои дохилӣ дар ин ё он самтҳои фаъолият ва танзими мутаносиби он дар дохили вилоят ва минтақаҳои маъмурӣ хело зарури объективист мебошад. Бинобар ин парадигмаи методологӣ, омӯзиши омилҳои номбардошуда зимни таҳлили иқтидори андозии минтақавӣ муайянкунандаи стратегӣ мебошад. Ҳамчунин, лозими ба зикр аст, ки дар мушаххаснамоии таркиботии комплексии ин авомил вижагиҳои аслии макроиқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва дигар хусусиятҳои ҳаракатшиносии минтақа бояд ба назари методологӣ гирифта шаванд.

Дар ташаккулёбии манбаъҳои андозӣ, баробари омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-демографӣ, захираҳои табиии минтақа мақоми хоссаи стратегӣ доранд. Мувофиқи консептуализатсияи муаллиф, вусъатдиҳии истифодаи базаи захира ва ашёи хоми вилоят имкони методологӣ медиҳад, ки базаи андозии вилоят бе зиёд намудани гаронии андозӣ густариши васеъ дода шавад. Мувофиқи парадигмаи назариявии мо, чунин омили стратегӣ ба сохтори манбаъҳои андозӣ низ таъсири калони системавӣ мерасонад. Бинобар ин, “барои аниқ муайян кардани тамоили ташаккулёбии манбаи андозӣ дар минтақа зарурати муфид гардонидани таносуби байни андозҳои мустақим ва ғайримустақим ба миён меояд” [8].

Қайд кардан зарур аст, ки истифодаи механизм ва омилҳо ба он далолат медиҳад, ки самаранокии истифодаи дурусти воситаҳо дар барланд бардоштани иқтисори андозии минтақа метавонад як қатор масъалаҳои хуссияти мусбидоштаро ба миён оварад. Аз раванди таҳлили комплексии системавӣ чунин бармеояд, ки афзалияти имплементатсионии омилҳо аз ҳисоби истифодаи оптималии имкониятҳои дохилии потенсиалӣ таъмини методологӣ мегардад. Мувофиқи консепсияи назариявии муаллиф, маҳз дар ҳамин заминаи парадигматикӣ, тамоми минтақаҳои маъмурӣ-ҳудудӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон чунон тамоили стратегиро бояд дар бар гирад, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии мураккаби системавӣ имконоти васеъ фароҳам оварад.

**Хулоса**. Дар ҷараёни идоракунии низоми андозии фискалӣ норасоиҳо ва камбудиҳои системавӣ бояд саривақт ва оптималӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили комплексии методологӣ қарор дода шаванд. Дар ин заминаи парадигматикӣ, пеш аз ҳама, заминаи таҳлилии методологие ба амали имплементатсионӣ бароварда мешавад, ки иқтидори андозии минтақавӣ аз ҳисоби таъсири омилҳои системавӣ муайянкунӣ карда шавад.

Барои дар амал татбиқ намудани як қатор барномаву стратегияҳое, ки бевосита низоми андозбандиро дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад, талаб менамояд, ки тамоми субъектҳои гуногуни иқтисодӣ дар ин масъала бояд мавқеи ҳалкунанда дошта бошанд. Вобаста ба ин таҳқиқи заминаҳои бунёдии баланд бардоштани иқтидори андозии минтақа бо роҳи фароҳам овардани шароити мусоид ба истеҳсолкунандагони ватанӣ ва имкониятҳои иқтисодии коркарднашуда мебошад. Бинобар ин танзими гаронии андозҳо ва додани имконият ба истеҳсолкунандагон аз зумраи он масъалаҳое мебошад, ки бевосита онро мо дар таҳқиқоти илмии худ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додем. Бинобар ин зарур аст, ки дар минтақаи Хатлон вобаста ба ислоҳотҳои дар боло зикргардида бо роҳи паст карддани шидати гаронии андозҳо ва махсусан ААИ як қатор чораҳои зарурӣ рӯи кор оварда шуда дар ин самт амалкардҳои институтсионалӣ аз сатҳи ҳукмати ноҳия, шаҳрак ва монанди инҳо роҳандозӣ гардида дар ин самт ба истеҳсолкунадагон сабуки ва имтиёзҳои назаррас ба роҳ монда шаванд. Бинобар ин мо пешниҳод менамоем, ки дар сатҳи минтақа стратегия кам кардани гаронии андозҳо дар як давраи муаян қабул гардида дар ин самт пайваста чораандешӣ карда шавад.

## Адабиёт


1. Буҷети давлатӣ барои соли 2022 // Молия ва ҳисобдорӣ. Маҷаллаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - №3.- С. 23 - 25;
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе. - 2022. - С. 380;
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 23.12.2021, №1844. Саҳ 380.
4. Махшулов, С. Ҷ. Устувории молиявии низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт / С. Ҷ. Махшулов, М. Ҳ. Ҷулиев, З. А. Ҷиҳонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 169-176. – EDN FDHVDW.
5. Махшулов, С. Ҷ. Рушди низоми қарздиҳии хурд ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов, А. Ш. Ефтаков, Б. Б. Хоҷаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 2(31). – P. 132-141. – EDN UAABSB.
6. Махшулов С.Ҷ. Хусусиятҳои хосси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Тоҷикистон / С.Ҷ. Махшулов / [Матн]. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. № 6-1. С. 118.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, 2020. – С.449, 461;
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2023. – С.386-390.
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024- С. 214, 367-398;
10. Ризоқулов Т.Р., Сабуров Д.Ҷ., Сабуров В.Д. Андоз ва андозбандӣ: китоби дарсӣ -Хуҷанд - 2023-10 саҳ.
11. Шариф Раҳимзода. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ. /Ш.Раҳимзода/ Монографияи илмӣ. Душанбе «Эр-граф»2019. Саҳ194.
12. Ҳасанов А.Р. Молия ва қарз. Китоби дарси. А.Р Ҳасанов. Душанбе: Ирфон. Саҳ 99
13. https://www.google.com/search?q=%D1%82%D0%B5%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%8F+%D1%84%D0%B8%D0%BD%D0%B0%D0%BD%D1%81&oq=%D1%82%D0%B5%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%8F+%D1%84%D0%B8%D0%BD%D0%B0%D0%BD%D1%81&gs_lcrp=EgZjaHJvbWUyBggAEEUYOdIBCjE3OTAwajBqMTWoAgiwAgHxBTN_6JSBf5U_8QUzf-iUgX-VPw&sourceid=chrome&ie=UTF-8



**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Баротов Амирхон Холмирзоевич**–Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., муаллими калон, мудири кафедраи аудит ва ревизия. Суроға: 734067, ш.Душанбе, н.Сино, м. Навбаҳор 2, БЛ Б, Телефон: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

**Сведения об авторах**

**Баротов Амирхон Холмирзоевич** – Таджикского государственного финансово-экономического университет, к.э.н, старший преподаватель, заведующий кафедрой аудита и ревизия. Адрес: 734067, г. Душанбе, р-н Сино, ул. Навбахор 2, корпус Б. Телефон: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

**About the author**

**Barotov Amirkhon Kholmirzoevich** – Tajik State University of Finance and Economics, c.e.s., senior lecturer, head of the audit and revision department of the. Address: 734067, Dushanbe, Sino district, Navbahor 2, building B, Phone: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

**УДК: 336.774.3**

# МАНБАҲОИ ИТТИЛООТИИ ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ХАВФҲОИ ҚАРЗӢ

**Оев А.Д.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар омӯзиш ва таҳлили хавфҳо муайянкунии сарчашмаҳои маълумот ва огаҳӣ ба онҳо ҷиҳати баҳодиҳии дараҷаи хавф ва идоракунии он муҳим дониста мешавад. Маҳз бо воситаи дастрасӣ ва истифода аз манбаҳои таҳлилии хавф ҷараёни самараноки идоракунии он таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, мавзуи мавриди омӯзиши муҳаққиқ қароргирифта бо мақсади идоракунии хавфҳои қарзӣ дар бонкҳо муҳим ҳисобида мешавад ва он метавонад ҳамчун воситаи роҳнамоикунанда баромад намояд. Дар мақола сарчашмаҳои дақиқ ва бисёрҷонибаи омӯзиши хавфҳои қарзӣ аз қабили истифода аз маълумоти ҳисоботӣ (ҳисоботи молиявӣ, ҳисоботи ягонаи фаъолияти бонк ва ҳисоботи мутамаркази молиявӣ), бюрои таърихи қарзӣ, муқаррароти санадҳои меъёрӣ (соҳавӣ ва дохилибонкӣ) ва маълумоти оморӣ бо мақсади баҳодиҳӣ ва идоракунии ин хавфҳо, инчунин хусусиятҳои онҳо дар ин ҷараён таҳқиқ гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** хавфи қарзӣ, манбаҳои иттилоотӣ, ҳисоботи молиявӣ, бюрои таърихи қарз, сиёсати қарзӣ, сифати сандуқи қарзӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунӣ.
**Барои иқтибос:** Оев, А.Д. Манбаҳои иттилоотии таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ / А. Д. Оев // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 134-142.

# ИСТОЧНИКИ ИНФОРМАЦИИ ДЛЯ АНАЛИЗА И ОЦЕНКИ КРЕДИТНЫХ РИСКОВ

**Оев А.Д.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация**. При изучении и анализе рисков важно выявлять и знать источники информации для оценки уровня риска и управления им. Именно посредством доступа к аналитическим источникам риска и их использования обеспечивается эффективный процесс его управления. Поэтому изучаемая исследователем тема считается важной для целей управления кредитными рисками в банках и может служить руководящим инструментом. В статье рассматриваются точные и разносторонние источники исследования кредитного риска, такие как использование отчетных данных (финансовой отчетности, отдельных отчетов о деятельности банка и централизованных финансовых отчетов), бюро кредитных историй, положений нормативных документов (отраслевых и внутрибанковских) и статистических данных для целей оценки и управления этими рисками, а также их особенности в этом процессе.

**Ключевые слова:** кредитный риск, источники информации, финансовая отчетность, бюро кредитных историй, кредитная политика, качество кредитного портфеля, анализ, оценка и управление.

# SOURCES OF INFORMATION FOR ANALYSIS AND ASSESSMENT OF CREDIT RISKS

**Oev A.D.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract.** When studying and analyzing risks, it is important to identify and know the sources of information for assessing the level of risk and managing it. It is through access to analytical sources of risk and their use that an effective process of its management is ensured. Therefore, the topic studied by the researcher is considered important for credit risk management in banks and can serve as a guiding tool. The article considers accurate and versatile sources of credit risk research, such as the use of reporting data (financial statements, individual reports on the bank's activities

and centralized financial statements), credit history bureaus, provisions of regulatory documents (industry and intra-bank) and statistical data for the purposes of assessing and managing these risks, as well as their features in this process.

**Key words:** credit risk, sources of information, financial statements, credit bureaus, credit policy, quality of the credit portfolio, analysis, assessment, and management.

**Гузориши масъала.** Таҳлили хавфҳои қарзӣ зинаи заминавӣ дар идоранамоии ин хавфҳо буда, раванди он иттилооти пурра ва саҳеҳро тақозо мекунад. Аз пуррагӣ ва саҳеҳии манбаҳои иттилоотӣ сифати идоранамоии хавфҳои қарзӣ ва самаранокии қарори мушаххаси қабулшуда аз онҳо вобаста аст. Бинобар ин, шарҳи овардашуда ногузирии аҳаммияти манбаҳои иттилоотиро дар ҷараёни таҳлил собит месозад.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Аз ҷониби муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ дар мавриди таҳқиқи хавфҳои молиявию бонкӣ корҳои зиёде ба анҷом расидаанд. Аммо, дар алоҳидагӣ оид ба ин хавфҳо, хусусан хавфҳои қарзӣ омӯзишҳо камшуморанд. Оид ба масъалаҳои омӯзиши хавфҳои молиявию бонкӣ муҳаққиқони ватанӣ аз қабили Умаров Х.У., Султонов З.С., Шарифзода Б.М., Хушвахтзода Қ.Х., Ҳикматов У.С., Сайфуров К.Ф., Махшулов С.Ҷ., Ғаюров Ғ.Ҳ. ва дигарон омӯзишҳо бурдаанд.

**Мақсади мақола** ин аз пешниҳоди манбаҳои таҳлилии хавфҳои қарзӣ ҷиҳати таъмини самаранокии идоракунии ин хавфҳо маҳсуб меёбад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Ҳисоботдорӣ воситаи муҳимми идоракунӣ мебошад, ки натиҷаҳои фаъолияти бонк, амвол ва вазъи молиявии он, риояи интизоми молиявии бонк ҳангоми иҷрои амалиёти пешбиникардаи оиннома, мавҷудияти манбаъҳои дахлдори маблағ барои иҷрои саривақтии уҳдадориҳо дар он таҷассум меёбанд. Ҳисоботи молиявӣ усули ҷамъбаст ва ба даст овардани нишондиҳандаҳои ниҳоӣ дар давраи ҳисоботӣ буда, вазъи молиявии субъектро нишон медиҳад. Ин низоми маҷмуи нишондиҳандаҳои иқтисодии ба ҳам алоқаманд дар фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ дар давраи ҳисоботӣ буда, он барои соли тақвимӣ таҳия карда мешавад. Ба ҳисоботҳои молиявии бонкҳо, ки муҳимтарини онҳо ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ), ҳисобот оид ба фоида ва зарар, ҳисобот оид ба ҳаракати пули нақд, ҳисобот оид ба тағйирёбӣ дар сармоя ва хулосаи аудиторӣ, ки муайянкунандаи вазъ ва дурнамои фаъолияти онҳо мебошад, дохил мешаванд.

Дар баробари ин ҳисоботҳо инчунин, Ҳисоботи ягонаи фаъолияти бонк (UBPR - Uniform Bank Performance Report)[16] мавҷуд аст, ки воситаи таҳлилӣ буда, бо мақсади анҷом додани назорати бонкӣ, санҷиш ва идоракунӣ пешбинӣ шудааст. Он метавонад, инчунин, барои идоракунии рушд, дороиҳо ва уҳдадориҳои бонк истифода шавад. UBPR воситаи самаранокест барои бонкдорон ва нозирони бонк, ки мехоҳанд вазъи молиявии як бонки мушаххасро бифаҳманд ва аз ин рӯ, метавонад барои нигоҳдорӣ ё барқарор кардани вазъи молиявии бонк истифода шавад. Дар шакли мухтасар, он таъсири қарорҳои идоракунӣ ва шароити иқтисодиро ба натиҷаҳои фаъолияти бонк ва таркиби тавозун нишон медиҳад. Маълумот дар бораи фаъолият ва таркиби дар ҳисобот овардашуда метавонад барои арзёбии мувофиқати даромад, пардохтпазирӣ, сармоя, идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо ва идоракунии рушд истифода шавад. Бо пешниҳоди ҳисоботи ягонаи бонкӣ (UBPR) аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ танзимгар индикаторҳои калидии молиявиро коркард намуда, пешниҳод менамояд, ки барои баҳодиҳӣ ва рушди минбаъдаи стратегии иқтисоди миллӣ нақши муҳим дорад.

Бояд қайд намуд, ки низоми муосири назорати бонкӣ “FINA International” аз соли 2005 инҷониб дар Бонки миллии Тоҷикистон амал мекунад[11] ва дар доираи ин низом ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ТҚМ) муваззаф гардидаанд, ки ҳисоботи мутамаркази молиявии худро (дар шакли FinA) ба Департаменти назорати бонкии мақоми танзимгар пешниҳод намоянд. Маҷмуан, аз як тараф, воситаҳои баҳодиҳӣ

ва ояндабинии хавфҳои қарзӣ агар ҳамчун ҳисоботҳои молиявӣ баромад кунанд, аз тарафи дигар, вобаста ба омилҳои таъсиррасон воситаҳои мухталифи таҳлил ва идоракунии хавфҳои қарзӣ мавҷуданд, ки барои қарзгири инфиродӣ ё гурӯҳи қарзгирон истифода бурда мешаванд.

Дар ҳар мамлакат вобаста ба омилҳои таъсиррасон воситаҳои гуногуни ёрирасон барои назорат ва идоракунии хавфҳои қарзӣ истифода мегарданд. Аз ҷумла, манбаи ягонаи маълумот, ҳамкории бонкҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бюроҳои таърихи қарзӣ, суғуртанамоии хавфҳо, гарав ва ғайра ба онҳо мансубанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории ТҚМ бо Бюроҳои таърихи қарзӣ ва як қатор ниҳодҳои давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Пас, қайд кардан ба маврид аст, ки воситаи дигари муайянкунии хавфҳои қарзӣ ё ҳамчун манбаи иттилоот барои баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзӣ ҳисоботи вазъи молиявии бонкҳо ва Бюрои таърихи қарзӣ низ истифода бурда мешаванд.

Дар амалияи байналхалқӣ соли 2001 аз тарафи Ширкати байналмилалии молиявӣ (IFC) Барномаи рушди бюрои ҷаҳонии қарзӣ бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ таҳия ва амалӣ гардид [9, с.5-7].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санади танзимкунандаи муносибатҳои қарзӣ ва бюрои таърихи қарзӣ ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)” мебошад. Таърихи қарз ин иттилооти мусбат ё манфии иҷрои уҳдадориҳои субъекти таърихи қарз аз рӯйи шартномаест, ки дар Бюрои таърихи қарз нигоҳ дошта мешавад [7, с.1]. Бюроҳои қарзӣ унсурҳои муҳимми инфрасохтори молия буда, ба беҳтарсозии дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ мусоидат мекунанд ва аз ин лиҳоз, барои ҳар ТҚМ донистани масъулиятнокии қарзгиранда муҳим мебошад.

У.С. Ҳикматов ва М.С. Ҳикматов дар мақолаи худ қайд менамоянд, ки бюроҳои қарзӣ дар коҳишдиҳии хавфҳои қарзӣ нақши асосӣ доранд. Бюроҳои қарзӣ барои коҳиш додани хавфҳои қарзӣ, пеш аз ҳама, тавассути пешниҳоди ҳам маълумоти ҷорӣ ва ҳам маълумоти таърихӣ дар бораи чӣ гуна пардохт кардани уҳдадориҳои истеъмолкунанда (қарзгиранда) мусоидат мекунанд [13, с.23].

Қобили зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ташкилоти Бюрои таърихи қарзӣ амал мекунад, ки инҳо: - ҶДММ Бюрои таърихи қарзҳо “Криф Тоҷикистон” ва ҶДММ “Бюрои таърихи қарзии Сомониён” [5] мебошанд. Фаъолияти чунин ташкилотҳо дар кишвар бо дастрасӣ ба иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба амалӣ намудани фаъолияти бюрои таърихи қарз роҳандозӣ мегардад. Мақсади фаъолияти чунин ташкилотҳо ҷамъоварии маълумоти субъектҳои таърихи қарз (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) буда, ҳангоми муроҷиати истифодабарандагони он (бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба қарз мол мефурӯшанд ва хизмат мерасонанд) ҳисоботи қарз пешниҳод мегардад. Фаъолияти чунин ташкилотҳо бо бюроҳои қарзӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонӣ ба танзим дароварда мешавад. Фаъолияти бюроҳои қарзиро бошад, мақоми ваколатдори давлатӣ – Бонки миллии Тоҷикистон тавассути талаботҳои муқаррар намудаи худ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)” ба танзим медароранд, ки дар асоси чунин принсипҳо амал менамоянд:

- баробарии ҳамаи субъектҳои таърихи қарзӣ;
- истифодаи мақсадноки иттилоот, манбаи маълумоти таърихи қарз ва низоми иттилоотӣ;
- махфӣ нигоҳ доштани маълумот;
- таъмини ҳифзи манбаи маълумоти қарз ва низоми дахлдори системаҳои иттилоотӣ ва ғ.

Маълумоте, ки ба низоми иттилоотии бюрои қарзӣ аз тарафи таъминкунандагон ворид мегардад, ин ном ва насаби қарзгиранда, агар шахси ҳуқуқӣ бошад, номи ширкат, рақами мушаххаси андозсупоранда, ҳаҷми маблағ, муҳлати гирифтани қарз ва вақти пардохти он, инчунин дигар маълумот тибқи мувофиқаи тарафҳо сабт мегардад. Бюрои таърихи қарзӣ маълумотро дар муддати панҷ соли пас аз рӯзи гирифтани иттилооти охирин нигоҳ медорад.

Бо таҳлилҳои гузаронидаи ҶДММ “Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон” ба ҳисоби миёна дар Тоҷикистон аз даҳ ду ҳиссаи қарзгирандагон дар як вақт бо ду ва ё зиёда аз ин ташкилотҳои молиявӣ ҳамкорӣ мекунанд [6]. Ин нишондод исботи он аст, ки нақши Бюрои таърихи қарзӣ ҷиҳати бароҳмонии таҳлилҳои саҳеҳи қарзӣ, чи аз тарафи мутахассисони қарзӣ ва чи аз ҷониби Кумитаи қарзии ташкилотҳои қарзӣ, муҳим мебошад ва ҳангоми қабули қарор оид ба пешниҳоди қарз таҳлили дуруст бароварда, розигиро барои пешниҳоди қарз баён менамоянд.

Сиёсати қарзии ҳар як бонк ҳуҷҷати асосиест, ки стратегия ва тактикаи фаъолияти қарзии онро муайян мекунад. Инчунин, он мақсад ва принсипҳои фаъолияти қарздиҳии бонк, шартҳои таъмини маблағгузориро ба муштариён, тартиби баррасии раванди муроҷиатҳои қарзӣ, қабули қарору кори минбаъда бо маҳсулоти қарзӣ ва раванди қарзиро ба танзим медарорад.

Санадҳои меъёрии дохилии бонк, ки сиёсати қарзии бонкро танзим менамоянд, аз ҷониби Шурои нозирон тасдиқ карда мешаванд. Дар асоси сиёсати қарзӣ ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии бонк оид ба қарздиҳӣ таҳия мешаванд. Мақсади сиёсати қарзии бонк муайянсозии самтҳои асосии фаъолияти қарзии бонк мувофиқи стратегияи умумии рушди он, инчунин таъмини идоракунии самараноки раванди қарзӣ мебошад. Вазифаи асосии сиёсати қарзӣ муайянсозии принсипҳои умумии қарздиҳӣ дар соҳаи фаъолияти қарзии бонк ва принсипҳои асосии идоракунии хавфи қарзӣ мебошад.

Сиёсати қарзии бонк бояд ба талаботи бонки марказӣ ва мақомоти танзимкунандаи кишваре, ки бонк дар он ҷойгир аст, инчунин ба талаботи байналмилалие, ки фаъолияти бонкиро танзим мекунад ва раванди қарздиҳиро бевосита пеш мебаранд, ҷавобгӯй бошад [12, с.30].

Тибқи муқаррароти Дастурамали №255 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” дар ташкилотҳои қарзӣ барои амалӣ намудани сиёсати қарздиҳӣ бо Қарори Шурои нозирон, Кумитаи қарзии саридора ташкил карда мешавад. Дар баробари ин, саридораи бонк дар асоси санадҳои меъёрии дохилӣ барои филиалҳои худ кумитаҳои қарзӣ ташкил карда, бо ин восита барои амалисозии сиёсати қарздиҳии филиалҳо талабот муқаррар мекунад.

Бо мақсади сари вақт ошкорсозӣ, андозагирӣ, назорат ва мониторинги хавфҳо дар ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба қарори Шурои нозирон Кумитаи идоракунии хавфҳо ташкил карда мешавад, ки он бевосита зертобеи Шурои нозирон мебошад. Мувофиқи Дастурамали №247 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ” таъсиси чунин Кумита барои ташкилотҳои қарзии низомсоз, ташкилотҳои қарзии эҳтимолии низомсоз ва ташкилотҳои маблағгузории хурди низомсоз ҳатмӣ мебошад. Дигар ТҚМ мустақилона оид ба таъсиси Кумитаи идоракунии хавфҳо қарор қабул мекунанд. Дар амалия идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ТҚМ-и кишвар, дар ҳоле ки Кумитаи идоракунии хавфҳо ташкил гардидааст, он ваколатдор буда, дар ҳоли набудани он Кумитаи аудит ваколатдор мебошад. Яъне, воҳиди ваколатдори (мақоми иҷроия)-и ТҚМ барои ошкорсозӣ, андозагирӣ, назорат, мониторинг ва минимизатсияи (коҳиши) хавфи қарзӣ метавонад дар асоси меъёрҳои амалкунандаи низоми бонкии Тоҷикистон санади дохилиширкатӣ “Сиёсати идоракунии хавфи қарзӣ”-ро тасдиқ намояд, ки он ҷараёни идоракунии хавфи қарзиро дар ТҚМ ба низом медарорад.

Барои таҳлили хавфҳо Кумитаи байналмилалии назорати бонкӣ принсипҳои муайянеро пешниҳод намудааст, бар замми ин, рейтингҳои байналмилалӣ ва дохилӣ мавҷуданд, ки барои таҳлили ҳамаҷониба нигаронида шудаанд ва бонкҳо метавонанд аз он истифода баранд. Ҷузъи дуюми Базел II ба раванди назорат бахшида шудааст, ки он аз Шурои нозирони бонкҳо талаб менамояд, то оид ба хавфҳо, идоранамоии онҳо ва истифодаи усулҳои асосии муайянкунии хавфи қарзӣ корбарӣ намуда, онро назорат намоянд. Таҳлили хавфҳои қарзӣ бояд заифии сандуқи қарзӣ, аз ҷумла таҷаммуи хавфро ба таври кофӣ муайян

кунад. Таҳлил инчунин, бояд хавфҳои марбут ба идоракунии таҷаммуи хавф ва дигар хусусиятҳои сандуқи қарзиро тавассути механизмҳо, аз қабили барномаҳои секюритизатсия ва ҳосилаҳои мураккаби қарзӣ ба назар гирад.

Барои таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар бахши бонкӣ мақоми ваколатдори соҳа талаботҳо муайян намудааст, ки пешниҳоди онҳо мувофиқи мақсад мебошад (ҷадвали 1.)

**Ҷадвали 1. – Меъёрҳои пазируфташудаи таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Таснифот | Тавсиф |
|---|---|
| **Ҳаҷми қарзи хурд** | Аз ҷониби ТАҚХ бояд на зиёда аз:<br>-250 000 сомонӣ ба шахсони воқеӣ;<br>-500 000 сомонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ;<br>-1 500 000 сомонӣ ба дигар ташкилотҳои қарзӣ; |
| **Дороиҳои бо дарназардошти хавф баркашидашуда** | Дар ташкилотҳои қарзӣ ба панҷ гурӯҳ тақсим карда мешаванд, ки вобаста ба моддаҳои марбутаи тавозуни ташкилотҳои қарзӣ тасниф мешаванд:<br>1. 0%<br>2. 10%<br>3. 70%<br>4. 100%<br>5. 150% |
| **Андозаи ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд** | Аз сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ бо фоиз муқаррар карда мешавад.<br>Андозаи хавфи қарзӣ барои созишномаҳои СВОП ё Форвард (**Қхҷ**) бо усули “Хавфи ҷорӣ” чунин муайян карда мешавад:<br>$Қхҷ = Хҷ + Тим = Хҷ + Ас * р$**,** ки дар ин ҷо: **Хҷ**-хавфи ҷорӣ, **Тим**-талафоти имконпазири минбаъда, **Ас**-арзиши созишнома ва **р**-зарбкунандаи мушаххас, ки аз рӯйи чунин нишондиҳандаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад:<br>-то 1сол 10%;<br>-аз 1сол то 5сол 12%;<br>-аз 5 сол зиёд 15%.<br>Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд (К3-1) чунин муайян карда мешавад: $К3 - 1 = \frac{Қк}{Ст} * 100\%$, ки дар ин ҷо: Қк – қарзи калони як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд; Ст – сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ. Ҳадди ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд ба андозаи на зиёда аз **20%**-и сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ муқаррар карда шудааст.<br>Агар уҳдадориҳои қарзии қарзгирон аз 5%-и сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ зиёд бошад, қарз калон ҳисобида мешавад. Андозаи<br>ниҳоии хавф барои қарзҳои калон ба андозаи на зиёда аз **3** маротибаи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ муқаррар карда шудааст.<br>Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир - шахси вобаста (алоқаманд) то **2%**-и сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ муқаррар карда мешавад. |
| **Сатҳи иҷозатшудаи таъминнамоӣ ба сифати гарав** | |
| **100% ба ҳисоб меравад** | Маблағҳои пулӣ, сабикаи тилло, шаҳодатномаҳои БМТ, вомбаргҳо ва векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молия ва дигар |

| | |
|---|---|
| | коғазҳои қиматноку кафолатҳои давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| **70% ба ҳисоб меравад** | Вомбаргҳо ва векселҳои хазинадории давлатҳои хориҷӣ, коғазҳои қиматноки аз тарафи ҳукуматҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ баровардашуда |
| **50% ба ҳисоб меравад** | Кафолатномаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ (дохилӣ ва хориҷӣ), амволи ғайриманқул, аз ҷумла хонаҳо, ҳуҷраҳои истиқоматӣ, марказҳои савдову офисҳои корӣ. |
| **30% ба ҳисоб меравад** | Саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ (маҳаллӣ ва хориҷӣ).<br>Дастгоҳ ва таҷҳизоти техникии дигари суғурташудае, ки дар лаҳзаи ба гарав гузоштан дар ҳолати коршоямӣ қарор доранд ва баҳодиҳии онҳо ақаллан ҳар семоҳа аз нав амалӣ шуда бошад. |
| **20% ба ҳисоб меравад** | Замонатҳое, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ дода шудаанд ва ҳангоми тарҳ кардани сатҳи ҷоиз маблағи аз 25 000 сомонӣ зиёд ба эътибор гирифта намешавад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Дастурамали №176 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ” ва Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи дороиҳо”.

Аз рӯйи меъёрҳои дар ҷадвали 1 зикргардида ташкилотҳои қарзӣ муваззафанд дар пешбурди амалиёти қарзии худ ва таҳияи қарзҳо ин талаботро ба инобат гирифта, меъёрҳои мақбули онро риоя намоянд. Аз ҷумла, ҳангоми таснифи дороиҳои бо дарназардошти хавф баркашидашуда, ки гурӯҳбандии онҳо моддаҳои марбутаи тавозуни муҳосибии ташкилотҳои қарзиро инъикос менамояд ва инчунин ҳангоми ба сифати таъминоти қарз гирифтани гарав, ки сатҳи ҷоизи он дар ҷадвали мазкур инъикос ёфтаанд, бояд риоя гарданд. Илова бар ин, ҳар ташкилот метавонад сатҳи ҷоизи таъминнокиро вобаста ба талаботҳои дохилӣ, вале на кам аз ҳади муқаррарнамудаи меъёри мақбул муайян намоянд.

**Ҷадвали 2. - Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(млн сомонӣ)

| **Таснифот** | | **Солҳо** | | | | | **Тағ. 2024/2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| **Ҷамъи сандуқи қарзӣ** | **Сандуқи қарзӣ** | 10883 | 11650 | 13269 | 17474 | 20946 | **10063 млн.с.** |
| | **бо %** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | **192,4%** |
| **Қолабӣ, зери назорат** | қолабӣ | 7703 | 9625 | 10 472 | 14137 | 18263 | **11094 млн.с. / 233%** |
| | бо % нисбат ба сандуқи қарзӣ | 70.78 | 82.6 | 78,9 | 80,9 | 87,1 | |
| | зери назоратӣ | 634 | 434 | 1 179 | 1 109 | 1168 | |
| | бо % нисбат ба сандуқи қарзӣ | 5.83 | 3.7 | 8,9 | 6,35 | 5,58 | |
| **NPL- қарзҳои таснифшуда, ғайрифаъол** | ғайриқолабӣ | 234 | 256 | 106,7 | 739,5 | 586 | **-1032 млн.с. / 59%** |
| | бо % нисбат ба сандуқи қарзӣ | 2.15 | 2.2 | 0,8 | 4,23 | 2,8 | |
| | шубҳанок | 947 | 36 | 41,7 | 293,6 | 392 | |
| | бо % нисбат ба сандуқи қарзӣ | 8.7 | 0.3 | 0,3 | 1,7 | 1,87 | |
| | беэътимод | 1365 | 1300 | 1470,5 | 1 194 | 536 | |
| | бо % нисбат ба сандуқи қарзӣ | 12.54 | 11.2 | 11,1 | 6,83 | 2,56 | |


**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкӣ: - 2020. – 12 (305). - С.92, - 2021. – 12 (315). - С.61, - 2022. – 12 (329) - С.61, - 2023. – 12(341) - С.63, - 2024. – 12(353) - С.63.

Ҳамчунин, ба сифати манбаи иттилоотӣ ҷиҳати таҳлили хавфҳои қарзӣ маълумоти оморӣ оид ба маблағгузориҳои қарзии бонкҳо низ баромад мекунад, ки он метавонад хавфи таҷаммуи қарзӣ ва диверсификатсияи онро баҳо диҳад.

Дар бонкҳо майл ба маблағгузории ҳамон маҳсулоти қарзие зиёд аст, ки баргашти қарзи додашуда бе мушкилӣ анҷом ёбад, яъне хавфи қарзӣ дар сатҳи паст қарор дошта бошад ва аз ин нуқтаи назар бонк маҳсулоти қарзии худро вобаста ба соҳа ва баинобатгирии сатҳи хавфҳои қарзӣ коркард ва пешниҳоди истеъмолгарон мегардонад.

Маълумоти ҷадвали 2. бақияи сандуқи қарзии низоми бонкиро дар интиҳои давра аз рӯйи гурӯҳбандии сандуқи қарзӣ инъикос менамояд, ки он вобаста ба талаботи муқарраргардида тасниф гардидааст. Динамикаи қарзҳоро аз рӯйи таснифот ва ҳамчунин, ташаккули ФПТИ аз рӯйи қарзро дар диаграммаи 1 пешниҳод менамоем.

**Диаграммаи 2.3. - Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминоти он аз рӯйи ФПТИ** (млн сомонӣ)




***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкӣ. – Тавозуни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва сифати сандуқи қарзӣ дар солҳои 2020-2025.

Чуноне аз маълумоти диаграммаи 1. ва ҷадвали 2. ба мушоҳида мерасад, дар соли 2020 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол 23,4% ро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар соли 2024 ба 16,2 банди фоизи коҳиш ёфта, ба 7,23% аз ҳаҷми умумии сандуқи қарзӣ баробар гардидааст. Омили асосии ба ин раванд таъсиррасон, пеш аз ҳама ин бозхонд намудани иҷозатномаи фаъолияти ТҚМ-и муфлисгардида маҳсуб меёбад. Ба интиҳои соли 2024 қарзҳои ғайрифаъол маблағи 1 514 млн сомонӣ аз сандуқи қарзии маҷмуиро ташкил доданд. Аз рӯйи қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 1 249 млн сомонӣ фонди пӯшонидани талафоти имконпазир ташкил карда шудааст, ки ба 82,5 фоизи қарзҳои мазкур баробар мебошад. Вазъи мазкур аз беҳшавии самти ҷойдошта ва ҳолати молиявии худи ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳанд.

Аз ин рӯ аз воситаи муҳиме, ки ҳамчун унсури муҳим дар танзим ва идоракунии хавфҳои қарзӣ ва ҳамзамон, дар рӯйпӯш намудани талафоти қарз баромад

мекунад, ин ташкили ФПТИ қарз мебошад, ки дар таҷрибаи пешрафта мавриди амал қарор дорад.

Даромади асосии фоизии бонкҳо ба амалиёти қарзии онҳо вобаста аст, аз ин лиҳоз, сифати сандуқи қарзии бонк, таносуби қарз нисбат ба амонат ва гузаронидани таҳлилҳои саривақтӣ барои таъмини суботи минбаъдаи фаъолият аҳаммияти ногузир доранд, ки ин гуфтаҳо аз маводҳои таҳқиқотии олимони ватанӣ тасдиқи худро ёфтаанд [2,10,14,15] .

**Хулоса**, ба сифати сарчашмаҳои иттилоотӣ ҷиҳати таҳлили хавфҳои қарзӣ номгӯи зиёди ҳисоботи молиявӣ баромад мекунад, ки онҳо дар зербоби мазкур шарҳу тавзеҳ гардида, меъёрҳои мақбули ҷойдошта дар самти таҳлили хавфҳои қарзӣ муайян карда шуданд. Бояд қайд кард, ки ҳисоботи ягонаи бонкӣ FinA нисбат ба дигар манбаъҳои иттилоотӣ бартарӣ дошта, пойгоҳи бойи маълумоти таҳлилиро ҷиҳати таҳқиқи хавфҳои қарзиро ифода менамояд. Чун, дар он маҷмуи ҳисоботҳо дар шакли ҷадвалҳои махсус ҷамъоварӣ гардидаанд ва оид ба амалиёти қарзии бонк, ҳисобот оид ба бақияи қарз, қарз ба соҳаҳо, пешниҳод ва пардохти қарз аз рӯйи муҳлат ва намуди маблағ, вобаста ба маҳсулоти қарзӣ, таснифоти қарз вобаста ба минтақаҳо, оид ба қарзҳои таснифшуда ва фонди ташкилшуда аз рӯйи онҳо ҷой дорад, ки барои гузаронидани дилхоҳ таҳлилҳо, бахусус таҳлили хавфи қарзӣ бисёр мувофиқ аст. Барои дигар шахсони ҳуқуқиву воқеӣ ҷиҳати баҳодиҳӣ ва таҳлили хавфҳои қарзӣ дар баробари ҳисоботҳои молиявӣ хизматрасонии бюроҳои қарзӣ истифода мегарданд.

**Адабиёт**


1. Бюллетени омори бонкӣ: - 2020. – 12 (305). - С.92, - 2021. – 12 (315). - С.61, - 2022. – 12 (329) - С.61, - 2023. – 12(341) - С.63, - 2024. – 12(353) - С.63. - URL: Бюллетени омори бонкӣ
2. Ғаюров, Ғ. Ҳ. Оид ба масоили идоракунии хавфҳои бонкӣ дар шароити муосир / Ғ. Ҳ. Ғаюров, С. П. Одинаев // Муаммоҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН: вазъи кунунӣ ва дурнамо . – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – P. 218-228.
3. Дастурамали №176 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ” Бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №55 аз “24” майи с.2022
4. Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи дороиҳо” Бо иловаҳо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 171 аз “26” декабри с.2019
5. Иттилоот дар бораи Бюроҳои таърихи қарзии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. - URL: https://nbt.tj/tj/banking_system/credit-histories-bureau.php (санаи мурочиат 20.09.2025)
6. КРИФ – КИБТ. Новый расширенный скоринг. [Электронный ресурс]. - URL: https://www.cibt.tj (дата обращения: 27.03.2021).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)” 26.03.2009с.
8. Махшулов, С. Ҷ. Хатари қарзӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии он / С. Ҷ. Махшулов, Қ. С. Сафаров, Г. М. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-1(33). – P. 196-204.
9. Международная финансовая корпорация. Справочник по кредитным бюро. - 2006. - С.5-7.
10. Сайфуров, К. Ф. Идоракунии хавфи қарзӣ ва таъсири он ба раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ / К. Ф. Сайфуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No. 7. – P. 12-18.
11. Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. - URL: https://nbt.tj/tj/news/9777/ (санаи мурочиат 27.03.2021)
12. Стахович, Л.В. Модель финансового регулирования и надзора при реализации практики ответственного кредитования: механизмы и инструменты / Л.В. Стахович, Е.В.

Семенкова, Л.Ю. Рыжановская // Финансовая аналитика: проблемы и решения. - 2015. - №13 (247). - С.30.

13. Хикматов, У.С. Необходимость и значение кредитного бюро в сокращении рисков микрофинансирования / У.С. Хикматов, М.С. Хикматов // Вестник Кыргызско-Российского Славянского университета. – 2013. – Т. 13. - № 2. – С. 23.

14. Хушвахтзода, Қ. Х. Идоракунии хавфҳои бонкӣ тавассути воситаҳои назорат / Қ. Х. Хушвахтзода, Б. Ф. Тағоймуродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 9. – P. 5-12.

15. Умаров, Х. У. Пути совершенствования процессов минимизации финансовых рисков в Республике Таджикистан / Х. У. Умаров, И. Р. Иброхимов, Д. Д. Боймуродов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 10-1. – С. 136-143.

16. Финансовая энциклопедия. Единый отчот о деятельности банка (UBPR) [Захираи электронӣ]. - URL: https://nesrakonk.ru/uniform-bank-perf/ (санаи мурочиат 29.08.2025с.)

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Оев Анис Давлатович**-номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби корпоративӣ дар ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС “Молия” Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Дехи боло 180. Телефон: 992 934 51 11 12; E-mail: oev.anis.d@mail.ru

**Сведения об авторах**

**Оев Анис Давлатович**-кандидат экономических наук, Корпоративный секретарь ООО МДО ЛОЛС «Молия» Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехи Боло, 180. Тел.: 992 934 51 11 12; E-mail: oev.anis.d@mail.ru

**About the author**

**Oev Anis Davlatovich**-candidate of economic sciences, Corporate Secretary of LLC MDO LOLC "Moliya" Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dekhi Bolo Street, 180. Tel.: 992 934 51 11 12; E-mail: oev.anis.d@mail.ru

**УДК: 336.748.12:339.74**

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРБАХШИ ТАВАРРУМ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Амонова Д.А.**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Таваррум, ҳамчун нишондиҳандаи макроиқтисодӣ дар рушди ичтимоию иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозад. Таваррум – ин ҳолатест, ки пайваста баланд шудани дараҷаи умумии нархҳо, афзоиш ёфтани ҳаҷми пулҳои нақд дар муомилот ва кам шудани қобилияти харидории пулро ифода мекунад. Ба ибораи дигар, таваррум гуфта номувофиқ будани тақозою арзаи пул ва дигар таносубҳои иқтисодиро меноманд, ки дар афзоиши нахҳо намудор мегардад.

Дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 28-уми декабри соли 2023 ва 28-уми декабри соли 2024 қайд намуданд, ки бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта, соли 2023 3,8% ва дар соли 2024 – 3,6% - ро ташкил дода буд, ки нисбати соли 2024 ба 0,2% паст (ё кам) мебошад, ки он яке аз нишондиҳандаҳои мутаъдил ва пастарин дар кишварҳои минтақа ва ИДМ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки дар таъмини мутаъдили сатҳи таваррум нақши БМТ беқиёс мебошад, чунки аз тарафи он барои паст нигоҳ доштани сатҳи таваррум чораҳои хешро бо тариқи доимию мунтазам роҳандозӣ карда мешавад. Сатҳи таваррум аз омилҳои хеле зиёде вобаста мебошад, ки мақолаи мазкур маҳз ба паст кардани таваррум бахшида шудааст.

Гумон мекунаем, ки агар пешниҳодҳои илмии зикр шуда, амали гарданд, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки сатҳи таваррум дар кишвар хоҳад паст шуд.

**Калидвожаҳо:** таваррум, бозтамвил, хавф, қарз, пул, нарх, эмиссия, тавазун, пардохт, пардохт, танзимкунанда, меъёр, сиёсат, ҳадафгирӣ, обартаваррум, воридот, бонк, асъор.

**Барои иқтибос:** Амонова, Д. А. Омилҳои таъсирбахши таваррум ва оқибатҳои он дар иқтисодиёти кишвар / Д. А. Амонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 143-150.

# ФАКТОРЫ ВЛИЯНИЯ ИНФЛЯЦИИ И ЕЕ ПОСЛЕДСТВИЯ В ЭКОНОМИКЕ СТРАНЫ

**Амонова Д.А.**
Таджикский национальный университет

**Аннотатция.** Инфляция как макроэкономический показатель играет важную роль в социально-экономическом развитии страны. Инфляция – это состояние, которое представляет собой постоянный рост общего уровня цен, увеличение объема наличных денег в обращении и снижение покупательной способности денег. Другими словами, под инфляцией понимается несовместимость спроса и предложения денег и других экономических отношений, которая проявляется в росте инфляции.

В своем очередном послании Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, Достопочтенный Эмомали Рахман Верховному Собранию Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан», 28 декабря 2023 года и 28 декабря 2024 года отметил, что, несмотря на рост цен на мировом рынке в последние годы, в стране сохраняется стабильный уровень инфляции, он составил 3,8% в 2023 году и 3,6% в 2024 году, что на 0,2% ниже (или менее) уровня 2024 года, что является одним из умеренных и самых низких показателей в странах региона и СНГ.

Следует отметить, что роль ООН в обеспечении стабильного уровня инфляции не имеет себе равных, поскольку она постоянно и систематически реализует свои меры по

поддержанию низкого уровня инфляции. Уровень инфляции зависит от многих факторов, и данная статья посвящена снижению инфляции.
Мы считаем, что если упомянутые научные предложения будут реализованы, то можно говорить о том, что уровень инфляции в стране снизится.
**Ключевые слова:** Инфляция, рефинансирование, риск, долг, деньги, цена, эмиссия, баланс, платеж, выплата, регулятор, ставка, политика, таргетирование, инфляция, импорт, банк, валюта.

## FACTORS INFLUENCING INFLATION AND ITS CONSEQUENCES IN THE COUNTRY'S ECONOMY

**Amonova D.A.**
Tajik National University

**Annotation.** Inflation as a macroeconomic indicator plays an important role in the socio-economic development of the country. Inflation is a condition that represents a constant increase in the general price level, an increase in the amount of cash in circulation and a decrease in the purchasing power of money. In other words, inflation refers to the incompatibility of supply and demand for money and other economic relations, which manifests itself in rising inflation.
In his next message, the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, the Honorable Emomali Rahman to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan “On the main directions of the domestic and foreign policy of the Republic of Tajikistan”, on December 28, 2023 and December 28, 2024, noted, that, despite the rise in prices on the world market in recent years, the country maintains a stable level of inflation, it amounted to 3.8% in 2023 and 3.6% in 2024, which is 0.2% lower (or less) than the level of 2024, which is one of the moderate and lowest rates in the countries of the region and the CIS.
It should be noted that the role of the UN in ensuring a stable level of inflation is unparalleled, as it constantly and systematically implements its measures to maintain low levels of inflation. The level of inflation depends on many factors, and this article is dedicated to reducing inflation. We believe that if the mentioned scientific proposals are implemented, then we can say that the level of inflation in the country will decrease.
**Key words:** Inflation, refinancing, risk, debt, money, price, issue, balance, payment, payment, regulator, rate, policy, targeting, inflation, import, bank, currency.

**Гузориши масъала.** Мавриди зикр аст, ки идоракунии таваррум яке аз масъалаҳои мураккаби иқтисоди ба шумор меравад. Дар баробари ин дарёфти омилҳои таъсирбахши таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зарури мебошад. Вобаста ба ин дар Пайёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 28 декабри соли 2023 қайд намуданд, ки бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта, соли 2023-юм 3,8%-ро ташкил намуд. Аз ин лиҳоз роҳҳои самаранокии идоракунии таварумро ҷустуҷу намудан лозим аст.

**Таҳлили таҳқиқоти охирин ва маводи нашршуда.** Доир ба ин масъала корҳои илмию таҳқиқотӣ, мақолаҳои илмӣ хеле зиёд эъҷод гардида истодаанд. Такия ба ин маводҳои илмӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилооти кушиш намудем, ки мақолаи худро таҳия ва пешниҳод намоем. Зеро таваррум ва идоракунии он дар ҳамаи давру замонҳо яке аз масъалаҳои меҳварии иқтисодиёт ба шумор меравад.

**Мақсади мақола.** Омилҳои таъсирбахши таваррум ва оқибатҳои он дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Вобаста ба ин пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати идоракунии самарононоки таваррум ва омилҳое, ки ба он таъсир мерсонанд ироа гардидаанд.

**Муҳтавои асосии мавоод.** Дар Пайёми навбатии Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 28 декабри соли 2023 қайд намуданд, ки бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта, соли 2023-юм 3,8%-ро ташкил намуд. [5, с. 1,2,3]

Соли 2024 сатҳи таваррум 3,6% - ро ташкил дод, ки сатҳи он муътадил нигоҳ дошта шудааст ва дар оянда низ хоҳад паст гашт.

Бояд қайд намуд, ки сатҳи таваррум дар соли 2023 3,8% ва дар соли 2022 4,2% -ро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 2023 ба 0,4% паст мебошад, ки он яке аз нишондиҳандаҳои муътадил ва пастарин дар кишварҳои минтақа ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ, ки дар ҷадвали 1 ифода ёфтааст:

**Ҷадвали 1. - Сатҳи таваррум дар минтақа ва кишварҳои шарикони савдо дар соли 2022 (бо %).**

| Кишварҳо | Ҳадафҳо | Таваррум | Фарқият банди фоизӣ |
|---|---|---|---|
| Туркия | 5,0 | 64,3 | -5,3 |
| Қазоқистон | 4,0-6,0 | 20,3 | -15,3 |
| Қирғизистон | 5,0-7,0 | 14,7 | -8,7 |
| Белорус | 5,0 | 12,8 | -7,8 |
| Узбекистон | 5,0 | 12,3 | -7,3 |
| Руссия | 4,0 | 11,9 | -7,9 |
| Гурҷистон | 3,0 | 9,8 | -6,8 |
| Арманистон | 4,0 | 8,3 | -4,3 |
| Тоҷикистон | 6%+2б.ф. | 4,2 (соли 2023-3,8%) | +1,8 |

**Сарчашма**. Маҷаллаи БМТ. №1 (100) январ – марти соли 2023.саҳ. 41.

Дар соли 2022 сатҳи таваррум дар Туркия 64,3%, Қазоқистон 20,3%, Қирғизистон 14,7%, Белорус 12, 8%, Узбекистон 12,3%, Руссия, 11,9% ва Гурҷистон 9,8%-ро ташкил намуд, ки берун аз нишондиҳандаҳои мақсаднок (ҳадаф) мебошад. [4, с. 40]

Яке аз омилҳои муҳимӣ рушди ичтимоию-иқтисодӣ, махсусан баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳолии мардуми кишвар ин нишондиҳандаи сатҳи таваррум мебошад.

Таваррум - аз калимаи лотинии infiatlo – варам кардан гирифта шуда, маънояш беқурбшавии пул мебошад, ки дар намуди афзоиши нарх ба молу хизматрасониҳо ба амал меояд. Дар маънои анъанавӣ таваррум ҳамчун ҷараёни аз худзиёд пур шудани роҳҳои гардиши вазни пул аз талаботи гиргардиши мол мебошад, ки беқурбшавии воҳиди пулӣ ва афзоиши нархи молҳоро ба вуҷуд меорад.

Дар илми назарияи иқтисод ба мавҳумҳои гуногуни таваррум дучор омадан мумкинаст, ки моҳияти ниҳоии онҳо қариб якхелаю як мақсада буда, ҷараёни беқурбшавии воҳиди пули миллӣ мебошад, ки дар навбати худ афзоиши нархҳоро ба вуҷуд меорад. Таваррум, махсусан, дар шароити амалӣ намудани баландравии сатҳи нархҳо тафрикам ичтимоии аҳолиро метезонад. [6, с. 215]

Бояд қайд намуд, ки таваррум солҳои 2022 – 2024 дар ҷумҳурӣ дар сатҳи 4,2 – 3,6% нигоҳ дошта шудааст, ки он пастарин дар минтақа ва кишварҳои шарикони савдо мебошад.

Бояд зикр намуд, ки БМТ дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани таваррум дар кишвар нақши муҳим мебозад ва хоҳад бозид.

Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми соли 2022 бо мақсади нигоҳ доштани муътадилии сатҳи нархҳо маҳдуд

сохтани таъсири омилҳои мониторӣ як қатор чораҳои зарури андешид, аз ҷумла:

- меъёри бозтамвил дар давоми соли 2022 дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт ва интизориҳои таваррумӣ мавриди бозбинӣ қарор гирифта дар сатҳи мусби нигоҳ дошта шуд.

- ҷиҳати низоми ҳаҷми пул идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ фуруши қоғазҳои қиматноки БМТ ва ҷалби амонатҳо аз ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба роҳ монда шуда ба ҳисоби миёна дар як руз дар атрофи 1,2 – 1,3 миллиард сомонӣ маблағҳои озодӣ онҳо ҷалб карда шуд, ки он, ҳоло нуқтаи максималӣ нест, яъне имконияти захираҳо хеле зиёд мебошанд.

- бо мақсади саривақт ва пурра қонеъ намудани талаботи ширкатҳои воридкунанда молу маҳсулотӣ ниёзи аввалияи мардум ва субъектҳои хоҷагидор бо асъори хориҷӣ ҷиҳати таъмини бозори истеъмолии дохилии кишвар ва коҳиш додани фишорҳои қурби таваррумӣ аз ҷониби низоми бонкии кишвар мудохилаи асъорӣ анҷом дода шуд.

- қурби расмии пули миллӣ нисбати доллари ИМА – 9,7 – 9,8 % устувор гардида, ба муътадилии сатҳи нархҳои воридотии молу маҳсулот мусоидат намуд, ки он аз чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БМТ шаҳодат медиҳад.

Қобили қайд аст, ки дар баробари тадбирҳои андешида Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан БМТ, чораҳои таъсиррасон аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ҷиҳати таъмин намудани бозори истеъмолии дохилӣ ва муътадил нигоҳ доштани сатҳи нархҳо таъсири мусбат расонид ва расонида истодааст.

Бояд гуфт, ки сатҳи таваррум аз омилҳои гуногун вобаста мебошанд. Аз мушоҳидаҳои мо инчунин БМТ дар соли 2022 – 2023 дар маҷмуъ, бештар қиматшавии нархи молу маҳсулоте ба қайд гирифта шуд, ки бо омилҳои ғайримониторӣ, яъне омилҳои беруна, маъмурӣ ва мавсимӣ алоқаманд мебошанд.

Бояд гуфт, ки барои таъсири омилҳои гуногуни таваррум ба иқтисодиёту ичтимоиёти кишвар, сабабҳои пайдоиши онро муайян сохтан ба мақсад мувофиқат мебошад. Дар айни замон сабабҳои пайдоиши таваррумро бо ду гуруҳ ҷудо кардан мумкин: дохили ва берунӣ.

Сабаби дохилии таваррум дар навбати худ аз сабабҳои мониторӣ ва ғайриманиторӣ иборат мебошанд.

Сабабҳои монитории пайдоиши таваррум мустақиман ба сиёсати пулию қарзии давлат ва зиёдшавии миқдори пулҳои нақд дар муомилот вобаста буда, ки аз онҳо иборат мебошанд:

- эмиссияи пул яъне ворид кардани (барориши) пулҳои иловагӣ ба муомилот;

- нисбатан зиёд гаштани ҳаҷми пулҳои қарзӣ;

- афзоиши маблағгузории дохили, ки он боиси афзоиши нархи молҳо мегарданд;

- дигар омилҳои хусусияти мониторӣ дошта.

Сабабҳои ғайримонитории пайдоиши таваррум ба вазъи сиёсӣ, номукаммалии фаъолияти Ҳукумат ва механизми бозорӣ алоқаманд;

- зиёд гаштани хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои қудратӣ;

-номутаносиб рушд ёфтани соҳаҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама саноати вазнин, ки метавонад ба пайдоиши таваррум сабаб гардад;

- ҷой доштани монополияи бозору истеҳсолот, ки онҳо метавонанд ба молу хизматрасонӣ нархҳои монополӣ ҷори намоянд, ки он замина барои рушди таваррум, хоҳад пайдо кард;

- дигар сабабҳои дохилие, ки ба баландшавии нархҳои маҳсулотҳои ниёзи аввалаи аҳолӣ мусоидат мекунанд.

Қайд кардан ба мавридаст, ки бо баробари сабабҳои дохилии пайдоиши таваррум, инчунин сабабҳои берунӣ низ таъсир мерасонад, ки онҳо:

- афзоиши нархи молу хизматҳо дар бозори ҷаҳонӣ;

- воридоти барзиёди асъори хориҷӣ, ки он метавонадба афзоиши ҳаҷми пули миллӣ ва болоравии нархҳо сабаб гардад;

- манфи будани тавонуни пардохти давлат, ки боиси кам ворид шудани асъорҳои озодшинокунанда мегардад, ки он ба болоравии нархи онҳо ва беқурбшавии пули миллӣ сабаб хоҳад гашт. [6, с. 119]

Бояд гуфт, ки баъди пайдо кардани сабабҳои пайдоиши таваррум, андешидани чораҳои зарурӣ оиди паст кардани сатҳи он, шароити объективӣ ба миён меояд, ки онро аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан БМТ амали менамоянд.

Қобили қайд аст, ки дар баробари тадбирҳои андешидаи БМТ, дигар чораҳои таъсиррасон аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ҷиҳати таъмин намудани бозори истеъолии дохилӣ ва муътадил нигоҳ доштани сатҳи нархҳо таъсири мусбат расонид.

Дар соли 2022 маҷмуъ бештар қиматшавии (болоравии) нархи молу маҳсулоте ба қайд гирифташуда, ки бо омилҳои ғайри мониторӣ, яъне омилҳои берунӣ, маъмурӣ ва мавсими алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯй номгуи молу хизматрасониҳо бошад, бинобар таъсири омилҳои болозикршуда болоравии нархи орди навъи якум, биринҷ, тухм, шакар, маводи доруворӣ, қувваи барқ ва ғайра ба қайд гирифта шуд. БМТ ҳамчун танзимкунандаи сатҳи таварруми иқтисодиёти кишвар ва меъёри бозтамвил, ки дар тадбиқи сиёсати пулию қарзӣ фишанги асосӣ ба ҳисоб меравад, чораҳои зидди таваррумиро анҷомдода истодааст, ки натиҷаи он алакай маълум.

Бояд қайд кард, ки меъёри бозтамвил дар тадбиқи сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монеторӣ фишанги калидӣ ба ҳисоб рафта дар асоси дурнамои таъсири хавҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт ва интизориҳои таваррумӣ муқаррар карда мешавад. Тибқи таҷрибаи бонкҳои ҷаҳонӣ ва бонки миллии Тоҷикистон меъёри бозтамвил дар он маврид тағйир дода мешавад, ки агар сатҳи таваррум, дурнамои он ва интизориҳои таваррумӣ аз ҳадафи таваррумии муқарраргардида фарқият дошта бошанд.

Агар сатҳи таваррум дурнамои он ва интизорҳои таварумӣ аз ҳадаф боло бошанд, меъёри бозтамвил бояд баланд ва дар ҳолати поён будан, баръакс, фоизи он бояд паст карда шавад. Тағйир додани меъёри мазкур бо фоизи қарзҳои байнибонкӣ, раванди пардохтпазирии низоми бонкӣ, фоизи қарзҳои пешниҳодшавандаи ташкилотҳои қарзӣ ба иқтисодиёт ҳаҷми пул дар муомилот, қурби пули миллӣ, маҷмуи талабот ва ниҳои ба сатҳи таваррум таъсир мерасонад.

Бояд гуфт, ки меъёри бозтамвил дар давоми солҳои 2022-2024 дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт ва интизориҳои таваррумӣ тақдиди назар карда шуда дар сатҳи мусбат нигоҳ дошта шуд. Дар айни замон нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи 9,0%-10%-и солона қарор дорад (қарори кумитаи сиёсати пулию қарзии БМТ аз 5 августи соли 2024).

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир аз ҷониби БМТ дар самти тадбиқи сиёсати пулию қарзӣ ҷиҳати таҳкими дараҷаи таъсирбахши фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва тавқияти эътимод ба он, идоракунии самарабахши пардохтпазирӣ ва пешбурди сиёсати фоизӣ як қатор ислоҳот барои гузариши ботадриҷ аз ҳадафи амалиётии пойгоҳи пулӣ ба реҷаи сифатан нави пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум амали гардид ва гардида истодааст. Аз ҷумла, «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» таҳия ва ба тасвиб расиданд.

Дар санадҳои мазкур густариши ислоҳоти институтсионалӣ, таъсирбахш намудани самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва механизми трансмиссионӣ ташкили инфрасохтори муосири амалиёти – молиявӣ оммафаҳм ва шарҳу тавзеҳ додани татбиқи гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум, инчунин боло будани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ ва сатҳи бохабарии онҳо пешбини шудааст.

Қайд кардан ба мавридаст, ки барои дурусту аниқ омӯхтани сатҳи таваррум, бояд намудҳои онро бо эътибор гирифт, ки онҳо:

- таварруми туътадил;
- таварруми ҷаҳанда;
- абартаваррум (гиперинфелятсия).

Таварруми муътадил гуфта, таваррумеро меноманд, то 10%-и солона болоравии нархҳоро ифода мекунад. ин намуди таваррум асосан хоси мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба монанди ИМА, Ҷопон, Британияи Кабир ва ғайра.

Таварруми ҷаҳонда гуфта чунин намуди таваррумеро меноманд, ки аз 10 то 100%-и солона болоравии нахҳоро инъикос менамоянд. Ин намуди таваррум хоси кишварҳои рӯ ба инкишоф буда асосан ҳангоми эмиссияи пул бо мақсади пушонидани касри буҷет ва набудани таҷрибаи танзими бозор сар мезанад. Ин намуди таваррум боиси камшавии маблағгузорӣ ва васеъшавии доираи иқтисодиёти сиёҳ мегардад.

Абартаваррум (гиперинфилятсия) гуфта чунин намуди таваррумеро меноманд, ки афзоиши нархҳоро дар як моҳ зиёза аз 50% то 1000%-и солона ифода мекунад. Ин намуди таваррум хос ба кишварҳои дар ҳолати бӯҳрони иқтисоди қарордошта мебошад.

Бояд гуфт, ки дар ҳолатҳои пешбини намудани чорабиниҳо доир ба паст кардани сатҳи таваррум аз тарафи БМТ ва дигар ташкилотҳои қарзию молиявии кишвар бояд намудҳои таварруми дар боло зикршударо ба инобат гирифт.

Чӣ хеле, ки дар боло қайд карда шуд, яке аз масъалаҳои муҳими таваррум - ин масъалаи муайян кардани интизории таваррум мебошад, ки ин нишондиҳанда ҷудо ҳам муҳим барои тартиб додани нақшаи молиявии давлат ва пешбини намудани сатҳи некуаҳолии мардуми кишвар ва дигар чорабиниҳои ичтимоию иқтисодии кишвар зарур мебошад.

Дар солҳои 2023-2024 интизор мешавад, ки омилҳои бештар ба болоравии сатҳи таваррум дар дохили кишвар таъсир мерасонанд, асосан хусусиятҳои ғайримонеторӣ дошта, аз ҳисоби таконҳои берунӣ ба вуҷуд хоҳанд омад. Зеро дар гардиши савдои хориҷии кишвар ҳиссаи воридот нисбат ба содирот ба маротиб зиёд мебошад (таносуб мувофиқи ҳисоб китоби омори кишвар 70% ба 30%-ро такрибан ташкил медиҳанд), яъне ё дар бозорҳои дохилӣ новобаста ба зиёд гардидани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, ҳоло ҳам ҳиссаи зиёди молу маҳсулоти аз хориҷи кишвар воридшаванда бештар аст, инчунин ҳиссаи маҳсулоти воридоти дар сабади истеъмолӣ назаррас мебошад.

Қайд кардан лозим аст, ки тибқи таҳлил ва арзёбии созмонҳои бонуфузи байналмиллалии молиявию иқтисодӣ, бахусус Хазинаи байналмиллалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ, бинобар идома ёфтани мураккабии вазъи геосиёсӣ, номуайянӣ ва номувозинатии таносуби талаботу таклифот дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва афзоиши ёфтани нархи маҳсулоти хурокворӣ, маводи сӯзишворӣ, энергетикӣ, инчунин болоравии бемайлона сатҳи таваррум дар бештари кишварҳои ҷаҳон, ки боиси пешбурди сиёсати қатъии монеторӣ аз ҷониби бонкҳои марказӣ гаштааст, омилҳо ва хавфҳои зиёди молиявию иқтисодӣ бахусус омилҳои назарраси таваррумӣ дар соли оянда низ боқӣ хоҳанд монд.

Бояд зикр намуд, ки тибқи пешгӯии Хазинаи байналмиллалии Асъор, ки дар солҳои минбаъда паст намудан ва муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва интизории таваррумӣ мушкилоти асосӣ маҳсуб меёбад. Зеро пайомадҳои манфии касалиҳои сирояткунанда соли 2020 то имрӯзҳо идома дорад, инчунин ноустувории вазъи сиёсию молиявӣ дар ҷаҳон омилҳои таваррумро то ҳадде зиёд намуданд, ки бартараф намудани онҳо аз рӯи сенарияи буҷавӣ то охири соли 2024 ва аз рӯи сенарияи пессимистӣ зиёда аз 5 солро дар бар хоҳад гирифт. [4, с. 44]

Хазинаи байналмиллалии Асъор таъкид намудааст, ки ҷиҳати бартараф намудани омилҳои асосии таваррумӣ диққати махсус ба нарх ва таъмини маҳсулоти нафтию хӯрокворӣ дода шавад. Зеро маҳсулоти хӯрокворӣ ва маводи тафтӣ молҳои истеъмолии ниёзи аввалияи аҳолию субъектҳои хоҷагӣ маҳсуб ёфта, иваз намудани онҳо бо дигар молҳои истеъмолӣ ғайриимкон мебошад.

Бояд қайд намуд, ки Хазинаи байналмиллалии Асъор бо дар назардошти андешидани чораҳои дахлдори зиддитаваррумӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон сатҳи таваррумро барои соли 2023 дар атрофи 6,6% пешбини намудааст, ки нисбати соли қаблӣ ин нишондиҳанда 2,2 банди фоизӣ кам мебошад. [4, с. 44]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошаддар соли 2023 сатҳи таваррум 4,2% ва дар соли 2024 - 3,6% ё нисбати соли 2023 0,6% кам мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2023 ва 2024 низ баҳри иҷрои саривақтии дастуру вазифаҳое, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд, бо дар назардошти хавфҳо ва фишангҳои эҳтимолии таваррумӣ ва идомаи ислоҳот баҳри гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум тадбирҳои заруриро роҳандози менамоянд. Аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои хеш бо дарназардошти хавфҳо ва фишангҳои эҳтимолии таваррумӣ пешбурди сиёсати пулию қарзиро ба истифода аз механизму фишангҳо ҷиҳати ноил гардиданд ва муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи ҳадафи муқарраргардида, яъне 6% + 2 банди фоизӣ роҳандозӣ хоҳад намуд.

Ҳамин тавр бояд қайд намуд, ки тибқи таҷрибаи бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва маводи назариявии иқтисодӣ меъёри бозтамвил дар он маврид тағйир дода мешавад, ки агар сатҳи таваррум дурнамои он ва интизориҳои таваррумӣ аз ҳадафи таварруми муқараргардида фарқият дошта бошанд. Болоравии таваррум ба сатҳи ичтимоию иқтисодии кишвар ва аҳолии он таъсири манфии худро хоҳад расонид.

Яъне пастшудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ (аксарияти аҳолии кишвар), пастшудани қобилияти харидории пул бекурбшавии пул ба даромади буҷет баланд шудани сатҳи хавфи фаъолияти соҳибкорӣ, боло рафтани сатҳи умумии нархҳо, ки боиси пастравии қурби пули миллиро ба миён меорад инчунин сатҳи баланди таваррум боиси муфлисшавии субъектҳои иқтисодӣ гардида, сатҳи бекории аҳолӣ шиддат мегирад ва дигар оқибатҳои манфии ичтимоию иқтисодии кишварро ба миён меорад.

Барои ҳамин ҳам, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан Бонки миллии Тоҷикистон баҳри паст кардани сатҳи таваррум тамоми чораҳои хешро андешидан зарур то, ки сатҳи таваррум дар сатҳи меъёри пешбинишудаи онро нигоҳ доштан ҳатто, таъмини пастравии он ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар асоси таҳлили омилҳои асосие, ки ба сатҳи таваррум таъсир мерасонад, ба чунин хулоса омада, барои паст кардани сатҳи таваррум дар иқтисодиёти кишвар пешниҳодҳои илмии зерин тавсия карда мешаванд:

В настоящее время под зелёными финансами понимается совокупность финансовых инструментов, используемых для реализации инициатив и проектов в области устойчивого развития, экологической трансформации экономики и достижения целей зелёного перехода. Продвижение экологического финансирования в крупных масштабах и на экономически эффективной основе способствует тому, что зелёные инвестиции получают приоритет по сравнению с инвестициями, закрепляющими модели неустойчивого экономического роста [7].

Мировая практика показывает, что зелёные финансы ориентируют участников рынка на долгосрочный анализ инвестиций, влияющих на достижение экологических целей, и охватывают все критерии устойчивого развития. Они включают широкий спектр финансовых продуктов и услуг, которые условно можно разделить на инвестиционные, банковские и страховые. В совокупности с требованиями по улучшению состояния окружающей среды зелёные финансы становятся базовым направлением финансирования адаптации деятельности предприятий к условиям и требованиям зелёной трансформации.

В целях выполнения обязательств, вытекающих из Парижских соглашений, а также в соответствии с политикой

диверсификации финансового рынка, Министерство финансов Республики Таджикистан и Агентство по ценным бумагам и специального регистратора при Министерстве финансов Республики Таджикистан уделяют повышенное внимание механизмам финансирования, ориентированным на развитие устойчивой экономики. Реализация данной политики основывается на осознании того, что объемов государственных финансовых потоков недостаточно для эффективного противодействия изменению климата, в связи с чем возникает необходимость привлечения инновационных источников финансирования, прежде всего со стороны частного сектора. Посредством участия государства в многочисленных инициативах, реализуемых в финансовом секторе, предполагается стимулирование частных инвесторов к переориентации инвестиционной деятельности в сторону более устойчивых и экологически ориентированных вложений.

Развитие зелёного и устойчивого финансирования направлено на решение ряда значимых стратегических задач.

Во-первых, оно предполагает мобилизацию финансовых ресурсов в интересах устойчивого развития, в частности для финансирования проектов в сфере возобновляемых источников энергии, декарбонизации промышленности и внедрения экологически чистых инновационных технологий.

Во-вторых, важным направлением является интеграция нефинансовых критериев, способствующих привлечению инвестиций с положительным экологическим и социальным эффектом, а также с высоким уровнем корпоративного управления.

В-третьих, зелёное финансирование ориентировано на повышение прозрачности инвестиционной деятельности и инвестиционных фондов, в том числе посредством развития надёжных систем сертификации, что позволяет противодействовать практике «зелёного камуфляжа».

По мнению Самадовой З.А. для развития «зеленого» финансирования необходимо проведение тренингов, создание тематических клубов, организация различных культурно-просветительских мероприятий и создание специальных баз данных. На наш взгляд, также существенное значение имеет расширение доступности зелёных финансовых инструментов для инвесторов, в том числе за счёт упрощения их идентификации и обоснования их потенциальной инвестиционной эффективности.

**Заключение.** Таким образом, проблемы окружающей среды становятся всё более серьёзной угрозой для дальнейшего развития человечества. Их решение требует принятия неотложных мер, причём в масштабном и системном формате. При этом простые решения в виде нормативных ограничений или запретов уже не являются достаточными для достижения необходимых целей. Возникает объективная необходимость применения более сложных и многоуровневых инструментов воздействия. Новые решения, ориентированные на экологическую устойчивость, как правило, требуют значительных инвестиционных ресурсов, а также финансирования изобретений и внедрения новых инновационных технологий. Это, в свою очередь, обусловливает усиление внимания к финансовому аспекту экологической политики.

Зелёные финансы выступают одним из инструментов, способных частично ответить на указанные выше вызовы. Их целью является формирование адекватной финансовой системы, которая на стабильной и долгосрочной основе обеспечивала бы реализацию экологических целей. Теоретические предпосылки и институциональная конструкция зелёных финансов позволяют рассматривать их как комплексный и многофункциональный механизм, предполагающий вовлечение различных групп заинтересованных сторон. Многообразие финансовых инструментов, которые могут быть использованы для достижения поставленных целей, дополнительно подтверждает практическую значимость данного подхода.

Вместе с тем следует подчеркнуть, что зелёные финансы являются лишь составной частью более широкой системы решений. Даже наиболее совершенная финансовая архитектура не может быть эффективной без наличия достаточного уровня знаний и информированности о возможностях и целесообразности её применения. Это относится ко всем группам стейкхолдеров, однако особое значение приобретает в контексте потенциальных получателей финансовых ресурсов.

С учетом приоритетов развития современного Таджикистана зелёное финансирование, находящееся на стадии становления, в перспективе будет занимать всё более значимое место, выступая ключевым инструментом борьбы с изменением климата

как в аспекте его смягчения, так и адаптации к его последствиям, и, следовательно, обеспечивая успешную реализацию приоритетов в области превращения нашей страны в зеленую страну в 2037г.

Республика Таджикистан на сегодняшний день для достижения целей формирования «зелёной» экономики сталкивается с необходимостью диверсификации портфеля инструментов зелёного финансирования. В этой связи представляется целесообразным предложить меры по внедрению стимулирующего механизма в банковском секторе, предусматривающего поощрение банков, инвестирующих в зелёные облигации, и применение санкций в отношении банков, финансирующих виды деятельности, наносящие ущерб экосистеме. Кроме того, создание универсального механизма кредитования, ориентированного на поддержку экологического перехода, реализуемого при участии банковского сектора.

**Литература**


1. Алексеева, С. А. Зеленое финансирование в Европе на современном этапе: зеленые инновации vs зеленый консерватизм / С. А. Алексеева // Финансы и кредит. – 2025. – Т. 31, № 5. – С. 226-240. – DOI 10.24891.

2. Бусалова, С. Г. Стандарты "зеленого" финансирования: зарубежный опыт и отечественная практика / С. Г. Бусалова, Е. С. Базарнова // Финансы и кредит. – 2022. – Т. 28, № 10(826). – С. 2249-2264. – DOI 10.24891/fc.28.10.2249.

3. Каримов, У. С. Зеленое финансирование как инструмент для стимулирования инвестиций в экологически устойчивые проекты / У. С. Каримов // Вестник университета. – 2024. – № 7. – С. 162-169. – DOI 10.26425/1816-4277-2024-7-162-169.

4. Давлатзода, К. К. Конкурентоспособность промышленных предприятий в современных условиях: «зеленый» переход и экологические инициативы / К. К. Давлатзода, Ф. А. Кодиров // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2024. – № 4(86). – С. 24-38. – EDN CQXGWB.

5. Мирошниченко, О. С. Банки в финансировании "зеленой" экономики: обзор современных исследований / О. С. Мирошниченко, Н. А. Бранд // Финансы: теория и практика. – 2021. – Т. 25, № 2. – С. 76-95. – DOI 10.26794/2587-5671-2021-25-2-76-95.

6. Назаретян, К. А. На пути к "зеленой" экономике и "зеленому" финансированию: опыт ведущих зарубежных стран, меры для развития "зеленого" финансирования / К. А. Назаретян, Н. В. Климовских // Аллея науки. – 2018. – Т. 3, № 10(26). – С. 179-185.

7. Самадова, З. А. Маблағгузории «сабз» ҳамчун Ҷузъи Ҷудонашавандаи иқтисодиёти «сабз» / З. А. Самадова // Фурӯғи илм. – 2024. – No. 4. – P. 153-159.

8. Чернобай, О. С. Финансово-кредитный инструментарий зеленого финансирования: тенденции и перспективы развития / О. С. Чернобай // Учет и статистика. – 2024. – Т. 21, № 4. – С. 142-151. – DOI 10.54220/4923.2024.69.63.015.

9. Шаравина, И. М. «Зеленое» финансирование как инструмент достижения целей устойчивого развития / И. М. Шаравина, Я. П. Молчанова // Образование и наука для устойчивого развития : Материалы XVII Международной научно-практической конференции, посвящённая 25-летию Института химии и проблем устойчивого развития Российского химико-технологического университета имени Д.И. Менделеева. В 2-х частях, Москва, 15–18 апреля 2025 года. – Москва: Российский химико-технологический университет им. Д.И. Менделеева, 2025. – С. 189-191.



**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Абдурахмонзода Нигина Шухрат**–соискатель Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

**Сведения об авторе**

**Абдураҳмонзода Нигина Шуҳрат**–унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

**About the author**

**Abdurkhamonzoda Nigina Shukhrat**–Applicant at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14.

**УДК: 338**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ САРМОЯГУЗОРИҲО БА РУШДИ «ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ» ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

**Давлатзода А.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар мақола ҷанбаҳои назариявии ташаккули «иқтисоди сабз», маблағгузориҳо ба рушди он дар шароити муосир дида баромада шудааст. Унсурҳои асосии модели таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ҷалби захираҳои молиявӣ ба рушди «иқтисоди сабз» ва омилҳои таъсиркунанда ба истеҳсоли энергияи сабз мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин, тамоюли ҷалби бештари сармоягузориҳо ба рушди устувори иқтисодиёт ва маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ ба «иқтисоди сабз» ва таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ дар самти беҳдошти муҳити зист дида баромада шудааст. Самтҳои асосии маблағгузориҳо ба рушди «иқтисоди сабз», татбиқи модели самаранокии рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии давлатии рушди «иқтисоди сабз» ва роҳҳои кам намудани таъсири одамон ба муҳити зист пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** рушди устувор, «иқтисоди сабз», маблағгузориҳо ба рушди иқтисоди «сабз», захираҳои молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳо, дастгирии давлатӣ, беҳдошти муҳити зист, иқтидори захиравӣ-табиӣ.

**Барои иқтибос:** Давлатзода, А. Ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳо ба рушди «иқтисодиёти сабз» дар шароити иқтисоди бозорӣ / А. Давлатзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 168-174.

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИНВЕСТИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ «ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ» В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Давлатзода А.**

**Аннотация.** В статье рассматривается теоретические аспекты «зеленой экономики», финансирования их развития в современных условиях. Изучены основные элементы модели устойчивого развития, привлечения финансовых ресурсов в развитие зеленой экономики и производство зеленой энергии. Также рассмотрены тенденции привлечения инвестиций в устойчивое развитие экономики,привлечения внебюджетных финансирования в развитие «зеленой экономики» и опыт экономически развитых стран в сфере финансирования зеленой экономики. Предложены основные направления финансирования развитие «зеленой экономики», реализация модели эффективности устойчивого развития в Республике Таджикистан, государственная поддержка развитие «зеленой экономики» и способы снижения антропогенного воздействия на окружающей среды человечество.

**Ключевые слова:** устойчивое развитие, «зеленая экономика», финансирование развития зеленой экономики, финансовые ресурсы, привлечение инвестиций, государственная поддержка, охрана окружающей среды, природно-ресурсный потенциал.

# THEORETICAL ASPECTS OF INVESTING IN THE DEVELOPMENT OF A "GREEN ECONOMY" IN A MARKET ECONOMY

**Davlatzoda A.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Annotation.** The article examines the theoretical aspects of the "green economy" and financing their development in modern conditions. The main elements of the sustainable development model, the attraction of financial resources to the development of a green economy and the production of green energy are studied. The trends of attracting investments in the sustainable

development of the economy, attracting extra-budgetary financing for the development of the "green economy" and the experience of economically developed countries in the field of financing the green economy are also considered. The main directions of financing the development of the "green economy", the implementation of a model of sustainable development effectiveness in the Republic of Tajikistan, state support for the development of the "green economy" and ways to reduce anthropogenic impact on the environment of mankind are proposed.
**Keywords**: sustainable development, "green economy", financing the development of the green economy, financial resources, attracting investments, government support, environmental protection, natural resource potential.

**Гузориши масъала.** Дар инкишофи муносибатҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ, “иқтисоди сабз” ҳамчун унсури муҳими рушди иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ба истеҳсоли маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаю безарар ва судманди истеҳсолот равона карда шудааст. Ҳадафи асосии он таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ мебошад, ки таъсири манфиро ба экосистемаи минтақавӣ мерасонад. Одатан, дар иқтисодиёти нақшавӣ ҳангоми истеҳсоли молу маҳсулот хатарҳои иқтисодӣ-экологӣ ба муҳити зисти аҳолӣ дар шакли партовҳо бештар ворид мегардад. Дар низоми иқтисодиёти сабз, баръакс, коркарди дубораи партовҳо дар занҷираи (сикли) нави истеҳсолӣ ба беҳдошти муҳити зисти аҳолӣ таъсир мерасонад.

Моҳияти экологӣ-иқтисодии рушди иқтисодиёти сабз, ки муносибати байни одамон ва муҳити табииро дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва беҳдошти муҳити зист дар занҷираи сегона, яъне «табиат-аҳолӣ-истеҳсолот» ифода менамояд, таъсири байниҳамдигарии комплексҳои хоҷагидорӣ ва беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар ҷойи аввал меистад. Ба андешаи профессор С.Н. Бобилев, «... таҳқиқи масъалаҳои экологӣ-иқтисодӣ дар ҳамоҳангсозӣ бо рушди модели нав, яъне рушди устувор барои аксарияти кишварҳои дунё муҳим арзёбӣ гардида, дар онҳо консепсияи ташаккули иқтисоди сабз зарур буда, аксарияти кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ хоҳиш ва майли зиёди гузаштан ба чунин шакли рушди иқтисодиро доранд...» [2, с. 108].

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Бори нахуст соли 1989 таҳқиқи назарияи иқтисоди сабз аз ҷониби олимони бахши экологӣ-иқтисодӣ - Д. Пирса, А. Марканди ва Э. Барбиера дар Британияи Кабир ба миён омадааст. Ва таҳқиқи ташаккули чунин шакли иқтисодиёт ҳанӯз солҳои 1970 дар заминаи рушди устувор ва масъалаи беҳдоши муҳити зист инкишоф ёфтааст, ки он «... ҳамчун нишондиҳандаи асосии рушди инсонӣ ва сатҳу сифати зиндагии мардум эътироф гардида, тайи даҳсолаҳои охир заминаи идеяи алоқамандии иқтисодиёт, ҷомеа ва муҳити зист ҳамчун ченаки асосии рушди устувор, ки дар он рушди иқтисоди сабз нақши калидӣ дорад ...» [1, с. 23]. Баъдан, соли 2012 дар конфронси сатҳи байналмилалӣ (аз ҷониби СММ), ки дар он намояндагони аксари кишварҳои дунё иштирок доштанд, масъалаи инкишофи иқтисоди сабз аз минбари баланд хеле олӣ садо дода, онро ҳамчун шакли нави рушди иқтисодӣ, ки ба устуворӣ, қобилияти худтаъминкунии ғизои худӣ ва истифодаи васеи неруи инсонӣ баҳогузорӣ намуда, қайд мегардад, ки он аз ҳисоби истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, захираҳои меҳнатӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳифзи муҳити зист амалӣ карда мешавад.

Дар конфронсҳои сатҳи баланд низ нақши “иқтисоди сабз” хеле барҷаста арзёбӣ гардида, онро аз нигоҳи таҳқиқи ду паҳлуи асосӣ, яъне «…зарурати мувофиқати байни рушди устувори экологӣ-иқтисодӣ ва беҳдошти муҳити зист, яъне ташаккули иқтисоди сабз, ки он ҳамчун шакли нави рушди иқтисодиёт барои аксарияти кишварҳои дунё эътироф мегардад...» [4, с. 42]. Ин ҷо, шарти муҳим миқдори хатарҳои экологӣ-иқтисодӣ ба ҷомеаи инсонӣ дар мадди аввал гузошта мешавад, ки он чораҳои заруриро дар самти

таҳқиқи иқтисоди сабз ба миён меорад. Дар конфронсҳои сатҳи байналхалқӣ зарурати гузариш ба модели рушди иқтисоди сабз мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда, он ба ҳалли дастаҷамъонаи масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва вазъи иҷтимоии аҳолӣ, кам намудани хатарҳои экологӣ-иқтисодӣ ба муҳити зисти одамон дар ҷойи аввал меистад.

**Мақсади мақола** ин омӯзиши ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳо ба рушди «иқтисодиёти сабз» дар шароити иқтисоди бозорӣ маҳсуб меёбад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Барои дилхоҳ кишвари дунё ҳалли масъалаҳои беҳдошти муҳити зисти одамон (сармояҳои инсонӣ, пардохти андозҳои экологӣ ва кам намудани таъсири манфӣ ба муҳити зист), амалкарди нодурусти механизмҳои бозорӣ муҳим арзёбӣ гардида, дасткашӣ аз маблағгузориҳои бебозгашти давлатӣ дар мавриди ифлоскуниҳои муҳити зист ва экологикунонии раванди истеҳсолот, ҷоннок намудани дахолати давлатӣ ва механизми танзими истифодаи захираҳои табиӣ дар сатҳи байналхалқӣ ва глобалӣ, ки тавассути фишангҳои экологӣ-иқтисодӣ, барномаю стратегияҳои давлатӣ ва пурзӯр намудани ҳамкориҳои дастаҷамъона дар самти тиҷорат, молия ва рушди инфрасохтори бозорӣ хеле зарур аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки фаъолияти маҷмуии одамон дар самти экологикунонии раванди истеҳсолот ва гузариш ба иқтисоди сабз, яъне муносибати дурусти одамон ба муҳити зист дар асоси омӯзиши рушди нави иқтисодӣ тайи солҳои охир ба миён омадааст, ки он «... таҳқиқи заминавии он дар афкору идеяҳои иқтисодчиёни мактабҳои гуногуни илмӣ оид ба муҳити зист амалӣ мегардад ...» [8, с. 55], ки омӯзиши он асосан ба асрҳои XV11-XX рост омада, дар он масъалаҳои экологӣ, вазъи зиндагии одамон ва таъсири хоҷагидорӣ ба муҳити зист бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

Дар ин давра аз ҷониби олимони классик (У. Петти, Ф. Кенэ, А. Тюрго, А. Смит) таҳқиқи назарияи «асосҳои боигарии миллӣ», нақши захираҳои меҳнатӣ, замину об ва соҳаи кишоварзӣ хеле бузург буда, он аз ҳосилхезии хок сахт вобастагӣ дорад. Баъдан Д. Рикардо назарияи рентаи замин ва дар заминаи он таҳқиқи алоқамандии инсоният ва табиат пешниҳод мегардад. Дар асрҳои XV111-X1X аз ҷониби Т. Малтус назарияи маҳдудияти захираҳои табиӣ барои рушди инсонӣ ташаккул дода мешавад. Аз ин пас Ҷ.С. Милл назарияи алоқаманди омилҳои иҷтимоӣ-экологӣ ва таъмини сатҳи некуаҳволии ҷомеъ ва К. Маркс такрористеҳсоли сармояи инсониро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Дар асри X1X А. Пигу назарияи иқтисодиёти ҷаҳон, яъне таъсири экстерналҳо ва Р. Коуз ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба объектҳои муҳити зистро пешниҳод менамоянд.

Ба андешаи онҳо, ифлосшави муҳити зист таъсири бештари манфиро барои одамон расонида, аз ҷониби истифодабарандагони захираҳои табиӣ дар шакли андозҳои экологӣ бояд ҷуброн карда шавад. Зимни омӯзиши масъалаҳои маҳдудияти захираҳои табиӣ ва таъсири манфиро ба рушди иқтисодиёт аз ҷониби Г. Хотелинг, С. Кузнетс, К. Болдуинг ва Р. Солоу дар базаи назарияи масъалаҳои экологӣ, дар шароити маҳдудиятҳои экологӣ,, аз тарафи К. Эрроу пешниҳод карда мешавад.

Дар аввали асри XX1 мафҳуми иқтисоди сабз дар назарияи нав, ки аз ҷониби СММ дар шакли маҷмуии мавриди омӯзиш қарор гирифта, он дар сатҳи байналмилалӣ ба таври васеъ истифода бурда шуда [8, с. 55], ки он ба инкишофи назарияи рушди устувор ва муҳофизати муҳити зист такони ҷиддӣ бахшида, он ба тағйирёбии иқлими сайёра, маҳдудиятҳои экологӣ ва технологияи пешқадами истеҳсоли молу маҳсулот ва раванди экологикунонии истеҳсолот равона мегардад. Моҳияти он, пеш аз ҳама, дар қонеъ намудани ниёзҳои инсонӣ аз ҳисоби маҳдудиятҳои экологӣ дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳадди ақали ҷалби сармояҳо ба энергияғунҷоишии истеҳсолот инъикос меёбад.

Агар аз нигоҳи рушди устувор ба рушди иқтисоди сабз диққат диҳем, он гоҳ масъалаи беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар заминаи ҷорӣ намудани технологияи пешқадами коркарди маҳсулоти ғизоии аз

нигоҳи экологӣ тозаю безарар ва таъмини бехатарии озуқаворӣ он бояд тавозуни иқтисодӣ-экологӣ ва беҳдошти муҳити зистро таъмин намояд. Аз ин рӯ, ташаккули назарияи иқтисоди сабз дар заминаи рушди устувор як ҷанбаи нави илмие мебошад, ки масъалаҳои консептуалӣ ва стратегии рушди иқтисодиёти миллиро барои даврaҳои тулонӣ муаррифӣ ва баҳогузорӣ менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки хатарҳои экологӣ ва таъсири манфии одамон ба муҳити зист дар бисёр ҳолатҳо аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидорӣ ба миён меояд, он дар навбати худ, зарурати коркарди модели иқтисоди сабз ва таъмини рушди устуворро муҳим мешуморад. Дарки масъалаи мазкур ҳанӯз солҳои 70-80-уми асри XX ҳангоми инкишофи консепсияи рушди устувор ба миён омадааст. Агар ба масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ аз нигоҳи рушди иқтисоди сабз назар афканем, бори аввал дар конфронси СММ (соли 1992) оид ба беҳдошти муҳити зист ва рушд бо иштироки роҳбарони аксари кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ пешниҳод шудааст. Чунки қисмати зиёди захираҳои табиӣ дар дунё маҳдуд буда, зиёдшавии аҳолӣ зимни он характери таҳдидкунанда дошта, маҳдудиятҳои экологӣ ҳарчи бештар ба масъалаи бехатарии озуқаворӣ хатарҳо эҷод менамояд. Аз ин рӯ, таъмини рушди устувор дар заминаи ташаккули иқтисоди сабз, пеш аз ҳама, ба қонеъ намудани талаботи насли имрӯза ва гузоштани шароитҳои хуби муҳити зист барои наслҳои оянда равона карда мешавад.

Консепсияи ташаккули иқтисоди сабз дар заминаи рушди устувор соли 1974 дар ҳуҷҷатҳои Шурои умумиҷаҳонии мазҳабӣ ҳамчун ҷавоб ба ташаккули андешаҳои давлатҳои рушдкардаи иқтисодӣ оид ба муаммои таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифату безарар ва беҳдошти муҳити зист дар мавриде, ки шумораи зиёди аҳолии кураи Замин дар шароити камбизоатӣ, гуруснагӣ ва бемориҳои гуногуни сироятӣ қарор доранд, муҳим мебошад. Дар ҳуҷҷати мазкур оварда шудааст, ки устувории иқтисодӣ-иҷтимоӣ бе тақсимоти адолатнок, ки имконияти ҳалли маҷмуии муаммоҳои экологӣ-иҷтимоиро дорад, ғайриимкон мебошад. Илова бар ин, рушди устувор наметавонад талаботи аҳолиро ба озуқа дар сатҳи лозима қонеъ намояд ва дараҷаи ифлосшавии муҳити зист дар ин раванд, яке аз омилҳои муҳими садди роҳи муносибатҳои нави иқтисодӣ гардида, ташаккули иқтисоди сабз аз ҳисоби захираҳои табиии барқароршаванда ва ҷалби сармояҳо бештари барои рушди неруи инсонӣ ва ҳифзи экосистемаҳои минтақа равона мегардад.

Тайи даҳсолаҳои охири асри XX бо амалӣ намудани чораҳои маҷмуии экологӣ ва ҳифзи муҳити зист кӯшишҳои зиёд аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ анҷом дода шудааст. Ин ҳама тадбирҳо дар заминаи рушди иқтисоди сабз ҳалли амалии худро ёфта, бо дарназардошти маҳдудиятҳои экологӣ аз нигоҳи назариявӣ-амалӣ дар маърузаи Комиссияи байналмилалӣ оид муҳити зист ва рушд дар мавзуи «Ояндаи умумии мо» бо дархости СММ таҳти раисии сарвазири ҳамонвақтаи кишвари Норвегия Х.Г. Брунтланд соли 1987 пешниҳод гардид, ки дар он рушди устувор нақши бориз дорад. Дар маърузаи мазкур, асосан оид ба масъалаҳои байналмилалӣ, аз қабили экология ва гузариш ба рушди иқтисоди сабз бештар сухан рафта, масъалаи «иқтисодиёт ва экология» бештар дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ дар заминаи тадбирҳои дастаҷамъӣ, тезутундшавии сабабҳо ва оқибатҳои нохуши таъсири инсоният ба муҳити зист пайдо шуда [3, с. 56], мақсади коркарди барномаи байналмилалӣ ва глобалии тағйироти иқлими сайёра ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар арсаи ҷаҳонӣ таҳқиқ карда шудааст.

Баъдан, бо қарорҳои СММ, бахусус «Дар бораи рушди неруи инсонӣ», соли 1994, консепсияи рушди устувор тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, аз ҷумла пешниҳод карда мешавад. Фақат тавассути ташаккул ва рушди иқтисоди сабз вазъи беҳдошти муҳити зист таъмин гардида, дар он масъалаи тақсимоти одилонаи захираҳои иқтисодӣ, барқарорсозӣ ва такрористеҳсоли вазъи захираҳои табиӣ ва

экосистемаи минтақавӣ барои таъмини зиндагии шоистаи мардум ҳалли амалии худро меёбад. Он чунин тарзи рушди устуворест, ки дар он инсон ва беҳдошти муҳити зисти аҳолӣ дар маркази диққати асосӣ қарор дошта, ба нигоҳдории муҳити табиӣ, таъмини шуғли меҳнат ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон равона мегардад.

Дар Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор дар шаҳри Йоханнесбурги Африқои Ҷанубӣ муайян ва пешниҳод гардид, ки сармоягузориҳои мустақим ба рушди иқтисоди сабз ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишварҳои дунё хеле муҳим мебошад. Ба ин соҳаҳо энергетика, истифодаи дурусти захираҳои обӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, олами биологӣ ва идоракунии низоми экологӣ ва беҳдошти муҳити зист дохил мегардад. Дар ин самт «... нақшаи амалинамоии натиҷаҳои Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор ...» [6, с. 24] хеле калон буда, эътирофи пайгирии буҳронҳои экологӣ-иҷтимоӣ хеле муҳим арзёбӣ гардида, он барои бартараф намудани хатарҳои экологи-иқтисодӣ бештар равона мегардад. Ин омилҳо заминаҳои институтсионалӣ дар ташаккул ва рушди иқтисоди сабз ба шумор рафта, ба масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва экологии муҳити зисти одамон мусоидат менамояд.

Рушди иқтисоди сабз, дар навбати аввал, бояд ба ҳалли масъалаи бехатарии озуқаворӣ ва экологӣ, яъне қонеъ намудани ниёзҳои аҳолӣ бо ғизои хушсифат ва безарари экологӣ ва баъдан беҳдошти муҳити зист, тавозуни экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намояд, ки он аз чунин ҷузъҳои асосӣ иборат мебошад:

- мафҳуми талаботи инсонӣ, ки аз мавҷуд будани табақаи камбизоати аҳолӣ дар шароити таъмини бехатарии озуқаворӣ сарчашма мегирад;

- мафҳуми хатару маҳдудиятҳои экологӣ, ки аз вазъи ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва технологии талаботи насли ҳозира ва ояндаи ҷомеа маншаъ мегирад;

- шакли инкишофе, ки сарфаи ками истифодаи захираҳои табиӣ ва хароҷоти истеҳсолиро тақозо мекунад;

- инкишофе, ки таъсири ками манфиро ба муҳити зисти одамон аз ҳисоби истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ хостгор мебошад;

- тарзи хоҷагидорие, ки ба беҳшавии вазъи зиндагӣ ва беҳдошти экосистемаи минтақавӣ аз ҳисоби сарфаи захираҳои табиӣ равона карда шудааст;

- инкишофе, ки тақсимоти одилонаи неъматҳои моддиро барои наслҳои оянда дар доираи молу хизматрасониҳои баландсифат ва муҳити зисти тоза таъмин менамояд;

- тарзи зиндагие, ки аз ҳисоби фоизи сармояи табиӣ ва неруи инсонӣ барои наслҳои оянда таъмин мегардад.

Дар шароити мусоир дар қисмати зиёди кишварҳои дунё ҳангоми арзёбии баҳои рушди устувор таъсири манфии омилҳои экологӣ ва беҳдошти муҳити зист дар ҷойи аввал буда, таъсири манфӣ ва ҳифзи экосистемаи минтақавӣ омили асосии рушди иқтисодӣ сабз ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, тайи солҳои охир масъалаи иқтисоди сабз аз ҷониби коршиносони бахши экологӣ ва олимони соҳаи иқтисодиёт дар форуму ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ ва глобалӣ баланд садо дода ва аксари роҳбарони баландмақоми мамлакатҳои дунё ба мавзуи мазкур диққати хеле ҷиддӣ медиҳанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ борҳо аз минбарҳои баланд оид ба масъалаи рушди иқтисоди сабз таъкид намуда, онро ҳамчун бахши муҳими истеҳсоли энергияи каммасрафу аз лиҳози экологӣ тоза ва ҳамчун омили асосии рушди устувори иқтисодӣ ва истифодаи дурусти манбаъҳои энергияи барқароршавандаи сабз, бахусус, дар самти гидроэнергетика ва намудҳои алтернативии энергияи сабз, ба мисли иқтидори обӣ-энергетикӣ, офтобӣ, шамолӣ, нақлиёти барқӣ, сӯзишворию биологӣ ва ғайра барои рушди устувори иқтисодиёти мамлакат хеле муҳим номидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии кишвар (аз 28.12.2023 с.) дар бораи иқтисоди сабз таъкид намуда, чунин пешниҳод мекунанд: «… бо мақсади

истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шавад …» [7, с. 3]. Ҳалли амалии ин иқдомҳои Роҳбари кишвар, пеш аз ҳама, ба рушди соҳаҳои муҳими иқтисодиёти миллии кишвар, аз ҷумла рушди бахши саноат, энергетикӣ, кишоварзӣ, сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ, ки ҳамчун соҳаи хеле каммасраф ва сердаромад ба ҳисоб мераванд, такони ҷиддӣ бахшида, ба сохтмони объектҳои табобатӣ-дамгирӣ, базаҳои туризм ва муассисаҳои тандурустию маишӣ ва ташкили корхонаю ҷойҳои нави корӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

Ҳамаи ин мақсадҳои хеле бузург дар заминаи таъмини муҳити институтсионалӣ, бахусус такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инкишофи инфрасохтори истеҳсолӣ ва дастгирии давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои кишвар амалӣ карда мешаванд. Дар ин иқдомҳои неку бузург нақши мақомотҳои давлатӣ ва органҳои маҳаллӣ ва саҳми ширкатҳои шинохтаи ватанӣ калон буда, таблиғи (реклама)-и сайёҳии экологӣ дар минтақаҳои дурдасти мамлакат ба рушди туризм ва зиёд шудани меҳмонони хориҷӣ мусоидат намуда, ба рушди инфрасохтори бозорӣ ва ҷалби бештари сармояҳои хориҷӣ дар минтақаҳои кишвар мусоид менамояд.

**Ҳамин тавр,** дар мавриди ҳалли дастаҷамъонаи масъалаҳои экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои кишвар тайи солҳои минбаъда, дар заминаи ташаккул ва рушди иқтисоди сабз, аз ҷумла технологияи пешқадами истеҳсоли молу маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаю безарар мо ба самаранокии баланди истеҳсолоти ватанӣ ва рушди устувори иқтисодӣ ноил хоҳем гашт. Ин ҳадафҳо, дар асоси истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва кам намудани партовҳои истеҳсолӣ ба муҳити зист муяссар гардида, он барои ободонии макони зист, кӯчаю хиёбонхои кишвар, инчунин истифодаи нақлиёти аз нигоҳи экологӣ тоза ва рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар мусоидат менамояд, ки он дар заминаи истифодаи судманди иқтидори захиравӣ-табиӣ ва беҳдошти экосистемаҳои минтақавӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегии миллии кишвар дар бахши рушди устувор то солҳои 2030-юм равона мегардад. Ҳамаи мақсадҳои нек, бо саъю кӯшиши Ҳукумати кишвар, бахусус Пешвои миллат, ирода, муттаҳидӣ ва дастгирии сулҳу субот ва ҷалби бештари сармояҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат амалӣ хоҳад гашт.

**Адабиёт**


1. Будущее, которого мы хотим / Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей ООН 27 июля 2012 г. 12.04.2017. [электронный ресурс] URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc /UNDOC/GEN/N11/476/12/PDF/N1147612.pdf ? Open Element. (дата обращения: 07.11.2025 1г.)
2. Бобылев, С.Н. Устойчивое развитие: парадигма для будущего / С.Н. Бобылев // Мировая экономика и международные отношения. - 2017. Т. 61. - №3. - С. 107-113.
3. Браун, Л. Экоэкономика: как создать экономику, сберегающую планету / Вступ. Сл. В.И. Данилова-Данильяна: Пер. с англ. - М.: Издательство «Весь мир», 2003. – 392 с.
4. Кудинов, Г.Э. Навстречу «зеленой» экономике: Пути к устойчивому развитию и искоренению бедности / Г.Э. Кудинов, Г.С. Розенберг, В.С. Юрина. - Найроби (Кения); Женева (Швейцария); Москва (Россия): ЮНЕП, 2011. - 738 с. // Принципы экологии. 2012. Т. 1. - № 4. - С. 42.
5. Захарова, Т.В. «Зеленая» экономика как новый курс развития: глобальный и региональный аспект / Т.В. Захарова // Вестник Томского государственного университета. - 2011. - №4 (16). - С. 28-37.
6. Инвестиционные аспекты развития регионального водного сектора. - Алматы: Евразийский Банк Развития, 2011. - С. 24.

7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12. 2023 с.
8. Фюкс, Р. Зеленая революция: Экономический рост без ущерба для экологии / Пер. с нем. - М.: Альпина нон-фикшн, 2016. - С. 12-15.
9. UNEP. Глобальный «зеленый» курс. Доклад, 2009. [электронный ресурс] URL: http:// greenlogic.by /content/files/GREENTRANSPORT/UNEP90-RUS.pdf . (дата обращения: 07.11.2025 1г.).

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Давлатзода Абдулло**– муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. (+992) 907-30-23-11. E-mail.ru: mehrob-mardon@mail.ru.

**Сведения об авторе**

**Давлатзода Абдулло**– старший преподаватель кафедры гуманитарных наук Таджикского государственного финансового-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 907-30-23-11. E-mail.ru: mehrob-mardon@mail.ru

**About the author**

**Davlatzoda Abdullo**-senior lecturer at the Department of Humanities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Tajikistan, Dushanbe city, Nachimova St. 64/14. phone: (+992) 907-30-23-11. E-mail.ru: mehrob-mardon@mail.ru

**УДК: 631**

# ТАКМИЛДИҲИИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ)

**Бобомуродов П.Х.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**Мирзоалиев А.А.**
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Аннототсия.** Дар мақола пешбурди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки хусусияти меъёрӣ, методӣ ва ташкилиро пешбинӣ мекунанд, баррасӣ гардидааст. Мақсади он ташаккули равишҳои ягонаи баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад.
Дар мақола мавқеъи фаъолияти деҳқон-соҳибкор, ҷанбаъҳои муҳими баҳисобгирии муҳосибии он, хусусиятҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ва услубу равишҳое, ки моҳияту мазмуни онро шарҳ медиҳанд, муайян карда шудаанд. Ба ин муносибат дар бораи сохтор ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.
**Вожаҳои калидӣ:** хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳолати молиявӣ, муҳосибот, баҳисобгирии дороиҳо, сармоя, даромад, харочот, тартибдиҳии ҳисобот, фоида, зарар.
**Барои иқтибос:** Бобомуродов, П. Х. Такмилдиҳии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) / П. Х. Бобомуродов, А. А. Мирзоалиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 175-182.

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА И ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ В ДЕХКАНСКИХ ХОЗЯЙСТВАХ (ФЕРМЕРСКИХ ХОЗЯЙСТВАХ)

**Бобомородов П.Х.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет
**Мирзоалиев А.А.**
Таджикский государственный университет коммерции

**Аннототсия.** В статье рассматривается ведение бухгалтерского учета и финансовой отчетности в дехканских хозяйствах (фермерских хозяйствах), которое предусматривает нормативные, методические и организационные особенности. Его цель – разработка единого подхода к учету биологических активов в сфере сельского хозяйства.
В статье определены положение деятельности фермера-предпринимателя, важные аспекты ее учета, особенности финансовой отчетности, а также методы и подходы, объясняющие ее сущность и содержание. В связи с этим были даны рекомендации по структуре и организации бухгалтерского учета в фермерских хозяйствах.
**Ключевые слова:** дехканских хозяйства, финансовое состояние, бухгалтерский учет, учет основных средств, капитал, доходы, расходы, отчетность, прибыль, убыток.

# IMPROVING ACCOUNTING AND FINANCIAL REPORTING IN FARMS (FARMS)

**Bobomorodov P.Kh.**
Tajik State University of Finance and Economics
**Mirzoaliev A.A.**
Tajik State University of Commerce

**Annotation.** The article discusses accounting and financial reporting in farms (farms), which provides for regulatory, methodological and organizational features. Its goal is to develop a unified approach to accounting for biological assets in agriculture.

The article defines the status of the activities of a farmer-entrepreneur, important aspects of its accounting, features of financial reporting, as well as methods and approaches that explain its essence and content. In this regard, recommendations were given on the structure and organization of accounting in farms.
**Key words:** farms, financial condition, accounting, fixed asset accounting, capital, income, expenses, reporting, profit, loss.

**Гузориши масъала.** Дар шароити имрӯза масъалаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз ҷумла баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, ки ин яке аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб меравад. Мушкилии дигаре, ки монеъи баҳисобгии маҳсулотҳои корхонаҳои кишоварзӣ гардидааст ин набудани нақшаи кории ҳисобҳои муҳосибӣ ва шаклҳои соддакардашудаи (кӯтоҳкардашуда) ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоб мераванд. Самаранoктарин роҳи ҳалли ин мушкилот истифодаи равишҳои баҳисобгирӣ ва таъминоти дороиҳои биологӣ мебошад. Бинобар ҳамин дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пеш аз ҳама нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирӣ, шаклҳои кӯтоҳкардашудаи ҳисоботи молиявӣ таҳия карда шаванд. Ҳамчунин дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) раванди баҳисобгирии натиҷаҳои молиявӣ (аз аввали соли ҳисоботӣ) оид ба ҷамъоварӣ, коркард ва истеҳсоли маҳсулотҳои билогӣ дар варақаҳои бақайдгирӣ инъикос ёбанд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Қайд кардан бомаврид аст, ки дар интишороти илмии олимони ватанӣ солҳои охир таваҷҷуҳ ба масъалаҳои баҳисобгирии дороиҳои хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ зиёд шудааст. Дар корҳои илмии муҳаққиқон А.А. Мирзоалиев, А.Х. Файзуллоев, А. Иззатов, С.Ф. Низомов, З.А. Мӯсоева, Қ.Х. Хушвахтзода, Н.М. Собирзода, Х.Х. Бадалов, К. Қ. Шодиев, У. Шарофов ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни баҳисобгирии маҳсулотҳои биологӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд.

**Мақсади мақола.** Аз ташаккули равишҳои ягонаи баҳисобгирии дороиҳои биологӣ ва тартиби пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) иборат мебошад. Ҳамчунин баррасӣ намдани фарзияҳои муҳим оид ба роҳҳои такомули баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар корхонаҳои кишоварзӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳадафи дигаре, ки дар мақола пешбинӣ гардидааст, ин ҷанбаъҳои назариявию амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳуҷҷатноккунии захираҳо (дороиҳои биологӣ) дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба шумор меравад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», банди 7 Протоколи №1 с/22-2 аз 12 апрели соли 2016 ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, № 187 тастиқ шудааст, пешниҳод карда шудааст [8]. Дар асоси моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» - хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд - хоҷагии деҳқонӣ) субъекти соҳибкорӣ, ки дар он истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолияти шахсии як нафар ё фаъолияти якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаи замин ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта асос ёфтааст. Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд - хоҷагии деҳқонӣ) субъекти хоҷагидории мустақилест, ки фаъолияти он ҳамчун соҳибкор ба меҳнати шахсии як нафар, аъзои як оила ё гурӯҳи шахсон асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва дигар молу мулки ба аъзои он тааллуқдошта ташкил медиҳанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хоҷагии деҳқонӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои

меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Хоҷагии деҳқонӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ хоҷагиҳое мебошанд, ки дорои ҳисоби бонкӣ буда, тавозуни мустақил ва дорои молу мулки муайян мебошанд.

Дар моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» [4] уҳдадориҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ташкил намудан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз риоя намудани талаботҳои шартномавӣ ва молиявию қарзӣ муайян гардидааст.

Мувофиқи моддаи 30-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар хоҷагии деҳқонӣ чунин ба роҳ монда мешавад:

1.Хоҷагии деҳқонӣ натиҷаҳои корашро ҳатман ба ҳисоб мегирад.

2.Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ассотсиатсияи онҳо ӯҳдадоранд тартиби коргузорӣ ва низоми ҳисоботи муҳосибиро риоя намуда, дар бораи фаъолияти худ ба мақомоти маҳаллии омори давлатӣ ва дигар мақомоте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ҳисобот диҳанд [4].

Хоҷагиҳои деҳқонӣ – хоҷагиҳое мебошанд, ки масоҳати онҳо то 1 гектар бошад ва дар онҳо танҳо аъзоёни як оила кор кунанд. Ин гунна хоҷагиҳо бояд дар шакли соҳибкорони инфиродӣ ба қайд гирифта шаванд ва барои онҳо меъёри андозбандии муайян ва таҳия карда шаванд [10, с. 96].

Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ) - ҷамъбасткунии гурӯҳи дороиҳо (активҳо), сармоя ва ӯҳдадориҳои хоҷагиро дар шакли пулӣ барои санаи муайян инъикос мекунад [1, с.28]. А.Х. Файзуллоев чунин меҳисобад, ки «ҳисоботи муҳосибӣ, маълумоти ҷамъбастиро оид ба фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳаракати амвол ва ӯҳдадориҳои онҳоро дар давраи муайян дар бар мегирад» [7, с.62].

Асоси бақайдгирии ҷории амалиёти муҳосибиро ҳуҷҷатноккунӣ ташкил медиҳад. Ҳуҷҷатноккунӣ ин раванде, мебошад, ки ҳар як амали хоҷагидориро бо натиҷаи хуби баҳисобгирии молиявӣ таъмин мекунад. Дар марҳилаи ҷамъбасткунии ниҳоии раванди баҳисобгирии муҳосибӣ (қайдҳои муҳосибӣ) ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ дар шакли тавозуни муҳосибӣ ва шаклҳои дигари ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) таҳия карда мешаванд [2, с. 23]. Ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) мутобиқи талаботи СБҲМ (1AS)1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ», «Дастурамал оид ба тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва ё байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд» ва мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011, №702 таҳия карда шавад.

Тибқи ин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳисоботи пурраи молиявӣ аз шаклҳои зерин иборат аст:

- ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ;
- ҳисобот оид ба фоида (зарар) дар давраи ҳисоботӣ;
- ҳисобот оид ба тағйирёбии сармоя дар давраи ҳисоботӣ;
- ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ;
- шарҳ ё тавзеҳот, ки он аз шарҳи фишурдаи принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва эзоҳҳоти дигари ахборӣ иборат аст.
- дар ҳолате, ки субъект таърихи пештараи истифода аз сиёсати баҳисобгирӣ дошта бошад, ҳисоботи он оиди вазъи молиявӣ бояд ахборро дар аввали давраи ҳисоботӣ дар бар гирад ё ин, ки моддаҳои ҳисоботро бо таври ретроспективӣ аз нав ҳисоб кунад.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ низоми мукаммали баҳисобгирии муҳосибиро истифода мебаранд. Ин низом дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва мутобиқ ба СБҲМ дар бахши хусусӣ амалӣ карда мешавад. Он ба «Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ» асос мегирад, ки аз 27 майи соли 2011, №41, бо Фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2015, №694 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Азбаски дар хоҷагиҳои деҳқонии бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ, теъдоди зиёди амалҳои хоҷагидорӣ анҷом дода мешавад, низоми мукаммали ҳисобдориро метавонанд бо истифода аз барномаҳои ҳисобдории компютерӣ ё ақалан бо истифода аз барномаи «1С Предприятия» (1С Муҳосибот) ташкил кард.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта собит мекунад, ки озодии пешбурди фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (муҳити дохилӣ) тавассути дастгирии давлатӣ ба деҳқонон (муҳити беруна) омили муҳими самаранокии он мебошад. Яке аз шартҳои муҳими самарабахши он дар хоҷагии қишлоқ шахсияти худи деҳқон-соҳибкор мебошад. Дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ барои тавсифи модели идеалии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ таърифҳои гуногун дода шудаанд. Масалан, Маъмурияти тиҷоратии хурд дар Иёлоти Муттаҳида чунин мешуморад, ки муваффақияти деҳқон-соҳибкор бо чунин сифатҳо арзёбӣ мегардад: пеш аз ҳама ӯ устои кори худ аст, қобилияти таҳлил карданро доро мебошад, барои барқарор кардани муносибатҳои дуҷониба бо ҷомеа кӯшиш меварзад, қобилияти барқарор кардани робитаро бо корхонаву ташкилотҳои истеъмолгар қавӣ мегардонад, дорои дониши техникӣ ва технологӣ ва ғайра мебошад [3, с.142].

Бояд гуфт, ки пурзӯркунии соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи технология ва усулҳои муосири идоракунӣ метавонад ба таври қобили мулоҳиза самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, таъсиси объектҳои нави андозбандӣ дар минтақаҳои кишвар ва ба ин васила сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳотро баланд мебрадорад. З.А. Мӯсоева қайд мекунад, ки «тараққиёти минбаъдаи кишоварзӣ тавассути пурзӯр намудани он, аз нав муҷаҳҳазгардонии техникӣ, азнавсозӣ, азнавташкилдиҳӣ ва умуман гузаштан ба заминаи муосири саноатӣ танҳо дар сурати ташаккули босуръат ва фаъолияти фаъоли соҳаи муосири соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёт имконпазир аст [5, с. 265].

Вазъияти кунунии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти инноватсионӣ бо гуногунии навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва фарқияти технологияи истеҳсолии он муайян карда мешавад. Ислоҳоти гузаронидашуда имкон дод, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ шароити аввалиндараҷа фароҳам оварда шавад. Мо мувофиқ ба он ҳастем, ки соҳибкории хурду миёна «ба рушди муносибатҳои рақобатпазири истеҳсолӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт саҳм мегузоранд, ба бозорҳои истеъмолӣ маҳсулоте, ки аз ҷиҳати хосиятҳояшон гуногунанд, барои ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ иқтидор доранд, ва фаъолона ҷори намудани технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ» саҳм мегузоранд [1, с. 182,189].

Ба ақидаи К.Қ. Шодиев “Ташаккули хоҷагии қишлоқ, баландбардории қобилияти рақобатпазирии он ба таври назаррас аз самтнокии инноватсионии мувозӣ кардашудаи соҳаи соҳибкорӣ, махсусан аз фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии шаклҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқ, вобаста аст” [9, с. 131].

Барои самаранок ба роҳ мондани ҳисобдории мукаммал аз СБҲМ (IAS) 41 «Хоҷагии қишлоқ» истифода бурдан зарур мебошад. Мақсади ин стандарт муайян кардани тартиби ҳисобгирӣ ва ошкоркунии маълумот оид ба фаъолияти кишоварзӣ алоқаманд мебошад [5, с.13]. Стандарти мазкур бояд барои баҳисобгирии объектҳои хоҷагиҳои деҳқонии истифода бурда шавад:

-дороиҳои биологӣ;

-маҳсулоти кишоварзӣ дар мавриди ҳосилғундорӣ ва нисбати баҳисобгирии заминҳои хоҷагӣ аз СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» ва аз СБҲМ (IAS) 40 «Молу мулки сармоягузорӣ», баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ аз СБҲМ (IAS) 38 «Дороиҳои ғайримоддӣ» истифода бурда мешавад. Мутобиқи СБҲМ (IAS) 41 «Хоҷагии қишлоқ» захираҳое, ки дар натиҷаи фаъолият аз дороиҳои биологӣ

ба вуҷуд меоянд, аввалан дар рафти ҷамъоварии ҳосили маҳсулот бо арзиши одилона ва тарҳи харҷи фурӯш эътироф карда мешаванд, баъд захираҳо аз рӯи нишондиҳандаи пасти ин ду ченак: арзиши аслӣ ва ё нархи тозаи фуруш баҳогузорӣ мешаванд [4, с.5].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари дорои иқтисодиёти ба соҳаи кишоварзӣ такякунанда мебошад, баҳисобгирии муҳосибии дороиҳои биологӣ аҳамияти хосае ба худ касб намудааст. Дар раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибии дороиҳои биологӣ ва дигар дороиҳои корхонаҳои кишоварзӣ пояҳои байналмилалии консептуалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ татбиқ карда мешаванд. Дороиҳои биологӣ асосан дороиҳои дарозмуҳлат мебошанд ва баҳисобгирӣ таҳлил ва аудити онҳо хусусиятҳои хоси худро дорад.

Дороии биологии дарозмуҳлат ин ҳайвон ё растанӣ мебошад, ки дар раванди табадуллоти биологӣ метавонад маҳсулоти кишоварзӣ ё дороиҳои биологии иловагиро ҳосил намояд, инчунин бо тарзи дигар метавонад манфиатҳои иқтисодӣ оварад.

Фаъолияти кишоварзии корхонаҳои муосир аз ҳисоби истифодабарии сарватҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ таъмин мегардад, ки дар ин ҷо нақши муҳим ба дороиҳои биологии дарозмуҳлат рост меояд.

С.Ф. Низомов чунин мешуморад, ки “Дар шароитҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар асоси стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) бурда мешавад ва дар чунин шароитҳо таҳлили самаранокии истифодабарии дороиҳои биологӣ ва аудити ҳисоботи молиявии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати дар ҳисоботи моилявӣ инъикос намудани маълумот оид ба дороиҳои биологӣ аҳамияти бузург қабул намудааст”. Ҳама гуфтаҳои боло аз рӯзмаррагии масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити дороиҳои биологӣ дарак медиҳанд.

Ҳамин тариқ гуфтаҳои С.Ф. Низомовро А.Х. Файзуллоев ҷонибдорӣ намуда қайд менамояд, ки “баҳисобгирӣ, эътироф ва баҳодиҳии дороиҳои биологӣ як соҳаи мураккаб ва бисёрҷанбаест, ки кӯшишҳои зиёд ва ҳамкориро талаб мекунад. Тадқиқот дар ин самт ниҳоят муҳим боқӣ мемонад ва натиҷаҳои он метавонанд ба рушди устувор ва ҳифзи гуногунии биологии сайёраи мо мусоидат кунанд.

Хоҷагии деҳқонӣ барои муайян кардани арзиши аслии захираҳо яке аз ин 3 усулро истифода мебарад: усули идентификатсияи махсус; усули ФИФО «Воридоти якум -фурӯши якум»; усули арзиши миёна. (нигаред ба СБҲМ (IAS) 2 «Захираҳо»).

Захираҳое, ки дар натиҷаи фаъолият аз дороиҳои биологӣ ба вуҷуд меоянд, бо услуби зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

-маҳсулоти кишоварзӣ агар барои истифодаи дохили хоҷагӣ таъинот карда шавад, он дар дебети ҳисоби 10720 «Ашёи хом ва маводҳо» инъикос карда мешаванд;

-маҳсулоти кишоварзӣ агар барои фурӯш таъин карда шавад, онгоҳ вай дар Дт ҳисоби 10750 “Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ” дар зерҳисоби 10751, 10753 ба ҳисоб гирифта мешаванд;

-хароҷоти захираҳо дар мавриди фурӯши махсулот дар асосӣ ҳуҷҷатҳои харҷӣ ва ҳисобҳо бо чунин навиштаҷот ба ҳисоб гирифта мешавад:

Дт Воситаҳои пулӣ -10110, 10210, ҳисобҳо барои қабул- 10410

Кт Даромад аз фуруши маҳсулот-44010.

Дт Арзиши аслии фурӯш 55010,

Кт Ҳисобҳои гуруҳи 10700.

Хоҷагии деҳқонӣ маҳсулоти худро бо таври насия, ба таври пешпардохт ва ба таври нақдӣ мефурӯшад. Дар мавриди мавҷуд будани шартнома ба таври насия фурӯхтани маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ чунин навиштаҷоти муҳосибӣ гузаронида мешавад, ки дар ҷадвали 1. оварда шудааст:

**Ҷадвали 1. - Равишҳои баҳисобгирӣ ва таъминоти дороиҳои биологӣ**

| **бор кардан (фиристодани) маҳсулот:** | | |
|---|---|---|
| | Дт | Кт |
| Ҳисобҳо барои қабул | 10410 | |
| Даромад аз фурӯш | | 44010 |
| **Инъикос кардани арзиши аслии фурӯш:** | | |
| | Дт | Кт |
| Арзиши аслии фуруш | 55010 | |
| Маҳсулоти фурӯхташауда | | 10751,10752, 10753, 10754,10755 |
| **Дар ҳолати воридшавии маблағ барои маҳсулоти бо таври насия фурӯхташуда навиштаҷоти муҳосибии зерин гузаронида мешавад:** | | |
| | Дт | Кт |
| Воситаҳои пулӣ дар суратҳисоб | 10210 | |
| Дигар пешпардохтхо | | 10830 |
| **Бор кардани маҳсулот бар ивази пешпардохти гирифташуда:** | | |
| | Дт | Кт |
| Пешпардохти гирифташуда | 22030 | |
| Даромад аз фурӯш | | 44010 |
| Инъикоси арзиши аслии маҳсулоти фурухташуда | Дт | Кт |
| Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда | 55010 | |
| Маҳсулоти фурӯхташуда | | 10751,10752, 10753, 10754, 10755 |
| **Дар мавриди якбора гирифтани маблағ (накди) барои маҳсулоти фурӯхташуда навиштаҷоти мӯҳосибии зерин сабт карда мешавад:** | | |
| | Дт | Кт |
| Воситаҳои пули дар суратҳисоб | 10210 | |
| Даромад аз фурӯш | | 44010 |
| **Инъикоси арзиши аслии махсулоти фурухташуда** | Дт | Кт |
| Арзиши аслии маҳсулоти фурухташуда фурӯш | 55010 | |
| Маҳсулоти фурӯхташуда | | 10751, 10752, 10753, 10754 |

**Манбаъ:** аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Дар ҳолати эътирофи ибтидоии дороиҳои биологӣ бо арзиши одилона навиштаҷоти зерин гузаронида мешавад ки он дар ҷадвали 2. оварда шудааст:

**Ҷадвали 2. - Инъикоси дороиҳои биологӣ дар ҳисобҳо тибқи СБҲМ (IAS) 41 «Дороиҳои биологӣ».**

| **Номи ҳисоб** | **Дт** | **Кт** |
|---|---|---|
| Ҳайвонот (дороиҳои биологии истеъмолӣ) | 11410 | |
| Ҳайвонот (дороиҳои биологии маҳсулдеҳ) | 11420 | |
| Растаниҳо (дороиҳои биологии истеъмолӣ) | 11430 | |
| Растаниҳои маҳсулдеҳ | 11440 | |
| Дороиҳои биологии аз рӯи хароҷоти воқеъӣ ба ҳисоб гирифташаванда | 11450 | 44110 |
| Дигар дороиҳои биологӣ | 11460 | 44110 |
| Фоида (зарар) ибтидои аз эътирофи дороиҳои биологӣ | | |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф.

Дар мавриди эътирофи ибтидоӣ ва дар охири ҳар давраи ҳисоботӣ дороиҳои

биологӣ бояд бо арзиши одилона ва тарҳкунии хароҷоти фурӯш аз он, баҳо дода шаванд, бо истиснои ҳолате, ки муайян кардани арзиши одилона ғайриимкон бошад. Дар ҳолати ғайриимкон будани баҳодиҳии одилонаи арзиш, дороиро бо роҳи аз арзиши аслӣ тарҳ кардани истеҳлок ва зарари ҷамъшуда аз арзоншавӣ чен мекунанд. Дар мавриди пайдошавии имконияти баҳодиҳии арзиши одилонаи дороӣ онро зуд ба услуби одилона чен мекунанд. Дар мавриди барои фуруш ё барҳамдиҳӣ таъин гаштан, дороии

иҳӣ низ услуби қобили қабул маҳсуб мегардад, ки он ба сифати ченаки арзишии тамоми рӯйдодҳои инъикосёбандаи ҳаёти хоҷагӣ баромад мекунад. Ин услуб имкон медиҳад, ки фаъолияти объектҳои хоҷагии фаъолияташон гуногун ҷамъбаст карда шуда, ченакҳои гуногуни баҳисобгирӣ дар шакли ягонаи арзиши пулӣ ифода ёбанд. Дар марҳилаи бақайдгирии ҷорӣ амалиёти биологиро мутобиқи СБҲМ 5 гурӯҳбандӣ мекунанд, ки он маънии боэътимод муайян шудани арзиши одилонаи онро дорад.

**Хулоса.** Асоси ҳар гуна низоми баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ далелҳо оид ба ҳаёти хоҷагидорӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо сохтори низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, яъне усули баҳисобгирии муҳосибиро ба сифати маҷмӯи услубу равишҳое, ки моҳияту мазмуни онро шарҳ медиҳанд, муайян мекунанд. Дар баробари ин барӯйхатгирӣ, баҳод

муҳосибӣ, ки бо ҷамъбасти далелҳои марбут ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва гурӯҳбандии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд мебошад, ҳисобҳое истифода мегарданд, ки услуби махсуси инъикоси баҳисобгирии далелҳои ҳаёти хоҷагидориро бо роҳи тибқи муқаррарот ба низом даровардани онҳо ифода менамоянд.

**Адабиёт**


1. Азимов П. Х., Мирзобеков Х. Д. Малое и среднее предпринимательство в Республике Таджикистан: особенности, тенденции и проблемы / П. Х. Азимов, Х. Д. Мирзобеков // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. 2016. №3 (245). –С. 182-189.

2. Барфиев К. Х., Собирзода Н. М., Мирзохонов С. О. Системы управленческого учета затрат по центрам ответственности в отрасли рестениеводства / К. Х. Барфиев, Н. М. Собирзода, С. О. Мирзохонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - № 3-2. - С. 119-125с.

3. Бадалов, Х.Х. Концепция развития аудита в условиях цифровой экономики: теория и практика / Х.Х. Бадалов, С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев. – Душанбе: Графика принт, 2021. – 218 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» ш.Душанбе, 19 майи соли 2009,№ 526.

5. Мусаева З.А. Проблемы и перспективы развития малого предпринимательства в АПК депрессивного региона // Никсоновские чтения. 2006. №11. –С. 265.

6. Низомов, С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): специальность 08.00.12 "Бухгалтерский учет, статистика": диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / Низомов Самариддин Фахриевич. – Москва, 2011. – 482 с.

7. Файзуллоев А.Х. Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ / Дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.12 / Файзуллоев Абдурозиқ Хушвахтович. - Душанбе, 2020. – 198 с.

8. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016 таҳти №1289.

9. Шодиев, К.Қ. Мукаммалгардонии моҳияти соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ / К. Қ. Шодиев, О. Д. Шеркулов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №. 2(36). – С. 129-137.

10. Шарофов У., Иззатов А., Шарофов П. Сельскому хозяйству инновационный

путь развития / У. Шарофов, А. Иззатов, П. Шарофов // Кишоварз. 2015. № 3. С. 96.

**Маълумот дар бораи муаллифон**

**Бобомуродов Пайрав Хайриевич** - унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

**Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич**-н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, директори иҷроии Муассисаи ҷамъиятии муҳосибон ва аудиторҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти ½.

**Сведения об авторах**

**Бобомуродов Пайрав Хайриевич** - соискатель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

**Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич**-к.э.н., доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита Таджикского государственного коммерческого университета, исполнительный директор Государственного учреждения профессиональных бухгалтеров и аудиторов Республики Таджикистан. Адрес: 734061, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Дехоти ½.

**About the authors**

**Bobomurodov Pairav Khairievich** - an applicant of department is an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

**Mirzoaliev Abdumalik Abdunabievich**-c.e.s., Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing of the Tajik State University of Commerce, Executive Director of the Public Institution of Professional Accountants and Auditors of the Republic of Tajikistan. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str ½.

**УДК: 336**

# НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ

**Пирова М.А.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.**Дар мақола таҷриба ва хусусиятҳои низоми андозбандии кишварҳои хориҷӣ дар самти рушди соҳибкории инноватсионӣ, таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Дар ин замина, муаллиф бо далелҳои илман асоснокшуда исбот намудааст, ки чун дигар кишварҳо ҷорӣ намудани низоми регрессивии андозбандӣ ба рушди корхонаҳои навтаъсиси инноватсионӣ таъсири мусбат хоҳад расонид.Ҳамзамон, асоснок карда шудааст, ки сарбории пасти андоз ва имтиёзу сабукиҳои ҷойдошта, агар аз як тараф, ба пайдо кардани мавқеи устувори соҳибкорон дар бозорҳои дохиливу минтақавӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии молу маҳсулот мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, ба коҳиш ёфтани сатҳи иқтисоди соягӣ ва аз байн рафтани пинҳонкории даромад аз ҷониби соҳибкорон мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** низоми андозбандӣ, соҳибкории инноватсионӣ, амнияти иқтисодӣ, рақобатпазирӣ, танзими давлатӣ, низоми регрессивии андозбандӣ, корхонаҳои хурд, хатҳои нави технологӣ.

**Барои иқтибос:** Пирова, М. А. Низоми андозбандӣ ва нақши он дар рушди соҳибкории инноватсионӣ / М. А. Пирова // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 183-189.

# НАЛОГОВАЯ СИСТЕМА И ЕЁ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

**Пирова М.А.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация.** В статье проанализированы и оценены опыт и особенности налоговых систем зарубежных стран в контексте развития инновационного предпринимательства. В данном аспекте автор на основе научно обоснованных аргументов доказывает, что, как и в других странах, внедрение регрессивной системы налогообложения окажет положительное влияние на развитие вновь создаваемых инновационных предприятий. В то же время обосновано, что низкая налоговая нагрузка, а также существующие налоговые льготы и послабления, с одной стороны, способствуют укреплению устойчивых позиций предпринимателей на внутренних и региональных рынках и повышению уровня конкурентоспособности товаров и продукции, а с другой - содействуют снижению масштабов теневой экономики и сокращению практики сокрытия доходов со стороны предпринимателей.

**Ключевые слова:** налоговая система, инновационное предпринимательство, экономическая безопасность, конкурентоспособность, государственное регулирование, регрессивная система налогообложения, малые предприятия, новые технологические линии.

# THE TAX SYSTEM AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP

**Pirova M.A.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract.** The article analyzes and evaluates the experience and characteristics of tax systems in foreign countries with regard to the development of innovative entrepreneurship. In this context, the author substantiates, using scientifically grounded arguments, that—as in other countries—the introduction of a regressive tax system would have a positive impact on the development of

newly established innovative enterprises. At the same time, it is justified that a low tax burden along with existing tax incentives and exemptions, on the one hand, contributes to strengthening the stable positions of entrepreneurs in domestic and regional markets and enhancing the competitiveness of goods and products, and on the other hand, facilitates a reduction in the scale of the shadow economy and the elimination of income concealment practices by entrepreneurs.
**Keywords:** tax system, innovative entrepreneurship, economic security, competitiveness, state regulation, regressive tax system, small enterprises, new technological lines.

**Гузориши масъала.** Гузариш ба марҳилаи сифатан нави рушди илмию техникӣ яке аз омилҳои муҳими иқтисодиёти муосир маҳсуб ёфта гузариш ба он асоси пешрафти соҳаҳои мухталифи ҷамъиятӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ қарор дошта, бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон, дар роҳи пешрафти иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ, аз ҷумла тавассути рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории инноватсионӣ бо қадамҳои устувор пеш меравад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.**Асосҳои соҳибкорӣ ва тиҷорат ҳамчун консепсия дар асарҳои олимони хориҷӣ: А.И. Агеев, В.Я. Горфинкел, В.А. Швандар , А. Каминка, Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. ташаккул ёфтаанд. Омӯзиши масъалаҳои тиҷорат ва соҳибкорӣ аз ҷониби чунин олимон ба монанди Ш. Базаров, С. Комилов, Х. Умаров , Ф. Қодиров, С. Ғуломов , М. Икромов ва дигарон анҷом дода шудааст.

**Мақсади** мақолаи илмӣ дар асоси омӯзиши хусусиятҳои хоси низоми андозбандии кишварҳои хориҷӣ пешниҳод намудани роҳҳои татбиқи имтиёзҳои андозӣ ва содагардонии низоми бақайдгирии фаъолият дар самти рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир Ҳукумати мамлакат барои пешрафти фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат ва ташаккули низоми самараноки инноватсионӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатнокии истеҳсолот, баровардани маҳсулоти инноватсионӣ ба бозорҳои дохиливу хориҷӣ, истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда, суръатбахшии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мусоидат менамояд, заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро фароҳам овардааст.

Дар ин самт, бо мақсади иҷрои бандҳои дахлдори Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 як зумра санаду барномаҳои асосии муайянкунандаи асосҳои ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, аз қабили қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020», Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ва Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 таҳия ва қабул гардиданд, ки онҳо муайянкунадаи самтҳои асосии афзалиятноки рушд, принсипҳои ташаккул ва механизмҳои амалисозии рушди инноватсионии кишвар ба ҳисоб мераванд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Гарчанде санаду барномаҳои зикршуда қабул ва татбиқ гардида бошанд ҳам, вале барои амалигардонии сиёсати инноватсионӣ дар мамлакат ташкили коркард ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки аҳаммияти давлатӣ доранд, дар марҳилаи миёнамуҳлат бояд тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- мутаммарказ намудани нерӯи илмию техникии кишвар ҷиҳати ташаккул ва рушди соҳаҳо ва бахшҳои миёна ва баландтехнологии иқтисоди миллӣ дар асоси технологияҳои пешрафта ва коркардҳо, бо маблағгузории афзалиятноки лоиҳаҳои инноватсионӣ дар ин самт;

- таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои инноватсионии пешбиникунандаи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ, ки ҳангоми амалисозии барномаҳои илмию техникӣ ба даст омаданд;

- ташкили истеҳсолоти инноватсионӣ барои истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, аз ҷумла маҳсулоти дар асоси иҷозатнома ва патентҳои хориҷӣ истеҳсолшуда;

- дастгирии фаъолияти сохторҳое, ки татбиқи босамари ҷойҳои инноватсиониро аз коркард то пайдо кардани истеъмолкунандаи мушаххас таъмин мекунанд.

Дар тақвияти ин гуфтаҳо бояд тазаккур дод, ки ҳоло аксари кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ ҷоринамоии сиёсати инноватсиониро тавассути рушди соҳибкории инноватсионӣ ва инкишофи илму техника ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии дохилии худ муайян намудаанд. Дар ин раванд, ташкилоту муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ нақши муҳим мебозанд.

Тибқи таҳлилҳо маҳз пеш гирифтани чунин сиёсат ба кишварҳои пешрафта имкон дод, ки онҳо на танҳо ба рушди саноатикунонӣ ноил гарданд, балки ин раванд боиси ба таври доимӣ беҳтар гардидани шароити зиндагии аҳолӣ, инчунин асоси рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар онҳо гардад.

Ҳамзамон, рушди инноватсия дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ тавассути бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ дар алоқамандӣ бо соҳаҳои илму маориф ва тиҷоратикунонии васеи онҳо, самаранок ва ба мақсад мувофиқ истифода бурдани комёбиҳои илм ҳамчун муҳимтарин омили тараққиёт ба роҳ монда шудааст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии раванди идораи низоми миллии инноватсияҳо андешидани чунин тадбирҳо зарур дониста мешаванд:

- инкишофи низоми дастгирии давлатии раванди ташаккули кластерҳои инноватсионӣ дар бахши саноат ва комплекси агросаноатӣ;

- такмили низоми арзёбии рушди инноватсионӣ бо назардошти методологияи байналмилалӣ;

- баланд бардоштани самаранокии банақшагирии индикативии рушди инноватсионӣ дар асоси таҳкими воситаҳои танзимкунанда, ҳамоҳангсозанда ва ҳавасмандгардонандаи Барномаи давлатӣ.

Дар ин асно, ташаккули муҳити институтсионалӣ барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ метавонад тавассути тадбирҳои зерин амалӣ карда шавад:

- такмили низоми танзими меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ;

- таъсиси низоми бисёрсатҳаи оммавигардонии эҷодиёти зеҳнӣ ва соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун бахши дорои аҳаммияти давлатӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ афзалиятдошта;

- инкишофи низоми дастгирии давлатии ихтироот ва эҷодиёти муҳандисию техникӣ;

- такмили низоми танзими техникӣ, стандартизатсия ва сертификатсия, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои коркард, ҷоринамоӣ дар истеҳсолот, пешбурди маҳсулоти илмию техникии ба бозор нигаронида шудааст;

- татбиқи сиёсати буҷетию андозӣ, пулию қарзӣ ва сармоягузорӣ, ки фаъолияти инноватсионии ташкилотҳоро ҳавасманд мегардонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар самти рушди соҳибкории инноватсионӣ, инчунин масъалаҳои зиёде низ ҷой доранд, ки бояд ҳал карда шаванд, аз ҷумла:

- норасоии ҳассос ба захираҳои қарзӣ - молиявии имтиёзнок;

- арзиши баланди ба вуҷуд овардани навоварӣ;

- сатҳи пасти пардохтпазирӣ ва талабот ба маҳсулоти дорои технологияи баланд;

- хавфи баланди иқтисодӣ ва муҳлати дарози бозгардонӣ аз инноватсияҳо;

- талаботи паст ба тиҷорати хурди инноватсионӣ;

- дарёфти биною иншоот ва арзиши баланди иҷора;

- норасоии сахти муҳосибони соҳибтахассуси ботаҷриба;

- мавҷуд набудани низоми дурусти татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар истеҳсолот ва тиҷоратикунонии коркардҳои илмию техникӣ;

- нокифоя будани механизмҳои муосири ҳавасмандагардонӣ барои таъсиси корхонаҳои инноватсионӣ ва соҳибкории инноватсионӣ;

- мавҷуд набудани маълумоти омории инъикоскунандаи на танҳо ҳаҷми маҳсулоти дар асоси инноватсия истеҳсолшуда, балки шумораи корхонаву соҳибкорони дар ин самт фаъолияткунанда;

- фаъолияти сусти паркҳои таҷрибавию инноватсионии дар назди муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва донишкадаву донишгоҳҳои кишвар қарордошта.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ҳалли масъалаҳои зикргардида зарурати андешидани тадбирҳои мушаххаси иловагии давлатиро ба миён меорад. Яъне нақши давлат дар фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионӣ дар шакли ҳамбастагии шарикии давлат бо бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ, хусусан дар самти тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмию инновастсионӣ бояд баланд бардошта шавад.

Тибқи маълумоти Созмони Байналмилалии Рушди Иқтисодӣ (OECD) ҳоло дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ то 30 дарсади ҳаҷми корҳои илмию таҳқиқотӣ ва коркардҳо, то 20 дарсади тамоми навовариҳои эҷодшуда ба ширкатҳои хурди инноватсионӣ рост меоянд.

Дар баробари ин, ҳиссаи хароҷоти ширкатҳои хурди инноватсионӣ дар ҳаҷми навовариҳо ҳамагӣ 4-5 дарсадро ташкил медиҳад, гарчанде ҳиссаи саноати коркард дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ин кишварҳо беш аз 60 дарсадро ташкил медиҳад.

Тибқи таҳлилҳо, ҳиссаи хароҷоти корхонаҳои инноватсионӣ ба ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи саноати коркарди кишварҳои пешрафта, аз ҷумла ИМА, Олмон, Итолиё -5%, Канада, Британия, Испания, Финландия - то 15 дарсадро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур бошад дар Федератсияи Русия, ки аз бисёр ҷиҳат нисбат ба кулли кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бартарӣ дорад, беш аз 2 дарсад арзёбӣ карда мешавад [7].

Ҳамзамон, дар тамоми кишварҳои пешрафта низомҳои гуногуни ҳавасмандгардонии андозӣ барои фаъолияти инноватсионии ширкатҳои хурд вуҷуд доранд. Масалан, дар Фаронса озодкунии муваққатӣ аз пардохти андоз аз даромад ё қисман кам кардани меъёри пардохти он («таътилҳои андозӣ») ҷой дошта, ширкатҳои таҳқиқотии навтаъсиси хурду миёна аз он ба таври васеъ истифода мебаранд.

Инчунин корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар давоми ду соли аввали фаъолият пурра аз пардохти андоз аз даромад озод карда мешаванд. Дар соли сеюм 25 дарсад, соли чорум 50 дарсад, соли панҷум 75 дарсад андозбандӣ шуда, танҳо соли шашум андози даромадро пурра месупоранд [6].

Дар Британияи Кабир барои ширкатҳои навовари нав, меъёри пардохти андоз аз даромад аз 20 то 1 дарсад кам карда шуда, ҳадди ниҳоии сармоягузорӣ бидуни андоз барои чунин ширкатҳо то 150000 фунт стерлинг пешбинӣ шудааст.

Илова бар ин, пардохти андоз аз даромади сармоя, хусусан сармоягузориҳои дарозмуҳлат, барои ширкатҳои инноватсионии навтаъсис ба таври назаррас кам буда, пардохти андоз ҳангоми сармоягузории дубора ба ин гуна ширкатҳо пурра бекор карда шудааст.

Ҳамчунин, аз хароҷоте, ки ширкатҳо барои пардохтҳо ба муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ вобаста ба тараққиёти илму техника сарф мекунанд, озодкунӣ аз пардохти андоз аз фоида пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир дар Тоҷикистон низ дастгирии рушди соҳибкориҳо афзоиш ёфта истодааст, тасдиқи ин гуфтаҳо дар Кодекси андоз дар таҳрири нав бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил

кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардиданд.

Бар замми ин, шумораи андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд.

Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд.

Зеро бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкорӣ ҳамчун яке аз механизмҳои таъминкунандаи рушди устувор таваҷҷуҳи бештар дода шуда, ба соҳибкорон зиёда аз 104 имтиёзҳо ва сабукиҳои андозию гумрукӣ пешниҳод гардида, аз шумораи умумии имтиёзҳо 55 ададро имтиёзҳои андозӣ ва 49 ададро имтиёзҳои гумрукӣ ташкил медиҳанд. Имтиёзҳо асосан ба бахши саноат 39 имтиёз, кишоварзӣ 14 имтиёз, энергетика 10 имтиёз, нақлиёт 7 имтиёз, қарзӣ-молиявӣ 5 имтиёз, сайёҳӣ 3 имтиёз, тандурустӣ 3 имтиёз, сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт 13 имтиёз ва дигар соҳаҳо 10 имтиёз рост меоянд.

Илова бар ин масъалаи мазкурро давлат ба таври доимӣ пайгирӣ намуда ҳамасола барои дастгирии ин соҳаи муҳими иқтисодӣ сабукиҳо пешбинӣ менамояд. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28.12.2024 сол қайд намуданд: «Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста чораҷӯйӣ карда истодааст.

Татбиқи ислоҳот дар самти санҷиши субъектҳои хоҷагидор имкон дод, ки то имрӯз шумораи мақомоти санҷиш аз 31 то ба 23 ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз 300 ҳазори соли 2016-ум то 42 ҳазор дар соли 2024-ум кам гардад.

Аз ҷумла муқаррароти дар Кодекси андоз доир ба роҳандозии санҷишҳои андоз тибқи низоми идоракунии хавфҳо имкон дода истодаанд, ки шумора ва муҳлати гузаронидани онҳо маҳдуд ва сифатнокӣ таъмин карда шавад.

Тибқи маълумот соли 2023 нисбат ба соли 2014 шумораи санҷишҳои андоз дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ду баробар кам гардидааст.

Танҳо дар 11 моҳи соли 2024 аз ҳисоби санҷиши 1150 андозсупоранда ба буҷети давлат иловатан 1 миллиарду 640 миллион сомонӣ ворид карда шудааст». (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Маълумотҳо оид ба маблағҳои имтиёзҳои андозӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои 2015-2023 (млн. сомонӣ)**

| Номгӯйи андозҳо | 2015 | 2017 | 2019 | 2020 | 2023 | 2023/2015 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Андоз аз фоида** | 30,9 | 162,5 | 519,2 | 730,9 | 555,6 | 18,1 маротиб |
| **Андоз аз истифодабарандагони роҳи автомобилгард** | 0,7 | 2,5 | 8,9 | 9,8 | 0 | - |
| **Андози иҷтимоӣ** | 7,1 | 8,6 | 18,0 | 18,5 | 24,6 | 2,4 маротиб |
| **Андоз аз арзиши иловашуда** | 2104,6 | 2611,2 | 3876,1 | 3896,3 | 5444,5 | 2,5 маротиб |
| **Андози низоми соддакардашуда** | 4,8 | 16,3 | 13,4 | 11,3 | 59,8 | 12,4 маротиб |
| **Ҳамагӣ** | 2148,0 | 2801,1 | 4435,7 | 4666,9 | 6084,6 | 2,8 маротиб |

**Сарчашма:** Омори расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024

Тибқи маълумоти ҷадвали мазкур имтиёзҳои андозӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ ҳамагӣ 6084,6 млн. сомонӣ ё 2,8 маротибаро ташкил дода, он дар шакли низоми содакардашудаи андозбандӣ ба 14,4 млн. сомонӣ ё ба андозаи 3 маротиба зиёд мебошад.

Дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад.

Дар натиҷа соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад [1].

Лекин ин рақамҳо ҳоло ҳам назаррас набуда, дар маҷмуъ 2,6%-ро ташкил медиҳанд, ки дарёфти нишондиҳандаҳоро оид ба саҳми корхонаҳои инноватсионӣ дар маҳсулоти истеҳсолгардида ва ҳаҷми хароҷоти онҳо ба ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ нокифоя месозанд.

Дар чунин ҳолат, арзёбии воқеъбинонаи вазъи корхона, маҳсулоти тавассути инноватсия истеҳсолгардида, инчунин, хароҷот ба рушди ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар кишвар имконнопазир мегардад.

Ҳамин тавр, ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ барои соҳибкории инноватсионӣ имкон медиҳад, ки даромади андозбандишавандаи онҳо то 20 дарсад кам карда шавад, ба шарте ки ҳадди ниҳоии хароҷоти ба ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ равонагардида нисбат ба пештара зиёд карда шавад.

Зеро чунин тағриба дар бисёре аз мамлакатҳои пешрафтаи саноатӣ амалӣ гардида, натиҷаҳои таъсирбахш ба иқтисодиёти миллии ин кишварҳо расондаанд, ба монанди Британияи Кабир, ки барои ширкатҳои навовар меъёри андоз аз даромад аз 20 то ба 1 дарсад кам карда шудааст.

Ҳамзамон, Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи сохторҳои бақайдгирандаи фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ба 1 адад, муҳлати бақайдгирии давлатӣ то ба 3-5 рӯзи корӣ расонида шуда, он ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст.

Илова бар ин бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, аз байн бурдани санҷишҳои беасосу такрорӣ, устувор кардани иқтидори саноатии ҷумҳурӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ бо иқдоми Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони 34 соли истиқлоли давлатӣ солҳои 2008, 2011, 2018, 2022 ва 2025 ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ моратория эълон карда шуд, ки таъсири мустақим ба рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ расонида истодааст ва барои фароҳам овардани фазои мусоид ҷиҳати ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар ин ҷода дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ зарур аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва даврияти гузаронидани онҳо (ба истиснои хавфҳои андоз) боз ҳам маҳдуд карда шавад.

Пешниҳод менамоям, ки дар давраи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шавад».

Масъалаи истифодаи соҳибкорону сармоягузорон аз имтиёзи андоз аз фоида ҳангоми бунёди корхонаи нав низ таҷдиди назарро талаб менамояд.

Ҳоло имтиёзи зикршуда на аз оғози фаъолияти истеҳсолии корхона, балки аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он ҷорӣ мегардад.

Дар чунин ҳолат қисми зиёди муҳлати имтиёзӣ ба давраи бунёд ва тағҳизонидани корхонаи нав, яъне то ба даст

овардани фоида рост меояд ва соҳибкорону сармоягузорон аз ин имтиёз пурра бархӯрдор намегарданд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки механизми татбиқи имтиёзи андоз аз фоида барои корхонаҳое, ки фаъолияти истеҳсолии навро ба роҳ мондаанд, такмил дода шаванд.

**Ба андешаи мо,** барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими давлатӣ дар самти низоми андозбандӣ дар баробари дигар воситаҳои асосӣ бояд нақши муҳим дошта бошад.

Аз ин рӯ, барои васеъ намудани ҳаҷми танзими андозии фаъолнокии сармоягузорӣ ва соҳибкории инноватсионӣ амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ карда мешавад:

- кам кардани имтиёзҳо ва тарҳҳои андозӣ, ки самти иҷтимоӣ надоранд ва ба фаъолияти илмию инноватсионӣ алоқаманд намебошанд;

- бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта бартараф кардани андозбандии харочоти зиёдатӣ барои тайёр кардани кадрҳо барои корхонаҳои инноватсионӣ, пеш аз ҳама, омода намудани менеҷерони самти инноватсионӣ;

- аз андозбандӣ озод намудани даромад ва фоидаи корхонаҳои инноватсионӣ (ҳангоми татбиқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ), ки на камтар аз 50 дарсади маҳсулотро бо истифода аз моликияти зеҳнии ватанӣ истеҳсол ва содир мекунанд;

- аз андозбандӣ озод намудани даромад ва фоидаи корхонаҳои инноватсионие, ки ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва фурӯши онҳо дар ҳудуди кишвар машғуланд.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2022. [Захираи электронӣ] // www.president.tj. (санаи мурочиат: 23.12.2023.)

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2024. [Захираи электронӣ] // www.president.tj. (санаи мурочиат: 23.11.2025.)

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №4, 2012сол.ш.Душанбе 16-апрели соли 2012 №822

4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021сол) ш. Душанбе 23 декабри соли 2021 №1844

5. Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030. аз 30 июни соли 2021, № 263

6. Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 аз 31 августи соли 2023, № 417

7. Мусаева Х.М. Налоговые системы зарубежных стран. Махачкала: ИПЦ ДГУ, 2011. – С.45.

8. Борисов В. Нам нужен активный, конкурентоспособный малыйбизнес // Человек и труд. – 2008. – № 3. –С.45.



**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Пирова Мехрангез Азизовна** - муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Наҳимов, 64/14, Тел: (+992)919022918. E-mail: Pirova.79@bk.ru

**Сведения об авторе**

**Пирова Мехрангез Азизовна** - старший преподаватель кафедры финансы Государственного финансо-экономического университета Таджикистана, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Нахимов, 64/14, Тел: (+992) 919022918. E-mail: Pirova.79@bk.ru

**About the author**

**Pirova Mehrangez Azizovna** – Senior teacher of the Department of Finance, The Tajik State Finance and Economics University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, c.Dushanbe, Nakhimova street, 64/14, Tel: (+992) 919022918. E-mail: Pirova.79@bk.ru

**УДК: 930**

# МЕХАНИЗМҲОИ ИҚТИСОДИИ ТАЪМИНИ ҲОСИЛХЕЗИИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бобозода Х.С.**
Институти давлатии лоиҳакашии “Тоҷикзаминсоз”

**Аннотатсия.** Дар мақолаи илмӣ механизмҳои иқтисодии таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешаванд. Мақола ба масъалаҳои актуалии ҳифзи хок, истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ бахшида шудааст. Асосҳои назариявии ҳосилхезии хок ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ гардида, нақши омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институционалӣ дар пастшавӣ ва барқарорсозии сифати хок муайян карда мешаванд. Дар асоси маълумоти оморӣ ва таҳқиқоти минтақавӣ вазъи воқеии заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои Вахш, Суғд ва Лахш таҳлил шуда, мушкилоти асосии деградатсияи хок, аз ҷумла эрозия, шӯршавӣ ва норасоии моддаҳои ғизоӣ ошкор мегарданд. Самтҳои асосии такмили механизми иқтисодии идоракунии ҳосилхезии хок пешниҳод шуда, зарурати ҷорӣ намудани субсидияҳои мақсаднок, сиёсати андозии дифференсиалӣ, қарзҳои имтиёзнок ва мониторинги илмии ҳолати хок асоснок карда мешавад. Хулоса бар он аст, ки татбиқи сиёсати иқтисодии комплексӣ шарти муҳими рушди устувори кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории кишвар мебошад.

**Калимаҳои калидӣ:** ҳосилхезии хок, заминҳои кишоварзӣ, механизмҳои иқтисодӣ, сиёсати замин, эрозияи хок, шӯршавии хок, мелиоратсия, рушди устувор, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Барои иқтибос:** Бобозода, Х. С. Механизмҳои иқтисодии таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х. С. Бобозода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 190-197.

# ЭКОНОМИЧЕСКИЕ МЕХАНИЗМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Бобозода Х.С.**
Государственный проектный институт «Таджикзаминсоз»

**Аннотация.** В научной статье анализируются экономические механизмы обеспечения плодородия сельскохозяйственных земель в Республике Таджикистан. Работа посвящена актуальным вопросам охраны почв, рационального использования земельных ресурсов и повышения эффективности аграрного производства. Рассматриваются теоретические основы плодородия почвы как экономической категории, раскрывается роль экономических, социальных и институциональных факторов в процессах деградации и восстановления почвенного плодородия. На основе статистических данных и региональных исследований проанализировано фактическое состояние сельскохозяйственных земель в Вахшской долине, Согдийской области и Лахшском районе, выявлены основные проблемы деградации почв, включая эрозию, засоление и дефицит питательных веществ. Предложены ключевые направления совершенствования экономического механизма управления плодородием почв, обоснована необходимость внедрения целевых субсидий, дифференцированной налоговой политики, льготного кредитования и научного мониторинга состояния почв. Сделан вывод о том, что реализация комплексной экономической политики является важным условием устойчивого развития сельского хозяйства и обеспечения продовольственной безопасности страны.

**Ключевые слова:** плодородие почв, сельскохозяйственные земли, экономические механизмы, земельная политика, деградация почв, эрозия, засоление, мелиорация, устойчивое развитие, Республика Таджикистан.

# ECONOMIC MECHANISMS OF ENSURING AGRICULTURAL LAND PRODUCTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Bobozoda Kh.S.**
State Design Institute “Tajikzaminsoz”

**Abstract/** The scientific article analyzes economic mechanisms for ensuring the fertility of agricultural land in the Republic of Tajikistan. The study addresses актуal issues of soil protection, rational land use, and improving the efficiency of agricultural production. The theoretical foundations of soil fertility as an economic category are examined, and the role of economic, social, and institutional factors in soil degradation and restoration processes is identified. Based on statistical data and regional case studies, the actual condition of agricultural land in the Vakhsh Valley, Sughd Region, and Lakhsh District is analyzed, revealing key problems of soil degradation, including erosion, salinization, and nutrient depletion. The main directions for improving the economic mechanism of soil fertility management are proposed, and the necessity of implementing targeted subsidies, differentiated tax policies, preferential credit schemes, and scientific soil monitoring is substantiated. The article concludes that the implementation of a comprehensive economic policy is a crucial prerequisite for sustainable agricultural development and ensuring national food security.

**Keywords:** soil fertility, agricultural land, economic mechanisms, land policy, soil degradation, erosion, salinization, land reclamation, sustainable development, Republic of Tajikistan.

**Гузориши масъала.** Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ масъалаи таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидии амнияти озуқаворӣ, рушди устувори деҳот ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ аҳамияти стратегӣ пайдо кардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доро будани релефи асосан кӯҳӣ, маҳдудияти захираҳои замини корам ва вобастагии баланди иқтисод аз соҳаи кишоварзӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил мешавад, ки масъалаи истифодаи оқилонаи хок дар онҳо дорои аҳамияти махсус мебошад [1].

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Таҳқиқотҳои олимон аз қабили Буздалов И.Н., Докучаев В.В., Хачатуров Т.С., Крылатых Э.Н., Николайчук О.А. ва дигарон инчунин маводҳои вазорати кишоварзӣ ва қонуну барномаҳои миллӣ асоснокии корро муайян менамоянд.

**Мақсади мақола ин омӯзиши** механизмҳои иқтисодии таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзии мамлакат мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Тибқи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, масоҳати умумии заминҳои кишоварзии кишвар зиёда аз 4,1 млн гектарро ташкил дода, аз ин миқдор танҳо тақрибан 850 ҳазор гектар ба заминҳои корами обӣ рост меояд [2]. Маҳдуд будани чунин заминҳо дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ ва зиёд шудани талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ зарурати татбиқи сиёсати мақсаднок ва механизмҳои самараноки иқтисодиро дар соҳаи ҳифзи ҳосилхезии хок ба миён меорад.

Дар солҳои охир равандҳои манфии экологӣ, аз ҷумла эрозияи обӣ ва бодии хок, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ ва камшавии миқдори моддаҳои ғизоӣ дар хок, ба иқтидори истеҳсолии заминҳои кишоварзӣ таъсири ҷиддӣ расонидаанд. Ба иттилои муассисаҳои илмӣ, зиёда аз 60 фоизи заминҳои корами ҷумҳурӣ ба шаклҳои гуногуни деградатсияи хок гирифторанд, ки ин ҳолат бевосита ба коҳиши ҳосилнокӣ ва афзоиши арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ оварда мерасонад [3].

Хусусияти муҳими мушкилоти мазкур дар он ифода меёбад, ки пастшавии ҳосилхезии хок на танҳо натиҷаи омилҳои табиӣ, балки оқибати муносибатҳои иқтисодӣ ва институционалӣ низ мебошад. Дар шароите ки хоҷагиҳои деҳқонӣ бо маҳдудияти сармоя, дастрасии нокифоя ба қарзҳои дарозмуддат ва набудани ҳавасмандгардонии иқтисодӣ рӯ ба рӯ

ҳастанд, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии дарозмуддати сифати хок ба вазифаи дуюмдараҷа табдил меёбад [4]. Ин ҳолат зарурати таҳлили амиқи механизмҳои иқтисодии таъсиррасон ба ҳосилхезии заминро тақозо менамояд.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ масъалаи ҳифзи хок ва таъмини ҳосилхезии он дар доираи сиёсати аграрӣ, сиёсати андозбандӣ, низоми субсидияҳо ва механизмҳои бозории идоракунии захираҳои табиӣ баррасӣ мешавад. Созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла FAO ва Бонки Ҷаҳонӣ, таъкид менамоянд, ки бе ҷорӣ намудани механизмҳои иқтисодии ҳавасмандкунанда истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди гузариш ғайриимкон мебошад [5].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи замин», стратегияҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидаанд [6]. Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар амал механизмҳои иқтисодии таъмини ҳосилхезии хок ҳанӯз ҳам нокифоя буда, бештар хусусияти маъмурӣ доранд. Имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳо ва дастгирии молиявӣ ба таври кофӣ ба нигоҳдории сифати хок ва барқарорсозии он равона нашудаанд [7].

Ҳадафи мақолаи мазкур таҳлили механизмҳои иқтисодии таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани омилҳои асосии таъсиррасон ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ барои такмили сиёсати давлатӣ дар ин самт мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

- таҳлили асосҳои назариявии ҳосилхезии хок ҳамчун категорияи иқтисодӣ;
- арзёбии вазъи воқеии заминҳои кишоварзӣ ва равандҳои пастшавии ҳосилхезӣ;
- муайян намудани нақши механизмҳои иқтисодӣ дар ҳавасмандгардонии хоҷагидорон;
- таҳияи самтҳои асосии такмили механизми иқтисодии идоракунии ҳосилхезии хок дар кишвар.

Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ, оморӣ ва системавӣ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот маълумоти расмии мақомоти давлатӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин ҳисоботҳои созмонҳои байналмилалӣ истифода бурда шудаанд [2; 5; 8].

Ҳосилхезии хок дар илми кишоварзӣ ва иқтисоди аграрӣ ҳамчун қобилияти хок барои таъмини растаниҳо бо унсурҳои ғизоӣ, об, ҳаво ва муҳити мусоиди нашъунамо муайян карда мешавад. Аммо аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ҳосилхезӣ на танҳо хусусияти табиӣ, балки натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузории инсон низ мебошад [9].

Дар таҳқиқоти классикӣ ҳосилхезии хок ҳамчун омили асосии ташаккули даромади аграрӣ баррасӣ шудааст. Ҳанӯз В.В. Докучаев таъкид мекард, ки ҳолати хок натиҷаи ҳамгироии омилҳои табиӣ ва фаъолияти инсон мебошад [10]. Дар иқтисоди муосир ин андеша такмил ёфта, ҳосилхезии хок ҳамчун шакли сармояи табиӣ арзёбӣ мешавад, ки метавонад дар натиҷаи истифодаи нодуруст коҳиш ёфта ё тавассути сармоягузорӣ ва сиёсати дуруст афзоиш ёбад [11].

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳосилхезии хок бевосита ба нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти кишоварзӣ - ҳосилнокӣ, арзиши аслии маҳсулот, сатҳи фоида ва рақобатпазирии истеҳсолот таъсир мерасонад. Баланд будани ҳосилхезӣ имкон медиҳад, ки бо харочоти нисбатан кам ҳаҷми зиёди маҳсулот истеҳсол гардад, дар ҳоле ки пастшавии он боиси афзоиши харочот ва коҳиши даромаднокӣ мегардад [12].

Дар адабиёти илмӣ байни ҳосилхезии табиӣ ва ҳосилхезии иқтисодӣ фарқ гузошта мешавад. Ҳосилхезии табиӣ бо хусусиятҳои генетикии хок, иқлим, релеф ва таркиби механикӣ вобаста аст, дар ҳоле ки ҳосилхезии иқтисодӣ натиҷаи истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, технологияҳои агротехникӣ, корҳои мелиоративӣ ва сатҳи сармоягузорӣ

мебошад [13]. Дар амал, маҳз ҳамгироии ин ду ҷанба сатҳи воқеии самаранокии истифодаи заминро муайян мекунад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳосилхезии хок ҳамчун объекти танзими иқтисодӣ баррасӣ мегардад. Агар механизмҳои бозорӣ ва давлатӣ ба ҳифзи хок ҳавасманд накунанд, истеҳсолкунандагон бештар ба гирифтани фоидаи кӯтоҳмуддат тамаркуз намуда, ба нигоҳдории дарозмуддати сифати хок аҳамияти кам медиҳанд [14]. Аз ин рӯ, таҳияи механизмҳои иқтисодии махсус барои таъмини ҳосилхезии заминҳо яке аз вазифаҳои асосии сиёсати аграрӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ аз меъёрҳои илмӣ паст буда, корҳои мелиоративӣ ва зиддиэрозионӣ аксаран бо сабаби маҳдудияти захираҳои молиявӣ пурра анҷом дода намешаванд [15]. Ин ҳолат зарурати ҷорӣ намудани механизмҳои иқтисодии ҳавасмандкунанда, аз ҷумла субсидияҳои мақсаднок, имтиёзҳои андозӣ ва дастгирии давлатии сармоягузорӣ ба ҳифзи хокро тақозо менамояд.

Таҳлили вазъи воқеии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки пастшавии ҳосилхезии хок хусусияти системавӣ дошта, қариб ҳамаи минтақаҳои аграрии кишварро фаро гирифтааст. Ин раванд натиҷаи ҳамгироии омилҳои табиӣ, иқтисодӣ ва институционалӣ буда, дар сурати набудани механизмҳои муассири идоракунӣ метавонад ба коҳиши устувори иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ оварда расонад [16].

Тибқи маълумоти расмии оморӣ, қисми зиёди маҳсулоти кишоварзии кишвар аз ҳисоби заминҳои корами обӣ истеҳсол мегардад, ки саҳми онҳо дар масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ нисбатан кам мебошад [2]. Маҳз ҳамин нобаробарӣ истифодаи шадиди заминҳои обиро ба миён оварда, боис гардидааст, ки фишори антропогенӣ ба хок сол ба сол афзоиш ёбад. Дар натиҷа, равандҳои эрозия, шӯршавӣ ва камшавии моддаҳои ғизоӣ дар аксари минтақаҳо ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтаанд [3].

Ба иттилои муассисаҳои илмӣ, зиёда аз нисфи заминҳои корами ҷумҳурӣ ба эрозияи обӣ ё бодӣ гирифтор буда, дар баъзе минтақаҳо талафоти солонаи қабати ҳосилхези хок ба нишондиҳандаҳои хавфнок мерасад [17]. Пастшавии сифати хок боиси коҳиши ҳосилнокӣ, афзоиши арзиши аслии маҳсулот ва паст гардидани даромаднокии хоҷагиҳои деҳқонӣ мегардад. Дар чунин шароит масъалаи таъмини ҳосилхезии хок аҳамияти иқтисодии хоса пайдо мекунад.

Водии Вахш яке аз минтақаҳои асосии истеҳсолии кишоварзии Тоҷикистон буда, дар он қисми зиёди пахта, ғалладона ва зироатҳои техникӣ парвариш карда мешаванд. Ин минтақа аз лиҳози иқтисодӣ дорои аҳамияти калидӣ буда, ҳамзамон ба таъсири шадиди равандҳои деградатсионии хок дучор шудааст [18].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар водии Вахш зиёда аз 30 фоизи заминҳои корами обӣ дорои сатҳи гуногуни шӯршавӣ мебошанд [19]. Сабабҳои асосии ин раванд истифодаи зиёдатии об, фарсудагии шабакаҳои обёрӣ, набудани низоми самараноки дренаж ва баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ба ҳисоб мераванд. Шӯршавии хок бевосита ба коҳиши ҳосилнокии пахта ва дигар зироатҳо таъсир расонида, самаранокии иқтисодии истифодаи заминро паст мекунад.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, пастшавии ҳосилхезии хок дар водии Вахш боиси зиёд шудани хароҷот барои нуриҳо, корҳои мелиоративӣ ва истифодаи технологияҳои иловагӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, аксари хоҷагиҳои деҳқонӣ имкони молиявии кофӣ барои иҷрои чунин тадбирҳоро надоранд [20]. Дар натиҷа, қисми зиёди заминҳо бо шиддати баланд истифода шуда, барқарорсозии ҳосилхезӣ ба таъхир меафтад.

Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои гуногунсоҳаи кишоварзии кишвар ба ҳисоб рафта, бо парвариши мева, сабзавот, картошка ва зироатҳои ғалладона маъруф аст. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин минтақа равандҳои эрозияи хок, хусусан дар минтақаҳои доманакӯҳӣ ва

теппаҳо, босуръат рушд ёфта истодаанд [21].

Тибқи арзёбиҳои олимон, дар баъзе ноҳияҳои вилояти Суғд талафоти солонаи қабати ҳосилхези хок ба 10-15 тонна дар як гектар мерасад, ки ин нишондиҳанда барои кишоварзии устувор хавфнок мебошад [22]. Эрозияи хок бо коҳиши миқдори гумус ва унсурҳои ғизоӣ ҳамроҳ буда, дар дарозмуддат ҳосилнокии зироатҳоро ба таври назаррас паст мекунад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, эрозияи хок дар вилояти Суғд боиси афзоиши арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ мегардад. Хоҷагиҳо маҷбур мешаванд барои нигоҳ доштани сатҳи ҳосилнокӣ ҳаҷми зиёди нуриҳо ва корҳои агротехникиро истифода баранд, ки ин дар шароити даромади маҳдуд на ҳамеша имконпазир аст [23]. Набудани механизмҳои иқтисодии ҷуброни зарари эрозия яке аз монеаҳои асосии ҳифзи хок дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Ноҳияи Лахш ҳамчун минтақаи кӯҳии ҷумҳурӣ дорои хусусиятҳои хоси табиӣ ва иқтисодӣ мебошад. Замини корам асосан дар баландии зиёда аз 2000 метр ҷойгир буда, мавсимнокии кӯтоҳи кишт ва шароити иқлимӣ имконияти истеҳсолиро маҳдуд месозанд [24].

Таҳқиқотҳои агрохимиявӣ нишон медиҳанд, ки дар аксари заминҳои кишоварзии ноҳияи Лахш норасоии фосфор ва калий мушоҳида мешавад [25]. Бо вуҷуди ин, истифодаи нуриҳои минералӣ дар минтақа аз сабаби дурӣ аз бозорҳо, хароҷоти баланди нақлиёт ва сатҳи пасти даромади хоҷагиҳо маҳдуд мебошад. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки заминҳо аксаран бо усулҳои анъанавӣ истифода шуда, иқтидори воқеии онҳо пурра амалӣ намешавад.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, хоҷагиҳои ноҳияи Лахш имконияти маҳдуд барои сармоягузорӣ ба корҳои барқарорсозии ҳосилхезии хок доранд. Дар чунин шароит, бе дастгирии давлатӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои махсуси ҳавасмандгардонӣ нигоҳдории дарозмуддати сифати хок амалан ғайриимкон мегардад [26].

Таҳлили минтақаҳои Вахш, Суғд ва Лахш нишон медиҳад, ки пастшавии ҳосилхезии хок дар Тоҷикистон хусусияти умумимиллӣ дошта бошад ҳам, сабабҳо ва шаклҳои зуҳури он хусусияти минтақавӣ доранд. Дар водиҳо мушкилоти асосӣ шӯршавӣ ва истифодаи ғайрисамараноки об, дар минтақаҳои доманакӯҳӣ эрозия ва дар минтақаҳои кӯҳӣ маҳдудияти иқтисодӣ ва инфрасохторӣ мебошанд [16; 27].

Ин ҳолат зарурати таҳияи механизмҳои иқтисодии дифференсиалиро тақозо менамояд, ки бояд ба хусусиятҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як минтақа мутобиқ карда шаванд. Танҳо дар ин сурат мумкин аст истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ ва нигоҳдории дарозмуддати ҳосилхезии хок таъмин гардад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ на танҳо вазифаи агротехникӣ, балки пеш аз ҳама масъалаи иқтисодӣ ва сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Механизмҳои иқтисодӣ бояд чунин шароит фароҳам оваранд, ки хоҷагидорон ба нигоҳдорӣ ва барқарорсозии сифати хок ҳавасманд гарданд ва истифодаи кӯтоҳмуддати истеъмолӣ ба истифодаи устувор иваз шавад [28].

Яке аз механизмҳои муҳими иқтисодӣ сиёсати субсидияҳо мебошад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки субсидияҳои мақсаднок барои истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, корҳои мелиоративӣ ва технологияҳои зиддиэрозионӣ метавонанд сатҳи ҳосилхезии хокро ба таври назаррас беҳтар намоянд [5]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин субсидияҳо ҳанӯз ҳам маҳдуд буда, бештар ба зироатҳои алоҳида нигаронда шудаанд, на ба сифати хок ҳамчун сармояи дарозмуддат [29].

Механизми дигари муҳим сиёсати андозбандӣ мебошад. Андози замин метавонад на танҳо воситаи ҷамъоварии даромади буҷетӣ, балки абзори танзими истифодаи замин низ бошад. Ҷорӣ намудани меъёрҳои андозии дифференсиалӣ вобаста ба сатҳи ҳосилхезӣ ва ҳолати экологӣ метавонад хоҷагидоронро ба беҳбуд бахшидани сифати хок ҳавасманд созад [30]. Масалан, коҳиши андоз барои қитъаҳое, ки корҳои

мелиоративӣ ё зиддиэрозионӣ анҷом дода шудаанд, метавонад натиҷаҳои мусбат диҳад.

Дастрасӣ ба қарзҳои дарозмуддат низ омили калидӣ дар таъмини ҳосилхезии хок мебошад. Корҳои барқарорсозии хок, аз ҷумла сохтмони дренаж, беҳбуди шабакаҳои обёрӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, сармоягузории назаррасро талаб мекунанд. Аммо дар шароити кунунӣ қарзҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон асосан кӯтоҳмуддат ва бо фоизи баланд пешниҳод мешаванд, ки барои чунин мақсадҳо мувофиқ нестанд [31].

Нақши бозори иҷораи замин низ аҳамияти калон дорад. Иҷораи кӯтоҳмуддат аксаран хоҷагидоронро аз сармоягузории дарозмуддат ба сифати хок бозмедорад, зеро фоидаи чунин сармоягузорӣ метавонад ба истифодабарандаи оянда гузарад. Аз ин рӯ, рушди шартномаҳои иҷораи дарозмуддат ҳамчун яке аз механизмҳои иқтисодии муҳим барои таъмини ҳосилхезии замин баррасӣ мегардад [32].

Бо назардошти мушкилоти мавҷуда, такмили механизми иқтисодии таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба як қатор самтҳои афзалиятнок равона карда шавад. Пеш аз ҳама, зарур аст гузариш аз сиёсати маъмурӣ ба сиёсати иқтисодии ҳавасмандкунанда таъмин гардад [33].

Самти аввал рушди низоми мониторинги илмии ҳолати хок мебошад. Истифодаи маълумоти агрохимиявӣ, технологияҳои GIS ва зондкунии фосилавӣ имкон медиҳад, ки сатҳи воқеии ҳосилхезӣ муайян карда шуда, қарорҳои иқтисодӣ дар асоси далелҳои илмӣ қабул шаванд [34]. Ин маълумот метавонад асоси баҳодиҳии иқтисодии замин ва муайян кардани меъёрҳои андоз ва иҷора гардад.

Самти дуюм густариши механизмҳои молиявии дастгирӣ мебошад. Ҷорӣ намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат барои корҳои мелиоративӣ, барқарорсозии дренаж ва истифодаи технологияҳои ҳифзи хок метавонад имкониятҳои иқтисодии хоҷагидоронро васеъ намояд [31]. Ҳамзамон, субсидияҳо бояд на танҳо ба ҳаҷми истеҳсол, балки ба нигоҳдории сифати хок равона карда шаванд.

Самти сеюм такмили сиёсати андоз ва иҷора мебошад. Муайян намудани меъёрҳои пардохт бо дарназардошти сатҳи ҳосилхезӣ, дурӣ аз бозор ва шароити табиӣ метавонад истифодаи оқилонаи заминро ҳавасманд намояд [30]. Дар минтақаҳои дорои хавфи баланд (кӯҳистон, минтақаҳои эрозияшаванда) татбиқи имтиёзҳои махсуси андозӣ мувофиқ ба мақсад аст.

Самти чаҳорум таҳкими нақши давлат дар ҳифзи хок мебошад. Гарчанде замин тибқи қонунгузорӣ моликияти давлатӣ аст, масъулияти ҳифзи сифати он бояд тавассути механизмҳои иқтисодӣ байни давлат ва истифодабарандагон тақсим карда шавад [6]. Ин равиш имкон медиҳад, ки манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар истифодаи захираҳои замин ба тавозун оварда шаванд.

**Ҳамин тавр,** натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти комплексӣ буда, танҳо бо тадбирҳои агротехникӣ ҳал намешавад. Омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институционалӣ дар ин раванд нақши ҳалкунанда мебозанд. Паст будани сатҳи даромаднокӣ, маҳдудияти сармоягузорӣ ва нокифоя будани механизмҳои ҳавасмандгардонӣ боиси пастшавии сифати хок ва коҳиши самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мегарданд.

Таҳлили минтақавӣ (Вахш, Суғд, Лахш) нишон дод, ки гарчанде мушкилоти ҳосилхезӣ умумимиллӣ аст, роҳҳои ҳалли он бояд хусусияти дифференсиалӣ дошта бошанд. Дар водиҳо масъалаи асосӣ шӯршавӣ ва идоракунии об, дар минтақаҳои доманакӯҳӣ эрозия ва дар минтақаҳои кӯҳӣ маҳдудияти иқтисодӣ ва инфрасохторӣ мебошад.

Дар чунин шароит, татбиқи механизмҳои иқтисодии самаранок, аз ҷумла субсидияҳои мақсаднок, сиёсати андозии дифференсиалӣ, қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат, рушди бозори иҷораи замин ва мониторинги илмии ҳолати хок, метавонад истифодаи устувори заминҳои кишоварзиро таъмин намояд.

Амалигардонии чунин сиёсати комплексӣ кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ шарти муҳими рушди устувори соҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омор, 2024. – 720 с.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омор, 2023. – 186 с.
3. Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Ҳисоботи илмӣ оид ба ҳолати хокҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – 154 с.
4. Буздалов И.Н. Аграрная экономика. – М.: Наука, 2004. – 512 с.
5. FAO. Sustainable Soil Management: Guidelines for Sustainable Agriculture. – Rome: FAO, 2022. – 134 p.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи замин». – Душанбе, 2016. – 38 с.
7. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи солонаи фаъолияти соҳаи кишоварзӣ. – Душанбе, 2023. – 112 с.
8. World Bank. Tajikistan: Agriculture Sector Overview. – Washington, DC: World Bank, 2022. – 96 p.
9. Докучаев В.В. Русский чернозем. – СПб.: Типография В. Киршбаума, 1883. – 376 с.
10. Хачатуров Т.С. Экономика природопользования. – М.: Экономика, 1996. – 240 с.
11. Крылатых Э.Н. Экономика аграрного сектора. – М.: ИНФРА-М, 2001. – 384 с.
12. Николайчук О.А. Экономическая оценка земель сельскохозяйственного назначения. – М.: Юрайт, 2012. – 256 с.
13. Тришин Н.А. Экономическая оценка сельскохозяйственных земель. – М.: Колос, 1999. – 192 с.
14. UNDP. Land Degradation and Sustainable Agriculture in Tajikistan. – New York: UNDP, 2021. – 88 p.
15. CAREC. Climate Change Impacts on Agriculture in Central Asia. – Almaty: CAREC, 2022. – 104 p.
16. ADB. Water Resources Management in Central Asia. – Manila: Asian Development Bank, 2023. – 156 p.
17. FAO. Soil Erosion Assessment in Mountainous Regions. – Rome: FAO, 2021. – 98 p.
18. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи мелиоративии заминҳои обии водии Вахш. – Душанбе, 2022. – 64 с.
19. Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Масъалаҳои шӯршавии хок дар минтақаҳои обёришаванда. – Душанбе, 2021. – 88 с.
20. World Bank. Rural Development and Land Use in Tajikistan. – Washington, DC: World Bank, 2021. – 110 p.
21. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Эрозияи хок ва роҳҳои пешгирии он дар вилояти Суғд. – Душанбе, 2022. – 92 с.
22. FAO. Soil Fertility Decline and Restoration Practices. – Rome: FAO, 2020. – 120 p.
23. Буздалов И.Н. Устойчивое развитие сельского хозяйства. – М.: Экономика, 2010. – 304 с.
24. Институти хокшиносӣ ва агрохимия. Хусусиятҳои агрохимиявии хокҳои ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 76 с.
25. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи агрохимиявӣ оид ба ҳолати хок. – Душанбе, 2023. – 58 с.

26. UNCCD. Land Degradation Neutrality Target Setting Programme. – Bonn: UNCCD, 2022. – 84 p.
27. Крылатых Э.Н. Экономические механизмы землепользования. – М.: ИНФРА-М, 2008. – 272 с.
28. Маркс К. Капитал. Т. 3. – М.: Политиздат, 1986. – 640 с.
29. World Bank. Agricultural Finance in Central Asia. – Washington, DC: World Bank, 2022. – 98 p.
30. Николайчук О.А. Земельная рента и налогообложение. – М.: Юрайт, 2015. – 224 с.
31. FAO. Agricultural Credit Systems and Land Productivity. – Rome: FAO, 2021. – 116 p.
32. UNDP. Land Tenure Security and Sustainable Land Use. – New York: UNDP, 2020. – 102 p.
33. Буздалов И.Н. Государственная аграрная политика. – М.: Экономика, 2012. – 368 с.
34. ADB. GIS Technologies in Land Management. – Manila: Asian Development Bank, 2022. – 90 p.
35. Тришин Н.А. Кадастровая оценка земель сельскохозяйственного назначения. – М.: Колос, 2003. – 208 с.

| Маълумот дар бораи муаллиф | Сведения об авторе | About the author |
|---|---|---|
| **Бобозода Хуршед** – Директори Институти давлатии лоиҳакашии “Тоҷикзаминсоз”. Телефон: 937402222, E-mail: tajzaminsoz@gmail.com | **Бобозода Хуршед** – Директор Государственного проектного института “Тоҷикзаминсоз”. Телефон: 937402222, E-mail: tajzaminsoz@gmail.com | **Bobozoda Khurshed** – Director of the State Design Institute “Tojikzaminsoz”. Телефон: 937402222, E-mail: tajzaminsoz@gmail.com |

**УДК: 336**

# САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ СИЁСАТИ АНДОЗУ БУҶЕТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Камолзода И.А.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия**. Мақола ба таҳлили идоракунии сиёсати андозиву буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 бахшида шудааст. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар ин давра даромадҳои буҷети давлатӣ мунтазам афзоиш ёфта, иҷрои нақшаи даромад барзиёд таъмин гардидааст. Омилҳои асосии ин раванд такмили маъмурикунонии андоз, рақамикунонии низоми андозситонӣ ва афзоиши фаъолияти иқтисодӣ мебошанд. Ҳамзамон, ислоҳоти андозӣ, аз ҷумла қабули Кодекси нави андоз, ба коҳиши гаронии андоз ва ҳавасмандсозии соҳибкорӣ мусоидат намудааст. Бо вуҷуди ин, мушкилоти вобаста ба васеъ намудани базаи андозбандӣ, тақсимоти самараноки салоҳиятҳои буҷетӣ ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ боқӣ мемонанд.

**Калидвожаҳо**: сиёсати андозӣ, сиёсати буҷетӣ, идоракунии молиявӣ, даромадҳои буҷет, ислоҳоти андозӣ, иҷрои буҷет, устувории молиявӣ, андоз.

**Барои иқтибос:** Камолзода, И.А. Самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии сиёсати андозу буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон / И. А. Камолзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 198-203.

# ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УПРАВЛЕНИЯ НАЛОГОВОЙ И БЮДЖЕТНОЙ ПОЛИТИКОЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Камолзода И.А.**
Таджикский государственный финансово-экономического университет

**Аннотация**. Статья посвящена анализу управления налогово-бюджетной политикой Республики Таджикистан в 2020-2024 гг. Результаты исследования свидетельствуют о стабильном росте доходов государственного бюджета и перевыполнении плановых показателей. Основными факторами роста стали повышение эффективности налогового администрирования, цифровизация налоговой системы и оживление экономической активности. Проведённые налоговые реформы, включая введение нового Налогового кодекса, способствовали снижению налоговой нагрузки и стимулированию предпринимательства. Вместе с тем сохраняются проблемы расширения налоговой базы, повышения эффективности бюджетных расходов и совершенствования межбюджетных отношений.

**Ключевые слова:** налоговая политика, бюджетная политика, финансовое управление, бюджетные доходы, налоговые реформы, исполнение бюджета, финансовая устойчивость, налог.

# PRIORITY AREAS FOR IMPROVING THE MANAGEMENT OF THE TAX AND BUDGETARY POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Kamolzoda I.A.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract**. The article analyzes the management of tax and fiscal policy in the Republic of Tajikistan over the period 2020-2024. The findings indicate a steady increase in state budget revenues and consistent over-fulfillment of revenue targets. Key drivers of this growth include improved tax administration, digitalization of the tax system, and increased economic activity. Tax reforms, particularly the adoption of the new Tax Code, have contributed to reducing the tax burden and encouraging entrepreneurship. However, challenges remain in expanding the tax base, improving the efficiency of public spending, and strengthening fiscal governance.

**Keywords**: tax policy, fiscal policy, financial management, budget revenues, tax reforms, budget execution, financial sustainability, tax.

**Муқаддима**. Таҳкими устувории макроиқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ аз пешбурди сиёсати молиявӣ, аз ҷумла сиёсати андозӣ ва буҷетӣ, вобастагии калон дорад. Идоракунии дурусти сиёсати андозу буҷет имкон медиҳад тавозуни устувори даромаду хароҷоти давлатӣ нигоҳ дошта шавад, сарбории андозӣ мутаносибан

тақсим гардад ва самаранокии харҷи маблағҳои буҷетӣ таъмин гардад. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои идоракунии сиёсати андозиву буҷетӣ ҳамеша дар меҳвари ислоҳоти молиявии давлат қарор дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ барои ташаккули низоми муосири андозбандӣ ва таҳияи буҷет қадамҳои назаррас гузоштааст. Аз ҷумла, Кодекси андоз чанд маротиба такмил ёфта, шумораи андозҳо ва меъёрҳои онҳо бознигарӣ шуд, низоми тақсимоти даромадҳо байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ беҳтар гардида, усулҳои нави банақшагирии буҷетӣ ҷорӣ шуданд. Бо вуҷуди ин пешравиҳо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сиёсат ва идоракунии андозиву буҷетӣ дар мамлакат то ҳол бо мушкилоту норасоиҳои муайян рӯбарӯ мебошад. Аз як тараф, ҳиссаи даромадҳои андозӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ҳамоно нисбатан маҳдуд боқӣ мемонад (тақрибан 19-20 фоизи ММД дар солҳои охир), ки ин аз иқтидори пасти базаи андозбандӣ ва мавҷудияти бахши назарраси ғайрирасмии иқтисод шаҳодат медиҳад. Аз сӯи дигар, самаранокии хароҷоти буҷетӣ ва мутобиқати онҳо ба афзалиятҳои стратегӣ ҳанӯз ниёз ба такмил доранд. Инчунин, таҷриба нишон медиҳад, ки сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар низоми буҷетию андозӣ бояд боло бурда шавад, то ҷалби бештари эътимоди ҷамъиятӣ ва сармоягузорӣ ба даст ояд. Муҳиммияти илмӣ ва амалӣ аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд барои такмили минбаъдаи стратегияи сиёсати молиявии давлат ва барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ истифода шаванд.

**Мақсади таҳқиқот** ин муайян намудани самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии сиёсати андозӣ ва буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷриба ва нишондиҳандаҳои солҳои охир ба шумор меравад. Ин мақсад бо роҳи таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои асосии буҷетӣ-андозӣ, муайянсозии омилҳои мусоидаткунандаи афзоиши даромадҳо ва самараи ислоҳоти андозӣ, инчунин ошкор намудани мушкилоти ҳалталаб дар ин самт ба даст оварда мешавад.

Барои расидан ба мақсади овардашуда вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

1. Таҳлили тамоюлҳои асосии иҷрои буҷети давлатӣ дар солҳои 2020-2024, аз ҷумла динамикаи даромадҳо ва хароҷот, сатҳи иҷрои нақшаи буҷет ва тавозуни буҷетӣ.

2. Баррасии ислоҳоти муҳими сиёсати андозӣ дар солҳои охир, махсусан татбиқи Кодекси нави андоз, ва баҳодиҳии таъсири онҳо ба сарбории андозӣ ва ҷамъоварии даромадҳо.

3. Ошкор намудани мушкилот ва камбудиҳои ҷорӣ дар идоракунии сиёсати андозиву буҷетӣ, аз қабили маҳдуд будани базаи андозбандӣ, сатҳи баланди иқтисоди пинҳонӣ, нокифоя будани самаранокии хароҷоти буҷетӣ, ё камбудиҳои ҳамоҳангсозӣ байни сатҳҳои буҷет.

4. Омӯзиши таҷрибаи амалияи байналмилалӣ ва тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ вобаста ба ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ, бо мақсади қабули унсурҳои муносиб ба шароити Тоҷикистон.

5. Пешниҳоди самтҳо ва чораҳои афзалиятнок барои беҳбуди идоракунии сиёсати андоз ва буҷети давлатӣ дар Тоҷикистон.

Таҳқиқот асосан ба маълумот ва ҳисоботҳои расмӣ оид ба нишондиҳандаҳои иҷрои буҷети давлатӣ ва ҷамъоварии андозҳо такя мекунад. Аз ҷумла, нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ аз гузоришҳои Вазорати молияи ҶТ ва Агентии омори назди Президенти ҶТ барои солҳои молиявии 2020 то 2024 гирд оварда шуд [2]. Ҳамчунин, барои таҳлили чораҳои сиёсати андозӣ ва тағйироти қонунгузорӣ маълумоти ҳуқуқӣ (Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйироту иловаҳои дахлдор) ва хабару маълумоти мақомоти идораи андоз (Кумитаи андоз) истифода гардиданд. Ба ғайр аз ин, маводи таҳлилӣ ва ахбори сарчашмаҳои боэътимоди дохиливу байналмилалӣ, ба мисли гузоришҳои Бонки Ҷаҳонӣ ва мақолаҳои таҳлилии иқтисодӣ, мавриди истифода қарор гирифтанд [3].

Усулҳои таҳқиқоти истифодашуда иборатанд аз усули таҳлили муқоисавӣ, таҳлили динамикӣ ва тавсифии оморӣ, инчунин усули таҳлил ва синтези далелҳо. Бо усули муқоисавӣ нишондиҳандаҳои буҷетии соли 2024 бо солҳои қаблӣ муқоиса шуда, тамоюлҳои афзоиш ё коҳиш муайян карда шуд. Бо истифода аз таҳлили динамикӣ суръати афзоиши даромадҳои буҷет ва андозҳо ҳисоб гардида, таъсири ислоҳоти андозӣ ба ин суръатҳо арзёбӣ гардид. Усулҳои таҳлили тавсифӣ барои баён ва тавзеҳи ҳолатҳои мушоҳидашуда дар иҷрои буҷет ва ҷамъоварии андоз истифода шуданд. Ниҳоят, бо роҳи таҳлил ва синтез, мушкилоти асосӣ ҷамъбаст ва пешниҳодҳои мушаххаси сиёсӣ таҳия гардиданд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки тайи панҷсолаи охир иқтисодиёти Тоҷикистон бо афзоиши назарраси даромадҳои буҷетӣ рӯбарӯ

гардидааст. Ҷадвали 1 иҷрои қисми даромади буҷети давлатиро дар солҳои 2020-2024 инъикос менамояд.

**Ҷадвали 1. - Даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақша ва иҷроиш барои солҳои интихобшуда (млн. сомонӣ).**

| Соли молиявӣ | Нақшаи даромади буҷетӣ | Иҷрои воқеӣ | Фоизи иҷрои нақша |
|---|---|---|---|
| 2020 | 24 304.7 | 24 325.1 | 100.1% |
| 2021 | 28 145.5 | 29 596.9 | 105.2% |
| 2022 | 33 000.0 | 36 056.8 | 109.0% |
| 2023 | 41 622.8 | 43 150.9 | 103.7% |
| 2024 | 45 100.0 | 46 900.0 | 104.0% |

Маълумотҳои ҷадвали 1 гувоҳӣ медиҳанд, ки дар давоми солҳои зикршуда ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ беш аз ду баробар афзудааст. Аз ҷумла, дар соли 2020 ҳаҷми даромадҳои буҷетӣ 24,3 млрд сомониро ташкил дода, дар соли 2021 бо суръати баланди афзоиш (қариб 21% нисбат ба соли қаблӣ) ба 29,6 млрд сомонӣ расидааст. Ин нишондиҳандаи соли 2021 аз нақшаи даромад беш аз 5% зиёд буда, аз иҷроиши пурраи қисми даромади буҷет дар шароити авҷи пандемияи COVID-19 ва чораҳои зиддибӯҳронӣ шаҳодат медиҳад [2]. Дар соли 2022 тамоюли афзоиши даромадҳои буҷетӣ идома ёфта, ҳаҷми иҷроиши воқеии онҳо тибқи маълумоти оморӣ ба 36,1 млрд сомонӣ баробар гардид, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда тақрибан 9 фоиз зиёд мебошад. Дар соли 2023 нишондиҳандаҳои нақшавии даромадҳои буҷети давлатӣ бо сатҳи нисбатан баландтар пешбинӣ гардида, ҳаҷми онҳо 41,6 млрд сомониро ташкил дод. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои иҷрои воқеӣ аз сатҳи пешбинишуда болотар буда, ба буҷет 43,15 млрд сомонӣ ворид гардид, ки ин аз зиёдшавии тақрибан 3,7 фоиз нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ шаҳодат медиҳад. Дар соли 2024 тибқи Қонуни буҷет ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатӣ дар сатҳи тақрибан 45,1 млрд сомонӣ пешбинӣ гардида буд. Натиҷаҳои иҷрои воқеӣ нишон медиҳанд, ки ба буҷет 46,9 млрд сомонӣ ворид шудааст, ки ин 1,8 млрд сомонӣ зиёдтар аз нишондиҳандаи нақшавӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, дар панҷ соли баррасишуда ҳаҷми даромадҳои буҷетӣ беш аз 22 млрд сомонӣ афзоиш ёфтааст. Ин афзоиш натиҷаи беҳтар шудани вазъи макроиқтисодӣ ва самараноктар гардидани низоми маъмурикунонии даромадҳо мебошад. Сатҳи иҷрои нақшаи даромади буҷети давлатӣ дар солҳои мавриди таҳлил дар сатҳи баланд қарор дошта, танҳо дар соли 2020 иҷрои он амалан ба 100 фоиз баробар будааст. Ин нишон медиҳад, ки мақомоти молиявии кишвар ҳангоми таҳия кардани нақшаҳои буҷетӣ тамоюлҳои воқеиро ба ҳисоб гирифта, дар амал тавонистанд ҳатто аз пешбиниҳо натиҷаҳои беҳтар ба даст оранд.

Дар баробари афзоиши даромадҳо, вазъи тавозуни буҷет низ қобили таҳлил аст. Дар солҳои 2020–2024 буҷети давлатӣ асосан бо касри ками нақшавӣ ё бо афзалияти даромад бар хароҷот иҷро гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2021 бинобар зиёд иҷро шудани даромадҳо ва қисман камхарҷ иҷро гардидани як қатор барномаҳо, буҷет бо зиёдии тақрибан 150 млн сомонӣ анҷом ёфт. Соли 2022 ин раванд идома ёфта, зиёди буҷет тақрибан 718 млн сомониро ташкил дод, ки ба 0,6% ММД баробар аст. Дар соли 2023 низ даромадҳо аз хароҷот бештар буда, зиёди буҷет ба 1,87 млрд сомонӣ ё 1,4 фоизи ММД баробар гардид, ки аз пешбурди сиёсати мӯътадили фискалӣ ва маҳдуд намудани хароҷоти зиёдатӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, таносуби даромадҳои буҷет ба ММД аз тақрибан 29-30 фоиз дар охири даҳсолаи гузашта то 33 фоиз дар соли 2023 афзоиш ёфт, ки пешрафти назаррасро дар тақвияти иқтидори молиявии давлат барои маблағгузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ инъикос менамояд. Ин нишондиҳанда баёнгари беҳтар шудани имкониятҳои давлат ҷиҳати маблағгузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ аст [2].

Дар баробари инкишофи нишондиҳандаҳои буҷетӣ, дар давраи таҳлилӣ сиёсат ва маъмурикунонии андоз дар Тоҷикистон низ тағйироти ҷиддиро аз сар гузаронд. Марҳалаи муҳимтарин қабул ва татбиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мебошад, ки аз 1 январи соли 2022 эътибор пайдо кард. Кодекси нав бо мақсади соддагардонии низоми андозбандӣ, коҳиши сарбории андозӣ ба соҳибкорон ва баланд бардоштани шаффофият таҳия шуда, як қатор навовариҳоро ҷорӣ намуд. Аз ҷумла,

тибқи Кодекси нав шумораи умумии намудҳои андоз аз 10 ба 7 адад кам карда шуд, бо роҳи барҳам додани баъзе андозҳои хурд ва ҳамоиш додани онҳо ба дигар гурӯҳҳои андоз [3]. Ин тадбир ба соддагардии ҳисоботи андоз ва кам шудани шумораи пардохтҳои гуногуни андозсупорандагон мусоидат мекунад.

Тағйироти дигаре, ки ба сарбории андозӣ таъсир мерасонад, таҷдиди меъёрҳои баъзе андозҳо буд. Аз 1 январи 2022 меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз 13% ба 12% паст карда шуд [3]. Инчунин, барои дастгирии истеҳсолот ва ҷалби сармоягузорӣ, меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (корпоративӣ) барои ширкатҳои истеҳсолкунанда то 13% коҳиш дода шуд. Ҳамзамон, бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҳавасмандсозии соҳаҳои авлавиятнок, дар кодекси нав барои як қатор бахшҳо имтиёзҳои андозӣ муқаррар карда шуданд. Аз ҷумла, тибқи моддаи 32 Кодекси андоз Ҳукумат метавонад барои соҳаҳои афзалиятнок (кишоварзӣ, истихроҷи маъданҳо, саноат ва ғ.) ба муҳлати то 5 сол 50% тахфифи ҳамаи намудҳои андозро татбиқ намояд. Ҳамчунин, ширкатҳои навтаъсиси туристӣ аз пардохти андози фоида барои 5 соли аввал озод шудаанд ва воридоти таҷҳизоту масолеҳи сохтмонии иншооти сайёҳӣ аз ААИ озод карда шудааст [4]. Иловатан, соли 2022 меъёри ҳиссаи суғуртаи иҷтимоии пардохтшаванда аз тарафи корфармоён аз 25% то 20% поён оварда шуд, ки ин низои сиёсати андозию иҷтимоиро сабук менамояд. Масъалаи дигар коҳиши меъёри андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) аст. Пеш аз ислоҳот, меъёри асосии ААИ дар Тоҷикистон 18% буд. Бо ҷорӣ гардидани Кодекси нав, якбора ААИ то 15% паст карда нашуд (тағйироти марҳилавӣ пешбинӣ гаштааст - тибқи стратегия бояд ААИ то соли 2027 ба 13% коҳиш ёбад). Дар солҳои 2022-2023 меъёри стандарти ААИ 15% муқаррар гардид. Албатта, чунин коҳиши меъёр метавонад ба коҳиши даромадҳои буҷетӣ аз ҳисоби ААИ оварда расонад. Бо мақсади ҷуброни ин таъсир, Ҳукумат тадбирҳои васеъ намудани пойгоҳи андозбандии ААИ-ро рӯи даст гирифт, аз ҷумла, барҳам додани баъзе имтиёзҳо ва озодкуниҳои мавҷуда. Тавре дар гузориши Бонки Ҷаҳонӣ зикр мешавад, соли 2023 ҳукумат ҷиҳати ҷуброни коҳиши меъёри ААИ имтиёзҳои пурраи ААИ барои қисме аз молу хадамоти воридотиро бо имтиёзи қисман (яъне пардохти қисме аз андоз) иваз намуд [1, 4].

Барои таҳияи тавсияҳои асоснок, зарур аст мушкилоти мавҷударо дақиқ муайян намуд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз пешрафтҳои зикршуда, низом ва раванди идоракунии сиёсати андозию буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти сохторӣ рӯ ба рӯ мебошад, аз ҷумла:

Ҳаҷм ва сохтори базаи андозбандӣ. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сатҳи нисбатан баланди ғайрирасмият (иқтисоди пинҳонӣ) буда, тибқи баҳогузориҳо андозбандӣ ҳиссаи зиёди иқтидори воқеии иқтисодиётро фаро гирифта аст. Бо вуҷуди афзоиши таносуби даромадҳои андозӣ ба ММД (аз 25 фоиз дар солҳои 2010-2015 то 33 фоиз дар соли 2023), ин нишондиҳанда ҳамоно аз сатҳи бисёр кишварҳои ҳамсон поин буда, иқтисоди пинҳонӣ ва шуғли ғайрирасмӣ имкониятҳои даромадии буҷетро маҳдуд месозанд ва зарурати тавсеаи базаи андозбандиро тавассути расмикунонии фаъолиятҳои иқтисодӣ пеш мегузоранд.

Тавозуни тақсимоти андозҳо байни буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ. Айни замон қисми асосии даромадҳои андозӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ мутамарказ гардида, баъдан тавассути трансфертҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ тақсим мешавад [4]. Дар ин замина, таъмини мувозинати оқилонаи тақсимоти даромадҳо байни сатҳҳои буҷет ва тақвияти истиқлолияти молиявии маҳалҳо самти муҳими ислоҳоти идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Самаранокии истифодаи хароҷоти буҷетӣ. Афзоиши даромадҳо имкон дод, ки хароҷоти буҷет, аз ҷумла дар бахшҳои иҷтимоӣ, зиёд карда шаванд ва дар соли 2023 зиёда аз 44 фоизи хароҷот ба маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ равона гардидааст [2]. Бо вуҷуди ин, самаранокии истифодаи маблағҳо ҳамоно масъалаи калидӣ боқӣ мемонад, зеро ҳиссаи хароҷоти маъмурӣ назаррас буда, на ҳамаи барномаҳои давлатӣ пурра амалӣ мегарданд. Дар ин замина, тақвияти механизми бозхурди аудит ва густариши буҷетсозии барномавӣ зарур мебошад.

Шаффофият ва ҳисоботдиҳии молиявӣ. Сарфи назар аз пешрафтҳои солҳои охир дар самти шаффофияти буҷет, аз ҷумла нашри “Буҷети шаҳрвандӣ” ва гузоришҳои расмӣ, сатҳи фаҳмиши ҷомеа аз ҷузъиёти буҷет ҳамоно маҳдуд боқӣ мемонад. Мувофиқи арзёбиҳои байналмилалӣ (Open Budget Index), Тоҷикистон дар гузашта нишондиҳандаҳои шаффофияти поёнтар аз миёнаро дошт, ки ба норасоии дастрасӣ ва муаррифии маълумоти буҷетӣ, инчунин иштироки маҳдуди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди таҳияи буҷет марбут мебошад. Такмили дастрасӣ, пешниҳоди маълумот ва густариши иштироки ҷамъиятӣ метавонад

шаффофият ва эътимоди ҷомеаро тақвият бахшад.

Иқтидорҳои институтсионалӣ ва захираҳои инсонии мақомоти молиявӣ. Ислоҳоти низоми идоракунии молияи давлатӣ ба мавҷудияти кадрҳои баландихтисос ва сохторҳои муассир вобастагии мустақим дорад [7;8]. Гарчанде дар сатҳи марказӣ як қатор ташаббусҳои институтсионалӣ амалӣ гардидаанд, дар сатҳи маҳаллӣ норасоии иқтидорҳои касбӣ ва малакаҳои муосири банақшагирӣ ҳанӯз ҳам эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, тақвияти иқтидорҳои инсонии сохторҳои марбута тавассути омӯзиши мақсаднок, ҷалби мутахассисон ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ яке аз вазифаҳои калидии ислоҳот ба шумор меравад.

Маҷмӯи мушкилоти зикршуда гувоҳӣ медиҳад, ки такмили низоми идоракунии сиёсати молиявӣ бояд дорои хусусияти фарогир ва бисёрҷабҳа бошад. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил ва мушкилоти ошкоргардида, метавон самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии сиёсати андозу буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври зерин пешниҳод ва муҳокима кард:

1. Тавсеаи пойгоҳи андозбандӣ ва коҳиши иқтисоди пинҳонӣ. Яке аз ҳадафҳои стратегии афзалиятнок расмисозии фаъолиятҳои иқтисодӣ ва тавсеаи фарогирии андозбандӣ мебошад. Ин ҳадаф тавассути густариши рақамикунонии муомилоти пулӣ ва савдо, такмили низомҳои соддакардашудаи андозбандӣ барои соҳибкории хурд ва ҷорӣ намудани назорати мақсаднок бо истифодаи усулҳои муосири баҳодиҳии хавф амалӣ мегардад.

2. Такмили маъмурикунонии андоз ва хадамоти андозсупорандагон. Давом додани ислоҳоти маъмурикунонии андоз яке аз афзалиятҳои калидӣ боқӣ мемонад ва бояд ба густариши рақамикунонии равандҳо, такмили хизматрасонӣ ва иртибот бо андозсупорандагон, инчунин соддагардонии ҳисоботдиҳӣ ва гузариш ба шаклҳои муттаҳидаи ҳисобот равона карда шавад. Татбиқи пурраи равандҳои электронии худкор ва равзанаи ягона метавонад ҳам шаффофият ва ҳам самаранокии низоми андозро ба таври назаррас баланд бардорад.

3. Тақвияти банақшагирии миёнамуҳлат ва буҷети барномавӣ. Дар соҳаи буҷет афзалият бояд ба гузариши пурра ба банақшагирии буҷетӣ дар асоси барномаҳо ва таҳкими банақшагирии миёнамуҳлат дода шавад. Банақшагирии буҷетӣ дар асоси барномаҳо имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ бо натиҷаҳои арзёбишаванда ҳамоҳанг карда шавад, дар ҳоле ки тақвияти чорчӯбаи хароҷотии миёнамуҳлат устувории афзалиятҳои хароҷотӣ ва идоракунии самараноки хатарҳои молиявиро таъмин менамояд.

4. Тақвияти шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва назорат. Барои таҳкими эътимоди ҷамъият ва сармоягузорон, низоми идоракунии молиявӣ бояд ба баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ равона гардад. Ин ҳадаф тавассути нашри мунтазами маълумоти буҷетӣ ба шакли оммафаҳм, пайгирии ҳатмии тавсияҳои аудит ва густариши иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди буҷетсозӣ амалӣ мегардад.

5. Қавӣ гардонидани иқтидорҳои институтсионалӣ ва ҳамкории байнимақомотӣ. Идоракунии самараноки сиёсати андозу буҷет танҳо дар шароити ҳамоҳангии устувори фаъолияти мақомоти дахлдор имконпазир мебошад. Тақвияти ҳамкории институтсионалӣ байни Вазорати молия, мақомотҳо ва дигар ниҳодҳо, рушди иқтидорҳои инсонии соҳа ва истифодаи фаъоли таҷрибаи байналмилалӣ метавонанд ҳамгироии сиёсати фискалиро таъмин намуда, самаранокии ислоҳотро ба таври назаррас баланд бардоранд.

Дар маҷмӯъ, маҷмӯи тавсияҳои пешниҳодшуда тамоми ҷанбаҳои калидии сиёсати молиявӣ, аз ҷумла ҷамъоварии даромадҳо, самаранокии хароҷот ва устувории низоми молиявиро фаро мегирад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир сиёсати андозу буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзоиши устувори даромадҳо, беҳтар шудани маъмурикунонии андоз ва нигоҳ доштани устувории фискалӣ тавсиф мешавад. Ислоҳоти андозӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани Кодекси нави андоз, дар маҷмӯъ таъсири мусбат дошта, имконият фароҳам овард, ки ҳатто дар шароити коҳиши меъёрҳои андозӣ ҳаҷми воқеии даромадҳо нигоҳ дошта шавад [5;6]. Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки як қатор мушкилоти сохторӣ ҳанӯз боқӣ мемонанд. Аз ҷумла, сатҳи баланди иқтисоди пинҳонӣ имкониятҳои пурраи андозбандиро маҳдуд месозад, вобастагии буҷетҳои маҳаллӣ аз трансфертҳои марказӣ баланд боқӣ мемонад, самаранокии хароҷоти буҷетӣ на ҳамеша бо натиҷаҳои интизоршаванда мутобиқ аст ва сатҳи шаффофият ва иштироки ҷомеа дар раванди буҷетсозӣ ниёз ба такмил дорад. Ҳамчунин, маҳдуд будани иқтидорҳои кадрӣ ва институтсионалӣ метавонад татбиқи пурраи ислоҳотро суст намояд.

Дар ин замина, самтҳои афзалиятноки такмили идоракунӣ ба рақамикунонии минбаъдаи низоми андоз ва расмисозии фаъолияти иқтисодӣ, беҳтарсозии хизматрасонӣ ва маъмурикунонии андоз, гузариш ба банақшагирии буҷетӣ дар асоси барномаҳо ва таҳкими чорчӯбаи хароҷотии миёнамуҳлат, инчунин баланд бардоштани шаффофият ва иштироки ҷомеа равона мегарданд. Тақвияти захираҳои инсонӣ ва ҳамоҳангии муассири байни мақомоти молиявӣ низ ҳамчун шарти калидии муваффақияти ислоҳот баромад мекунад.

Дар маҷмӯъ, идома ва татбиқи пайгиронаи ислоҳоти сиёсати андозу буҷетӣ на танҳо барои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои молиявии давлат, балки ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодии устувор аҳамияти стратегӣ дорад. Амалисозии тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад замина фароҳам оварад, ки то соли 2030 низоми молиявии кишвар ба сатҳи сифатан нав баромада, дар расидан ба ҳадафҳои рушди миллӣ нақши муассир бозад.

**Адабиёт**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ. Сомонаи расмӣ. - Душанбе, 2025. - https://www.stat.tj/. (санаи мурочиат: 10.09.2025).
2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020-2024). - Душанбе: Вазорати молияи ҶТ, 2025. - https://moliya.tj/Documents/Index/530. (санаи мурочиат: 25.10.2025)
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 2022). Қонуни ҶТ аз 17.11.2021, № 1844. – Душанбе: ШСХ ҶТ, 2022. –https://mfa.tj/en. (санаи мурочиат: 27.09.2025)
4. Кумитаи андози назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сомонаи расмӣ. - Душанбе, 2025. - https://www.andoz.tj/ (санаи мурочиат: 09.11.2025)
5. Иброҳимзода, И. Р. Такмили низоми пешгӯинамоии даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи гузариши ба иқтисоди рақамӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / И. Р. Иброҳимзода, И. А. Камолзода, С. А. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 3. – P. 90-101. – EDN ARXQBE.
6. Қурбонов, А. К. Муносибати байни андозу буҷет дар низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. К. Қурбонов, И. А. Камолзода, С. А. Камолов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 28-36. – EDN LKBDLV.
7. Иброҳимзода, И. Р. Усулҳои баҳодиҳии иқтидори андозии минтақа / И. Р. Иброҳимзода, И. А. Камолзода // Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе: Донишгоҳи миллии тоҷикистон, 2024. – P. 59-69. – EDN QDJMXX.
8. Шамсов, И. С. Вусъатдиҳии рақамикунонии андоз дар самти рушди маъмурикунонии андоз / И. С. Шамсов, А. Ф. Исматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 91-97. – EDN WGSQRK.



**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Камолзода Илҳом Аскаралӣ** - муаллими калони кафедраи молия, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. Email: kamolzoda.tj@mail.ru

**Сведения об авторе**

**Камолзода Илхом Аскарали** – старший преподаватель кафедры финансы, Таджикский государственный финансово-экономического университет. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Email: kamolzoda.tj@mail.ru

**About the author**

**Kamolzoda Ilkhom Askarali** – Senior Lecturer at the Finance Department, Tajik State University of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Email: kamolzoda.tj@mail.ru

**УДК 336.225.673 (575.3)**

# БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ АСОСИИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Раҳимзода Ф.М.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба буҷети давлатӣ ҳамчун механизми асосии идоракунии молияи давлатӣ дар шароити муосир бахшида шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки мавзуи мазкур яке аз масъалаҳои марказии илми молия ва иқтисодиёти давлат ба шумор меравад.

Ин мавзӯъ ба таври муфассал тарз ва усулҳоеро меомӯзад, ки тавассути онҳо давлат захираҳои молиявии худро ҷамъоварӣ, тақсим ва истифода мебарад, то вазифаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии худро иҷро намояд. Моҳияти асосии мавзӯъ дар он аст, ки ҳамаи ин механизмҳо ба ҳам алоқаманд буда, як низоми ягонаи идоракунии молияи давлатиро ташкил медиҳанд. Буҷети давлатӣ чаҳорчӯбаи асосиест, ки даромадҳо (аз сиёсати андозӣ ва қарзи давлатӣ) ва хароҷотҳоро ба ҳам мепайвандад. Хароҷоти давлатӣ самти истифодаи ин маблағҳоро муайян мекунад. Ҳадафи ниҳоии омӯзиши буҷети давлат ҳамчун механизм таҳияи сиёсати молиявии самаранок барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Муаллиф дар доираи мавзуъ ба моҳият ва аҳамияти буҷети давлатӣ дар танзими иқтисодӣ, тартиби ташаккул, қабул ва иҷрои буҷети давлатӣ, принсипҳои буҷетӣ ва шаффофияти буҷет, таҳлили таносуби даромадҳо ва хароҷоти буҷет диққати бештар зоҳир намудааст.

**Калидвожаҳо:** буҷети давлатӣ, молияи давлатӣ, хароҷоти давлатӣ, самаранокӣ, шаффофият, устуворӣ, воқеият, буҷет, идоракунӣ, даромад, хароҷот.

**Барои иқтибос:** Раҳимзода, Ф. М. Буҷети давлатӣ ҳамчун механизми асосии идоракунии молияи давлатӣ дар шароити муосир / Ф. М. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 204-212.

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ БЮДЖЕТ КАК ОСНОВНОЙ МЕХАНИЗМ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫМИ ФИНАНСАМИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Рахимзода Ф.М.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация.** Данная статья посвящена государственному бюджету как основному механизму государственного финансового управления в современных условиях. Авторы отмечают, что эта тема является одной из центральных проблем науки о финансах и государственной экономике.

В данной статье подробно изучаются способы и методы, с помощью которых государство собирает, распределяет и использует свои финансовые ресурсы для выполнения своих основных социально-экономических задач. Главная сущность темы заключается в том, что все эти механизмы взаимосвязаны и образуют единую систему государственного финансового управления. Государственный бюджет является основной структурой, связывающей доходы (от налоговой политики и государственного долга) и расходы. Государственные расходы определяют направление использования этих средств. Конечная цель изучения государственного бюджета как механизма – разработка эффективной финансовой политики для достижения устойчивого экономического развития и повышения уровня жизни населения. В рамках темы автор уделил особое внимание сущности и важности государственного бюджета в экономическом регулировании, процедуре формирования, принятия и исполнения государственного бюджета, бюджетным принципам и бюджетной прозрачности, а также анализу соотношения бюджетных доходов и расходов.

**Ключевые слова:** государственный бюджет, государственные финансы, государственные расходы, эффективность, прозрачность, устойчивость, реальность, бюджет, управление, доходы, расходы.

## THE STATE BUDGET AS THE MAIN MECHANISM FOR MANAGING PUBLIC FINANCES IN MODERN CONDITIONS

**Rahimzoda F.M.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Annotation.** This article is devoted to the state budget as the main mechanism of state financial management in modern conditions. The authors note that this topic is one of the central issues of the science of finance and state economics.
This topic studies in detail the ways and methods by which the state collects, distributes and uses its financial resources to fulfill its main socio-economic tasks. The main essence of the topic is that all these mechanisms are interconnected and form a single system of state financial management. The state budget is the main framework that connects revenues (from tax policy and public debt) and expenditures. Public spending determines the direction of use of these funds. The ultimate goal of studying the state budget as a mechanism is to develop an effective financial policy to achieve sustainable economic development and improve the living standards of the population. Within the framework of the topic, the author paid more attention to the essence and importance of the state budget in economic regulation, the procedure for forming, adopting and implementing the state budget, budgetary principles and budget transparency, and the analysis of the ratio of budget revenues and expenditures.
**Key words:** state budget, public finance, public spending, efficiency, transparency, sustainability, reality, budget, management, revenue, expenditure.

**Гузориши масъала.** Солҳои охир дар самти таҳқиқи илмҳои иқтисодӣ яке аз масъалаҳои калидӣ ин таъсири механизмҳои идоракунии молияи давлатӣ ба рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро тақсиму азнавтақсими захираҳои молиявии давлатӣ ва раванди молиякунонии барномаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат маҳз аз он сарчашма мегирад. Дар ин росто, буҷети давлатӣ ҳамчун манбаи асосии молиякунонии хароҷоти давлатӣ нақши калидӣ мебозад.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳаққиқони ватанию хориҷӣ вобаста ба ин нуқтаи назари худро баён кардаанд. Амонова Д.А., дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки "...муҳимтарин механизме, ки ба давлат имконияти танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро медиҳад, ин низоми молияи давлатӣ мебошад, ки асоси онро буҷети давлатӣ ташкил медиҳад..."[1, С. 24]. Яъне он буҷети давлатиро ҳамчун механизми асосии давлат дар танзими иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ менамояд, ки ин ақида ба андешаи мо дуруст аст.

Муҳаққиқи ватанӣ Давлатзода Д.А., дар таҳқиқоти худ бо номи "Ташаккули буҷети давлатии устуворкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон" қайд менамояд, ки "... барои ноил шудан ба пешрафт дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, ташаккули буҷети оптимистӣ тавсия дода мешавад" [2, С. 4]. Маълум мегардад, ки он ҷонибдори нақшаи молиявие мебошад, ки дар он даромад аз хароҷот зиёдтар аст ё буҷет мутавозин аст ва ин имкон медиҳад, ки ҳадафҳои ҳадди аксар бо хароҷоти ҳадди ақал ба даст оварда шаванд, ки аксар вақт пешгӯиҳои баландтар, вале воқеӣ барои самаранокии даромад ва хароҷотро таъмин менамояд.

Давлатшоев О.Ҳ., Давлатмуродов Ш.М., дар таҳқиқоти худ қайд менамоянд, ки "Низоми буҷетии ҳар як давлат бояд ба иқтисодиёт мувофиқат намуда, хароҷоти идораи мамлакатро кам намояд ва боиси рушду инкишоф гардад" [4, С. 23].

Ҷураев Х.Б., ва Буризода Х.Б., бошад дар назар дорад, ки "Буҷети давлатӣ қисми зиёди даромади миллии кишварҳои ҷаҳонро ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, омили

муҳими рушди иқтисодии кишварҳо мебошад” [9, С. 397].

Аз ақидаҳои мавҷуда бар меояд, ки буҷети давлатиро ҳамчун механизми асосии идоракунии молияи давлатӣ дар шароити муосир номидан мумкин аст.

Бо дар назардошти ин, дар доираи мавзуъ ба моҳият ва аҳамияти буҷети давлатӣ дар танзими иқтисодӣ, тартиби ташаккул, қабул ва иҷрои буҷети давлатӣ, принсипҳои буҷетӣ ва шаффофияти буҷет ва таҳлили таносуби даромадҳо ва хароҷоти буҷет диққати бештар дода мешавад.

Барои идоракунии молияи давлатӣ, муайян кардани моҳият ва аҳамияти буҷети давлатӣ дар танзими иқтисодӣ яке аз бахшҳои калидӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба моҳияти иқтисодии буҷети давлатӣ андешаҳои илмӣ мавҷуд мебошад. Масалан Ҳикматов С., Саъдизода Д.С., қайд менамоянд., ки “Аз нуқтаи назари иқтисодӣ буҷети давлатӣ муносибатҳои пулиро ифода менамояд...” [8, С. 12].

**Мақсади мақола** омӯзиши буҷети давлатӣ ҳамчун механизми асосии идоракунии молияи давлатӣ дар шароити муосир мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Ба андешаи мо, буҷети давлатӣ ин ҳуҷҷати асосии молиявии давлат аст, ки барои як давраи муайян (одатан як сол) таҳия ва тасдиқ карда мешавад. Он нақшаи муфассали ташаккулёбии (даромадҳо) ва истифодаи (хароҷот)-и фонди марказии пулӣ мебошад, ки барои иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои давлатӣ зарур аст. Моҳияти иқтисодии буҷети давлатӣ аз он иборат аст, ки он ифодакунандаи маҷмуи муносибатҳои пулӣ мебошад ва дар раванди тақсимот ва тақсимоти дубораи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба вуҷуд меоянд, ки онро давлат идора мекунад.

Тавсифи ҷиҳатҳои ҳуқуқии буҷетро зарур мешуморем. Моҳияти ҳуқуқии буҷет аз он иборат аст, ки он ҳамчун ҳуҷҷати қонунӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби мақоми олии қонунгузор (дар Тоҷикистон – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) тасдиқ карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки иҷрои он барои тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти давлатӣ ҳатмӣ аст.

**Ҷадвали 1. - Нақши буҷети давлатӣ дар танзими иқтисодиёт.**

| Нақши буҷет | Мазмун |
|---|---|
| Нақши тақсимотӣ (тақсимоти дубора) | Буҷет воситаи марказонидани як қисми даромади миллӣ (тавассути андозҳо ва пардохтҳо) ва тақсимоти дубораи он байни соҳаҳо ва минтақаҳо мебошад, ки ба тавозуни иҷтимоӣ ва рушди баробари ҳудудҳо мусоидат мекунад. |
| Нақши танзимкунанда | Буҷет тавассути тағйир додани ҳаҷм ва самтҳои хароҷот, инчунин тавассути сиёсати андозӣ ба равандҳои макроиқтисодӣ таъсир мерасонад (танзими гардиши пул, суръати рушди иқтисодӣ, сатҳи таваррум, тавозуни пардохт). |
| Нақши назоратӣ | Буҷет ба мақомоти молиявӣ имкон медиҳад, ки ташаккули даромадҳо ва мақсаднокӣ ва самаранокии истифодаи маблағҳои давлатиро аз ҷониби вазорату идораҳо назорат кунанд. |
| Нақши ҳавасмандгардонӣ | Тавассути имтиёзҳои андозӣ ё маблағгузории самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт (масалан, саноатикунонӣ, инноватсия) буҷет рушди соҳаҳои мушаххасро ҳавасманд мегардонад. |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои мавҷуда.

Ба андешаи мо аҳамияти буҷети давлатӣ дар танзими иқтисодиёт аз он иборат аст, ки он механизми асосии сиёсати фискалӣ (буҷетӣ-андозӣ) мебошад.

Бояд қайд кард, ки тавассути буҷет ҳамчун механизми асосии идоракунии молияи давлатӣ танзими макроиқтисодӣ, маблағгузории соҳаҳои афзалиятнок ва таъмини амнияти молиявӣ ва иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Дар давраи бӯҳрон давлат метавонад хароҷотро зиёд кунад ва ё андозҳоро кам кунад, то талаботи умумиро ҳавасманд кунад ва иқтисодро аз бӯҳрон берун орад. Дар давраи гармоиши иқтисодӣ баръакс, давлат метавонад хароҷотро кам ва андозҳоро зиёд кунад, то талаботи барзиёдро паст намояд.

Буҷети давлатӣ сарчашмаи асосии маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки барои рушди захираҳои инсонӣ ва таъмини сифати зиндагӣ муҳим мебошад ва сармоягузориҳои давлатиро дар инфрасохтори калидӣ таъмин мекунад, ки заминаи рушди устувори иқтисодиро ташкил медиҳад. Инчунин имконият фароҳам оварда мешавад, ки уҳдадориҳои давлатӣ сари вақт иҷро шавад, ки ин дар маҷмуъ амнияти иҷтимоиро таъмин менамояд. Инчунин давлат қарзҳои худро идора мекунад ва захираҳои молиявӣ ташкил медиҳад.

Дар шароити имрузаи иқтисодиёти бозоргонӣ буҷети давлатӣ аҳамияти хоса дорад, зеро он, хусусияти иҷтимоии худро тақвият медиҳад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси олӣ санаи 28.12.2024 қайд намуд, ки “Соли 2024-ум ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба 19 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба буҷети соли 2023-юм беш аз 2 миллиард сомонӣ зиёд буда, 43 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад” [7].

Як нуқтаи муҳимро бояд қайд кард, ки буҷети давлатӣ ба сифати механизми асосии татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарчашмаи муҳимтарини молиякунонии барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат, ки нақши ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар таҳкими рушди устуворӣ иқтисодӣ баланд арзёбӣ мегардад, баромад мекунад. Он ҳамчун воситаи амалисозии Стратегияи миллии рушд-2030 буда, тавассути маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат мекунад. Тавре, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, “Дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад” [7].

Илова бар ин мо онро ҳамчун воситаи таҳкими интизоми молиявӣ ва шаффофият дар доираи "Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" зарур арзёбӣ менамоем.

Тартиби ташаккул, қабул ва иҷрои буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ" ва қонунҳои ҳарсола "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ" муайян карда мешавад.

Ин тартиб як сикли мураккабест, ки аз якчанд марҳилаи асосӣ иборат аст.

Марҳилаи ташаккул ё омодасозии лоиҳаи буҷети давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои дахлдор, пеш аз ҳама Вазорати молия мебошад. Ҳукумат дар асоси ҳадафҳои стратегӣ (масалан, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияи миллии рушд, барномаҳои миёнамуҳлати рушди миллӣ) ва дурнамои макроиқтисодӣ (рушди ММД, таваррум, нархҳо) лоиҳаи буҷетро таҳия мекунад. Вазорати молия дар доираи дастурҳои Ҳукумат лоиҳаи даромадҳо (аз ҳисоби андозҳо, боҷҳо, грантҳо ва ғайра) ва хароҷотҳоро (аз рӯи вазорату идораҳо ва соҳаҳои мушаххас маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, мудофиа ва ғайра) ҷамъбаст мекунад. Лоиҳаи тайёршудаи буҷет ба Ҳукумат барои баррасӣ ва тасдиқ пешниҳод мегардад. Ҳукумат лоиҳаи Қонун "Дар бораи Буҷети давлатӣ"-ро барои қабул ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Баъдан марҳилаи баррасӣ ва тасдиқи лоиҳаи буҷет аз ҷониби мақомоти қонунгузор мебошад. Тибқи моддаи 60-и Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси

Олӣ салоҳияти қабули Қонун "Дар бораи буҷети давлатӣ"-ро дорад. Вакилон лоиҳаи буҷетро бо таври муфассал дар кумитаҳо ва дар ҷаласаҳои умумӣ баррасӣ менамоянд. Қонун дар бораи буҷети давлатӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул карда мешавад. Қонуни қабулкардаи Маҷлиси намояндагон дар муддати понздаҳ рӯз ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои имзо ва интишор пешниҳод мешавад. Танҳо баъд аз имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун "Дар бораи Буҷети давлатӣ" қувваи қонунӣ пайдо мекунад.

Марҳилаи иҷро марҳилаи татбиқи буҷети тасдиқшуда дар тӯли соли молиявии навбатӣ мебошад. Масъулияти асосии иҷрои буҷети давлатӣ бар дӯши Ҳукумат ва сохторҳои он, пеш аз ҳама Вазорати молия ва хазинадории марказӣ гузошта мешавад. Хароҷотҳо мувофиқи тақсимоти тасдиқшудаи буҷет ва нақшаҳои молиявии ҳармоҳа аз ҳисоби даромадҳои воридшуда анҷом дода мешаванд. Маҷлиси намояндагон ва Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати доимӣ ва аудити иҷрои буҷети давлатиро ба роҳ монда гирандагони маблағҳои буҷетӣ барои истифодаи мақсадноку самарабахши маблағҳо масъул мебошанд. “Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона дар боари иҷрои буҷети давлатиро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 июли соли ҷорӣ пешниҳод менамояд” [6].

Бояд қайд кард, ки ин сикли буҷетӣ ҳамасола такрор шуда, асоси идоракунии молияи давлатиро ташкил медиҳад.

Албатта принсипҳои буҷетӣ ва шаффофияти буҷет (ошкорбаёнӣ) рукнҳои асосии низоми молияи давлатӣ мебошанд, ки тавассути онҳо самаранокӣ ва масъулияти истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ таъмин карда мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин принсипҳо асосан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ" муайян шудаанд, ки онҳоро ба таври мухтасар мавриди таҳқиқ қарор додаем.

Низом ё раванди буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои асосии зерин асос меёбад:

1. **Ягонагии низоми буҷети давлатӣ:**
   - Татбиқи принсипҳои ягонаи ташкил ва фаъолияти низоми буҷетӣ.
   - Истифодаи гурӯҳбандии ягонаи буҷетӣ ва расмиёти ягонаи раванди буҷет.
   - Буҷетҳои ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва фондҳои мақсаднок як низоми ягонаро ташкил медиҳанд.
2. **Мустақилияти буҷетҳо:**
   - Муқаррар кардани тақсимоти устувори воридот (даромадҳо) байни сатҳҳои гуногуни буҷет (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ).
   - Ҳуқуқи ҳар як сатҳи идоракунии давлатӣ барои мустақилона амалӣ кардани хароҷот аз буҷети тасдиқшудаи худ.
3. **Пуррагии инъикоси даромад ва хароҷот:**
   - Ҳамаи даромадҳо ва хароҷоти давлатӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ бояд ба буҷети давлатӣ пурра дохил карда шаванд.
4. **Воқеӣ будан:**
   - Буҷет бояд дар асоси ҳисобҳои воқеӣ, дурнамои асосноки рушди иқтисодӣ ва меъёрҳои молиявӣ таҳия ва тасдиқ карда шавад.
5. **Мақсаднокӣ ва самаранокӣ (натиҷанокӣ):**
   - Маблағҳои буҷетӣ бояд танҳо барои мақсадҳои дар қонуни буҷетӣ пешбинишуда истифода шаванд.
   - Ҳар як воҳиди маблағи буҷетӣ бояд бо самаранокии ҳадди аксар истифода гардад.
6. **Мӯҳлатнокии буҷет:**
   - Буҷети давлатӣ барои як соли молиявӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад (аз 1 январ то 31 декабр).
   - Дар баробари буҷети яксола, буҷети миёнамуҳлатӣ (одатан сесола) низ таҳия мегардад.
7. **Умумият:**
   - Даромадҳои буҷет ба мақсадҳои хароҷоти мушаххас вобаста карда намешаванд, ба истиснои маблағҳои мақсаднок (масалан, фондҳои мақсаднок ё грантҳои махсус).

Азбаски принсипи шафофияти буҷетӣ ба андешаи мо ҳамчун праинсипи

калидӣ арзёбӣ мегардад, каме онро шарҳ медиҳем.

Шаффофияти буҷет (ё ошкорбаёнӣ) яке аз муҳимтарин принсипҳои буҷетӣ буда, маънои дастрасӣ ва фаҳмо будани иттилоотро дар бораи раванди буҷетӣ барои ҷомеа ва васоити ахбори омма дорад. Шаффофияти буҷет барои таъмини масъулияти Ҳукумат дар назди ҷомеа ва мубориза бо коррупсия аҳамияти калидӣ дорад. Мо бар он ақидаем, ки шаффофият метавонад аз ҷузъиёт ё муҳимиятҳои хос ба монанди интишороти ҳатмӣ, дастрасии маълумот, таҳияи буҷети шаҳрвандӣ ва ҳисоботдиҳӣ иборат бошад.

Интишороти ҳатӣ маънои онро дорад, ки буҷетҳои тасдиқшуда ва ҳисобот оид ба иҷрои онҳо дар воситаҳои ахбори омма ё сомонаҳои расмӣ нашр карда мешаванд. Дастрасии маълумот маънои онро дорад, ки пурра пешниҳод намудани ахборот дар бораи рафти иҷрои буҷет ва дастрасии он ба шаҳрвандон, ба истиснои маълумоти дорои сирри давлатӣ.

Таҳияи нашрияи иттилоотии "Буҷети шаҳрвандӣ" яке аз воситаҳои асосии таъмини шафофияти буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад. Хушбахтона Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади оммафаҳм гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» нашрияи навбатии иттилоотии «Буҷети шаҳрвандӣ»-ро дар сомонаи расмии худ ҷойгир намудааст. Буҷети давлатӣ ҳамасола дар доираи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар, ҳадаф ва афзалияти асосӣ, стратегия, барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди воқеии иқтисодиёти миллӣ ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия мегардад. Дар нашрияи мазкур маълумот оид ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, самтҳои асосии сиёсати андозӣ, сохтори буҷети давлатӣ, ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, хизматрасонии қарзи давлатӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дарҷ шудааст, ки тавассути он дастрасии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба маълумотҳои болозикр таъмин мегардад.

Бо мақсади таъмини боз ҳам шафофияти буҷетӣ амалӣ намудани ҳисоботдиҳӣ яке аз воситаҳои калидӣ арзёбӣ гардида бо қонун асос меёбад. “Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солонаро дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ пас аз тасдиқ шудани он аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори омма нашр менамояд” [6].

Таҳлили таносуби даромадҳо ва хароҷоти буҷети давлатӣ як ҷузъи калидии идоракунии молияи давлатӣ мебошад. Ин таносуб ҳолати молиявии давлат, самтҳои афзалиятноки хароҷот ва сатҳи касри буҷетиро нишон медиҳад. Таҳлили таносуби даромадҳо ва хароҷотҳо имконият медиҳад, ки устувории молиявӣ ва сиёсати молиявии давлат муайян карда шавад. Устувории молиявии давлат гуфта ин қобилияти давлатро барои иҷрои уҳдадориҳояш дар назар дошта мешавад. Зимнан ба мо маълум мегардад, ки касри паст ё назоратшаванда устувориро нишон медиҳад. Таҳлили таносуби дааромадҳо ва хароҷотҳо барои муайян кардани сиёсати молиявӣ имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ (масалан бартарии хароҷоти иҷтимоӣ ё сармоягузорӣ) ба таври мушаххас баён карда шавад. Инчунин сатҳи вобастагии буҷет аз манбаҳои беруна (қарзҳо ва грантҳо) муайян карда мешавад.

Инро дар асоси нишондиҳандаҳои умумӣ ва сохтори асосии даромадҳо ва хароҷотҳо дида мебароем.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои асосии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025**

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2025 (ҳаз сомон) | Мазмун |
|---|---|---|
| Даромадҳо (умумӣ) | 49582169 | Асоси молиявии давлат |
| Хароҷотҳо (умумӣ) | 51591423 | Самтҳои асосии сарф |
| Касри буҷет | 2009254 | Фарқият байни хароҷот ва даромад |

| | | |
|---|---|---|
| Сатҳи каср (нисбат ба ММД) | 1,2% | Дар доираи меъёрҳои қобили қабули Макроиқтисодӣ нигоҳ дошта мешавад |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025”.

Аз маълумотҳои болозикр бар меояд, ки таносуби асосии байни даромад ва хароҷот каср ё барзиёдии буҷетиро муайян мекунад. Маълум мешавад, ки ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 49582169 ҳазор сомонӣ ва ҳаҷми умумии хароҷот дар ҳамин давра ба маблағи 51591423 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шудааст. “Андозаи ниҳоии ҳаҷми умумии касри буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ба андозаи 1,2 дарсади Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 2009254 ҳазор сомонӣ пешбини карда шудааст[5].

Ба андешаи мо касре, ки дар ин давра ба миён омадааст, муътадил дониста мешавад, вале мо бояд дар ояндаи наздик ҳарчи зудтар ба ҳолати мутавозинӣ наздик шавем. Имкониятҳои дохилиро тавассути дарёфти роҳи пурсамар ва ё идораи босамари иқтисодӣ боз ҳам самаранoктар истифода намоем. Дар ин раванд фаъолгардонии сегментҳои бозори молиявӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Бо дар назардошти ин мо пешниҳод менамоем, ки **дар кишвар ва гардиши дубораи коғазҳои қиматнок бо асъори миллӣ ва хориҷӣ роҳандозӣ карда шавад**. Зеро ин метавонад василаи муҳими ҷалби сармояи муваққатан озод ва коҳиши додани касри буҷет дар давраи дарозмуддат гардад.

**Ҷадвали 3. - Сохтори даромадҳои асосии буҷети давлатӣ дар соли 2025**

| Манбаи даромад | Маблағ (ҳазор сомонӣ) | Хусусият ва аҳамият |
|---|---|---|
| Воридоти андозӣ | 31816249 | Манбаи асосии (тақрибан 70-80%)-и буҷет сосан аз андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), андоз аз фоида, андоз аз даромад ва аксизҳо иборат аст. |
| Воридоти ғайриандозӣ | 2468051 | Пардохтҳо аз истифодаи моликияти давлатӣ, боҷи давлатӣ, даромад аз хизматрасониҳои пулакии муассисаҳои буҷетӣ ва ҷаримаҳо. |
| Грантҳо барои дастгирии буҷет аз ҳисоби созмонҳои байналмилалии молиявӣ | 1192000 | Кӯмаки бебозгашт аз ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ, ки барои дастгирии буҷет ва лоиҳаҳои мушаххас ҷудо мешаванд. |
| Қарзҳо ва грантҳо | 11177198 | Маблағҳое, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои асосии сармоягузории давлатӣ (сохтмон, энергетика, роҳҳо) ворид мешаванд. Инҳо қисми даромади буҷет мебошанд, ки баъдан дар қисми хароҷот ҳамчун сармоягузории давлатӣ инъикос меёбанд. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025”.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки 64,16%-и даромади буҷети давлатиро воридоти андозӣ ташкил медиҳад. Ба андешаи мо, афзоиши даромадҳои андозӣ на бояд аз ҳисоби баланд бардоштани меъёри андозҳо, балки аз ҳисоби васеъ намудани пойгоҳи (манбаи) андозбандӣ ва рушди бахши воқеии иқтисодиёт таъмин карда шавад.

**Ҷадвали 4. - Сохтори хароҷотҳои асосии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025**

| Самти хароҷот | Маблағ (ҳаз сом) | Мазмун |
|---|---|---|
| Маориф | 10909496 ҳазор сомонӣ | Пардохти музди меҳнат, рушди муассисаҳои таълимӣ. |
| Тандурустӣ | 4329105 ҳазор сомонӣ | Маблағгузории беморхонаҳо ва барномаҳои саломатӣ. |
| Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 6962188 ҳазор сомонӣ | Нафақа, ёрдампулӣ ва ҷубронпулиҳо. |
| Фарҳанг ва варзиш | 1718770 ҳазор сомонӣ | Ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025".

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 ифодагари он аст, ки хушбахтона афзалияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври анъанавӣ ба соҳаи иҷтимоӣ (пардохти музди меҳнат, бешдошт, нафақа ва ғайраҳо) ва сармоягузориҳои давлатӣ (рушди инфрасохтор) равона карда шудааст. Танҳо соҳаҳои иҷтимоии дар ҷадвали 4 зикргардида 43,03%-и ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро дар бар мегирад. Вобаста ба ин мо пешниҳод менамоем, ки дар оянда хароҷоти буҷети ба натиҷа нигаронидашударо ташаккул ва тақвият диҳем.

**Дар хулосаи таҳқиқот** ба таври мухтасар қайд кардан мумкин аст, ки дар самти таҳқиқи илмҳои иқтисодӣ яке аз масъалаҳои калидӣ ин таъсири буҷети давлатӣ ҳамчун механизми асосии идоракунии молияи давлатӣ ба рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро тақсиму азнавтақсими захираҳои молиявии давлатӣ ва раванди молиякунонии барномаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат маҳз аз он сарчашма мегирад. Тавассути буҷет ҳамчун механизми асосии идоракунии молияи давлатӣ танзими макроиқтисодӣ, маблағгузории соҳаҳои афзалиятнок ва таъмини амнияти молиявӣ ва иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Дар давраи бӯҳрон давлат метавонад хароҷотро зиёд кунад ва ё андозҳоро кам кунад, то талаботи умумиро ҳавасманд кунад ва иқтисодро аз бӯҳрон берун орад.

**Адабиёт**


1. Амонова, Д. А. Таҳлили хароҷотҳои буҷети давлатӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат / Д. А. Амонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 5. – P. 24-30. – EDN UPFYSS.
2. Давлатов, Д. А. Формирование стабилизационного государственного бюджета Республики Таджикистан / Д. А. Давлатов // Менеджмент и бизнес-администрирование. – 2016. – № 2. – С. 4-7. – EDN TVIMBM.
3. Давлатов, Д. Выбор оптимального варианта государственного бюджета Республики Таджикистан / Д. Давлатов // РИСК: Ресурсы, Информация, Снабжение, Конкуренция. – 2016. – № 1. – С. 114-118. – EDN VRCOXR.
4. Давлатшоев, О. Ҳ. Масъалаҳои самаранокии иҷроиши буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О. Ҳ. Давлатшоев, Ш. М. Давлатмуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 3. – P. 22-27. – EDN HOBBDE.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025" https://jumhuriyat.tj/4960-onuni-umurii-toikiston-dar-borai-bueti-davlatii-umurii-toikiston-baroi-soli-2025.html. (санаи мурочиат 23.12.2025).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025" аз 28.06.2011, №723.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ URL:https://prezident.tj/event/speeches/49225 (дата обращения 22.10.2025)

8. Ҳикматов, С. Ҳ. Буҷет ва низоми буҷетӣ / С. Ҳ. Ҳикматов, Д. С. Саъдизода. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. – 291 с. – ISBN 978-99985-993-8-3. – EDN OURBBN.

9. Ҷураев, Х. Г. Асосҳои назариявӣ ва ташакулёбии буҷети давлатӣ / Х. Г. Ҷураев, Х. Б. Буризода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 395-402. – EDN KDJPBH.

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Раҳимзода Фирузи Мадкарим**-ассистенти кафедраи иқтисодиёти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: 988-21-55-51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

**Сведения об авторе**

**Рахимзода Фирузи Мадкарим**-ассистент кафедры финансовая экономика Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 988-21-55-51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

**About the author**

**Rahimzoda Firuzi Madkarim** -assistant of the Department of Financial Economics at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14 Nakhimov street. Phone: 988-21-55-51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

**УДК: 657.1**

# МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ ТАҲЛИЛИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ НАССОҶӢ

**Файзализода М.М.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар шароити кунунии муҳити иқтисодии ноустувор муваффақияти кори корхонаҳои нассоҷӣ на танҳо аз истифодаи дурусти воситаҳо ва усулҳои имконпазири идоракунӣ, инчунин аз методикаи ташкили таҳлили идоракунии хароҷот, вобаста мебошад. Дар мақолаи мазкур татбиқи методикаи ташкили таҳлили идоракунии хароҷот дар корхонаҳои нассоҷӣ дида баромада шудааст. Инчунин, барои тадбиқи самаранокӣ методикаи ташкили таҳлили идоракунии хароҷот дар корхонаҳои нассоҷӣ, вазифаҳои асосии таҳлили идоракунии хароҷот, марҳилаҳои таҳлили идоракунии хароҷот, манбаъҳои иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот, модели иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот ҳамчунин, сохтори таъминоти иттилоотии таҳлили фаъолияти корхона таҳия карда шудааст. Дар модели таҳиягардида низоми иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот аз се ҷузъи асосӣ: фаъолияти истеҳсолӣ, таъминоти иттилоотӣ ва истифодабарандагон ифода гардидааст.

**Калидвожаҳо:** низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, таъминоти иттилоотии баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунӣ, иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, қарорҳои идоракунӣ, ҳисоботи молиявӣ, ҳисоботи идоракунӣ, ҳисоботи андоз, хароҷот, таҳлили идоракунӣ, арзиши аслии захираҳо, корхонаҳои саноати нассоҷӣ.

**Барои иқтибос:** Файзализода, М. М. Методикаи ташкили таҳлили идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ / М. М. Файзализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 213-222.

# МЕТОДИКА ОРГАНИЗАЦИИ АНАЛИЗА УПРАВЛЕНИЯ ЗАТРАТАМИ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ТЕКСТИЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

**Файзализода М.М.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация.** В современных условиях нестабильной экономической среды успех работы текстильных предприятий зависит не только от правильного использования имеющихся средств и методов управления, но и от методики организации анализа управления затратами. В данной статье рассматривается реализация методики организации анализа управления затратами на текстильных предприятиях. Также для эффективного внедрения методики организации анализа управления затратами на текстильных предприятиях разработаны основные задачи анализа управления затратами, этапы анализа управления затратами, информационные источники анализа управления затратами, информационная модель анализа управления затратами, а также структура информационного обеспечения анализа деятельности предприятия. В разработанной модели информационная система анализа управления затратами представлена тремя основными компонентами: производственная деятельность, информационное обеспечение и пользователи.

**Ключевые слова:** учетно-аналитическая система, информационное обеспечение учетно-аналитического управления, учетно-аналитическая информация, управленческие решения, финансовая отчетность, управленческая отчетность, налоговая отчетность, затраты (расходы, издержки), управленческий анализ, себестоимость ресурсов, предприятия текстильной промышленности.

# METHODOLOGY FOR ORGANIZING THE ANALYSIS OF COST MANAGEMENT IN TEXTILE INDUSTRY ENTERPRISES

**Fayzalizoda M.M.**

**Annotation.** In the current conditions of an unstable economic environment, the success of textile enterprises depends not only on the correct use of available management tools and methods, but also on the methodology of organizing cost management analysis. This article discusses the implementation of the methodology for organizing cost management analysis in textile enterprises. Also, for the effective implementation of the methodology for organizing cost management analysis in textile enterprises, the main objectives of cost management analysis, the stages of cost management analysis, information sources of cost management analysis, the information model of cost management analysis, as well as the structure of information support for enterprise activity analysis have been developed. In the developed model, the information system for cost management analysis is represented by three main components: production activities, information support, and users.

**Keywords:** accounting and analytical system, information support for accounting and analytical management, accounting and analytical information, management decisions, financial reporting, management reporting, tax reporting, costs (expenses, costs), management analysis, cost of resources, textile industry enterprises.

**Гузориши масъала.** Яке аз шартҳои асосии ба даст овардани иттилооти саҳеҳ оид ба хароҷоти истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ аниқ муайян кардани таркиб ва сохтори хароҷоти истеҳсолӣ мебошад. Дар ин маврид, таҳлили сохтори хароҷот дар корхона дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ гузаронида мешавад. Ин намуди таҳлил хеле меҳнатталаб аст, хусусан дар марҳилаи ҷамъоварии иттилоот, ки хароҷоти назарраси меҳнати мутахассисон, коршиносон ва дигар кормандони хадамоти иқтисодӣ ва муҳосиботи корхонаро талаб мекунад. Аммо, таҳлили идоракунии хароҷот, ки дар асоси маълумоти низоми ҳамгирои таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхонаи нассоҷӣ гузаронида мешавад, нисбатан иттилоотнок буда, барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти корхона, воҳидҳои сохтории он ва таҳияи нақшаҳои дурнамои рушди корхона муҳим аст, зеро он захираҳои паст кардани арзиши аслии маҳсулот ва баланд бардоштани даромаднокии корхона ва воҳидҳои сохтории истеҳсолии онро ошкор мекунад.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Дар доираи мавзуи мазкур таҳқиқоти олимон аз қабили, Балабанов И.Т., Боброва Е.А., Бороненкова С.А., Вахрушина М.А., Самарина Л.Б., Гомонко, Э.А., Каплан Р., Лосева А.С., Попова Л.В., Толпегина О.А., Тычинина Н.А. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

**Мақсади мақола** ин методикаи ташкили таҳлили идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ маҳсуб меёбад.


**Муҳтавои асосии мавод.** Методологияи гузаронидани таҳлили идоракуниро роҳбарияти корхона мустақилона муайян мекунад, зеро он ба таҳия ва коркарди қарорҳои идоракунӣ ва ташкили робитаҳои дохилихоҷагӣ дар корхона нигаронида шудааст. Бо ҳамин сабаб таҳлили идоракуниро дар тафовут аз таҳлили молиявӣ таҳлили дохилӣ меноманд.

Таҳлили идоракунӣ ба мисли баҳисобгирии идоракунӣ барои таъмин намудани менеҷменти корхона бо иттилооти барои идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва назорати фаъолияти корхона зарурӣ таъин гардидааст. Нигарониши натиҷаҳои таҳлили идоракунӣ ба роҳбарияти корхона махфияти тиҷоратии онро дар назар дорад.

Таҳлили идоракунии хароҷот вобаста аз бузургии корхона ва захираҳое, ки метавонанд ба гузаронидани расмиёти таҳлилӣ ва ҷамъоварии иттилоот равона карда шаванд, ба қадри кофӣ муфассал ё бо моддаҳои бузургкардашуда дар шакли мухтасар гузаронида шавад, вале «қариб ҳамаи корхонаҳо таҳлили сохтории

хароҷотро дар ҳаҷм ва бо мунтазамии муайян мегузаронанд» [5, с. 135].

Ҳадафи таҳлили идоракуниро ба маънои васеъ метавон чун «мусоидат ба таҳияи сиёсати стратегӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии корона ва захираҳои он» [9, с. 37] ифода кард. Ҳамчун ҳадафҳои ҷузъии таҳлили идоракунии хароҷот метавон ҳисобкунӣ ва идоракунии арзиши аслии маҳсулотро низ номбар кард. Ҳадафҳои таҳлили идоракунӣ мувофиқан вазифаҳои онро муайян мекунанд (расми 1.).





**Расми 1. – Вазифаҳои асосии таҳлили идоракунии хароҷот**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Методикаи таҳлили идоракунии хароҷот аз самтнокии ҳадафии ҳалли масъалаҳо, фарогирии объектҳои таҳқиқот ва аз дараҷаи муфассалкунии таҳлил вобаста мебошад. Умуман, методикаи ташкил ва гузаронидани таҳлили идоракунии хароҷотро метавон ҳамчун марҳила ба марҳила ҷавоб додан ба саволҳои пешакӣ муайянгардида ифода кард (расми 2.).

Дар марҳилаи аввалӣ ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳлил муайян карда мешаванд. Онҳо бояд мушаххас ва ченшаванда бошанд, барои ҳар як ҳадаф бояд маҳакҳо муқаррар карда шаванд, ки барои баҳо додани дараҷаи ноилгардии он имкон диҳанд. Дар марҳилаи дуюм ҳаҷм, муҳтаво, намудҳо, амиқии вазъи гузаштаи объект ва ояндабинии он муайян карда мешавад. Дар марҳилаи сеюм иттилооти таҳлилӣ ба низом дароварда мешавад, аҳамияти манбаъҳои иттилоот муайян карда мешавад. Асоси таҳлили идоракунӣ низоми нишондиҳандаҳое мебошад, ки тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти субъекти хоҷагидориро фаро мегиранд. Нишондиҳандаҳои анъанавӣ имкон медиҳанд, ки робитаҳои байниҳамдигарии равандҳои иқтисодӣ таҳқиқ карда шаванд. Дар марҳилаи чорум усулҳои анъанавии таҳқиқот, инчунин усулҳои дар корхона таҳияшуда, аз ҷумла бо истифодаи барномаҳои компютерӣ интихоб карда мешаванд. Марҳилаи панҷум баҳисобгирии ҳамаҷонибаи маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин ошкор ва таҳлил намудани хусусиятҳои ҷамъбастии бизнес-ҷараёнҳо, робитаҳо ва вобастагиҳои сабабию оқибатиро дар бар мегирад. Дар марҳилаи мазкур ҳам омилҳои мусбат ва

ҳам омилҳои манфии ба объекти таҳқиқшаванда таъсиррасон арзёбӣ карда мешаванд, сатҳи вобастагии корхона аз маҳдудиятҳои дохилӣ ва берунӣ муайян карда мешавад. Дар марҳилаи шашум тавсияҳо аз натиҷаи таҳлил муайян карда мешаванд, ки ба дарёфти захираҳо ва сафарбар кардани онҳо равона мешаванд. Марҳилаи ҳафтум дар бисёрвариантии қарорҳои пешниҳодшаванда ва беистии раванди ҷустуҷӯи ғояҳои нав, варианти ҳафтум – дар интихоби варианти беҳтарини қарори идоракунӣ бо ба расмият даровардани натиҷаҳои асосноккунӣ ва минбаъд дар амал истифодабарии онҳо ифода меёбанд. Марҳилаҳои нуҳум ва даҳум – назорат ва таҳлилии ҷории иҷрои қарорҳои идоракунӣ, таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии татбиқи қарори идоракуниро дар бар мегиранд.




**Расми 2. – Марҳилаҳои таҳлили идоракунии харочот**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 4; 6; 9]

Натиҷанокӣ ва самаранокии таҳлили идоракунии харочот бештар аз таъминоти иттилоотӣ ва методии он вобаста мебошад. Омода кардани иттилооти барои амалисозии ҳадафи асосии таҳлили идоракунӣ – таъмини роҳбарияти корхона бо иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ якчанд марҳилаҳоро дар бар мегирад: ҷамъоварии маълумоти аввалӣ, коркард ва пешниҳоди онҳо ба истифодабарандагон, ки танҳо пас аз ин маълумот ба иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунӣ мувофиқ табдил меёбанд. Ҳамин тавр, барои ташкили

пойгоҳи иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот анҷом додани чунин корҳо зарур аст:

✓ муқаррар кардани ҳаҷм, муҳтаво, намудҳо, даврияти таҳлил;


✓ муайян кардани методикаи ҳалли масъалаҳои алоҳидаи идоракунӣ, низоми нишондиҳандаҳо, омилҳо;

✓ муайян кардани талаботи умумии масъалаҳои идоракунӣ ба иттилоот;

✓ бартараф кардани такроршавии иттилоот дар асоси омӯзиши алоқамандии масъалаҳои таҳлилӣ;

✓ муайян кардани ҳаҷм, муҳтаво, даврият, манбаъҳои иттилоот барои ташаккули пойгоҳи иттилоотт таҳлили идоракунӣ.

Маълумот барои гузаронидани таҳлили идоракунии хароҷот аз манбаъҳои гуногун ворид мешаванд, онҳо дар воҳидҳои сохтории истеҳсолӣ (коргоҳҳо), дар муҳосибот ва муҳити атрофи корхона ташаккул меёбанд (расми 3.).




**Расми 3. – Манбаъҳои иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Тамоми иттилооти барои гузаронидани таҳлили идоракунии хароҷот зарурӣ бояд бо гурӯҳҳо вобаста аз робитаи худ бо низоми идоракунӣ тасниф карда шавад. Ҷудо намудани иттилооти воридшаванда, хориҷшаванда, аввалӣ ва ҳосилавӣ имкон медиҳад, ки самти умумии ташаккули пойгоҳи иттилоотӣ муайян карда шавад. Тасаввурот амиқтар ҳангоми таснифи иттилоот аз рӯи пуррагӣ (кифоя, нокифоя, барзиёд), воқеъбинии инъикоскунӣ (саҳеҳ, носаҳеҳ), вақти ташаккул (ибтидоӣ, дуюмдараҷа), хосияти истифодабарӣ (доимӣ, тағйирёбанда), таъиноти ҳадафӣ (муфид, бефоида), робита бо объекти идорашаванда (дохилӣ, берунӣ), вақти гирифтан ва давраи истифодабарӣ (нақшавӣ, меъёрӣ, фаврӣ) ба даст меояд.

Таъминоти иттилоотӣ аз маҷмуи захираҳои иттилоотӣ ва тарзҳои гуногуни ташкили онҳо иборат буда, низоми ягонаи тасниф ва барамздарории иттилоот, ҳуҷҷатҳои якхелакардашуда, тарҳҳои ҷараёнҳои иттилоотии корхона, таъминоти методии ташкили пойгоҳи маълумоти барои амалисозии таҳлилии таъминкунандаи раванди идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолиии корхонаҳои нассоҷиро ифода менамояд. Балад будан ба иттилооти зарурии мукаммал ва истифодабарии оқилонаи унсурҳои таъминоти иттилоотӣ ба роҳбарият ва менеҷменти корхона имкон медиҳад, ки қарорҳои идоракунии асоснок қабул намоянд ва ба кори босамар ва муносиби

тамоми зинаҳои низоми идоракунӣ ноил гарданд [7, с. 141].

Таъминоти иттилоотие, ки дар фазои таҳлилии идоракунии хароҷоти истеҳсолоти нассоҷӣ ташаккул меёбад ва барои таъмини қабули қарорҳои идоракунии саривақтӣ ва босамар нигаронида шудааст, асосан аз амалҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти муҳим иборат аст. Қабули қарорҳои идоракунӣ дар тамоми зинаҳо ҳамчун унсури ҷараёни идоракунӣ дар фазои иттилоотӣ мутобиқи чунин марҳилаҳо ба ҷо оварда мешавад [3, с. 32]:

- таҳлили муҳити дохилӣ ва берунӣ, омӯзиш, ҷамъоварӣ ва додугирифти иттилоот (оид ба ҳолати воқеии объекти идоракунӣ);

- коркарди таҳлилии иттилоот, омодасозӣ ва қабули қарорҳо (коркарди ҳамаҷонибаи иттилоот, муқоисакунӣ, ошкоркунии сабабҳо, таҳияи тарзҳои алтернативӣ);

- ташкил ва амалисозии қарорҳо, додани фармонҳо ба объекти идоракунӣ барои бартараф намудани тамоилоти ошкоргардида;

- назорати иҷрои қарорҳо.

Муҳаққиқ Н.А. Тичинина қайд мекунад, ки «ҳадафи рушди устувори зернизоми баҳисобгириро метавон ҳамчун моделсозии ҷараёни идоракунии корхона муайян кард. Ин гуна ҳолат аз хусусияти баҳисобгирӣ бармеояд, ки дар низоми идоракунӣ амал намуда, як қатор вазифаҳоро иҷро мекунад, ҷараёнҳои истеҳсолот, мубодила ва тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятиро фаро мегирад, иттилоотро дар бораи гирдгардиши воситаҳо ва натиҷаҳои истифодабарии онҳо ташаккул медиҳад» [10, с. 103]. Маҳаки интихоби ин ё он нишондиҳандаи дар таҳлили идоракунии хароҷот истифодашаванда бояд арзишнокии он барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти иттилоотии шахсони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ бошад.

Самаранокии ҳама гуна қарори идоракунӣ дар бораи хароҷоти истеҳсолоти нассоҷӣ бештар аз иттилооте вобаста аст, ки қарори идоракуни мазкур дар асоси он қабул шудааст. Танҳо маълумоти саҳеҳ бояд дар тамоми зинаҳои идоракунии корхона ба инобат гирифта шавад. Бинобар ин, барои ҳама субъектҳои хоҷагидорӣ масъалаи асоснок кардани ҳаҷм ва таркиби иттилооти ба шароити имрӯзаи рушди устувори корхонаҳои саноати нассоҷӣ мувофиқбуда ва ба ташаккули низоми баҳодиҳии рушд ва фаъолияти устувори онҳо мусоидаткунанда масъалаи мубрам аст, ки бо ёрии таъминоти иттилоотии низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунии хароҷот ва ҷараёнҳои истеҳсолӣ амалӣ мегардад.


Низоми иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ, ки мо пешниҳод менамоем, ба ғояҳои муалифон Б.Г. Маслов, И.А. Маслова ва Л.В. Попова, ки асарҳои онҳо ба шумори таҳқиқоти аввалин дар самти омузиши низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии хароҷот ва ҷараёнҳои истеҳсолӣ мансуб мебошанд, асос ёфтааст. Ба ақидаи онҳо, «зинаи аввалии омодакунии маълумотро барои таҳия намудани қарорҳои идоракунӣ асосан иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ ва идоракунӣ), маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботии дигар намудҳои баҳисобгирӣ ташкил медиҳанд. Дар зинаи дуюмӣ таҳлил ва баҳодиҳии онҳо ба ҷо оварда мешавад» [8, с. 78]. Дар натиҷа зернизоми иттилоотии низоми таҳлили идоракунии хароҷот ташаккул меёбад, ки бо унсурҳои баҳисобгирӣ ва аудит ҳамгиро мебошад.

Акнун дар асоси ҷиҳатҳои методологӣ ва методикаи баррасишудаи таҳлили идоракунӣ модели иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот ва ҷараёнҳои истеҳсолиро барои корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноати нассоҷӣ пешниҳод мекунем (расми 4.).

Тавре аз модели таҳиягардида ба назар мерасад, низоми иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот аз се ҷузъи асосӣ иборат аст: фаъолияти истеҳсолӣ, ки дар он нишондиҳандаҳои аввалии тавсифдиҳандаи ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва хароҷоти корхона ташаккул меёбанд ва тавассути ҳуҷҷатҳои аввалии муҳосибӣ ба ҷузъи дуюм – худи таъминоти иттилоотӣ дода мешаванд. Таъминоти иттилоотӣ

тавассути баҳисобгирии муҳосибӣ (хадамоти муҳосибӣ) маълумоти дар ҳуҷҷатҳои аввалӣ воридшударо коркард намуда, аз онҳо ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андоз) тартиб медиҳад.

Маълумоти ҳисоботи молиявии омоданамудаи баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби ҷузъҳои таҳлил ва аудит барои иҷрои вазифаҳои онҳо ба кор бурда мешавад. Хулосаҳои таҳлилӣ ва аудиторӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои натиҷавии дар натиҷаи таҳлил ва аудити ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андоз) таҳиягардида аз зернизоми таъминоти иттилоотӣ баромада дастраси истифодабарандагон мегарданд ва барои омодасозии қарорҳои идоракунӣ истифода мешаванд.




**Расми 4. – Модели иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф


Таҳқиқи ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар якчанд корхонаҳои саноати нассоҷӣ ба мо имкон дод, ки хусусиятҳои таъминоти иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷотро муайян кунем. Хусусиятҳои мазкур дар алоқамандии байниҳамдигарии бевосита қарор доранд ва мувофиқат накардани иттилооти аввалии яке аз онҳо метавонад ба таҳрифи натиҷаи молиявии фаъолияти корхонаи таҳқиқшаванда оварад. Метавон чунин ҷиҳатҳои мушкилоти сифати таъминоти иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷотро ҷудо кард:

- сифати таъминоти иттилоотӣ маҷмуи тавсифоти ҷамъбастгардида ва боҳамалоқаманди хосиятҳои истеъмолии объекти таҳқиқот мебошад;
- ҳаҷми таъминоти иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот аз эҳтиёҷоти иттилоотии кормандони хадамоти

баҳисобгирию таҳлилӣ ва технологияҳои иттилоотии дар корхона истифодашаванда муайян мегардад;

- ҳаҷми зарурии иттилоот бевосита аз давраи вақте, ки маълумоти он таҳлил карда мешавад, вобаста аст.

Бо мақсади таъмини босамари таҳлили идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ таҳия ва амалӣ намудани маҷмуи унсурҳои таъминоти иттилоотии таҳлили фаъолияти истеҳсолии корхона зарур аст, ки ба андешаи мо дар сохтори он бояд чунин унсурҳои асосӣ ҷудо карда шаванд (расми 5.):




**Расми 5. – Сохтори таъминоти иттилоотии таҳлили фаъолияти корхона**
**Сарчашма: Муаллиф дар асоси омузиши адабиёт таҳия кардааст**

- мониторинги ичрои нақша ва графики таҳвили ашёи хом ва мавод аз таъминкунандагон ба корхона, ки барои ба таври муносиб тасвир намудани раванди ҳаракати ҷисмонии ашёи хом ва мавод, инчунин дараҷаи зарурии мувофиқати он ба графики таҳвил имконият диҳад;

- мониторинги ичрои нақшаи таҳвили маҳсулоти тайёр аз корхона ба харидорон, ки барои назорати ичрои нақшаи таҳвил аз рӯи ҳар як намуди маҳсулоти истеҳсолшаванда таъин гардида бошад;

- ҳисобот оид ба арзиши аслии захираҳои маҳсулоти тайёр – ҳисоботи ҷамъбастӣ барои ба ҷо овардани мониторинги арзиши аслии ҳар як намуди маҳсулоти тайёри дар корхона истеҳсолшаванда;

- ҳисобот оид ба арзиши аслии маҳсулоти ба харидорон таҳвилшуда;

- ҳисобот оид ба арзиши аслии захираҳои амбории маҳсулоти тайёр;

- таҳлили сифати банақшагирии марҳилаҳои омодасозии истеҳсолот, ташкили ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва таҳвили маҳсулоти тайёр;

- таҳлили самаранокии иқтисодии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот.

Ҳамин тариқ, методикаи ташкили таҳлили идоракунии хароҷот дар ҳалли мушкилоти бунёди хосиятҳои сифатии ҷараёнҳои иттилоотии ба зернизоми таъминоти иттилоотӣ воридшаванда ифода меёбад. Пурра ва саривақт пешниҳод

намудани иттилоот ҳангоми ташкили баҳисобгирии идоракунӣ лаҳзаи асосӣ ва муҳимтарин дар раванди таҳлили идоракунии хароҷот дар объекти таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад.

Дар даромади раванди таъминоти иттилоотии таҳлили идоракунии хароҷот иттилооти аввалии воридшаванда, ки барои тамоми зинаҳои гузаронидани таҳлил лозимӣ бевосита худи раванди таъминоти иттилоотӣ мавҷуд аст, дар баромад бошад, - маҷмуи пешниҳодҳои барои такомули иттилооти аввалӣ дар бораи хароҷот ва муносибгардонии худи ҷараёнҳои истеҳсолӣ истифодашаванда таҳия карда мешаванд. Ҳамин тавр, натиҷа ва таҳияи пешниҳодҳои мазкур бевосита аз сифати таъминоти иттилоотии аввалии барои гузаронидани таҳлили идоракунии хароҷот вобаста мебошанд.

Таъминоти иттилоотӣ ба таҳлили идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати насоҷӣ ҳамчун унсури муҳими низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки «амалҳои баҳисобгирӣ ва таҳлилиро дар як раванд муттаҳид намуда, якҷоя бо гузаронидани таҳлили микроиқтисодӣ муттасилии ин ҷараёнҳоро таъмин намоянд ва натиҷаҳои онро ҳангоми таҳия намудани тавсияҳо барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода баранд» [8]. Дар ин мавриди методикаи умумӣ ва муқаррароти меъёрии таҳлили идоракунӣ ба хотири истифодаи оқилона дар низоми ягонаи баҳисобгирӣ-таҳлилӣ такмил дода мешаванд.

Иттилооти дар натиҷаи таҳлили идоракунии хароҷот ҳосилшуда амалисозии вазифаҳои идоракунӣ, аз ҷумла банақшагирӣ ва назорат (аудит)-ро таъмин менамояд. Низоми аудит имкон медиҳад, ки назорати амалисозии қарорҳои идоракунӣ ба ҷо оварда шавад, он кафолати иҷрои қарорҳои идоракуниро бунёд намуда, самаранокии раванди идоракуниро баланд мебардорад. Бо ёрии аудит санҷиши мувофиқати фаъолияти корхона бо қоидаҳо ва талаботи бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ муқарраркардашуда, инчунин аз ҷониби мақомоти болоии идоракунӣ ва назорат муайянгардида гузаронида мешавад. Аудиторҳо ба мутахассисони корхона вобаста ба масъалаҳои мухталифи молиявӣ, андозбандӣ ва дигар самтҳои фаъолият машварат медиҳанд.

**Адабиёт**


1. Балабанов, И.Т. Основы финансового менеджмента. Как управлять капиталом? [Текст] / И.Т. Балабанов. – М.: Финансы и статистика, 2006. – 384 с.
2. Боброва, Е.А. Методика планирования управления затратами предприятий [Текст] / Е.А. Боброва // Вестник Орел ГИЭТ. – 2014. - № 3 (29). – С. 75-79.
3. Бороненкова, С.А. Управленческий анализ: учеб. пособие [Текст] / С.А. Бороненкова. – Москва: Финансы и статистика, 2004. – 384 с.
4. Вахрушина, М.А., Самарина, Л.Б. Методологические основы управленческого анализа в механизме управления затратами организации [Текст] / М.А. Вахрушина, Л.Б. Самарина // Фундаментальные исследования. – 2015. - № 12. – С. 1179-1184.
5. Гомонко, Э.А. Управление затратами на предприятии [Текст] / Э.А. Гомонко. – М.: КноРус, 2012. – 232 с.
6. Каплан, Р. Системы управленческих показателей [Текст] / Р. Каплан. – М.: Финансы и статистика, 2004. – 210 с.
7. Лосева, А.С. Информационное обеспечение бухгалтерского учета в коммерческих организациях [Текст] / А.С. Лосева, Е.В. Королева // Научно-образовательный журнал «StudNet». – 2020. – Т. 3. - № 11. – С. 140-150.
8. Попова, Л.В. Основные теоретические принципы построения учетно-аналитической системы [Текст] / Л.В. Попова, Б.Г. Маслов, И.А. Маслова // Финансовый менеджмент. – 2003. – № 5. – С. 78-82.
9. Толпегина, О.А. Теоретико-методологические особенности и проблемы проведения управленческого анализа [Текст] / О.А. Толпегина // Экономический анализ: теория и практика. – 2010. - № 37 (202). – С. 36-45.

10. Тычинина, Н.А. Теоретическое обоснование содержания учетно-аналитического обеспечения устойчивого развития предприятия / Н.А. Тычинина // Вестник оренбургского государственного университета. – 2009. - № 2 (96). – С. 102-107.

11. Файзализода М.М. Моҳияти таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва ҷанбаҳои консептуалии ташаккули он[Матн] / Файзализода М.М. // Паёми молия ва иқтисод №4/2 (39) (маҷаллаи илмӣ-амалӣ) – Душанбе, 2023. Саҳ. 402 - 410.

12. Файзализода М.М. Таҳлили вазъи муосири таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар корхонаҳои саноати насоҷӣ [Матн] / Файзализода М.М. // Паёми молия ва иқтисод №4/1 (33) (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Душанбе, 2022 .Саҳ. 239-250.

13. Файзализода М.М. Татбиқи низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ / М.М. Файзализода // Паёми молия ва иқтисод - 2024. - №4-2 (43). - P. 480-489.

| Маълумот дар бораи муаллиф | Сведения об авторе | About the author |
|---|---|---|
| **Файзализода Муҳаммадрабби Музафар**-ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 987-48-98-94. E-mail: fayzalizodam@list.ru | **Файзализода Мухаммадрабби Музафар**-ассистент кафедры бухгалтерского учёта Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: 987-48-98-94. E-mail: : fayzalizodam@list.ru | **Fayzalizoda Muhammadrabbi Muzafar**-assistant of the Department of Accounting, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14 Nakhimov street. Tel: 987-48-98-94. E-mail: : fayzalizodam@list.ru |

**УДК: 657.01**

# ЗАМИНАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

**Нуралиев У.М.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар мақола заминаҳои консептуалии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ шудааст. Қайд мегардад, ки баҳисобгирии муҳосибӣ таърихи тӯлонӣ дошта, аз ибтидо то кунун якчанд марҳилаҳои ташаккул ва рушдро паси сар кардааст. Дар таҳқиқот асосҳои консептуалии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ аз Мисри Қадим то шароити муосир омӯхта шудааст. Қайд карда мешавад (расми 1), ки консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ аз замони пайдоиши муносибатҳои молию асъорӣ то кунун панҷ марҳилаи ташаккул ва рушдро аз сар гузаронидааст. Ба ақидаи муаллиф имрӯзҳо консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ бояд равишҳоеро дар бар гирад, ки тавонад мушкилоти соҳаро бартараф созад. Дар ин радиф таъкид шудааст, ки яке аз консепсияҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дурнамои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии имрӯза ба он вобаста аст, консепсияи баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ мебошад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити кунунӣ бояд имконияти таъмини иттилооти зарурирро дошта бошад, заминаи чунин имкониятҳоро дошта бошад, навкунии талаботҳои алоҳидаи қонунгузории соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бошад ва аз траиқи ташаккули маълумоти саҳеҳ дақиқ барои рушди фаъолияти субъекти иқтисодӣ мусоидат намояд. Дар ниҳоят қайд карда шудааст, ки консепсияи баҳисобгирии муҳосибии ба таҷрибаи пешрафтаи миллию ҷаҳонӣ асосёфта метавонад ҷиҳати рушди илму амалияи соҳаи ҳисобдорӣ намояд.

**Калидвожаҳо:** консепсия, баҳисобгирии муҳосибӣ, амалиётҳои ҳаёти хоҷагидорӣ, иттилоот, стандартҳои байналмилалии ҳисобдорӣ, иқтисоди бозорӣ, тиҷорат, иқтисоди рақамӣ, методология, дороиҳо, идоракунӣ.

**Барои иқтибос:** Нуралиев, У. М. Заминаҳои консептуалии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ / У. М. Нуралиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 223-229.

# КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА

**Нуралиев У.М.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотатция.** В статье рассматриваются основы концепций становления и развития бухгалтерского учета. Отмечается, что бухгалтерский учет имеет длительную историю и прошел несколько этапов становления и развития с момента своего зарождения до настоящего времени. В исследовании изучаются основы концепций становления и развития бухгалтерского учета от Древнего Египта до современных условий. Отмечено (рис. 1), что концепция бухгалтерского учета прошла пять этапов становления и развития с момента возникновения имущественных отношений. По мнению автора, концепция бухгалтерского учета должна включать в себя подходы, способные преодолеть проблемы отрасли. В этой связи подчеркивается, что одной из современных концепций бухгалтерского учета, от которой зависят перспективы развития современной системы бухгалтерского учета, является концепция цифрового учета. Исследователь отмечает, что концепция бухгалтерского учета в современных условиях должна обладать всеми необходимыми компонентами, иметь базу для таких возможностей и рассматриваться как обновление законодательных требований, необходимых для развития деятельности конкурентоспособных хозяйствующих субъектов. В заключение сделан вывод о том, что концепция бухгалтерского учета, основанная на

передовом отечественном и мировом опыте, может способствовать развитию науки и практики в области бухгалтерского учета.

**Ключевые слова:** концепция, бухгалтерский учет, хозяйственные операции, информация, международные стандарты бухгалтерского учета, рыночная экономика, бизнес, цифровая экономика, методология, активы, управление**.**

## CONCEPTUAL PREREQUISITES FOR THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF ACCOUNTING

**Nuraliyev U.M.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Annotation.** The article examines the fundamentals of the concepts of the formation and development of accounting. It is noted that accounting has a long history and has gone through several stages of formation and development from its inception to the present day. The study examines the fundamentals of the concepts of the formation and development of accounting from Ancient Egypt to modern conditions. It is noted (Fig. 1) that the concept of accounting has gone through five stages of formation and development since the emergence of property relations. According to the author, the concept of accounting should include approaches that can overcome the problems of the industry. In this regard, it is emphasized that one of the modern concepts of accounting, on which the prospects for the development of a modern accounting system depend, is the concept of digital accounting. The researcher notes that the concept of accounting in modern conditions should have all the necessary components, have a basis for such opportunities and be considered as an update of the legislative requirements necessary for the development of competitive economic entities. In conclusion, it is concluded that the concept of accounting, based on advanced domestic and international experience, can contribute to the development of science and practice in the field of accounting.

**Key words:** concept, accounting, business transactions, information, international accounting standards, market economy, business, digital economy, methodology, assets, management.

**Гузориши масъала.** Ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар давру замон аз мавҷудияти консепсияи комил ва муносиб вобаста мебошад. Асосҳои консептуалие, ки ҷиҳати самаранок гардонидани раванди идоракунию таҳлили маълумоти ҳисобдорӣ мусоидат менамояд, дар ҳама шароит мубрам арзёбӣ мегардад. Маҳз бо роҳи таҳқиқи заминаҳои консептуалӣ имконияти ташаккулдиҳӣ ва рушди баландсуръати баҳисобгирии муҳосибиро дарёфт намудан имконпазир аст.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Таҳқиқи асосҳои консептуалии баҳисобгирии муҳосибӣ дар таълифоти илмии муҳаққиқони ватанӣ, ба монанди: Хушвахтзода Қ.Х., Қурбонов А.К., Қодирова Г.Т., Бобиев И.А. ва муаллифони хориҷӣ: Соколов Я.В., Кондраков Н.П., Алборов А. П., Мамутова, Н.С. ба чашм мерасад.

**Мақсади мақола** аз муайянкунӣ ва ошкорсозии асосҳои консептуалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва дарёфти роҳҳои ташаккулу рушди он дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Натиҷаи омӯзиши заминаҳои консептуалии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ нишон дод, ки омили бартаридоштаи рушди устувори баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити кунунӣ ва давраи дарозмуддат ақидаҳои созандаи мутахассисони соҳаи ҳисобдорӣ маҳсуб меёбанд. Дақиқ гардид, ки рушди минбаъдаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба консепсияи дорои имкониятҳои инноватсионӣ – рақамӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, зарурат ба мавҷудияти консепсияе пеш меояд, ки он тавонад дар ҳама гуна шароит рушди баҳисобгирии муҳосибиро бо нигоҳдории мақоми муҳосиб таъмин намояд.

Дар ҳар давру замон баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба зарурати воқеӣ тамоюли муайяни ташаккул ва рушдро соҳиб аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ то ба имрӯз якчанд марҳилаҳои пешрафт ва рушдро паси сар карда, давра ба давра мукаммал гардидааст. Воқеъан, ҷамъияти инсонӣ аз аввал тамоюли мусбии рушдро соҳиб буд ва дар баробари он, фаъолияти хоҷагидории инсонмунтазам ташаккул меёфт. Консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки имрӯзҳо дар сатҳи мукаммал қарор дорад ва нисбатан мураккаб аст, дар ибтидои худ хело содда буд. Тибқи баъзе аз сарчашмаҳои таърихӣ, пайдо шудани хат (алифбо, осор) ва математика асоси бавуҷудоии баҳисобгирӣ дар шакли хаттӣ мебошанд. Вобаста ба ин, тибқи ақидаи олимони соҳа шароити муносибе, ки барои пайдоиши баҳисобгирӣ ва ташаккули консепсия он таъсири ҷиддӣ расонидааст, инҳо мебошанд: а) талабот ба мавҷудияти математика ва хат (алифбо, осор); б) то ба сатҳи назаррас мукаммал гардидани корҳои истеҳсолӣ [7, с.227].

Консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи тавсифи тачрибаи ҷаҳонӣ принсипҳои асосии назариявии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот мебошад [4, с.189]. Аммо, ба ин фаҳмиш ба пуррагӣ розӣ шудан ғайриимкон мебошад, чунки принсипҳои мазкур ба пуррагӣ назариявӣ шуда наметавонанд. Барои он ки мумкин аст, баъзе аз принсипҳои ба нуқтаи назар асосёфта дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ зарурати риоя карданро надошта бошад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, агар принсипҳои зикршуда назариявию амалӣ мебуд, пас онҳо метавонистанд консепсияи баҳисобгирии муҳосибиро аз як ҷиҳат ташкил намоянд. Аммо аз ҷониби дигар, консепсия, ки худ мафҳуми кул аст, бинобар ин, принсипҳо онро дар танҳоӣ бунёд карда наметавонанд. Қайд намудан ба маврид аст, ки ибораи консепсия қариб дар тамоми луғатҳо бо ибораи низом шарҳ дода шудааст, чунки консепсия аз ҷузъҳои ба ҳамдигар алоқаманд таркиб ёфтааст.


Дар натиҷаи пешрафи фаъолияти хоҷагидории субъектҳои ҳамонвақта баҳисобгирии муҳосибӣ танҳо ба пешбурди баруйхатгирию баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо қонеъ намегардид ва ба дигар принсипҳои пешбурди фаъолияти худ, ки онҳоро асосҳои консептуалӣ меноманд, зарурат пайдо намуд.

Миср нахустин тамаддуне ба шумор мерафт, ки ба мукаммалгардонии илмӣ баҳисобгирӣ шуруъ карда буд. Консепсияи баҳисобгирии Миср то дараҷае пеш рафта буд, ки амалиётҳои ҳаёти хоҷагидорӣ дар ҳуҷҷатҳо қайд мегардиданд ва ин ҳуҷҷатҳо вазифаҳои гуногунро низ иҷро мекарданд [11, с.217].

Консепсияи баҳисобгирӣ дар Мисри Қадим нисбатан дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфта буд, чунки меъёрии ҳуқуқии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ дар онҷо мавҷуд набуд [1, с.42]. Яке аз асосҳои муҳими консептуалӣ дар Мисри Қадим баруйхатгирӣ, баҳисобгирии ҷории воситаҳои моддӣ ва назорат маҳсуб меёфт. Мушкилоти асосии ташаккули консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Мисри Қадим он буд, ки ҳуҷҷатҳо далели иҷрои амалиёти хоҷагидорӣ маҳсуб намеёфтанд. Ҷой доштани мушкилоти қайдшуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки асосҳои консептуалии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Мисри Қадим ташаккул наёфтаанд.

Консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки унсури асосии таркибдиҳандаи он малакаҳои ҳисобкунӣ мебошад, дар Бобулистони Қадим ташаккул ёфтааст [11, с.61]. Омили асосие, ки барои ташаккули ин консепсия таъсири назаррас расонидааст, тиҷорат мебошад. Ба ақидаи мо, соҳаи тиҷорат, алалхусус манфиатҳо аз он тавонистаанд барои ташаккул ва рушди малакаҳои тоҷирон дар соҳаи ҳисобдорӣ мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, хусусияти асосии консепсияи баҳисобгирии муҳосибии Бобулистони Қадим дар он ифода меёбад, ки вай ба ташаккули донишу тачрибаи заминавӣ ва дар ниҳоят, ба сатҳи касбияти муҳосибон мусоидат кардааст.

Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ, консепсияи баҳисобгирии муҳосибии Бобулистони Қадим унсурҳои зеринро дар бар мегирад: а) малакаҳои ҳисобкунӣ; б) ҳуҷҷатгузорӣ; в) баҳисобгирии инвентарӣ; г) баҳисобгирии даромаду хароҷот.




**Расми 1. –** Марҳилаҳои ташаккул ва рушди консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ.

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти Соколов Я.В. Бухгалтерский учет: от истоков до наших дней / Я.В. Соколов. – М.: ЮНИТИ, 2017. – 458 с.

Баъди пайдо шудани пул аввалин шуда, баҳисобгирии арзишӣ дар Юнон ба вуҷуд омад [1, с.23], ки дар ин маврид асосҳои консептуалии ҳисобдорӣ ҷиҳати баҳсобгирии он равона шуда буданд. Воқеъан, дар шароити кунунӣ пул эквивалети ҳама молҳо баромад менамояд ва чунин хусусияти онро ба назар гирифта, тавассути он тамоми дороиҳо ва уҳдадориҳо дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ифода менамоянд. Аммо дар воқеъ, пул дар низоми баҳисобгирии

имрӯза ва дар тамоми консепсияҳо ҳамчун дороӣ эътироф карда мешавад. Бо назардошти муҳимияти пул консепсияи муосири баҳисобгирии муҳосибӣ бояд онро ҳамчун объекти муҳими низоми ҳисобдорӣ ҳамаҷониба мавриди баҳисобгирӣ ва назорати доимӣ қарор диҳад.

Аз маълумоти дар расми 1 ба низом даровардашуда дида мешавад, ки консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар як марҳила таркибдиҳандаҳои худро дорад. Аз таҳқиқи сарчашмаҳо бар меояд, ки вобаста ба шароити хоҷагидорӣ, зарурати воқеъии иқтисодиётро фарогиранда, доираи манфиатдорон, самти бартаридоштаи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ консепсияҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар марҳилаҳои муайянгардида ташаккул ёфтаанд. Ҳамчунин марҳилабандии ташаккули консепсияҳо тамоюли мусбии рушди илм ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, сифатан дигаргун гаштани механизми пешбурди корҳои ҳисобдорӣ ва ҳадафу вазифаҳои онро нишон медиҳад.

Консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ асосҳои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибиро дар шароити нави иқтисодие, ки дар мамлакат пайдо шуда истодааст, муайян менамояд [2]. Мазмуни ин нуқтаҳо дар он ифода меёбад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ нерӯи таъсиррасонӣ дорад, яъне консепсия асоси ташаккули низоми танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Воқеъан, консепсияи ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар як давру замон бо назардошти талаботи фаъолияти субъекҳои хоҷагидор махсусияти худро дорад. Вобаста ба ин, дар ҳама маврид зарур аст, ки ҷиҳати бунёди низоми комили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот асосҳои консептуалии он коркард шаванд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ, пеш гирифтани сиёсати дарҳои кушод ва дар ин замина, ҷалби сармояи хориҷӣ моро водор намуд, ки ба ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ гузарем. Ҳадафи ислоҳот аз бунёди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибии мувофиқ ба талаботи иқтисодӣ бозорӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ иборат буд. Дар чунин шароит танҳо коркард ва татбиқи чунин низоми ҳисобдорӣ метавонист, то ҷиҳати таъмини муқоисашавандагии иттилооти баҳисобгирию таҳлилӣ, ки барои доираи васеъи истифодабарандагон зарур буд, мусоидат намояд.

Тибқи консепсияи умумиқабулкардашуда пеш бурдани корҳои ҳисобдорӣ имконият медиҳад, ки субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва умуман, давлат сатҳи хароҷоти нолозимро коҳиш диҳад. Ба ақидаи мо, имрӯз вақти он расидааст, ки мақоми ваколатдор консепсияеро роҳандозӣ намояд, ки он тавонад ҷиҳати коҳишдиҳии хароҷоти ҷалби сармоя ба иқтисоди миллӣ, рушди тиҷорат, таъсиси ҷойҳои корӣ, коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ ва дар ниҳоят, рушди устувори иқтисодиёт мусоидат намояд.

Консепсияи ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуда бояд ҳатман ба шароити имрӯза, яъне шароити иқтисоди рақамӣ мувофиқ гардонида шавад. Дар ин самт зарур мешуморем, ки асосҳои консептулии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба меъёрҳои консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг карда шавад. Дигар нуқтаи муҳим баланд бардоштани сатҳи тахассусмандӣ ва касбияти муҳосибон мебошад, ки набояд мадди назар карда шавад. Роҷеъ ба ин масъала иқтисодчиёни ватанӣ Хушвахтзода Қ.Х., Бобиев И.А. қайд менамоянд, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ моҳият ва нақши касби муҳосиб боз ҳам баланд мегардад, аз ин рӯ, мутахассисон дар ин равия бояд ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат омода карда шаванд [13, с.403-404]. Воқеъан, татбиқи консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бе назардошти муҳосибони ҳирфавӣ дар ин самт имконнопазир аст. Алалхусус дар шароите, ки рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ бо маром идома дорад,

баланд бардоштани донишҳои муҳосибонро оид ба афзалиятҳои рақамии соҳаи ҳисобдорӣ амри зарурӣ меҳисобем. Баъзе мутахасисон иброз медоранд, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ вазифаҳои муҳосибон зиёд мешавад, яъне агар ибтидо онҳо вазифаҳои баҳисобгириюро назоратиро иҷро мекарданд, пас имрӯзҳо ба уҳдаи онҳо иҷрои вазифаи иттилоотию идоракунӣ низ илова карда шудааст [5, с.289].

Ба ақидаи мо, имрӯзҳо консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ бояд равишҳоеро дар бар гирад, ки тавонад мушкилоти соҳаро бартараф созад. Баъзе мутахассисони соҳа чунин назари илмӣ доранд, ки солҳои охир дар назди баҳисобгирии муҳосибӣ аслан ду мушкилоти асосӣ ҷой дорад: а) баланд бардоштани манфиатнокии иттилооти баҳисобгирӣ барои истифодабарандагон; б) рушди баҳодиҳии арзиши одилонаи дороиҳо ва уҳдодориҳо [8, с.72]. Воқеъан, даҳсолаи охир мушкилотҳои зикршуда тавонистанд ба рушди илми баҳисобгирии муҳосибӣ ва касби муҳосиб таъсир расонанд. Ба ақидаи мо, ин мушкилиҳо ҷиддӣ буда, метавонанд манфиатнокии илми баҳисобгириро аз байн баранд ва нагузоранд, ки муҳосиб вазифаҳои дар наздаш гузошташударо фавран ва сари вақт иҷро намояд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки асосҳои консептуалии низоми баҳисобгирии муҳосибии муосир ҷиҳати ҳалли онҳо мусоидаткунанда бошанд. Дар сурате, ки консепсияи амалкунанда ҷиҳати ҳаллли онҳо қодир нест, пас маълум мегардад, ки такмил ва рушди он амри зарурӣ мебошад. Оид ба рушди ҳамаҷонибаи низоми баҳисобгирии муҳосибии миллӣ иқтисодчиёни ватанӣ низ нуқтаи назри худро доранд. Масалан, Қурбонов А.К., Қодирова Г.Т. қайд менамоянд, ки имрӯзҳо низоми баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ ба рушди амалия ва назария эҳтиёҷ дорад. Ба ақидаи онҳо дар шароити кунунӣ зарурати ягонакунии баҳисобгирии муҳосибӣ ва такмили асосҳои назариявию заминаҳои методологии он вуҷуд дорад [6, с.76].

Яке аз консепсияҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дурнамои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии имрӯза ба он вобаста аст, консепсияи баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ мебошад. Имрӯзҳо дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҷараёнҳои зерини рақамикунонӣ ба чашм мерасанд: а) коркарди нақшаи ҳисобҳо – бо механизми мушаххаси баҳисобгирии муҳосибӣ; б) коркарди намудҳои нави баҳисобгирӣ, аз қабили баҳисобгириҳои трансаксӣ ва иҷтимоӣ; в) коркарди воситаҳои нави баҳисобгирӣ, ба монанди амсилаҳо, барномаҳои компютерӣ, мегабаланси зеҳнӣ, мегабаланси сохторӣ [12]. Объекти баҳисобгирии рақамӣ одамон, тиҷорат ва воситаҳо мансуб мебошанд [3]. Ба ақидаи иқтисодчиён усули рақамии баҳисобгирӣ ба нақшаи ҳисобҳои сохторӣ асос ёфтааст. Бартарии усули рақамӣ дар он ифода меёбад, ки рафти баҳисобгирӣ бо меъёри онлайн ва сарфаи вақт амалӣ мегардад. Натиҷаи истифодабарии усули рақамии баҳисобгирӣ муайянкунӣ ва дар низоми баҳисобгирӣ нишон додани арзиши эътимодноки дороиҳо ва уҳдадориҳои холис мебошад.

Таҳқиқот нишон дод, ки консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити кунунӣ бояд чунин имкониятҳоро дошта бошад:

1.Таҳия намудани иттилооти зарурӣ ба шарикони иқтисодию иҷтимоӣ оид ба асосҳои ташкил ва пешбурди хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ.

2.Дар шароити дигаргуниҳои ҳаёти иқтисодӣ барои навкунии талаботҳои алоҳидаи қонунгузории соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мусоид бошад.

3.Ҷиҳати рафъи мушкилоти методологӣ, ки қонунгузории соҳаи ҳисобдорӣ онро пешбинӣ накардааст, қабули қарорҳо муносиб.

4.Баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти фаъолияти субъекти иқтисодӣ, аз тариқи таҳияи иттилооти дақиқ ва ба дурнамои рушди ҷонибҳо мусоидаткунанда бо мақсади зиёд намудани шарикони иқтисодӣ.

**Ҳамин тавр,** дақиқ гардид, ки консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ ва шароити иқтисоди рақамӣ аз асосҳои бунёдии низоми баҳисобгирии муҳосибии амалкунанда, ки ба низому шароити зикршуда муносиб аст, вобаста мебошад. Консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир бояд ба донишҳои навини мутахассисоони соҳа, меъёрҳои ниҳодӣ ва даствовардои нави илмӣ – амалӣ асос ёфта, ба шароити иқтисодиёти кишвар мувофиқ бошад. Тавре дар боло қайд намудем, имрӯзҳо консепсияи соҳаи ҳисобдорӣ қариб дар дилхоҳ кишвари дунё наметавонад дар танҳоӣ меъёрҳои низоми баҳисобгирии миллиро фаро гирад. Чунки раванди ҷаҳонишавӣ, наздик кардани таҷрибаи миллӣ ба таҷрибаи байналмилалӣ, ҳамгироии иқтисодӣ ва дигар самтҳои афзалиятноке мавҷуданд, ки барои рушди устувори иқтисодиёти кишварҳо муҳим арзёбӣ мегарданд. Бо назардошти нуқтаҳои қайдшуда, консепсияи баҳисобгирии муҳосибиро, ки ба таҷрибаи пешрафтаи миллию ҷаҳонӣ асос

меёбад, ҷонибдорӣ намуда, татбиқи онро дар субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди илму амалияи соҳаи ҳисобдорӣ мубрам мешуморем.

**Адабиёт**


1.Алборов А. П. Основы бухгалтерского учета / А. П. Алборов. - М.: Издательство «Дело и сервис», 2018. - 205 с.

2.Варламов А.В. Концепции бухгалтерского учета в рыночной экономике // Бухгалтерское приложение к газете «Экономика и жизнь», выпуск 6 , 2014.

3.Графова Т.О. Модель финансового, трансакционного, управленческого и стратегического учета интеллектуального капитала// РИНХ, 2015.

4.Кондраков Н.П. Бухгалтерский учет. - М.: Институт профессиональных бухгалтеров России. Информационное агентство «ИПБ–БИНФА», 2014.–841 с.

5.Котова, К. Ю. О необходимости совершенствования Концепций бухгалтерского учета и отчетности в России / К. Ю. Котова, П. В. Алексеева // Актуальные вопросы современной экономики. – 2019. – № 1. – С. 286-294.

6.Курбонов А.К. Влияние интеграционных процессов на реформу системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан / А.К. Курбонов, Г.Т. Кодирова // В сборнике: ЭКОНОМИКА, БИЗНЕС, ИННОВАЦИИ. сборник статей XXII Международной научно-практической конференции. Пенза, 2023. С. 74-78.

7.Мамутова, Н.С. Эволюция бухгалтерского учёта: от древности до наших дней / Н. С. Мамутова // Современный менеджмент и управление: тенденции и перспективы развития : Сборник научных трудов / Под общей редакцией М.Н. Стефаненко. – Симферополь : Индивидуальный предприниматель Хотеева Л.В., 2020. – С. 226-231.

8.Мурашова Ю.Г. О современном содержании профессии "бухгалтер"// Развитие учетно-аналитической и контрольной системы в условиях глобализации экономических процессов. 2014. С.69-75.

9.Орзуев, П. Ҷ. Хусусиятҳои аудити самаранокӣ дар низоми аудити мустақили давлатӣ / П. Ҷ. Орзуев, Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 83-90.

10.Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119.

11.Соколов Я. В. Бухгалтерский учет: от истоков до наших дней / Я. В. Соколов. - М.: ЮНИТИ, 2017. - 458 с.

12.Солошенко Р.В. Систематизация синергетических эффектов в экономике. –Курск, 2014.

13.Хушвахтзода Х.К. Подготовка специалистов бухгалтерского учета в республике таджикистан в условиях цифровой экономики / Х.К. Хушвахтзода, И.А. Бобиев // Вестник Кыргызского национального аграрного университета им. К.И. Скрябина. 2021. № 2 (56). С. 396-404.



**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Нуралиев Умедҷон Маҳмадалиевич**-унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14. Телефон: 88-999-99-32; E-mail: umed3096@mail.ru

**Сведения об авторе**

**Нуралиев Умеджон Махмадалиевич**-соискатель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета по специальности 08.00.08 – Бухгалтерский учет и аудит. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 88-999-99-32; E-mail: umed3096@mail.ru

**About the author**

**Nuraliyev Umedjon Makhmadalievich**-applicant of the accounting department of the Tajik State University of Finance and Economics, specialty 08.00.08 - Accounting and audit. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Telephone: 88-999-99-32; E-mail: umed3096@mail.ru

**УДК: 330.342.24**

# ИНФРАСОХТОРИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ИДОРАКУНӢ

**Фаррухи М.Т.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Мақола ба мавзӯи инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун объекти идоракунӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола диққати худро ба низоми идоракунии инноватсионии тиҷорати электронӣ равона кардааст. Дар асоси ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ муҳтавои инфрасохтори инноватсиониро аз диди худ пешниҳод кардааст. Ҳамзамон унсурҳои инфрасохтори инноватсионии миллиро пешниҳод намуда, хусусиятҳои хоси фарқкунандаи иқтисодиёти муосир ба таври мукаммал шарҳ додааст. Муаллиф ба он ақидааст, ки фаъолияти инноватсионӣ маҷмӯи қадамҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хоси худро доранд ва ба сӯи ҳадафи умумӣ, яъне эҷоди маҳсулот ё технологияи нав равона шудаанд.

**Калидвожа:** иқтисодиёт, инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ, технологияҳои иттилоотӣ, тиҷорати электронӣ, рақамикунонӣ, идоракунӣ, инфрасохтор.

**Барои иқтибос:** Фаррухи, М. Т. Инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун объекти идоракунӣ / М. Т. Фаррухи // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 230-235.

# ИННОВАЦИОННАЯ ИНФРАСТРУКТУРА КАК ОБЪЕКТ УПРАВЛЕНИЯ

**Фаррухи М.Т.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация**. Статья посвящена инновационной инфраструктуре как объекту управления. Автор концентрируется на системе управления инновациями в электронной коммерции. Основываясь на мнениях отечественных и зарубежных ученых, он представляет свое видение содержания инновационной инфраструктуры. Одновременно автор описывает элементы национальной инновационной инфраструктуры и подробно раскрывает отличительные особенности современной экономики. Автор считает, что инновационная деятельность включает в себя совокупность взаимосвязанных шагов, каждый из которых имеет свои уникальные характеристики и направлен на достижение общей цели, то есть создание нового продукта или технологии.

**Ключевые слова:** экономика, инновации, инновационная деятельность, информационные технологии, электронная коммерция, цифровизация, управление, инфраструктура.

# INNOVATIVE INFRASTRUCTURE AS AN OBJECT OF MANAGEMENT

**Farrukhi M.T.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract.** This article examines innovation infrastructure as a management objective. The author focuses on the innovation management system in e-commerce. Drawing on the insights of domestic and international scholars, he presents his vision of the content of innovation infrastructure. He also describes the elements of national innovation infrastructure and details the distinctive features of the modern economy. He believes that innovation involves a set of interconnected steps, each with its own unique characteristics and aimed at achieving a common goal: the creation of a new product or technology

**Keywords**: economy, innovation, innovative activity, information technology, e-commerce, digitalization, management, infrastructure.

**Гузориши масъала.** Дар замони ҷаҳонишавӣ ва тавсеъи ҳамгироии минтақавӣ, бахусус дар доираи як фазои ҷуғрофӣ, рушди инфрасохтор барои амалӣ

кардани имкониятҳои тиҷоратии минтақаҳо ва ҳавасмандгардонии тиҷорати байниминтақавӣ, ҳамзамон бо беҳтар кардани инфрасохтори бозор, хеле муҳим аст. Инфрасохтори бозорӣ равандҳои мубодилавии байни субъектҳои хоҷагидорро таъмин намуда, дар механизми ташаккулёбӣ ва рушди бозор ҳамчун институти муҳим баромад мекунад, ки дар набудани он фаъолият ғайри имкон аст [1].

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Дар кори мазкур таҳқиқотҳои олимон, Солеҳзода А.А., Комилов С.Дж., Ашуров М.Н., Гайфутдинова О.С., Косимов Ф.У., Лоева Я.А., Райхлина А.В., Раҳматзода Ҳ.Б., Соколов Д.С. мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади мақола** ин омӯзиши инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун объекти идоракунӣ мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Тиҷорати муосири байналмилалӣ бо дарназардошти ҷаҳонишавӣ ва пешрафти технологӣ рушд мекунад, ки ин дар соҳаи тиҷорати электронӣ хеле намоён аст.

Гузариши муваффақонаи кишвар ба иқтисоди инноватсионӣ мустақиман бо самаранокии ташаккули низомҳои миллии инноватсионӣ ва минтақавӣ алоқаманд аст. Дар ин ҷо ҳамкории ҳамаҷонибаи илм, маориф, муассисаҳои молиявӣ ва тиҷорат (ҳам хурд ва ҳам калон) муҳим аст. Аҳамияти махсус ба эҷоди муҳити институтии дар минтақаҳо, ки тавлид, паҳншавӣ ва татбиқи навовариҳоро ҳавасманд мекунад, дода мешавад, ки ин ба навбати худ ба рушди бахши саноат мусоидат мекунад.

Воқеан бахши саноат барои такмилдиҳии фаъолияти инноватсионӣ дар шароити муосир нақши калидӣ мебозад, зеро дар истеҳсолот фаъолит намудан бе инноватсия ғайриимкон аст.

Дар шароити муосир барои ҳар як кишвар рушди иқтисодиёти худ ниҳоят муҳим аст ва навовариҳо дар таъмини устувор ва дарозмуддат будани он нақши асосӣ мебозанд. Барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, бунёди инфрасохтори самараноки инноватсионӣ зарур аст, ки он ба ҷорӣ намудани таҳияҳои нав ва ба роҳ мондани ҳамкории байни бизнес, давлат ва илм мусоидат мекунад. Дар адабиётҳои илмӣ ва тадқиқотҳои зиёд доир ба масъалаҳои мазкур ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Мафҳумҳои инфрасохтори инноватсионӣ дар ҷадвали якум ба таври васеъ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Ақидаҳои олимони соҳа**

| Муаллиф | Муҳтаво |
|---|---|
| Соколов Д.С. [9]. | "...инфрасохтори инноватсионӣ маҷмуи ташкилотҳое, ки ба фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва навоварони алоҳида хизмат мерасонанд" |
| Райхлина А.В [7]. | "...мафҳуми инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ (институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, марказҳои инноватсионию технологӣ, паркҳои технологӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, марказҳои истифодаи коллективӣ, фондҳои рушд ва дигар ташкилотҳои махсусгардонидашуда), захираҳо ва воситаҳое, ки барои фаъолияти инноватсионӣ хизматрасониҳои моддию техникӣ, ташкилӣ, методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ ва дигар хизматрасонӣ доранд" |
| Лоева Я.А. [5]. | "...инфрасохтори фаъолияти инноватсионӣ маҷмуи муассисаҳо, ташкилотҳое мебошад, ки онҳоро ташкил медиҳанд ва фаъолиятҳое, ки аз ҷониби онҳо амалӣ карда мешаванд, ки раванди инноватсиониро аз ҷиҳати фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ таъмин мекунанд" |

| | |
|---|---|
| Раҳматзода Ҳ.Б. [8] | “...маҳз инфрасохтори инноватсионӣ дастрасиро ба захираҳои мухталиф таъмин намуда, худ иқтидори рушди иқтисодӣ мебошад” |
| Гайфутдинова О.С. [2]. | “...инфрасохтори инноватсиониро ҳамчун ташкилотҳое, ки фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва навҷорисозонро хидмат ва таъмин менамоянд, таъриф медиҳанд” |
| Комилов С.Дж [3]. | “...инфрасохтори инноватсионӣ маҷмӯи ташкилотҳое мебошанд, ки барои амалисозии фаъолияти инноватсионӣ заруранд” |
| Солеҳзода А.А [10]. | “...инфрасохтори бозор дар худ маҷмуи ҷузъҳо, институтҳо ва намудҳои фаъолиятеро инъикос менамояд, ки барои фаъолияти самараноки механизми бозор шароити мусоид фароҳам меоранд” |
| Нусратзода М. Н [6]. | “...инфрасохтори инноватсионӣ ин худ маҷмуи сохторҳои ба ҳам алоқаманд, ки ба татбиқи фаъолияти инноватсионӣ ва хизматрасониҳои алоҳида равона карда шудаанд” |
| Косимов, Ф. У [4]. | “...фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ин фаъолияти тиҷоратиест, ки ба гирифтани фоида тавассути эҷод, ҷорӣ намудан ва тиҷоратикунонии навовариҳо нигаронида шудааст, щамзамон таъминкунандаи инфрасохтори инноватсионӣ мебошад” |

Аз ақидаҳои олимон бар меояд, ки инфрасохтори инноватсионӣ шабакаи ташкилотҳо ва муассисаҳои ба ҳам алоқаманд буда, барои таъмини равандҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт пешбинӣ шуда, дастгирии ҳамаи марҳилаҳои давраи инноватсиониро дар бар мегирад. Инчунин ҳамчун низоме муайян карда мешавад, ки ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дастрасӣ ба захираҳои зарурӣ, аз ҷумла дастгирии давлатиро фароҳам меорад. Дигар нуқтаи назар онро ҳамчун маҷмӯи шароитҳое медонад, ки ба рушди инноватсия мусоидат мекунанд. Қобили зикр аст, ки зерсистемаҳои инфрасохтори инноватсионӣ мавҷуд аст, ки барои рушди соҳибкории инноватсионӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Бояд қайд кард, ки инфрасохтори инноватсиониро метавон ба якчанд зерсистемаҳо ҷудо намуд, ки он барои пурра гардонидани инфрасохтор равона карда шудааст, метавонем онро дар расми навбатӣ мушоҳида намоем.

Бояд қайд намуд, ки пеш аз ҳама сухан дар бораи дастгирии ширкатҳои хурд дар соҳаи технологияҳои баланд фаъолияткунанда меравад.

Блоки молиявӣ- ташкилотҳоеро дар бар мегирад, ки лоиҳаҳои гуногунро маблағгузорӣ менамоянд. Дар ин ҷо фондҳои гуногун новобаста аз шакли фаъолияташон (давлатӣ ё хусусӣ), нақши асосиро мебозанд. Ҳадафи асосии ин блок таъмини фоидаоварии инноватсияҳо мебошад. Ин барои нигоҳ доштани устувории низоми молиявӣ зарур аст, зеро шумораи зиёди лоиҳаҳои зиёновар метавонад боиси тамом шудани захираҳо ва қатъ шудани фаъолияти ташкилотҳои маблағгузор гардад.

Инфрасохтори инноватсионии истеҳсолӣ-технологӣ – унсури калидӣ барои роҳандозии истеҳсоли маҳсулот ё хизматрасониҳои нав. Он технопаркҳову марказҳои инноватсионии технологӣ, мавқеъҳои ҷоринамоии техникиву технологиро дар бар гирифта, захираҳои зарурии истеҳсолӣ ва таҷрибаро фароҳам меорад. Маҳз ҳамин блок барои рушди соҳа ва дар бозор мавқеъ пайдо намудан кумаки калон мерасонад, ҳамзамон ба воситаҳои ҳамин блок бештари соҳибкорони инноватсионӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонанд.




**Расми 1. Унсурҳои инфрасохтори инноватсионии миллӣ** [6]

Инфрасохтори инноватсионии блоки иттилоотӣ маҷмӯи сохторҳо ва захираҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки дастгирӣ ва татбиқи фаъолияти инноватсиониро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин мекунанд. Он ташкилотҳоеро дар бар мегирад, ки хизматрасониҳоро оид ба эҷод, паҳн ва ҷорӣ намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои инноватсионии иттилоотӣ пешниҳод мекунанд. Дар ин росто метавон тамоми таъминоти иттилоотии фаъолияти кориро дохил намуд.

Инфрасохтори инноватсионӣ дар соҳаи идораи кадрҳо ду вазифа дорад: якум, ҳамчун платформаи таълим ва рушди кадрҳо, пешниҳоди курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва тайёрии касбӣ; дуюм, таъмини бевоситаи ташкилотҳо бо мутахассисони баландихтисос. Муассисаҳои таълимӣ, лабораторияҳои таълимӣ ва марказҳои омӯзиши амалӣ дар ин раванд нақши муҳим мебозанд.

Барои дастгирии фаъолияти инноватсионӣ доираи васеи захираҳо, аз қабили пойгоҳҳои додаҳои иттилоотӣ, марказҳои интиқоли технология ва иттилооти илмӣ-техникӣ, бизнес-инкубаторҳо, муассисаҳои таълимӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, марказҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос пешниҳод

карда мешаванд. Ҳамаи ин ташкилотҳо дар як блоки иттилоотӣ-машваратӣ муттаҳид шудаанд, ки дастрасӣ ба иттилоот ва машваратҳоро таъмин мекунад ва ғайраҳо. Маҳз ҳамин блок барои портали иттилоотӣ, ки асоси муаррифӣ ба шумор меравад нақши калон мебозад.

Гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ бо тағирёбии майдони ҷустуҷӯи бартариҳои асосии рақобатӣ тавсиф мешавад, ки дар тақвияти нақши дороиҳои ғайримоддӣ ва тавсеаи сармоягузорӣ ба сармояи зеҳнӣ, ки тавассути рушди инфрасохтори инноватсионӣ ташаккул меёбад, зоҳир мегардад. Рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар шароити имрӯза имконият фароҳам меорад, ки вазифаҳое, ки дар ҳадафи саноатикунонии босуръат гузошта шудааст, дар амал татбиқ карда шавад. Маврид ба зикр аст, ки Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо корхонаҳои соҳавӣ кушиш ба он карда истодаанд, ки ҳарчи зудтар вазифаҳои гузошташударо дар амал татбиқ намоянд. Хусусиятҳои фарқкунандаи рушди иқтисодиёти саноатӣ ва пасиндустриявӣ дар кори Ю. В. Вертакова ба таври васеъ оварда шудааст, ки натиҷаи он дар ҷадвал нишон дода шудааст [11].

**Ҷадвали 2. Хусусиятҳои хоси фарқкунандаи иқтисодиёти муосир**

| **Хусусиятҳо** | **Давра** | |
|---|---|---|
| | Индустриалӣ | Инноватсионӣ |
| | (асри XX) | (асри XXI) |
| Омилҳои стратегии рушди иқтисодиёти инноватсонӣ | Таҷрибаи истеҳсолӣ | Донишҳои илмӣ |
| Сармояҳои асосӣ | Ҷисмонӣ | Ақлонӣ |
| Дороиҳои афзалиятноки муосир | Моддӣ | Ғайримоддӣ |
| Бартариҳо | Технологияи инноватсионӣ | Навовариҳои технологӣ дар низоми идоракунӣ |
| Ҳадафҳо ва стратегияҳои муҳим дар иқтисодиёти ҷаҳон | Табодули сармоя миёни кишварҳо | Интиқоли дониш ва технологияи инноватсионӣ |
| Формулаи асосии истеҳсолот | Сармоя ва меҳнат | Сармоя ва институтҳои илмиву тадқиқотӣ |
| Ҷараёни инноватсионӣ | Даврагӣ | Доимӣ, идорашаванда |

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҷараёни инқилоби технологиву инноватсия, дониш, малака, натиҷаҳои тадқиқот ва навовариҳо аз як ташкилот ё соҳаи фаъолият ба ташкилоти дигар, барои истифода ё мутобиқсозӣ дар дигар ташкилотҳо ё соҳаҳои фаъолияти самаранок дорад. Ногуфта намонад, ки дар ин росто гуфтан ба маврид аст, ки ҷорӣ намудани инноватсия на танҳо ба фаъолияти кории корхона ва соҳибкорӣ таъсири мусбӣ дорад, балки ба фаъолияти дилхоҳ соҳа метавонад таъсирбахш бошад. Чи тавре, ки ба ҳамагон маълум аст айни ҳол фаъолияти дилхоҳ соҳа бе дар амал ҷори намудани технологияҳои инноватсионӣ ғаёриимкон аст.

Тамоюлҳои муосир, ки ба тағир додани асосҳои муқаррарии бозор дар муҳити беруна ва дохилии иқтисодии корхонаҳо нигаронида шудаанд, барои идоракунии равандҳои рушди инфрасохтори корхонаҳо бо таваҷҷӯҳ ба рушди инфрасохтори инноватсионӣ талаботи нав ба миён мегузоранд, чунки аз инфрасохтори инноватсионӣ тамоми кор вобастагии калон дорад.

Фаъолияти инноватсионӣ маҷмӯи қадамҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои

хоси худро доранд ва ба сӯи ҳадафи умумӣ – эҷоди маҳсулот ё технологияи нав равона шудаанд. Ин раванд таҳқиқоти илмӣ, таҳия ва татбиқ, инчунин ҷанбаҳои молиявӣ ва тиҷоратиро дар бар мегирад. Ҷараёни идоракунии инноватсиониро дар фаъолияти корхона ба стратегияи лоиҳакашии инноватсионӣ, татбиқи инноватсия ва назорат ҷудо намудан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, гуфтан ба маврид аст, ки марҳилаҳои зикршуда як низоми ягонаи менеҷменти стратегии инноватсиониро ба вуҷуд меорад, ки идоракунии самараноки ҳамаи ҷузъҳои корхонаро, ки дар расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ҷалб шудаанд, таъмин мекунад. Барои таъмини ин ҳамбастагӣ шакли мувофиқи ташкилӣ зарур аст.

**Адабиёт**


1. Ашуров, М. Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа / М. Н. Ашуров, Б. Ҷ. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – P. 130-137.
2. Гайфутдинова О.С. Инновационная экономика как цель структурной модернизации / О.С. Гайфутдинова // В мире научных открытий. - 2010. - №3
3. Комилов С.Дж. Некоторые особенности формирования инновационной инфраструктуры национальной экономики / С.Дж. Комилов // Вестник национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. - №6. - ч. I. - С.18
4. Косимов, Ф. У. Значение сферы услуг и инноваций в развитии национальной экономики / Ф. У. Косимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/6(210). – С. 17-21.
5. Лоева Я.А. Инновационная инфраструктура, инфраструктура инновационной деятельности и национальная инновационная система: в чем разница?/ Я.А. Лоева, П.А.Гольцова // Современные тенденции развития науки и технологий. 2016. № 12-10. С. 84-86
6. Нусратзода, М. Н. Асосҳои назариявии Ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори инноватсионии минтақавӣ дар шароити муосир / М. Н. Нусратзода, Ф. Ҳ. Давлатов // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2023. – No. 3(54). – P. 201-210
7. Райхлина А.В. Формирование и развитие инфраструктуры инновационной деятельности: Автореферат дисс. ... канд. экон. наук. - Ярославль, 2012. – 26 с
8. Раҳматзода Ҳ.Б. Инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи шароитҳо барои пешбурди фаъолияти инноватсионӣ/ Ҳ.Б. Раҳматзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. № 5. С. 52-57
9. Соколов, Д.С. Инновационная инфраструктура в современной России: понятие, содержание, особенности / Д.С. Соколов, Н.С. Томилина // Инновационная наука. - 2016. - №. 11 (13). - С. 172-177
10. Солеҳзода А.А. Нақши инфрасохтори бозор дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ/А.А.Солеҳзода, М.Н.Ашуров//Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021. № 1.- С. 231- 236
11. Управление инновациями: теория и практика : учеб. Пособие. / Ю. В. Вертакова, Е. С. Симоненко. - М.: Эксмо, 2008. - 432 с.



**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Фаррухи Муҳаммадисо Табарзода**–ассистенти кафедраи низоми иттилоотӣ-инноватсионӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: 91.farrukh@mail.ru. Телефон: (+992) 904282827

**Сведения об авторе**

**Фаррухи Мухаммадисо Табарзода**-ассистент кафедры информационно инновационных систем в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: 91.farrukh@mail.ru. Телефон: (+992) 904282827

**About the author**

**Farrukhi Muhammadiso Tabarzoda**-Assistant of the Department of Information Innovation Systems in Economy of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: 91.farrukh@mail.ru. Phone: (+992) 904282827

**УДК: 338.48**

# СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ТУРИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**Сохибов А.Н.**
Институт водных проблем, гидроэнергетики и экологии НАНТ

**Анотация.** В статье рассматриваются актуальные тенденции развития экологического туризма в Республике Таджикистан в контексте глобальных вызовов устойчивого развития. Проведен анализ природно-ресурсного потенциала страны, выявлены ключевые проблемы, препятствующие эффективному развитию данного сектора, включая инфраструктурные ограничения, нехватку квалифицированных кадров и слабую институциональную поддержку. Особое внимание уделяется перспективным направлениям экологического туризма, таким как этноэкологический и аграрный туризм, а также возможностям интеграции местных сообществ в туристическую деятельность. В заключение предложены рекомендации по совершенствованию государственной политики и механизмов стимулирования устойчивого экологического туризма в Таджикистане.

**Ключевые слова**: экологический туризм, устойчивое развитие, Таджикистан, природный потенциал, туризм, инфраструктура, этнотуризм, агротуризм, местные сообщества, туриндустрия.

**Для цитирования:** Сохибов, А. Н. Современные тенденции развития экологического туризма в Таджикистане: проблемы и перспективы / А. Н. Сохибов // Финансово-экономический вестник. – 2025. № 4(47). – С. 236-242.

# ТАМОЮЛҲОИ МУОСИРИ РУШДИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**Сохибов А.Н.**
Институти проблемахои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ

**Анататсия.** Дар мақола тамоюлҳои кунунии рушди сайёҳии экотуризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи мушкилоти глобалии рушди устувор баррасӣ карда мешавад. Таҳлили нерӯи захираҳои табиии кишвар гузаронида шуда, мушкилоти асосии рушди босамари ин бахш, аз ҷумла маҳдудияти инфрасохторӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос ва дастгирии сусти институтсионалӣ муайян карда шуданд. Диққати махсус ба самтҳои ояндадори туризми экологӣ, аз қабили туризми этноэкологӣ ва кишоварзӣ, инчунин имкониятҳои ҳамгироии ҷомеаҳои маҳаллӣ ба фаъолияти сайёҳӣ дода мешавад. Дар ҷамъбаст барои такмили сиёсати давлатӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии экотуризми устувор дар Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** экотуризм, рушди устувор, Тоҷикистон, иқтидори табиӣ, сайёҳӣ, инфрасохтор, этнотуризм, агротуризм, ҷамоатҳои маҳаллӣ, саноати сайёҳӣ.

# CURRENT TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF ECOTOURISM IN TAJIKISTAN: PROBLEMS AND PROSPECTS

**Sokhibov A.N.**
Institute of Water Problems, Hydropower, and Ecology of the NAST

**Anotation.** The article discusses current trends in the development of ecotourism in the Republic of Tajikistan in the context of global challenges to sustainable development. An analysis of the country's natural resource potential is conducted, key problems hindering the effective development of this sector are identified, including infrastructure limitations, shortage of qualified personnel and weak institutional support. Particular attention is paid to promising areas

of ecotourism, such as ethnoecological and agrarian tourism, as well as the possibilities of integrating local communities into tourism activities. In conclusion, recommendations are proposed for improving public policy and mechanisms for stimulating sustainable ecotourism in Tajikistan.
**Key words:** ecotourism, sustainable development, Tajikistan, natural potential, tourism, infrastructure, ethnotourism, agrotourism, local communities, tourism industry.

**Постановка проблемы.** В последние десятилетия экологический туризм (экотуризм) превратился в одну из самых перспективных отраслей мировой туристской индустрии. Он возник как своеобразная «ответная реакция» на экологические вызовы и стремительно набирает популярность среди людей, которые хотят не просто отдыхать в красивых местах, но и осознавать свою ответственность за сохранение природы. Вместе с тем, несмотря на то, что экотуризм существует уже более 40 лет, он до сих пор не имеет единого и чёткого определения. Тем не менее, одно остаётся неизменным: основное внимание в экологическом туризме уделяется бережному отношению к природным ресурсам, учёту интересов местных сообществ и стремлению к сохранению природного и культурного наследия [2].

**Анализ последних исследований и публикаций.** Исследования по данной теме проводились Белоусовым К.Ю., Биржаков М.Б., Воскобойникова Н.Н., Григорьева В.В., Бобров А.Л., Давлатзода Д.А., Дроздов А.В., Каримов А.И., Колбовский Е.Ю., Куприна Л.Е., Нозирзода Ш. С., Овсянникова С.А. и другими исследователями.

**Цель исследования** – оценить современные тенденции развития экотуризма в стране.

**Изложение основного материала.** Таджикистан – страна возможностей для активного туризма: горные хребты, кристально чистые озёра, нетронутая дикая природа и впечатляющее разнообразие флоры и фауны. Всё это создаёт огромный потенциал для развития экологического туризма. Однако, как это часто бывает, один только потенциал не гарантирует успеха. Важны системные меры по развитию инфраструктуры, повышению уровня экологического образования и рациональному управлению природными ресурсами [3, 88].

Скептически напрашивается вопрос: «Неужели можно развивать туризм, одновременно сохраняя при этом хрупкие экосистемы?». Ответ будет утвердительным, но при условии, что мы будем учитывать принципы устойчивого развития, признав долгосрочную ценность природных территорий. Именно поэтому в данной статье речь пойдёт о том, как сбалансировать экономические выгоды и экологическую ответственность, а также о том, почему экотуризм может стать для Таджикистана катализатором позитивных социальных и экономических перемен.

Устойчивое развитие, обретшее популярность в конце XX – начале XXI века, подразумевает гармонию между социально-экономическим ростом и сохранением окружающей среды для будущих поколений [1]. Туризм, как сектор экономики, тесно взаимодействует с экологией. С одной стороны, он опирается на красоту и ресурсный потенциал природы, с другой — может нанести ей урон, если не применять взвешенный подход к планированию и эксплуатации рекреационных зон [5].

Экотуризм здесь выступает «золотой серединой». Он ориентирован на сохранение природной среды, на привлечение местных жителей к деятельности, связанной с туризмом, и на развитие их экономического и культурного потенциала [2]. По мнению российского исследователя М.Б. Биржакова, экотуризм — это универсальная концепция, нацеленная не только на изучение природных красот, но и на привнесение ощутимой пользы для тех регионов, куда приезжают туристы.

«Ловушка» для тех, кто занимается экотуризмом - это желание быстро получить прибыль, забывая о

долгосрочных экологических последствиях. Строительство больших отелей и иных туристических объектов без чёткого соблюдения экологических норм приводит к тому, что в погоне за заработком можно безвозвратно испортить природу. Как подчёркивает А.Л. Бобров, туризм имеет двоякий характер: он может служить драйвером социально-экономического развития, но при неправильном управлении способен стать угрозой для хрупких экосистем [3, 88]. И это не просто чьи-то пессимистичные прогнозы — это реальность, которую мы наблюдаем в разных частях света.

По данным Главного управления Пограничных войск Государственного Комитета национальной безопасности Республики Таджикистан, в 2019 году страну посетили 1 миллион 257 тысяч туристов. Но мировой кризис, вызванный пандемией COVID-19, внёс ощутимые коррективы: в 2020 году количество туристов сократилось до 350 тысяч, а в 2021 году — до 296 тысяч человек. Ситуация начала стабилизироваться в 2022–2023 годах, и число туристов приблизилось к 1,2 миллиону [16]. Подобная «турбулентность» в туристических потоках в очередной раз напомнила о том, насколько сфера путешествий зависима от внешних факторов и острой необходимости адаптироваться к вызовам времени.

Данный восстановительный тренд позитивно сказался на экономике страны: это оживило местный бизнес и дало толчок к обновлению туристической инфраструктуры. Однако сами цифры ещё не раскрывают всей картины. Важно понять, кто эти туристы, насколько они заинтересованы в экологически ответственном отдыхе и как грамотно направить растущий спрос в русло экологического развития.





**Диаграмма 1. Динамика въезда иностранных туристов за 2019–2023 годы.**

Таджикистан располагает богатейшими ресурсами для формирования экотуристических маршрутов: горные перевалы Памира, ледниковые озёра, заповедники с редкими видами животных и растений. Вот лишь несколько ключевых примеров:

1. Таджикский национальный парк (Памирские горы). Крупнейший природный заповедник страны с ледниками и высокогорными озёрами. Здесь можно не только совершать трекинги, но и проследить древние караванные пути Великого шёлкового пути.

2. Озеро Искандеркуль. Знаменито бирюзовой водой и ~~высочайшим~~ 38-метровым водопадом, прозванным «Фанская Ниагара». Истинное наслаждение для любителей горных пейзажей.

3. Дарвазские горы и Ваханский коридор. Уникальный регион, граничащий с Афганистаном, где можно встретить ~~кочевые~~ отдельные народности и увидеть древние крепости.

4. Ягнобская долина. «Музей под открытым небом», где до сих пор звучит древний язык ягнобцев — потомок согдийского. Туристам предлагают окунуться в традиции местных общин.

5. Озеро Каракуль (высота 3900 м). Одно из самых высокогорных солёных озёр в мире. Идеально для наблюдения за

редкими видами птиц, такими как черноголовая чайка.

6. **Зоркульский заповедник.** Дом для снежного барса, бурого медведя и других представителей высокогорной фауны.

7. **Ромитский заповедник.** Зеленеющие ущелья, реки, водопады — популярное место для кемпинга и пеших маршрутов, всего в нескольких десятках километров от Душанбе.

Подобные локации уже сами по себе интересны, но, чтобы туризм здесь не превратился в грубое вмешательство, важно оберегать местную природу и организовывать путешествия в соответствии с принципами экологической ответственности.

Для более наглядного представления текущих возможностей и перспектив был проведён анализ развития устойчивого туризма по ключевым областям Таджикистана [14].

| Область | Возможности для развития устойчивого туризма |
|---|---|
| Согдийская область | Развитие экологического туризма в горных регионах и природных заповедниках; Сохранение исторических памятников и местных традиций (культурный туризм); Улучшение инфраструктуры: строительство гостиниц, улучшение дорог, развитие транспорта; Кооперация с соседними странами для разработки совместных турмаршрутов. |
| Хатлонская область | Агротуризм и сельский туризм как основа укрепления местных сообществ; Создание туристических маршрутов, связанных с историческим и культурным наследием; Обучение обслуживающего персонала для повышения качества туристских услуг; Развитие экологического туризма в природных парках, у водопадов и рек. |
| Горно-Бадахшанская автономная область | Горный и активный туризм (альпинизм, трекинг в горах Памира); Улучшение туристической инфраструктуры (проживание, питание, логистика); Культурно-этнографические программы, основанные на местных традициях; Расширение международного сотрудничества для привлечения инвестиций и обмена опытом. |
| Область | Возможности для развития устойчивого туризма |

**Источник:** Составлено на основе обзора литературы [14].

Потенциал Таджикистана действительно велик. Однако следует подчеркнуть, что развитие любой новой отрасли — это не спринт, а марафон: успех возможен лишь при долгосрочных инвестициях, грамотном управлении и постоянном обучении кадров. Несмотря на все имеющиеся преимущества, экотуризм может оказать негативное воздействие на природу, если не будет тщательно регулироваться. Ключевые угрозы:

✓ Перенаселённость и вытаптывание особо охраняемых территорий.

✓ Нарушение экосистем при строительстве туристических объектов.

✓ Загрязнение окружающей среды, в том числе, из-за неупорядоченной утилизации отходов.

И всё же, если действовать осмотрительно, экотуризм способен стать инструментом охраны природы: доходы от туристской деятельности можно направлять на улучшение управления заповедниками, защиту флоры и фауны, а также на исследования в области сохранения биоразнообразия [13, 210]. Не случайно в ряде африканских стран экологический туризм помогает бороться с бедностью, создавая рабочие места и

альтернативу истощающим среду видам деятельности [15, 119].

Успешное развитие экотуризма поддерживает традиционный уклад жизни местных жителей, их ремёсла, обычаи и культуру. Укрепляются связи между различными регионами страны, а также между разными странами, если говорить о трансграничных туристских маршрутах. Кроме того, повышается уровень экологического образования и у людей пробуждается чувство сопричастности к защите природы [8, 49].

С точки зрения экономики, экотуризм может помочь диверсифицировать доходы местного населения и повысить инвестиционную привлекательность регионов. Расширение малого и среднего бизнеса, модернизация инфраструктуры, улучшение транспортного сообщения — всё это создаёт синергетический эффект и ускоряет экономическое развитие. А для поколений Z, которые всё чаще становятся основными потребителями туристических услуг, особенно важно, чтобы этот рост происходил ответственно и в гармонии с окружающей средой.

Внедрение принципов устойчивого развития является ключевым фактором успеха в туристической отрасли. Потенциальным инвесторам важно ориентироваться на «зелёные» технологии и эффективное управление ресурсами, в том числе, водными. Например, использование систем для экономии и фильтрации воды, переработка сточных вод и внедрение возобновляемых источников энергии (солнечные батареи, ветровые генераторы) снижают нагрузку на экосистемы [4, 13].

Подобные инициативы не только сокращают негативное воздействие на природу, но и делают туристические объекты более привлекательными для посетителей, которые, в свою очередь, ищут возможности «этичного» и «ответственного» отдыха. Ведь нынешние молодые путешественники (то самое поколение Z) - это довольно искушённая публика, предпочитающая места с чёткой экологической политикой и честной социальной миссией.

1. Повышение уровня экологического образования и просветительской работы. Необходимо развивать программы для местного населения и туристов, популяризирующие бережное отношение к природе. Формирование экологической культуры должно начинаться в школах и продолжаться на специализированных курсах для гидов и менеджеров туриндустрии [9].

2. Улучшение качества дорог, строительство экогостиниц, внедрение систем энергосбережения и управление отходами. Цель - избегать факторов, способных нанести вред экосистемам и не урезать аутентичность местных ландшафтов.

3. Привлечение инвестиций и обмен опытом с другими странами, где экотуризм уже успешно практикуется. Подписывать меморандумы о партнёрстве, участвовать в международных грантах по охране природы, разрабатывать совместные экомаршруты.

4. Регулярный мониторинг и анализ состояния экосистем, изучение туристических потоков, разработка рекомендаций по управлению особо охраняемыми территориями. Научные данные позволят принимать взвешенные решения и обеспечивать устойчивую нагрузку на среду [10, 406].

5. Создание уникальных турпакетов, подчеркивающих местную культуру и многообразие природных объектов. Локальные фестивали, ярмарки и ивенты способны привлечь целевые группы туристов — от любителей экстремальных походов до семей, предпочитающих спокойный отдых на природе.

Экологический туризм в Таджикистане представляет собой не просто форму активного отдыха или средство популяризации природных достопримечательностей. В первую очередь, он связан с ответственным отношением к окружающей среде, стремлением обеспечить баланс между экономическим развитием и сохранением

природных ресурсов, а также с уважением к культурным традициям местного населения. При наличии эффективного планирования, межведомственной координации и устойчивой политики экотуризм может стать важным инструментом решения широкого спектра задач: от привлечения инвестиций и стимулирования регионального экономического роста до создания новых рабочих мест и сохранения уникального культурно-природного наследия страны. [11].

Конечно, на этом пути есть препятствия: недостаток инфраструктуры, нехватка знаний и слабая координация между разными ведомствами. Но ни одно крупное дело не обходится без трудностей, которые, к слову, генерируют новые идеи и стимулируют к инновациям. По мере того как мировое сообщество всё более осознаёт ценность природы, Таджикистан получает реальный шанс стать одним из лидеров эко-направления в Центральной Азии, сохраняя при этом свою естественную среду обитания для будущих поколений.

**В заключении** нужно отметить, что экологический туризм в Таджикистане представляет собой перспективное направление, способное внести значительный вклад в устойчивое социально-экономическое развитие страны. Уникальные природные ландшафты, богатое биоразнообразие, а также культурное и историческое наследие создают прочную основу для формирования конкурентоспособной туристической отрасли. Однако для реализации этого потенциала необходимо преодолеть ряд системных проблем, включая недостаточно развитую инфраструктуру, ограниченную доступность экологических маршрутов, нехватку квалифицированных специалистов и слабую информационно-просветительскую деятельность.

Дальнейшее развитие экологического туризма должно опираться на комплексный подход, включающий государственную поддержку, активное участие местных сообществ, инвестиции в устойчивую инфраструктуру, развитие образовательных программ и продвижение страны на международном туристическом рынке. Только при условии стратегического планирования и межсекторального сотрудничества экологический туризм сможет стать мощным инструментом сохранения природного наследия, улучшения качества жизни населения и укрепления международного имиджа Таджикистана как экологически ориентированной туристической местности.

**Список литературы**

1. Белоусов К.Ю. Современный этап эволюции концепции устойчивого развития и формирование парадигмы корпоративной устойчивости // Проблемы современной экономики. – СПб., 2013., № 1(45). – С.47-50.

2. Биржаков М.Б., Воскобойникова Н.Н., Григорьева В.В. Экологический туризм // Большой Глоссарий терминов международного туризма. – СПб.: «Герда», 2006. – С. 881-906.

3. Бобров А.Л. Устойчивое развитие и экономика природопользования. – М., 2002. – 368 с.

4. Давлатзода, Д.А. Теоретические и практические основы формирования устойчивого развития туризма в условиях рынка / Д. А. Давлатзода, Е. Н. Сахибов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 5. – С. 130-137. – EDN PDXWFE.

5. Дроздов А.В. Экологический туризм: определения, принципы, признаки, формы // Актуальные проблемы туризма. – 2005. – 272 с.

6. Каримов, А. И. Переспективы развития экологического туризма в Республике Таджикистан / А. И. Каримов // Биологизация земледелия: перспективы и реальные возможности… – Воронеж, 2019. – С. 257-262. – EDN TMORLF.

7. Колбовский Е.Ю. Экологический туризм и экология туризма. Учеб. пособие, 2-е издание. – М.: Издательский центр «Академия», 2010. – 253 с.
8. Косолапов А.Б. География российского внутреннего туризма. Учеб. пособие, 2-е издание. – М.: КНОРУС, 2009. – 268 с.
9. Куприна, Л. Е. Экологический туризм и экологичность туризма в аспекте создания учебных экологических троп // Интегративная перспектива в гуманитарных науках. – 2015. – № 2. – С. 56-62. – EDN ZFACCF.
10. Нозирзода, Ш. С. Экологический туризм в Таджикистане / Ш. С. Нозирзода // Современные научные исследования и разработки. – 2016. – № 6(6). – С. 406-408. – EDN UTJFNR.
11. Овсянникова, С. А. Экологический туризм как одно из направлений въездного туризма в Республике Алтай / С. А. Овсянникова // Актуальные вопросы преподавания в высшей школе: теория и практика: Сборник научных трудов: В 2 ч. Ч. 2. – Горно-Алтайск, 2015. – С. 146-148. – EDN VERJPX.
12. Основы туризма. Учебник под ред. Е.Л. Писаревского. – М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. – 384 с.
13. Пономарева И.Ю. Устойчивое развитие туризма и его влияние на социальные процессы. // Известия Тульского государственного университета. Гуманитарные науки. – 2010, № 1. – С. 209-215.
14. Сахибов, Е. Н. Основные направления повышенной привлекательности в туристической отрасли Республики Таджикистан / Е. Н. Сахибов // Развитие науки и практики в глобально меняющемся мире в условиях рисков… – Махачкала, 2021. – С. 104-112. – DOI 10.34755/IROK.2021.19.59.014. – EDN LCJJOH.
15. Сергеева Т.К. Экологический туризм. Учебник. – М.: Финансы и статистика, 2004. – 267 с.
16. Сахибов, Е. Н. Анализ основных направлений государственной поддержки туристической отрасли в Республике Таджикистан / Е. Н. Сахибов // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 4-1. – С. 121-128. – EDN AMPEJB.
17. Статистический ежегодник Республики Таджикистан //Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2022. – С. 183.

**Сведения об авторе**

**Сохибов Азам Нурруллоевич**- Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры туристического бизнеса, рекреации и гостеприимства, докторант Института водных проблем, гидроэнергетики и экологии Адрес: 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48. Телефон: (+992) 988-66-65-86. E-mail: sohibov.azam@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Соҳибов Аъзам Нурруллоевич**-Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи бизнеси сайёҳӣ, истироҳат ва меҳмондорӣ, докторанти Институти проблемаҳои об, гидроэнергетика ва экология Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48. Телефон: (+992) 988-66-65-86. Почтаи электронӣ: sohibov.azam@mail.ru

**About the author**

**Sohibov Azam Nurruloyevich**-International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Assistant of the Department of Tourism Business, Recreation and Hospitality, Doctoral student at the Institute of Water Problems, Hydropower and Ecology Address: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad str. 48. Phone: (+992) 988-66-65-86. E-mail: sohibov.azam@mail.ru

**УДК:338.24(1)**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ САНОАТИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТҲОИ КИШОВАРЗӢ

**Маҳмадов Э.А.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**Зиёев З.М.**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар шароити имрӯза, ки рушди фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат бо рушди мунтазами саноат алоқаманд мебошад, дарёфти захираҳои иловагии молиявӣ бо роҳҳои ҷалби сармоягузорию маблағгузорӣ барои рушду такомули соҳаи мазкур муҳим арзёбӣ карда мешаванд. Дар мақола таваҷҷуҳ ба мушкилотҳо дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва роҳҳои пешгирии онҳо дар самти идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ бахшида шуда, ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва маълумотҳои ҳисоботӣ бо шарҳ оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Сармоягузорӣ, идоракунӣ, лоиҳаи сармоягузорӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, банақшагирии тиҷорат, саноати коркард, мушкилоти татбиқи лоиҳа, комлекси агросаноатӣ.
**Барои иқтибос:** Маҳмадов, Э. А. Ҷанбаҳои назариявии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ / Э. А. Маҳмадов, З. М. Зиёев // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 243-249.

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМИ ПРОЕКТАМИ В СФЕРЕ ПЕРЕРАБОТКИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ

**Махмадов Э.А.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет
**Зиёев З.М.**
Таджикский национальный университет

**Аннотация.** В современных условиях, когда развитие экономической и социальной деятельности государства связано с устойчивым развитием промышленности, поиск дополнительных финансовых ресурсов путем привлечения инвестиций и финансирования для развития и совершенствования этого сектора считается важным. В статье рассматриваются проблемы реализации инвестиционных проектов и способы их предотвращения при управлении инвестиционными проектами в сельскохозяйственной перерабатывающей промышленности, а также представлены мнения отечественных и зарубежных ученых и приведенные данные с пояснениями.

**Ключевые слова:** Инвестиции, управление, инвестиционный проект, производственные предприятия, бизнес-планирование, перерабатывающая промышленность, проблемы реализации проекта, агропромышленный комплекс.

# THEORETICAL ASPECTS OF INVESTMENT PROJECT MANAGEMENT IN THE FIELD OF AGRICULTURAL PROCESSING

**Mahmadov E.A.**
Tajik State University of Finance and Economics
**Ziyoev Z.M.**
Tajik National University

**Abstract.** In today's environment, where the development of the state's economic and social activities is linked to the sustainable development of industry, finding additional financial resources through investment and funding for the development and improvement of this sector is considered essential. This article examines the challenges of implementing investment projects and ways to prevent them

when managing investment projects in the agro-processing industry. It presents the opinions of domestic and international scholars and provides data with explanations.
**Keywords:** Investments, management, investment project, manufacturing enterprises, business planning, processing industry, project implementation issues, agro-industrial complex.

**Гузориши масъала.** Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ дар шароити имрӯза ҳамчун қисми муҳими идоракунии стратегӣ фаҳмида мешавад. Он ба интихоби роҳҳои афзалиятноки рушди саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ, ҷалби захираҳои молиявӣ ва истифодаи самараноки онҳо мусоидат хоҳад намуд. Дар ин замина бояд қайд кард, ки бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ, моддӣ ва иттилоотӣ, бо муҳлати муайян ва буҷети муқарраргардидаи он муттаҳид карда мешаванд.

**Таҳлили таҳқиқотҳо ва нашриёт.** Дар шароити имрӯза саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ ҳамчун зернизоми калидии комплекси агросаноатӣ баромад мекунад ва маҷмӯи равандҳои технологӣ, иқтисодӣ мебошад, ки ба табдили ашёи хоми биологӣ ба маҳсулоти дорои арзиши иловагӣ дошта нигаронида шудааст. Мувофиқи ақидаи Г.А. Петранёва, Н.Я. Коваленко, А.Н. Романов ва О.А. Моисеева комплекси агросаноатӣ (КАС) маҷмӯи соҳаҳои иқтисодие мебошад, ки бо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат алоқаманд буда, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва воситаҳои истеҳсолотро аз ашёи хоми кишоварзӣ таъмин менамояд [10, с. 5]. Рушди комплекси агросаноатӣ барои ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карда шуда, бо таъминоти дурусти истеҳсолот ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, барои амалӣ гардидани стратегия ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ, кам кардани сатҳи камбизоатӣ нақши бузург дорад.

Мувофиқи ақидаи М.К. Каримов, соҳаи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус, барои иқтисодиёти Тоҷикистон аҳамияти беандоза зиёд дорад. Аввал он имконият медиҳад, ки ҷумҳуриро аз сарзамини содиркунандаи ашёи хом берун кашад, дуюм, маҳсулоти аз нав коркардшуда, ки нисбат ба ашёи хом қиматтар аст, метавонад ҳам аҳолиро бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин кунад ва ҳам ба хориҷи кишвар содир карда шавад, сеюм, аҳолиро бо ҷойҳои корӣ таъмин намуда, ба истифодаи мунтазами захираҳои меҳнатӣ дар фаслҳои сол мусоидат намояд [13. с. 4]. Ҳолати зикргардида дар асоси ҷалби сармоягузориҳои мақсадноки дохилию хориҷӣ, дуруст бароҳ мондани истеҳсолот ва коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ амалӣ карда мешавад, ки бевосита дар рушди инфрасохтори агросаноатӣ саҳмгузор мебошад.

Тибқи назари М. Д. Магомедов, А. В. Заздравных ва Г. А. Афанасьева саноати хӯрокворӣ аҳамияти бузурги иҷтимоию иқтисодӣ дорад, зеро он на танҳо ниёзҳои аҳолиро ба як қатор маҳсулоти муҳими хӯрокворӣ қонеъ мегардонад, балки сатҳи зиндагии кишварро низ инъикос менамояд. Бояд қайд кард, ки вазъи кунунии ҷаҳонӣ, аз як тараф бо мавҷудияти шумораи зиёди гуруснагӣ дар кишварҳои ҷаҳон, аз тарафи дигар, бо истеҳсоли аз ҳад зиёди хӯрокворӣ дар кишварҳои пешрафта, ки дар онҳо на бештар аз 20% аҳолии сайёра зиндагӣ мекунанд, тавсиф карда мешавад [11, с. 16]. Заминаи асосии ҳама бахшҳои иқтисодиётро дар мадди аввал таъминоти маҳсулотҳои озуқаворӣ ташкил медиҳад, ки дар асоси тақсимоти дурусти он ба дигар бахшҳо имконияти рушдро фароҳам мегардонад.

Аз рӯи навъи ашёи хом ва усулҳои коркард соҳаҳои саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд (Расми 1.):

**Соҳаи коркарди ғалладона.** Дар бар мегиранд: истеҳсоли орд, крахмал ва ярма, нонпазӣ ва истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ. Аз нигоҳи илмӣ, ин соҳа ба биохимияи крахмал, сафеда ва ферментатсия такя мекунад.

**Соҳаи коркарди меваю сабзавот.** Асосёфта бар равандҳои физикӣ-химиявӣ (хушккунӣ, консервакунонӣ ва ғайра) ва биохимиявӣ (ферментатсия). Ҳадаф — нигоҳдории арзиши ғизоӣ ва дароз намудани мӯҳлати нигоҳдорӣ.

**Соҳаи коркарди маҳсулотҳои гӯштӣ ва ширӣ.** Ин соҳаҳо бо равандҳои мураккаби микробиологӣ, ферментативӣ ва санитарӣ вобастаанд. Коркарди шир ба казеин, лактоза ва равғани шир асос меёбад; коркарди гӯшт — ба тағйирёбии сафеда ва равғанҳо.

**Соҳаи коркарди маҳсулотҳои равғану чарб.** Истихроҷи липидҳо аз ашёи растанӣ тавассути фишор ва экстраксия.

**Соҳаи коркарди маҳсулотҳои шакарӣ.** Ба коркарди карбогидратҳо асос ёфта, равандҳои диффузия, тозакунӣ, кристаллизатсия ва хушккуниро дар бар мегирад.

**Соҳаи коркарди пахта.** Коркарди пахта ва аз он тайёр намудани маҳсулотҳои гуногун, аз ҷумла ришта, матоъ, равған, хуроки чорво ва ғайра.





**Расми 1. - Соҳаҳои асосии саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ. Таҳияи муаллиф.**

Барои дарки амиқи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории рушди саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ мафҳумҳои сармоягузорӣ, лоиҳа, идоракуниро маънидод кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Фаъолияти сармоягузорӣ гуфта, ин равона кардани сармоя ба фаъолияти мушаххас ва амалҳое мебошанд, ки барои ба даст овардани фоида ва ё натиҷаҳои судманд равона карда шудааст ва идоракунии самараноки онҳо муҳим барои рушди иқтисод арзёбӣ карда мешавад.

Лоиҳа — ин офариниш ё навсозии мақсаднок, пешакӣ таҳия ва ба нақша гирифташудаи объектҳои физикӣ, равандҳои технологӣ, ҳуҷҷатгузории техникӣ ва ташкилӣ барои онҳо, захираҳои моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва дигар намудҳои захираҳо, инчунин қарорҳо ва тадбирҳои идоракунӣ оид ба иҷрои онҳо мебошад (Расми 2).




**Расми 2. - Бахшҳои асосии лоиҳаи сармоягузорӣ [4, с. 20].**

Идоракунӣ ин таъсирасонии системаи идоракунанда (субъекти идоракунӣ) ба

системаи идорашаванда (объекти идоракунӣ) бо мақсади ба ҳолати лозима овардани системаи идорашаванда мебошад [12, с. 37].

**Мақсади мақола.** Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ гуфта, низоми мураккаби қарорҳо, методҳои молиявиест, ки ба банақшагирӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва баҳодиҳии тамоми марҳилаҳои амали лоиҳа равона шудааст, фаҳмида мешавад. Ин раванд аз лаҳзаи ташаккули назар нисбати ба лоиҳа, то ба истифода супоридани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои муайяни иқтисодию иҷтимоӣ идома меёбад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, барои кишвари дорои потенсиали аграрӣ, идоракунии дурусти лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ омили ҳалкунанда ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои гуногун, сармоягузор метавонад бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шавад, ки он ба таҳияи нақшаи тиҷоратии босифат ва самаранок монеа ба миён оварад. Яке аз муаммоҳои асосии ин бахш барои сармоягузор қобилияти бо меъёри муқарраргардида боздеҳии сармояи гузошташуда мебошад, ки оё таъмини даромад амалӣ мегардад ё не, фаҳмида мешавад. Бояд қайд кард, ки новобаста аз бахш ҳар як лоиҳаи сармоягузорӣ эҳтимолияти ноком шуданро дшта, дар ин замина сармоягузорон ва бахши сармоягузоришавандаи онҳо бояд ҳамеша кӯшиш намоянд, ки хароҷоти эҳтимолиро ба ҳадди камтарин расонанд. Чунки ҳатто агар лоиҳа ноком шавад ҳам, бояд натиҷаи талафоти бадастомада андозаи камро ташкил намояд. Дар баробари масъалаи қайд гардида, инчунин раванди баррасии лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонад вақт ва хароҷотҳои зиёдро талаб намоянд, ки он одатан аз ҷониби иқтисодчиён, таҳлилгарон, ҳуқуқшиносон ва ғайра баррасӣ карда мешавад.

Мувофиқи банди 116-уми консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои рушди саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ чунин оварда шудааст: “Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва ташаккули механизми нави иқтисодии фаъолияти корхонаҳо дар амал ҷорӣ намудани шаклҳои нави ташкили истеҳсолот, такмили системаи банақшагирии идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва назорати истеҳсолот дар заминаи истифодаи васеи технологияҳои нави иттилоотиро дар ҳамаи сатҳҳо талаб мекунад” [6]. Бо дуруст ба роҳ мондани банақшагирӣ, истеҳсолот, баҳисобгирӣ ва саҳеҳии ҳисоботҳои молиявӣ имконияти васеъ барои ҷалби сармоягузорӣ ва фаъолияти самараноки коплекси агросаноатӣ шароити мусоид фароҳам месозад.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои самарабахш ва истифодаи мақсадноки замин дар соли 2024 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон ба 73 миллиарду 976,6 миллион сомонӣ расонида шуда, суръати афзоиш бо дарназардошти нархҳои муқоисавӣ дар сатҳи 10,6 дарсад таъмин гардидааст [9].

Барои беҳтар гардидани фаъолияти корхонаҳои коркардкунандаи маҳсулотҳои кишоварзӣ мунтазам ва саривақт бо ашёи хоми ватанию хориҷӣ таъмин будан дар мадди аввал меистад. Нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи кишоварзии мамлакат шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ мунтазам меафзояд.

Тибқи иттилои манбаъҳои оморӣ дар соли 2024 суръати афзоиш дар соҳаҳои растанипарварию чорводорӣ мутаносибан 13,4 (50 млрд.984,8 млн.сомонӣ) ва 4,8 (22 млрд. 991,8 млн. сомонӣ) фоизро ташкил додааст. Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ асосан ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 50,4 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар хоҷагиҳои ВМКБ 65,1 фоиз, вилоятҳои Суғд 37,3 фоиз, Хатлон 57,1 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 51,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2024 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 1 миллиону 828 ҳазору 318 тонна ғалладонагиҳо (гандум 880734 тонна), 253 ҳазору 182 тонна пахта, 1 миллиону 263 ҳазору 948 тонна картошка, 3 миллиону 289 ҳазору 179 тонна сабзавот (пиёз 836911 тонна), 1 миллиону 144 ҳазору 806 тонна полизӣ, 823 ҳазору 048 тонна мевагиҳо (277717 тонна себ ва 313052 тонна зардолу), ангур 289 ҳазору 931 тонна ва хӯроки чорво ба ҳисоби воҳиди хӯрока 1 миллиону 875 ҳазору 754 тонна истеҳсол

карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм, ғалладонагиҳо 4,2 фоиз (гандум 2,4 фоиз), 10,4 фоиз картошка, 8,7 фоиз сабзавот, 13,4 фоиз полизӣ, 23,9 фоиз мевагиҳо (себ 22,3 фоиз ва зардолу 30,5 фоиз), ангур 1,5 баробар ва хӯроки чорво 2,0 фоиз зиёд шудааст [9].

Новобаста аз мавҷуд будани иқтидорҳои соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори савдои берунии маҳсулоти хӯрокворӣ вобастагии кишварро аз воридоти маҳсулоти асосии хӯрокворӣ нишон медиҳад. Масалан, ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумии содирот аз 5,0 дарсади соли 2023 то 3,9 дарсад дар соли 2024 коҳиш ёфт. Воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ аз 855,8 ҳазор тоннаи соли 2023 то ба 1053,4 ҳазор тонна дар соли 2024 ё 23,1 дарсад зиёд шудааст. Молҳои асосии воридотӣ гандум, шакар ва маҳсулоти қаннодӣ, картошка, сабзавот ва равғани растанӣ боқӣ мемонанд. Ин нишондиҳандаҳо зарурати амалисозии тадбирҳои иловагиро ҷиҳати рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, тавсеаи иқтидори содиротӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти молҳои озуқаворӣ таъкид мекунанд [7]. Гардиши савдои хориҷӣ дар бахши таъминоти озуқаворӣ ва рушди иқтисодии кишвар саҳмгузор мебошад. Дар ин замина дар бахши саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ бояд мунтазам иқтидорҳои истеҳсолии кишвар дуруст ташкил карда шуда, самаранок истифода карда шаванд. Дар бахши савдои хориҷӣ дар нимаи аввали соли 2025, Тоҷикистон 90,300 тонна маҳсулоти кишоварзиро ба маблағи 33,9 миллион доллар ба 50 кишвар содир кард, ки нисбат ба соли 2024 13,200 тонна афзоиш ёфтааст. Аз ин миқдор меваҳои хушк 18,2 миллион доллар, меваҳои тару тоза 7,9 миллион доллар ва сабзавот 4,7 миллион долларро ташкил медиҳад [8].

**Муҳтавои асосии мавод.** Идоракунии дурусти лоиҳаҳои сармоягузории рушди саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили калидии рушди устувори иқтисодӣ буда, татбиқи усулҳои муосири идоракунӣ, ҷалби самараноки сармоягузорӣ ва дастгирии давлатӣ метавонанд ба ташаккули соҳаи рақобатпазири коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ ва таҳкими амнияти озуқавории кишвар мусоидат намоянд.

Аҳамияти идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ аз як қатор ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегӣ манша мегирад:

1.Идоракунии самараноки лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ дар бахши иқтисод чунин имкониятҳоро медиҳад:

- арзиш ва сифати маҳсулотҳои кишоварзӣ афзоиш ёбад;
- истифодаи самараноки сармоя ва захираҳо беҳтар гардад;
- даромаднокӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ таъмин карда шавад.

2.Аҳамияти иҷтимоии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ:

- таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои аҳолӣ;
- баланд гардидани даромаднокии аҳолӣ;
- беҳтар гардидани сатҳи истеҳсолоти ватанӣ.

3.Саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ унсури калидии амнияти озуқаворӣ ва стратегӣ:

- вобастагии кишварро аз воридоти маҳсулоти тайёри хурока кам хоҳад намуд;
- устувории бозори дохилиро бо молу маҳсулотҳои ватанӣ тақвият мебахшад.

4.Аҳамияти инноватсионӣ ва технологии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки бо ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба роҳ монда мешавад:

- беҳтар гардидани сифати маҳсулот;
- мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ;
- ба афзоиши иқтидори содиротӣ оварда мерасонад.

Барои самаранок бароҳ мондани идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ, таъминоти риояи омилҳои экологӣ дар асоси идоракунии илмӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, кам кардани партовҳо ва татбиқи технологияҳои «сабз» мусоидат мекунад. Мувофиқи банди якуми моддаи 28-

уми қонуни ҶТ “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” оиди талабот ба таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ҳангоми истеҳсоли онҳо чунин оварда шудааст: “Маҳсулоти хӯрокворие дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда бояд бехатар, аз ҷиҳати гигиенӣ тоза, қобили истеъмол ва дуруст тамғагузорӣ шуда бошанд ва мутобиқи ҳуҷҷатҳои техникӣ ҳангоми риояи талаботи регламентҳои техникӣ, меъёру қоидаҳои санитарӣ ва байторӣ истеҳсол шаванд (Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1882)”[1]. Ҳамин тариқ аҳамияти идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ танҳо бо самаранокии иқтисодӣ маҳдуд карда нашуда, он яке аз омилҳои муҳими рушди устувор, таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ фаҳмида мешавад. Одатан минтақаҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфта дар маҷмуъ бештар барои сармоягузорӣ ҷолибтар ҳисобида мешаванд. Гарчанде ки минтақаҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ низ дорои захираҳои кофии табиӣ ва меҳнатӣ мебошанд. Аз ин сабаб, муайян кардани мушкилоти асосии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки бо афзоиши ҳавасмандии сармоягузорон ба ин минтақаҳо алоқаманданд муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Дар алоқа ба маълумотҳои оморӣ соли 2023 шумораи корхонаҳое, ки истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва тамокуро ба уҳда доранд, ба 795 адад баробар буда, дар ин соҳа 13,4 ҳазор нафар кору фаъолият доранд. Истеҳсоли нассочӣ ва дӯзандагӣ 484 адад 15,2 ҳазор нафар, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол 27 адад 0,9 ҳазор нафар, тахта ва истеҳсоли маснуот аз чӯб 34 адад 1,3 ҳазор нафар, истеҳсоли селюлозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр 165 адад 1,8 ҳазор нафар, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 24 адад 0,2 ҳазор нафар, истеҳсоли кимёвӣ 106 адад 2,2 ҳазор нафар, истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмассӣ ба 277 адад ва 2,4 ҳазор нафар баробар гардидааст [2, с. 19-22].

Вобаста ба таъминоти озуқаворӣ чуноне, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки санаи 16.12.2025 ироа гардида, қайд карда шуд, ки сатҳи ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз 60 %-и соли 2015 то 85% дар соли 2025 зиёд гардид [3]. Ин нишон медиҳад, ки сатҳи таъминот бо маҳсулотҳои хурокворӣ ва некуаҳволии кишвар мунтазам беҳтар гардида истодааст.

Дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 оид ба комплекси агросаноатӣ чунин дарҷ гардидааст:

- тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи пешгирикунандаи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар;

- баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва инсонӣ дар асоси беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул барои аҳолии деҳот [5, с. 63].

Хатарҳои сершумори марбут ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавҷуданд, ки ба номусоидии фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандии пасти сармоягузории минтақаҳои алоҳида оварда мерасонанд. Самаранокии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ аз сатҳи банақшагирии илмӣ, идоракунии дурусти молиявӣ, истифодаи техникаю технологияҳои муосир ва таъминоти дурусти манфиатҳои ин бахш ва сармоягузорон вобаста мебошад. Маҳдудият дар инфрасохтори логистикӣ, меъёри ками манбаъҳои сармоягузорӣ, сатҳи пасти фаъолияти истеҳсолӣ ва таъсироти манфии иқлим аз ҷумлаи омилҳое баҳисоб мераванд, ки иҷрои саривақтии лоиҳаҳоро мушкил мегардонанд.

**Хулоса ва тавсияҳо.** Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти мавҷуд будани имконоти таъмини ашёи хоми кишоварзӣ ва талаботи рӯзафзуни бозорӣ, идоракунии самараноки лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ метавонад ба ташаккул ва рушди инфрасохтори агросаноатӣ, корхонаҳои хурду миёнаи коркард ва баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулотҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ шароити хуб фароҳам оварад.

Бо мақсади такмил ва самаранок идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории рушди саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ, чунин пешниҳодҳо мувофиқи мақсад мебошад:

- омӯзиши таҷрибаҳои давлатҳои тараққикарда дар бахши идоракунии сармоягузорӣ;

- ташаккул ва рушди инфрасохторҳои истеҳсолӣ ва логистикӣ;

- мунтазам беҳтар гардонидани сатҳи идоракунии молиявӣ ва хавфҳо;

- тақвият бахшидани ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ;
- омодасозӣ ва бозомӯзии кормандону мутахассисон;
- гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи технологияҳои муосир барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ”, аз 01.08.2012, № 890, ш. Душанбе;
2. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - 89 с.;
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 16.12.2025;
4. И.И. Мазур, В.Д. Шапиро, Н.Г.Ольдерогге, А.В. Полковников “Управление проектами”, Москва Омега-Л-2010;
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030. – Душанбе, 2016. - 88 с.;
6. Консепсияи пешрафти иннрватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №144, Душанбе-2012;
7. Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 аз 31.07.2025, № 429;
8. Сомонаи Beyond Investments Group. www.beyondinvestmentsgroup.com/tajikistan-2025;
9. Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 08.02.25 https://www.stat.tj;
10. Г.А. Петранёва, Н.Я. Коваленко, А.Н. Романов, О.А. Моисеева “Экономика сельского хозяйства”, учебник ИНФРА-М, 2012. - 288 с;
11. М. Д. Магомедов, А. В. Заздравных, Г. А. Афанасьева “Экономика пищевой промышленности”, Учебник “Дашков и К”, 2018. - 230 с;
12. Бозоров Ш.Ш., Назарамонова Д.М., Косимова С.И., Хасанова Г.Ф., Хомидов А.Х. “Менечмент”, Душанбе: “Ирфон”, 2015. - 464 с.;
13. Каримов М.К. “Асосҳои назариявии технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ”, Душанбе: “Ирфон”, 2006. - 132 с.



**Маълумот дар бораи муаллифон**

**Маҳмадов Эҳсонҷон Алиевич**-ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992)93-130-29-16. E-mail: ehson-19-98@mail.ru.

**Зиёев Зулфиқор Маҳмадёқубович**– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғурта. Суроға: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 200-90-10-10. E-mail: bahrom_07_09@mail.ru

**Сведения об авторах**

**Махмадов Эхсонджон Алиевич**-ассистент кафедры финансов Таджикский государственный финансово - экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: (+992)93-130-29-16. E-mail: ehson-19-98@mail.ru

**Зиёев Зулфикор Махмадёкубович**–Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и страхования. Адрес: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: 200-90-10-10. E-mail: bahrom_07_09@mail.ru

**About the authors**

**Mahmadov Ehsonjon Alievich**-assistant of the department of finance of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, c. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Tel.: (+992)93-130-29-16. E-mail: ehson-19-98@mail.ru

**Ziyoev Zulfikor Makhmadekubovich**–Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Finance and Insurance Department. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: 200-90-10-10. E-mail: bahrom_07_09@mail.ru

**УДК: 657.6**

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ РУШДИ АУДИТИ ДОХИЛӢ

**Маҷидзода Ш.Х.**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Мақола ба омӯзиши таҷрибаи хориҷии рушдии аудити дохилӣ бахшида шудааст. Муаллиф ба таври мухтасар вижагиҳои алоҳидаи аудити дохилии як қатор мамлакатҳо, ба монанди Қазоқистон, Қирғизистон, Озорбойҷон, Ӯзбекистон, Армения, Молдова, Украина, Федератсия Россия, Белорусия, Олмон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Фаронса ва Амрикоро омӯхтааст. Дар мақола баъзе аз тамоюлҳои рушди аудити дохилӣ, пеш аз ҳама, муқаррароти санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳа мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар рафти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои болозикр, хусусиятҳои аудити давлатӣ дар онҳо муайян ва ошкор гардидааст. Қайд карда мешавад, ки нақши аудити дохилӣ пайваста баланд гардида, хадамоти мазкур сол то сол дар низоми идоракунии субъектҳои иқтисодии кишварҳои алоҳида ҳамчун воҳиди сохтории муҳим мавқеи устуворро соҳиб шуда истодааст.
Дар ниҳоят, муаллиф муайян кардааст, ки дар аксари мавридҳо бахши хусусӣ нисбат ба бахши давлатӣ сатҳи нисбатан баланди ҷолибияти аудиторони баландихтисосро дорад. Ошкор карда шудааст, ки аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ ҳамчун субъекти мустақили назорати давлатии молиявӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, дар мақола мукаммал гардонидани методикаи пешбурди он то дараҷае зарур шуморида шудааст, ки тавонад дар ҳама гуна шароит истифодаи шаффоф, мақсаднок ва самараноки воситаҳои давлатиро дар ташкилотҳо таъмин намояд. Дар рафти таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ, дигар самти бартаридоштаи рушди аудити дохилӣ – тахассусмандӣ ва касбияти аудиторони дохилӣ мушаххас карда шудааст. Ба ақидаи муҳаққиқ ҷиҳати ҳалли мушкилоти кадрӣ, пайваста баланд бардоштани тахассусмандӣ ва сатҳи касбияти аудиторони дохилиро бо роҳи мукаммалгардонии барномаҳои такмили ихтисос ва ба шароити муосири инноватсионию рақамӣ мувофиқ кардани онҳо муҳим арзёбӣ мегардад.
**Калидвожаҳо:** аудити дохилӣ, низоми назорати дохилӣ, хавф, идоракунӣ, стандартҳои байналмилалӣ, машваратдиҳӣ, назорати молиявӣ, сармоягузорӣ, иқтисоди рақамӣ, ҳисоботи молиявӣ, мустақилият, салоҳияти касбӣ, мониторинг, барӯйхатгирӣ.
**Барои иқтибос:** Маҷидзода, Ш. Х. Таҷрибаи хориҷии рушди аудити дохилӣ / Ш. Х. Маҷидзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 250-257.

# ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ РАЗВИТИЯ ВНУТРЕННЕГО АУДИТА

**Маджидзода Ш.Х.**
Таджикский национальный университет

**Аннотатция.** Статья посвящена изучению зарубежного опыта развития внутреннего аудита. Автором кратко рассмотрены особенности внутреннего аудита в ряде стран, таких как Казахстан, Кыргызстан, Азербайджан, Узбекистан, Армения, Молдова, Украина, Российская Федерация, Беларусь, Германия, Китайская Народная Республика, Франция и США. В статье рассматриваются некоторые тенденции развития внутреннего аудита, прежде всего положения нормативных правовых актов в этой области. В ходе изучения опыта вышеуказанных стран были выявлены и раскрыты особенности государственного аудита в них. Отмечено, что роль внутреннего аудита постоянно возрастает, и эта служба из года в год завоевывает устойчивые позиции в системе управления хозяйствующими субъектами отдельных стран как важное структурное подразделение.
В заключение автором установлено, что в большинстве случаев частный сектор обладает относительно высоким уровнем привлекательности для высококвалифицированных аудиторов по сравнению с государственным сектором. Выявлено, что внутренний аудит в организациях государственного сектора рассматривается как самостоятельный субъект

государственного финансового контроля. Поэтому в статье рассматривается необходимость совершенствования методологии ее проведения до такой степени, чтобы она могла обеспечить прозрачное, целевое и эффективное использование государственных средств в организациях в любых условиях. В ходе изучения зарубежного опыта было выявлено еще одно доминирующее направление развития внутреннего аудита – специализация и профессионализм внутренних аудиторов. По мнению исследователя, для решения кадровых проблем важно постоянно повышать специализацию и профессионализм внутренних аудиторов путем совершенствования программ повышения квалификации и адаптации их к современным инновационным и цифровым условиям.
**Ключевые слова:** внутренний аудит, система внутреннего контроля, риск, управление, международные стандарты, консалтинг, финансовый контроль, инвестиции, цифровая экономика, финансовая отчетность, независимость, профессиональная компетентность, мониторинг, инвентаризации.

## FOREIGN EXPERIENCE IN DEVELOPING INTERNAL AUDIT

**Majidzoda Sh.Kh.**
Tajik National University

**Annotation.** The article is devoted to the study of foreign experience in developing internal audit. The author briefly considers the features of internal audit in a number of countries, such as Kazakhstan, Kyrgyzstan, Azerbaijan, Uzbekistan, Armenia, Moldova, Ukraine, the Russian Federation, Belarus, Germany, the People's Republic of China, France and the USA. The article considers some trends in the development of internal audit, primarily the provisions of regulatory legal acts in this area. In the course of studying the experience of the above-mentioned countries, the features of state audit in them were identified and disclosed. It is noted that the role of internal audit is constantly increasing, and this service from year to year gains stable positions in the management system of economic entities of individual countries as an important structural unit.
In conclusion, the author found that in most cases the private sector has a relatively high level of attractiveness for highly qualified auditors compared to the public sector. It was revealed that internal audit in public sector organizations is considered as an independent subject of state financial control. Therefore, the article considers the need to improve the methodology of its implementation to such an extent that it could ensure transparent, targeted and efficient use of public funds in organizations under any conditions. In the course of studying foreign experience, another dominant direction in the development of internal audit was identified - the specialization and professionalism of internal auditors. According to the researcher, in order to solve personnel problems, it is important to constantly improve the specialization and professionalism of internal auditors by improving advanced training programs and adapting them to modern innovative and digital conditions.
**Key words:** internal audit, internal control system, risk, management, international standards, consulting, financial control, investments, digital economy, financial reporting, independence, professional competence, monitoring, inventory.

**Гузориши масъала.** Дар кишварҳое, ки аудити дохилӣ дар сатҳи зарурӣ рушд накардааст, таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ ва дарёфту роҳандозии самтҳои имконпазири он ҷиҳати рушди аудити дохилии ватанӣ зарурати воқеъӣ мебошад. Новобаста аз он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили аудити дохилӣ заминаҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд, лекин то кунун ҷиҳати дар сатҳи қаноатбахш рушд додани ин намуди аудит баъзе аз маҳдудиятҳо мавҷуданд. Бо назардошти вазъи ҷойдошта, ба инобат гирифтани таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ ва мукаммалгардонии механизми пеш бурдани аудити дохилӣ муҳим мебошад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Омӯзиши аудити дохилӣ дар таълифоти илмии иқтисодчиёни ватанӣ, чун: Шарифов З.Р., Каримов Б.Ҳ., Тоҳирова

Р.С., Орзуев П.Ҷ., Шоймардонов Ҳ.Қ., Саидов Р.Н., муаллифони хориҷӣ: Тарасенко А.Н., Суванқулов А.Р., Ситникова В.А. ва дигарон ба чашм мерасад.

**Мақсади мақола** муайянкунию ошкорсозии ҷиҳатҳои имконпазири таҷрибаи хориҷӣ барои рушди аудити дохилии ватанӣ маҳсуб меёбад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Натиҷаи омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ нишон дод, ки рушди устувори аудити дохилӣ аз ҳолатҳои зерин вобаста аст: а) баланд бардоштани сатҳи музди меҳнати аудиторони дохилӣ; б) додани имтиёзҳо ба аудиторони дохилӣ ҷиҳати сазовор гардидан ба вазифаҳои баландмақом дар ташкилотҳои бахши давлатӣ; в) салоҳияти касбии аудиторони дохилӣ, аз ҷумла доштани малакаҳои бойи амалӣ ва донишҳои инноватсионию рақамии соҳавӣ, донистани қонунгузорӣ ва ғ.

Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии аудити дохилӣ ва муайяну ошкоркуни ҷиҳатҳои имконпазири он барои роҳандозӣ намудан дар аудити дохилии ватанӣ метавонад ҷиҳати рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидаткунанда бошад. Аудити дохилӣ дар кишварҳои алоҳида нисбатан хусусиятҳои хоси худро дорад. Воқеъан, аудити дохилӣ дар ҳама кишварҳои ҷаҳон тамоюли рушди устуворро соҳиб мебошад. Ҷиҳати муайян ва ошкор намудани ҳолати ҷойдошта, таҷрибаи кишварҳои алоҳидаро дар ин самт дида мебароем.

Таҳқиқот нишон дод, ки яке аз мушкилоти муҳими рушди методикаи аудити дохилӣ дар Қазоқистон ин мустақилияти ташкилӣ надоштани он маҳсуб меёбад. Дигар мушкилоти аудити дохилӣ дар аксари субъектҳои иқтисодии ин мамлакат муносибати ғайримантиқӣ нисбати аудити дохилӣ мебошад, яъне дар ташкилотҳои ин кишвар хадамоти аудити дохилӣ ба манфиати иҷрокунандагон амал менамоянд на моликон. Мушкилоти норасоии касбият дар аудиторони дохилии Қазоқистон ба чашм мерасад, ки ҳолати ҷойдошта монеаи рушди методикаи аудити дохилӣ маҳсуб меёбад. Агар қаблан фаъолияти аудити дохилӣ дар ширкатҳои Ҷумҳурии Қазоқистон ба санҷиши дурустии баҳисобгирии андозҳо нигаронида шуда буд, пас имрӯзҳо доираи фаъолияти он васеъ гардидааст. Дар шароити кунунӣ хадамоти аудити дохилии ин кишвар баҳодиҳии устуворӣ ва самаранокии низоми назорати дохилиро ба роҳ монда, дар идоракунии хавфҳо ва дар рафти идоракунии корпоративӣ иштирок менамояд.

Сарчашмаҳои илмии таҳқиқшуда нишон медиҳанд, ки ташаккули аудити дохилӣ дар замони Қадим ва Асримиёнагӣ ба арзёбию тасдиққунии иҷрои уҳдадориҳои идоракунии тобеъон вобаста будааст. Имрӯзҳо низ яке аз вазифаҳои муҳими хадамоти аудити дохилӣ арзёбии низоми идоракунӣ мебошад. Чунин мавқеъро иқтисодчиёни ватанӣ Каримов Б.Ҳ., Тоҳирова Р.С. ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки яке аз вазифаҳои муҳими аудиторони дохилӣ арзёбии мувофиқати низоми идоракунӣ мебошад, ки бартарафкунии норасоиҳои ошкоргардида ва пешниҳоди тавсияҳоро ҷиҳати баландбардории самаранокии низоми идоракунӣ дар назар дорад [4, с.59].

Хадамоти аудити дохилии мақомотҳои давлатӣ ва муассисаҳои Ҷумҳурии Қирғизистон бахши муҳими низоми ғайримарказонидашудаи аудити дохилӣ буда, ҳадафи он таъмини самаранокии идоракунӣ дар ташкилот мебошад. Методологияи аудити дохилӣ дар ин кишвар ба стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ, ки аз ҷониби Институти аудиторони дохилӣ ба нашр расидаанд, асос меёбад. Ногуфта намонад, ки меъёрҳои миллии аудити дохилӣ дар ин кишвар ба таҷрибаи байналмилалӣ такя менамояд. Бо назардошти чунин вазъ, тағйироти сифатию миқдории стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ таҳаввулоти аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон маҳсуб меёбад.

Тавре қайд гардид, амалия ва методологияи аудити дохилии бахши давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон ба таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ наздик карда шудааст. Бинобар ин, консепсияи аудити дохилӣ дар ин кишвар ба санҷиши низоми назорати дохилӣ ва низоми

идоракунӣ нигаронида шудааст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҳадафи аудити дохилӣ устувор гардонидани низомҳои болозикр мебошад, то ки онҳо вазифаҳои худро фавран ва пурра иҷро намуда, барои расидан ба ҳадафи ташкилоти бахши давлатӣ мусоидат намоянд.

Дар Ҷумҳурии Озорбойҷон зарурати рушди аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ ба афзоиш сармоягузории соҳаҳои иқтисодии он вобаста мебошад. Дар ин кишвар баробарии зиёд гардидани ҳаҷми сармоягузорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ идоракунии он аз тариқи назорати молиявӣ ва аудити дохилӣ роҳандозӣ гардид. Дар натиҷа, ҷиҳати танзим ва амалӣ намудани фаъолияти қонунии назорати молиявӣ ва аудити дохилӣ 22 майи соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Озорбойҷон «Дар бораи аудити дохилӣ» қабул гардид. Дар қонуни болозикр фаҳмиши аудити дохилӣ бо чунин мазмун оварда шудааст: «аудити дохилӣ фаъолияти кафолатдиҳанда ва машваратдиҳанда буда, аз тариқи равишҳои низомнок хавфро идора менамояд ва самаранокии рафти идоракуниро мунтазам назорат карда, барои ба ҳадаф расидани субъекти иқтисодӣ мусоидат мекунад» [2]. .

Тавре дар боло зикр намудем, рушди аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Озорбойҷон зарурати воқеъӣ дорад. Масалан, ҷараёни диверсификатсияи иқтисодӣ, дарёфти сарчашмаҳои ҷадиди сармоягузории хориҷӣ механизми босамар ва методикаи мукаммали аудити дохилиро талаб менамояд. Алалхусус, дар шароите, ки дар ин кишвар татбиқи консепсияи технологияи рақамӣ дар соҳаи аудит, аз ҷумла дар низоми аудити дохилӣ рафта истодааст, мутобиқ намудани методикаи аудити дохилӣ ба чунин раванд амри зарурӣ мебошад.

Тибқи тағрибаи Ӯзбекистон аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ воситаи устувори таъминкунандаи шаффофият ва дақиқии ҳисобҳои молиявӣ маҳсуб меёбад. Дар ташкилотҳои буҷетии ин кишвар хадамоти аудити дохилӣ унсури таркибии низоми ягонаи назорати молиявӣ маҳсуб меёбад [13]. Вобаста ба ин, самти фаъолияти хадамоти аудити дохилии ташкилотҳои буҷетӣ дар ин кишвар ба назорати мунтазами амалиётҳои молиявӣ, инчунин сметаи хароҷотии воситаҳои ғайрибуҷетии ташкилотҳои мазкур нигаронида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир ҷиҳати рушди методикаи аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон корҳои назаррасе анҷом дод шудааст. Масалан ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи баландбардории минбаъдаи самаранокии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ [9]» аз 14 феврали соли 2022, таҳти №128, инчунин рушди минбаъдаи хадамоти аудити дохилии вазорату идораҳо ва такмили тартиботи фаъолияти онҳо, қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 1 августи соли 2022, таҳти №416 «Дар бораи тасдиқи низомномаи намунавӣ оид ба хадамоти аудити дохилии вазорату идораҳо [8]» як қатор меъёрҳо тасдиқ гардиданд.

Фаҳмиши аудити дохилӣ дар моддаи 2-юми Қонуни Ҷумҳурии Армения «Дар бораи аудити дохилӣ» бо чунин тартиб оварда шудааст: «аудити дохилӣ сохтори мустақил буда, дар заминаи санҷишҳо ва машваратҳои воқеъии худ самаранокии фаъолияти ташкилотро таъмин менамояд» [3]. Дар Армения низ равишҳои методии аудити дохилӣ дузинагӣ буда, санҷишҳо ва машваратдиҳиро дар бар мегирад. Аз мазмуни таҳияшуда бар меояд, ки хадамоти аудити дохилӣ хавфи мавҷударо дар ташкилот идора карда, устувории низомҳои назорати дохилӣ ва идоракуниро арзёбӣ менамояд, ҷараёнҳои молиявию хоҷагидориро беҳтар сохта, барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои ташкилот мусоидат мекунад.

Яке аз вижагиҳои аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Армения дар он ифода меёбад, ки амалкарди хадамоти аудити дохилӣ ба нақшаи стратегӣ ва солона асос меёбад. Стандартҳои аудити дохилӣ ва Кодекси рафтори аудиторони дохилӣ дар ин кишвар ба стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ ва талаботи Кодекси эътирофгардидаи сатҳи байналмилаӣ

тасдиқ карда мешаванд. Ҳолати ҷойдошта аз он шаҳодат медиҳад, ки методикаи аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Армения ҷузъиёти таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро дар бар мегирад.

Ҳадафи аудити дохилӣ дар ин кишвар аз пешниҳоди машваратҳо, таъмини натиҷанокии низомҳои назорати дохилӣ ва идоракунӣ ва додани тавсияҳо ҷиҳати такмили он, инчунин мусоидат намудан ба беҳтаршавии фаъолияти субъект иборат мебошад. Ба сифати предмети аудити дохилӣ ҳама намуди низому фаъолиятҳо ва ҷараёнҳои дар субъект мавҷуда дохил мешаванд. Аудити дохилӣ дар ин кишвар дорои методикаи ҳама фарогир буда, одитарин ҷузъиёти фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилотро дар бар мегирад.

Фаъолияти аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Молдова ба принсипҳои зерин асос меёбад: мустақилият, пуррагӣ (мукаммалӣ), воқеъият, салоҳияти касбӣ, махфият ва риояи стандартҳои касбӣ. Принсипҳои зикршуда муҳим буда, барои дар сатҳи зарурӣ роҳандозии методикаи аудити дохилӣ мусоидат менамоянд. Талаботи ин принсипҳо унсурҳои таркибии методикаи аудити дохилиро дар ҳама марҳилаҳо, яъне марҳилаҳои омодагӣ ба аудити дохилӣ, гузаронидани аудит ва ҷамъбасту хулосабарорӣ фарогир мебошад.

Имрӯзҳо дар Украина ҳама вазоратҳо, мақомотҳои марказии ҳокимияти иҷроия, тақсимкунандагони асосии воситаҳои буҷетӣ ва маъмурияти вилоятӣ ба таври ҳатмӣ сохтори аудити дохилӣ доранд. Аммо дар баробари пешравиҳои ҷойдошта, баъзе аз мушкилотҳо низ ба назар мерасанд, аз ҷумла: мукаммал набудани воҳиди сохтории аудити дохилӣ, фаҳмиши нокифояи аксарияти роҳбарони муассисаҳои давлатӣ доир ба муҳимият ва нақши аудити дохилӣ ва ғ. Бояд қайд кард, ки мавҷудияти чунин мушкилот боиси коҳиш ёфтани самаранокии фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ мегардад. Аз вазъи ҷойдошта бар меояд, ки мушкилоти дар сатҳи зарурӣ амал накардани хадамоти аудити дохилӣ ташкилотҳои бахши давлатии Украина таъсири манфии омили субъективӣ мебошад. Аз нигоҳи мо, дар чунин шароит воҳиди сохтории аудити дохилӣ бояд зарурати воқеъии мавҷудият ва фаъолияти худро дар ташкилотҳои бахши давлатӣ амалан исбот намояд.

Тавсияҳои методии аудити дохилӣ дар Федератсия Россия усулҳои зеринро дар бар мегирад: қоидаҳои таҳлилӣ, дархосткунӣ, тасдиққунӣ, бозҳисоб ва мониторинги қоидаҳои назорати дохилӣ. Бояд қайд намоем, ки тавсияҳои методии мақомоти ваколатдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама «Дастурамал оиди тартиби гузаронидани аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ», ки методологияи аудити дохилӣ дар бахши мазкур маҳсуб меёбад, унсурҳои методии мушаххасро дар бар намегиранд. Ба ақидаи мо, методикаи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ такмилдиҳиро талаб менамояд. Вобаста ба ин, зарур мешуморем, ки Дастурамали болозикр ҳадди ақал унсурҳои зеринро дар бар гирад: санҷиши арифметикии сабтҳои низоми ҳисобдорӣ, барӯйхатгирӣ, арзёбии риояи қоидаҳои баҳисобгирии амалиётҳои алоҳидаи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, тасдиққунӣ, пурсиши хаттию шифоҳӣ, санҷиши барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ва мазмуни онҳо, пайгирӣ намудани иттилооти зарурӣ, қоидаҳои таҳлилӣ, инчунин тавсияҳои методии Федератсия Россия ба монанди дархосткунӣ ва мониторинги қоидаҳои назорати дохилӣ.

Қоидаи миллии фаъолияти аудиторӣ – «Истифодабарии натиҷаҳои корҳои аудити дохилӣ», ки бо қарори Вазорати молияи Ҷумҳурии Белорусия аз 07.02.2001, таҳти №9 тасдиқ шудааст, фаҳмиши аудити дохилиро бо чунин мазмун таҳия мекунад: аудити дохилӣ низоми назоратие мебошад, ки аз ҷониби субъекти иқтисодӣ ташкил карда шуда, риояи тартиботи муайянгардидаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва устувории низоми назорати дохилиро дида мебарояд ва ба манфиати роҳбарият (моликон) амал менамояд [5]. Дар фаҳмиши пешниҳодшуда ду унсури методӣ ба чашм мерасад: а) санҷиши риояи меъёр ва қоидаҳои пешбурди ҳисобдорӣ; б) арзёбии устувории низоми назорати дохилӣ. Ибораҳои калидие, ки дар фаҳмиши пешниҳодшуда ҷой дода шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки

методикаи пешбурди аудити дохилӣ эҳтимолан мураккаб нест.

Таҳқиқи таҷрибаи аудити дохилии Олмон нишон дод, ки дар ин мамлакат асосан ба ҷузъиёти зерини методӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд ва онҳоро пайваста такмил медиҳанд: а) равишҳои аудити дохилӣ, ки дараҷаи мукаммалию самаранокии низоми назорати дохилӣ ва мониторинги ташкилотро муайян менамоянд; б) усулҳои арзёбии манфиатҳои иқтисодии низомҳои идоракунӣ ва назорати дохилӣ; в) равишҳои баҳодиҳии риояи қонунгузориҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ [15]. Тавре маълум гардид, Олмон дар соҳаи аудити дохилӣ нисбат ба аксарияти кишварҳое, ки аудити дохилиашон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифт, бартарӣ дорад. Ҷиҳатҳои қайдшуда, ки ба онҳо дар ин кишвар аҳамиятӣ бештар зоҳир карда мешавад, механизми кори воҳиди сохтории аудити дохилӣ мебошад. Ба ақидаи мо, агар дар Олмон ба равишҳои болозикр аҳамият дода нашавад, пас муайян намудани самараи низоми назорати дохилию мониторинги ташкилот, дақиқ кардани ҳисса ва доираи манфиатҳои иқтисодии низомҳои амалкунанда ва таъмин намудани риояи меъёрҳои қонунгузорию дигар тартиботи мавҷуда имконнопазир мегардад.

Низоми аудити дохилӣ дар Хитой соли 1980 бунёд ёфта буд [6, с.138]. Бояд қайд намуд, ки байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва кишварҳои ғарбӣ дар самти таҳқиқи масоили назариявию амалии аудити дохилӣ тафовутҳо ниҳоят зиёд мебошад. Вижагии аудити дохилии Хитой дар муқоиса ба дигар кишварҳо дар он ифода меёбад, ки аудити дохилӣ ҷузъи иловагии аудити давлатӣ мебошад, на унсури низоми назорати дохилӣ. Аз ин бар меояд, ки дар ин кишвар назорати давлатии воситаҳои буҷетӣ дорои механизми устувор мебошад. Масалан агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби самти алоҳидаи фаъолияти аудиторӣ доштани мақоми аудити мустақили берунаи бахши давлатӣ, яъне Палатаи ҳисоб, натиҷаи санҷишҳои ин мақомот аз натиҷаи санҷишҳои воҳидҳои сохтории аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ то андозае фарқ намояд, пас дар Хитой чунин мушкилӣ вуҷуд надорад. Бо назардошти нуқтаҳои зикршуда, методикаи аудити дохилиро дар Хитой мукаммал ва амалияи онро ҷиҳати таъмини самаранок ва мақсаднок истифодабарии воситаҳои буҷетӣ қаноатбахш меҳисобем.

Тибқи таҷрибаи Фаронса ва Амрико дар сурати мавҷудияти норасоии кадрҳои баландихтисоси соҳаи аудит ташкилотҳо ба низоми назорати дохилии устувор такя менамоянд. Аммо аз нигоҳи мо, чунин низом дар муқоиса ба аудити дохилӣ нисбатан шаффоф нест, чунки ягона будани назораткунанда ва назораташаванда воқеъӣ буда наметавонад. ИМА мақоми аудити дохилиро нисбат ба низоми назорати дохилӣ баланд меҳисобад. Аз ин ҷост, ки Қонун «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит»-и ин кишвар ҳанӯз аз соли 1950 муқаррароте дошт, ки тибқи он ташкилоту муассисаҳои давлатӣ бо мақсади назорати босамар аз болои истифодаи воситаҳои буҷетӣ хадамоти аудити дохилиро таъсис медоданд.

Таҷрибаи ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар аксари мавридҳо бахши хусусӣ нисбат ба бахши давлатӣ сатҳи нисбатан баланди ҷолибияти аудиторони баландихтисосро дорад. Ба ақидаи мо, баланд бардоштани чунин ҷолибият дар бахши давлатӣ имконпазир аст, агар: а) сатҳи музди меҳнат аудиторони дохилӣ баланд бардошта шавад; б) ба аудиторони дохилӣ ҷиҳати сазовор гардидан ба вазифаҳои баландмақом дар ташкилотҳои бахши давлатӣ имтиёзҳо дода шавад.

**Ҳамин тавр,** дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи ватанию хориҷӣ ошкор карда шуд, ки аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ ҳамчун субъекти мустақили назорати давлатии молиявӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, мукаммал гардонидани методикаи пешбурди онро то дараҷае зарур мешуморем, ки тавонад дар ҳама гуна шароит истифодаи шаффоф, мақсаднок ва самараноки воситаҳои давлатиро дар ташкилотҳо таъмин намояд. Аз дигар ҷониб, зарур мешуморем, то дар воҳидҳои сохтории аудити дохилӣ аудитороне ба кор қабул карда шаванд, ки донишҳои устувори

назариявию малакаҳои бойи амалӣ дошта бошанд, қонунгузориро хуб донанд ва дар ниҳоят, мавқеи мустақилро нигоҳ дошта тавонанд. Иқтисодчиёни ватанӣ Орзуев П.Ҷ., Шоймардонов Ҳ.Қ. чунин мавқеъро қонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки гузаронидани аудити баландсифат аз мутахассисони соҳа донишҳои муайяни касбӣ ва донистани хусусиятҳои объектҳои санҷидашавандаро талаб менамояд [7, с.192]. Ҷиҳати ҳалли мушкилоти кадрӣ пайваста баланд бардоштани тахассусмандӣ ва сатҳи касбияти аудиторони дохилиро бо роҳи мукаммалгардонии барномаҳои такмили ихтисос ва ба шароити муосири инноватсионию рақамӣ мувофиқ кардани онҳоро амри зарурӣ мебошад. Дар ин самт метавон қайд намуд, ки аудиторони воҳиди сохтории аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бояд амалан исбот намоянд, ки расидан ба ҳадафҳо дар ташкилот аз фаъолияти хадамоти мазкур вобаста аст.

**Адабиёт**


1.В Азербайджане разрабатывается концепция по внедрению инноваций в системе аудита. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://news.myseldon.com/ru/news/index/216227169 (дата обращения: 12.09.2025).

2.Закон Азербайджанской Республики «О внутреннем аудите» от 22 мая 2007 года.

3.Закон Республика Армения «О внутреннем аудите», от 22 декабря 2010 года. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://minfin.am/ru/page/zakonodatelstvo_vnutrennii_audit (дата обращения: 30.08.2025).

4.Каримов Б.Ҳ. Ҳамкории аудитор бо дигар шахсон барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ / Б.Ҳ.Каримов, Р.С.Тоҳирова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2020. № 4-1 (33). С. 56-61.

5.Национальные правила аудиторской деятельности «Использование результатов работы внутреннего аудита»: постановление Министерства финансов Республики Беларусь от 07.02.2021 г., № 9 // Консультант Плюс: Беларусь. Технология 3000 [Электронный ресурс] / ООО «ЮрСпектр», Нац. центр правовой информ. Респ. Беларусь. – Минск, 2024.

6.Низомов С.Ф. Алоқамандии низоми назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ / С.Ф.Низомов, У.С.Юсупов // Вестник Технологического университета Таджикистана. 2023. № 4-2 (55). С. 133-140.

7.Орзуев П.Дж. Аудит эффективности в системе государственного финансового контроля / П.Дж.Орзуев, Х.К.Шоймардонов // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. 2022. № 3-2 (38). С. 189-194.

8.Постановление Кабинета Министров Республики Узбекистан № 416 «Об утверждении типового положения о службе внутреннего аудита министерств и ведомств», от 1 августа 2022 года.

9.Постановление Президента Республики Узбекистан ПП-128 «О дальнейшем повышении эффективности расходов Государственного бюджета Республики Узбекистан и совершенствовании деятельности органов государственного финансового контроля», от 14 февраля 2022 года.

10.Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119.

12.Саидов, Р.Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 3(42). – P. 58-65.

13.Суванкулов А. Р. Развитие службы внутреннего аудита государственнего сектора Узбекистана // Россия: тенденции и перспективы развития. 2023. №18-2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/razvitie-sluzhby-vnutrennego-audita-gosudarstvennego-sektora-uzbekistana (дата обращения: 30.07.2025).

14.Шарифов З.Р. Аудити давлатӣ ва роҳҳои такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.Р.Шарифов, Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. 2021.– № 4 (28).С.46-52.

15.Yuedong Li “A comparative study about internal auditing approach between Germany and China”

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Маҷидзода Шоҳмурод Холмурод**-докторанти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

**Сведения об авторе**

***Маджидзода Шохмурод Холмурод*** *- докторант доктора философии (PhD) - доктор по специальности 6D050800-Учета и аудита кафедры бухгалтерского учета факультета учет и цифровая экономика Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.* Телефон: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

**About the author**

**Majidzoda Shokhmurod Kholmurod** - PhD candidate - doctor in the specialty 6D050800-Accounting and auditing of the accounting department of the faculty of accounting and digital economy of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

**УДК 338.984**

# ТАШАККУЛИ НИЗОМ ВА МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ БУҶЕТИКУНОНӢ ВА ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Абдулҳақов Б.Қ.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Мақола ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва марҳилаҳои ҷорисозии буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ бахшида шудааст. Дар мақола таъкид шудааст, ки буҷетикунонӣ омили асосии рушди фаъолияти самаранок ва устувори корхонаҳои саноатӣ буда, истифодаи он имконият медиҳад, ки фаъолияти молиявии корхона такмил дода шавад. Дар баробари намудҳои буҷет ва марҳилаҳои асосии ҷорисозии буҷетикунонӣ пешниҳод карда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳод шудааст, ки барои ҷорисозии низоми буҷетикунонӣ бояд шароити мусоид фароҳам оварда шуда, мушкилоти ташкилӣ ва методологии ҷойдошта ҳал карда шаванд.
**Вожаҳои калидӣ:** корхонаҳои саноатӣ, буҷет, беҷетикунонӣ, буҷети фурӯш, самаранокӣ, банақшагирӣ, рушди устувор.
**Барои иқтибос:** Абдулҳақов, Б. Қ. Ташаккули низом ва марҳилаҳои асосии буҷетикунонӣ ва дар корхонаҳои саноатӣ / Б. Қ. Абдулҳақов // Паёми молия ва иқтисод.– 2025. – No. 4. – С. 258-264.

# ФОРМИРОВАНИЕ СИСТЕМЫ И ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ВНЕДРЕНИЯ БЮДЖЕТИРОВАНИЯ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

**Абдулхаков Б.К.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация.** Статья посвящена исследованию теоретических основ и этапов внедрения бюджетирования на промышленных предприятиях. В статье подчеркивается, что бюджетирование является основным фактором развития эффективной и устойчивой деятельности промышленных предприятий, а его использование позволяет улучшить финансовые показатели предприятия. Наряду с видами бюджетов, представлены основные этапы реализации бюджетирования. По результатам исследования предлагается создать благоприятные условия для внедрения системы бюджетирования и решить существующие организационные и методические проблемы.
**Ключевые слова:** промышленные предприятия, бюджет, бюджетирование, бюджет продаж, эффективность, планирование, устойчивое развитие.

# FORMATION OF A SYSTEM AND MAIN STAGES OF IMPLEMENTING BUDGETING AT INDUSTRIAL ENTERPRISES

**Abdulhakov B.K.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract.** This article examines the theoretical foundations and stages of implementing budgeting at industrial enterprises. It emphasizes that budgeting is a key factor in developing efficient and sustainable operations at industrial enterprises, and its use improves their financial performance. Along with the types of budgets, the article presents the main stages of budgeting implementation. The study's findings suggest creating favorable conditions for implementing a budgeting system and addressing existing organizational and methodological challenges.
**Keywords:** industrial enterprises, budget, budgeting, sales budget, efficiency, planning, sustainable development.

**Гузориши масъала.** Дар марҳилаи идоракунии қабулшаванда яке аз омилҳои муосири рушд сифати қарорҳои асосие ба ҳисоб меравад, ки ба

натиҷабахшии фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳои саноатӣ таъсири бевосита мерасонад. Низоми буҳгалтерияи дар ин самт ба сифати воситаи калидие баромад мекунад, ки метавонад ба сифати қарорҳои идоракунӣ таъсир расонад. Буҳгалтерияи на танҳо барои арзёбии натиҷаҳои ҷории фаъолият ва таҳияи дурнамо, балки барои қабули қарорҳое, ки ба коҳиш додани хароҷот ва афзоиши фоида нигаронида шудаанд, мусоидат мекунад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки равишҳои мавҷудаи буҳгалтерияи дар корхонаҳои саноатӣ дорои афзалиятҳо ва нуқсонҳои хос мебошанд. Истифодаи модели стандартии буҳгалтерияи на ҳамеша ба натиҷаҳои мусбат меорад, зеро ҳангоми интихоби модели мушаххас бояд хусусиятҳои фаъолияти корхона ба инобат гирифта шаванд. Дар ҳолате, ки модел бо назардошти хусусияти фаъолияти корхона интихоб карда мешавад, он бояд ба ниёзҳои мушаххас мутобиқ карда шуда, ҳамчун омили асосии баландбардории самаранокии фаъолияти корхона шинохта шавад.

Ҳангоми интихоби модели буҳгалтерияи ҳатман ба назар гирифтани хусусиятҳои фаъолияти корхона зарур буда, барои баланд бардоштани самаранокии низоми буҳгалтерияи модели интихобшуда бояд ба талаботи корхонаи мушаххас ҷавобгӯ бошад.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Шумораи зиёди муҳаққиқон пажӯҳишҳои худро ба мушкилоти буҳгалтерияи дар корхонаҳои саноатӣ бахшидаанд. Ба чунин муҳаққиқон Богомолова Е. В. [1], Жилтсова К. И., Омелченко А. С. [2], Кодиров Ф. А. [3], Манчилина Т. С. [4], Мехедов Т. Н., Лисоветс О. Р. [5], Оскина Е. А. [6], Пилнева Т. Г. [7], Слесаренко Г. В. [8], Ташкинов А. Г. [9], Федорова Е. Ю. [10], Шербин К. И. [11] ва дигаронро шомил намуд.

Вале бояд таъкид кард, ки бо вуҷуди мавҷуд будани миқдори зиёди тадқиқот дар соҳаи буҳгалтерияи дар корхонаҳои саноатӣ, то ҳол самтҳо ва усулҳои такмил додани низоми буҳгалтерияи ва назорат дар фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ба таври мушаххас асоснок карда нашудаанд.

**Мақсади мақола** аз таҳлили муфассал ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмил додани низоми мавҷудаи буҳгалтерияи ва назорат дар корхонаҳои саноатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии молиявӣ мебошад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Дар шароити муосир муваффақияти корхонаҳои саноатӣ, пеш аз ҳама, аз тарзи тақсими захираҳои моддӣ, молиявӣ, инсонӣ ва намудҳои дигари онҳо вобастагӣ дорад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, корхонаҳои саноатӣ бештар механизми буҳгалтериро ҳамчун абзори асосӣ истифода менамоянд. Ин низом имкон медиҳад, ки фаъолияти самараноки корхонаҳо таъмин карда шуда, нишондиҳандаҳои молиявии он дар давраҳои оянда пешгӯӣ карда шаванд. Азбаски буҳгалтерияи раванди меҳнатталаб буда, ба баҳисобгирии мураккаб такя мекунад, истифодаи моделҳои иқтисодию риёзӣ муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Ба ақидаи Қодиров Ф.А. буҳгалтерияи як усули идоракунӣ буда, аз ҷониби корхонаҳо саноатии кишварҳои пешрафта ба таври васеъ истифода мешавад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ исбот намудааст, ки корхонаҳое, ки низоми буҳгалтериро истифода мебаранд, дар муқоиса бо дигар корхонаҳо бо сатҳи баланди самаранокии иқтисодӣ тавсиф дода мешаванд. Дар таҳқиқот монеҳои асосии татбиқи низоми буҳгалтерияи баррасӣ шуда, марҳилаҳо ва самтҳои татбиқи ин низом дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд [3].

Дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ таҳияи буҳгалтерияи банақшагирии даврии фаъолияти корхонаро таъмин карда, роҳи рушди стратегиро муайян мекунад. Аммо истифодаи амалии буҳгалтерияи дар фаъолияти корхонаҳо аксар вақт бо мушкилоти марбут ба ташкили кор оид ба татбиқ ё ислоҳоти буҳгалтерияи вобаста мебошад. Аз ин рӯ, буҳгалтерияи як механизми мураккаб буда, сифати он ба

ҳамоҳангии ҳамаи ҷузъҳои он, аз он ҷумла сохтор, низом, модел ва тартиби буҷет вобаста аст. Мувофиқан, сохтори буҷет маҷмӯи объектҳои буҷетикунонӣ, яъне воҳидҳое мебошад, ки барои онҳо буҷетҳои алоҳида таҳия карда мешаванд [9].


Низоми буҷетикунонӣ рӯйхати буҷетҳои корхона ва нишондиҳандаҳои онҳоро дар бар гирифта, модели буҷетикунонӣ бошад тартиби ҳисоб кардани ҳар як нишондиҳандаи буҷет ва нақшаи умумии муттаҳидсозии буҷетҳои сатҳҳои гуногунро муайян мекунад. Тартиби буҷетикунонӣ ҷанбаи ташкилии механизми буҷетикуниро инъикос карда, муқаррар кардани мӯҳлатҳо, шахсони масъул ва пайдарпайии татбиқи марҳилаҳои алоҳидаи раванди буҷетро пешбинӣ мекунад.

Муҳаққиқон нақши буҷетикуниро дар такмили банақшагирии молиявӣ баррасӣ намуда, дар заминаи таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии буҷетикунонӣ исбот намудаанд, ки набудани дастгирии ташкилӣ ва методологӣ барои баҳисобгирӣ ва таҳлили хароҷот аз ҷониби марказҳои масъулият боиси равиши ғайриоқилона дар банақшагирии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мегардад [7]. Ҳалли ин мушкилот тавассути таҳия ва татбиқи абзорҳои буҷетикунонӣ имконпазир буда, он ба устувории молиявӣ ва қабули қарорҳои самараноки асосноки идоракунӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани низоми буҷетикуноӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дорои аҳамияти муҳим мебошад.

Таҳлили фаъолияти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳангоми ҷорӣ намудани шаклҳои нави банақшагирии молиявӣ самаранокии истеҳсолот афзоиш меёбад. Банақшагирии муосир бояд ба вазъи бозор нигаронида шуда, эҳтимолияти рух додани баъзе рӯйдодҳоро ба назар гирад ва дар айни замон моделҳои рафтори корхонаро дар шароити тағйирёбии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ, технологӣ ва молиявӣ таҳия кунад.

Дар амалия бисёре аз роҳбарони корхонаҳои истеҳсолӣ бартариҳои истифодаи буҷетикуниро дарк намуда, нақши онро дар қабули қарорҳои асоснок таъкид менамоянд. Самаранокии буҷетикунонӣ дар он аст, ки он имконият медиҳад, ки ваколатҳоро аз роҳбарият ба менеҷерон интиқол дода, айни замон сатҳи зарурии назорат нигоҳ дошта шавад [6]. Буҷетикунонӣ дар амалия ба беҳтар кардани ҷараёни идоракунии захираҳои молиявӣ, таъмини пасандозҳо, беҳтар кардани идоракунии воситаҳои пулӣ, тақвияти интизоми молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ ва рақобатпазирии корхона мусоидат мекунад.

Богомолова Е.В. нақши буҷетикуниро дар банақшагирии фаъолияти корхона баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки дар шароити муосир мақсади асосии буҷетикунонӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ин татбиқи стратегияи муайяни корхона дар самти идоракунии молиявӣ мебошад [1]. Буҷетикунонӣ имконият медиҳад, ки низоми нави ташкил ва банақшагирии ҷараёнҳои молиявӣ, дороиҳо ва ӯҳдадориҳои корхона таъмин карда шуда, ҳайати меҳнатии корхона дар таҳияи буҷетҳо иштирок намоянд. Буҷетикунонӣ имконият медиҳад, ки хароҷот ва манфиатҳои самтҳои алтернативии амал муқоиса карда шуда, роҳҳои самараноктарини истифодаи захираҳо муайян карда шавад. Дар баробари ин буҷетикунонӣ ҳамчун барои арзёбии фаъолияти роҳбарон хизмат карда, инчунин ба сифати манбаи асосии муқоисаи натиҷаҳои воқеӣ бо натиҷаҳои банақшагирифташуда хизмат мекунад.




**Расми 1. Марҳиаҳои ҷорисозии буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ (таҳияи муаллиф)**

Шербин К.И. нақши буҳетикуниро дар рушди устувори корхонаҳои саноатӣ баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки татбиқи низоми пурраи буҳетикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ аз ташаккули буҳети асосӣ иборат аст, ки системаи буҳетҳои амалиётӣ ва молиявии ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад [11]. Ҷузъҳои буҳети асосии корхонаҳои саноатиро метавон чунин гуруҳбандӣ намуд [10]:

- Буҳети фурӯш. Мақсади ин буҳет ҳисоб кардани ҳаҷми фурӯш барои ҳама намудҳои маҳсулот мебошад. Бар асоси стратегияи корхонаҳои саноатӣ, иқтидорҳои истеҳсолии он ва сохтори бозор, шумораи маҳсулоти фурӯхташуда ҳисоб карда мешавад.

- Буҳети истеҳсолӣ. Мақсади ин қисмати буҳети асосӣ ҳисоб кардани ҳаҷми истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулот дар асоси ҳаҷми фурӯши банақшагирифташуда ва захираи боқимондаи маҳсулоти тайёр мебошад.

- Буҳетҳо барои хароҷоти мустақими масолеҳ ва харид. Бар асоси маълумот дар бораи ҳаҷми истеҳсолот, стандартҳои арзиши ашёи хом барои як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда, захираҳои ашёи хом дар охири ва аввали давра, нархҳои ашёи хом ва мавод, ниёз ба ашёи хом ва мавод муайян карда мешавад. Маълумот ҳам дар шакли воқеӣ ва ҳам дар шакли пулӣ барои ҳар як ашёи моддӣ муайян карда мешавад.

- Буҳети хароҷоти мустақими меҳнат. Мақсади ин буҷа ҳисоб кардани хароҷоти умумии ҷалби захираҳои меҳнатӣ мебошад, ки мустақиман дар истеҳсолот истифода мешаванд. Маълумоти ибтидоии қисмат натиҷаҳои ҳисоб кардани ҳаҷми истеҳсолот ва стандартҳои музди меҳнат мебошанд. Алгоритми ҳисобкунӣ аз бисёр омилҳо, аз ҷумла системаи тақсимот ва музди меҳнати кормандон вобаста аст.

- Буҳети хароҷоти истеҳсолӣ ва умумӣ. Ҳисобкунӣ аз рӯи моддаҳои хароҷоти умумӣ анҷом дода мешавад.

- Буҳети хароҷоти истеҳсолӣ. Ҳисобкунӣ дар асоси маълумоти блокҳои қаблӣ мувофиқи методологияи ҳисобкунии хароҷот, ки дар ташкилот қабул шудааст (аз рӯи хароҷоти доимӣ ё тағйирёбанда) анҷом дода мешавад.

- Буҳети хароҷоти фурӯш. Ин блок харҷномаи пешгӯии хароҷоти умумӣ барои фурӯши маҳсулотро ҳисоб мекунад.

- Буҳети хароҷоти маъмурӣ. Ин қисмат тахминҳои пешгӯии хароҷоти умумии маъмуриро дар бар мегирад.

Дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ зимни таҳияи буҳет як қатор мушкилоти ташкилӣ низ ба чашм мерасад. Дар ин самт зарурати такмили таҷрибаи ҷорӣ нақши муҳим мебозад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳама гуна навовариҳои дар корхонаҳои саноатӣ ҷоришуда асосан манфӣ қабул карда шуда, чунин вокуниш одатан аз сабаби омӯзиши нокифояи кормандон барои навовариҳо ба вуҷуд меояд [5]. Раванди ҷорисозии таҷрибаи буҳетикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ марҳилаҳои муайянро дар бар мегирад (Расми 1.).

Дар шароити муосир мушкилоте, ки корхонаҳо дар марҳилаи татбиқи буҳет бо онҳо рӯбарӯ мешаванд, метавонанд ба ду гурӯҳ тақсим карда шаванд: инҳо мушкилоти хусусияти методологӣ ва мушкилоти хусусияти ташкилидошта мебошанд. Мушкилоте, ки бо методологияи буҳетӣ алоқаманданд ин набудани маълумоти ибтидоӣ барои буҳет мебошад. Ин мушкилот пеш аз ҳама ба набудани низоми самараноки муқарраршудаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботдиҳӣ алоқаманд буда, манбаи асосии иттилоот барои буҳет мебошад. Аз ин рӯ, ташкили гузоришҳои иттилоотӣ дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ яке аз марҳилаҳои асосии буҳетикунонӣ ба ҳисоб меравад.

Буҳетикунонӣ фаъолияти корхонаҳои саноатӣ нақшаи ҳамоҳангшудаи кори корхона барои ҳамаи бахшҳо ё аз рӯи мақсади функционалӣ мебошад, ки аз буҳетҳои алоҳида иборат буда, ба маълумоти заруриро барои қабул ва назорати қарорҳои идоракунӣ пешниҳод менамояд. Ҳалқаи асосии буҳетикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ буҳетҳои амалиётӣ мебошанд. Қисми асосии буҳетҳои амалиётӣ мустақиман ё ғайримустақим ба

нишондиҳандаҳои ниҳоӣ ва пеш аз ҳама ба нишондиҳандаҳои даромад, хароҷот ва самаранокии фаъолият дар ҳар як марҳилаи равандҳои молиявӣ таъсир мерасонанд. Дар асоси буҷетҳои амалиётӣ буҷетҳои асосӣ ва молиявӣ таҳия карда мешаванд, ки таъсири қарорҳои қабулшударо дар фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузории корхона ифода мекунанд.

Ба ақидаи Жилсова К.И.ва Омелченко А. С. ҷорӣ намудани системаи буҷетикунонӣ дар корхонаи саноатӣ қадами муҳим ва зарурӣ барои беҳтар кардани самаранокии идоракунӣ, пешгӯӣ ва банақшагирӣ, назорат ва гузоришдиҳӣ, ҳавасмандгардонии кормандон ва таъмини устувории молиявии ширкат мебошад [2]. Дар шароити муосир истифодаи усулҳои ташаккули буҷет бо дархости зерсохторҳо васеъ паҳн шудааст. Ҳангоми баррасии лоиҳаи буҷет, роҳбарон ба муқаррар кардани ҳадафҳои ба осонӣ ноилшаванда манфиатдоранд ва дар айни замон кӯшиш мекунанд, ки захираҳои имконпазири бештарро ба даст оранд. Ҳамин тариқ, истифодаи усулҳое мувофиқи мақсад мебошад, ки ин ду равишро муттаҳид кунад.

Айни замон, усулҳои гуногуни банақшагирии нишондиҳандаҳо мавҷуданд, ки бо истифодаи онҳо раванди буҷетикунонӣ такмил дода мешавад. Аз ин рӯ, нуктаи муҳим ин таҳияи чунин методологияи банақшагирӣ мебошад, ки ба шароити фаъолияти корхона нздик бошад ва шумораи бештари омилҳоеро, ки ба тағирёбии онҳо таъсир мерасонанд, ба назар гирад. Буҷетикунонӣ асосан воситаи идоракунии амалиётӣ мебошад, ки татбиқи он бояд ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ оварда расонад [4]. Барои ин, зарур аст, ки маълумот дар бораи ҳадафҳои дарозмуддати корхона ба ҳамаи иштирокчиёни раванди буҷет расонида шуда, илова бар ин на танҳо буҷетҳои амалиётӣ, балки стратегӣ низ бояд тартиб дода шавад.

Хусусияти фарқкунандаи буҷет ташаккули буҷетҳо аз рӯи марказҳои масъулият мебошад. Аз ин ру, тақсимоти нодурусти масъулият байни кормандон ва воҳидҳо ба фаъолияти буҷет таъсири манфӣ мерасонад. Дар марҳилаи татбиқи буҷет, тақсимоти возеҳи масъулият ва пешгирӣ аз такрори вазифаҳо зарур буда, зимнан ноил шудан ба нишондиҳандаҳои буҷет барои татбиқи нақшаҳои амалиётӣ ва стратегӣ зарур мебошад. Низоми ҳавасмандгардонии кормандон бояд дар ин самт тавре ташкил карда шавад, ки нишондиҳандаҳои буҷет барои кормандон фаҳмо ва дастрас бошанд [8].

Барои қабули қарорҳои саривақтии идоракунӣ, илова бар ташаккули буҷет, бояд низоми муассири назорати иҷрои онҳоро дар бар гирад. Корхонаҳои саноатӣ бояд чунин низоми назоратро ташкил кунанд, ки имкон диҳад маълумоти заруриро дар вақти зарурӣ ва пурра дастрас намояд. Дар ин замина бояд қайд наомем, ки буҷетикунонӣ ба корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти худро пешгӯишаванда ва идорашаванда гардонанд.

**Хулоса.** Ҳамин тавр, раванди банақшагирии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноатӣ сохтори мураккаб дошта, рушди устувори онҳо ба низмои буқетикунонӣ алоқаманд мебошанд. Мушкилоти зимни таҳқиқ муайяншуда, аз қабили набудани низоми банақшагирии фурӯши маҳсулот, қарорҳо дар бораи таркиби хароҷоти банақшагирифташуда ва набудани баҳисобгирӣ аз ҷониби марказҳои хароҷот ва даромад боиси эҷоди таҳдидҳои хос ба фаъолияти корхонаҳои саноатӣ гардидаанд. Дар ин замина ҷорӣ намудани низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки даромад ва хароҷот аз рӯи марказҳои масъулият тақсим карда шуда, таъсири хатарҳои эҳтимолӣ аз рӯи манбаъҳои пайдоиши онҳо арзёбӣ карда шаванд. Дар баробари ин шартҳои пешакии татбиқи низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ таҳияи равишҳои ташкилӣ ва методологиро тақозо мекунад. Дар ин самт баланд бардоштани самаранокии равандҳои тақсимоти захираҳо ва назорати фаъолияти воҳидҳои сохторӣ аҳамияти муҳим дорад.

**Адабиёт**

1. Богомолова, Е. В. Планирование на основе бюджетирования на промышленном предприятии / Е. В. Богомолова // Актуальные проблемы развития хозяйствующих субъектов, территорий и систем регионального и муниципального управления : материалы 16-й Международной научно-практической конференции, Курск, 27–29 мая 2021 года. Том выпуск 2. – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2021. – С. 42-47.

2. Жильцова, К. И. Современные тенденции в бюджетировании на промышленных предприятиях / К. И. Жильцова, А. С. Омельченко // Тенденции и перспективы развития финансов

в условиях цифровизации : материалы I Международной научно-практической интернет-конференции, Донецк, 28 марта 2024 года. – Донецк: ФЛП Кириенко С.Г., 2024. – С. 252-258.

3. Кодиров, Ф. А. Развитие системы финансового планирования промышленных предприятий на основе формирования системы бюджетирования / Ф. А. Кодиров // Экономика Таджикистана. – 2020. – № 4-2. – С. 72-77.

4. Манчилина, Т. С. Теоретические основы организации системы бюджетирования на промышленном предприятии / Т. С. Манчилина // НОВЫЕ ВЫЗОВЫ НОВОЙ науки: опыт теоретического и эмпирического анализа : сборник статей Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 20 декабря 2020 года. – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская Ирина Игоревна), 2020. – С. 7-13.

5. Мехедова, Т. Н. Вопросы внедрения бюджетирования на промышленных предприятиях / Т. Н. Мехедова, О. Р. Лисовец // Приоритетные векторы развития промышленности и сельского хозяйства : материалы IV Международной научно-практической конференции : в 7 т., Макеевка, 15 апреля 2021 года. Том IV. – Макеевка: Государственное образовательное учреждение высшего профессионального образования «Донбасская аграрная академия», 2021. – С. 215-218.

6. Оськина, Е. А. Современные проблемы в реализации процесса бюджетирования затрат на персонал промышленного предприятия / Е. А. Оськина // Перспективы и закономерности модернизации современного общества: новый взгляд (экономические, социальные, философские, политические, правовые общенаучные аспекты) : Материалы международной научно-практической конференции, Саратов, 25 июня 2014 года. Том Часть 1. – Саратов: Общество с ограниченной ответственностью "Академия управления", 2014. – С. 323-325.

7. Пыльнева, Т. Г. Финансовое планирование на основе бюджетирования на промышленном предприятии / Т. Г. Пыльнева, Ю. А. Волкова // Экономика и современный менеджмент: теория, методология, практика : сборник статей VI Международной научно-практической конференции, Пенза, 10 мая 2019 года. – Пенза: "Наука и Просвещение" (ИП Гуляев Г.Ю.), 2019. – С. 240-243.

8. Слесаренко, Г. В. Проблемы внедрения системы бюджетирования на промышленном предприятии / Г. В. Слесаренко, А. И. Колесникова // Актуальные вопросы экономики и финансов : Сборник трудов международной научно-практической конференции, Ижевск, 15 мая 2024 года. – Ижевск: Издательский дом "Удмуртский университет", 2024. – С. 194-199.

9. Ташкинов, А. Г. Стратегически ориентированное бюджетирование на промышленном предприятии: методологический подход / А. Г. Ташкинов // Вестник Пермского университета. Серия: Экономика. – 2013. – № 3(18). – С. 55-63.

10. Федорова, Е. Ю. Основные виды бюджетов и их классификация на различных промышленных предприятиях / Е. Ю. Федорова // Вопросы региональной экономики. – 2018. – № 4(37). – С. 137-143.

11. Щербин, К. И. Бюджетирование на основе принципов ABC - ABB - ABM как составляющая механизма обеспечения устойчивого развития промышленного предприятия / К. И. Щербин // Экономика и управление: проблемы, решения. – 2024. – Т. 7, № 8(149). – С. 44-56. – DOI 10.36871/ek.up.p.r.2024.08.07.006.

| Маълумот дар бораи муаллиф | Сведения об авторе | About the author |
|---|---|---|
| **Абдулхаков Бобосафар Курбоналиевич** – докторант PhD-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел. 905-99-12-14 | **Абдулхаков Бобосафар Курбоналиевич** – докторант PhD Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел. 905-99-12-14 | **Abdulhakov Bobosafar Kurbonalievich** – PhD candidate at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel. 905-99-12-14 |

**УДК: 657:338(575,3) (045)**

# МАВҚЕИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Ҷалилзода У.А.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Имрӯз масъалаи истифодаи технологияҳои пешрафтаи иттиллоотӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, аз он ҷумла дар баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҷузъи марказии низоми идораи ҳамагуна объектҳо мебошад, нақши асосиро дорад. Рушди иқтисоди рақамӣ бошад такмили технологияҳои ҳозиразамони иттиллоотию телекоммуникатсиониро талаб менамояд, зеро он барои ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ имкониятҳои навро фароҳам меорад.
Масъалаи саноатикунонии кишвар, ки ҳадафи чоруми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст баррасӣ карда шуда ва махсусан тартиб, бурдан ва вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ пешниҳод карда шудааст.
**Калидвожа:** Субъектҳои иқтисодӣ, саноат, иқтисодиёт, рушд, баҳисобгирии муҳосибӣ, иқтисодиёти рақамӣ, молиявӣ, ахборот, корхонаҳои саноатӣ, иҷтимоӣ.
**Барои иқтибос:** Ҷалилзода, У. А. Мавқеи баҳисобгирии муҳосибӣ дар рушди саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иқтисодиёти рақамӣ / У. А. Ҷалилзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 265-271.

# МЕСТО БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В РАЗВИТИИ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

**Джалилзода У.А.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация.** Сегодня вопрос использования передовых информационных технологий в различных отраслях народного хозяйства, в том числе бухгалтерского учета, являющегося центральным компонентом системы управления всеми видами объектов, играет ключевую роль. Развитие цифровой экономики требует совершенствования современных информационно-телекоммуникационных технологий, поскольку это открывает новые возможности для бухгалтерского учета.
Рассматривается вопрос индустриализации страны, являющейся четвертой целью Правительства Республики Таджикистан, и, в частности, представлены организация, ведение и основные функции бухгалтерского учета в условиях цифровой экономики.
**Ключевые слова:** Хозяйствующие субъекты, промышленность, экономика, развитие, бухгалтерский учет, цифровая экономика, финансы, информация, промышленные предприятия, социальная сфера.

# THE POSITION OF ACCOUNTING IN THE INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE DIGITAL ECONOMY

**Jalilzoda U.A.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Annotation.** Today, the issue of using advanced information technologies in various sectors of the national economy, including accounting, which is a central component of the management system of all types of objects, plays a key role. The development of the digital economy requires the improvement of modern information and telecommunication technologies, as it opens up new opportunities for accounting.
The issue of industrialization of the country, which is the fourth goal of the Government of the Republic of Tajikistan, is considered, and in particular, the organization, conduct and main functions of accounting in the conditions of the digital economy are presented.

**Keywords:** Economic entities, industry, economy, development, accounting, digital economy, finance, information, industrial enterprises, social.

**Гузориши масъала.** Дар шароити имрӯза, идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ раванди мураккабест, ки аз амалиётҳо, равандҳо ва рӯйдодҳои сершуморе, ки дар муҳити дохилӣ ва берунии корхона рух медиҳанд, инчунин арзёбии муносиби натиҷаҳои онҳо вобаста аст. Устувории иқтисодии корхонаҳои муосир танҳо бо назорати доимӣ ва мақсаднок, муайян кардан, пешгӯӣ кардан ва пешгирии мушкилот ва муттаҳид кардани нишондиҳандаҳои молиявие, ки фаъолияти онро тавсиф мекунанд, имконпазир аст. Воситаи татбиқи ин амалҳо идоракунии фаъолияти тиҷоратии корхона дар асоси иттилооте мебошад, ки дар системаи баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккул меёбад.

**Таҳлил ва таҳқиқоти дар охир нашрёфта.** Таҳқиқоти мазкур вобаста ба таҳқиқоти олимон аз қабили, Каримов Б.Ҳ., Николаева О.Е., Алексеева О.В., Ҷабборов Ф.А. ва дигарон анҷом дода шудааст.

**Муҳтавои асосии мавод.** Дар муҳити ҷаҳонишавии имрӯза идоракунии ҳар як субъекти иқтисодӣ бештар аз иттиллооти зарурии системаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили нишондиҳиндаҳои соҳаи саноат мебошад, чун ки метавон бо рушди соҳаи саноат ба як қатор ҳадафҳои зарури ноил шуд ва он рушди иқтисодии мамлакатро таъмин намуда сатҳи некуаҳволии аҳолиро беҳтар мекунад.

Дар муҳити ҷаҳонишавии имрӯза, идоракунии ҳар як субъекти хоҷагидорӣ бештар ба маълумоти пешниҳодкардаи баҳисобгирӣ вобаста аст. Баҳисобгирӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳоеро дар бар мегирад, ки нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаро инъикос мекунанд ва барои қабули қарорҳои идоракунӣ масъулияти асосӣ дорад. Ва он як ҷӯзъи муҳимтарин, оиди вазъи молиявии корхона, дар бораи самаранок истифода намудани молу мулки корхона, хариди ашёи хом, фурӯхтани маҳсулоти тайёр, баробар намудани ҳисобҳои бонкӣ, сари вақт супоридани андозҳои муайян шуда, ва дигар супоришҳои дар назди корхона буда. Ба ибораи дигар, низоми баҳисобгирӣ системаест барои ҷамъоварӣ, сабт ва ҷамъбаст кардани маълумот бо баҳои пулӣ нишон додани дороӣ ва ӯҳдадории корхона дар фосилаи вақти муайян тавассути сабти ҳамаҷониба, пурра ва ҳуҷҷатгузории ҳама гуна амалиётҳои тиҷоратӣ.

Дар баробари ҳамин роҳбари корхона бо донишу малакка ва маҳорати роҳбарикунандаи худ оиди будани захираҳо барои истеҳсоли маҳсулоти босифати дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир, идора намудани корхона дар шароити ҷаҳонишавӣ, самтҳои муайян, дақиқ ва асосиро барои фаъолият ва пешрати корхона бояд фароҳам оварад. Ва ин масъалаҳои дар боло матраҳ шуда, ба рушди иқтисод ва пашрафти соҳаи саноат шарити муфидро муҳайё менамояд. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки таҳлилу таҳқиқотҳои дар замони муосир шуда барои рушди соҳаи саноат, самт ва ҳадафҳои заруриро заминаи беҳтар намудани ситемаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тадбиқу таҳкими ҳадаф ва мақсадҳои нав дар низоми иқтисоди рақамӣ дар раванди идоракунӣ мусоидат менамояд.

“Иттилооти баҳисобгирӣ тибқи равишҳои муосири идоракунӣ бояд дастгирии иттилоотии менеҷменти корхонаро бо чунин самтҳои муҳим таъмин намояд: ташаккули стратегияҳои тиҷоратӣ, банақшагирӣ ва назорати намудҳои фаъолият, таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ, истифодаи босамараи сарватҳо, зиёд намудани арзиши корхона, ҳифзи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ ва назорати дохилӣ”[6].

Дар низоми иқтисодӣ бозорӣ дар рушди иқтисодӣ мамлакт як соҳа нақши асосиро мебозад, ва он соҳаи саноат ба ҳисоб рафта рушди кишвар аз он вобатагии зиёд дорад, чунки бо зиёд шудани корхонаи саноатӣ дар дохили мамлакат ин метавонад аҳолии қолияти коридоштаро, ки бекор будан ба ҷои кор таъмин мекунад, ва дар ин ҳол истеҳсолӣ маҳсулоти ватанӣ афзоиш ёфта содирот зиёд шуда ва воридот камтар

мешавад. Низоми фаъолит ва пешрафтаи корхонаҳои саноатӣ ба коркарди пурраи ашёи хом ва пур намудани бозори мамлакатро аз молҳои ватанӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ислоҳот гузаронида мешаванд ва яке аз самтҳои асосии ин ислоҳот низоми баҳисобгирӣ мебошад. Системаи баҳисобгирӣ барои таъмини истифодабарандагони маълумоти молиявӣ бо маълумоти молиявӣ равона шудааст.

Соҳаи саноат яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, ки барои пешрафти бахшҳои гуногуни ин соҳа аз тарафи Роҳбари мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад, ва дар давоми ҳар сол ҳангоми азхуд кардани заҳираҳои иқтисодӣ ва зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар дохилӣ мамлакат ва инчунин баромадан ба бозории ҷаҳонии молу хизматҳо зина ба зина стратегияҳои муайян шударо паси сар намудаистодаат. “Дастгирии бахшҳои гуногуни саноатии кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои давлатӣ мебошад. Натиҷаи чунин тадбирҳо аз афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ вобастаги дорад”[7].

**Ҷадвали 1. - Афзоиши ҳаҷми ММД ва ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 - 2023 млн. сомонӣ**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ММД, млн. сомонӣ** | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 | 130791,5 |
| 2 | **Ҳаҷми маҳсулоти саноат, млн. сомонӣ** | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 38829 | 43025 | 46857 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асосӣ маълумотҳои омории, “Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024, С. 214, 252”.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои дар боло қайд шуда маълум гардид, ки аз соли 2017 то соли 2023 афзоиши ҳаҷми ММД ва ин чунин афзоиши маҳсулоти саноатӣ дар дохили мамлакат дида мешавад. Афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, (ММД) дар давоми солҳои 2017-2023 тамоюли зиёдшавиро нишон медиҳад, яъне дар давоми 2023 ҳаҷми ММД -108,3 %-ро нишон медиҳад, ки нисбат ба соли 2017-0,7 % зиёд гардидааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо зиёд шудаи ин нишондиҳандаи макроиқтисодӣ рушди иқтисодии мамлакат хуб шуда даромади пулии аҳоли зиёд мешавад ва ин чунин сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар мешавад. Ва нишондиҳандаи дигари таҳлилшаванда ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мебошад. Ин нишондиҳанда низ ба монанди ММД тамоюли зиёдшавиро нишон медиҳад, яъне дар давоми соли 2023 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар дохили мамлакат истеҳсол шуда 46857 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки солҳои гузашта яъне нисбати соли 2017-26828 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Маҳз бо зиёд шудани ин нишондиҳандаҳо метавонад ба рушди иқтисодии мамлакат мусоидат намуд ва дар амал татбиқ шудани ҳадафи чоруми мамлакат, ки санотакунонии бураъти мамлакт аст оварда мерасонад.

**Ҷадвали 2. - Динамикаи афзоиши соҳаҳои саноатӣ мамлакат дар давоми солҳои 2017-2023 (бо фоиз)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ саноат | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Саноати истихроҷи маъдан | 22,6 | 19,6 | 17,6 | 13,9 | 21,6 | 20,7 | 19,9 |
| 3 | Саноати коркард | 58,6 | 56,6 | 57,8 | 61,7 | 57,5 | 61,6 | 60,1 |
| 4 | Истеҳсол ва тақсими нерӯи барқу газ ва об | 18,8 | 23,8 | 24,6 | 24,4 | 20,9 | 17,7 | 19,2 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асосӣ маълумотҳои омории, "Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024, саҳ -257".

Аз нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда, ки дар ҷадвали 2 омадааст маълум гардид, ки соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар соли 2023 – 19,9 %-ро ташкил дод, ки нишондиҳанда дар соли 2017- 22,6 % - ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 нисбати соли 2017 – 2,9 фоиз кам гардидааст. Ин чунин нишондиҳандаи саноати каркард тамоюли камшавиро нишон дода, ва нишондиҳандаи истеҳсолу тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об бошад афзоишро нишон додаистодааст. Аз ин рӯ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аз нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда танҳо соҳаи истеҳсолу тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об афзиш ёфтааст, ки ин ба рушди иқтисоди сабз ва расидан ба итиқлолияти энергетикӣ, ки яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат ба ҳисоб меравад оварда мерасонад.

Ва ин чунин ба ҳамагон маълум аст, ки дар чанд соли охир барои пешрафти соҳаи саноат аз он ҷумла барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз ҳисоби даромади буҷети давлатӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба ин соҳаи иқтисоди миллӣ маблағгузорӣ карда шудаистодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018, чунин пешниҳод карда шуд, ки «300 рӯзи ислоҳот барои дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ» барои дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишвар амалӣ карда шавад.

Дар низоми иқтисоди бозорӣ баъзе аз субектҳои иқтисодӣ дар мамлакат истифодабарандаи ашёи хоми саноатӣ, қувваи корӣ, техника ва технология баромад мекунанд.

Ворид намудани техника ва технологияи муосир яке аз омилӣ асосии пешрати соҳаҳои истеҳсолӣ, бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат ва ин чунин беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат ва ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбӣ мерасонад. "Бо назардошти ин хусусиятҳо, воридоти таҷҳизоти технологӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ озод карда шуд"[2].

"Ташкили самаранокии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз талаботҳои асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки он асоси рушди механизми бозорӣ ҳисобида мешавад. Самаранок идора кардани фаъолияти корхона ин аз пешниҳоди сари вақтии ахбороти идоравӣ ва бо сифат зарур аст зеро он ба раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ таъсири мусбӣ расонида барои ҷалби қарзҳо ва сармоягузориҳои хориҷӣ дар шароитҳои муфид ба иқтисодиёти давлат мусоидат мекунад"[3].

"Баҳисобгирии муҳосибӣ низоми мураттаби ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти ахборотро дар ифодаи пулӣ оид ба амвол, ӯҳдадориҳои ташкилот ва ҳаракати онҳо бо роҳи инъикоси ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ ифода намуда, функсияи муҳимтарини идоракунии ҳамаи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар саноат фаъолият мебаранд, баромад мекунад. Вобаста ба ин ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар саноат ба истифодабарии принсипҳои умумии илмӣ - асоснок кардашудаи идоракунӣ - муносибати низомнок, усули барномавӣ - мақсади, иқтисодиёти рақамӣ, моделиронии иқтисоди – риёзӣ асос меёбад"[1]. Дуруст ба роҳ мондани системаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи саноат оиди

баруйхатгирии молу мулки корхона бо он ҳадаф, ки маълумоти заруриро оиди ба амволи корхона, саривақт пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ, ӯҳдадори ва фаъолияти хоҷагии ташкилот, ин чунин самарнок истифода намудани захираҳо дар корхона мебошад.

Вобаста ба ин аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ низоми ҷамъоварӣ, баруйхатгирӣ ва ҷамъбаст намудани ахборот оиди вазъи молиявии корхона, бо баҳои пулӣ оид ба молу амвол, ӯҳдадориҳои корхона мебошад. Рушди соҳаи саноат аз пешрафти корхонаи истеҳсолӣ вобаста аст, ки бо рушди ин соҳа дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ низ рушд меёбад.

Яке аз муҳимтарин ҷузъҳои системаи баҳисобгирӣ дар корхонаҳои саноатӣ баҳисобгирии ибтидоӣ ва бақайдгирии минбаъдаи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ, баҳисобгирӣ дороиҳо, нақшаи баҳисобгирӣ, шаклҳои баҳисобгирӣ, шаклҳои ташкили кори баҳисобгирӣ, ҳисобҳо, ҳаҷм ва мундариҷаи ҳисоботҳоро дар бар мегиранд.

“Дар моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» омадааст, ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, иҷрои қонунҳои доимамалкунанда, иҷрои амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ ба души роҳбари корхонаи саноати гузошта шудааст”[4].

“Роҳбари корхонаи саноатӣ оиди иҷрои корҳо дар системаи баҳисобгирии муҳосибӣ вазифадор буда инҳоро дар бар мегирад:

1. Хизматрасониҳои низоми баҳисобгири муҳосибиро дар корхона таъсис диҳад ва чун сармуҳосиб онро идора намояд;

2. Дар баробари роҳбари корхонаи саноати буданаш ин чунин вазифаи сармуҳосибро иҷро намояд;

3. Асосан бо шӯъбаи муҳосибии марказӣ, ташкилоти муҳосибӣ ё муҳосиби касбӣ шартномаҳо оид ба баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ баста кунед;

4. Дар ҳолати зарурӣ масъулияти баҳисобгириро шахсан ба дӯш гиред

Ҳолате пайдо мешавад, ки дар ҷараёни фаъолияти идоракунии корхонаҳои саноатӣ шахсан худи роҳбарӣ корхонаи саноатӣ бояд оиди вазъи молу мулки ташкилот аз рӯйи ҳайат ва ҷойгиршавӣ ва сарчашмаи пайдоиши он баҳисобгирӣ гузаронад, дар асл бошад оиди ин масъалаҳо аз ҷониби кормандони шуъбаи муҳосибот ва сармуҳосиби корхонаи саноатии амалкунанда анҷом дода мешавад. Оиди ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаи саноатӣ бояд шароити хуб муҳаё кард, ва ин аз тарафи роҳбарияти корхона анҷом дода мешавад.

Дар рафти анҷом додани баҳисобгирӣ дар корхона як чанд қоидаҳои зерин вобаста ба талаботи иқтисоди бозорӣ анҷом дода мешавад ва инҳоро дар бар мегирад.

1. Ба ҳисоб гирфтани молу мулки ташкилот, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва дигар амалиётҳои фаъолияти хоҷагидории ташкилот бо воҳиди пули миллии мамлакат.

2. Амволи корхона аз ҷумал дороиҳо ва ӯҳдадориҳои, ки ҷузъи асосӣ ё моликияти асосии ташкилот ба шумор мераванд, бояд аз амвол шахси ҳуқуқии дигар дар алоҳидаги ба ҳисоб гирифта шавад.

3. Аз лаҳзаҳои аввали фаъолияти ташкилот, ки ба ҳайси шахси ҳуқуқӣ фаъолият дорад ба таври доими оиди молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, вазъи молиявӣ баҳисобгирии муҳосибӣ гузаронида мешавад.

4. Ҳисобгирии муҳосибиро оид ба вазъи молу амвол, дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ва дигар амалиётҳое, ки корхона дар ҷараёни фаъолияти худ анҷом медиҳад бо роҳи сабти дутарафа ва тавозуни ҳисобдорӣ ва ҳисобҳои ба ҳамдигар монанди ҳисобгирии муҳосибиро дар бар мегирад.

5. Корхона вазифадор аст, ки тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ва ин чунин тибқи қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи молиявии худро оиди ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амали намояд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ муайян гардид, ки дар қамламрави кишвар бештар аз 3,7 ҳазор корхонаҳои саноатӣ фаъолият намудаистодаанд. Ва маълум аст, ки бештари корхонаҳои саноатӣ дар шимоли қаламрави мамлакат, яъне дар вилояти Суғд фаъолият намуда намудҳои гуногуни маҳсулоти ватаниро истеҳсол намуда бозори дохилии кашварро бо маҳсулотҳои зарурии аввалин дараҷ ҳисобида мешаванд таъмин менамоянд, ҳар чи қадар истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ зиёд шавад ҳамон қадар воридот молу хизматҳо аз хориҷа меомад кам мешавад ва инчунин сатҳи нархи молу маҳсулот дар мамлакат паст мешавад, ки аҳолии кишвар бо нархи дастрас харидори кардан метавонанд.

Вале бо дар назардошти он ки рӯз то рӯз рушди иқтисодии мамлакат хубтар шуда шумораи корхонаҳои саноати зиёд мешавад, корхонаҳое ҳастанд, ки дар рақобат байни дигар

корхонаҳои саноатӣ тоб наоварда аз фаъолияти истеҳсолӣ худ бозмондаанд ва ин чунин корҳонаҳо мебошад:

1. “Корхонаи саноати хӯрокворӣ - 16 адад;
2. Корхонаи саноати масолеҳи сохтмон - 21 адад;
3. Корхонаи саноати сабук ва пилла - 17 адад;
4. Корхонаи саноати мошинсозӣ, мудофиа ва химия - 7 адад;
5. Корхонаи саноати маъданҳои кӯҳӣ - 3 адад;
6. Корхонаи саноати ангишт - 6 адад;
7. Дигар корхонаҳо, (аз ҷумла табъу нашр) – 4 адад”[6].

Тибқи маълумоти омории Вазорати саноат ва технологияҳои навӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки аз моҳи январи соли 2025 то инҷониб дар қаламрави мамлакат зиёда аз 3774 корхонаҳои хурду калони саноатӣ худро ҳамчун шахси ҳуқуқи ба қайд гирифта дар ҷараёни ҷаҳонишавии иқтисодиёт ин чунин дар роҳобат бо дигар корхонаҳои саноатӣ фаъолияти истеҳсолии худро ба роҳ мондаанд, ки нисбати соли 2024 330-адад корхонаҳои хурду калони саноати дар кишвар зиёд шуд ва ин ба беҳтар шудани фаъолияти истеҳсолию иқтисодии ин корхонаҳо шаҳодат медиҳад.

Дар давоми ҳамин сол, яъне дар соли 2025 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 740 корхонаю коргоҳи нав вобаста ба талаботи замони муосир сохта ба истифода дода шудаанд, ки аз ин корхонаҳо 528- адади он корхонаи саноатӣ буда дар маҷмӯ 18193 ҷойи корӣ навро ташкил медод, ва дар ВМКБ 43-адад корхонаи саноатӣ, вилояти Суғд 164- адад корхонаи саноатӣ, вилояти Хатлон 89- адад корхонаи саноатӣ, НТҶ 91 – адад корхонаи саноатӣ, ва шаҳри Душанбе 141-адад корхонаи саноатӣ, дар бар мегирифт. Дар давраи ҳисоботӣ маълум гардид, ки аз фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои хурду калони саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 134,7 млн. сомонӣ маҳсулоти ватанӣ истеҳсолшудааст ва ин нишон медиҳад, ки суръати рушди иқтисод дар мамлакат боло рафта сатҳи некӯаҳволии аҳолии кишвар рӯз то рӯз беҳтар шавад.

“Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст”[8].

“Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018 ва мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019, №39 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» таъин гардидааст”[7].

“Нақши иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омилҳоро дар бар мегирад:

1. Истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ;
2. Паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва зиёд шудани даромади пулии аҳолӣ;
3. Вазъи молиявии корхонаҳои саноатиро беҳтар менамояд;
4. брои расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат шароит фароҳам меоварад;
5. Бо таъсисёбии корхонаҳои хурду калони саноатӣ дар қаламрави кишвар ҷойҳои нави корӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат пайдо мешавад;
6. Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар;.

Дар замони муосир барои коркарди иттилооти зарурӣ воситаи асосии техникӣ яъне компютери инфиродӣ ба ҳисоб меравад. Аксарияти ташкилотҳо барои ҳифзи маълумотҳои зарурӣ, аз ҷумла ташкили ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳо, таҳлили иттиллооти баҳисобгирии муҳосибӣ аз барномаҳоӣ махсуси муҳосибӣ истифода мебаранд.

Рақамикунонии иқтисодиёт фаъолияти кори кормандони шуъбаи муҳосиботро дар корхонаҳои саноатӣ хеле осон намуд чун ки онҳо баҳисобгирии муҳосибиро вобаста ба самти лозими дар дилхоҳ вақт аз рӯйи иттилооти зарури анҷом медиҳанд ва як чанд бартариҳои зеринро дораст:

1. дар ҳуҷҷатҳои аввалияи корхона пурра ҷоигир намудани маълумотҳои асоии он;
2. дар фосила вақти кӯтоҳ анҷом додани иттилооти зарурӣ;
3. дар шакли диаграммаҳо, графикаҳо, ҷадвалҳо пешниҳод намудани нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда;
4. ташаккули феҳристҳои (регистрҳои) ҳисоботдиҳӣ (ведомостҳои ҳисобию пардохтӣ;
5. хароиҷот оиди истифодаи коғазҳо дар шуъбаи муҳосибот камтар мешавад;
6. иттиллоти зарури оиди вазъи молиявиро дар вақти кутоҳтарин метавон ба робарият, ва эерсохторҳои ташкилот равона намуд;
7. кам шудани хатогию иштибоҳот дар кохонаҳои саноатӣ;

8. тариқи маҷози метавон бо мақомотҳои назорататкунандаи давлатӣ ва бонкӣ ҳамкориро ба роҳ монд;.

Як чанд бартариятҳои зарури ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷуд аст:

1. кам шудани хароҷот дар корхона;
2. баваринок ва боэътимод будан оиди ҷо ба ҷо гузории ҳуҷҷатҳои зарури дар шуъбаи муҳосибот;
3. дар ҳолати зарури пешниҳод намудани иттилоти лозми ба шахси сеюм;

Иқтисодиёт рақамӣ равандеро дар бар мегирад, ки ҷузъи асосии онро истифодаи технологияҳои ташкил медишад. Гузаштан ба низоми иқтисоди рақамӣ ба корхонаҳои саноатӣ имконият фароҳам оварда чун ки онҳо метавонанд ба барномаҳои муайян ваъзи молиявии худро беҳтар созанд.

Маҳз ҳамин самтҳои муайян имком медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти нав дар бозор бо миқдори зарурӣ ва сифати баланд истеҳсол шавад ва дар бозори ҷаҳони рақобатпазир бошад.

**Адабиёт**


1. Баҳисобгирии молиявӣ: Дастури таълимӣ. Душанбе, «Ирфон», 2011 – 315 с.
2. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -2021. - № 3 (34). - С. 115-119
3. Каримов Б.Х., Каримиён М.Б. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: монография / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён. - Душанбе: ИПС, 2018.-390 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 02.01.2025 № 2138, ш. Душанбе.
5. Николаева О.Е., Алексеева О.В. Стратегический управленческий учет / О.Е. Николаева, О.В. Алексеева. - М.: Едиториал УРСС, 2003. - 304 с.
6. Ҷабборов Ф.А. Самтҳои стратегии саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.А. Ҷабборов, М.Т. Каримова // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 1. – 0,5 п.л.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018.
8. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: қарори Ҳукумати Ҷ.Т. аз «30» декабри соли 2019, №642, С. 1.



**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Ҷалилзода Умриҷон Абдураззоқ** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-250108- баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: umrijonj@gmail.com, Tel: +992 00-133-94-80.

**Сведения об авторе**

**Джалилзода Умриджон Абдураззок** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, студент 2 курса магистратуры, специальность 1-250108 - бухгалтерский учет, анализ и аудит. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Электронная почта: umrijonj@gmail.com, тел.: +992 00-133-94-80.

**About the author**

**Jalilzoda Umrijon Abdurazzoq** - Tajik State University of Finance and Economics, 2nd year master's student, specialty 1-250108 - accounting, analysis and audit. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: umrijonj@gmail.com, Tel: +992 00-133-94-80.

**УДК: 658**

# ВНЕДРЕНИЕ КОНЦЕПЦИИ «БЕРЕЖЛИВОГО» ПРОИЗВОДСТВА - ОСНОВА ПОВЫШЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**Шарифзода Х.Ш.**
Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими

**Аннотация.** В статье рассматриваются теоретические основы и практические аспекты внедрения концепции «бережливого» производства на промышленных предприятиях Республики Таджикистан. Обосновывается актуальность применения современных методов управления в условиях усиления конкурентного давления, роста издержек и ужесточения экологических требований, а также перехода к принципам «зелёной» и циркулярной экономики. Особое внимание уделяется роли управления потерями как ключевому инструменту повышения эффективности производственных процессов и формирования устойчивых конкурентных преимуществ. В работе систематизированы базовые принципы бережливого производства, включая идентификацию ценности, картирование потока создания ценности, формирование непрерывного потока, внедрение вытягивающих систем и философию непрерывного совершенствования (Kaizen). Показано, что успешная реализация концепции требует комплексной трансформации производственных и управленческих систем, а также активного вовлечения персонала. Сделан вывод о целесообразности внедрения бережливого производства как долгосрочного управленческого подхода, способствующего снижению издержек, росту производительности и повышению устойчивости промышленных предприятий.

**Ключевые слова. «**бережливое» производство, управление потерями, промышленные предприятия, эффективность, конкурентоспособность, Kaizen, зелёная экономика, непрерывное совершенствование.

**Для цитирования:** Шарифзода, Х. Ш. Внедрение концепции «бережливого» произвоства основа повышение эффективности промышленных предприятий / Х. Ш. Шарифзода // Финансово-экономический вестник. – 2025. № 4(47). – С. 272-279.

# ҶОРИСОЗИИ КОНСЕПСИЯИ ИСТЕҲСОЛОТИ «САРФАКОРОНА» - АСОСИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Шарифзода Х.Ш.**
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

**Аннотатсия.** Дар мақола асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии татбиқи консепсияи истеҳсолоти “сарфакорона» дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Зарурати истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ дар шароити афзоиши рақобат, баландшавии хароҷот, шадид шудани талаботи экологӣ ва гузариш ба иқтисоди «сабз» ва даврӣ асоснок карда шудааст. Ба идоракунии талафот ҳамчун воситаи асосии баланд бардоштани самаранокии равандҳои истеҳсолӣ ва ташаккули бартариҳои устувори рақобатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Принсипҳои калидии истеҳсоли “сарфакорона”, аз ҷумла муайян кардани арзиш, харитасозии ҷараёни ташаккули арзиш, ташкили ҷараёни пайваста, татбиқи низоми «кашида» (pull-system) ва фалсафаи такмили пайваста (Kaizen) ҷамъбаст ва таҳлил шудаанд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи муваффақонаи ин консепсия тағйироти ҳамаҷонибаи низоми идоракунӣ ва иштироки фаъоли кормандонро талаб менамояд. Хулоса шудааст, ки истеҳсоли “сарфакорона” ҳамчун равиши дарозмуддати идоракунӣ метавонад ба коҳиши хароҷот, афзоиши ҳосилнокӣ ва баланд бардоштани устувории корхонаҳои саноатӣ мусоидат намояд.

**Калидвожаҳо.** истеҳсоли “сарфакорона”, идоракунии талафот, корхонаҳои саноатӣ, самаранокӣ, рақобатпазирӣ, Kaizen, иқтисоди сабз, такмили пайваста.

# IMPLEMENTATION OF THE CONCEPT OF "LEAN" MANUFACTURING IS THE BASIS FOR INCREASING THE EFFICIENCY OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

**Sharifzoda H.Sh.**
Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi

**Abstract.** The article examines the theoretical foundations and practical aspects of implementing the lean production concept at industrial enterprises in the Republic of Tajikistan. The relevance of modern management methods is justified in the context of increasing competitive pressure, rising production costs, stricter environmental requirements, and the transition towards a green and circular economy. Particular attention is paid to loss management as a key tool for improving production efficiency and creating sustainable competitive advantages. The study systematizes the core principles of lean production, including value identification, value stream mapping, continuous flow formation, pull systems implementation, and the philosophy of continuous improvement (Kaizen). It is shown that successful implementation of lean production requires a comprehensive transformation of production and management systems, as well as active employee involvement. The article concludes that lean production represents a long-term managerial approach that contributes to cost reduction, productivity growth, and enhanced sustainability of industrial enterprises.

**Keywords.** lean production, loss management, industrial enterprises, efficiency, competitiveness, Kaizen, green economy, continuous improvement.

**Постановка проблемы.** Современная реальность функционирования промышленных предприятий Республики Таджикистан характеризуется высокой сложностью процессов, протекающих внутри организации. Удовлетворение рыночных потребностей обусловливает необходимость создания продукции, отличающейся всё более высоким уровнем совершенства. Как известно целью каждого предприятия в условиях рыночной экономики является достижение и устойчивое поддержание конкурентных преимуществ, а также концентрация усилий на направлениях деятельности, обеспечивающих достижение стратегического успеха.

Прогресс в области управления процессами на предприятиях оказывает существенное влияние как на производственную, так и на сервисную сферы. Современные методы управления приобретают всё большую популярность не только в развитых экономиках, но и в странах, находящихся на этапе формирования и институционального становления рыночных механизмов. Существует множество методов и концепций, ориентированных на совершенствование процессов, реализуемых в деятельности предприятий.

Особое распространение получила концепция непрерывного совершенствования процессов в деятельности предприятий. В настоящее время ни один менеджер не представляет себе устойчивого развития компании без систематического улучшения бизнес-процессов, поскольку осознаёт, что остановка в развитии фактически означает утрату конкурентных позиций и, в перспективе, упадок предприятия. Среди множества методов и управленческих концепций, широко представленных в научной литературе, особое место занимает концепция «бережливого» производства. Ключевым положением данной концепции является экономически эффективное управление предприятием, прежде всего производственным, посредством так называемого «бережливого производства», основанного на систематическом выявлении и устранении потерь во всех их формах и на всех этапах деятельности.

Предприятия, стремясь к повышению эффективности и снижению издержек, всё чаще прибегают к современным методам управления, в частности к концепции «бережливого производства». Данный подход,

зародившийся в японской промышленности на базе практик компании Toyota, основан на устранении потерь, выравнивании потоков работ и непрерывном совершенствовании процессов, что способствует трансформации не только операционной деятельности, но и систем управленческого контроля.

Е.И. Луневым на основе рассмотрения традиционных и специфических форм финансирования инновационной деятельности в реальном секторе экономики систематизированы традиционные источники финансирования инноваций, включающие собственные средства организаций, заемное и бюджетное финансирование, а также смешанные формы. Показано, что указанные инструменты характеризуются ограниченной адаптивностью к условиям высокой неопределённости и рисков, присущих инновационным проектам, что снижает их эффективность при реализации наукоёмких разработок. По мнению автора лизинг, венчурное и проектное финансирование, государственно-частное партнёрство, факторинг, форфейтинг и краудфандинг обеспечивают более гибкое распределение рисков, способствуют коммерциализации результатов научных исследований и расширяют возможности привлечения капитала [5].

Существенное преобладание собственного капитала в финансировании инновационной деятельности во многом обусловлено ограниченным доступом предприятий к внешним источникам финансирования и высокой стоимостью их

привлечения. Как известно, развитие экономики, основанной на знаниях реализуется посредством широкого спектра инструментов, включая программы, ориентированные на стимулирование инновационной деятельности промышленных предприятий. Предприятия, наряду с использованием частных финансовых ресурсов, могут также привлекать внешние средства. Результаты проведённых исследований свидетельствуют о сохранении объективной необходимости государственной поддержки финансирования инновационной деятельности, в том числе посредством разработки и реализации государственных программ, включая финансовые механизмы, способные стимулировать инновационную деятельность [10].

В исследовании отечественных авторов проведён комплексный анализ мирового опыта финансирования и государственной поддержки инновационной предпринимательской деятельности с акцентом на развитие научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ. На основе сравнительного анализа структуры источников финансирования НИОКР в США, Китае, Японии, странах ЕС и ряде постсоветских государств выявлено, что в большинстве развитых экономик доминирует частный сектор, тогда как в Республике Таджикистан основная нагрузка приходится на государственный бюджет, а участие предпринимателей и частных инвесторов остаётся ограниченным. Авторами обосновано необходимость активизации механизмов стимулирования частного сектора, расширения венчурного финансирования и формирования инновационных кластеров с учётом успешного опыта стран ЕС, США, Японии и Узбекистана. По мнению автором поэтапная адаптация лучших зарубежных практик в условиях Таджикистана способна повысить эффективность инновационной политики и обеспечить устойчивый рост национальной экономики [11].

В Республике Таджикистан финансирование инвестиционных проектов остаётся на недостаточно высоком уровне. В условиях индустриально-инновационного развития реализация инновационных проектов требует значительных финансовых ресурсов и характеризуются высоким уровнем инвестиционного риска. В связи с этим, способы финансирования инновационных инициатив определяются рыночным положением предприятия и доступом к конкретным финансовым инструментам [6,7].

В экономике Республики Таджикистан наблюдается стремление к повышению конкурентоспособности, достижение которой невозможно без внедрения инноваций и развитие механизмов ее финансирования. В данном контексте вопросы выбора и использования источников финансирования инновационной деятельности приобретает особую актуальность. Исследования показывают, что проблематика финансирования инновационной деятельности носит комплексный характер и формируется под воздействием множества факторов. Также недостаток опыта и знаний у собственников и менеджеров современных промышленных предприятий в отношении финансирования инновационной деятельности сдерживает темпы инновационной активности промышленных предприятий.

На сегодняшний день с учетом уровня инновационного развития экономики Республики Таджикистан идентификация источников финансирования инновационной деятельности может служить основой для повышения инновационной активности промышленных предприятий. На наш взгляд, одним из барьеров развития системы финансирования инновационной деятельности остаётся недостаточная информированность о потенциальных источниках. В этой связи систематизированное представление таких источников может способствовать активному использованию капитала для финансирования инновационной деятельности предприятиями [12;13].

По мнению ряда авторов инновационное развитие невозможно без адекватных финансовых механизмов, а ограниченное участие частного капитала и слабая востребованность отечественных научных разработок со стороны промышленности снижают общую эффективность инновационной системы. Согласно авторам необходимо пересмотреть монетарную и фискальную политики в пользу более активного использования банковского сектора как источника долгосрочного кредитования инновационных проектов. Внедрение встроенных финансовых механизмов, обеспечивающих устойчивый кругооборот наукоёмкой продукции, способно повысить результативность инновационного развития с одновременным укреплением социально-экономической базы общества [3].

Ряд авторов утверждают, что венчурное финансирование инновационной деятельности предприятий выступает важнейшим инструментом реализации наукоёмких и высокорисковых инновационных проектов. По их мнению совершенствование механизма венчурного инвестирования при активном государственном содействии является необходимым условием поддержки стартапов, преодоления недофинансирования и ускорения инновационного развития российской экономики [8].

Реализация политики ускоренной индустриализации экономики Республики Таджикистан сопровождается специфическими финансовыми потребностями. В данном контексте финансирование промышленных предприятий, особенно их инновационной деятельности направлена на обеспечение устойчивого развития и роста конкурентоспособности. Финансирование инновационной деятельности в данном контексте включает инвестиции в промышленное оборудование, цифровую трансформацию и зеленый переход.

Анализируя ключевые проблемы финансирования инновационной деятельности предприятий можно отметить, что несмотря на наличие разнообразных источников финансирования инновационная сфера в нашей стране в целом находится на начальной стадии развития. В данном направлении дефицит как бюджетного, так и внебюджетного финансирования, а также проблемы оптимального распределения собственных и привлечённых средств предприятий входят в число актуальных проблем финансирования инновационного развития промышленных предприятий.

Привлечения иностранных инвестиций и функционирования системы инвестирования инноваций, включающий выбор источников финансирования также представляет значительный интерес. Преимущества и ограничения банковского кредитования и финансового лизинга свидетельствуют о том что, несмотря на относительную простоту кредитных инструментов, высокая стоимость заемных средств и инфляционные риски снижают их эффективность. Лизинг в этих условиях выступает в качестве более устойчивого механизма финансирования инновационной деятельности.

Как показывает практика основными источниками финансирования промышленных предприятий могут выступит государственные средства, региональные программы финансирования, традиционное банковское финансирование, лизинг и финансовая аренда, промышленный краудфинансирования, частные инвесторы и венчурный капитал, бизнес-ангелы и специализированные инвестиционные фонды.

При выборе объекта финансирования необходимо обратить внимание на финансовую устойчивость, жизнеспособность бизнес-плана и реалистичности прогнозов, потенциал роста, а также социально-экономический эффект [1]. Также предприятиями необходимо диверсифицировать источники финансирования, так как финансирование инновационной деятельности стремительно трансформируется под влиянием «зелёных» финансов, цифровых платформ и финтех-решений. Также искусственный интеллект и цифровизация

открывают доступ к новым источникам финансирования и усиливают поддержку инновационных и экологических проектов. На наш взгляд необходимо обратить внимание на гибридную модель финансирования, сочетающая государственные меры, частный капитал и инновационные финансовые инструменты.

Таким образом, одним из ключевых барьеров развития инновационной деятельности на промышленных предприятиях может выступать недостаточное финансирование. Как показывает практика, при реализации инновационных проектов предприятия в значительной степени опираются на собственные финансовые ресурсы. Учитывая значимую роль инноваций в социально-экономическом развитии страны необходимо развивать механизмы и формы финансирования инновационной деятельности. В последние годы в нашей стране наблюдается развитие финансовых услуг и расширение возможностей привлечения средств для финансирования инновационной деятельности, что свидетельствует об положительных тенденциях в данном направлении.

По результатам исследования установлено, что финансирование является ключевым ограничивающим фактором инновационного развития промышленных предприятий Республики Таджикистан. Несмотря на наличие различных источников финансирования, предприятия в значительной степени опираются на собственные средства, что снижает масштабы и темпы внедрения инноваций. Традиционные финансовые инструменты обладают ограниченной адаптивностью к условиям высокой неопределённости и инновационных рисков. В этой связи приоритетное значение приобретает развитие венчурного финансирования, механизмов государственно-частного партнёрства, лизинга и альтернативных цифровых финансовых инструментов. Целесообразно формирования гибридной модели финансирования инновационной деятельности, сочетающей государственную поддержку, частный капитал и современные финансовые технологии, что позволит повысить инновационную активность и конкурентоспособность промышленных предприятий.

**Литература**

1. Абддурахманова, М. М. Определение приоритетов в источниках финансирования инновационной деятельности / М. М. Абддурахманова, А. Х. Дикинов, М. А. Садуева // Научный диалог: Молодой ученый: сборник научных трудов по материалам XIV международной научной конференции, Санкт-Петербург, 22 февраля 2018 года / Международная Объединенная Академия Наук. – Санкт-Петербург: Международная Объединенная Академия Наук, 2018. – С. 35-38. – DOI 10.18411/spc-22-02-2018-11.

2. Артамошкина, А. А. Направления разработки стратегии финансирования инновационной деятельности промышленности / А. А. Артамошкина // Актуальные проблемы менеджмента, экономики и экономической безопасности: Сборник материалов III Международной научной конференции, Костанай, 01–05 ноября 2021 года / Под редакцией О.В. Мишулиной. – Чебоксары: Общество с ограниченной ответственностью «Издательский дом «Среда», 2021. – С. 14-21.

3. Атарова, Д. А. Классификация источников финансирования инновационной деятельности предприятия / Д. А. Атарова, П. В. Егоров // Финансово-экономические исследования: актуальные вопросы теории и практики: Тезисы докладов и выступлений Всероссийской (с международным участием) научно-практической конференции молодых учёных, Донецк, 12–13 марта 2025 года. – Донецк: Донецкий национальный университет, 2025. – С. 14-16.

4. Дорофеева, В. В. Современные методы финансирования деятельности инновационных предприятий / В. В. Дорофеева // Проблемы социально-экономического развития Сибири. – 2018. – № 4(34). – С. 26-34.

5. Луневой Е.И. Традиционные и специфические формы финансирования инновационной деятельности в реальном секторе экономики / Луневой Е.И. // Экономика и управление: проблемы, решения. – 2022. – Т. 4, № 10(130). – С. 12-17. – DOI 10.36871/ek.up.p.r.2022.10.04.002.

6. Кодиров, Ф. А. Развитие системы финансового планирования промышленных предприятий на основе формирования системы бюджетирования / Ф. А. Кодиров // Экономика Таджикистана. – 2020. – № 4-2. – С. 72-77.

7. Кодиров, Ф. А. Реструктуризация промышленных предприятий Республики Таджикистан на основе привлечения иностранных инвестиций / Ф. А. Кодиров, С. Фаррухзода // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 4. – С. 46-50. – EDN UVEPBW.

8. Козырева, О. Н. Механизм венчурного финансирования инновационной деятельности предприятий / О. Н. Козырева, Л. А. Ольхова // Технологическое предпринимательство: пространство высших компетенций: сборник материалов XVIII Российского венчурного форума, Казань, 25–26 апреля 2024 года. – Казань: Научный центр безопасности жизнедеятельности Академии наук Республики Татарстан, 2024. – С. 310-315.

9. Комилов, С. Д. Особенности становления и развития венчурного финансирования в Республике Таджикистан / С. Д. Комилов, С. В. Сорокин // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2023. – № 3(81). – С. 328-343.

10. Локтионова, Ю. Н. Проблемы финансирования инновационной деятельности предприятия / Ю. Н. Локтионова // Новая наука: Проблемы и перспективы. – 2016. – № 2-2(61). – С. 72-74.

11. Одиназода, А. И. Арзёбии таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти маблағгузорӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ / А. И. Одиназода, Р. Раҳматзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2025. – No. 2(90). – P. 157-165.

12. Рахмонов, Д. Инвестирование - как фактор активизации инновационной деятельности / Д. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2012. – № 2/8-1(100). – С. 41-46.

13. Файзуллоев, М. К. Механизмы финансирования инновационных процессов: особенности взаимодействия экономических агентов / М. К. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/2(131). – С. 19-25.

**Сведения об авторах**

**Кодиров Фируз Абдулхафизович**-к.э.н., доцент, заведующий отделом Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 44.

**Турсунов Джамшед Бахтиёрович**-соискатель Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 44.

**Маълумот дар бораи муаллифон**

**Қодиров Фируз Абдулҳафизович** – н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734024, ш. Душанбе кӯчаи С. Айнӣ 44.

**Турсунов Ҷамшед Бахтиёрович**-унвонҷӯйи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734024, ш. Душанбе кӯчаи С. Айнӣ 44.

**About the authors**

**Kodirov Firuz Abdulkhafizovich**-PhD (Economics), Associate Professor, Head of Department, Institute of Economics and Demography, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 44 S. Ayni Street, Dushanbe 734024, Republic of Tajikistan.

**Tursunov Jamshed Bakhtiyorovich**-Research Applicant, Institute of Economics and Demography, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 44 S. Ayni Street, Dushanbe 734024, Republic of Tajikistan.

**УДК: 338.4**

# АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ НАТИҶА ВА ДУРНАМОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Файзулоев Ҳ.П.**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар мақола вазифаҳои асосии барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби ҳукумати ҶТ барномаи дастгирии молиявии субъектҳои тиҷорати хурду миена, таҳлили вазъи соҳибкорӣ дар ҶТ ва дигар мушкилоти фаъолияти соҳибкории истеҳсолкунандагон ва саноатикунонии кишвар нишон дода шудаанд.
**Калидвожаҳо.** Фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, хурду миёна, саноаткунони, дастгирии давлатӣ, имтиёзҳо, воридот, технология, сиёсат, корхонаҳои навтаъсис, боҷи гумрукӣ, маҳсулоти ниҳоӣ, арзиши иловашуда, низоми содакардашуда, кодекси андоз.
**Барои иқтибос:** Файзулоев, Ҳ. П. Асосҳои методологии соҳибкории истеҳсолӣ натиҷа ва дурнамои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ. П. Файзулоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 294-299.

# МЕТОДОЛОГИЧЕСКАЯ ОСНОВА ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ЕГО РЕЗУЛЬТАТЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Файзулоев Х.П.**
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

**Аннотация.** В статье указаны основные задачи по программе государственной поддержки предпринимательсва правителствоми РТ программа по финансовой поддержке субьектов малого и средного бизнеса, анализ предпринимательской ситуации в РТ и другие проблемы предпринимательской деятельности производителей и индустриализации страны.
**Ключевые слова.** Предпринимательская деятельность, инвестиция, льготы, ввоз – импорт политика, новые предприятия, таможенные пошлины, исходный продукт, прибавочная стоимость, упращённая система, налоговый кодекс.

# METHODOLOGICAL BASIS OF INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP, ITS RESULTS AND PROSPECTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Fayzulloev Kh.P.**
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

**Annotation.** The article outlines the main tasks for the program of state support of entrepreneurship by the provinces of the Republic of Tajikistan, the program on financial support for small and medium business entities, the analysis of the entrepreneurial situation in Tajikistan and other problems of entrepreneurial activity of producers and industrialization of the country.
**Keywords:** Entrepreneurial activity, investment, benefits, import-import policy, new enterprises, customs duties, initial product surplus value, trusted system, tax code.

**Гузориши масъала.** Сарфи назар аз аҳамияти худ, соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ бо мушкилот ва монеаҳои сершумор рӯ ба рӯ мешаванд, ки ба фаъолияти бомуваффақият ва тавсеаи тиҷорати онҳо халал мерасонанд. Дар таҳқиқот мушкилоти асосии соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва инчунин роҳҳои имконпазири рафъи онҳоро дида мебароем.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар таҳқиқотҳои масъалаҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар асарҳои олимони ватанӣ акс ёфтанд: Аминов И.,

Низомова Т.Д., Саидмуродов Л.Х., ва дигарон [1;4;5].

**Мақсади мақола** - омӯзиши асосҳои методологии соҳибкории истеҳсолӣ натиҷа ва дурнамои соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо, ба ҳисоб меравад [8].

**Муҳтавои асосии мавод.** Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар таърихи давлатдории худ ҳодисаҳо пур печу тоби сиёсӣ ва иқтисодиро аз сар гузаронида аст, ки инҳама барои рушди фаолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва саноаткунонии кишвар бе таъсир намонд. Бино бар ин ин фишанги такондиҳандаи иқтисоди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми ҷавон ва муваффақ аст.

Маълум аст, ки фаолияти соҳибкорӣ ин фаолияти аз лиҳози иқтисодӣ нозук ва пур хавфу хатар буда он яке аз фишангҳои асосии пешбарандаи соҳаи саноат, рушди масъалаҳои ба сиёсати воридот ивазкунанда нигаронида шуда, ташакули ҷойҳои нави корӣ дар маҷмӯъ чун омили асосии рушди иқтисодиёти милли ба ҳисоб меравад бино бар ин субектҳои фаолияти соҳибкори дар Ҷумҳурӣ бояд аз дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ бархурдор бошанд ва аз он васеъ истифода намоянд.

Пеш аз ҳама барои такмил додани фаъолияти соҳибкорӣ дар қаламрави мамлакат ин таҳкими қонунгузорӣ дар ин самт мебошад, ки ин тадбир дар наздиктарин вақт ҳалли худро ёфт, ки дар натиҷа як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ қабул гардиданд.Аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”, “Дар бораи ҳимояи дастгирии давлатии соҳибкорӣ”[3], “Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ”, “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор”, “Консепсияҳо”, “Тақсимоти маҳсулот”, “Низоми иҷозатномадиҳӣ”, “Мониторинги санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ”, “Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020”, инчунин якқатор барномаҳо, стратегияҳо ва нақша-чорабиниҳо таҳия ва татбиқ гардида истодаанд, ки барои рушди мунтазами соҳибкориву сармоягузорӣ нақши босамаре гузоштаистодаанд.

Имрӯзҳо дар ҷомеа шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ амал мекунад, вале мо барои пурра натиҷагирии мавзӯи мазкур танҳо самти рушди фаъолияти соҳибкории саноатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем [2].

Рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба институтҳои давлатӣ ба монанди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андоз ва дигар мақомотҳою раёсатҳои он нақши арзанда дорад.

Чуноне, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» қайдгардидааст: «Соҳибкорӣ фаъолияти ташаббускорона ва мустақилонаи шаҳрвандон мебошад, ки ба гирифтани фоида ё даромади шахсӣ нигаронида шудааст». Фаъолияти сохибкорӣ дар ин қонун бо фаъолияти корхона алоқаманд аст, ки дар натиҷаи он «статуси соҳибкор» пас аз бақайдгирии давлатии корхона ба даст оварда мешавад. Аммо фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бе ташкили шахси ҳуқуқӣ, ки дар чорчубаи қоидаҳои умумии соҳибкорӣ ба амал бароварда мешавад, пешбинӣ карда шудааст. Бо дарназардошти гузаронидани чунин ислоҳотҳо ва афзоиш додани нишондиҳандаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ Тоҷикистон се маротиба (солҳои 2010, 2011 ва 2015) бадаҳгонаи кишварҳои пешсафи ислоҳотгар тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ шомил гардида аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин самт нақши ҳалкунандаро бахши хусусӣ иҷро мекунад, ки ҳиссаи он дар ММД аз 30 фоизи соли 2000-ум то 67 фоиз дар соли 2016 зиёд гардида, 78 фоизи пардохтҳои андозии буҷети давлатӣ ва 65 фоизи аҳолии фаъоли иқтисодӣ аз ҷониби бахши хусусӣ бо шуғл таъмин карда шуд.

Ба чунин дастовардҳо нигоҳ накарда ислоҳот дар ин самт бозҳам бо тадриҷ идома ёфта истода аст, ки он фазои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкориро ҳамаҷиҳата таҳлил намуда, баҳри ташаккул ва густариши фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ замина гузошта истода аст.

Дар доираи фаъолияти худ ҳар як соҳибкор бояд дорои иҷозатнома бошад. Дар қаламрави ҷумҳурӣ дар се моҳи соли 2017 ва се моҳи соли 2016 чунин адад соҳибкорон бо патент ва шаҳодатнома фаъолият доранд (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Шумораи соҳибкороне, ки тибқи патент ва шаҳодатнома дар қаламравӣ ҷумҳурӣ фаъолияткунанда**

| Номгӯи мақомотҳо | Патент | Патент | Фарқият | | Шаҳодат- нома | Шаҳодат- нома | Фарқият | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Патент | | | | Шаҳодатнома | |
| | 3 моҳи 2017 | 3 моҳи 2016 | Се моҳи с. 2017, нисбат ба 3 моҳи с 2016 | | 3 моҳи 2017 | 3 моҳи 2016 | Се моҳи с. 2017, нисбат ба 3 моҳи с 2016 | |
| | шумора | шумора | фарқият | Бо % | шумора | шумора | фарқият | Бо % |
| ВМКБ | 1864 | 1870 | -6 | -0,32 | 924 | 893 | -34 | 3,47 |
| Суғд | 29694 | 28358 | 1336 | 4,71 | 10151 | 10593 | -442 | -4,17 |
| Хатлон | 24004 | 23617 | 387 | 1,64 | 6130 | 6137 | -7 | -0,11 |
| Ш.Душанбе | 21923 | 20425 | 1498 | 7,33 | 9561 | 9929 | -367 | -3,71 |
| НТҶ | | | | | | | | |
| Н. Нуробод | 255 | 279 | -24 | -8,6 | 59 | 57 | 2 | 3,51 |
| н. Рашт | 496 | 422 | 74 | 17,54 | 120 | 126 | -6 | -4,76 |
| Н. Тавелдара | 50 | 50 | 0 | 0 | 15 | 11 | 4 | 36,36 |
| Н. Тоҷикобод | 95 | 86 | 9 | 10,47 | 113 | 99 | 14 | 14,14 |
| Н. Ҷиргатол | 374 | 384 | -10 | -2,6 | 108 | 101 | 7 | 6,93 |
| Н. Файзобод | 342 | 354 | -12 | -3,39 | 289 | 301 | -12 | -3,99 |
| Н. Варзоб | 451 | 463 | -6 | -1,3 | 135 | 148 | -13 | -8,78 |
| Н. Роғун | 147 | 146 | 1 | 0,68 | 104 | 123 | -19 | -15,45 |
| Н. Рӯдакӣ | 3173 | 3139 | 33 | 1,05 | 1295 | 1184 | 111 | 9,38 |
| Ш. Ваҳдат | 2911 | 3058 | 147 | -4,81 | 768 | 763 | 5 | 0,66 |
| Ш. Ҳисор | 2523 | 2511 | 12 | 0,48 | 711 | 729 | -18 | -2,47 |
| Н.Шаҳринав | 340 | 251 | 89 | 35,46 | 288 | 256 | 32 | 12,5 |
| н. | 3215 | 3038 | 177 | 5,83 | 1355 | 1211 | 144 | 11,89 |
| Ҷамъ дар НТҶ. | 14372 | 14181 | 490 | 50,81 | 5360 | 5109 | 251 | 59,92 |
| Ҳамагӣ: | 91862 | 88451 | 3411 | 3,86 | 32126 | 32661 | -535 | -1,64 |

Чунонеки аз ҷадвали дар боло овардашуда маълум аст, шумораи соҳибкороне, ки дар 3 моҳи соли 2017 дар ВМКБ бо патент фаъолият намудаанд, нисбат ба 3 моҳи соли 2016 ба андозаи 6 адад ва ё 0,32% камгардидааст. Ҳамчунин

шумораи субъетҳои иқтисодие, ки тибқи шаҳодатнома дар ВМКБ фаъолият доранд дар соли 2017 924 ададро ташкил менамояд, ки нисбат ба 3 моҳи соли 2016 31 адад зиёд мебошад, ки ин 3,47 % афзоиши чунин субъектҳоро дар қаламрави вилоят ташкил медиҳад. Чунин нишондиҳандаҳо дар вилояти Суғд бошад, яъне бо патент фаъолияткунанда ба андозаи 1336 адад ва ё 4,7% афзоиш ёфта, бо шаҳодатнома фаъолияткунанда бо 442 адад ва ё 4,17% кам гардидааст. Дар вилояти Хатлон бошад бо патент фаъолияткунандагон 381 ва ё 1,64% зиёд гардидааст. Бо шаҳодатнома фаъолияткунандагон бошанд 7 адад ва ё 0,11% кам мебошад. Дар шаҳри Душанбе бошад бо патент фаъолияткунандагон 1498 ва ё ба андозаи 7,33% афзоиш ёфта, бо шаҳоданома фаъолияткунандагон бошанд ба андозаи 3,71% ва ё 368 адад кам гардидааст. Дар ноҳияҳои НТҶ- субъектҳои иқтисодие, ки бо патент ва шаҳодатнома фаъолият мекунанд дар ҳоли афзоиш мебошад.

Дар миқёси ҷумҳурӣ бошад соҳибкорони инфиродии бо патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда дар се моҳи соли 2017 ва се моҳи 2016 ва фарқияти байни онҳо дар диаграммаи зерин нишон додашудааст. (Диаграммаи 1 ва 2). [9]

**Диаграммаи 1 ва 2.**







Бахши саноат дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҷои намоёнро ишғол менамояд, ки он ҳамчун қисми ҷудонашавандаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолии давлатию бахши хусусӣ баромад менамояд. (Нигаред ба ҷадвалӣ 2).

**Ҷадвали 2. - Ҳаҷми истеҳсолимаҳсулотдарсоҳаҳоиалоҳидаи соҳибкории истеҳсолии саноатӣ дар нимсолаи аввали соли 2017.**

| Соҳаҳо | Истеҳсолимаҳсулот (млн.сомонӣ) | | Суръатиа фзоиш (бо %) | Фарқият (+;-) | Ҳиссаис оҳаҳобо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2016 | | | |
| Маъдан | 2 447,60 | 1 492,90 | 163,9 | 954,6 | 28,6 |
| Хӯрокворӣ | 2 074,00 | 1 654,30 | 125,4 | 419,7 | 24,3 |
| Энергетика | 1 893,30 | 1 399,10 | 135,3 | 494,2 | 22,1 |
| Сохтмон | 869,4 | 788,6 | 110,2 | 80,8 | 10,2 |
| Мошинсозӣ | 545,8 | 541,4 | 100,8 | 4,5 | 6,4 |
| Сабук | 436,3 | 246,8 | 176,7 | 189,4 | 5,1 |
| Пахта | 98,1 | 95,5 | 102,7 | 2,6 | 1,1 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ангишт | 79,8 | 55,7 | 143,2 | 24,1 | 0,9 |
| Табъунашр | 47,7 | 48,2 | 128 | 13,4 | 0,7 |
| Нафтва газ | 46,8 | 41,8 | 112 | 5 | 0,5 |
| Умуми дар Ҷумҳурӣ | 8 552,40 | 6 363,20 | 121,3 | 2 189,10 | 100 |

**Сарчашма:** Сомонаи расмии агентии омори назди ҳукумаи ҶТ. WWW// stat.tj. [6]

Аз рӯи маълумотҳои дар ҷадвал дарҷгардида бар меояд, ки дар нимсолаи аввали соли 2017 афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳо таъмингардида, дар саноати сабук 176,7% (189,4 млн. Сомонӣ зиёд), саноати маъдани кӯҳӣ 163,9% (954,6 млн сомонӣ зиёд), саноати ангишт 143,2 (24,1 млн сомонӣ зиёд), электроэнергетика 135,3% (494,2 млн сомонӣ зиёд), саноати табъу нашр 128,0% (13,4 млн сомонӣ зиёд), саноати хӯрокворӣ 125,4% (419,7 млн сомонӣ зиёд), нафт ва газ 112,0% (5,0 млн сомонӣ зиёд), саноати масолеҳи сохтмон 110,2% (80,8 млн сомонӣ зиёд), саноати мошинсозӣ 100,8% (4,5 млн сомонӣ зиёд) ва корхонаҳои пахтатозакунӣ 102,7% (2,6 млн сомонӣ зиёд)-ро ташкил дод.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар нимсолаи аввали соли 2017 8 млрду 552,4 млн сомонӣ, суръати афзоиш дар миқёси ҷумҳурӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2016, ба 121,3% баробар шуд. Афзоиш дар нимсолаи аввали соли 2017 ба 2 млрду 189,1 млн сомонӣ баробар шуд. Ҳиссаи саноат дар нимсолаи аввали соли 2017 дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ 18,9% ро ташкил дод, ки (дар соли 2016 ин рақам 16%) нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 2,9% зиёд мебошад, ки ин гувоҳи ташаккули соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки ҳиссаи соҳаҳо дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар нимсолаи аввали соли 2017 бо чунин андоза муайян гардида аст.

Чунонеки аз диаграмма бар меояд дар истеҳсолоти маҳсулотҳои саноати аз ҳама бештар соҳаҳои саноати маъдан (28,6%), саноати хурокворӣ (24,3), электроэнергетика (22,1%) зиёд мебошад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта саноати маъдан 3,2%, саноати хурокворӣ 4,1%, электроэнергетика2,2% зиёд гардидааст. Ҳамчунин дигар соҳаҳо низ дар ҳоли рушд мебошанд.[7]

Дар соли 2017 соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ дар ҳолати афзоиш мебошад. Ҳоло он, ки дар ҷаҳони муосир рақобатҳои шадиди истеҳсолӣ ва прогресси техникӣ ба дараҷаи аъло ташаккул ёфтаистодааст. Бинобар ин, на ҳама гуна давлат ва ё корхонаи истеҳсолӣ иқтидори истеҳсолии худро дар ин шароит нигоҳ дошта метавонад, аммо дар мамлакати мо ин раванд ба андозаи имконотҳои дар ихтиёрдошта дар як сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта шудааст. Дар ҳамин давра соҳибкорон дараҷаи даромднокии худро таъмин намуда, ҳиссаи худро ба буҷети мамлакат саривақт иҷро намудаанд.

Ислоҳотҳо дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ идома дошта, таҳти таваҷуҳи қатъии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва бо дастгирии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ амалӣ гашта истодаанд.

Ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин рушди иқтисодиёти гуногунҷабҳаи дорои тамоюлоти содиротӣ, аз ҳисоби рушди соҳаҳои воқеӣ ва бештар намудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар иқтисодиёти мамлакат мебошад. Сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин кафолати тараққиёти муваффақ ва дастрасӣ ба бозорҳои нави Осиёӣ мебошад.

**Адабиёт**

1. Аминов, И. Таъсири рушди соҳибкорӣ дар бахши хусусии иктисодиёт ба шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И. Аминов, Ф. И. Аминов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – P. 5-11. – EDN CGNNWW.

2. Асосҳои соҳибкорӣ. Фаррухи Раҳимбердӣ. Душанбе ирфон-2009 саҳ. 41.

3. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», 26.07.2014.

4. Низамова, Т. Д. Таъмини рушди босуръати соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси кластерикунонӣ / Т. Д. Низамова // Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане : Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 17 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 55-63. – EDN HYAJLI.

5. Саидмуродзода, Л. Ҳ. Тавсифи умумӣ ва шарҳи мафҳуми минтақаҳои деҳот / Л. Ҳ. Саидмуродзода, С. Ҳ. Рофизода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 13-25. – EDN SKHEKO.

6. Сомонаи расмии агентии омори назди ҳукумаи ҶТ. WWW// stat.tj.

7. Сомонаи расмии Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Bki.tj.

8. Хайрзода, Ш. Қ. Мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар рушди соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ / Ш. Қ. Хайрзода, Х. П. Файзулоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 27-36. – EDN OOMBCG.

9. Ҳисоботи нимсолаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ.

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Файзуллоев Хокимҷон Пардаевич**-ассистенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Борбад 48/5, тел: 987888817, E-mail:fayzuloev.hokim@mail.ru

**Сведения об авторе**

**Файзуллоев Хокимджон Пардаевич**-ассистент Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, п.Борбад 48/5, тел: 987888817 E-mail: fayzuloev.hokim@mail.ru

**About the author**

**Fayzulloev Khokimjon Pardaevich** - assistant International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad 48/5, tel: 987888817 E-mail: fayzuloev.hokim@mail.ru

## ҲУҚУҚШИНОСӢ

**УДК: 347.97 (УДК: 347.97)**

# ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ПРЕДМЕТИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ МАДАНӢ

**Табаров Н.А.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия**. Дар мақола ташаккули предмети танзими ҳуқуқии ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ; тамоюли фахмиши маҳдуд ва васеъи предмети танзими ҳуқуқӣ, ягонакунӣ ва тафриқаи ҳуқуқ дар даврањои гуногун баррасӣ карда мешавад. Масъалаҳои мушаххаси муайян кардани предмети ҳуқуқи мурофиавӣ: ҷойгоҳи истеҳсолоти иҷро дар низоми ҳуқуқӣ, назарияи ҳуқуқи судӣ ва ғ. мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Мафҳуми предмети танзими ҳуқуқӣ нисбат ба ду соҳаи мурофиавии ҳуқуқ - ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ дода мешавад, ки дар онҳо ягонагии мақомоти ҳалкунандаи парванда (суд) ва шакли мурофиавӣ омили муайянкунанда мебошад.

**Калидвожаҳо**: мурофиаи маданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, фаҳмиши васеи предмети танзими ҳуқуқӣ, фаҳмиши маҳдуди предмети танзими ҳуқуқӣ, ягонакунӣ ва тафриқаи ҳуқуқи мурофиавӣ, ҳуқуқи судӣ, истеҳсолоти иҷро.

**Барои иқтибос:** Табаров, Н. А. Оид ба баъзе масъалаҳои ҳуқуқи мурофиавии маданӣ / Н. А. Табаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 300-305.

# О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ПРЕДМЕТА ГРАЖДАНСКОГО ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ПРАВА

**Табаров Н.А.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация.** В статье рассматривается формирование предмета правового регулирования гражданского процессуального права и экономического процессуального права; тенденции узкого и широкого понимания предмета правового регулирования, унификация и дифференциация права в разные периоды. Затронуты частные вопросы в определении предмета процессуального права: место в системе права исполнительного производства, теория судебного права и др. Дается определение предмета правового регулирования применительно к двум процессуальным отраслям права: гражданскому, экономическому процессуальному праву, в котором определяющим видится единство органа, разрешающего дела (суд), и процессуальной формы.

**Ключевые слова:** гражданский процесс, экономический процесс, широкое понимание предмета правового регулирования, узкое понимание предмета правового регулирования, унификация и дифференциация процессуального права, судебное право, исполнительное производство.

# ON SOME ISSUES OF THE SUBJECT OF CIVIL PROCEDURE LAW

**Tabarov N.A.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Annotation.** The article examines the formation of the subject of legal regulation of civil procedural law and economic procedural law; the trends of narrow and broad understanding of the subject of legal regulation, the unification and differentiation of law in different periods. It also addresses specific issues in defining the subject of procedural law, such as the place of enforcement proceedings in the legal system, the theory of judicial law, and more. The article provides a definition of the subject of legal regulation in relation to two procedural branches of

law: civil procedural law and economic procedural law, where the unity of the authority that resolves cases (the court) and the procedural form is considered crucial.

**Keywords:** civil procedure, economic procedure, broad understanding of the subject of legal regulation, narrow understanding of the subject of legal regulation, unification and differentiation of procedural law, judicial law, and enforcement proceedings.

**Гузориши масъала.** Се аломати калидӣ, ба монанди предмет, методи танзими ҳуқуқӣ ва системаи принсипҳо заминаеро ташкил медиҳанд, ки мустақилият ва беназирии ҳар як соҳаи ҳуқуқро муайян мекунанд. Аммо, ҳатто ин унсурҳои асосӣ дар тағйироти доимӣ қарор доранд. Фаҳмиши ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва предмети танзими ҳуқуқии он доимо такомул ёфта, аз фаҳмиши маҳдуд ба фаҳмиши васеъ, аз тафриқа ба ягонакунӣ ва баръакс тағйир меёбанд.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба предмети танзими ҳуқуқии ҳуқуқи мурофиавии маданӣ дар таълифоти илмии ҳуқуқшиносон ба монанди: Е.В. Васковский, А.Я. Вишинский, Н.Н. Полянский ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади мақола** таҳлили масъалаҳои мушаххаси муайян кардани предмети ҳуқуқи мурофиавӣ, ҷойгоҳи истеҳсолоти иҷро дар низоми ҳуқуқӣ, назарияи ҳуқуқи судӣ ва ғ. мебошад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Соли 1864 тақсимоти мурофиа ба мурофиаи судии маданӣ ва ҷиноятӣ ҷорӣ карда шуд, ки мурофиаи ягонаи маданӣ ва ҷиноятиро иваз кард. Ислоҳоти судии соли 1864 баҳсҳои илмиро нисбати предмети танзими ҳуқуқии мурофиаи маданӣ низ ба вуҷуд овард. Ба андешаи Е.В. Васковский, «мурофиаи маданӣ ба маънои васеъ се тартиби баррасии парвандаҳоро дар судҳои маданӣ ё се намуди мурофиаи судиро дар бар мегирад: 1) даъвогӣ (мурофиаи маданӣ ба маънои маҳдуд), 2) иҷроӣ ва 3) муҳофизаткунанда».

«Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки ташкил ва фаъолияти судҳои маданӣ, инчунин мақомоти ёрирасони онҳоро дар се самти ишорашуда танзим мекунанд, ҳуқуқи мурофиавии маданиро ташкил медиҳанд» [4, С. 39]. Эҳтимол дорад, ки Е.В. Васковский дар таърифи предмети ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ба маънои «васеъ» на танҳо мурофиаи судӣ, балки сохтори судиро низ (аз ҷумла мақомоти ёрирасоне, ки дар назди суд фаъолият мекунанд) муттаҳид кардааст. Ба маънои «маҳдуд» ба мурофиаи маданӣ танҳо истеҳсолоти даъвогӣ мансуб буд, ки дар мурофиаи муосир барои инкишофи дигар намудҳои мурофиаи судӣ (истеҳсолоти махсус, истеҳсолот аз рӯи парвандаҳои муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ) асос гашт. Дар вақти ҳозира сохтори судӣ предмети танзими ҳуқуқии ҳуқуқи мурофиавии маданӣ намебошад.

Дар солҳои 20-уми асри XX назарияи ҳуқуқи судӣ ба вуҷуд омад [15], ки ба муттаҳидшавии якчанд соҳаҳои ҳуқуқ асос ёфтааст. Яке аз намояндагони ин назария А.Я. Вишинский чунин мешуморид, ки мурофиаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ бояд дар доираи як фан — илми ҳуқуқи судӣ муттаҳид карда шавад [10, С. 74, 190].

Соли 1939 Н.Н. Полянский мақолаи «Масъалаҳои систематика дар мурофиаи ҷиноятӣ»-ро рӯи чоп овард, ки дар он вай умумияти фаъолияти судро дар мурофиаҳои ҷиноятӣ ва маданӣ — ноил шудани ҳақиқати моддӣ қайд карда буд. Суд зимнан ҳамчун муҳофизи қонунияти сотсиалистӣ ва ба мақсад мувофиқ дониста мешуд. Н.Н. Полянский ҳуқуқи мурофиавиро соҳаи универсалӣ номид, ки дар доираи он ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии маданӣ шохаҳои як соҳа буда, дар якҷоягӣ бо қонунҳо дар бораи сохтори судӣ ҳуқуқи судиро ташкил медоданд [11, С. 71-87].

Соли 1983 бо назардошти тағйироти қонунгузорӣ асари «Проблемаҳои ҳуқуқи судӣ» аз чоп баромад [12].

Дар миёнаи асри XX ду соҳаи мурофиавии ҳуқуқ- ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ арзи вуҷуд доштанд, ки мунтазам ва пайваста инкишоф меёфтанд. Аммо дар китобҳои дарсӣ оид ба мурофиаи маданӣ

бобҳоеро ёфтан мумкин аст, ки ба иҷрои санадҳои судӣ, фаъолияти нотариат, судҳои рафиқона ва ҳакамӣ, арбитраж ва дигар муассисаҳо бахшида шудаанд. Дар мурофиаи он замон нисбати предмети соҳаи мазкури ҳуқуқ ягонагии ақидаҳо арзи вуҷуд надошт: як гурӯҳи олимон онро танҳо бо фаъолияти суд оид ба баррасӣ ва ҳал кардани баҳсҳо ва парвандаҳо маҳдуд мекарданд [14, С. 11-12; 13; 6, С. 60; 8, С. 18-20; 16, С. 115-116], дигар гурӯҳи олимон бошад ба ин предмет фаъолияти суд, арбитраж, судҳои ҳакамӣ, рафиқона, комиссияҳо оид ба баҳсҳои меҳнатӣ, кумитаҳои иттифоқҳои касаба ва мақомоти маъмурие, ки ба ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ машғуланд, дохил мекарданд [7, С. 69-82; 3; 17, С. 81-82].

Фаҳмиши васеи мурофиаи маданӣ ба ягонагии мақсадҳо ва предмети фаъолият, умумияти принсипҳо, монандии институтҳои алоҳида ва шаклҳои мурофиавии кори суд ва дигар мақомот (суди ҳакамӣ, мақомоти маъмурӣ ва ғайра) асос ёфтааст. Ба ибораи дигар, дар илми ҳуқуқи мурофиавии мадании советӣ тақсимот ба фаҳмиши маҳдуд ва васеи предмети соҳаи мазкур арзи вуҷуд дошт. Зимнан фаҳмиши васеи мурофиаи маданӣ аз доираи мурофиаи судӣ аз рӯи парвандаҳои маданӣ мебаромад.

Чунин фаҳмиши ҳуқуқи мурофиавии маданӣ мазмуни моддаи 6 Кодекси дар он вақт амалкунандаи граждании РСС Тоҷикистонро, ки дар он ҳамаи мақомот ва ташкилотҳоеномбар карда шуда буданд, ки ба ҳал намудани баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ машғул буданд, инъикос мекард. Мувофиқи ин модда ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби судҳо, судҳои арбитражӣ, судҳои ҳакамӣ, рафиқона, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешуд; дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, ҳимояи ҳуқуқҳоро бо тартиби маъмурӣ низ анҷом додан мумкин буд. Ҳамин тавр, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба баррасии баҳсҳои гражданӣ вобаста аз он, ки кадом мақомот ба парванда машғул буд,фарқ мекард. Зимнан, фаъолияти судӣ шакли махсуси мурофиавӣ дошт, ки ба мақомоти ғайрисудӣ хос набуд.

Дар доираи фаҳмиши маҳдуди предмети ҳуқуқи мурофиавии маданӣ муҳокимаи ҷанбаи нави таърифи он оғоз мегардад: оё ба предмети танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур истеҳсолоти иҷро дохил мешавад ё не. Ин масъала дар давоми якчанд даҳсолаҳо мавзӯи баҳси олимони варзидаи соҳаи ҳуқуқи мурофиавии маданӣ боқӣ мондааст. Соли 1999 баъди ташкил шудани Шӯрои адлия иҷрочиёни судӣ аз системаи судӣ ҷудо шуда, ба тобеияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд. Соли 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» қабул карда шуд. Хадамоти иҷро дар як низом ташкилшуда, аз Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо шуда, ба сохтори зертобеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуд.

Аз нуқтаи назари имрӯза, истеҳсолоти иҷро ҳамчун фаъолияти иҷрочиёни судӣ оид ба иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар, аз доираи ҳуқуқи мурофиавии маданӣ берун баромада, бо қонунгузории махсус – Қонун «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз соли 2008 танзим карда мешавад. Аммо дар он ҳолатҳое, ки аз амали иҷрочии суд ба суд шикоят карда мешавад, аризаҳои даъвогӣ оид ба озод кардани амвол аз рӯйхат (ҳабс), масъалаҳои боздоштани истеҳсолоти иҷро, тағйир додани усул ва тартиби иҷро, баргардонидани иҷро ва ғайра баррасӣ мешаванд, ин фаъолияти суд дар доираи Кодекси мурофиавии иқтисодӣ ва Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, ки назорати судиро аз болои қонунӣ будани иҷрои маҷбурӣ таъмин менамояд. Шакли мурофиавии маданӣ танҳо фаъолияти судро оид ба баррасии масъалаҳое, ки дар рафти истеҳсолоти иҷро ба миён меоянд, фаро мегирад, аммо худи расмиёти иҷрои маҷмурӣ ба шакли мурофиавии маданӣ тобеъ нест.

Дар соли 1992 судҳои ҳакамӣ таъсис дода шуданд, ки арбитражҳои давлатиро иваз намуданд. Баъди қабул шудани Конститутсияи соли 1994 дар соли 1995 низоми судҳои иқтисодӣ ташкил карда

шуда, аввалин Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Соли 2008 Кодекси мазкур ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ иваз карда мешавад, ки баъдан он ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир дода шуд.

Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳатҳо дар сохтори худ шабоҳат доранд, ки ногузир предмети танзими ҳуқуқиро инъикос мекунанд: дар ҳолати аввал чунин предмет мурофиаи иқтисодӣ, дар ҳолати дуюм бошад – мурофиаи маданӣ мебошад.

Бо вуҷуди тафовути возеҳи ҳуқуқи мурофиавӣ, ҳамзамон раванди муттаҳидсозии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ ва институтҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи мурофиавӣ бо нигоҳ доштани тамомияти соҳавии онҳо ба амал меояд. Дар Кодекси мурофиавии иқтисодӣ ва Кодекси мурофиавии маданӣ чунин тартибҳо ба монанди аз нав дида баромадани санадҳои судие, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоршуда, ба таври умумӣ оварда шудаанд; Дар Кодекси мурофиавии иқтисодӣ фармони судӣ ҷорӣ карда шудааст, дар Кодекси мурофиавии маданӣ бошад, мурофиаи соддакардашуда; инчунин унсурҳое ба монанди мубодилаи ҳуҷҷатҳои мубоҳисавӣ, ошкор кардани далелҳо ва ғайра пайдо шуданд.

Чунин муттаҳидшавиро метавон ниҳонӣ номид, ки дар кодексҳои мурофиавӣ танзими якхелаи бисёр муносибатҳо (далелҳо, даъво, тобеияти судӣ, харочоти судӣ, баррасии санадҳои судӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд ва ғ.) пайдо мешавад.

Ба маънои васеъ предмети ҳама гуна соҳаи мурофиавии ҳуқуқ мурофиаи судӣ дар ин ё он шакли он мебошад. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ муносибатҳои вобаста ба баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятиро аз ҷониби суд танзим мекунад. Ҳуқуқи мурофиавии маданӣ аз ҷониби судҳои салоҳияти умумӣ баррасӣ ва ҳал кардани парвандаҳои маданиро танзим мекунад (ба ғайр аз худи парвандаҳои маданӣ, судҳои салоҳияти умумӣ ҳамчунин баҳсҳои оилавӣ, манзил, замин ва дигар баҳсҳоро баррасӣ мекунанд). Ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ аз ҷониби судҳои иқтисодӣ баррасӣ ва ҳал кардани баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва дигари оммавиро баррасӣ мекунанд.

Ду соҳаи мурофиавии ҳуқуқ (ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ)-ро, ки мутаносибан бо Кодекси мурофиавии маданӣ ва Кодекси мурофиавии иқтисодӣ танзим мешаванд, ду аломати умумӣ муттаҳид менамояд:

1) мақомоти ягонае, ки давлат барои баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо ва парвандаҳои дахлдор ваколатдор кардааст – суд;

2) шакли махсуси мурофиавии амалӣ намудани адолати судӣ, ки мақомоти дигари ваколатдори баррасикунандаи парванда (судҳои ҳакамӣ, мақомоти ғайрисудӣ ва дигар) доро нестанд.

Предмети танзими ҳуқуқи мурофиавии маданӣ мурофиаи маданӣ мебошад. Дар илми мурофиаи маданӣ барои муайян кардани он якчанд равиш мавҷуд аст. Як гурӯҳи олимон чунин мешуморанд, ки ин тартиби амалӣ намудани адолати судӣ аз рӯи парвандаҳои маданӣ мебошад [18, С. 3; 13]. Дигарон мурофиаро ҳамчун як муносибати ҳуқуқии мураккаб [9, С. 56] ё ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҳуқуқие [1, С. 46], ки ҳангоми баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои маданӣ ба миён меоянд, шарҳ медиҳанд. Сеюминҳо бошанд мурофиаи маданиро ҳамчун фаъолият ва муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба суд ва дигар иштирокчиёни мурофиа мебинанд [14, С. 11-12]. Ниҳоят, гурӯҳи чорум мурофиаи маданиро ҳамчун ягонагии се унсур - фаъолияти мурофиавӣ, муносибатҳои мурофиавӣ ва шакли мурофиавӣбаррасӣ мекунанд [5, С. 96-99].

Дар ҷараёни баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳо муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ дар байни суд ва дигар иштирокчиёни мурофиа ба вуҷуд меоянд. Дар ин муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳо, ки бо ҳуқуқи мурофиавии маданӣ муқаррар карда шудаанд, мушаххас карда мешаванд.

Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ дар асоси ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва вобаста ба амалҳои муайяни мурофиавӣ (фактҳои ҳуқуқӣ) ба вуҷуд меоянд, амал мекунанд ва қатъ мешаванд. Татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ ба воситаи амалҳои гуногуни мурофиавӣ анҷом дода мешавад.

Ҳамин тавр, мурофиаи маданӣ маҷмӯи амалҳои мурофиавӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданиро ифода мекунад, ки бо ҳуқуқи мурофиавии маданӣ танзим карда шуда, дар байни суд ва дигар иштирокчиён ҳангоми баррасӣ ва ҳал намудани парвандаи маданӣ аз ҷониби суди салоҳияти умумӣ ба вуҷуд меоянд [2, С. 9-19].

Он чи ки дар бораи предмети ҳуқуқи мурофиавии маданӣ гуфта шуд, ба андозаи пурра ба предмети ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ низ дахл дорад.

**Дар хотима,** умумияти предмети танзими ҳуқуқӣ ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии иқтисодиро ҳамчун соҳаҳои мустақили мурофиавӣ сарфи назар аз фарқиятҳояшон муттаҳид месозад.

**Адабиёт**


1. Авдеенко Н.И. Механизм и пределы регулирующего воздействия гражданского процессуального права. – Л., 1969. – 72 с.

2. Актуальные проблемы гражданского и административного судопроизводства: колл. монография / под ред. В.В. Яркова. – М., 2021. – 460 с.

3. Аракчеев В.С. Процедурно-правовые нормы: понятие и значение в регулировании трудовых отношений :автореф. ... дис. канд. юрид. наук. - Томск,1981. – 21 с.

4. Васьковский Е.В. Курс гражданского процесса: Субъекты и объекты процесса, процессуальные правоотношения и действия. – М.: Бартолиус; Статут, 2016. – 624 с.

5. Гагаринов А.В. Понятие гражданского процесса // Правоведение. – 1988. – № 4. – С. 96–99.

6. Добровольский А. А. Исковая форма защиты права. – М.: Изд-во МГУ, 1965. – 190 с.

7. Зейдер Н.Б. Предмет и система советского гражданского процессуального права // Правоведение. – 1962. – № 3. – С. 69–82.

8. Мельников А.А. Правовое положение личности в советском гражданском процессе. – М. : Наука, 1969. – 248 с.

9. Мозолин В.П. О гражданско-процессуальном правоотношении // Советское государство и право. – 1955. – № 6. – 55-57.

10. Основные задачи науки советского социалистического права: материалы 1-го совещания научных работников права. 16–19 июля 1939 г. – М., 1939. – 192 с.

11. Полянский Н.Н. Вопросы систематики в уголовном процессе // Советское государство и право. – 1939. – № 3. – С. 71–87.

12. Полянский Н.Н., Строгович М.С., Савицкий В.М., Мельников А.А. Проблемы судебного права / под ред. В. М. Савицкого. – М.: Наука, 1983. - 223 с.

13. Пучинский В.К. Понятие, предмет, источники советского процессуального права. – М., 1966.

14. Советский гражданский процесс / под ред. К.И. Комиссарова, В.М. Семенова. – М., 1988. – 480 с.

15. Соколов Т.В. Идея судебного права в советской юридической науке /URL: https://wiselawyer.ru/poleznoe/77675-ideya-sudebnogo-prava-sovetskojyuridicheskojnauke.

16. Чечина Н.А. Основные направления развития гражданского процессуального права // Проблемы защиты субъективных прав и советское гражданское судопроизводство. – Вып. 3. – Ярославль, 1978. – С. 115–116.

17. Щеглов В.Н. Соотношение гражданского процессуального правоотношения с другими правовыми отношениями // Вопросы экономики и права. Труды Томского ун-та. – Серия: Юридическая. – Т. 162. – Томск, 1963.

18. Юдельсон К.С. Вопросы советского гражданского процесса военного времени. – Свердловск, 1943. – 104 с.

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Табаров Неъмон Амонович**-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 907-97-65-12, E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

**Сведения об авторе**

**Табаров Неъмон Амонович**-кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово – экономического университета. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 907-97-65-12, E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

**About the author**

**TabarovNemonAmonovich** - candidate of legal sciences, associate professor department of economic, financial and anti-corruption law Tajik State University Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st.Nakhimov 64/14. Tel.: (+992) 907-97-65-12, E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

**УДК: 159**

# ФАЪОЛИИ ИҶТИМОИИ ШАХСИЯТ ҲАМЧУН АСОСИ ТАҒЙИРОТ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҚОИДАҲОИ АХЛОҚӢ

**Ҳомидов Р.А.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур фаъолии иҷтимоии шахсият ҳамчун асоси тағйирот дар низоми ҳуқуқии қоидаҳои ахлоқӣ аз таҷрибаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст.
Ба сифати усулҳои асосии таҳқиқот усулҳои таърихӣ ва диалектикӣ истифода шуданд ки имкон доданд, ки объект ва предмети таҳқиқ бо назардошти ихтилофоту оқибатҳои тадқиқи онҳо, инчунин бо тамоми пуррагии зуҳури онҳо баррасӣ карда шаванд.
Нишон дода шудааст, ки қисми таркиби низоми меъёрҳои иҷтимоӣ ҳуқуқ мебошад. Бо истифода аз равияи комплексӣ омӯхта шуд, ки дигаргуниҳои рухдода дар тӯли солиёни зиёд ба афзоиши нақши ҳуқуқ ва таносуби он бо меъёрҳои иҷтимоии дигари ҷумҳурӣ дар назарияи давлату ҳуқуқ, ҷанбаи мафҳумии он таъсир расонданд.
Ошкор карда шуд, ки ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ қонунӣ гаштааст, ки ҷиҳатҳои манфии ҳаёти ахлоқии ҳар ҷомеа бо равандҳои сустшавии бисёре аз унсурҳои фаъолияти равандҳо, таназзули иқтисод, оқибатҳои фалокатбори соҳаҳои иҷтимоӣ, моддӣ рабт дода мешаванд, ин албатта, ба тағйироти манфии соҳаи ахлоқ оварда мерасонад.
Муаллиф назари худро нисбати аломатҳои фаъолии иҷтимоии шахсият пешкаш кардааст. Дар хулосаи мақола омадааст, ки ҳар ҷомеаи шаҳрвандии мутараққӣ ба он талош мекунад, ки фаъолии иҷтимоии шахсият ҳамеша бо фаъолии ахлоқии ӯ мувофиқ бошад, комёбиҳои зинагӣ, маишат, дар ҷомеа ва дастовардҳои моддӣ бо равнақи маънавӣ ҳамроҳ бошанд. Дар робита бо ин ба ҳаёти ҷомеа, ба муқаррароти одобу ахлоқ назари интиқодӣ бояд дошт, то шаклҳои воқеан дурусти фаъолии шахсият аз шаклҳои сохта, беэътимод, шубҳанок ҷудо карда шаванд.
**Калидвожаҳо:** низоми ҳуқуқ, ахлоқ, шахсият, меъёрҳои иҷтимоӣ, фаъолии иҷтимоии шахсият, ҷомеаи Тоҷикистон, қоидаҳои ахлоқ, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ.
**Барои иқтибос:** Ҳомидов, Р. А. Фаъолии иҷтимоии шахсият ҳамчун асоси тағйирот дар низоми ҳуқуқии қоидаҳои ахлоқӣ / Р. А. Ҳомидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 306-312.

# СОЦИАЛЬНАЯ АКТИВНОСТЬ ЛИЧНОСТИ КАК ОСНОВАНИЕ ИЗМЕНЕНИЙ В СИСТЕМЕ ПРАВА НРАВСТВЕННЫХ ПАРАМЕТРОВ

**Хомидов Р.А.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация**. В данной статье рассмотрена социальная активность личности как основание изменений в системе права нравственных параметров из практики регулировании общественных отношений в Республике Таджикистан.
В качестве основных методов исследования применялись исторический и диалектический методы, которые позволили рассмотреть объект и предмет исследования с учетом имеющихся противоречий и последствий их исследования, а также во всей полноте их проявлений.
Показано, что составной частью системы социальных норм, является право.
Изучено с помощью комплексных подходов, что в теории государства и права в понятийном аспекте на повышение роли права и его соотношение с другими социальными нормами в республике, повлияли изменения, которые происходят на протяжении многих лет.
Выявлено, что и теоретически, и практически стало закономерностью, что негативные стороны нравственной жизни любого общества не случайно связываются с процессами

застоя, падением экономики, бедственными последствиями в социальной, материальной сферах, которые, несомненно, приводят неблагополучным изменениям в моральной сфере.
Выдвинут авторский подход к признакам социальной активности личности.
Статью венчает вывод о том, что любое развитое гражданское общество стремится к тому, чтобы всегда социальная активность личности совпадала с ее нравственной активностью, а успехи в жизни, быту, в обществе и материальные приобретения сопровождались духовным ростом, что в этой связи необходимо и достаточно критически взглянуть на жизнь общества, на морально - нравственные устои, с целью разделения в существующих в них настоящих морально оправданных форм активности личности от мнимых, нравственно ненадежных, подозрительных, и что особенно важно, что критика и переоценка ценности реальных форм поведения в обществе становятся настоятельной необходимостью.
**Ключевые слова:** система права, ахлоқ, шахсият, социальные нормы; социальная активность личности; таджикское общество; нравственные параметры; регулирование общественных отношений.

## SOCIAL ACTIVITY OF THE INDIVIDUAL AS THE BASIS FOR CHANGES IN THE SYSTEM OF LAW OF MORAL PARAMETERS

**Homidov R.A.**
Tajik State University of Finance and Economics

**Abstract.** This article examines the social activity of the individual as the basis for changes in the legal system of moral parameters from the practice of regulating public relations in the Republic of Tajikistan.
Historical and dialectical methods were used as the main research methods, which made it possible to consider the object and subject of research, taking into account the existing contradictions and the consequences of their research, as well as in the entirety of their manifestations.
It is shown that law is an integral part of the system of social norms.
It was studied using complex approaches that in the theory of state and law in the conceptual aspect, the increasing role of law and its relationship with other social norms in the republic was influenced by the changes that have been taking place over the years.
It was revealed that both theoretically and practically it has become a regularity that the negative aspects of the moral life of any society are not accidentally associated with the processes of stagnation, the fall of the economy, disastrous consequences in the social, material spheres, which undoubtedly lead to unfavorable changes in the moral sphere.
The author's approach to the signs of social activity of a person is put forward.
The article is crowned with the conclusion that any developed civil society strives to ensure that the social activity of the individual always coincides with his moral activity, and success in life, everyday life, in society and material acquisitions are accompanied by spiritual growth, which in this regard is necessary and quite critical to look at the life of society, at the moral and ethical foundations, with the aim of separating the present morally justified forms of personality activity in them from imaginary, morally unreliable, suspicious, and most importantly, that criticism and reassessment of the value of real forms of behavior in society become an urgent need.
**Key words:** system of law, morality, personality, social norms; social activity of the individual; Tajik society; moral parameters; regulation of public relations.

**Гузориши масъала.** Дар ҷаҳони муосир таносуби имконоти фаъолии иҷтимоии шахсият дар низоми ҳуқуқии қоидаҳову талаботҳои ахлоқӣ, манфиатҳои хусусӣ ва умумӣ ҳамеша бо бархӯрду муборизаҳои эҳтимолӣ сабаб шудааст ва ҳалли ин муноқишаҳо, бартараф намудани мухолифатҳо ба зиммаи инсон, чун узви

ҷомеаи шаҳрвандии босуръат рушдкунанда, вогузор шудааст. Ба мушкилоти буҳронии ҷаҳонӣ, ки Тоҷикистон ҳам онро аз сар мегузаронад, нигоҳ накарда дар кишвар барномаи фаъолгардонии омили инсонӣ пешниҳод шудааст. Лоиҳаи Барнома моҳиятан зарурати таҳлили амиқи равандҳои манфии баамаломадаро аз нигоҳи равандҳои иҷтимоӣ ва асосноккунии роҳҳои такмили ҳама низоми иҷтимоию ҳуқуқии кишвар муайян мекунад. Вай зарурияти ҳалли бисёре аз мушкилоти ҷомеаро, ки раванди фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро боз медоранд, инъикос карда истода, зарурати тадбирҳоеро муайян мекунад, ки бояд ба ҳамагон нигаронида шуда, рушди ҳамаҷониба ва пурраи фардияти ҳар узви ҷомеаро таъмин кунанд.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Дар доираи мавзуи мазкур таҳқиқотҳои олимон аз қабили Никишова Н.В., Савельева Л.С., Титаренко А.И., Лейст О.Э., Лафитский В.И., Касьянов В.В., Нечипуренко В.Н., Матузов Н.И., Малько А.В., Нерсесянц В.С., Черданцев А.Ф. ва дигарон боиси дастгирист.

**Мақсади мақола** ин омӯзиши фаъолии иҷтимоии шахсият ҳамчун асоси тағйирот дар низоми ҳуқуқии қоидаҳои ахлоқӣ мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Дар ҳама гуна ҷомеаи шаҳрвандии рушдёфта ҳамеша ноил шудани ташкили чунин фазои ахлоқие талаб карда мешуд, ки барои худтатбиққунии бештари шахсият, ва бешубҳа, дар ҳаёт амалӣ намудани он принсипҳое, ки дар онҳо шахсият бештар худро зоҳир карда меҳтавонад, мусоидат намояд [1, с. 188]. Аммо ин бешак, ба таҷдиди сифатии ҷомеа оварда мерасонад. Барои ин, пеш аз ҳама, оғоз намудани «бозсозӣ» аз шуури инсон, таҷдиди рӯҳи он зарур буда, барои зарурат ташкили шароити воқеии иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, фарҳангии инкишоф қабул карда шавад. Он гоҳ ҳар фард метавонад худро чун шахсият зоҳир намуда, дар ҳаёт натанҳо қобилият, донишу малака, маҳорати амалӣ ва иқтидори худ, балки ақоиду принсипҳо, ғояҳо, имконоти эҷодиашро низ амалӣ намояд.

Барои баланд гаштани нақши ҳуқуқ дар ҷомеаи Тоҷикистон ва таносуби он бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, ба назари мо, тағйиротҳое таъсир расониданд, ки дар давоми солҳои зиёде, сар карда аз замони пасошӯравӣ ба амал меоянд, зиёда аз он вай дар вақти ҳозира низ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, илмӣ ва амалии ҷомеа мустаҳкам шуда истодааст.

Талаботи воқеии ҷомеаи Тоҷикистонро ба танзими амалҳо ва муносибатҳои мутақобилаи аъзои он, тобеияти онҳо ба қоидаҳои ахлоқи иҷтимоӣ, бешубҳа, танзими меъёрии иҷтимоӣ ифода мекунад, ки ба мазмуни воқеӣ, воқеият ва қонуниятҳо дар ҳаёти ҷомеа нигаронида шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар Тоҷикистони демократӣ таъсири бошуурона ва ҳадафманди меъёрҳои иҷтимоӣ ба фаъолияти ҳаётии аъзоёни ҷомеа таъмин карда мешавад, зиёда аз ин, соҳаи татбиқи бисёре аз танзимгарони иҷтимоӣ дар ҳама ҷо инкишофу густариш меёбад.

Таҳқиқот эҳтимолияти онро нишон дод, ки фаъолии шахсият мисли коллективизм ва инсондӯстӣ, на фақат сифати махсуси модели таърихан нави ахлоқро ифода мекунад, балки муносибатҳои иҷтимоии пешраву рӯ ба тараққӣ тавассути ин сифатҳо асосҳои таркибӣ ва сифатии меъёрҳои ахлоқро муайян мекунанд.

Ҳангоми омӯзиши бисёре аз маҳакҳои санҷидашудаи ахлоқ дар ҷомеа ошкор шуд, ки дар ростои пайдоиши мушкилоти таҳлилу мувофиқати на танҳо меъёрҳои иҷтимоӣ, балки асосҳои пайдоиши фаъолии иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахсият, ки дар шароити ислоҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст, таъсиррасонии мақсадноки меъёрҳои ахлоқ ба сифати ҳаёти ҷомеа ба амал меояд. Дар амалия ошкор карда шуда буд, ки ахлоқ тамоюлоти мусбати ҳаёти ахлоқии шахсиятро ба худ ҷалб намуда, ба онҳо ҳидоят мекунад, онҳоро муқаррар мекунад ва моҳиятан қисми фаъоли таркибӣ мегардад.

Беҳуда нест, ки тарафҳои манфии ҳаёти ахлоқии ҳар ҷомеа бо равандҳои сустшавии бисёре аз унсурҳои фаъолияти

равандҳо, таназзули иқтисод, оқибатҳои фалокатбори соҳаҳои иҷтимоӣ, моддӣ рабт дода мешаванд, ки бешубҳа, ба тағйироти манфии соҳаи ахлоқ оварда мерасонад. Вобаста ба ин нигоҳ доштани фишангҳои калидие, ки боиси рушди соҳаҳо мегарданд зарур аст ва вектори самти ҳаёт ба ислоҳи ҷомеа равона карда шавад, ки ин бешубҳа, шарти воқеан иҷрошаванда, зарур ва кофӣ барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тағйиротҳо дар соҳаи иҷтимоӣ, дар иқтисодиёт, сиёсат, ки барои гузариши зуданҷом таҳти таъсири замони нав ва таъмини такмили рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади табдили он ба давлати аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта, ҳуқуқбунёд равон карда шудаанд, бешубҳа, имконият намедиҳанд фикр кард, ки ахлоқ танҳо ҳосили иқтисод ва сиёсат ё қисми таркиби онҳо аст. Барои он ки ахлоқи ҷамъиятӣ соҳиби мазмуни пурраву мувофиқ, муассир гардад, мувофиқан тадбирҳое талаб карда мешаванд, ки механизми хоҷагидории муносиб дар кишварро такмил медиҳанд ва суръат мебахшанд. Бешубҳа, муқаррар кардани вазифаҳои одилонаи мухтор дар тамоми ҷомеа, инкишоф додани анъанаҳои демократия, фишангҳои сохторҳои давлатӣ ва унсурҳои дигари таъминкунандаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муҳим мебошад. Роҳи зудкори интихобкардаи кишвар тағйироти куллиро дар низоми танзими меъёрӣ низ талаб мекунад ва барои ин лозим аст, ки он ба сифати омили пурзӯртарини таъсиррасонии бошуурона ва ҳадафманди фишангҳои ҷомеаи шаҳрвандии мутараққӣ ба тарз, шакл ва симои фаъолияти ҳаётии аъзоёни ҷомеа баромад кунад.

Чуноне ки таҷриба нишон дод, дар давоми солиёни зиёд ҳангоми баррасии масоилу дурнамои такмили низоми меъёрҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир муҳимаш муайян кардани аҳамияти ахлоқу дин дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, инчунин ташаккули эҳтиром ба ҳуқуқ дар ҷомеаи Тоҷикистон буд.

Дар маҷмӯъ, омӯзиши ихтилофоти миёни ҳуқуқу ахлоқ, муайян кардани роҳҳои бартарафу ислоҳ кардани онҳо бо истифода аз танзимгарони ҳуқуқӣ ва таъсири ҳуқуқ, бо ёрии усули таъсиррасонии иттилоотӣ-равонӣ, тарбиявӣ, иҷтимоӣ нишон дод, ки вазифаи иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ аз омилҳои бисёр иборат аст. Далели асосӣ дар он аст, ки барои он, ки ҳамаи шаклҳои фаъолнокии ҷамъиятӣ ба талаботу ниёзҳои воқеии аъзоёни алоҳидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқат кунанд, талошҳои зиёд ҷиҳати такмили фишангҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ зарур мебошанд. Барои ин бояд шароити мусоиди фаъолияти усулҳои дар боло зикргардидаро фароҳам овард, он гоҳ ҳар шахсият дар меҳнати барои ҷамъият муфиду судманд метавонад самти воқеии рушди ҳамаҷониба ва ботартиби худро ёбад. Ин бешубҳа, маънои мувофиқат ба ҳадафҳои умумӣ ва ноилшавӣ ба онҳо тавассути вазифаҳои гузоштаи субъектони ҷамъиятӣ ва гурӯҳиро, ки мухолифи ҳадафҳои шахсии аъзои алоҳидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ намебошад, дорад.

Мушкилоти марбути назарияи танзими давлатӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо он тафовут доранд, ки муқаррар намудани чунон тартиберо дар назар доранд, ки тавонад фаъолии ҳар аъзои ҷомеаро, ки баҳри фоидаи аъзоёни дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ равона карда шудаан ҳавасманд намояд. Дар ин ҷо бояд манфиатҳои умумӣ ва хусусии шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъиятӣ, коллективӣ дар ҷомеа ва бешубҳа, ҳадафҳои шахсии ҳар фард дахлдор бошанд.

Оиди озодии инсон бошад, он гоҳ вай дорои хосияти ҷудонопазири инсон аст, ки бидуни он ҳастии муътадили шахсият, татбиқи иқтидори эҷодии вай ва дигар унсурҳои хислати инсон, ки ба туфайли онҳо вай метавонад шуурона ангезаҳои муайянро ба роҳбарӣ гирад, бе монеа интихоби бошуурона намояд, имконнопазир аст. Бегуфтугӯ, бо назардошти омилҳои дар боло зикргардида тасдиқ намудан мумкин аст, ки дар ин ҳолат интихоби шахсият, озодии ӯ мундариҷаи ҳуқуқро ташкил медиҳанд ва ба татбиқи он маънӣ мебахшанд**.**

Ҷомеаи шаҳрвандӣ маҷмӯи муносибатҳои байни шахсонро ифода

менамояд, аз ҷумла сохторҳои бағоят муассири оилавӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, динӣ ва дигар сохторҳо, ки дар ҷамъият бе дахолати давлат инкишоф меёбанд [2]. Аммо ҷомеаи шаҳрвандӣ рушди давлати ҳуқуқбунёдро таъмин карда, таъйиди худро бо истифода аз таҷрибаи рушди имрӯзаи ҷаҳон бо вазифаҳои ҷаҳонию воқеоти сахти он, ки онҳоро танҳо муштаракона, бо ҷаҳду талоши муттаҳидонаи тамоми ҷомеа ҳал метавон кард, бояд исбот намояд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки қоидаҳои ахлоқ ҳамчун намуди меъёрҳои иҷтимоӣ бо аломатҳои умумии навъӣ тавсиф карда мешаванд. Онҳо чун қоидаҳои рафтори инсон, ки муносибати одамонро ба ҳамдигар муайян мекунанд, маҷбур мекунанд инсон он ҳолатро ба назар гирад, ки рафтори инсон аз нуқтаи назари иҷтимоӣ дар ҳолатҳое, ки амалҳояш ба аъзои дигари ҷомеа дахл намекунанд, бетафовут мебошад. Он гоҳ, зимни чунин масъалагузорӣ метавон ҳисоб кард, ки меъёрҳои ахлоқ фақат падидаи иҷтимоӣ буда метавонанд.

Ба он нигоҳ накарда, ки дар таҷрибаи амалӣ намудани ислоҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасаввурот оид ба зарурати ислоҳоти ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадааст, ки дар такмили қонунгузории ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, дар асл кишвар бо тағйироти муътадили пурҳаракати ҷомеа инкишоф ёфта истодааст, ки барои ин ҳамоҳангсозии ҳуқуқи кишвар бо қисми боқимондаи низоми танзими иҷтимоӣ мусоидат кард. Бинобар ин, дар ҳақиқат ҳуқуқ бо тамоми мустақилии нисбияш вазифаҳои махсуси танзимгариро на ба таври ҷудогонаву мухтор, балки якҷоя бо дигар воситаҳои иҷтимоию меъёрӣ дар механизми умумӣ, аз ҷумла бо танзимгарони ахлоқӣ, динӣ ва дигар воситаҳои танзими меъёрӣ иҷро менамояд, ки самти ҳадафмандро ба сӯи демократизатсияи минбаъдии ҷомеаи Тоҷикистон таъмин мекунад.

Фаъолнокии иҷтимоии ҳар як шахсиятро чун асоси тағйирот дар низоми ҳуқуқии меъёрҳои ахлоқ баррасӣ карда истода, бояд ахлоқро ҳамчун муносибати байнишахсӣ ҷудо кард, зеро он ҷиҳатҳои дилхоҳи ҷаҳонбинии шахсиятро ифода мекунад. Қайд кардан муҳим аст, ки ахлоқ, чӣ гунае ки дар рафтору ниятҳои шахс зоҳир нагардад, аз масъулияти (ҷавобгарии) шахсӣ, аз шарафмандӣ, аз омодагии нисбати худ пешниҳод намудани талаботҳои зиёд, сарфи назар аз ҳолатҳо ва зарурати риояи меъёрҳои ҳуқуқ оғоз мегардад. Дар ин ҷо нақши ахлоқ зоҳир мешавад, ки он шахсро ба мустақилона ҳал намудан, ба рафтори дурусту интихоби шахсии ахлоқӣ ҳидоят мекунад.

Барои касе пӯшида нест, ки ахлоқ аз инсон талаб мекунад, ки бо рафтор, кирдор, тарзи ҳаёти худ принсипҳои ахлоқиро тасдиқ намояд, ба сӯи идеали ахлоқӣ талош кунад, вале дар айни замон нақши ахлоқ барои замони муайян дар ҷомеашиносӣ ва педагогика, адабиёти бадеӣ муддати мадиде ба канор гузошта шуда буд. Зиёда аз ин, мушоҳида шуда буд, ки дар нашрияҳои маълумотӣ ва таълимӣ, ки мустақиман ё ғайримустақиман масъалаҳои этикӣ, ахлоқиро баррасӣ мекарданд, диққат асосан ба чунин талаботи ахлоқӣ, ки аз ҷомеа ба шахсият нигаронида шуда, уҳдадории фардро дар назди ҷомеа ё шаҳрвандро дар назди давлат ифода мекарданд, дода шуда буд. Ба назар мерасад, ки талаботҳои номбурда, бебаҳс, муҳиманд, лекин талоши камоли ахлоқӣ на танҳо шахсиятро инкишоф медиҳад, балки барои ҷомеа намунаи ибрат мешавад.

Ба ибораи дигар, хосияти татбиқи меъёрҳои иҷтимоӣ, хосияти қонеъгардонии татбиқи ҳуқуқ на танҳо бо низоми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки ба маънои маълум инчунин сохти ҳаёти ҷамъиятӣ дар кишвар талқин карда мешавад ва татбиқи меъёрҳои иҷтимоӣ ба андозаи нопурра, эҳтимол, дар ниҳоят ба номувофиқатии якқатор зинаҳо оварда расонад. Яъне муҳимияти тадқиқи ҳуқуқ дар низоми танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омилҳои зиёде, аз ҷумла, аз равандҳои пурмаҳсули қонунэҷодкунӣ дар миқёси тамоми кишвар баён карда мешавад.

Дар марҳилаи муосири инкишофи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ масъалаҳои таносуби ҳуқуқ бо низоми меъёрҳои иҷтимоиро, бо назардошти тағйири муносибатҳои муосири ҷамъиятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба масъалаҳои камтар таҳқиқшуда мансуб донистан мумкин аст. Масалан, номутобиқатии аён дар байни талаботи омӯзиши муносибати мутақобилаи ҳуқуқ бо меъёрҳои дигари иҷтимоӣ дар вазъи нави ҷамъиятӣ ва он тасаввуротҳо оид ба меъёрҳо ва амалияи ҷамъиятӣ, татбиқи онҳо, ки ҳанӯз дар фазои пасошӯравӣ ба миён омада буданд, вуҷуд дорад. [3, с. 103] Ҳоло бояд қайд кард, ки дар таҳқиқоти мавҷудаи оид ба низоми иҷтимоӣ-меъёрӣ ва фаъолии иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахсият, масъалаҳои марбути таносуби ҳуқуқ ва меъёрҳои ахлоқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин фаъолии иҷтимоии шахсият ҳамчун асоси тағйирот дар низоми ҳуқуқи меъёрҳои ахлоқ дар марҳилаи нави инкишофи муносибатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ нашудаанд.

Бешак, масъалаи дар ин маврид пешкаш кардашуда дар маҷмӯъ унсурҳои гуногуни илмҳои гуногунро дар бар мегирад, бинобар ин дар марзи якчанд фан қарор дорад. Аз ин лиҳоз, дараҷаи таҳқиқи он, пеш аз ҳама, бо доираи адабиёти аз ҳама бештар муҳимтарин, ки ба таҳқиқи меъёрҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мансубанд ва фаъолии дар ин замина зоҳиршавандаи шахсият муайян карда мешавад.

Ҳар фард ҳақ дорад ва метавонад ба изҳори фаъолии худ ноил гардад ва вазифаҳои гузошташударо повиҷдонона иҷро кунад, тасмим гирад, ҳамчун субъекти бошуур фаъолияти худро ташкил намояд [4, с.107]. Зиёда аз ин, шахсият ояндаи муайяни такмили тарзи ҳаёташро тарҳрезӣ карда, масъулиятро барои симои ахлоқӣ ва тарзи ҳаёти аъзои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба зимма мегирад, яъне масъулиятро барои худ, барои одамон, барои ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунад, ба уҳда мегирад.

Одоб чун иқтидори ахлоқӣ, чун камоли шахсӣ арзишашро гум мекунад, агар он дар ниятҳои нек таҷассум наёбад, зеро, агар муайян карда шавад, ки кушиш ба камол ва кушиш ба накукорӣ ҷудонопазиранд, пас одобу ахлоқ ҳамдигарро такмил медиҳанд. Агар аз баҳри ҷанбаи ҳуқуқӣ гузарему ғарқи ҷанбаи иҷтимоӣ шавем, пас метавон гуфт, ки дар шуури ахлоқии омма шубҳа ва муносибати манфӣ нисбати ҳамдардӣ, беғаразӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, некӣ ба чашм мерасад. Бояд қабул кард, ки дӯстӣ, ёрии ҳамдигар, эътибор дар ҷамъият метавонанд таҷассумгару принсипнокӣ ва боварии пайдарҳам ба зарурияти онҳо гарданд. Гузашта аз ин, воқеияти ҳаёти муосири ҷомеа собит карданд, ки фаъолии ахлоқии инсон бе принсипнокӣ дар иҷрои қарзи шаҳрвандӣ, инсонӣ имкон надорад. Хислатҳо аз қабили хайрхоҳӣ, раҳмдилӣ, башардӯстӣ, саховат, ҳамдардӣ метавонанд унсури камёби ҳаёти ҷомеа шаванд. Амалия нишон дод, ки дар ҳолатҳои муайяни номусоид донистани на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки матонат, мардонагӣ барои бартараф намудани монеаҳо, беадолатӣ, барои муқовимат алайҳи ҳолатҳои манфӣ бо назардошти ҳатмии ба сифатҳои ахлоқӣ, ҳатто барои таъйиди арзишҳои олии ахлоқӣ дар ҷомеа зарур мебошанд. Ахлоқ дар шакли тасдиқшуда пеш аз ҳама чун одоби интихоби роҳи дуруст, тобеъ намудани манфиати шахсӣ ба манфиати ҷамъиятӣ баромад мекунад. Вай аз фард мардонагиро масалан ба манфиати ҷомеаи шаҳрвандӣ металабад, фаъолии иҷтимоии шахсият бошад, дар он чун фаъолияти мустақил зоҳир мегардад, зимнан агар меҳнатӣ бошад, он гоҳ дар фаъолияти ба ҷамъият муфид зоҳир мешавад, вале дар айни замон ҳар фард дар олами муосир бояд аз ақоид ва принсипҳои худ дифоъ карда тавонад, то ба ҳадафҳои худ ноил гардад, мавқеи ҷомеаи шаҳрвандиро устувор намояд, зиндагиро бо истифода аз принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд, бо ҳаракат дар роҳи ҷомеаи шаҳрвандии мутараққӣ ва идеали ахлоқӣ дигаргуну навсозӣ кунад.

**Ҳамин тавр,** ҳар ҷомеаи шаҳрвандии мутараққӣ ба он талош мекунад, ки фаъолии иҷтимоии шахсият ҳамеша бо фаъолии ахлоқии ӯ мувофиқ бошад, комёбиҳои зинагӣ, маишат, дар ҷомеа ва дастовардҳои моддӣ бо равнақи маънавӣ ҳамроҳ бошанд. Дар робита бо ин ба ҳаёти ҷомеа, ба муқаррароти одобу ахлоқ назари интиқодӣ бояд дошт, то шаклҳои воқеан дурусти фаъолии шахсият аз шаклҳои сохта, беэътимод, шубҳанок ҷудо карда шаванд. Дар марҳалаи муосир, вақте

ки Тоҷикистон дар рушди худ бо дигаргуниҳои куллӣ мувоҷеҳ мешавад ва ин бешубҳа амалан ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дахл кард, ин махсусан муҳим аст, бинобар ин танқиду бознигарии арзиши шаклҳои воқеии рафтор дар ҷомеа зарурати устувор мегарданд. Ва дар он вақт фаъолии иҷтимоии шахсият ҳамчун асоси тағйирот дар низоми ҳуқуқи қоидаҳои (меъёрҳои) ахлоқӣ ба маротиб хоҳад афзуд.

**Адабиёт**


1. Никишова Н.В. Взаимодействие морали и норм права в условиях реформирующегося росссийского общества// Казанская наука. -2012. - № 12. – С.188 -191.
2. Савельева Л.С. Формирование духовно-нравственных ценностей у молодежи в условиях современной России. Изд. МГУ, 2012г.
3. Титаренко А. И. Структуры нравственного сознания. М., 1974.
4. Теория государства и права: учебник / Под общ. ред. О.В. Мартышина. М.: Норма, 2007.
5. Лейст О.Э. Сущность права. Проблемы теории и философии права. М.: ИКД "Зерцало-М", 2002. – 288 с.
6. Лафитский В.И. Воскресение права. – Часть первая. Дни созидания. – М., 2007. – 511с.
7. Касьянов В. В., Нечипуренко В. Н. Социология права. – Ростов н/Д.: Феникс, 2001. – 480 с.
8. Матузов Н. И., Малько А. В. Теория государства и права: учеб. – М.: Юристъ, 2009. – 528 с.
9. Нерсесянц В.С. Право и закон. Из истории политических учений. М., "Наука", 1983. – 366 с.
10. Черданцев А.Ф. Теория государства и права. М.: Юрайт- М, 2002. – 625 с.



**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Ҳомидов Раҳматулло Амруллоевич**-муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.:918748484

**Сведения об авторе**

**Хомидов Рахматулло Амруллоевич** - Старший преподаватель кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.:918748484

**About the author**

**Khomidov Rakhmatullo Amrulloevich** - Senior Lecturer, Department of Economic, Financial, and Anti-Corruption Law, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan. Tel.: 918748484

**УДК: 351.811**

# НАҚШИ РАЁСАТИ БОЗРАСИИ ДАВЛАТИИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ, СУЛҲУ АМНИЯТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Ҳабибов С.И.**

Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки нақши мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, ҳифзи сулҳу амнияти ҷамъиятӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шавад. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда, пояҳои давлатдории миллӣ заиф гардида, фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятпеша ва силоҳбадаст густариш ёфт.

Дар натиҷаи низоъҳои мусаллаҳона қисми зиёди роҳҳо ва иншооти роҳ хароб шуда, вазъи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ба дараҷаи ниҳоят мушкил расид. Дар чунин шароити вазнини сиёсиву иҷтимоӣ Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ на танҳо вазифаҳои мустақими худро дар самти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ иҷро менамуд, балки дар пешгирӣ ва ошкорсозии ҷиноятҳо, мубориза бар зидди гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, таъмини амнияти миллӣ ва барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ низ саҳми назаррас гузошт. Кормандони ин ниҳод дар раванди адои хизмати ҳарбӣ-хизматӣ борҳо бо гурӯҳҳои ҷиноятпеша ва душманони сохти конститутсионӣ даргир шуда, барои ҳифзи манфиатҳои давлат ва ҷомеа ҷони худро фидо кардаанд.

Бо вуҷуди он ки ҷанги шаҳрвандӣ марҳила ба марҳила хотима ёфта, гурезаҳо ба Ватан баргардонида шуданд, фаъолияти як қатор гурӯҳҳои ғайриқонунии силоҳбадаст ва ҷиноятпеша идома ёфта, онҳо бо амалҳои тахрибкоронаи худ ба сулҳу оромии кишвар таҳдид мекарданд. Дар натиҷа, сатҳи ҷиноятқорӣ дар ҷумҳурӣ ҳамоно баланд боқӣ мемонд. Маҳз ба шарофати фаъолияти мақсаднок, заҳмату талошҳои шабонарӯзии кормандони мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар ҳамоҳангӣ бо дигар сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ суботи сиёсӣ, осудагии ҷомеа ва амнияти шаҳрвандон тадриҷан таъмин гардида, садҳо ҷиноят пешгирӣ, ошкор ва роҳбарони гурӯҳҳои ҷиноятпеша дастгир карда шуданд, ки ин раванд дар маҷмӯъ ба муътадил гардидани вазъи сиёсии кишвар мусоидат намуд.

**Калидвожаҳо:** раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА), бехатарии ҳаракат дар роҳ, соҳибистиқлолӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои ҷиноятпеша, ГУВДТ, СКДН ВКД ҶТ, терроризм, одамрабоӣ, гаравгонгирӣ, экстремизми динӣ, ҷинояткории муташаккил, муомилоти ғайриқонунии яроқу аслиҳа, воситаҳои нашъадор.

**Барои иқтибос:** Ҳабибов, С. И. Нақши раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, сулҳу амният ва ваҳдати миллӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ / С. И. Ҳабибов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 313-322.

# РОЛЬ УПРАВЛЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ АВТОМОБИЛЬНОЙ ИНСПЕКЦИИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ БЕЗОПАСНОСТИ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ, МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА В ПЕРВЫЕ ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

**Хабибов С.И.**

Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова, НИАТ

**Аннотация.** В данной статье предпринята попытка проанализировать роль Государственного автомобильного техосмотра в обеспечении безопасности дорожного

движения, поддержании общественного порядка и укреплении национального единства в первые годы независимости Республики Таджикистан. Стоит отметить, что в этот период Республика Таджикистан была погружена в гражданскую войну, основы национальной государственности были ослаблены, а деятельность преступных и вооруженных группировок расширилась.
В результате вооруженных конфликтов большая часть дорог и дорожного сооружения была разрушена, а ситуация с обеспечением безопасности дорожного движения достигла крайне сложного уровня. В столь сложных политических и социальных условиях Государственная автомобильная инспекция Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, наряду с другими правоохранительными органами и структурами власти, не только выполняла свои непосредственные задачи по обеспечению безопасности дорожного движения, но и вносила значительный вклад в предотвращение и раскрытие преступлений, борьбу с незаконными вооруженными группировками, обеспечение национальной безопасности и восстановление национального мира и единства. В процессе военной службы сотрудники этого учреждения неоднократно вступали в столкновения с преступными группировками и врагами конституционной системы, жертвуя жизнями ради защиты интересов государства и общества. Несмотря на то, что гражданская война постепенно закончилась и беженцы вернулись на родину, деятельность ряда незаконных вооруженных и преступных группировок продолжалась, угрожая миру и спокойствию страны своими разрушительными действиями. В результате уровень преступности в республике оставался высоким. Благодаря целенаправленной деятельности, напряженной работе и круглосуточным усилиям Государственной автомобильной инспекции в координации с другими структурами Министерства внутренних дел постепенно обеспечивается политическая стабильность, общественный порядок и безопасность граждан, предотвращены и выявлены сотни преступлений, арестованы лидеры преступных группировок, что в целом способствовало стабилизации политической ситуации в стране.
**Ключевые слова:** Государственная автомобильная инспекция (ГАИ), безопасность дорожного движения, независимость, гражданская война, преступные группировки, Государственный департамент внутренних дел, Специальное следственное подразделение Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, терроризм, похищение людей, захват заложников, религиозный экстремизм, организованная преступность, незаконный оборот оружия и боеприпасов, наркотики.

## THE ROLE OF THE STATE AUTOMOBILE INSPECTION IN ENSURING ROAD SAFETY, PEACE AND SECURITY AND NATIONAL UNITY IN THE FIRST YEARS OF INDEPENDENCE

**Khabibov S.I.**
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov, NIAT

**Abstract.** This article attempts to analyze the role of the State Automobile Inspection in ensuring road safety, maintaining public peace and security, and strengthening national unity in the first years of independence of the Republic of Tajikistan. It is worth noting that during this period, the Republic of Tajikistan was plunged into a civil war, the foundations of national statehood were weakened, and the activities of criminal and armed groups expanded.
As a result of the armed conflicts, most of the roads and road structures were destroyed, and the situation in ensuring road safety reached an extremely difficult level. In such difficult political and social conditions, the State Automobile Inspectorate of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, along with other law enforcement agencies and power structures, not only fulfilled its direct tasks in ensuring road safety, but also made a significant contribution to the prevention and detection of crimes, the fight against illegal armed groups, ensuring national security, and restoring national peace and unity. In the process of military service, employees of

this institution repeatedly clashed with criminal groups and enemies of the constitutional system, sacrificing their lives to protect the interests of the state and society. Despite the fact that the civil war gradually ended and refugees were returned to their homeland, the activities of a number of illegal armed and criminal groups continued, threatening the peace and tranquility of the country with their destructive actions. As a result, the crime rate in the republic remained high. It is thanks to the targeted activities, hard work and round-the-clock efforts of the State Automobile Inspectorate, in coordination with other structures of the Ministry of Internal Affairs, that political stability, public peace and security of citizens have been gradually ensured, hundreds of crimes have been prevented, detected and leaders of criminal groups have been arrested, which in general has contributed to the stabilization of the political situation in the country.

**Keywords:** State Automobile Inspectorate (SAI), road safety, independence, civil war, criminal groups, State Department of Internal Affairs, Special Investigation Unit of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, terrorism, kidnapping, hostage-taking, religious extremism, organized crime, illegal trafficking in weapons and ammunition, narcotics.

**Гузориши масъала.** Ноустувории вазъи сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба сарватҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фондҳои асосӣ, захираҳои моддию техникӣ ва табиӣ зарари ҷиддӣ расонид. Дар минтақаҳое, ки ҷанги шаҳрвандӣ сурат гирифт, аксари корхонаҳои саноатӣ, нақлиётӣ, сохтмонӣ ва дигар иншооти истеҳсолию иҷтимоӣ хароб гардида, масолеҳ ва таҷҳизоти онҳо ғорат карда шуданд. Корхонаҳои автомобилӣ, роҳҳо, купрукҳо ва дигар иншооти ҳаётан муҳим, ки омили асосии таъмини некуаҳволии аҳолӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафтанд, махсусан зарари калон диданд. Ин навъи иншоот бештар дар ҳудуди собиқ вилояти Қурғонтеппа (имрӯза вилояти Бохтар) ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ осеб дидаанд.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Вобаста ба мавзуи мазкур таҳқиқот аз ҷониби Ғайрат Ҳ., Фахриддин А., Гафурова Г.А., Исмонзода С.М., Назаров Н., Раҳимов Р.Ҳ., Розиқзода А.Ш., Назаров Н.Ҷ. ва дигар олимон анҷом дода шудааст.

**Мақсади мақола** ин омӯзиши нақши раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, сулҳу амният ва ваҳдати миллӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Илова бар ин, миқдори зиёди воситаҳои нақлиёт аз ҳудуди кишвар бароварда шуда, ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон фурӯхта шуданд. Талафоти умумии моддии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои даргирии ҷанги шаҳрвандӣ хеле бузург буда, дар маҷмӯъ беш аз 10 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки боиси ақибмондагии рушди иқтисодии кишвар ба муддати 20–30 сол гардид [2, с. 28].

Дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият, бахусус дар давраи фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ, ки таҳдиди воқеӣ ба истиқлолияти сиёсии давлат эҷод менамуд, мавҷудият ва сарнавишти минбаъдаи давлатдории тоҷикон зери хатари ҷиддӣ қарор дошт. Дар чунин шароити ҳассос унсурҳои ҷиноятпеша фаъол гардида, сатҳи ҷиноятқорӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт.

Дар оғози гирдиҳамоиҳои солҳои 1990-ум дар Тоҷикистон фаъолияти кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) дар саросари ҷумҳурӣ ба маротиб душвор гардид. Хусусан, дар назди кормандони БДА-и шаҳри Душанбе мушкилоти зиёди ташкилӣ ва амниятӣ ба миён омаданд. Бо вуҷуди ин, онҳо тавонистанд дар соли 1990 бехатарии ҳаракати шабонарӯзиро таъмин намоянд. Танҳо дар давоми 9 моҳи соли 1990 қариб 100 ҳазор ҳолати вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ба қайд гирифта шуда, 652 нафар рононда барои идора намудани воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ дастгир гардиданд [14, с. 136].

Тибқи маълумоти Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилӣ, дар соли 1991 дар саросари ҷумҳурӣ 4122 ҳодисаи нохуши нақлиётӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷаи онҳо

821 нафар ҳалок гардида, 4695 нафар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштанд. Ин омор нишон медиҳад, ки дар тӯли як сол ҳамарӯза ба ҳисоби миёна 2,5 нафар шаҳрвандон бар асари садамаҳои нақлиётӣ ҷони худро аз даст дода, тақрибан 13 нафар ҷароҳат бармедоштанд. Таҳлилҳо собит месозанд, ки беш аз 801 ҳодисаи нохуш дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои ҳаракат аз ҷониби ронандагоне ба амал омадааст, ки шаҳодатномаи ронандагӣ надоштанд. Бо дарназардошти ин ҳолатҳо, маблағи ҷарима аз 20 то 300 рубл зиёд карда шуда, дар сурати такроран содир намудани қонуншиканӣ то 500 рубл ҷарима муқаррар гардид [14, с. 136].

Соли 1992 сатҳи ҷиноятқорӣ дар кишвар якбора боло рафта, шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда ба 25 294 адад расид. Ҳамзамон, дараҷаи ошкоршавии ҷиноятҳо ба таври назаррас коҳиш ёфта, ҳамагӣ 32,3 фоизро ташкил медод [13]. Дар солҳои фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ ҳазорҳо кормандони ба халқу Ватан ва савганди касбӣ содиқи мақомоти милитсия барои таъмини амнияту суботи кишвар, ҳифзи ҷони шаҳрвандон ва татбиқи қонуният бо олами ҷиноӣ мубориза бурданд. Бархе аз онҳо дар ин роҳи пуршараф ҷони худро фидо намуданд.

Дар раванди ҳимояи сохти конститутсионӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ 1574 нафар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ, инчунин хизматчиёни қушунҳои дохилӣ ҳалок гардида, зиёда аз 2646 нафар фарзандони онҳо ятим монданд [16, с. 5–6].

Саҳми кормандони Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини сулҳу субот, ризоияти миллӣ, таҳкими сохти конститутсионӣ ва устувории давлатдории соҳибистиқлоли тоҷикон назаррас арзёбӣ мегардад. Мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, бо эҳсоси баланди масъулият дар назди халқу Ватан, вазифаҳои хизматии худро дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ сарбаландона иҷро намуданд.

Бояд таъкид кард, ки кормандони БДА дар даврае фаъолият менамуданд, ки сатҳи ҷиноятқорӣ ба маротиб боло рафта, вазъият бо хатарҳои ҷиддии амниятӣ, фишори равонию ҷисмонӣ, нокифоягии таъминоти моддию техникӣ ва дигар мушкилоти сохторӣ тавъам буд. Бо вуҷуди ин, онҳо ҳамчун зерсохтори муҳими Вазорати корҳои дохилӣ рисолати касбии худро содиқона адо карданд. Қадрдонии ин хизматҳо дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 6 феврали соли 2000 инъикос ёфтааст. Сарвари давлат нақши милитсияро дар ҷомеа чунин арзёбӣ намуданд: «Дар шароити мураккаби ҳозира милитсия дар қатори аввали муборизони оштинопазири зидди ҷиноятқорӣ қарор дошта, риояи қонуният ва амнияти шахсии шаҳрвандонро таъмин менамояд» [16, с. 6].

Бо мурури замон, дар оғози нобасомониҳои шаҳрвандӣ ва солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон, дар сохтори Вазорати корҳои дохилӣ, аз ҷумла дар Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ, тағйироти ҷиддии ташкилӣ ба амал омад. Аз ҷумла, соли 1992 дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор сарраёсатҳо, аз ҷумла Сарраёсати корҳои дохилӣ дар нақлиёт (ГУВДТ), таъсис дода шуданд, ки фаъолияти нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва майдонҳои ҳавоиро зери назорат қарор медоданд. Роҳбарии Сарраёсати корҳои дохилӣ дар нақлиётро полковники милитсия Ҳабиб Сангинов ва роҳбарии Раёсати БДА-ро, ки ҳамчун ҷузъи таркибии СКДН ВКД ҶТ фаъолият мекард, полковники милитсия Ниёз Аҳмедов ба ӯҳда доштанд. Муовинони сарраёсат дар он давра полковникҳои милитсия Тухтасин Абдуллоев, Имомназаров Аликулевич ва Суҳроб Аъзамов буданд. Соли 1993 фаъолияти Сарраёсат қатъ гардида, Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ дубора ҳамчун сохтори мустақил барқарор карда шуд [11, с. 10].

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар мақомоти Бозрасии давлатии

автомобилӣ, дар баробари дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шумораи зиёди кормандону мутахассисони содиқ ба касбу вазифаи худро дар роҳи таъмини сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ аз даст дод. Хотираи неки онҳо дар зеҳни ҷомеа ва миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамеша зинда боқӣ хоҳад монд. Аз ҷумла, майори милитсия Мулло Нуров, ки дар байни аҳолии ҷумҳурӣ ва берун аз он бо поквиҷдонӣ, ҳалолкорӣ ва дониши баланди касбӣ шуҳрат дошт, соли 1992 аз ҷониби душманони ҳукумати қонунӣ ба қатл расонида шуд [22].

Бо дарназардошти хизматҳои шоистаи Мулло Нуров, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади абадӣ гардонидани номи ӯ «Ҷоизаи ба номи Мулло Нуров»-ро бо диплом ва медали сарисинагӣ таъсис дод, ки он ба беҳтарин бозраси БДА-и ҷумҳурӣ супорида мешавад. Илова бар ин, дар давраи нобасомониҳои шаҳрвандӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ кормандони РБДА ва воҳидҳои зерсохтори он, аз ҷумла Эраҷ Худойдодов, Бароталӣ Шовмиров, Сайдалӣ Достиев, Арабулло Ҷобиров, Сергей Нарзуллоев, Сайалӣ Маликов, инчунин кормандони Баталёни алоҳидаи роҳбонии ШБДА шаҳри Душанбе - Ш. Фатҳуддинов, Р. Шарипов, М. Тоиров ва собиқ сардори БДА ШКД ноҳияи Ёвон А. Хазиров, ҳамчунин як қатор кормандони ШКД ноҳияҳои Файзобод ва Истаравшан аз ҷониби мухолифони сохти конститутсионӣ ба ҳалокат расонида шуданд. Қаҳрамонии онҳо ҳамчун намунаи садоқат ба савганди касбӣ ва ҳифзи давлатдории миллӣ баҳо дода мешавад.

Инчунин, дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ ҳангоми иҷрои вазифа собиқ кормандони БДА-и шаҳри Душанбе - сержантҳои милитсия Ш. Фахриддинов, Р. Шарипов, М. Тоиров, милитсионери қаторӣ И. Абдуназаров, лейтенанти калон Р. Охунов, лейтенантҳо Н. Раҳимов, Т. Саидназаров, капитанҳо Н. Назаралиев, К. Зокиров ва дигарон барои пойдории ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷони худро нисор намуданд [12, с. 32].

Бо мақсади таҳкими заминаҳои ҳуқуқии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, моҳи июни соли 1992 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ қабул гардид, ки тибқи он ваколатҳои назорати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ба зиммаи кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ вогузор карда шуданд [15].

Ҳамин тариқ, Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи мураккаби таърихиро тай намуда, тадриҷан ба яке аз мақомоти муҳими давлатӣ табдил ёфт, ки вазифаҳои танзим ва назорати риояи талаботи бехатарии ҳаракат дар роҳро аз ҷониби ҳамаи истифодабарандагони роҳҳо дар маҳал амалӣ менамуд. Бо вуҷуди ин, фаъолияти мақомоти БДА танҳо ба ин самт маҳдуд намешуд. Ба зиммаи онҳо инчунин анҷом додани назорати техникии воситаҳои нақлиёт, ташкили ҳаракати нақлиёт, қабули имтиҳонҳо барои гирифтани ҳуқуқи идоракунии воситаҳои нақлиёт, ҷустуҷӯ ва баргардонидани нақлиёти дуздидашуда, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, таъмини ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар роҳҳо ва иҷрои як қатор вазифаҳои дигари муҳими давлатӣ вогузор гардида буд.

Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравии Сотсиалистӣ системаи мавҷудаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ низ ба таври ҷиддӣ коста гардид. Фаъолияти профилактикӣ дар корхонаҳо ва муассисаҳои калони нақлиётӣ рӯ ба таназзул оварда, хоҷагиҳои роҳу коммуналӣ хароб шуданд. Ин равандҳо, ки дар ҷараёни ҷанги шаҳрвандӣ шиддат гирифтанд, ба фаъолияти мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ бетаъсир намонданд.

Дар ҷараёни ҳодисаҳои солҳои 1992–1993 парки автомобилии ҷумҳурӣ тақрибан то 100 ҳазор адад коҳиш ёфта, зиёда аз 6500 воситаи нақлиёт ҳамчун дуздида ё ғораташуда ба қайд гирифта шуданд. Солҳои 1995–1997 хадамоти БДА фаъолияти худро дар самти ҷустуҷӯ ва баргардонидани воситаҳои нақлиёти дуздидаву рабудашуда ба таври назаррас тақвият бахшид. Бо ин мақсад гурӯҳҳои махсуси корӣ таъсис дода шуда, онҳо ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва кишварҳои

ҳамсоя сафарбар гардиданд. Дар натиҷаи ин чораҳо зиёда аз 3 ҳазор воситаи нақлиёт ба соҳибони қонунии худ баргардонида шуд [12, с. 12].

Бо дарназардошти афзоиши ҳолатҳои дуздиву рабудани воситаҳои нақлиёт пас аз рӯйдодҳои маълуми солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, дар сохтори мақомоти БДА шуъбаҳо ва гурӯҳҳои махсуси кофтукобӣ таъсис дода шуданд, ки бо таҷҳизоти муосири электронӣ ва компютерӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Солҳои 1995–1997 кормандони мақомоти БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза барои риояи қонуният ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ қарор доштанд. Дар асоси нақшаи ҷойгиркунии постгоҳҳо дар нуқтаҳои даромад ва баромади шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ онҳо дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои ВКД шабонарӯзӣ фаъолият намуда, ҷиҳати пешгирии воридоти гурӯҳҳои ғайриқонунӣ, интиқоли силоҳ ва маводи мухаддир чораҳои мушаххас меандешиданд. Ин постгоҳҳо борҳо мавриди ҳамлаи гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ қарор гирифта буданд.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 ба механизми фаъолияти Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ, аз ҷумла мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ, таъсири манфии ҷиддӣ расонид. Дар натиҷа самти танзими маъмурию ҳуқуқии идора ва назорат дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ коста гардид. Соҳаи бехатарии ҳаракат дар роҳ ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда, интизоми роҳҳо паст ва вазъи криминогенӣ дар аксари минтақаҳои кишвар мураккаб буд. Қисми зиёди қувва ва воситаҳои мақомоти БДА барои муқовимат бо гурӯҳҳои зиддидавлатӣ сафарбар карда шуданд, ки ин боиси суст гардидани фаъолияти танзимиву назоратӣ дар самти бехатарии ҳаракат дар роҳ гардид.

Бо вуҷуди ин, соли 1995 дар шаҳри Душанбе ва истгоҳҳои роҳи оҳани ҷумҳурӣ аз ҳисоби кормандони БДА постгоҳҳои шабонарӯзӣ ташкил карда шуданд, ки фаъолияти созмонҳо ва гурӯҳҳои ғайриқонуниро маҳдуд намуда, аз воридшавии аъзои онҳо ба пойтахт пешгирӣ мекарданд. Дар натиҷаи фаъолияти ин постгоҳҳо танҳо дар давоми шаш моҳ зиёда аз 150 ҳазор ҳолати вайрон намудани Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ошкор ва пешгирӣ карда шуд [3, с. 23].

Яке аз омилҳои асосии паст гардидани интизоми нақлиётӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷалб гардидани қисми зиёди қуввaҳои мақомоти БДА ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва иҷрои дигар вазифаҳои фаврӣ дар минтақаҳое буд, ки гурӯҳҳои ғайриҳукуматӣ фаъолият менамуданд. Бо қарори роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ ва Раёсати БДА кормандон барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, аз ҷумла ҳангоми гирдиҳамоиҳо дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, амалиётҳои махсус дар минтақаҳои Тавилдара, Чилдара, «Лаби ҷар»-и ноҳияи Дарбанд (Нуробод) ва «Теппаи Самарқанд»-и ноҳияи Рӯдакӣ сафарбар карда мешуданд. Дар ҳамаи ин амалиётҳо кормандони мақомоти БДА иштироки фаъолона доштанд.

Ҳатто пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ низ як қатор гурӯҳҳои ҷиноятии мусаллаҳ, аз ҷумла дастаҳои Мулло Абдулло ва Зубайдулло дар Дарбанд (Нуробод) ва Мирзо Зиёев (Мирзоҷага) дар Тавилдара фаъолият мекарданд. Дар давоми соли 1997 аз ҳисоби бозрасони роҳбонии мақомоти БДА-и шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, бо роҳбарии сардорони шуъбаҳои Раёсати БДА, гурӯҳҳои махсус ташкил гардида, дар мавқеи «Лаби ҷар»-и ноҳияи Дарбанд постгоҳ таъсис дода шуд. Ин постгоҳ борҳо мавриди фишор ва ҳамлаи гурӯҳҳои мухолифин қарор гирифта, ҳолатҳои захмӣ шудани нозирони роҳ ба қайд гирифта шуданд. Бо вуҷуди ин, кормандон бо ҳисси баланди масъулият хизматро идома доданд.

Гарчанде сулҳи деринтизор ба имзо расида буд, пояҳои он ҳанӯз пурра мустаҳкам нагардида буданд. Тинҷиву осудагии кишвар ба манфиати гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва олами ҷиноятқорӣ мувофиқ набуда, онҳо ҳар лаҳза метавонистанд ба пояҳои нозуки сулҳ халал ворид намоянд. Дар ҷумҳурӣ даҳҳо

гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва зиёда аз сад гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ба амалҳои террористӣ, куштор, ғоратгарӣ ва гаравгонгирӣ машғул буданд. Хусусан, дастаҳои яроқнок бо сарварии Сангинов Раҳмон («Раҳмон-Гитлер»), Муаккалов Мансур («Шайх») ва Тағоев Сафар («Подабон») вазъияти сиёсию криминогении шаҳри Душанберо ноором ва мураккаб гардонида, дар миёни аҳолӣ эҳсоси тарсу ҳарос ба вуҷуд оварда буданд. Аз ин рӯ, нисбат ба чунин гурӯҳҳо андешидани чораҳои фаврӣ ва пурра безарар гардонидани онҳо амри зарурӣ маҳсуб меёфт [17, с. 7–8].

Бояд таъкид намуд, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва гузариш ба низоми нави сиёсӣ, бинобар авҷ гирифтани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ, зарурати андешидани чораҳои амалӣ ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти мақомоти милитсия ва зерсохторҳои онро дар шароити нав ба танзим дароранд, ба миён омад. Дар ҳамин замина, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, як қатор фармонҳои муҳим ба имзо расиданд, аз ҷумла: «Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира намудани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 1994 [19], «Дар бораи чораҳои таъхирнопазир ҷиҳати пурзӯр намудани мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор» аз 12 апрели соли 1996 [20], «Дар бораи чораҳои таъхирнопазир оид ба устувории вазъи ҳарбию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 августи соли 1997 ва «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани мубориза бо терроризм» аз 21 апрели соли 1997 [21] ва дигар санадҳои меъёрӣ.

Амалисозии ин фармонҳо ба воҳидҳои мақомоти дахлдори давлатӣ, пеш аз ҳама ба мақомоти милитсия ва Бозрасии давлатии автомобилӣ, имконият фароҳам овард, ки сатҳи ҷинояткорӣ коҳиш дода шуда, устувории вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар кишвар тадриҷан таъмин гардад. Дар ҳамбастагӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткорӣ саркӯб карда шуда, пеши роҳи афзоиши босуръати ҷинояткорӣ гирифта шуд.

Дар солҳои 1995–1997 мақомоти Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар хадамот ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, бехатарии ҳаракат дар роҳ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, инчунин ташкили назорати шадид дар роҳҳо, баромадгоҳҳои шаҳрҳо ва нуқтаҳои калони аҳолинишин, аз ҷумла дар пойтахт ва минтақаҳои ноором, фаъолона ҷалб гардиданд.

Бо мақсади татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира намудани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолӣ» [19], бо иштироки фаъоли кормандони мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ аз шаҳрвандон миқдори зиёди силоҳи оташфишон ва лавозимоти ҷангӣ мусодира карда шуд (Исмонзода). Соли 1995 постгоҳҳои муштараки шабонарӯзӣ дар гирду атрофи шаҳри Душанбе ва дохили он фаъолият менамуданд. Танҳо дар давоми шаш моҳи ҳамон сол зиёда аз 150 ҳазор ҳолати вайронкунии дағалонаи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ошкор гардид. Ҳангоми назорати ҳаракат дар роҳ миқдори зиёди яроқу аслиҳа, ашхоси дар ҷустуҷӯ қарордошта ва маводи нашъадор муайян ва мусодира карда шуданд.

Татбиқи чунин тадбирҳо шароити мусоид фароҳам овард, ки то охири соли 1997 шумораи садамаҳои нақлиётӣ нисбат ба соли 1995 то 19 фоиз коҳиш ёбад, гарчанде шумораи воситаҳои нақлиёт дар кишвар рӯ ба афзоиш оварда буд [11, с. 11].

Бо туфайли сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ баста шуда, 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Дар натиҷа, миллати куҳанбунёди тоҷик ба сулҳу субот расида, гурезагон ба Ватан баргаштанд ва раванди эҳёи кишвар оғоз гардид.

Бо вуҷуди хомӯш гардидани ҷанги шаҳрвандӣ ва барқароршавии сохти конститутсионӣ, як қатор гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва унсурҳои ҷиноятпеша ҳамоно ба тинҷиву оромии кишвар таҳдид менамуданд. Аз ин лиҳоз, сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ то муддате баланд боқӣ монд.

Дар баробари талафоти ҷиддии ҷонӣ ва моддӣ, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба кишвар расонд, шаклҳои нави ҷинояткорӣ, аз қабили терроризм, одамрабоӣ, гаравгонгирӣ, экстремизми динӣ, ҷинояткории муташаккил, муомилоти ғайриқонунии яроқу аслиҳа ва воситаҳои нашъадор ба вуҷуд омаданд. Дар чунин шароити мураккаб ба кормандони Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ лозим омад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои милитсия ҳангоми навбатдорӣ дар дидбонгоҳҳо ва баргузории амалиётҳои муштарак шаклу усулҳои нави мубориза бо ҷинояткориро таҳия ва татбиқ намоянд.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият ва барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ба танзими ҳуқуқӣ даровардани фаъолияти мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракати роҳ» [10] қабул гардид. Дар асоси ин қонун як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои зерқонунӣ таҳия ва қабул шуданд, ки заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти БДА-ро боз ҳам мустаҳкам намуданд, аз ҷумла:

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт» [4];

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [9];

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби иҷозатдиҳӣ барои идораи воситаҳои нақлиёт ва додани шаҳодатномаи ронандагӣ ба шаҳрвандон» [5];

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани муоинаи тиббии даврагии ронандагони воситаҳои нақлиёт»;

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6];

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти бехатарии ҳаракат дар роҳ дар низоми вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7];

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиби бақайдгирии давлатии воситаҳои механикии нақлиёт ва ядакҳо» [8].

Гуфтан ба маврид аст, ки воқеан заҳмату бедорхобиҳои шабонарӯзии кормандони милитсия, хусусан яке аз сохторҳои муҳими он — Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ, дар таъмини тинҷиву осудагии кишвар, мубориза оштинопазир алайҳи зуҳуроти ҷинояткорӣ, ҷоннисориҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таъмини волоияти қонун ва ҷорӣ намудани адолати иҷтимоӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа нақши бузург доштаанд. Маҳз ба шарофати талошҳои пайваста ва фаъолияти шабонарӯзии кормандони ин ниҳоди қудратӣ дар ҳамоҳангӣ бо дигар сохторҳои милитсия суботу оромии ҷомеа ва амнияти шаҳрвандон таъмин гардида, садҳо ҷиноят пешгирӣ шуда, шахсони ҷинояткор ошкор ва дастгир карда шудаанд, ки барои кирдорҳои зиддиқонунии худ дар назди қонун ҷавобгар гардидаанд.

Хотирнишон кардан зарур аст, ки воқеаҳои фоҷиабори солҳои 90-уми асри гузашта набояд аз ёдҳо фаромӯш шаванд. Дар ин замина, мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ вазифадоранд, ки имрӯз беш аз ҳар вақти дигар ҳангоми адои хизмати навбатдорӣ дар дидбонгоҳҳо ва ҷараёни баргузории амалиётҳои мақсаднок сатҳи баланди ҳушёрӣ ва зиракии сиёсиро нигоҳ дошта, бо дарки амиқи масъулияти касбӣ ва ифтихори ватандорӣ бар зидди ҷиноятқорӣ ва вайронкунандагони ашаддии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мубориза баранд. Зеро чунин

амалҳои қонуншиканона боиси зарари ҷиддии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гардида, махсусан ба қишрҳои осебпазири ҷомеа - наврасон ва ҷавонон - таъсири манфӣ мерасонанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар солҳои 1992-1993, сарфи назар аз нооромӣ ва муташанниҷ будани вазъи сиёсии ҷомеа, кормандони мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар сафи пеши мубориза бар зидди ҷиноятқорон ва вайронкунандагони қоидаҳои ҳаракат дар роҳ қарор доштанд. Кормандони БДА ҳамарӯза бо хатару таҳдидҳои ҷонӣ, истифодаи яроқу аслиҳа, зӯроварӣ, таҳдид ва шаклҳои гуногуни муқовимат рӯ ба рӯ шуда, барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини амнияти шаҳрвандони кишвар ҷоннисорӣ намуда, фаъолияти хизматии худро бо садоқат иҷро мекарданд.

Хулоса, Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ ҳамчун воҳиди муҳими сохтори дастгоҳи марказии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, на танҳо дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, балки дар пойдор гардонидани ҳокимияти конститутсионӣ, мубориза бар зидди гурӯҳҳои ҷиноятпеша ва таҳкими пояҳои давлатдории соҳибистиқлол нақши муассир ва назаррас бозидааст. Кормандони ин ниҳод барои расидан ба сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ ҷони худро дареғ надошта, ҳамзамон дар решакан намудани ҷиноятқорӣ ва ҷорӣ намудани адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа саҳми муҳим гузоштаанд.

**Адабиёт**


1. Ғайрат Ҳаким., Фахриддин Аваззод. “70- солагии Бозрасии давлатии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон”[Матн] / Ғ. Ҳаким., Ф. Аваззод. - Хуҷанд, ҶММ “ЮТБ- принт”, 2006 – 56 с.

2. Гафурова Г. А. Первые шаги Республики Таджикистан на пути к выходу из транспортного тупика [Текст] / Г. А. Гафурова // учёные записки. - 2016.- №1 (46).- С. 28-35

3. Исмонзода Сайфуддин Махмадкабир. Административно- правовое регулирование контрольно-надзорной деятельности в области обеспечения безапасности дорожного движения Республики Таджикистан [текст ]: Диссертация кандидата юридических наук /12.00.14. / И.С., Махмадкабир.- Москва, 2019 - 176 с.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи тасдиқи Суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии Соҳибони воситаҳои нақлиёт” [Матн ] / - аз 10- июни соли 1996.- №264.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби иҷозатдиҳӣ барои идораи воситаҳои нақлиёт ва ба шаҳрвандон додани асноди ронандагӣ” [Матн ] / - аз 5- уми августи соли 1998.- №306.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн ] / - аз 18-уми феврали соли 1998.- № 555

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти бехатарии ҳаракат дар роҳ дар системаи вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”; [Матн ] / - аз 4- уми августи соли 1999.- № 350.

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Тартиби бақайдгирии давлатии воситаҳои механикии нақлиёт ва ядакҳо” [Матн ] / - аз 23-юми октябри соли 1999. - № 441.

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн ] / - аз 27 –уми декабри соли 1997.-№565.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракати роҳ» [Матн ] / - аз 4 ноябри соли 1995. - №195.

11. Маҷалаи “Бозрас” [ Матн] / - Душанбе. МХҲҲФ “Мушфиқӣ”, 2010.-127 с.

12. Мунавваров Ҳабибулло “ 70- солагии таъсисёбии Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ” [Матн ]/ М. Ҳабибулло . – Душанбе, 2006. – 48 с. С. 35

13. Назар Н. Гражданская война и национальное единство [ Электронный ресурс] / Н. Назар.- https://osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/maqolaho/item/854-nazarzoda-nosir-grazhdanskaya-vojna-i-natsionalnoe-edinstvo ( дата обращения: 16.08.2022)

14. Назаров Н. Совершенствование организации и деятельности таджикской милиции (1945-1991 гг.) [Текст ] / Н. Назаров.- Книга 2. - Душанбе: «ЭР-граф», 2012. - 280 с. с иллюстр.

15. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О Правилах дорожного движения» [текст] / от 06.1992, № 323.

16. Раҳимов Р.Ҳ., Розиқзода А.Ш., Назаров Н.Ҷ. Милитсия – ҳомии тартибот. [Матн ] / Р. Ҳ., Раҳимов, А.Ш., Розиқзода, Н.Ҷ., Назаров.- Душанбе, “ЭР- граф”, 2010. – 364 с.

17. Раҳимов, Р.Ҳ., Розиқзода, А.Ш., Назаров, Н.Ҷ. Милитсия – ҳомии тартибот. [Матн ] / Р. Ҳ., Раҳимов. А.Ш., Розиқзода., Н.Ҷ., Назаров.- Душанбе, “ЭР- граф”, 2010. – 364 с.

18. Указ Президента Республики Таджикистан «О добровольной сдаче и изъятии огнестрельного оружия, боеприпасов и военной техники у населения» [текст] /- от 02 декабря 1994, № 2.

19. Фармони Президенти Ҷумҳрии Тоҷикистон "Дар бораи ихтиёран супурдан ва мусодира кардани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[Манбаи электронӣ] / - аз 2 декабри соли 1994, №2 https://mvd.tj/index.php/ru/prikazy/101-ukaz ( Санаи мурочиат 15.08.2022 )

20. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи чораҳои таъхирнопазири пурзур намудани мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор”[Манбаи электронӣ] / -12 апрели соли 1996, № 464 http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=6819. (Санаи мурочиат 15. 08.2022).

21. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр кардани мубориза ба терроризм» [Манбаи электронӣ] / - аз 21 апрели соли 1997, № 707 http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=6023 ( Санаи мурочиат 15.08.2022 ).

22. Ҳомид Ҳ. Чӯбаки сеҳрноки Мулло Нуров / Ҳ. Ҳомид // Пайёми Душанбе.- 2016. - 10 – июн. - №46 (2111).

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Ҳабибов Сиёвуш Изатуллоевич**–Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти PhD. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 985-25-35-24

**Сведения об авторе**

**Хабибов Сиёвуш Изатуллоевич**-Институт философии, политологии и права им. А. Баховaддинова Национальной академии наук Таджикистана докторант PhD. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 985-25-35-24

**About the author**

**Habibov Siyovush Izatulloevich**–Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, PhD. candidate. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: 985-25-35-24

**УДК: 343.121**

# ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ СИРРИ ТАФТИШОТӢ АЗ ҶОНИБИ ҲИМОЯТГАР ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Маҳмудов Ш.У.**
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд

**Аннотатсия.** Бартарият пайдо кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамчун арзиши иҷтимоӣ нисбат ба манфиатҳои давлатӣ ва дар сатҳи конститутсионӣ эълон гардидани Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ ба хусусияти мурофиаи судии ҷиноятӣ таъсири ҷиддӣ расонидаанд.
Дар баробари ин, таҳия ва қабул гардидани силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои охир ба таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, пешбурд ва самаранокии муроифиа ҷиноятӣ, ба амалбарории адолати судӣ мусоидат карда истодаанд, лекин бисёр мавридҳо, дар ҷараёни дар амал татбиқ кардани меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ, онҳо дучори монеаҳое мегардад, ки роҳҳои бартараф карда шудани онҳо аз аҳаммият холӣ нестанд.
Дар мақола бо дарназардошти андешаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ асосҳои назариявӣ ва танзими ҳуқуқии ҳифозати сирри тафтишотӣ аз ҷониби ҳимоятгар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таҳлил қарор дода шудаанд.
**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсон, шаҳрванд, ҳимоя, танзими ҳуқуқӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, адвокат, ҳимоятгар, ҳифз, сирри тафтишотӣ.
**Барои иқтибос:** Маҳмудов, Ш. У. Оид ба масъалаҳои таъмини сирри тафтишотӣ аз ҷониби ҳимоятгар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш. У. Маҳмудов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 323-331.

# О ВОПРОСАХ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ТАЙНЫ СЛЕДСТВИЯ ЗАЩИТНИКОМ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Махмудов Ш.У.**
Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г.Худжанд

**Аннотация.** Превосходство прав, свобод человека и гражданина как социальной ценности над государственными интересами и конституционное провозглашение Таджикистана правовым и социальным государством оказали существенное влияние на характер уголовного судопроизводства.
Вместе с тем, в Республике Таджикистан в последние годы разработка и принятие ряда нормативных правовых актов способствовали укреплению законности, правопорядка, повышению эффективности уголовного судопроизводства и осуществлению правосудия. Однако во многих случаях при реализации действующих законодательных норм на практике возникают препятствия, пути преодоления которых представляются важными.
В статье с учетом мнений отечественных и зарубежных ученых и исследователей анализируются теоретические основы и правовое регулирование защиты следственной тайны адвокатом в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.
**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, человек, гражданин, защита, правовое регулирование, уголовное судопроизводство, адвокат, защитник, охрана, следственная тайна.

# ON THE MATTERS OF ENSURING THE SECRECY OF INVESTIGATIONS BY DEFENSE COUNSEL UNDER THE LAWS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Makhmudov Sh.U.**

Institute of Economy and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand city

**Abstract.** The primacy of human and civil rights and freedoms as a social value over state interests and the constitutional proclamation of Tajikistan as a legal and social state have had a significant impact on the nature of criminal proceedings.

At the same time, in recent years, the development and adoption of a number of regulatory legal acts in the Republic of Tajikistan have contributed to strengthening the rule of law and law and order, increasing the effectiveness of criminal proceedings, and the administration of justice. However, in many cases, obstacles arise in the practical implementation of existing legislative norms, and overcoming them is essential.

This article, taking into account the opinions of domestic and international scholars and researchers, analyzes the theoretical foundations and legal regulation of the protection of investigative confidentiality by lawyers in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** Republic of Tajikistan, person, citizen, protection, legal regulation, criminal proceedings, lawyer, defender, security, investigative secrecy.

**Гузориши масъала.** Яке аз вазифаҳои асосии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, ба шумор меравад.

Чи тавре олими тоҷик З.Ҳ. Искандаров менависад: “мурофиаи судии ҷиноятӣ хислати оммавӣ дошта, яке аз вазифаҳояш муҳофизат намудани манфиати шахс, ҷомеа ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятқорона мебошад” [12, с.107].

Бо тақвият аз андешаҳои болозикр иброз медорем, ки амалӣ намудани чунин вазифаҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ аз нақш ва мақоми ҳимоятгар дар мурофиаи ҷиноятии тосудӣ, ки ҷиҳати таъмини гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар шахсон фаъолият мебарад, муҳиммияти аввалиндараҷа дорад.

Муҳаққиқи ватанӣ М.С. Раҳимзода менависад, ки институти ҳимоя дар мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати яке аз функсияҳои асосии давлат дар самти амалисозии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор меравад. [18, с.139]

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Вобаста ба мавзуи мазкур таҳқиқоти олимон аз қабили Блинова Е.В., Белкин А.Р., Власова Н.А., Иванова И.Г., Искандаров З.Ҳ, Салимзода Т.Н., Новикова М.А., Онопко О.А. ва дигарон боиси дастгирист.

**Мақсади мақола.** Такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини принсипи мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятӣ ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи пешакии ҷиноятӣ дар меъёрҳои КМҶТ маълумоте, ки сирри тафтишотӣ доранд бо дарназардошти хусусиятҳои онҳо мушаххас гардонида шавад.

**Методҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти мақсад, мавзуъ ва объекти таҳқиқот методҳои таҳлилӣ, синтез, муқоисавӣ ва ҳуқуқӣ истифода бурда шудааст.

**Муҳокимаронӣ.** Барои тадриҷан такмил додан, минбаъд беҳтару самаранок кардани сифати фаъолияти низоми мақомотҳое, ки ба амалбарории адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамоянд, зарурати омӯзиш, гузаронидани таҳлили илмӣ-назариявӣ ва тадқиқотҳои мушаххасро дар ҳамин самт тақозо менамоянд. Бинобар ин, ҳалли масъалаҳои номбаршуда дар алоқамандӣ бо маъсалаи ҳифзи сирри тафтишотӣ аз ҷониби ҳимоятгар мавзуи тадқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ оид ба мафҳум ва мазмуни сирри адвокатӣ, ҳифозати сирри тафтишотӣ аз ҷониби ҳимоятгар андешаҳои мухталиф мавҷуд мебошад.

Масалан, муҳаққиқи хориҷӣ И. Г. Иванова андеша дорад, ки сирри адвокатӣ яке аз институтҳои асосии фаъолияти адвокатӣ ва принсипи бунёдии амалишавӣ ва пешбурди фаъолияти адвокатӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун асоси боварикунонии муносибати миёни ҳимоятгар ва мизоҷи ӯ эътироф шудааст. [11, с.363] Муҳаққиқи дигар менависад, ки сирри ҳимоятгар ба сифати яке аз нишонаҳои асосии соҳибихтиёрии ҳимоятгар баромад намуда, мавқеи номбурдаро дар тафтишоти пешакӣ муайян ва мустаҳкам менамояд [16, с.110].

Дар асоси талаботи меъёрҳои м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», «сирри адвокатӣ - ҳама гуна маълумоте, ки бо расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз тарафи адвокат ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ алоқаманд аст» фаҳмида мешавад [3].

Тибқи талаботи м. 11 ҳамин қонун «Сирри адвокатиро ҳолати муроҷиат ба адвокат, маълумот оид ба мазмуни гуфтугузори шифоҳӣ ва хаттӣ бо шахсе, ки барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат кардааст ва дигар шахсон оид ба хусусият ва натиҷаи амалҳое, ки ба манфиати шахси барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиатнамуда содир мешаванд, инчунин дигар маълумоти бо расонидани ёрии ҳуқуқӣ алоқаманд, ташкил медиҳанд» [3].

Дар асоси талаботи меъёрҳои м. 6. (Боварӣ ва сирри касбӣ) Кодекси одоби касбии адвокат, мустақилияти касбии адвокат шарти зарурии боварӣ нисбат ба ӯ маҳсуб ёфта, адвокат ӯҳдадор аст сирри касбиро нигоҳ дорад ва метавонад аз ин уҳдадорӣ танҳо аз ҷониби ваколатдиҳанда озод карда шавад. Нигоҳ доштани сирри касбӣ бо вақт маҳдуд карда намешавад.

Дар баробари ин, бе розигии ваколатдиҳанда адвокат ҳуқуқ дорад маълумоти аз ҷониби ӯ расидаро дар ҳаҷме, ки адвокат оқилона зарур мешуморад барои асосноккунии мавқеи худ зимни баррасии парвандаи шаҳрвандӣ ё ин, ки барои ҳимояи худ дар сурати ба муқобили ӯ оғоз шудани истеҳсолоти интизомӣ ва ё парвандаи ҷиноятӣ истифода барад. Тибқи кодекси мазкур, қоидаи нигоҳ доштани сирри касбӣ паҳн мешавад ба:

- далели муроҷиат ба адвокат, ҳамчунин ном номгуи ваколатдиҳанда;

- ҳамаи далелҳо ва ҳуҷҷатҳои аз ҷониби адвокат дар рафти тайёрӣ ба парванда ҷамъ оварда;

- маълумоте, ки адвокат аз ваколатдиҳанда ба даст овардааст;

- маълумот нисбат ба ваколатдиҳанда, ки ба адвокат дар ҷараёни расонидани ёрии ҳуқуқӣ маълум гардидааст;

- муҳтавои маслиҳатҳои ҳуқуқӣ, ки бевосита ба ваколатдиҳанда ва ё шахси таъиннамудаи ӯ пешниҳод шудааст;

- тамоми истеҳсолоти адвокатӣ бо парванда;

- шартҳои созишнома доир ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин ҳисоббаробаркунии пулӣ миёни адвокат ва ваколатдиҳанда;

- дилхоҳ маълумоте, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби адвокат алоқаманд аст [2].

Ба андешаи мо сирри адвокатӣ ва ё сирри ҳимоятгар яке аз принсипҳои асосии пешбурди фаъолияти адвокат – ҳимоятгар маҳсуб меёбад, ки риоя намудани он, фош накардани он ҳамчун яке аз омилҳои муваффақона пеш бурдани фаъолияти адвокатӣ баромад менамояд.

Дар ин самт ногуфта намонем, ки яке аз вазифаҳои асосии адвокат – ҳимоятгар дар баробари пешбурди фаъолияти адвокатӣ ин ҳифз намудани сирри тафтишотӣ аз ҷониби ӯ ба шумор меравад. Хуб ин ҷо саволе ба миён меояд, ки сирри тафтишотӣ чист? Кадом чорабиниҳои қонунии ҳифозоти он имрӯз дар қонунгузории ҶТ мустаҳкам карда шудааст?

Подольный Н.А. менависад, ки сирри тафтишотӣ яке аз шартҳои асосии тафтишоти пешакӣ ба шумор рафта, он барои муайян намудани асосҳои методологии пешбурди бандубаст ва таҳқиқи ҳар як ҷинояти алоҳида муҳиммияти махсус дорад [17, с.164].

Муҳаққиқи дигар Н.А. Власова менависад, ки сирри тафтишотӣ – ин низоми маълумотҳоеро бояд фаҳмид, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ҳифз карда шуда, ҳаҷми он аз ҷониби муфаттиш (ё шахси таҳқиқбаранда)

муайян гардида, бо мақсади рафъи минбаъдаи хатари воқеӣ ё эҳтимолии расонидани зарар ба манфиатҳои тафтишоти пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ ё иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳимоя карда мешавад [10, с.148].

Дар навбати дигар, номбурда менависад, ки сирри тафтишотиро фош кардан мумкин аст, агар дар мавридҳое, ки он пешбурди амалҳои тафтишоти пешакиро халалдор наменамоянд, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро маҳдуд ва ё вайрон наменамоянд ва ниҳоят оид ба фош намудани ин маълумотҳо иҷозати лозима гирифта шудааст [10, с.149].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳастанд равишҳое, ки сирри тафтишотиро ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои муфаттиш эътироф менамоянд.

Масалан, муҳаққиқи рус О.А. Онопко ибрози андеша дорад, ки сирри тафтишотӣ – ин танҳо ҳуқуқи муфаттиш барои додани хабар ба иштирокчиёни мурофаи ҷиноятӣ оид ба он маълумоте, ки ифшо намудани он ғайриимкон аст, фаҳмида мешавад [14, с.164].

Ин муаллиф равиши худро бо он асоснок намудааст, ки қонунгузорӣ ягон номгӯи мушаххаси чунин маълумотҳо ё механизми иловагии таъмини ҳифзи онҳоро аз шахсони дигар (на танҳо иштирокчиёни мурофиа) муқаррар нанамудааст [14, с.165].

Аммо рози шудан бо равиши мазкур мушкил аст, зеро сирри тафтишотӣ яке аз самтҳои асосии ҷараёни дуруст ба роҳ мондани тафтишоти пешакӣ аст ва ифшо намудани он боиси халалдор гардидани на танҳо амалҳои тафтишоти пешакӣ, балки боиси ба миён омадани нофаҳмиҳои гуногун шуданаш мумкин аст. Ба андешаи мо, сирри тафтишотӣ аз маҷмуи иттилооте иборат аст, ки бо тафтиши пешакӣ бевосита алоқаманд буда, паҳн намудани он боиси халалдор намудани фаъолияти мурофиавӣ – ҷиноятӣ мегардад.

Бо ибораи дигар, моҳияти он аз банақшагирии тафтишоти пешакӣ, дастрас намудани маълумоти мушаххас оид ба амалҳои ҷиноятӣ, татбиқ намудани чораҳои ҳифзотӣ нисбати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, метод ва усулҳои пешбурди амалҳои тафтишотӣ ва ғайраҳо маҳсуб ёфта, барои таъмини волоияти қонун ва адолати судӣ нақши ҳалкунанда доранд, ки ҳифзу ҳимоя намудани он яке аз уҳдадориҳои қонунии ҳимоятгар ба шумор меравад.

Андешаҳои моро қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон исбот менамояд. Яъне, мувофиқи талаботи м. 177-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Норавоии фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ), яке аз шартҳои муҳимми тафтишоти пешакӣ роҳ надодан ба ифшои маълумоти он бе иҷозати дахлдори муфаттиш ё таҳқиқбаранда мебошад [1].

Бо ҷонибдорӣ аз муқаррароти мазкури қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо андеша дорем, ки ҳифзоти сирри тафтишотӣ яке аз омилҳои асосии таъмини на танҳо ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи пешакии ҷиноятӣ, балки чун яке аз рукнҳои асосӣ ва афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Чи тавре, ки аз мазмун ва муҳтавои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 – 2028 бармеояд: «Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд» [6].

Ҳамзамон гуфтаҳои мазкурро бо он асоснок намудан зарур аст, ки дар асоси тартиби ҳимояи маълумот оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.03.2013 № 112 тасдиқ карда шудааст, барои фош кардани маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда ва чораҳои амниятӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда, шахсони мансабдори мақомоте, ки

нисбати шахси ҳимояшаванда чораҳои амниятиро амалӣ менамоянд, вазифадоранд шахсонеро, ки ба онҳо маълумот бовар карда шудааст ё дар робита бо фаъолияти хизматӣ ва вазифаҳои касбӣ барояшон маълум гардидааст, дар бораи фош накардани маълумот ва ҳамчунин дар бораи ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории ҶТ барои фош кардани онҳо огоҳӣ намоянд [7].

Дар ҳамин асос таъмин ва ҳифозоти сирри тафтишотӣ яке аз институтҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор рафта, он ба сифати уҳдадории вазифаи субъектони алоҳидаи мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҳимоятгар низ баромад менамояд.

Оид ба ҳифозати сирри тафтишотӣ аз ҷониби ҳимоятгар дар адабиётҳои ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф мавҷуданд.

Масалан, Онопко О.А. дар бораи ҳифзи сирри тафтишотӣ аз ҷониби ҳимоятгар чунин андеша дорад: «яке аз самтҳои асосии фаъолияти ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор рафта, амалинамоии он ба самаранокӣ ва объективона пешбурдани тафтишот ва андешидани чораҳои гуногунро пешбинӣ мекунанд, ки онҳо бояд зарурати махфӣ нигоҳ доштани маълумоти дар рафти тафтишоти пешакӣ гирифташуда ва ифшо нашудани онро дар бар гиранд» [14, с.164].

Ҳамчунин олимон ва муҳаққиқони соҳа оид ба зарурати дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ намудани гирифтани забонхат оид ба фош насохтани сирри тафтишотӣ равишҳои гуногунро пешбинӣ намудаанд.

Масалан, бархе аз муҳаққиқон пешбинӣ менамоянд, ки забонхат оид ба пешгирӣ ва фош намудани сирии тафтишотӣ барои тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ зарур аст [9, 13, 19].

Қисми дигари муҳаққиқон ибрози андеша доранд, ки барои тамоми иштирокиёни мурофиаи ҷиноятӣ паҳн намудани забонхат оид ба фош нанамудани сирри тафтишотӣ аз имконият берун аст [14].

Бо ҷонибдорӣ аз андешаҳои мавсуф илова менамоем, ки ба чунин категорияи иштирокчиёни мурофиаи пешакӣ ба мисоли ҳимоятгар, гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда паҳн нагардидани қоидаи мазкур метавонад ба пешбурди парвандаҳо монеа эҷод намояд. Исботи ин гуфтаҳо муқаррароти қонунгузорӣ ба шумор меравад.

Таҳлили меъёрҳои қонугузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ нишон медиҳад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ шахси пешбарандаи таъқиби ҷиноятӣ муфаттиш, шоҳид, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, коршинос, мутахассис, тарҷумон, шахсони холис ва шахсони дигари ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ иштирокдоштаро дар бораи норавоии фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ бе иҷозати ӯ огоҳ месозад. Аз шахсони зикршуда дар хусуси огоҳ карда шуданашон оид ба ҷавобгарии пешбиникардаи моддаи 361 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон забонхат гирифта мешавад [1].

Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳамавақт қоидаи мазкур риоя мешавад. Масалан, ҷиҳати зарурати гирифтани забонхат оид ба фош нанамудани сирри тафтишоти пешакӣ мо тасмим гирифтем, миёни он нафароне, ки ба сифати ҳимоятгар (хешу табор, наздикони гумонбаршуда ва айбдоршаванда) баромад намудаанд ва таҷрибаи адвокат – ҳимоятгарон пурсиш гузаронем.

Аз пурсиши гузаронидашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аксари нафароне, ки ба сифати ҳимоятгар (хешу табор, наздикони гумонбаршуда ва айбдоршаванда) баромад намудаанд, бо сабаби мавҷуд набудани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба гирифтани забонхат дар бораи фош нанамудани сирри тафтишотӣ дар аксар мавридҳо аз уҳдаи нигоҳ доштани сирри маълумотҳо набаромадаанд. Воқеан, қонунгузорӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда ба категорияи субъектоне, ки аз онҳо забонхат гирифта намешавад, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё нафароне, ки ба сифати ҳимоятгар баромад менамоянд (хешу табор, наздикони гумонбаршуда ва айбдоршаванда) ворид накардааст. Лекин таҷрибаи мазкур зарурати дар қонугунзории ҷиноятӣ

пешбинӣ ва мустаҳкам намудани гирифтани забонхат аз нафароне, ки ба сифати ҳимоятгар баромад менамоянд (хешу табор, наздикони гумонбаршуда ва айбдоршаванда) ба миён овардааст. Албатта ин ҷо саволе ба миён меояд, ки гирифтани забохат оё ба маҳдуд гардидани ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи пешакии ҷиноятӣ оварда мерасонад? Не албатта, зеро дар кадом мавриде, ки зарурат ба миён меояд, иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад оид ба мушаххасоти парванда маълумоти заруриро дархост карда гирад. Албатта, доираи ин маълумот бояд муайян ва мушаххас бошад.

Оид ба масъалаи фош нанамудани сирри афтишоти пешакӣ дар давраи дастгир намудани гумонбаршуда ва айбдоршаванда низ дар адабиёти илмӣ андешаҳои мухталиф вуҷуд доранд.

Масалан, олимони рус андеша доранд, ки муқаррароти меъёрҳои м. 96 КМҶ Федератсияи Русия (Хабар додан дар бораи дастгиркунии гумонбаршуда) дар таҷриба амалӣ нашуда истода ҳамчун «меъёрҳои мурда» эътироф шудаанд [15, с.14].

Ба андешаи болозикр, бояд ба меъёрҳои мазкури моддаи КМФР муқаррароте пешбинӣ намуд, ки тибқи он барои ҳифзоти сирри тафтишотӣ дар ҳолати дастгир шудани гумонбаршуда ба амалҳои тафтишотӣ бояд ҳимоятгар на дар асоси хоҳиши гумонбаршуда оиди ба даъвати ҳимоятгар, балки дар асоси меъёрҳои м. 50 КМФР (Даъват, таъин иваз ва ҳаққи пардохти ҳимоятгар) бояд даъват карда шавад [15, с.16].

Муҳаққиқи дигар андешаи мазкурро рад намуда менависад, ки ҳимоятгар дар асоси қонунгузорӣ аз лаҳзаи дастгир шудани гумонбаршуда метавонад дар парванда иштирок намояд [8, с.116].

Мо низ ҷонибдори ин андеша мебошем ва илова менамоем, ки ҳимоятгар, ки аз лаҳзаи дастгир шудани гумонбаршуда дар парванди ҷинояти иштирок менамояд, бояд дар асоси талаботи меъёрҳои м. 177 КМҶТ оид ба фош насохтани сирри тафтишоти пешакӣ огоҳонида шавад.

Таҳлили меъёрҳои кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ нишон медиҳат, ки қоидаи мазкур ба таври дахлдор муқаррар карда нашудааст. Ҳарчанд, тибқи талаботи м. 49 КМҶТ хешовандони наздик ва намояндагони қонунии дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда бо таъиноти суд, қарори судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ба сифати ҳимоятгар ба пешбурди парванда роҳ дода шаванд, ҳам қонунгузор бо сабабҳои номаълум огоҳ намудани ҳимоятгарро оид ҳифзоти сирри тафтишотӣ пешбинӣ нанамудааст.

Дар ҳамин асос пешниҳод менамоем, ки ба меъёрҳои қ. 1 м. 49 КМҶТ дар шакли зерин тағйирот ворид карда шавад: «Ҳимоятгар дар асоси талаботи меъёрҳои м. 177 кодекси мазкур оид ба норавоии фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ огоҳ карда мешавад».

Ҳамзамон, ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҶТ дар самти таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷиҳати таъмини принсипи мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятӣ зарур шуморида мешавад, ки ба категорияи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, (м.177 қ.2) ки нисбати онҳо додани забонхат оид ба фош нанамудани сирри тафтишотӣ паҳн мегардад, гумонбаршуда ва айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо – хешу таборон ва наздикони онҳо низ ворид карда шаванд. Андешаи мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки ҳимоятгари онҳо (хешу табор ва наздикони гумонбаршуда ва айбдоршаванда) оид ба таъмин намудани сирри тафтишотӣ огоҳ карда мешаванд. Дар навбати дигар, ин амал метавонад боиси таъмини адолати судӣ гардад.

Ин ҷо саволе ба миён омада метавонад, ки ҳимоятгар кадом намуди маълумотҳоро – сирри тафтишотиро бояд ҳифз намояд? Дар маъхазҳои илмӣ зикр мегардад, ки ба категорияи маълумотҳое, ки сирри тафтишотӣ доранд ва бояд ҳифз карда шаванд, одатан маълумотҳои ҳуҷҷатшуда дар шакли хаттӣ ва ё дастнвис, матни компютерӣ, электронӣ (ҳуҷҷати электронӣ), аксӣ, физикӣ (намунаи маҳсулот, дастгоҳ, таҷҳизот ё қисми таркибии он, микросхемаи интегралӣ, барномаи компютерӣ, аз ҷумла, сабти аудио ва видео, графикӣ, расмҳо ва диаграммаҳоро шомил донистан мумкин аст [20].

Муқаррароти мазкур дар қонунгузорӣ низ пешбинӣ шудааст. Масалан, дар асоси талаботи меъёрҳои м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифи иттилоот», ба сифати «объекти

ҳифз иттилооти ҳуҷҷатнокгардидае мебошад, ки нисбати он қоидаҳои муайян ва истифодаи маҳдуди он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи доранда ё молики чунин иттилоот муқаррар карда шудаанд» [4].

Дар асоси талаботи меъёрҳои моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ», «сирри давлатӣ - маълумоти аз тарафи давлат ҳифзшаванда, ки ифшо ё гум кардани он ба амнияти миллӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар мерасонад ё расонида метавонад» [5].

Моддаҳои 13, 14, 15, 16, 17 ва 18 – қонуни мазкур категорияи васеи маълумотҳое, ки сирри давлатӣ доранд пешбинӣ менамояд. Ба категорияи маълумотҳое, ки сирри давлатӣ надоранд, дар м. 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» муқаррар карда шудаанд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи мурофиавӣ – ҷиноятии ҶТ номгӯи мушаххаси маълумотҳое, ки сирри тафтишотӣ доранд, пешбинӣ нашудаанд. Танҳо меъёрҳои м. 192 КМҶТ муқаррар менамоянд, ки «таҳқиқбаранда ва муфаттиш вазифадоранд, барои фош накардани маълумоти дахлдори ҳаёти шахсии онҳое, ки дар ин бино зиндагӣ мекунанд ва ё шахсони дигари ҳангоми кофтуков ва дарёфт кардан ошкоршуда чораҳо андешад» [1].

Номгуи маълумотҳое, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ ба ҳимоя қарор дода мешаванд, дар Тартиби ҳимояи маълумот оид ба амали намудани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, № 101 тасдиқ шудааст, пешбинӣ мешавад.

Дар асоси банди 3 Тартиби мазкур, асос барои ҳимояи маълумот қарорҳо дар бораи татбиқ намудани амалисозии ҳимояи давлатӣ, ки аз ҷониби суд (судя), прокурор, сардори воҳиди тафтишот, муфаттиш ё сардори воҳиди таҳқиқ ва таҳқиқбаранда, роҳбари мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар истеҳсолашон ариза (маълумот) дар бораи ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад ба шумор меравад [7].

Аз чунин муқаррарот ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузорӣ ба категорияи объектҳои сирри тафтишотӣ он маълумотҳоеро ба сирри тафтишотӣ шомил медонад, ки ҳуҷҷатнок карда шудаанд ва ҳамчунин он маълумотҳое, ки ба ҳаёт, бехатарӣ ва саломатии шахсии гумонбаршуда, айбдоршаванда дахл доранд.

Дар баробари ин барои мо норавшан мемонад, ки барои чӣ дар Тартиби мазкур оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳимоятгар оид ба ҳифзи сирри тафтишотӣ ягон мукаррарот вуҷуд надорад.

Дар баробари ин, ба андеши мо вобаста ба масъалаи ҳифзи сирри тафтишотӣ аз ҷониби ҳимоятгар Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ маҳдудиятҳоро ҷорӣ намудааст. Масалан, дар меъёрҳои м. 50 КМҶТ (Салоҳияти ҳимоятгар) ҳуқуқи ҳимоятгар, дар мавридҳои зарурӣ оид ба шинос шудан ва ё дастрас намудани маълумотҳое, ки сирри тафтишотӣ доранд, пешбинӣ нашудааст.

Ҳарчанд ҳуқуқи ҳимоятгар дар бораи дастрас намудани маълумот оид ба парванда дар банди 4, м. 9 – Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» пешбинӣ шуда бошад, ҳам ба андешаи мо он нокифоя аст.

Яъне, тибқи муқаррароти моддаи мазкур, «адвокат ҳуқуқ дорад маълумоти дар парванда мавҷудбударо, ки аз рӯи он ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, бо риоя намудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда нусхабардорӣ намояд» [3].

Аз меъёрҳои болозикр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муқаррароти мазкур (яъне дастрас намудани маълумот) танҳо ба адвокати касбӣ тааллуқ дорад, на ба ҳимоягар. Ба ғайр аз ин қонунгузор дастрас намудани маълумотро «бо риояи сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда» дар назар дорад, ки ба андешаи мо муқаррароти мазкур ҳуқуқҳои ҳимоятгарро дар дастрас намудани маълумотҳои сирри тафтишотӣ дошта маҳдуд менамояд.

Дар ҳамин асос пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати ҳамоҳанг сохтани қонунгузории мурофиавӣ – ҷиноятӣ ва такмили он ба меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» дар чунин шакл тағйирот ворид карда шавад:

«Ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти касбӣ адвокат ҳуқуқ дорад:

- дар мавридҳои зарурӣ аз мақомоти тафтиш ва таҳқиқ маълумоти дар парванда мавҷудбударо, ки сирри тафтишотӣ дорад, бо

риоя намудани сирри давлатӣ нусхабардорӣ намояд».

Илова нмудан бамаврид аст, ки дар асоси талаботи меъёрҳои м. 53 КМҶТ қисми 7, ҳимоятгар ӯҳдадор аст маълумотро дар бораи ҳолатҳое, ки бо сабаби расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ӯ маълум гаштааст, инчунин маълумоти тафтиши пешакӣ ва маҷлиси пӯшидаи судиро фош насозад [1].

Ҳамчунин ҳимоятгар барои фош кардани маълумоти таҳқиқи ибтидоӣ ё тафтиши пешакӣ бе иҷозати мақомоти пешбарандаи мурофиаи судии ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 361 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ба шарте, ки ӯ дар ин бора аз тарафи мақомоти пешбарандаи таъқиби ҷиноятӣ ё суд, судя мутобиқи моддаи 177 Кодекси мазкур огоҳ карда шуда бошад.

**Аз таҳлилҳои гузаронидашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст:**

Бо мақсади такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини принсипи мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятӣ ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи пешакии ҷиноятӣ дар меъёрҳои КМҶТ маълумоте, ки сирри тафтишотӣ доранд бо дарназардошти хусусиятҳои онҳо мушаххас гардонида шавад.

Ба андешаи мо ба маълумотҳое, ки сирри тафтишотиро доро мебошанд ва ҳимоятгар бояд онҳоро ҳифз намояд, дар баробари маълумотҳои ҳуҷҷатнок карда шуда, ҳамчунин он маълумотҳое, ки ба ҳаёт, бехатарӣ ва саломатии шахсии гумонбаршуда, айбдоршаванда дахл доранд, бояд шомил дониста шаванд.

Ҳамзамон зарур дониста мешавад, ки ҷиҳати таъмини сирри тафтишоти пешакӣ, дар баробари аз ҳимоятгар гирифтани забонхат оид ба фош насохтани сирри тафтишотӣ, аз ёрдамчии ҳимоятгар низ забонхати мазкур гирифта шавад.

Ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҶТ дар самти таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷиҳати таъмини принсипи мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятӣ зарур мешуморем, ки ба категорияи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, (м.177 қ.2) ки нисбати онҳо додани забонхат оид ба фош нанамудани сирри тафтишотӣ паҳн мегардад, гумонбаршуда ва айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо – хешу таборон ва наздикони онҳо низ ворид карда шаванд.

**Адабиёт**


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009. Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/.
2. Кодекси одоби касбии адвокат. Бо қарори Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-19 сентябри 2015 с. тасдиқ карда шудааст. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ аз 18 марти соли 2015 № 1182. Захираи электронӣ: «Адлия»: Маркази муттамаркази иттилооти ҳуқуқӣ. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи мурочиат: 12.01.2024).
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифи иттилоот» аз 10 майи соли 2002. № 55. [Матн]: // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/.
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» 26 июли соли 2014, № 1095. [Матн]: // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/.
6. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2028 – 2028. Бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст. [Матн]: // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/.
7. Тартиби ҳимояи маълумот оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки бо карори Ҳукумати ҶТ аз 02.03.2013 № 112 тасдиқ карда шудааст. [Матн]: // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/.
8. Блинова Е.В. Обеспечение тайны предварительного расследования // Вестник экономической безопасности. 2019. №2. – С. 115 – 118.

9. Белкин А. Р. УПК РФ: конструктивная критика и возможные улучшения. Часть VIII. Предварительное расследование. М.: МГУПИ, 2014. 419 с.,

10. Власова Н. А. Обеспечение тайны предварительного расследования // Вестник Московского университета МВД России. - 2016. - №3. – С. 147 – 150.

11. Иванова, И. Г. Проблемы правового регулирования адвокатской тайны в свете цифровизации адвокатской деятельности / И. Г. Иванова, А. О. Орешникова. — Текст: непосредственный // Молодой ученый. — 2022. — № 49 (444). — С. 363-365.

12. Искандаров З. Ҳ, Салимзода Т. Н. Баъзе аз қоидаҳои мурофиавии иштироки прокурор дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ, 2018. № 4 (24). – С. 107 – 115.

13. Новикова М. А. Расследование разглашения данных предварительного расследования и сведений о мерах безопасности, применяемых в отношении участников уголовного судопроизводства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. М.: Академия управления, 2009. 26 с.,

14. Онопко О.А. Проблемы обеспечения тайны предварительного расследования в уголовном процессе // Гуманитарные и юридические исследования. - 2016. - №2. – С. 163 – 166.

15. Попков Н.В. Задержание подозреваемого и обвиняемого как вид государственного принуждения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Н.Новгород, 2007. – С. 14.

16. Пилипенко Ю.С. Иммунитет доверителя в правовом режиме адвокатской тайны //Хозяйство и право. – 2009 – № 7. – С. 109–114.

17. Подольный Н.А. Следственная тайна — общее условие предварительного расследования и тактико-криминалистическое средство установления обстоятельств совершения преступления // Криминалистика: вчера, сегодня, завтра. - 2020. - №2 (14). – С. 164 – 171.

18. Раҳимзода М.С. Мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ, 2018. № 4 (24). – С. 132 – 152.

19. Смирнов А. В., Калиновский К. Б. Комментарий к УПК РФ. 5-е изд., перераб. и доп. / под ред. А. В. Смирнова. М.: Проспект, 2009. 480 с.

20. Сидорова Е.И. Понятие и состав следственной тайны // Вестник ВИ МВД России. - 2007. - №3. Захираи электронӣ: дастрасӣ аз: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ponyatie-i-sostav-sledstvennoy-tayny (санаи мурочиат: 09.02.2025).

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Маҳмудов Шаҳзод Усмонҷонович**-унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд E-mail: mahmudzodashahzod@mail.ru Тел.: (+992) 92-759-22-00

**Сведения об авторе**

**Махмудов Шахзод Усмонджонович**-Соискатель кафедры юриспруденции Института экономики и торговли Таджикского государственного университета комерции в г. Худжанд E-mail: mahmudzodashahzod@mail.ru. Тел.: (+992) 92-759-22-00

**About the author**

**Makhmudov Shakhzod Usmondzhonovich**-Applicant, Department of Jurisprudence, Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce in Khujand. E-mail: mahmudzodashahzod@mail.ru. Tel.: (+992) 92-759-22-00

УДК 517.956

# ПРИЛОЖЕНИЯ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ В РЕШЕНИЕ НЕКОТОРОЙ ЗАДАЧИ СЕЙСМОЛОГИИ

**Рахимов Р.М.**
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Аннотация.** В начале работы представлена информация о явлении землетрясений в общем случае, которое является одним из наиболее опасных природных явлений. Затем в постановке задачи рассматривается дифференциальное уравнение волн или дифференциальное уравнение гиперболического типа, в котором функции непрерывны и имеют непрерывные специальные производные второго порядка. По известным правилам данное уравнение сводится к системе уравнений в полном дифференцировании. Для системы уравнений в полном дифференцировании записывается её коэкстенсивное условие. В случае выполнения коэкстенсивного условия множество решений системы записывается в определённой форме. Из общего и единственного решения задачи оценивается и объясняется математическая модель явления землетрясения.

**Ключевые слова:** природное явление землетрясение, ущерб, причинённый грунту в результате этого явления, линейное уравнение, нелинейное уравнение, непрерывные функции, непрерывные функции с непрерывными специальными производными, условие совместимости системы, множество решений системы уравнений.

**Для цитирования:** Рахимов, Р. М. Приложения дифференциальных уравнений в решение некоторой задачи сейсмологии / Р. М. Рахимов // Финансово-экономический вестник. – 2025. № 4(47). – С. 332-339.

# ТАТБИҚИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ ДАР ҲАЛЛИ БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ЗАМИНЛАРЗА

**Раҳимов Р.М.**
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аннотатсия.** Дар аввали кори мазкур, оид ба ҳодисаи ҷунбиши замин дар ҳолати умумӣ, ки яке аз ҳодисаҳои мудҳиши табиӣ ба шумор меравад, маълумот дода мешавад. Баъд аз он дар гузориши масъала, муодилаи дифференсиалии мавҷҳо ё ки муодилаи дифференсиалии намуди гиперболи дида баромада мешавад, ки дар он функсияҳояш бефосила ва дорои ҳосилаҳои хусусии бефосилаи тартиби ду мебошанд. Аз рӯйи қоидаҳои маълум, муодилаи додашуда ба системаи муодилаҳо дар дифференсиали пурра оварда мешавад. Барои системаи муодилаҳо дар дифференсиали пурра, шарти ҳамҷоягиаш навишта мешавад. Дар ҳолати айниятан иҷро гардидани шарти ҳамҷоягӣ, маҷмӯи ҳалҳои система дар намуди муайян навишта мешавад. Аз ҳалли умумӣ ва ягонаи масъалаи гузошташуда модели математикии ҳодисаи заминларза баҳо дода ва инчунин шарҳ дода мешавад.

**Калидвожаҳо:** ҳодисаи табиӣ заминларза, зарари ба замин расонида дар ин ходиса, муодилаи хаттӣ, муодилаи ғайрихаттӣ, функсияҳои бефосила, функсияҳои бефосила ва дорои ҳосилаҳои хусусии бефосила, шарти ҳамҷоягии система, маҷмӯи ҳалҳои системаи муодилаҳо.

# APPLICATIONS OF DIFFERENTIAL EQUATIONS TO SOLVING A SEISMOLOGICAL PROBLEM

**Rakhimov R.M.**
Tajik State University of Finance and Economics

Математикаи дискретӣ соҳаи математика аст, ки объектҳои дискретиро омӯхта, бо масъалаҳои шумориш ва алгоритмҳо сару кор дорад. Ин соҳа чунин мавзуъҳоро дар бар мегирад: назарияи маҷмуъҳо, мантиқи математикӣ, назарияи графҳо, комбинаторика, назарияи алгоритмҳо, муносибатҳои дуӣ ва ғайра. Фарқи асосии математикаи дискретӣ аз математикаи пайваста дар он аст, ки он бо миқдорҳои ҷудошаванда (бутун, шуморӣ) кор мекунад, дар ҳоле ки математикаи пайваста бо миқдорҳои ҳақиқӣ машғул мешавад.

Мантиқи математикӣ усулҳои формалии истидлолро омӯхта, қоидаҳои мантиқии фикркуниро дар шакли рамзӣ пешниҳод мекунад.

Мафҳумҳои асосии мантиқи математикӣ ҳамчун илм:

1. Гузоришҳои мантиқӣ - ҷумлаҳое, ки метавонанд дуруст ё нодуруст бошанд.

Амалгарҳои мантиқӣ:

- Инкор (¬): агар А дуруст бошад, ¬А нодуруст аст
- Конъюнксия (∧): А ∧ В дуруст аст, агар ҳарду дуруст бошанд
- Дизъюнксия (∨): А ∨ В дуруст аст, агар ҳадди ақал яке дуруст бошад
- Импликатсия (→): А → В нодуруст аст, агар А дуруст ва В нодуруст бошад
- Эквиваленсия (↔): А ↔ В дуруст аст, агар қиматҳои онҳо якхела бошанд.

2. Қонунҳои асосии мантиқӣ. Қонунҳои Де Морган:

- $\neg (A \wedge B) \equiv \neg A \vee \neg B$
- $\neg (A \vee B) \equiv \neg A \wedge \neg B$

Масъалаи 1: Исбот кунед, ки ¬ (А ∧ В) ≡ ¬А ∨ ¬В

Ҳалли масъала: Ҷадвали ростӣ месозем:

| $A$ | $B$ | $A \wedge B$ | $\neg (A \wedge B)$ | $\neg A$ | $\neg B$ | $\neg A \vee \neg B$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 1 | 0 | 0 | 1 | 0 | 1 | 1 |
| 0 | 1 | 0 | 1 | 1 | 0 | 1 |
| 0 | 0 | 0 | 1 | 1 | 1 | 1 |

Чун сутунҳои $\neg (A \wedge B)$ ва $\neg A \vee \neg B$ якхела ҳастанд, пас формулаҳо баробаранд.

3. Мафҳуми маҷмуъҳо ва элементҳои онҳо. Маҷмуъ маҷмӯи объектҳо (элементҳо) аст, ки тибқи хосияти муайян муттаҳид шудаанд. Маҷмуъҳоро бо ҳарфҳои калон (*A, B, C*) ва элементҳоро бо ҳарфҳои хурд (*a, b, c*) ишора мекунанд.

Агар элементи *x* ба маҷмуи *A* тааллуқ дошта бошад, он гоҳ $x \in A$, агар тааллуқ надошта бошад $x \notin A$ навишта мешаванд.

3.1. Усулҳои тавсифи маҷмуъҳо.

Усули феҳристӣ: $A = \{1, 2, 3, 4, 5\}$.

Усули хосиятӣ: B = {x | x - адади бутун ва $0 < x \leq 5$}.

Масъалаи 2: Маҷмуи A = $\{x \mid x^2 - 5x + 6 = 0\}$-ро бо усули феҳристӣ нависед.

Ҳалли масъала: $x^2 - 5x + 6 = 0$ $(x - 2)(x - 3) = 0$ $x_1 = 2, x_2 = 3$

Ҷавоб: $A = \{2, 3\}$

3.2. Намудҳои махсуси маҷмуъҳо

- Маҷмуи холӣ (∅): ягон элемент надорад
- Маҷмуи ягона: танҳо як элемент дорад
- $\mathbb{N} = \{1, 2, 3, ...\}$ - ададҳои натуралӣ - табиӣ
- $\mathbb{Z} = \{..., -2, -1, 0, 1, 2, ...\}$ - ададҳои бутун
- $\mathbb{R}$ - ададҳои ҳақиқӣ.

3.3. Зермаҷмуъ ва баробарии маҷмуъҳо.

Зермаҷмуъ: $A \subseteq B$, агар $\forall x\ (x \in A \rightarrow x \in B)$. Баробарӣ: A = B, агар $A \subseteq B$ ва $B \subseteq A$ бошанд.

Масъалаи 3: Агар $A = \{1, 2, 3\}$ ва $B = \{x \mid x$ - адади натуралӣ - табиӣ ва $x < 4\}$, оё A = B аст?

Ҳалли масъала: $B = \{1, 2, 3\}$ (ададҳои натуралӣ - табиӣ камтар аз 4) $A \subseteq B$: $1 \in B$, $2 \in B$, $3 \in B$ ✓. $B \subseteq A$: $1 \in A$, $2 \in A$, $3 \in A$ ✓.

Ҷавоб: Бале, A = B мебошад.

4. Хосиятҳои характеристикии маҷмуъ.

4.1. Функсияи характеристикӣ

Функсияи характеристикии маҷмуи A: $x_A(x) = \{1$, агар $x \in A$; 0, агар $x \notin A\}$

Масъалаи 4: Барои маҷмуи A = {2, 4, 6, 8} функсияи характеристикиро ёбед ва $x_A$ (3), $x_A$ (4)-ро ҳисоб кунед.

Ҳалли масъала: $x_A(3) = 0$ (чунки $3 \notin$ A мебошад) $x_A(4) = 1$ (чунки $4 \in$ A мебошад)

4.2. Қудрат (кардиналитет)

Қудрати маҷмуъ шумораи элементҳои он аст: $|A|$ ё $n(A)$

Масъалаи 5: Қудрати маҷмуи $A = \{x \mid x$ - ададе бутун ва $-3 \leq x \leq 2\}$-ро ёбед.

Ҳалли масъала: $A = \{-3, -2, -1, 0, 1, 2\}$ $|A| = 6$

Формулаи муҳим: Агар $|A| = n$, пас шумораи зермаҷмуъҳои *A* ба $2^n$ баробар аст.

Масъалаи 6: Маҷмуи $A = \{a, b, c\}$ дорад. Ҳамаи зермаҷмуъҳои онро ёбед.

Ҳалли масъала: Зермаҷмуъҳои *A*:

1. ∅ (маҷмуи холӣ)
2. $\{a\}$
3. $\{b\}$
4. $\{c\}$
5. $\{a, b\}$
6. $\{a, c\}$
7. $\{b, c\}$
8. $\{a, b, c\}$

Пас, шумораи зермаҷмуъҳо: $2^3 = 8$ мебошад.

4.3. Амалиётҳо бо маҷмуъҳо.

Иттиҳод (ҷамъ - якҷояшавӣ) ($A \cup B$): $A \cup B = \{x \mid x \in A$ ё $x \in B\}$.

Ишторак – элементҳои умумӣ ($A \cap B$): $A \cap B = \{x \mid x \in A$ ва $x \in B\}$.

Фарқ ($A \setminus B$): $A \setminus B = \{x \mid x \in A$ ва $x \notin B\}$.

Масъалаи 7: Агар $A = \{1, 2, 3, 4, 5\}$ ва $B = \{3, 4, 5, 6, 7\}$ бошад, амалҳои зеренро ёбед: *а*)$A \cup B$. *б*)$A \cap B$. *в*)$A \setminus B$. *г*)$B \setminus A$.

Ҳалли масъала: *а*) $A \cup B = \{1, 2, 3, 4, 5, 6, 7\}$. *б*) $A \cap B = \{3, 4, 5\}$. *в*) $A \setminus B = \{1, 2\}$. *г*) $B \setminus A = \{6, 7\}$.

Ҳосили декартӣ ($A \times B$): $A \times B = \{(a, b) \mid a \in A, b \in B\}$

Масъалаи 8: Агар $A = \{1, 2\}$ ва $B = \{x, y\}$, $A \times B$-ро ёбед.

Ҳалли масъала: $A \times B = \{(1, x), (1, y), (2, x), (2, y)\}$ $|A \times B| = |A| \cdot |B| = 2 \cdot 2 = 4$

4.4. Хосиятҳои амалиётҳои маҷмуъӣ

Қонунҳои коммутативӣ:

- $A \cup B = B \cup A$
- $A \cap B = B \cap A$

Қонунҳои дистрибутивӣ:

- $A \cup (B \cap C) = (A \cup B) \cap (A \cup C)$
- $A \cap (B \cup C) = (A \cap B) \cup (A \cap C)$

Масъалаи 9: Агар $A = \{1, 2, 3\}$, $B = \{2, 3, 4\}$, $C = \{3, 4, 5\}$ бошад. Баробарии $A \cap (B \cup C) = (A \cap B) \cup (A \cap C)$ -ро исбот кунед.

Ҳалли масъала:

Тарафи чап: $B \cup C = \{2, 3, 4, 5\}$, $A \cap (B \cup C) = \{2, 3\}$.

Тарафи рост: $A \cap B = \{2, 3\}$, $A \cap C = \{3\}$, $(A \cap B) \cup (A \cap C) = \{2, 3\}$

Баробарӣ исбот шуд: $\{2, 3\} = \{2, 3\}$ ✓

Қонунҳои Де Морган барои маҷмуъҳо:

- $(A \cup B)' = A' \cap B'$
- $(A \cap B)' = A' \cup B'$

Масъалаи 10: Агар $U = \{1, 2, 3, 4, 5, 6\}$, $A = \{1, 2, 3\}$, $B = \{3, 4, 5\}$ бошад, баробарии $(A \cup B)' = A' \cap B'$ – ро исбот кунед.

Ҳалли масъала: Тарафи чап: $A \cup B = \{1, 2, 3, 4, 5\}$ $(A \cup B)' = \{6\}$

Тарафи рост: $A' = \{4, 5, 6\}$, $B' = \{1, 2, 6\}$, $A' \cap B' = \{6\}$

Баробарӣ исбот шуд: $\{6\} = \{6\}$ ✓

5. Масъалаҳои мураккаб.

Масъалаи 11: Дар синфе 30 донишҷӯ ҳастанд. 18 нафар математикаро, 15 нафар физикаро дӯст медоранд ва 5 нафар ҳарду фанро дӯст медоранд. Чанд донишҷӯ ҳеҷ кадом фанро дӯст намедоранд?

Ҳалли масъала: $A$ - маҷмуи донишҷӯёне, ки математикаро дӯст медоранд: $|A| = 18$. $B$ - маҷмуи донишҷӯёне, ки физикаро дӯст медоранд: $|B| = 15$, $|A \cap B| = 5$

Формулаи иттиҳод (ҷамъ – якҷояшавӣ):

$A \cup B| = |A| + |B| - |A \cap B|$, $|A \cup B| = 18 + 15 - 5 = 28$

Ҷавоб: Донишҷӯёне, ки ҳеҷ кадом фанро дӯст намедоранд: 30 - 28 = 2 нафар аст.

Масъалаи 12: Агар $|A| = 4$, чанд муносибати дуӣ дар $A \times A$ мавҷуд аст?

Ҳалли масъала: $|A \times A| = |A|^2 = 4^2 = 16$. Ҳар муносибат зермаҷмуи $A \times A$ аст. Шумораи муносибатҳо баробари $2^{16} = 65536$ аст.

Математикаи дискретӣ ва зермаҷмуъҳои он нақши калидӣ дар математикаи муосир мебозанд. Мантиқи математикӣ асоси истидлолҳои формалиро фароҳам меорад, назарияи маҷмуъҳо заминаи тамоми математикаро ташкил медиҳад. Хосиятҳои характеристикии маҷмуъҳо имкон медиҳанд, ки бо сохторҳои мураккаб кор кунем ва масъалаҳои амалиро ҳал намоем. Дар асри технологияҳои иттилоотӣ аҳамияти ин соҳаҳо дар информатика, муҳандисӣ ва дигар соҳаҳо афзуда истодааст.

**Адабиёт**

1. Собиров А.Ш., Собиров И.А., Собирова Г.А., Математикаи дискретӣ ва мантиқ. Матбааи ҶДММ “Нӯшбод”, Душанбе 2022. – 233 с.

2. Верещагин Н.К., Шень А. Лекции по математической логике и теории алгоритмов. Часть 1. Начала теории множеств / Н.К. Верещагин, А. Шень. – М.: МЦНМО, 2012. – 112 с.

3. Новиков Ф.А. Дискретная математика для программистов: Учебник для вузов / Ф.А. Новиков. – 3-е изд. – СПб.: Питер, 2009. – 384 с.

4. Гаврилов Г.П. Задачи и упражнения по дискретной математике: Учеб. пособие / Г.П. Гаврилов, А.А. Сапоженко. – 3-е изд., перераб. – М.: ФИЗМАТЛИТ, 2005. – 416 с.

5. Яблонский С.В. Введение в дискретную математику: Учеб. пособие для вузов / С.В. Яблонский; Под ред. В.А. Садовничего. – 4-е изд., стер. – М.: Высш. шк., 2003. – 384 с.

6. Лавров И.А. Задачи по теории множеств, математической логике и теории алгоритмов / И.А. Лавров, Л.Л. Максимова. – 5-е изд., испр. – М.: ФИЗМАТЛИТ, 2004. – 256 с.

7. Игошин В.И. Математическая логика и теория алгоритмов: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / В.И. Игошин. – 2-е изд., стер. – М.: Издательский центр «Академия», 2008. – 448 с.

8. Хаггарти Р. Дискретная математика для программистов / Р. Хаггарти; Пер. с англ. – М.: Техносфера, 2003. – 320 с.

9. Шапорев С.Д. Дискретная математика. Курс лекций и практических занятий / С.Д. Шапорев. – СПб.: БХВ-Петербург, 2006. – 400 с.

10. Акимов О.Е. Дискретная математика: логика, группы, графы, фракталы / О.Е. Акимов. – 2-е изд., доп. – М.: Лаборатория Базовых Знаний, 2005. – 376 с.

11. Судоплатов С.В. Дискретная математика: Учебник / С.В. Судоплатов, Е.В. Овчинникова. – 3-е изд., стер. – М.: ИНФРА-М; Новосибирск: Изд-во НГТУ, 2007. – 256 с.

**Маълумот дар бораи муаллиф**

**Шойимқулов Аслонбек Маҳмудбекович** – муаллими калони кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Наҳимов 64/14. Тел.: 93-402-13-31. E-mail: aslon_shoym@mail.ru

**Сведения об авторе**

**Шойимкулов Аслонбек Махмудбекович** – старший преподаватель кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: 93-402-13-31. E-mail: aslon_shoym@mail.ru

**About the author**

**Aslonbek Makhmudbekovich Shoiimkulov** – Senior Lecturer, Department of Higher Mathematics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan. Tel.: 93-402-13-31. E-mail: aslon_shoym@mail.ru

**УДК: 372.851**

# ОМӮЗИШИ ФУНКСИЯҲОИ ТРИГОНОМЕТРӢ БО ИСТИФОДАИ БАРНОМАҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ

**Шерализода Г.Ш.**
**Сатторов А.Э.**
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
**Абдуллозода Э.К.**
коллеҷи омӯзгории ДДБ ба номи Носири Хусрав

**Аннотатсия.** Омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити рушди босуръати илм ва воридшавии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аҳамияти вижа пайдо кардааст. Мақола методикаи самараноки омӯзиши ин мавзуъро бо истифодаи воситаҳои замонавии таълим, аз қабили тахтаи электронӣ, барномаҳои интерактивӣ ва муҳитҳои визуализатсияи графикӣ таҳлил мекунад. Татбиқи чунин технологияҳо равандҳои таълимиро ғанӣ мегардонад, фаҳмиши амиқи донишҳоро фароҳам меорад ва малакаҳои таҳлилӣ, моделсозӣ ва рақамии хонандагонро рушд медиҳад.
**Калидвожаҳо:** функсияҳои тригонометрӣ, омӯзиши математика, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, методикаи таълим, графикҳои функсия, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.
**Барои иқтибос:** Шерализода, Г. Ш. Омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ бо истифодаи барномаҳои интерактивӣ / Г. Ш. Шерализода, А.Э. Сатторов, Э.К. Абдуллозода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 354-363.

# ОБУЧЕНИЕ ТРИГОНОМЕТРИЧЕСКИМ ФУНКЦИЯМ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНТЕРАКТИВНЫХ ПРОГРАММ

**Шерализода Г.Ш.**
**Сатторов А.Е.**
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава
**Абдуллозода Э.К.**
Педагогический колледж Бохтарского государственного университета им. Носира Хусрав

**Аннотация.** Изучение тригонометрических функций в учреждениях общего среднего образования приобретает особое значение в условиях стремительного развития науки и техники и внедрения информационно-коммуникационных технологий. В статье анализируется эффективная методика преподавания данного материала с использованием современных образовательных средств, таких как электронная доска, интерактивные программы и среды визуализации графиков. Применение таких технологий обогащает учебный процесс, способствует глубокому усвоению знаний и развивает аналитические, модельные и цифровые навыки учащихся.
**Ключевые слова:** тригонометрические функции, обучение математике, информационно-коммуникационные технологии, методика преподавания, графики функций, учреждения общего среднего образования.

# TEACHING TRIGONOMETRIC FUNCTIONS USING INTERACTIVE PROGRAMS

**Sheralizoda G.Sh.**
**Sattorov A.E.**
Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav
**Abdullozoda E.K.**
Pedagogical College of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav

**Abstract.** The study of trigonometric functions in general secondary education institutions has gained special importance in the context of rapid scientific and technological development and the

introduction of information and communication technologies. The article analyzes effective methods for teaching this topic using modern educational tools such as electronic whiteboards, interactive programs, and graph visualization environments. The application of these technologies enriches the learning process, ensures a deep understanding of knowledge, and develops students' analytical, modeling, and digital skills.
**Keywords:** trigonometric functions, mathematics education, information and communication technologies, teaching methodology, function graphs, general secondary education institutions.

**Гузориши масъала.** Дар замони рушди босуръати илму техника ва тавсеаи доимии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, воридсозии имкониятҳои рақамӣ ба низоми маориф ба унсури асосии баланд бардоштани сифати таълим табдил ёфтааст. Омӯзиши риёзӣ, бахусус тригонометрия, ки барои ташаккули тафаккури мантиқӣ, малакаҳои таҳлилӣ ва қобилияти моделсозии хонандагон замина мегузорад, беш аз ҳарвақт ниёз ба усулҳои нав ва муҳити технологӣ дорад. Истифодаи методикаи муосир ҳангоми омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шароит фароҳам меорад, то хонандагон на танҳо фаҳмиши назариявиро дар сатҳи зарурӣ аз худ кунанд, балки онро дар амал – ҳангоми таҳлил, моделсозӣ ва ҳалли масъалаҳои гуногуни риёзӣ татбиқ намоянд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Вобаста ба мавзуи мазкур таҳқиқот аз ҷониби Абдуллозода Э.К., Захарова О.В., Карпухина С.В., Молоткова Б.Б., Мордкович А.Г., Пиров Р., Суханова С.Н. ва дигарон анҷом дода шудааст.

**Мақсади мақола** ин омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ бо истифодаи барномаҳои интерактивӣ мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Ҷалби воситаҳои замонавии таълим, аз қабили тахтаҳои электронии интерактивӣ, платформаҳои ҳисоббарорӣ ва муҳитҳои визуализатсияи графикӣ, ҷараёни дарсро ҷолибу муассир месозад. Ин навъи технологияҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки равиши таълимро фардӣ намоянд, фаъолияти омӯзишии хонандагонро фаъол гардонанд ва муҳити эҷодию таҳлилиро дар синф тақвият диҳанд. Ҳамин тавр, истифодаи технологияҳои рақамӣ барои дарки моҳияти функсияҳои тригонометрӣ, таҳлили графики онҳо ва робитаҳои функсионалӣ заминаи боэътимоди дидактикӣ ба вуҷуд меорад.

Бо дарназардошти ин, таҳияи методикаи илмӣ асоснок ва самараноки таълими функсияҳои тригонометрӣ бо истифода аз технологияҳои муосир яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Ин раванд метавонад ба баланд гардидани сатҳу сифати таълим, рушду такмили малакаҳои рақамии хонандагон ва таҳкими омодагии математикӣ-илмии онҳо мусоидат намояд.

Мутобиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус дар синфҳои болоӣ, яке аз самтҳои муҳим ва зарурии тайёркунии математикӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила аз хонандагон инкишофи як қатор малакаҳои асосӣ талаб карда мешавад, аз ҷумла:

– дарк ва татбиқи мафҳумҳои асосии риёзӣ, аз ҷумла графики функсия, функсияҳои тригонометрӣ ва баръакси онҳо, хосиятҳои муҳими функсияҳо;

– қобилият доштан ба сохтани графики навъҳои гуногуни функсияҳо;

– гузаронидани таҳлили мукаммалу мантиқии функсияҳо;

– тавсия додани робитаҳои функсионалӣ дар шакли формулаҳои математикӣ;

– истифодаи хосиятҳои функсияҳо барои ҳалли масъалаҳои параметрдор, инчунин ҳалли муодилаву нобаробарӣ;

– инъикос намудани маҷмӯи ҳалли муодилаҳо ва нобаробарӣ дар ҳамворияи координатӣ.

Аз нигоҳи методикаи таълими математика, функсияҳои тригонометрӣ дар барномаи риёзии мактабӣ нақши асосӣ мебозад. Таҳқиқоти А.Г. Мордкович [4] ва дигар олимон собит месозанд, ки истифодаи

моделҳои графикӣ, шаклҳои гуногуни ифодаи функсия ва робитаҳои функционалӣ ба дарки чуқури маводи таълимӣ, рушди тафаккури мантиқӣ ва ташаккули қобилиятҳои математикӣ мусоидат мекунад. Функсияҳо, махсусан функсияҳои тригонометрӣ, пояи асосии ҳалли муодилаҳо, нобаробарӣ ва масъалаҳои дорои параметр ба ҳисоб мераванд.

Таҳлили таҷрибаи кори омӯзгорони мактаб ва баррасии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки дар амал хонандагон ҳангоми татбиқи функсияҳои тригонометрӣ, таҳқиқи хосиятҳои онҳо ва истифодаи графики функсия дар ҳалли масъалаҳо ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Ин мушкилот, аз ҷумла нодуруст дарк кардани робитаҳои функционалӣ, надоштани малакаи кофии таҳлили графикӣ ва мураккабии худи функсияҳои тригонометриро дар бар мегирад.

Дар натиҷа, зарурати такмили технологияҳои таълимӣ, навсозии усулҳои кор бо функсияҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳои муассиру инноватсионии ташкили раванди таълим боз ҳам барҷаста гардид. Ислоҳ ва такмили методикаи омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ метавонад ба коҳиши мушкилоти мавҷуда, афзоиши сатҳи фаҳмиш ва баланд шудани сифати омодагии математикӣ мусоидат намояд.

Таҳлили рисолаҳои илмие, ки ба омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ бахшида шудаанд, нишон медиҳад, ки масъалаи технологияи таълими ин мавзуъ аз чанд самт мавриди баррасӣ қарор гирифтааст:

Таҳлили рисолаҳои илмие, ки ба омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ бахшида шудаанд, нишон медиҳад, ки масъалаи технологияи таълими ин мавзуъ дар адабиёти илмӣ аз чанд самт мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, муҳаққиқон ба асосҳои методикӣ ва дидактикии омӯзиш, истифодаи моделҳои графикӣ ва воситаҳои интерактивӣ, роҳҳои инкишофи тафаккури алгоритмӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои тригонометрӣ, ҳамчунин ба ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълимӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд.

1. «Пайдоиш ва татбиқи равиши фаъолиятӣ ва технологияҳои таълими фосилавӣ ҳамчун воситаи рушди қобилиятҳои математикӣ» (С.Н. Суханова, 2002) [8].

Муаллиф омӯзиши тригонометрияро дар заминаи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон шарҳ дода, таъкид мекунад, ки ҷалби онҳо ба раванди омӯзиш метавонад ба болоравии шавқу ҳавас ва рушди қобилиятҳои математикӣ мусоидат намояд. Ба андешаи ӯ, истифодаи усулҳои фаъол, масъалаҳои ҷолиби таҳлилӣ ва равишҳои интерактивӣ шароит фароҳам меорад, то хонандагон маводи тригонометриро на танҳо дар сатҳи тасаввур, балки дар сатҳи дарки воқеӣ аз худ кунанд.

С.Н. Суханова дар таҳқиқоти худ на танҳо принсипҳои ташаккули қобилиятҳои математикии хонандагонро тавзеҳ медиҳад, балки меъёрҳои арзёбии сатҳи рушди ин қобилиятҳо ва шароити зарурӣ барои инкишофи онҳоеро низ муайян намудааст. Ба ақидаи ӯ, омилҳое чун муҳити фаъоли таълимӣ, мавҷудияти вазифаҳои эҷодӣ, раванди мунтазами таҳлил ва худсанҷӣ метавонанд ба шаклгирии устувори малакаҳои математикӣ таъсири назаррас расонанд.

2. «Равишҳои фаъолиятӣ, мазмунӣ ва шахсият-меҳвар дар шароити таълими ихтисоси математика» (О.В. Захарова, 2010) [2].

Дар ин таҳқиқот сохтори методии омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ ба таври муфассал шарҳ дода шуда, унсурҳои асосии он – аз ҷумла ҷанбаҳои мақсаднок, мундариҷавӣ ва раванди таълим муайян ва таҳлил карда мешаванд. Муаллиф на танҳо асосҳои назариявии омӯзиши ин мавзуъро инъикос менамояд, балки тавсияҳои методии зарурӣ, маҷмӯи масъалаҳои таълимӣ, маводи барномавӣ ва корҳои амалиро низ таҳия кардааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии омӯзиш хизмат мекунанд.

О.В. Захарова дар таҳқиқоти худ як қатор усулҳои муосири таълими мавзуи «Функсияҳои тригонометрӣ»-ро муайян намудааст. Ба ин усулҳо дохил мешаванд:

– **усули монологӣ**, ки ба тавзеҳи пайдарпайи маводи назариявӣ равона шудааст;

– **усули намоишӣ**, ки омӯзишро тавассути нишон додани ҷараёнҳо, таҷрибаҳо ва воситаҳои визуалӣ таъмин мекунад;

– **усули эврристикӣ**, ки ба ҷустуҷӯ ва кашфи мустақилонаи дониш аз ҷониби хонандагон таъсир мерасонад;

– **усули таҳқиқотӣ**, ки дар он хонандагон раванди омӯзишро ба шакли корҳои таҳлилӣ амалӣ месозанд;

– **усулҳои интерактивӣ**, ки фаъолиятҳои гурӯҳӣ, муколама ва дидгоҳҳои муштаракро дар раванди дарс эҳё менамоянд.

Ин маҷмӯи усулҳо имконият фароҳам меорад, ки омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ дар синф самаранок, муосир ва ба рушди тафаккури математикӣ нигаронидашуда ба роҳ монда шавад.

3. Самти муҳими дигаре, ки дар адабиёти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим мебошад. Таҳқиқоти С.В. Карпухина (2009) ва Б.Б. Молоткова (2014) нишон медиҳанд, ки воридсозии технологияҳои рақамӣ ба равандҳои таълимӣ имкониятҳои навро барои омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ фароҳам меорад.

Б.Б. Молоткова бошад, маҷмӯи васеи захираҳои таълимии электрониро бо дарназардошти сатҳҳои гуногуни интерактивӣ пешниҳод намуда, имконият фароҳам меорад, ки дараҷаи дарки хонандагон аз рӯйи фаҳмиши функсияҳо ва амалиётҳои марбут ба онҳо муайян карда шудааст [4]. Тибқи таҳқиқоти ӯ, истифодаи чунин захираҳо ба фаъолгардонии фаъолияти хонандагон ва беҳтар шудани сифати омӯхтани мавзуъҳо мусоидат мекунад.

С.В. Карпухина низоми методии таълими синфҳои болоиро бо истифода аз муҳити компютерии Mathematica тавсиф менамояд. Вай нишон медиҳад, ки татбиқи ин барнома дар омӯзиши тригонометрия ба баланд шудани самаранокии дарс, рушди фикрронии таҳлилӣ ва интиқодӣ, тақвияти малакаҳои амалии кор бо моделҳои математикӣ ва афзоиши шавқи маърифатии хонандагон мусоидат мекунад [3].

Ин таҳқиқотҳо дар маҷмӯъ далолат медиҳанд, ки технологияи иттилоотӣ метавонад ба сифати таълими математика, махсусан дар бахши функсияҳои тригонометрӣ, таъсири мусбати назаррас расонад.

Натиҷаи таҳлили адабиёт ва таҷрибаи амалии таълим нишон медиҳад, ки то имрӯз назарияи ягона ва пурраи методии омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ дар МТМУ ташаккул наёфтааст. Дар баробари набудани чунин низом, як қатор мушкилоти ҷиддӣ низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

– норасоии заминаҳои методию дидактикии таълими ин мавзуъ;

– сатҳи нокифояи донишу малакаи қисми зиёди хонандагон аз мавзуи «Функсияҳои тригонометрӣ»;

– номувофиқии омодагии амалии хонандагон ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ;

– душвории иҷрои санҷишҳои сатҳи баланд, ки масъалаҳои тригонометриро дар бар мегиранд.

Мувофиқи маълумоти як қатор таҳқиқотҳо, беш аз 70-75% хонандагон фаҳмиши кофӣ ва дониши устувор оид ба асосҳои тригонометрия надоранд. Бо дарназардошти ин вазъ, зарурати таҳияи маҷмӯи технологияҳо ва равишҳои муассири таълими функсияҳои тригонометрӣ дар шароити МТМУ боз ҳам афзоиш меёбад. Татбиқи чунин технологияҳо метавонад ба баланд шудани сифати тайёрии математикӣ ва беҳбуди натиҷаҳои таҳсил мусоидат намояд.

Дар доираи ин таҳқиқот вазифаҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

– таҳлили мақолаҳои илмӣ ва корҳои диссертатсионӣ, ки ба омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ дар МТМУ бахшида шудаанд;

– систематизатсияи равишҳо, технологияҳо ва усулҳои баланд бардоштани сифати таълими тригонометрия;

– арзёбии сатҳи рушдёфтаи дидактикӣ ва методологии маводи таълимӣ дар ин самт;

– муайян намудани сатҳи донишу малакаҳои амалии хонандагон оид ба мавзуи «Функсияҳои тригонометрӣ»;

– муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ ва меъёрҳои санҷишҳои сатҳи баланд аз фанни математика.


Илова бар ин, дар таҳқиқот имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Хусусан, истифодаи барномаҳои компютерии таълимӣ – аз қабили Symbolab, GeoGebra, MathCAD ва дигар муҳитҳои ҳисоббарорӣ – барои сохтани графикҳо, таҳлили функсияҳои тригонометрӣ ва баланд бардоштани сатҳи дарки визуалии мавод арзёбӣ мегардад. Истифодаи ин воситаҳо метавонад раванди омӯзишро динамикӣ ва фаҳмотар гардонад ва ба ташаккули малакаҳои таҳлилӣ ва моделсозии хонандагон мусоидат кунад.

Яке аз ҳадафҳои асосии омӯзиши алгебра дар МТМУ ин таҳқиқ ва омӯзиши функсияҳо, аз ҷумла сохтани графикҳо, хониши дурусти онҳо ва истифодаи хосиятҳои функсияҳо дар ҳалли муодилаҳо, нобаробарӣ ва системаҳои онҳо мебошад. Тавоноии хонанда дар истифодаи хосиятҳои функсияҳо барои ҳалли масъалаҳои арифметикӣ, алгебравӣ ва геометрӣ меъёри умумии омодагии хатмкунандагони МТМУ ба шумор меравад.

Ба андешаи Абдуллозода Э.К. «Дар раванди муосири таълими математика шумораи барномаҳои компютерӣ босуръат афзуда истодааст. Аксари онҳо дар муҳити мачозӣ фаъолият намуда, ба насби барномаҳои иловагӣ ниёз надоранд ва ҳатто барои компютерҳои фардии дорои захираҳои маҳдуд низ мутобиқ мебошанд. Бо дарназардошти ин имкониятҳо, дар мақола бархе аз чунин замимаҳо, ки барои ҳалли масъалаҳои тригонометрӣ аҳамияти назаррас доранд, мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода мешаванд» [1].

Яке аз замимаҳои барои омӯзиши математика муфид – барномаи “Symbolab” мебошад, ки ҳамчун ҷузъи равандҳои таълимӣ мавқеи хосро ишғол мекунад. Ин платформа ба хонандагони муассисаҳои таълимӣ имконият медиҳад, ки мавзуъҳои вобаста ба функсияҳои тригонометриро бо тарзи фаҳмотар аз худ намоянд ва барои ҳаллу фасли масъалаҳои душвор роҳҳои қулай пайдо кунанд. Хусусияти муҳимми Symbolab дар он аст, ки ҳар қадамро бо тавзеҳоти муфассал нишон дода, раванди дарк ва татбиқи донишҳои навро барои хонандагон хеле осон мегардонад.

Барои истифода бурдани имкониятҳои ин барнома метавон аз сомонаи расмии он, ки дар сурогаи https://ru.symbolab.com [9] ҷойгир аст, ворид шуд. Пас аз кушодани сомона, сафҳае, ки намунаи он дар расми 1 нишон дода шудааст, намоён мегардад.




**Расми 1. Равзанаи Symbolab**

Дар идома тарзи ҳалли ифодаро аз рӯи функсияҳои тригонометрӣ ба таври муқоисавӣ меорем: аввал бо усули анъанавии математикӣ ва сипас бо истифода аз барномаи Symbolab. Мисоли №599 аз китоби дарсии «Алгебра» барои синфи 9 [6, с.194]-ро ҳамчун асос мегирем

ва бо ҳар ду усул қадам ба қадам нишон медиҳем.

**Мисоли 1. Қимати ифодаро ёбед:** $\mathbf{3\cos\frac{\pi}{2} - 4\sin^3\frac{3\pi}{2} + 8\,tg\,\pi}$

**Ҳал:** $3\cos\frac{\pi}{2} - 4\sin^3\frac{3\pi}{2} + 8\,tg\,\pi = 3\cdot 0 - 4\cdot (-1)^3 + 8\cdot 0 = -4\cdot(-1) = 4.$

Ифода бо усули анъанавӣ, мувофиқи методикаи ҳалли математикӣ, қадам ба қадам ҳал карда мешавад.

Қадами 1. Ҳисоб кардани

$$\cos\frac{\pi}{2}$$

Медонем, ки:

$$\cos\frac{\pi}{2} = 0$$

Пас:

$$3\cdot\cos\frac{\pi}{2} = 3\cdot 0 = 0$$

Қадами 2. Ҳисоб кардани

$$\sin\frac{3\pi}{2}$$

Дар доираи тригонометрӣ:

$$\sin\frac{3\pi}{2} = -1$$

Акнун ба дараҷаи сеюм мегузарем:

$$\sin^3\frac{3\pi}{2} = (-1)^3 = -1$$

Пас:

$$-4\cdot\sin^3\left(\frac{3\pi}{2}\right) = -4\cdot(-1) = 4$$

Қадами 3. Ҳисоб кардани

$$tg\,\pi$$

Маълум:

$$tg\,\pi = 0$$

Пас: $8\cdot tg\,\pi = 8\cdot 0 = 0$

Қадами 4. Ҷамъ кардани ҳамаи натиҷаҳо


$$3\cos\frac{\pi}{2} - 4\sin^3\frac{3\pi}{2} + 8\,tg\,\pi = 0 - 4\cdot(-1) + 0 = 0 + 4 + 0 = 4$$

**Ҷавоб: 4**

Методикаи анъанавии ҳалли ифодаҳо ва функсияҳои тригонометрӣ барои ташаккули тафаккури мантиқӣ ва фарҳанги математикӣ аҳамияти махсус дорад. Ин усул имконият медиҳад, ки хонандагон қадам ба қадам раванди таҳлил, татбиқи қонунҳои тригонометрӣ, соддасозӣ ва ба даст овардани натиҷаро худ мустақилона иҷро намоянд. Дар ин раванд донишомӯзон на танҳо қоидаҳоро азёд мекунанд, балки моҳияти робитаҳои байни функсияҳои синус (sin), косинус (cos), тангенс (tg) ва котангенс (ctg)-ро дарк мекунанд, ки барои инкишофи фикрронии алгоритмӣ дар фанни информатика низ замина мегузорад.


Ҳалли функсияҳои тригонометрӣ дар муҳити рақамӣ, бахусус дар дарсҳои информатика, ба хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Истифодаи воситаҳои ҳисоббарории онлайн, мисли Symbolab, ба донишомӯзон нишон медиҳад, ки чӣ гуна алгоритми компютерӣ қадамҳои ҳалли ифодаи тригонометриро тавлид ва асоснок мекунад. Ин равиш робитаи фанни математикаро бо информатика мустаҳкам намуда, малакаҳои кор бо барномаҳои ҳисоббарорӣ, таҳлил намудани натиҷаҳои тавлидшуда ва муқоисаи ҳалли дастӣ бо ҳалли автоматиро инкишоф медиҳад.

Дар ҷараёни дарс, мо ба платформаи Symbolab ворид шуда, ифодаи тригонометрии (1)-ро ба майдони корӣ мегузорем. Пас аз интихоб намудани фармони «Ҳал кардан» («Решить»), барнома тамоми марҳилаҳои ҳалли математикӣ – аз соддасозии ифода то ба даст овардани ҷавоби ниҳоӣ – ба шакли возеҳ нишон медиҳад. Ин раванд барои хонандагон имконияти дидан, пайгирӣ ва дарк кардани тартиби ҳалли функсияҳои тригонометриро афзоиш медиҳад (расми 2).




**Расми 2. Равзанаи барномаи Symbolab пас аз ворид намудани ифода**

Пас, дар зер усули ҳалли ифодаи (1) бо тавзеҳи қадамҳои зарурӣ ва тавсияҳои муҳим барои иҷрои дурусту самараноки он оварда шудааст (расми 3).




**Расми 3. Натиҷаи ҳалли ифодаи тригонометрӣ**


Мақсади мо дар он аст, ки хонандагон бо истифодаи ҳарду усул – анъанавӣ ва барномаи компютерӣ ба ҳалли функсияҳои тригонометрӣ ноил шаванд; дар ин ҳолат, гарчанде натиҷаи ифода якхела бошад ҳам, усули барномаи компютерӣ барои хонанда ҳам шавқовар, ҳам фаҳмо ва ба таври зуд ба натиҷа расонанда мебошад.

**Мисоли 2.** Аз китоби дарсии «Алгебра» барои синфи 10 [7, с.65]: Фосилаҳои афзуншавӣ ва камшавӣ, нуқтаҳои максимум ва минимум, қиматҳои максимум ва минимумҳои функсияро ёбед: $\mathbf{y=\cos\frac{x}{2}}$

**Ҳалли ифода бо тарзи анъанавӣ (математикӣ):**

$$y=\cos\frac{x}{2};$$

Дар расми 4 графики функсияи додашударо тасвир менамоем ва шакли он, нуқтаҳои максимум ва минимум, ҳамчунин фосилаҳои афзуншавӣ ва камшавиро мушоҳида мекунем.



**Расми 4. Графики функсияи $y = \cos\frac{x}{2}$**

Даври функсияи $y = \cos\frac{x}{2}$ ба $4\pi$ баробар аст, бинобар ин

$[-2\pi + 4\pi k; 4\pi k]$, $k \in Z$ – фосилаи афзуншавӣ,


$[4\pi k; 2\pi + 4\pi k]$, $k \in Z$ – фосилаи камшавӣ;

$x_{max} = 4\pi k$, $y_{max} = y(4\pi k) = 1$,

$x_{min} = -2\pi + 4\pi k$, $y_{min} = y(-2\pi + 4\pi k) = -1$.


Дар дарси математика, истифодаи барномаи компютерӣ имкон медиҳад, ки хонандагон натиҷаи ҳалли ифодаҳои тарзи анъанавии математикӣ (қадам ба қадам ва бо асосҳои назариявӣ) -ро бубинанд ва ҳамзамон бо барномаи муосири Symbolab равиши автоматӣ ва интерактивии ҳалли ин ифодаҳоро омӯзанд. Ин усул на танҳо фаҳмиши амиқ ва пурра ба хонандаро фароҳам меорад, балки таваҷҷуҳи онҳо ба мавзуъро зиёд намуда, қобилияти ҳамзамон ҳам мустақилона ва ҳам бо технологияҳои муосир ҳалли масъалаҳоро таъмин мекунад.

Барномаи онлайнӣ Symbolab имкон медиҳад, ки равиши таҳлили функсияҳо ва сохтани графикҳо ба осонӣ иҷро шавад. Аввал, барномаро кушода, аз панели асбобҳо қисмати «Графика»-ро интихоб мекунем. Пас аз он, ифодаи математикӣ, масалан функсияи тригонометрӣ, дар қисми чапи равзана ворид карда мешавад. Барнома ба таври худкор таҳлил карда, графики функсияи додашударо дар равзанаи асосӣ намоиш медиҳад. Ин равиш барои хонандагон имконият фароҳам меорад, ки на танҳо натиҷаи ниҳоии функсияро бубинанд, балки шакли графики онро визуалӣ таҳлил кунанд, нуқтаҳои максимум ва минимум, фосилаҳои афзуншавӣ ва камшавиро мушоҳида намоянд ва бо таъсири тағйирёбии аргумент ба шакли графикӣ шинос шаванд. Ҳамин тавр, истифодаи Symbolab ҳам равиши ҳалли анъанавиро мустаҳкам мекунад ва ҳам таваҷҷуҳи хонандагонро ба омӯзиш афзун намуда, фаҳмиши назариявӣ ва амалии мавзуъро осон мекунад (расми 5).




**Расми 5. Ворид кардани функсияи $y = \cos\frac{x}{2}$ дар барномаи Symbolab**

Чуноне ки дар расми 6 мебинем, дар равзанаи алоҳидаи барнома натиҷаи функсияи тригонометрии $y = \cos\frac{x}{2}$ ба таври визуалӣ тасвир ёфтааст. Ҳамзамон, имконият фароҳам оварда шудааст, ки хонандагон графики функсияро тавассути принтер чоп карда, дар қоғаз дошта бошанд ва онро барои таҳлил, таълим ё машқҳои амалӣ истифода баранд. Ин равиш ба хонандагон на танҳо фаҳмиши назариявиро осон мекунад, балки имкон медиҳад, ки бо график ба таври мустақил амал кунанд ва равандҳои афзуншавӣ, камшавӣ, нуқтаҳои максимум ва минимумро мушоҳида намоянд.




**Расми 6. Графики функсияи $y = \cos\frac{x}{2}$**

Барои ҳалли вазифаҳои тригонометрӣ дар дарсҳои математика, истифодаи барномаи Symbolab хеле муфид аст. Ин воситаи интерактивӣ на танҳо натиҷаи дурусти муодилаҳоро пешниҳод мекунад, балки равиши ҳалли онҳоро қадам ба қадам нишон медиҳад. Бо ин роҳ омӯзгорон метавонанд дурустии натиҷаҳо ва равиши фикрро осонтар санҷанд, дар ҳоле ки хонандагон имкон пайдо мекунанд, хатоҳои худро таҳлил намуда, мавзуи функсияҳои тригонометриро амиқтар дарк кунанд. Ҳамин тавр, Symbolab ҳамчун воситаи боэътимод барои баланд бардоштани самаранокии таълим ва худомӯзии хонандагон нақши муҳим мебозад.

**Адабиёт**

1. Абдуллозода, Э.К. Нақши робитаи байнифаннии технологияи иттилоотӣ (информатика) дар рушди маълумотнокии математикии хонандагони синфҳои болоӣ [Матн] / Э.К. Абдуллозода // диссер... номзади илмҳои педагогӣ. Душанбе – 2025, – 205 с.

2. Захарова, О.В. Методические особенности обучения тригонометрии учащихся профильных классов: специальность 13.00.02 Теория и методика обучения и воспитания (математика, уровень общего образования): автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата педагогических наук / Захарова О.В.; ФГБОУ ВПО «Астраханский государственный университет». Астрахань, 2010. – 20 с.

3. Карпухина, С.В. Персонализированное обучение алгебре и началам математического анализа с использованием компьютерной системы «Mathematica»: специальность 13.00.02. Теория и методика обучения и воспитания (математика) : автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата педагогических наук / Карпухина С.В. ; ФГБОУ ВПО «Московский государственный педагогический университет». – Москва, 2009. – 23 с.

4. Молоткова, Б.Б. Методика использования электронных образовательных ресурсов при изучении тригонометрии как средство повышения уровня осознанности знаний: специальность 13.00.02 Теория и методика обучения и воспитания (математика, уровень общего образования): автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата педагогических наук / Молоткова Б.Б.; ФГБОУ ВПО «Российский государственный педагогический университет им. А.И. Герцена». – Санкт-Петербург, 2014. – 23 с.

5. Мордкович, А.Г. Беседы с учителями математики: учеб.-метод. пособие /А.Г. Мордкович. – 2-е изд., доп. и перераб. –Москва: ОНИКС 21 век, 2015. – 336 с.

6. Пиров, Р. Алгебра. Китоби дарсӣ барои синфи 9-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ. [Матн] / Р. Пиров, Н. Усмонов // Душанбе. «Маориф». 2013. – 224 саҳ.

7. Пиров, Р. Алгебра. Китоби дарсӣ барои синфи 10-ум. [Матн] / Р. Пиров, Н. Усмонов // Душанбе. Маориф. 2017. – 288саҳ.

8. Суханова, С.Н. Изучение тригонометрии на основе деятельностного подхода и технологии дистантного обучения как способ развития математических способностей: специальность 13.00.02 Теория и методика обучения и воспитания (математика, общий и профессиональный уровни): автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата педагогических наук / Суханова С.Н.; Новосибирский государственный педагогический университет. – Новокузнецк, 2002. – 21 с.

9. [Электронный ресурс]: https://ru.symbolab.com/ (дата обращения: 05.12.2025).

**Маълумот дар бораи муаллифон**

**Шерализода Гулмурод Шералӣ**–омӯзгори кафедраи таҳлили математикӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел: (+992) 209 55 55 95;

**Сатторов Абдурасул Эшбекович**–доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел: (+992) 987-67-57-73; e-mail: asattorov50@mail.ru

**Абдуллозода Эмомалӣ Комил**-омӯзгори коллеҷи омӯзгории ДДБ ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 93-838-66-44; e-mail: imomali_abdulloev93@mail.ru

**Сведения об авторах**

**Шерализода Гулмурод Шерали**–преподаватель кафедры математического анализа и дифференциальных уравнений Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава. Тел: (+992) 209 55 55 95;

**Сатторов Абдурасул Эшбекович**–доктор педагогических наук, профессор кафедры алгебры и геометрии Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава. Тел: (+992) 987-67-57-73; электронная почта: asattorov50@mail.ru

**Абдуллозода Эмомали Комил**–преподаватель педагогического колледжа Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава. Тел.: (+992) 93-838-66-44; электронная почта: imomali_abdulloev93@mail.ru

**About the authors**

**Sheralizoda Gulmurod Sherali**–teacher of the Department of Mathematical Analysis and Differential Equations of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Tel: (+992) 209 55 55 95;

**Sattorov Abdurasul Eshbekovich**–Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Algebra and Geometry of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Tel: (+992) 987-67-57-73; e-mail: asattorov50@mail.ru

**Abdullozoda Emomali Komil**–teacher of the Pedagogical College of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Tel.: (+992) 93-838-66-44; e-mail: imomali_abdulloev93@mail.ru

**Ба таваҷҷуҳи муаллифон!**

Дар маҷаллаи илмию амалии «Паёми молия ва иқтисод» мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмию амалии соҳаҳои иқтисодию молияро дар бар мегиранд, чоп мешаванд.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Маводе, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд ва ё дар арафаи чопанд, қабул карда намешаванд.

Мақолаҳои пешниҳодшаванда бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, нақша, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд аз 10 саҳифаи компютерӣ кам набошад.
2. Мақолаҳо дар шакли электронӣ ва дар шакли чопӣ (1 нусха) пешниҳод карда шаванд.
3. Мақолаҳо паз аз гузаронидани барномаи «Антиплагиат» бо пешниҳоди маълумотнома қабул карда мешаванд.
4. Мақолаҳо дар системаи Microsoft Word бо чунин тарз: мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, русӣ бо гарнитураи Times New Roman андозаи ҳуруфи матни асосӣ – 14, рӯйхати адабиёт – 12, фосилаи байни сатрҳо – 1,15 см, сархат аз гӯшаи чапи варақ бо андозаи – 1,25 см, фосилаҳо аз боло – 2 см, аз поён – 2 см, аз чап – 3 см, аз рост – 1,5 см пешниҳод шуда, ҳамаи саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.
5. Дар саҳифаи аввали мақола DOI, УДК, номи мақола, ному насаб, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон, барои иқтибос нишон дода мешаванд.
6. Мақола бо аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (курсив, андозаи 12) оғоз гардида, бояд муҳтавои асосии мақоларо амиқ дар бар гирад ва дар шакли алоҳида ба нашр мувофиқ бошад (на камтар аз 6 сатр). **Калидвожаҳо** тасвири кӯтоҳи мундариҷаи маводи илмӣ буда, дар бораи мавзӯъ ва сохтори он маълумоти умумӣ медиҳанд ва аз 8 то 10 калима ва ё ифодаро дар бар гирифта, бо вергул ҷудо карда мешаванд.
7. Маълумот дар бораи муаллиф (бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар охири мавод пас аз рӯйхати адабиёт бояд инҳоро дар бар гирад: ному насаби пурраи муаллиф (он), дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷойи кор, суроға, телефон ва E-mail (шрифти курсив 12)
8. Иқтибосҳо дар дохили қавсҳои чоркунҷа, ба мисли [1, с. 24] нишон дода мешаванд. Рӯйхати адабиёт (аз 8 - 10 номгӯй кам набошад) дар охири мақола бо нишон додани ҳаҷми умумии саҳифаҳои сарчашма аз рӯи алфавит бо зерсарлавҳаи «Адабиёт» (Литература) оварда мешавад. Адабиёти истифодашуда қатъиян бо риояи ҳамаи меъёр ва қоидаҳои тартиби библиографӣ таҳия мегардад.
9. Ҷадвал, расм, диаграммаҳои дар мақола истифодашуда бояд қатъиян аз рӯи талаботи муқарраргардида нишон дода шуда, рақам ва номгузорӣ карда шаванд.
10. Мақолаҳои илмии пешниҳодшаванда бояд хулосаи коршинос ва тақризи мусбӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла барои имкони чопи мақола дошта бошанд.
11. Матни мақола бояд саҳеҳу мукаммал ва дар шакли ниҳоӣ пешниҳод гардад.
12. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва таҳрир намояд.
13. Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, қабул карда намешаванд.

## К сведению авторов

В научно-практическом журнале «Финансово-экономический Вестник» печатаются статьи, содержащие результаты научно-практических исследований по экономическим наукам.

Статьи принимаются в течение года.

Представление в журнал работ, ранее опубликованных или принятых к печати в других изданиях, не допускается.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Размер статьи должен состоять из 10 страниц компьютерного набора, включая текст, таблицы, рисунки, библиографию и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

2. Материалы предоставляются на электронном носителе и в распечатанном виде (1 экземпляр).

3. Научная статья принимается с предоставлением справки о прохождении через программу «Антиплагиат».

4. Статьи должны быть представлены в системе Microsoft Word в следующем формате: таджикские статьи должны быть набраны шрифтом Times New Roman Tj, русские статьи должны быть набраны шрифтом Times New Roman, размер основного текста – 14, список литературы – 12, межстрочный интервал – 1,15 см, абзац от левого угла листа должен быть набран размером – 1,25 см, верхние поля – 2 см, нижние поля – 2 см, левые поля – 3 см, правые поля – 1,5 см, все страницы должны быть пронумерованы.

5. На первой странице статьи DOI, УДК, название статьи, ФИО, аннотация и ключевые слова на трех языках, для цитирования.

6. Статья начинается с аннотации и ключевых слов на трех языках - таджикском, русском и английском (курсив, кегль 12), и должна содержать основное содержание статьи в развернутом виде и быть пригодной для публикации в отдельном виде (не менее 6 строк). Ключевые слова представляют собой краткое описание содержания научного материала, дают общую информацию о его теме и структуре, и содержат от 8 до 10 слов или выражений, разделенных запятыми.

7. Сведения об авторе (на трех языках - таджикском, русском и английском) в конце материала после списка литературы должны содержать: полное имя и фамилию автора(ов), ученую степень, должность, место работы, адрес, телефон и E-mail (курсив, кегль 12)

8. Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, - [1, с. 24]. Список литературы (не менее 10 наименований) приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника в алфавитном порядке под заголовком «Литература» (шрифт строчный 12). Использованные источники производятся строго с соблюдением всех норм и правил оформления библиографии.

9. Использованные в статье таблицы, рисунки, диаграммы должны быть оформлены строго по установленным стандартам.

10. Научная статья, представленная в редакцию журнала, должна иметь экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.

11. Текст статьи должен являться окончательным и быть тщательно выверен и исправлен.

12. Редколлегия оставляет за собой право отбирать материал, производить сокращения и редакционные изменения статьи.

13. Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, не принимаются.

Муҳаррирон: Фарайдунов О.Қ., Ҳамроев М.И.
ДДМИТ, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, бинои 1
Сомонаи маҷалла: www.vestnik.tgfeu.tj
Сомонаи ДДМИТ: www.tgfeu.tj

Редакторы: Фарайдунов О.К., Хамроев М.И.
ТГФЭУ, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 1-й корпус
Сайт журнала: www.vestnik.tgfeu.tj
Сайт ТГФЭУ: www.tgfeu.tj

Editors: Faraydunov O.Q., Hamroev M.I.
TSUFE, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14, Building 1.
Webpage journal: www.vestnik.tgfeu.tj
Webpage: www.tgfeu.tj

Ба чоп супорида шуд 31.12.2025.
Формати 60х84 1/8. Когази офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи RISOGRAPH.
Ҳаҷм 22,8 ҷ. ч. Теъдод 50 нусха.
Дар матбааи ДДМИТ чоп шудааст

Сдано в набор 31.12.2025.
Формат 60х84 1/8. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать RISOGRAPH.
Объём 22,8 усл. печ.л. Тираж 50 экз.
Отпечатано в типографии ТГФЭУ

Signed to print on 31.12.2025.
Format 60x84 1/16. Offset paper.
The garniture is literary. Print RISOGRAPH.
The volume of 22,8 conv. b.p. Circulation 50 copies.
Printed in the printing house of TSUFE